ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

ВБД.: 1(091)

Ба ҳукми дастнавис

КАРИМОВ АСЛАМ АЗАМЖОНОВИЧ

МАСОИЛИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ ВА ТАЪЛИМОТИ ТАСАВВУФИИ ТОҶИКУ ФОРС ДАР АСРҲОИ X-XII (ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ)

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори илмҳои фалсафа
аз рӯи ихтисоси **09.00.03.** – Таърихи фалсафа

Мушовири илмӣ:
Карроматулло Олимов-
доктори илми фалсафа, профессор,
академики АМИТ

Хуҷанд – 2025

МУНДАРИҶА

Муқаддима.....3
Боби I. Масъалаҳои таҳқиқи ҳастишиносӣ 32
§ 1.1. Масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ 35
§ 1.2. Масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ» 57
§ 1.3. Масъалаи «ҳастӣ» ва «моҳият»..... 94
§ 1.4 Масъалаи «ҳастӣ» ва «тафаккур» 115
Боби II. Маърифати ҳастӣ дар таълимоти мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик (асрҳои X- XII) 134
§ 2.1.Вазъи сиёсию иҷтимоии асрҳои X-XII ва ташаккули мактабҳои фалсафию динӣ.....137
§ 2.2. Масъалаи ҳастишиносӣ дар мактабҳои динию фалсафии асримиёнагии тоҷик (калом, мӯътазилия, исмоилия, ишроқ) 157
§ 2.3. Хусусиятҳои маърифати ҳастӣ дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ... 182
Боби III. Масъалаи ҳастишиносӣ дар тасаввуф 218
§ 3.1. Мазмун ва моҳияти мафҳуми «ҳастишиносӣ» дар тасаввуфи асрҳои X-XII 219
§ 3.2. Хусусиятҳои маърифати ирфонӣ дар шинохти ҳастӣ. 244
§ 3.3. Ирфон ва ҷанбаҳои ирратсионалии он.....272
§ 3.4. Робитаи мутақобилаи таълимоти тасаввуф ва калом дар асрҳои X- XII.. 312
Боби IV. Таҳлили муқоисавии масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти фалсафии машшоияи шарқӣ ва тасаввуф дар асрҳои X-XII 342
§ 4.1. Муқоисаи назарияи аҳли машшоъ ва тасаввуф дар масъалаи Худо ва олам 344
§ 4.2. Назари мутафаккирони машшоия ва тасаввуф доир ба ҳаракат, вақт ва фазо... 398
§ 4.3. Масъалаи инсон: умумият ва фарқи он дар таълимоти машшоия ва тасаввуф 421
Хулоса 470
Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот. 482
Рӯйхати адабиёт 484
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. 523
Шарҳи истилоҳоти калидӣ.....529

МУҚАДДИМА

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Таҳлилу баррасии вазъи иҷтимоию сиёсии тоҷикон дар асрҳои X-XII нишон медиҳад, ки мухолифат ва муборизаи доманадоре дар байни фалсафаю дин, калому тасаввуф доир мешудааст ва таъсири зиёде ба афкори иҷтимоии ин давра доштааст. Файласуфони тоҷик мутафаккироне будаанд, ки дар муҳити ноустувори он давра, дар шароити таъқиботи доимӣ, озмоишҳои душвортаринро паси сар кардаанд. Муҳимтарин баҳси ин давра онтология будааст. Аз ин ҷо, дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои ҳастишиносӣ дар таълимоти равияҳои фалсафӣ ва динӣ баррасӣ шудаанд, ки аз аҳамияту зарурати масъала гувоҳӣ медиҳад.

Бинобар ин, баъди ба даст овардани истиқлолият, дубора дарк кардани моҳияти таълимоти фалсафию ирфонии асримиёнагии тоҷик, бо дарназардошти талаботи воқеияти методологияи илмии муосир, ба ҳар инсон, сарфи назар аз тафовути дину эътиқодаш, мероси фалсафӣ ва андешаҳои гузаштаи динию ирфонӣ, барои ташаккули ҷаҳонбинии солим метавонад кӯмак кунад. Барои бунёди ҷомеаи нав ва инсони андешаманду худогоҳ он бояд такягоҳи муҳим гардад.

Таълимоти фалсафӣ ва ирфонии асрҳои X-XII аз таълимоти фалсафию динии давраҳои гузашта ба куллӣ фарқ мекунад. Машҳуртарин самтҳои афкори фалсафии асрҳои миёна дар мактабҳои фалсафӣ ва динӣ-фалсафии машшоияи шарқӣ, исмоилия, калом ва тасаввуф мебошанд. Мубоҳисаҳои байни онҳо, баҳс дар дохили ин равияҳо, байни намояндагони алоҳидаи онҳо, ба инкишофи афкори фалсафӣ мусоидат карданд. Осори ин мактабҳо ва олимону ходимони фарҳангҳои халқи тоҷик (эронӣ) робитаҳои байниҳамдигарӣ ва мутақобилаи фалсафа ва илми асримиёнагии тоҷик бо фалсафа ва дастовардҳои илмии дигар халкҳо, бахусус юнониҳо, арабҳо, ҳиндуҳо,

туркҳо, ки ба воридшавӣ ва дарки унсурҳои фарҳангҳои гуногун мусоидат кардаанд, мубрамияти таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳад.

Ақоиди динӣ, фалсафию илмӣ ва ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик, дар асрҳои X-XII, дар таърихи маданияти маънавии ҷаҳонӣ мақоми вижаро ишғол мекунад. Аммо эҷодиёти бархе аз мутафаккирон ва таълимоти ҷараёнҳои мухталифи динию фалсафии ин давр, дар Мовароуннаҳру Хуросон, то ҳол пурра мавриди таҳқиқи илмӣ карор нагирифтааст. Махсусан, дар муқоисаи равияҳои машшоияи шарқӣ ва тасаввуф, ки дар даҳсолаҳои охир таваҷҷуҳи зиёд ба худ гирифтааст, таҳқиқоти комил нишон дода нашудааст. Ҳол он ки намояндагони барҷастаи ин ҷараёнҳо бо кору фаъолияти худ, бо истифода аз таълимоти динию фалсафӣ, барои ба эътидол овардани вазъи замони худ – адолат, сулҳ ва дӯстии байни мардум тарвиҷ карда, дар ташаккули тамаддуни тоҷикон саҳми арзанда гузоштаанд.

Таърихи тамаддуни халқи тоҷик даврaҳои пурпечу гуногуни таърихиро аз сар гузаронида, дорои унсурҳои мухталиф гаштааст, ки ба гардишҳои бузурги таърихӣ алоқаманд мебошад. Махсусан, бо омадани дини ислом ба сарзамини тоҷикон, вазъияти иҷтимоӣ, сиёсию динӣ тағйир ёфта, мазмуну мундариҷаи худро комилан дигаргун намудааст.

Бо паҳншавии ҳикмати Юнони Қадим дар хилофат, дар асри IX ва ривоҷи тарҷумаи осори мутафаккирони юнонӣ, илму фалсафа хеле инкишоф ёфт. Дар баробари ақлгароии илмию фалсафӣ равияҳое ба вуҷуд омаданд, ки онҳоро метавон ба истилоҳи имрӯза ирратсионализм (илми ҳол) ном бурд. Ин ҷараёнҳо, бо таъсири вазъи нобасомони сиёсӣ, ба ҷустуҷӯи ҳақиқат ва тарзи зиндагии зоҳидона майл намуданд, яъне илму фалсафа ва ҳамчунин, ирфон (тасаввуф) ҳам аз унсурҳои муҳими фарҳангию маънавии тоҷик гардиданд.

Дар пояи чунин тасаввурот, на танҳо фалсафаи хоси ирфонӣ, балки адабиёти бузурги бадеӣ ба вуҷуд омад, ки шӯҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо

кард. Пас, тасаввуф фақат эътиқоду дин набуд, он ахлоқ, маънавиёти баланд, камолоти шахсӣ ва умумиинсониро таҷассум мекард ва бо ин хусусиятҳояш унсури муҳими фарҳанги эрониён (тоҷикон) гардид, ки ба омӯзишу таҳқиқи бештар зарурат дорад.

Таваҷҷуҳ ба тасаввуф ба андозае будааст, ки бо вуҷуди тазоди ошкорои ақоиди фалсафӣ бо тасаввуф, бархе аз файласуфон ба он майл кардаанд ва сӯфиён ҳам, дар навбати худ, ба ратсионализми фалсафӣ машғул шуда, теософияи исломӣ ё аниқтараш, ирфониро ба вуҷуд оварданд. Пас, дар ин замина, ба манбаъҳои фарҳанги маънавӣ мурочиат карда, ақоиди фалсафӣ ва онтологию антропологии файласуфону мутафаккирони барҷастаи тоҷики асрҳои X-XII-ро омӯхтан хеле зарур мегардад, то ҷиҳатҳои умумӣ ва ихтилофноки ин ду самти фарҳанги миллӣ – машшоия ва тасаввуф ошкор гардад.

Таҳқиқи роҳҳои дарк ва масъалаҳои онтология дар таълимоти фалсафию динӣ, муайян намудани ягонагӣ ва вижагиҳои он, дар муқоиса бо динҳои насронию яҳудӣ, муайян кардани воқеияти ҳақиқии ҷаҳонбинии исломӣ дар заминаи бисёрфарҳангӣ, бо фундаментализми онтологӣ имконпазир аст.

2. Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Оид ба баррасии масоили онтологӣ дар таълимоти машшоия ва тасаввуф, таълифоти назарраси таърихӣ, фалсафӣ, динӣ-фалсафӣ, диншиносӣ ва адабиёти дигар мавҷуданд, ки дар онҳо равияҳои машшоия ва тасаввуф аз паҳлуҳои гуногун омӯхта мешавад. Дар доираи ин таҳқиқот, сарчашмаҳо ва адабиёти илмию ирфонӣ, бо дарназардошти хусусият ва муҳтавои онҳо, ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

Дар таҳқиқи диссертатсия ба сифати сарчашмаҳои асосӣ нусхаи аслии таълифоти фалсафию динии зерин истифода шудаанд:

- асари Арасту: «Метафизика» (бо тарҷумаи русӣ);

- осори Абӯалӣ ибни Сино: «Китоб – уш - Шифо», «Илоҳиёт», «Табииёт» -и Донишнома, «Мабдаъ ва маод», «Ҳикмати машриқия», «Китоби ҳидоя», «Уюн- ал - ҳикмат», Равоншиносӣ ё илм ун-нафс (форсӣ), рисолаҳои «Азҳавия дар амри маод», «Рисолаи ҳудуд», «Рисолаи аршия дар ягонагии Аллоҳ таъоло ва сифоти ӯ», «Таъбир - ур - руъё», «Дар ҳақиқат ва кайфияти силсилаи мавҷудот ва тасалсули асбоби мусаббабот», «Рисолаи қадр», «Ҳадди замон»;

- асари Мустамлии Бухорӣ «Шарҳ – ут - тааруф ли мазҳаб – ит - тасаввуф» (бо хати форсӣ).

Ба ғайр аз таълифоти намояндагони равияҳои машшоия ва тасаввуф – Абӯалӣ ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ, инчунин таҳқиқоти олимону файласуфони хориҷию ватанӣ – Гуашон А. М., Асмус В., Сайид Ҳусайн Наср, Муҳаммад Ш., Сагадеев А. В., Закуев А. К., Баҳоваддинов А. М., Диноршоев М., Султонов С., Комилӣ А. Ш., Сулаймонов С., Алимардонов А., Оятуллоҳ Аъзами Сайид Ризо Ҳусайнӣ, Ҳасан Муаллимӣ, Насафӣ Азизаддин, Раҳимов К., Мулло Садро, Зарринкӯб А., Абу-л-Ҳасан Ахмад бин Фарис, Эзидгашсб Асадуллоҳ, Умар Фаррух, Рашшод М., Солеҳ бинни Абдулазиз, Сафавӣ Сайид Салмон, ки баъзе нуктаҳои таълимоти онҳоро таҳқиқ намудаанд.

Китоби А. М. Гуашон «Фалсафаи Ибни Сино ва таъсири он дар Аврупои Миёна» (La philosophie d'Avicenne et son influence en Europe Médiévale) [85] ба омӯзиши таълимоти онтологиии Ибни Сино ва таъсири он дар таълимоти фалсафаи Аврупо, махсусан схоластикаи асримиёнагии Аврупо ва фалсафаи Ибни Рушд (Аверроэс) бахшида шудааст. Вай таъкид мекунад, ки таълимоти онтологии Ибни Сино барои таҳқиқи равандҳои тасаввуф ва метафизика, дар такомули афкори асримиёнагии тоҷик аҳамияти калон дошт, ки дар натиҷа, ба таълимоти файласуфони Аврупо, ба монанди Томас Аквинӣ ва дигар схоластҳо

таъсири амиқ гузоштааст. Аммо, бевосита онтологияи машшоиёни шарқӣ ва аҳли тасаввуф мавриди омӯзиши онҳо қарор нагирифтааст.

Ба андешаи А. Гуашон яке аз мушкилоти асосие, ки Ибн Сино дар назарияи офариниши худ бо он рӯ ба рӯ гардид, тафовут миёни зот ва зуҳури ашё дар шуур мебошад. Офаридгор зоти хешро медонад ва худро ҳамчун ақли мутлақ дарк мекунад, бинобар ин, амалҳои Ӯ бар пояи ҳастии маърифатӣ сурат мегиранд. Ин фаъолияти маърифатӣ аз зоти Ӯ бармеояд, зеро Ӯ ҳастии воҷиб ва Худ ақлест, ки низоми офаринишро танзим мекунад [85, 35].

В. Асмус дар мақолаи худ таҳти унвони «Абуалӣ Ибни Сино» (Абу Али Ибн Сина) фалсафаи Ибни Сино ва таъсири амиқи онро ба фалсафаи Шарқ ва Аврупо мавриди таҳлил қарор медиҳад. В. Асмус нишон медиҳад, ки Ибни Сино назарияи амиқу инқилобие дар соҳаи ҳастишиносӣ ва метафизика пешниҳод намудааст. Ӯ таъкид мекунад, ки Ибни Сино ба масъалаҳои моҳияти «ҳастӣ» ва «нестӣ» аҳамияти махсус медод ва таҳқиқоти ӯ доир ба мавҷудот, фарқи байни моҳият ва ҳастӣ, инчунин шинохти инсон ва ҷаҳон таъсири амиқ ба мактабҳои фалсафии минбаъда гузошта, ба унсури асосии таълимоти муосири фалсафӣ табдил ёфтааст. [338] Лекин дар ин таълифот андешаҳои Ибни Сино дар бораи тасаввуф ва муқоисаи андешаҳои тасаввуфӣ бо мактаби машшоиёни шарқӣ сурат нагирифтааст.

Сайид Ҳусайн Наср дар китоби «Назарҳои мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат» [238] назарияҳои мутафаккирони исломиро оид ба табиат мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик табиат, на танҳо ҳамчун маҷмуи мавҷудоти ҷисмонӣ фаҳмида мешавад, балки ҳамчун мафҳуми муҳимми маънавӣ ва ирфонӣ низ арзёбӣ мегардад. Наср зикр мекунад, ки дар равандҳои шинохти табиат фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба робитаи инсон бо табиат аҳамияти хос дода, ин робита дар заминаи маънавӣ ва

динии инсон таҳким меёбад. Аммо, бевосита оид ба масъалаҳои онтологӣ дар муқоисаи мактаби ратсионалӣ ва ирфонӣ фаҳмиш ва назареро пешниҳод накардааст.

Ш. Муҳаммад дар китоби «Фалсафаи Ибни Сино» [187] фалсафа ва таълимоти ҳастишиносии Ибни Синоро мавриди таҳқиқ қарор дода, нишон медиҳад, ки Ибни Сино як назарияи мураккабу амиқи метафизикиро пешниҳод намудааст. Бар хилофи дигар мактабҳои классикии фалсафӣ, ӯ «ҳастӣ» - ро ҳамчун як раванди динамикӣ дарк мекунад, ки ба таври ҷудонашаванда бо шинохт ва маъно иртибот дорад. Муаллиф ба хулоса меояд, ки фалсафаи Ибни Сино яке аз сарчашмаҳои асосии дигаргуниҳои маънавӣ дар таърихи фалсафа буда, барои дарки моҳияти «ҳастӣ» ва нафси инсон аҳаммияти калидӣ дорад. Дар зимни муқоиса онтологияи мактабҳои ақлию нақлӣ (каломӣ) ва ирфониро сарфи назар кардааст.

А. В. Сагадеев дар китоби «Ибн Сино» [234] таълимоти фалсафии Ибни Сино ва таъсири онро ба фалсафа ва равияҳои асримиёнагии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. А. Сагадеев принсипҳои асосии фалсафаи Ибни Синоро оид ба ҳастӣ ва фарқ миёни «ҳастӣ» ва «нестӣ» - ро муфассал тавзеҳ дода, онҳоро ҳамчун унсурҳои меҳварии фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва дорои аҳаммияти бузург, барои рушди минбаъдаи фалсафаи Шарқ ва Аврупо, арзёбӣ менамояд. Аммо, ин масъалаҳо дар асоси муқоисаи матнҳои ақлию нақлӣ ва ирфонӣ анҷом дода нашудааст.

А. К. Закуев китоби «Равоншиносии Ибн Сино» (Психология Ибн Сины) [113] масъалаҳои равоншиносии Ибн Синоро дар бораи рӯҳ таҳқиқ менамояд. Ибн Сино равоншиносиро ҳамчун шохаи илмии асосӣ барои дарки хислатҳо, эҳсосот ва қудратҳои инсонӣ медонист ва дар ин замина А. Закуев тавассути таҳлили амиқи нақши равоншиносӣ дар фалсафа ва илмҳои асримиёнагӣ, таъсири онро дар шинохти инсон ва

ҷузъҳои маънавии зиндагии инсон баррасӣ мекунад. Дар ин таҳқиқот низ ҷанбаҳои ирратсионалии мактаби машшоиёни шарқӣ ва ирфону калом мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Дар дигар сарчашмаҳои зикршуда, низ муқоисаи афкори ақлию нақлӣ ва тасаввуфӣ мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Бинобар ин, аз тавзеҳи муҳтавои онҳо худдорӣ менамоем.

3. Таҳқиқ ва таҳлилу муҳокимаи осори намояндагони равияҳои машшоияи шарқӣ ва тасаввуф, оид ба масоили ҳастӣ, ирфон баъд аз солҳои 50 - уми асри XIX ва оғози асри XX бештар дар таълифоти файласуфон, олимон, равоншиносони Ғарб арзишманд маҳсуб меёбад. Бахусус, таҳқиқоти олимону файласуфони олмонӣ – Клауберг И., Волф Х., Гегел Г., Лейбнис Г.В., Гартман Н. К., Хайдеггер М., австриягӣ – Мюллер А., файласуфони амрикоӣ – Книш А., Джеймс В., Элвуд Р., Маслоу А., Рам Дасс., Гроф С., англис – Триттон С., Андерхилл Э., британиёӣ – Ирвин Т., Воттс А., шведӣ – Андре Тор., ҳиндӣ – Ошо Раҷнееш, Кореяи ҷанубӣ – Чжун Сечжин, яҳудӣ – Бубер М. – ро метавон ном бурд.

Дар ин сарчашмаҳо таъриф ва шинохти назарияҳои гуногуни онтологияи перипатетикҳо, машшоиёни шарқӣ ва тасаввуфу калом, ба таври ҷудогона истифода шудаанд, вале муқоиса, таҳлил ва баррасии равияҳои асримиёнагии тоҷик дар таълифоти муҳаққиқони зикршуда ҷузъӣ ба назар мерасад.

Масалан, монографияи И. Клауберг таҳти унвони «Метафизика дар бораи ҳастӣ, ки худ онтософия мебошад» (Metaphysika de ente, quae rectus Ontosophia) таҳлили амиқи моҳият ва табиати воқеиятро дар бар мегирад. Дар ин асар И. Клауберг мафҳуми «энте» (мавҷудот) ва робитаи онро бо дигар категорияҳои метафизикӣ, аз ҷумла «адам» (нестӣ) ва «ҳастӣ» - ро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. [147]

Х. Волф дар асари «Фалсафаи аввал ё онтология» (Chr. Metaphysica prima sive Ontologia) [77] «ҳастӣ» ва моҳияти онро таҳлил намудааст.

Г. Гегел дар китоби «Таълимот дар бораи ҳастӣ» [4] масъалаи муҳим ва аслии онтологияро баррасӣ мекунад. Ба андешаи Г. Гегел «ҳастӣ» як падидаи собит нест, балки раванди мубодила ва ташаккул мебошад, ки дар ҳаракат ва тағйироти пайваста сурат мегирад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки раванди онтологиии «ҳастӣ» - ро тавассути диалектика ва идеализми олмонӣ шарҳ диҳад. Ба ақидаи Г. Гегел «ҳастӣ» на танҳо мавҷуд аст, балки дар тасаввур ва раванди таъриф таҳаввул меёбад. «Нестӣ» ва «ҳастӣ» якдигарро муайян мекунанд ва ба ин васила метавон фаҳмид, ки чӣ гуна онҳо дар зиндагии инсон ва ҷаҳони маънавӣ, дар зеҳни инсон таҳаввул мекунанд.

Назарияҳои Г. Гегел, оид ба мавзуи мавриди таҳқиқи мо, масъалаи раванди «ҳастӣ» ва «нестӣ» - ро ҳамчун ду ҷузъи ҷудонопазири якдигар ва манбаи аслӣ барои шинохти олам ва воқеият мебинад. Ҳамин раванди шинохти «ҳастӣ» ва «нестӣ» дар таълимоти файласуфони Шарқ (масалан, фалсафаи Ибни Сино) ҷой дорад.

Китоби Н. К. Гартман «Таҳияи асосҳо ва принсипҳои бунёдии онтология» [81] як намунаи хуби таҳлили амиқи фалсафаи онтология мебошад. Муаллиф дар ин асар масъалаи моҳияти «ҳастӣ» ва вобастагии байни «ҳастӣ» ва «нестӣ» - ро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ӯ таъкид мекунад, ки онтология ҳамчун бахши асосии фалсафа пайдоиш ва дарки паҳлуҳо ва категорияҳои ҳастиро меомӯзад. Ба андешаи ӯ, онтология на танҳо мавҷудот, балки ҷанбаҳои гуногуни маърифат ва арзишҳоро низ дар бар мегирад, ки воситаи шинохти дурусти олам мебошад. Таҳлилҳои Н. Гартман дар шинохт ва муқоисаи тасаввуф ва фалсафаи шарқӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуд.

Дар асари М. Ҳайдеггер «Ҳастӣ ва замон» (Бытие и время) [311] масъалаи «ҳастӣ» ва хосиятҳои онро баррасӣ мекунад. Хайдеггер

ҳастиро ҳамчун як падидаи мавҷуд ва транседенталӣ (ҳақоиқи мутаолӣ - ин ибора аз [27,240]) таъриф мекунад. Вай истилоҳи «Dasein» - ро, ки ба маънии «ҳастии вуҷуд» аст, истифода мебарад. Ба андешаи ӯ, инсон на танҳо як мавҷуди дар ҷои муайян ва бо хусусиятҳои ҷисмонӣ вуҷуд дошта, балки инсон ҳамчун зоте шарҳ меёбад, ки қобилияти дарк ва фаҳмиши ҷаҳонро дорад.

Зимни таҳқиқ, мо ин сарчашмаҳоро ҳамчун як маҳаки азнаварзишгузорӣ ба таълимоти ратсионалию ирфонӣ қарор дода, осори гузаштагонамонро аз нав мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додем.

Ҳамин тавр, инсон на танҳо мавҷуд аст, балки аз қобилияти ақлонӣ барои шинохти ҳастӣ ва ҷаҳони шахсии худ истифода мебарад ва ҳамчун «маҳалли» дарки маъно ва фаҳмиши ҳаёти умумӣ амал мекунад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар таҳқиқоти мо, масъалаҳои ҳамбастагии фалсафаи машшоия бо тасаввуф ва ирфон, тағйироти ҳастишиносӣ дар доираи фалсафаи асримиёнагии тоҷик, инчунин муқоисаи он бо равияҳои дигар ва таъсири тағйироти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба фалсафа — ҳамаи ин ҷанбаҳо аз зовияи мантиқ ва ирфон мавриди таҳлил қарор мегиранд. Дар осори Х. Волф, Г. Гегел, Г. Лейбниц, Н. Гартман ва М. Ҳайдеггер чунин масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор намегиранд. Ҳар яки ин мутафаккирон таваҷҷуҳи худро ба фалсафаи Аврупои Ғарбӣ дар асрҳои XVII-XX равона намуда, ба низомҳое амал мекунанд, ки бештар ба фалсафаи мантиқ, метафизика ва ҳастишиносии ғарбӣ марбутанд. Дар ҳоле ки дар таҳқиқоти мо таваҷҷуҳи махсус ба фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва таълимоти ирфонии тасаввуф равона гардидааст.

4. Олимону файласуфони собиқ Иттифоқи Шӯравӣ ба таҳлилу таҳқиқи фалсафаи Шарқ ва равияҳои он, масъалаҳои онтология ва равияҳои фалсафию динӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, дар роҳи инкишофи ирфони назарӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, оид ба таҳқиқи мероси

ирфонии халқи мо таълифоти ҷолибе намудаанд, ки бархе аз онҳоро метавон номбар намуд: Торчинов Е., Доброхотов А. Л., Поликарпов В., Смирнов А. В., Прозоров С., Гриненко Г. В., Миронов В. В., Пивоваров Д., Красиков В., Соколов В., Фролова Е., Филштинский И., Кимелёв Ю., Степанянс М., Григорян С., Керимов Г., Мартинов С., Кароматов С. Х., Комилов Н., Ҳамидӣ Ҳ., Баҳоваддинов А., Бертелс К., Бертелс Е., Осимӣ М., Олимов К., Зиёзода И. Шамолов А., Ахмедов С., Муҳаммадхоҷаев А., Муҳаммадҷонова М., Зиёев Х., Раҷабов М., Одилов Н., Ҳазратқулов М., Қурбонмамадов А., Одинаев Ё., Исматов Б., Содиқова Н., Шамсов М.

Е. А. Торчинов дар асари «Динҳои ҷаҳон: таҷрибаи фузулӣ» [419] ирфони исломӣ ва тасаввуфро аз назари фалсафаи муқоисавӣ таҳлил намуда, тасаввуфро ҳамчун «таҷрибаи иртиботи рӯҳӣ бо як ҳастии мутлақ» баррасӣ менамояд ва онро ҳамрадифи равандҳои ирфонии буддоӣ ва даосия медонад. Муҳаққиқ истифодаи ӯро дар рисола барои қиёси мактаби ирфонии сӯфиён бо дигар шаклҳои метафизикаи шарқ муфид мешуморад. Азбаски масъалаи асосии кори Е. Торчинов ин нишон додани ҳастишиносӣ дар буддоия буд, бинобар ин онро дар муқоиса бо буддоия ва таълимоти фалсафию динии асримиёнагии тоҷик таҳқиқ намудем, ки чунин муносибат дар таҳқиқотҳои зикршуда истифода нашудааст.

Е. Торчинов ирфонро на танҳо як падидаи динию ахлоқӣ, балки як сохтори дониши фалсафии «илми ҳол» мешуморад. Ӯ робитаи мустақими ирфонро бо таҷрибаи ботинӣ ва ифшои маънавии он тавзеҳ дода, онро ҳамчун манбаи метафизикаи зинда арзёбӣ менамояд, ки қобили ифода дар ҳар мактаби динии ҷаҳон мебошад. Дар муқоиса бо тасаввуфи исломӣ, Е. Торчинов ирфонро аз он манбае мешуморад, ки қобилияти дар равияҳои гуногун таҷассум шуданро дорад. Ба андешаи мо таълимоти Е. Торчинов ба афкори ирфонии Мустамлӣ наздик мебошад.

А. Л. Доброхотов дар асари «Категорияи ҳастӣ дар анъанаи классикии Ғарбии Аврупо» [105] масъалаи тафовути ақлу ирфонро бо усули диалектикӣ шарҳ медиҳад. Ӯ исбот мекунад, ки роҳи мантиқӣ ва роҳи кашфи ботинӣ ҳар кадоме ба навъи махсус оламро маърифат мекунанд.

А. Доброхотов фарқи миёни мантиқ ва ирфонро бо истифода аз усули диалектикӣ тавзеҳ медиҳад. Ӯ исбот мекунад, ки роҳи мантиқӣ ва роҳи ифшои ботинӣ ба намудҳои гуногуни шинохт мебаранд. А. Доброхотов бо истифода аз таҳлили мантиқӣ ва гносеологӣ онтологияро, ҳамчун пояи дарки метафизикии ҳастӣ, муайян месозад. Ӯ таълимоти Арасту ва файласуфони арабиро асоси андешаи фалсафии ғарбӣ медонад. Ба ақидаи муҳаққиқ, усули таҳлили ӯ барои фаҳмиши таълимоти Ибни Сино муфид аст, зеро бар иловаи назари таърихӣ, ба низоми мантиқӣ ва усули исбот такя мекунад. А. Доброхотов дар бораи мафҳуми «вуҷуд» дар фалсафаи ғарбӣ таҳқиқот бурдааст ва ба омилҳои фарҳангӣ, таърихӣ ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст [105].

В. Поликарпов дар асари «Илм ва ирфон дар асри XX» (Наука и мистицизм в XX веке) [220] тасаввуфро ҳамчун як низоми қавии фалсафии дорои хусусияти ахлоқӣ ва ирфонӣ тавсиф мекунад ва нақши «инсони комил» - ро махсусан таъкид менамояд. Ӯ инчунин саҳми суфиёнро дар ташаккули тафаккури иҷтимоии даврони асримиёнагӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. В. Поликарпов ирфонро ҳамчун як низоми фалсафӣ-эстетикӣ мебинад, ки ҳастиро тавассути образҳои рамзӣ ва зебоишиносона таҷассум мекунад. Муҳаққиқ ба ифодаҳои фалсафӣ ва рамзии ирфон, ки дар осори суфиён инъикос ёфтаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Андешаҳои В. Поликарпов ба фаҳми амиқи мавзуи «ҳастии ботинӣ» дар тасаввуф ёрӣ мерасонанд.

Дар осори Е. Торчинов ва В. Поликарпов таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили систематикӣ ва амиқи метафизика ва онтология дар фалсафа равона гардидааст, аммо масъалаи ҳамгироии мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик ва ғарбӣ, бахусус дар робита бо ҷанбаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷаҳони ислом, камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Масоили марбут ба ҳамоҳангсозии ақли мантиқӣ ва ирфон дар фалсафаи ҳастишиносӣ, ки дар ин диссертатсия мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, дар осори А. Доброхотов ва В. Поликарпов низ бо таври маҳдуд баррасӣ шудаанд. Вале, шинохти тавсеаи мантиқӣ ва ирфонии фалсафа дар осори файласуфони асримиёнагии тоҷик, ки мавқеи фалсафаи машшоияи шарқӣ ва ирфонро якҷоя мефаҳмонанд, бештар дар диссертатсия таҳлилу баррасӣ шудаанд.

С. Х. Кароматов дар китоби «Равияҳои зоҳидона ва суфия дар Хуросон» [139, 27-48] равандҳои пайдоиши ирфони амалӣ ва иҷтимоиро дар Хуросон, бо такя ба манобеи таърихии тасаввуф, мавриди таҳлили илмӣ қарор медиҳад. Ӯ мафҳумҳои фано, зӯҳд ва тарки дунё-ро ҳамчун унсурҳои калидии фалсафаи тасаввуф тавсиф намуда, муҳити иҷтимоии ташаккули ин равияро дақиқ меомӯзад. С. Кароматов ба таълимоти ҳастишиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва масъалаҳои эпистемология таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир мекунад, аммо ҷанбаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии фалсафа дар таҳқиқоти ӯ камтар рушд дода шудаанд.

Н. Комилов дар асари «Тасаввуф» [151,14] тасаввуфро ҳамчун баландтарин шакли шуури ирфонӣ шарҳ дода, таълимоти суфиёни Осиёи Марказиро бо тавзеҳоти амиқ таҳлил мекунад. Ӯ хусусияти амалӣ ва таҷрибавии тасаввуфро махсус таъкид менамояд, ки ба суннати ирфонии Мустамлӣ наздик аст. Дар таҳқиқоти Н. Комилов бештар ба ҷанбаҳои фалсафии ирфон тамаркуз мекунад, вале масъалаи ҳамгироии мантиқ ва ирфон ҳамчун раванди шинохти ҳақиқат ва ҳастӣ камтар мавриди баррасӣ қарор мегирад.

А. Е. Бертелс дар асари «Носири Хусрав ва исмоилия» (Насири Хусрав и исмаилизм) [63] таълимоти фалсафии исломии асрҳои миёнаро таҳлил намуда, ба равияҳои ирфонӣ ва мазҳабии ислом, аз ҷумла исмоилия ва тасаввуф, таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунад. Ӯ аҳаммияти дидгоҳи фалсафаи шарқиро дар робита ба ҳастӣ ва маърифати ботинӣ таъкид менамояд, аммо ба таъсири мутақобилаи ин равияҳо диққати кофӣ намедиҳад. А. Бертелс таърихи фалсафаи исломиро баррасӣ намудааст, вале ба таври маҳдуд ба фаҳмиши умумии фалсафа ва мантиқ аз нигоҳи файласуфон рӯ овардааст, дар ҳоле ки шинохти фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва рушду таҳаввули он тавассути ҳастишиносӣ метавонист муфассалтар ироа гардад.

М. Осимӣ дар асари худ «Пайдош ва инкишофи тафаккури фалсафӣ» [211] раванди ташаккули андешаи фалсафии Шарқро аз дидгоҳи таърихӣ ва фалсафӣ таҳлил мекунад ва Ибни Синоро ҳамчун намояндаи барҷастаи фалсафаи «ҳастӣ» арзёбӣ менамояд. Ӯ таъкид мекунад, ки мактаби файласуфони араб заминаи мантиқӣ ва илмии мустаҳкамеро барои тавзеҳи «ҳастӣ» ба вуҷуд оварда буд.

К. Олимов дар китобҳои «Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII», «Тасаввуф дар олами масоили муҳимми муосир» (Суфизм в свете актуальных проблем современности) [209,226] масъалаҳои ҳастишиносиро дар тасаввуф ба таври муфассал мавриди таҳлил қарор медиҳад ва ирфонро ҳамчун илми шинохти ботинии Худо арзёбӣ мекунад. Ӯ таълимоти сӯфиёни Хуросон ва Мовароуннаҳрро пояи мустаҳками тасаввуфи назарӣ мешуморад. Таҳлилу муқоиса миёни мактаби машшоияи шарқӣ ва тасаввуф дар бахши алоҳидаи таҳқиқоташ сурат гирифтааст, ки мо ин равишро дар таҳлилу баррасии рисолаи диссертатсиониамон истифода намудаем.

К. Олимов ва А. Шамолов дар китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» [275] (дар чанд ҷилд) аз дидгоҳи таърихӣ-фалсафӣ, мероси фалсафии

тоҷиконро аз замони Арасту то Ибни Сино ва даврaҳои баъдӣ таҳқиқ намудаанд. Муаллифон собит менамоянд, ки мактабҳои динию фалсафӣ тоҷикон бо ҳам робитаи зич доштаанд. Онҳо масъалаҳои ҳастӣ, моҳият ва шинохтро дар ду замина — мантиқӣ ва ботинӣ мавриди таҳлил қарор медиҳанд, аммо ба таҳлили муқоисавии ҷанбаҳои марбут ба ҳаракат, Худо ва олам дар равияҳои гуногун таваҷҷуҳи чандон зоҳир накардаанд. Аз ин рӯ, мо кӯшиш кардем, ки ин масъалаҳоро ба таври мукаммал дар диссертатсияи худ мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

К. Олимов дар таҳқиқоташ бештар ба фалсафаи Арасту ва робитаи он бо маърифат ва ирфони исломӣ аҳамият медиҳад, аммо омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсие, ки дар он давра вуҷуд доштанд ва таъсири онҳо ба назарияҳои ҳастишиносиро камтар зикр менамояд. А. Шамолов бошад, ба омӯзиш ва татбиқи назарияҳои онтологӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва ирфони исломӣ таваҷҷуҳ мекунад, аммо ҷанбаҳои баррасии муштараки мантиқ ва ирфон дар фалсафаи Арасту, инчунин таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба низомҳои фалсафӣ дар таҳқиқоти ӯ ба таври маҳдуд инъикос ёфтаанд.

5. Олимон-файласуфони руси охири асри XX-XXI, дар доираи масъалаи мавҷудияти категорияи «нестӣ» таҳқиқоти арзишманде анҷом додаанд, ки аз ҷумла, мақолаҳои А. Н. Чанишев, В.А. Кутирев, В. А. Георгиев, Р. А. Нуруллин, И. В. Макарова, Н. М. Солодухо, В. В. Филатов, монографияҳои А. В. Кричевский, Н. М. Солодухоро метавон ном бурд.

Чанишев А. Н. дар мақолаи «Рисола оид ба нестӣ» (Трактат о небытии) [380] ба таҳлили таърихии фалсафа таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳастиро ҳамчун падидаи асосии шуури инсонӣ баррасӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, дар равандҳои рушди тафаккури фалсафӣ масъалаи ҳастӣ бояд ҳамчун шакли махсуси худшиносии инсон ва шуури иҷтимоӣ арзёбӣ гардад. Барои А. Чанишев ҳастӣ инъикоси таърихии шуур ва дониши

ҷамъиятӣ мебошад. Ӯ бештар ба масъалаҳои абстрактии «ҳастӣ» ва таърифҳои мантиқии он дар фалсафаи ғарбӣ, бахусус марҳилаҳои инкишофи фалсафаи Аврупо, аҳамият додааст. Мақолаҳои ӯ, ки асосан ба масоили метафизика ва онтологияи Ғарб бахшида шуда, ба фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва ирфон таваҷҷуҳи маҳдуд доранд. Аз ин рӯ, ҳамин ҷанбаҳо дар доираи диссертатсия мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

В. А. Кутирев дар мақолаи «Асоснокунии ҳастӣ [падидаи нигитология а танқиди он]» (Оправдание бытия [явление нигитологии и его критика]) [356] масъалаи «ҳастӣ» - ро аз дидгоҳи муосир баррасӣ намуда, онро на танҳо ҳамчун объекти шинохт, балки ҳамчун низоми робитаҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ арзёбӣ мекунад. Ӯ таваҷҷуҳи худро ба шинохти инсон, ҳамчун мавҷуди эҳсоскунанда ва соҳибмаърифат равона карда, масъалаи «ҳастӣ» -ро аз нуқтаи назари экзистенсиализми фалсафии ғарбӣ таҳлил менамояд ва ба масъалаи «ҳастӣ» дар ирфони исломӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст.

В. А. Георгиев дар мақолаи «Коҳиши сингулярӣ ва масъалаи падидаи нестӣ» (Сингулярная редукция и проблема феномена небытия) [343] масъалаи «нестӣ» ва имконияти таҳқиқи онро тавассути методи коҳиши сингулярӣ «сингулярная редукция» баррасӣ мекунад. В. Георгиев ба масъалаҳои метафизикӣ, вобаста ба ҳаёт ва «ҳастӣ», таваҷҷуҳ менамояд, аммо таъсири ирфон ва муҳити фалсафии исломӣ дар осори ӯ камтар инъикос ёфтааст.

Р. А. Нуруллин дар мақолаи «Модели метафизикии пояи иттилоотии ҳастии воқеӣ» (Метафизическая модель информационного основания реального бытия) [367] консепсияеро пешниҳод мекунад, ки тибқи он ҳастии воқеӣ бар асоси «матритсаи хотира» ё «матритсаи иттилоотӣ» сурат мегирад ва дар он иттилоот ҳамчун унсури бунёдии шаклгирии воқеият амал мекунад. Ин матритса, ки дар сатҳи виртуалӣ қарор дорад, ҳамчун заминаи метафизикии ҳастии воқеӣ амал мекунад.

Р. Нуруллин бештар дар таҳлилҳои мантиқии фалсафа ва раванди фалсафии классикӣ ё сиёсии Ғарб таҳқиқот намудааст, вале назарияи ирфонӣ дар осораш камтар мушоҳида мешавад.

И. В. Макарова дар мақолаи «Ғайри - мавҷуд ин ғайри - мавҷуд аст: масъалаи нестӣ дар фалсафаи Арасту» (Не-сущее есть не-сущее: проблема небытия у Аристотеля) [169] масъалаи «нестӣ» - ро аз рӯи фалсафаи Арасту баррасӣ мекунад.

Н. Солодухо дар мақолаи «Муносибати «ҳастӣ» ва «нестӣ» ҳамчун масъалаи аслӣ дар фалсафа» (Отношение бытия и небытия как исходная философская проблема) [374,55-59] масъалаи асосии фалсафа - муносибати байни категорияҳои «ҳастӣ» ва «нестӣ» - ро баррасӣ мекунад.

В. В. Филатов дар мақолаи «Ҳама чиз аз нестӣ» (Omnia ex nihilo) [378] бар масъалаи аслӣ — пайдоиши олам ва мавҷудот аз «нестӣ» таваҷҷуҳ мекунад. В. Филатов ба масъалаҳои ҳастишиносӣ ва методологияи фалсафа таваҷҷуҳ дошта, таъкид мекунад, ки фаҳмиши «ҳастӣ» бидуни баррасии амиқи категорияҳои дигари фалсафӣ, ба монанди вақт, макон, ҳаракат ва инсон номумкин аст. Ӯ кӯшиш мекунад, ки «ҳастӣ» - ро бо раванди шинохти иҷтимоӣ ва инсони муосир пайванд диҳад. Мақолаҳои ӯ ба шинохти мантиқии мавҷудот ва мавзуъҳои метафизикӣ дар фалсафа, хусусан марҳилаи олии такомули фалсафа дар асрҳои миёнаи аврупоӣ, равона шудаанд ва камтар бо таҳқиқи ирфонии фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар якҷоягӣ бо мантиқ пайваст мешаванд.

А. В. Кричевский дар монографияи «Қудрати нестӣ: метафизика дар ҳудуди онтология» (Сила небытия: метафизика за пределами онтологии) [156] бар мавзуи таносуби байни «ҳастӣ» ва «нестӣ» таваҷҷуҳ мекунад. Муаллиф нестиро на танҳо ҳамчун аз даст рафтани вуҷуд ё набудани комили он маънидод мекунад, балки ҳамчун як қувваи метафизикӣ, ки ба раванди ташаккул ва инкишофи воқеият таъсир мерасонад, мавриди

таҳқиқ қарор медиҳад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки мафҳуми «нестӣ» - ро ҳамчун унсури равандҳои метафизикӣ аз нав маънидод намояд.

Хулоса, дар таълифоти онҳо муносибати ирфонию мантиқӣ дар шинохти вуҷуд ва моҳият дар фалсафаҳои исломӣ, тасаввуф ва онтологияи исломӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар фалсафа, пайванди тасаввуфи исломӣ бо фалсафаи машшоия ва ё мантиқи метафизикӣ камтар таҳқиқ ёфтаанд.

Омӯзиши ҷараёни тасаввуф, ҳамчун як объекти махсуси таҳқиқоти фалсафӣ дар истилоҳоти таърихӣ ва фалсафӣ, аз миёнаи асри XIX ва ибтидои асри XX оғоз мегардад. Маҳз дар ин давра асарҳои файласуф ва равоншиноси амрикоӣ Вилям Ҷеймс ва файласуф ва диншиноси рус В. Соловёв пайдо шуданд, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни таҷрибаи тасаввуфӣ бахшида шудаанд. Хусусан, тафсири В. Ҷеймс аз дидгоҳи прагматизм ва аҳамияти ҷанбаҳои аксиологӣ (арзишшиносӣ) дар таҷрибаи ирфонии суфӣ сазовори таваҷҷуҳи махсус мебошад. В. Соловёв низ аҳамияти суфизмро ҳамчун яке аз комилтарин таълимот ошкор кардааст ва файласуфони рус С. Булгаков, Н. Бердяев ва В. Лосский дар осори худ андешаҳоеро оид ба таҷрибаи мистикӣ (ирфонӣ) баён намудаанд.

Яке аз асарҳое, ки арзиш, таълимоти сӯфиён аз нуқтаи назари фалсафаи муосир мавриди муҳокима қарор мегирад, ин китоби «Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр» - и К. Олимов [209] ва китоби «Тасаввуф» - и И. Зиёзода [117;118] мебошад. Дар ин таълифот исломи ортодоксалӣ ва тасаввуф муқоиса карда шуда, ба бархе аз арзишҳои ахлоқии он ва ҷанбаҳои гуногуни таълимоти тасавуф таъкид меравад. Бо вуҷуди аҳамияти зиёд доштани ин мавзуъ таҳлили мукаммали масъалаи мавриди баррасии мо, дар адабиёти фалсафӣ ва илмӣ амалӣ нашудааст, хусусан таносуби фалсафаи машшоия ва тасаввуф. Ин ҷиҳатҳои масъала

моро ба хулосае овард, ки мавзуи мазкурро мавриди таҳқиқи алоҳида қарор диҳем.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ

Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ, аз руйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба диссертатсияҳои илмӣ буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, иҷро шудааст. Ҳамчунин, мавзуи диссертатсия ба бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 таҳти №503 «Дар бораи самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» мувофиқат дорад.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

Мақсади таҳқиқот. Мақсади таҳқиқоти мазкур таҳлили муқоисавии масъалаҳои онтологӣ дар таълимоти равияҳои машшоия ва тасаввуф, ошкор намудани масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи тоҷик, дар асрҳои X-XII, аҳамияти илмӣ-фалсафӣ ва иҷтимоӣ-таърихии онҳо, муайян кардани мақоми онҳо дар ҷамъият мебошад. Масъалаҳое, ки мутафаккирони ин давра ба миён гузоштаанд, моҳиятан аз ҷиҳати фарогирии масъалаҳои «ҳастӣ», характери умумибашарӣ доранд. Аз ин сабаб, онҳо амалан муҳиманд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан ҳалли вазифаҳои зерин имконпазир гардид:

- таҳқиқи асосҳои назариявии ҳастишиносӣ дар замони муосир;

- ошкор сохтани нуқтаи назари мутафаккирони Шарқу Ғарб дар бораи сарчашмаҳои пайдоиши масъалаҳои ҳастишиносӣ ва роҳҳои ташаккули маънавиёти инсоният;

- муайян намудани хусусиятҳои фалсафаи тоҷик дар асрҳои аввали тамаддуни асримиёнагии тоҷик;

- муайян намудани сарчашмаҳои усулии пайдоиши ҷараёнҳои фалсафию динии машшоия ва тассаввуф ва робитаву таъсири мутақобилаи онҳо бо равияҳои аввалини илмию фалсафӣ;

- таҳқиқ кардани умумиятҳо ва муқоисаи масъалаҳои онтологӣ дар эҷодиёти мутафаккирон ва файласуфони асрҳои X-XII-и тоҷик;

- муайян кардани хусусиятҳои маърифати ҳастӣ дар ҷараёнҳои машшоияву тасаввуф дар давраи эҳёи фалсафаи тоҷик;

- муайян кардани мақом ва аҳамияти масъалаҳои онтологӣ дар таълимоти тасаввуфӣ;

- таҳлилу муқоиса намудани масъалаҳои онтологӣ дар равияҳои калом, тасаввуф, машшоия ва исмоилия.

- ошкор намудани таносуби Худо, олам, ҳаракат, вақт ва фазо дар консепсияи аҳли тасаввуф ва машшоияи шарқӣ;

- таҳқиқи масъалаи инсон дар таълимоти машшоияи шарқӣ ва тасаввуф;

Объекти таҳқиқот. Масоили ҳастишиносӣ дар равияҳои фалсафии машшоъ ва тасаввуфи асрҳои X-XII - и тоҷик (таҳлили муқоисавӣ).

Предмети таҳқиқот – таҳлили муқоисавии масоили асосии ҳастишиносӣ – ҳастӣ ва моҳият, тафаккур, нестӣ, маърифати олам, ҷанбаҳои ирратсионалистии ирфон, таносуби Худо ва олам ва масъалаи инсон дар осори мутафаккирони тоҷику форс мактабҳои фалсафаи машшоъ ва тасаввуфи асрҳои X-XII – Ибни Сино, Мустамлии Бухорӣ.

Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот) Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз соли 2017 инҷониб сурат гирифта, объекти

он доираи таърихии асрҳои X то XII, инчунин давраҳои таърихии таҳқиқот аз давраи қадим то муосирро дар бар мегирад.

Асосҳои назариявии таҳқиқот. Таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷик мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифта, бархе аз нуктаҳои ин таълимот аз назари интиқодии диссертант баҳогузорӣ шудаанд. Диссертант мавқеи дурусти таҳқиқотӣ ва методологиро интихоб намуда, мафҳумҳои бунёдии ду консепсияи фалсафии асримиёнагии тоҷикро, дар доираи назарияҳои илмии муосир таҳқиқ намудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асарҳои фундаменталӣ оид ба омӯзиши машшоия ва тасаввуф, аз ҷониби олимону файлсафони давраҳои мухталиф, ҳамчун заминаи методологӣ истифода шуданд. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф методҳои таърихӣ - муқоисавӣ, контентанализ, феноменологӣ ва герменевтикиро истифода бурдааст, ки барои таҳқиқи пурраи масъала мусоидат намудаанд.

Заминаҳои эмпирикӣ. Ба заминаҳои эмприкии таҳқиқот сарчашмаҳо, далелҳои аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ асоснокшуда, натиҷаҳои таҳқиқи илмии масъалаҳои фалсафию динӣ дар таърихи фалсафаи ватанию хориҷӣ хизмат кардаанд.

Пойгоҳи таҳқиқот. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон анҷом ёфтааст. Диссертант барои анҷоми таҳқиқот аз тамоми имкониятҳои моддӣ-техникии Шуъбаи таърихи фалсафаи ИФСҲ АМИТ, Китобхонаи Академияи миллии илмҳо ба номи И. Гандӣ ва Китобхонаи миллии Тоҷикистон, китобхонаи давлатии Россия ба номи В. И. Ленин, китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносов, китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи А. Навоӣ истифода кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар диссертатсия бори нахуст таъсири таълимоти машшоия ба ирфону тасаввуф ва нуфузи ирфон ба фалсафаи машшоия дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- бори аввал таҳқиқи пурраи таносуби категорияҳои «ҳастӣ» ва «нестӣ», «моҳият», «ирфони назарӣ ва амалӣ», «сайру сулук», «мақому ҳол», «инсони комил» ва ғ. анҷом дода шуда, таълимоти фалсафии машшоия ва тасаввуфи асрҳои X-XII ошкор шудаанд;

- тазоди усулҳои дарёфти ҳақиқат ва исботи яқиниёт дар таълимоти сӯфиён ва аз ақлгароӣ ба мистика гузаштани онҳо, хусусияти символикӣ ва тахайюлӣ пайдо кардани таълимоти тасаввуф муайян карда шуд;

- бори аввал сабабҳои таваҷҷуҳи файласуфони машшоъ, аз ҷумла Ибни Сино ба тасаввуф ва усулҳои ирратсионалӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;

- муайян карда шуд, ки ирфони Ибни Сино дар асоси таълимоти фалсафаи Машшоия на танҳо шакли таҷрибавии рӯҳонӣ нест, балки як системаи мантиқӣ ва назариявии маърифати илоҳӣ мебошад. Ӯ тавассути мафҳумҳои «ақли фаъол», «иттиҳоди маънавӣ», «ҳастии воҷиб» ва рамзҳои тамсилӣ, ирфонро ба яке аз зинаҳои олии шинохт табдил медиҳад. Дар бахши «Илоҳиёт»-и «Китоб-уш-Шифо», Ибни Сино чунин ирфонро бо усули мантиқ ва истидлол мураттаб месозад, ки инро метавон ҳамчун ирфони фалсафии ақлонӣ арзёбӣ намуд. (ниг. Ибни Сино, Китоб-уш-Шифо, ҷ. 2, боби 10).

- ба фарқ аз ирфони амалӣ, ки дар тасаввуфи классикӣ бар аъмоли зоҳирӣ ва таҷрибаи ботинӣ такя мекунад, Ибни Сино маърифати илоҳиро ҳамчун раванди такомули ақл ва иттиҳоди шинохти зеҳнӣ бо маърифати илоҳӣ шарҳ медиҳад. Бо ин таҳлил, Ибни Сино ирфонро дар доираи онтологияи илмии машшоия ҷой дода, тавассути мафҳумҳои

«ақли фаъол», «иттиҳоди ақлӣ» ва «рамзгаройӣ» роҳ ба сӯи ҳақиқат мекушояд ва онро ҷузъи низоми муназзами ҳастишиносӣ мегардонад;

- бори нахуст бархе аз масъалаҳои онтологӣ аз рӯи китоби «Шарҳ-ат-тааруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф» - и Мустамлии Бухорӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор дода шуда, таҳқиқи ин асар нишон медиҳад, ки маърифат дар тасаввуфи Мустамлӣ на ба бурҳон ва мантиқ, балки ба таҷрибаҳои ботинии ирфонӣ, аз ҷумла тазкияи нафс, зикр, риёзат ва муҳосабаи рӯҳӣ такя мекунад. Дар асари мазкур мавқеи ирфони амалӣ ҳамчун воситаи воқеии шинохти ҳақиқат тасвир ёфтааст, ки дар муқобили шеваи мантиқии фалсафаи машшоия қарор мегирад. Мустамлӣ маърифатро на тавассути истидлол, балки тавассути ҳоли рӯҳонӣ ва таҷрибаи зоҳидона дарк мекунад (ниг. Мустамлии Бухорӣ, Шарҳ-ут-тааруф, рубъи 2);

- ошкор карда шуд, ки илми ҳоли сӯфӣ ин санади илоҳиётшиносӣ набуда, балки қобилияти рӯҳии инсон аст, ки қудрати маърифати ирфонии он аз имкониятҳои ақл камтар нест;

- ошкор карда шудааст, ки зиддият ва алоқамандии диалектикии фалсафаи машшоия ва таълимоти теософии аҳли тасаввуф, ки дар баъзе маврид боиси инкишофи тафаккури мантиқӣ гардидаанд ва вобаста ба ин мақом ҳарду унсури фарҳанги миллии тоҷикон, дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ буда, сабабҳои дар асрҳои минбаъда ривоҷ ёфтани тасаввуф гардидааст;

- муҳаққиқ ошкор намудааст, ки ирфони амалӣ ва ғояҳои сода ва тахайюлии тасаввуф ба афкори мардум таъсири муайян гузошта, ҷаҳонбинию тарзи зиндагии онҳоро аз бисёр ҷиҳат таҳти нуфузи идеологӣ қарор додаанд ва гоҳо ноқили озодихоҳии прогрессивӣ ва гоҳо иртиҷоиро, дар таърихи халқи тоҷик, иҷро кардаанд;

- муҳаққиқ муайян мекунад, ки консепсияи шинохти Худо аз ҷониби аҳли тасаввуф дар ду марҳила сурат мегирад: 1. Дарки жарф то ба

субстансия, бо ҷудосозии эманатсияи асмо, сифатҳо ва пардаи олами беруна. 2. Дарки Худо дар зуҳури мухталифи Ӯ;

- дар таълимоти ваҳдати вуҷуд ваҳдати ҳама ашёи олам дар Худо дониста мешавад;

- таҳлили муқоисавии ду равияи асосӣ – фалсафаи машшоия ва таълимоти тасаввуф нишон медиҳад, ки онҳо дар шеваи маърифат ва маншаи дониши фалсафӣ тафовутҳои методологӣ доранд. Машшоия ба бурҳони ақлонӣ ва истидлоли мантиқӣ такя мекунад, дар ҳоле ки тасаввуф ба ҳоли ирфонӣ, кашф ва шуҳуд. Ин методологияи мухталиф сабаби асосии фарқи онтологӣ ва эпистемологии ин ду низоми тафаккур аст;

- муайян гардид, ки дар фалсафаи машшоия, инсон ҳамчун мавҷуди шариф ва дорои ақли муназзам шинохта мешавад ва тавассути такомули маърифатӣ ба иттиҳоди маънавӣ мерасад. Аммо дар тасаввуф, инсон ҳамчун «олами сағир» фаҳмида мешавад, ки бо Худо муттаҳид шуда, ба Ваҳдати вуҷуд мерасад;

- муҳаққиқ мақоми инсонро дар таълимоти фалсафию динӣ муайян карда, исбот менамояд, ки машшоиён инсонро маҳсули офариниши Худо пиндоранд ҳам, инсонро дар аъмолаш худмухтор дониста, саҳми боризи муҳитро дар ҷодаи таълиму тарбияи инсон ва инкишофи шахсияти ӯ қабул доштанд;

- дар таълимоти тасаввуф ҳадафи мавҷудияти инсон ба даст овардани Ваҳдати вуҷуд буда, дар ин маънӣ ду ҷанба ҳадафи асосӣ маҳсуб меёбад: нахуст ҳулули одам бо Худо, сипас, идроки назарияи собитшудаи ин ваҳдат;

- муҳаққиқ мақсади ниҳоии худошиносии инсонро дар таълимоти олимону сӯфиён муайян намуда, исбот мекунад, ки инсон, ҳамчун мавҷудот, дар натиҷаи камолоти ахлоқию маънавӣ, тамоми низоми офариниши оламро дарк карда, ҳамчун олами сағир дар вуҷудаш зоҳиру

ботини олами кабирро дармеёбад ва тимсоли як ҳақиқати воқеӣ будани худро мефаҳмад.

- нақши таълимоти фалсафии машшоия ва тасаввуф дар мубориза бо бӯҳрони маънавӣ ва ахлоқӣ, ки имрӯз дар ҷомеаҳо ва фарҳангҳо мавҷуданд, таҳлил шудаанд, зеро масъалаҳои ба миён гузоштаи мутафаккирони асримиёнагии тоҷик моҳиятан аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ характери умумибашарӣ доранд. Масъалаи мазкур, чун бандҳои дигари зикршуда, бори аввал ҳадафи таҳқиқи фалсафию илмӣ қарор дода шудаанд.

Нуктаҳои асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

1. Таҳқиқоти илмии мо ба ин натиҷа оварда расонид, ки маҳз таълимот дар бораи ҳастишиносӣ ё худ онтология, ки асоси ҳама системаҳои фалсафӣ маҳсуб меёбад ва таълимоти онтологии аҳли тасаввуф низ моҳияти ин ҷараёни ғоявиро фаро мегирад, метавонад қаробату фарқияти онҳоро нишон диҳад ва сабаби инкишофи ирфони асримиёнагии тоҷикро намудор созад, тазоди диалектикии онҳоро мунъакис сохта, таъсири мутақобилаи онҳоро ба якдигар нишон диҳад.

2. Таҳқиқот ошкор намуд, ки онтология ҳамчун назарияи ҳастӣ хусусиятҳои асосии тамоми воқеиятро таҳқиқ менамояд. Ҳадафи асосии фалсафаи машшоияи шарқӣ дарёфти асли умумии ҳастист, ки дар ҳамаи намудҳои мавҷудот ба шаклҳои гуногун таҷалло мекунад. Ин асл, ки бо «Воҷибулвуҷуд» муаррифӣ мегардад, ҳамчун ҳастии комил ва мабдаи тамоми мавҷудот фаҳмида мешавад.

3. Муайян карда шуд, ки машшоёни шарқӣ, бо такя бар мантиқ ва бурҳон, кӯшиш намуданд, то сохтори умумии воқеиятро тавсиф ва таҳлил намоянд. Онҳо бо таҳлили тафриқаи байни ҳастии ногузир ва ҳастии мумкин, пайванди он бо ақл, нафс ва модда, модели мутаносиби ҳастишиносиро бунёд гузоштанд.

4. Таҳқиқ гардид, ки фалсафаи Ибни Сино намунаи возеҳи татбиқи мантиқи Арасту дар заминаи калом ва ирфон буда, тавассути он робитаи байни илм, фалсафа ва маърифатшиносии илоҳӣ бунёд карда мешавад.

5. Пажуҳиш нишон медиҳад, ки ҳадафи аҳли тасаввуф низ равшан сохтани ҳастие мебошад, ки воқеӣ бошад, яъне ҳастӣ дар худи инсон. Агар таҳқиқи файласуфони машшоъ бо истидлоли мантиқӣ сурат гирад, исботи аҳли тасаввуф ба таври ҳадсӣ, тахайюлӣ анҷом мегирад. Файласуфон аҳли истидлоланду суфиён аҳли шуҳуд ва васли инсону Худо ва Худо низ ҳамчун вуҷуд ё ҳастии холис дониста мешавад. Бо вуҷуди ин заъфи истидлол ва дарёфти яқиният бисёр файласуфонро ба душворӣ рӯ ба рӯ карда, майли онҳоро ба тасаввуф бештар кардааст.

4. Таҳлилу баррасиҳо муайян карданд, ки муқоиса ва таҳлили таълимоти ин ду равияи фалсафӣ, машшоия ва тасаввуф арзишмандии ин ду тасаввурот ва таъсири онро қариб ба ҳамаи унсурҳои фарҳанги маънавӣ нишон дода, арзиши воқеии ин унсурҳоро, вобаста ба гуногунии тасаввурот дар низоми фарҳанги маънавии халқи тоҷик муайян мекунад.

5. Аҳамияти назариявӣ ва амалии пажуҳиш дар он аст, ки барои ташаккули фарҳанги муосири миллӣ ва мубориза бар зидди ҳар гуна суистифодаи сиёсӣ ва идеологӣ аз арзишҳои гузаштаи таърихи фарҳанги исломӣ ва миллии халқи тоҷик мусоидат менамояд.

6. Таҳлили таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки тасаввуф борҳо катализатори назарраси динамикаи иҷтимоӣ будааст. Таъсири таълимоти тасаввуфӣ ба тафаккур ва усули амали ислоҳотгароёни динӣ то андозае мусоидат карда ва дар ташаккули шуури динӣ ва озодфикрӣ нақши муҳим доштааст.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот. Омӯзиши масъалаҳои дар диссертатсия матраҳшуда, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва саҳми халқи тоҷик дар эҷоди ин

арзишҳо мусоидат мекунад. Бозёфтҳою хулосаҳои таҳқиқоти мазкур мақоми воқеии таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоия ва тасаввуфро дар фарҳанги миллии тоҷик нишон дода, таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқӣ, қиммату арзишҳои онҳоро, дар замони муосир равшан месозанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омадаанд, фаҳмиши моҳияти иҷтимоии ҳастии маънавии инсонро васеътар мекунанд. Натиҷаҳои омӯзиши табиати маънавии тасаввуф метавонанд ба таҳияи заминаи методологии таҳқиқи шуури иҷтимоӣ, ғанӣ гардонидани ғояҳои пурмазмуни фарҳангшиносии муосир ва антропологияи фалсафӣ мусоидат кунанд. Ҳамин тариқ, мундариҷаи муҳимтарин мафҳумҳои фалсафа мушаххас шудаанд: ҳастӣ, шуур, маърифат, ратсионализм ва илми ҳол (ирратсионализм), инсони комил ва ғ.

Натиҷаҳои тадқиқот, саҳми назариявӣ дар корбаст ва таҳлили мушкилоти масоили ҳастишиносӣ, дар баррасӣ ва равшан сохтани масъалаҳои назариявии осори файласуфон, мутафаккирони бузурги форсу тоҷик, назарияҳои равияҳои мухталифи фалсафӣ ва динии асрҳои X-XII маҳсуб ёфта метавонад.

Натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тасаввуротро дар бораи муҳтавои масъалаҳои фалсафию динӣ тавсеа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишҳои маънавии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас мекунанд ва барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии афкору фарҳанги ҷомеаи муосир ва дурнамои рушди он мусоидат мекунанд.

Маводи таҳқиқотӣ метавонад барои таҳия ва амиқ гардонидани мавзуъҳои муайяни курсҳои донишгоҳҳои фалсафа, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ ва инчунин мутахассисоне, ки ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти ирфонӣ ва иртиҷоии маърифатро меомӯзанд, истифода шавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот бо интихоби далелҳои муътамад, маводи интишоротии фарогири пажуҳиш, такмили натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳо тавассути таҳлилҳои илмию муқоисавии натиҷаҳои назария ва амалияи таҳқиқот асоснок карда шудаанд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ, аз руйи ихтисоси 09.00.03 Таърихи фалсафа, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба диссертатсияҳои илмӣ буда, мувофиқи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 31-35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, иҷро шудааст. Ҳамчунин, мавзуи диссертатсия ба бандҳои 9 ва 10 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 таҳти № 503 «Дар бораи самти афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» алоқаманд мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми ӯ дар ин пажуҳиш дар муайян намудани ҳадаф, предмет ва объекти тадқиқот, асоснок кардани заминаҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот зоҳир мегардад. Саҳми бевоситаи унвонҷуй дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия баён шудааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо, маҷлисҳо, семинарҳо ва дигар ҳамоишҳои илмӣ)

Нуктаҳои асосии диссертатсия дар маҷлиси кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, протоколи № 5 аз 29 декабри соли 2023 муҳокима гардид.

Натиҷаҳои илмии диссертатсия, аз ҷониби муаллиф, дар як қатор конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ, аз ҷумла: «Калам как рациональная основа многовековой дискуссии» (Хуҷанд, 2021), «Баъзе ҷанбаҳои фалсафии машшоияи Ибни Сино» (Исфара, 2021), «Баъзе ҷанбаҳои тасаввуфи асрҳои X-XII» (Хуҷанд, 2021), «Оид ба тасаввуфи асримиёнагии тоҷик» (Хуҷанд, 2021), «Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба ҳаракат» (Хуҷанд, 2021), «Оид ба моҳият ва ҳастӣ» (Хуҷанд, 2022), «Ҳастӣ дар таълимоти фалсафӣ» (Хуҷанд, 2022), «Оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсии тоҷикони асри X» (Хуҷанд, 2022), «Оид ба рушди маънавиёти ҷомеаи тоҷикони асри X» (Хуҷанд, 2022), «Оид ба ҷараёнҳои динию фалсафии тоҷикони асрҳои X-XII» (Хуҷанд, 2022), «Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба замон» (Хуҷанд, 2023), «Онтологические аспекты мистической пути и философские основы суфизма в средневековом Хорасане» (Хуҷанд, 2023), «Метафизика» -и Арасту» (Хуҷанд, 2023), «Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба макон» (Хуҷанд, 2023) нашр шудаанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 1 монография, 1 дастури таълимию методӣ ва 27 мақолаҳо, аз онҳо 16 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида инъикос ёфтаанд.

Сохтори таҳқиқот ва ҳаҷми диссертатсия: Рисола аз муқаддима, 4 боб, 14 зербоб, хулоса ва 420 номгӯйи рӯйхати адабиёти истифодашуда

иборат аст. Ҳаҷми умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ 481 саҳифаро ташкил медиҳад.

БОБИ I. МАСЪАЛАҲОИ ТАҲҚИҚИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФА

Ҳастишиносӣ (онтология) яке аз бахшҳои бунёдии фалсафа ба шумор рафта, таълимоте аст, ки ба таҳқиқи моҳияти ҳастӣ, сохтор ва унсурҳои аслии воқеият равона шудааст. Ҳадафи марказии он дар баррасии принсипҳои умумии мавҷудият, равандҳои шинохти он ва тавзеҳи робитаи инсон бо ҳастӣ ифода меёбад.

Аз даврони Парменид, Афлотун ва Арасту то андешаи муосир, масъалаи ҳастӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи фалсафӣ қарор дошта, ба ҳайси яке аз меҳварҳои асосии тафаккури бунёдӣ арзи вуҷуд кардааст. Ин масъала барои фалсафа на танҳо муҳим, балки заминаофар барои пайдоиши дигар бахшҳои он низ будааст.

Маҳз дар раванди баррасии ҳастӣ ва шинохти он, мутафаккирон тавонистаанд тасаввури худро роҷеъ ба табиати воқеият, ҷойгоҳи инсон дар кайҳон ва аҳаммияти шуур дар дарки ҳастӣ шакл диҳанд. Ба ин тартиб, онтология ҳамчун ҷабҳаи аслии маърифат ва назарияи ҳастӣ, нақши муҳим дар эҷоди низоми илмии ҷаҳонбинӣ бозӣ мекунад.

Дар мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик, махсусан дар равияҳои машшоия ва тасаввуф, масъалаи ҳастӣ бо равиш ва мантиқи гуногун таҳқиқ шудааст. Ин таҳқиқот ба ташаккули ду усули аслии маърифат – ратсионалӣ ва ирратсионалӣ замина гузоштааст. Фалсафаи машшоия, ки дар заминаи низоми мантиқии Арасту ва принсипҳои ақлгароӣ ташаккул ёфтааст, ҳастиро ҳамчун категорияи марказии фалсафӣ дар чорчӯби низоми мантиқӣ ва илмӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар муқобили он, тасаввуф ҳамчун равияи ирфонӣ ва таҷрибавии ботинӣ, шинохти ҳастиро берун аз мантиқ ва василаи истидлол мебинад. Он барои дарки воқеият ба мафҳумҳои ҳадс, шуҳуд, кашф ва ҳол такя мекунад, ки дар фазои илҳом ва таҷрибаи руҳонӣ шакл мегиранд.

Ин ду равиши таҳлили ҳастӣ — яке мантиқӣ ва дигаре ирфонӣ бо вуҷуди ихтилофи усулӣ, дар шинохти масъалаҳои онтологӣ ба ҳамдигар иртиботи муайян доранд. Маҳз ҳамин фарқ ва ҳамбастагӣ зарурати баррасии муқоисавии таълимоти машшоия ва тасаввуфро ба миён меорад, то паҳлуҳои муштарак ва мухолифи ду низоми фаҳмиши ҳастиро равшан намоем.

Дар боби мазкур, масоили методологии таҳқиқи ҳастишиносӣ ҷойгоҳи меҳварӣ ва аҳамияти калидӣ касб мекунанд. Аз дидгоҳи илмии фалсафӣ, яке аз вазифаҳои асосӣ дар ин самт таҳқиқи раванди таърихии ташаккули онтология ҳамчун мафҳум ва низоми масъалаҳои фалсафии марбут ба воқеият ва ҳастӣ мебошад. Ин таҳқиқот имкон медиҳад, ки решаҳои назариявии консепсияи ҳастӣ ва маърифати он дар муҳитҳои гуногуни фарҳангӣ равшан гарданд.

Дар доираи чунин таҳлил, таваҷҷуҳи хос ба муҳити зеҳнии Мовароуннаҳру Хуросон равона мегардад, ки дар он тафаккури фалсафӣ, бо бархӯрди мутақобил ва ҳамоҳангии анъанаҳои юнонӣ, форсӣ, исломӣ ва унсурҳои маҳаллии фарҳангӣ, ба ташаккули мактабҳои миллӣ ва таҳаввули равияҳои мустақили фалсафӣ замина гузоштааст.

Бо дарназардошти ин заминаи таърихӣ ва назариявӣ, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи боби мазкур таҳлили усулҳои илмӣ ва мантиқии татбиқи онтология ҳамчун абзори марказии таҳқиқот дар фалсафа мебошад. Дар ин росто, баррасии шеваҳои гуногуни шинохти ҳастӣ, аз ҷумла равишҳои мантиқӣ, ақлонӣ ва ирфонӣ ва таҳлили таносубу тафовут миёни мактабҳои машшоия ва тасаввуф аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Дар ин таҳқиқот як қатор методҳои муосири илмӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, герменевтикӣ, феноменологӣ ва контентанализ истифода мешаванд. Ин равишҳо имкон медиҳанд, ки масъалаҳои

онтологӣ аз зовияҳои гуногун, дар заминаи таърихӣ ва бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои мактабҳои фалсафии мухталиф мавриди таҳлил қарор гиранд.

Усулҳои зикршуда, аз як ҷониб, барои пайгирии таҳаввули назариявии мафҳуми ҳастӣ дар даврaҳои гуногун ва дар мактабҳои фалсафии мухталиф мусоидат мекунанд, аз ҷониби дигар, имкони муқоисаи сохторӣ ва мазмунӣ байни равияҳоро фароҳам меоранд. Ин равишҳо, махсусан дар таҳлили таносуби равишҳои ақлонӣ (машшоия) ва ирфонӣ (тасаввуф), аҳамияти калидӣ пайдо мекунанд.

Мисоли равшани чунин муқоиса баррасии тафсири ҳастӣ дар таълимоти Ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ мебошад. Ҳарчанд ин ду намояндаи равияҳо аз манобеи гуногун ва равишҳои мухталиф истифода мебаранд, яъне яке бо такя ба мантиқи силсилавии ақл ва дигаре бо асоси таҷрибаи руҳонӣ ва шуҳудӣ, аммо дар ниҳоят, ҳарду дар талоши шинохти ҳақиқати мутлақ ва муайянсозии ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ ба натиҷаҳои ҳамсон мерасанд.

Дар доираи боби мазкур инчунин таҳлили амиқи назариявии мафҳумҳои калидии онтологӣ, аз қабили «ҳастӣ» ва «нестӣ», «ҳастӣ» ва «тафаккур», «ҳастӣ» ва «моҳият» ба роҳ монда мешавад. Ин таҳлил дар заминаи таҳаввулоти фикрӣ ва иҷтимоию фарҳангии асрҳои X-XII сурат гирифта, ба таври муфассал нишон медиҳад, ки чӣ гуна дар муҳити фалсафии тоҷик ду равиши асосӣ — фалсафаи ратсионалистӣ ва ирфони ботинӣ ташаккул ёфта, ҳар кадом дар шинохти ҳастӣ таълимоти хоси маърифатӣ офаридаанд.

Дар ин боб методи таҳлили таърихӣ-фалсафӣ ва муқоисавӣ истифода шудааст. Бахусус, таваҷҷуҳ ба баррасии тафовут байни мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «нестӣ» дар осори фалсафаи Юнон ва фалсафаи исломӣ равона шудааст.

Таваҷҷуҳ ба баррасии мафҳумҳои мазкур имкон медиҳад, ки нуқтаҳои ҳамсозӣ ва ихтилофи усулии ин ду равияи фалсафӣ, яъне машшоия ва тасаввуф равшан гарданд. Маҳз дар ҳамин замина, таҳлили фалсафии масъалаҳои онтологӣ на танҳо кори маърифатии академикӣ аст, балки метавонад посухи илмӣ ва зарур ба эҳтиёҷоти маънавӣ ва маърифати ҷаҳонии ҷомеаи муосир бошад.

1.1. Масъалаҳои асосии ҳастишиносӣ

Таълимот дар бораи ҳастишиносӣ (онтология) яке аз рукнҳои асосӣ ва бунёдии фалсафаи классикӣ ба шумор меравад, ки дар тӯли таърих ҳамчун пояи низоми фалсафии умумибашарӣ хизмат намудааст. Маҳз шинохти мафҳуми «ҳастӣ» ва баррасии бисёрҷабҳаи он дар заминаҳои гуногуни фарҳангӣ, таърихӣ ва фалсафӣ, оғозгоҳи таҳлили амиқи фалсафавӣ маҳсуб меёбад.

Шиносоӣ бо фалсафа, дар мафҳуми мукаммали он, аз омӯзиши мафҳуми ҳастӣ ибтидо гирифта, дар таълимоти мутафаккирони давраҳои бостон ва асрҳои нав тадриҷан ташаккул ёфтааст. Ин раванд ба таҳаввули амиқи тафаккури фалсафӣ мусоидат намуда, барои барпо намудани заминаи ақлонӣ ва маърифатии фаҳми воқеият хизмат кардааст.

Файласуфони барҷастае чун Парменид, Афлотун, Арасту, Плотин, Августин, Фомаи Аквинӣ, Рене Декарт, ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Барух Спиноза, Готфрид Лейбнис, Георг Гегел ва дигарон маҳз тавассути таҳия ва рушди назарияҳои аслии ҳастишиносӣ дар поягузории низомҳои фалсафии ҷаҳонӣ нақши бориз доштаанд. Онҳо мафҳуми «ҳастӣ»-ро на танҳо дар доираи истилоҳи фалсафӣ, балки ҳамчун асли мутамарказ ва меҳвари тафаккури инсонӣ шарҳ дода, онро ба унсури бунёдии шинохти олам табдил додаанд.

Ба ақидаи Арасту, масъалаҳои умдае, ки дар ягон илм ба таври мустақил баррасӣ намешаванд, бояд зери назар ва таҳлили фалсафа қарор гиранд, зеро фақат фалсафа қудрати фарогирии кулли ҷанбаҳои ҳастиро дорост. Маҳз ҳамин зарурат аст, ки фалсафаро ба як илми мустақил бо бахшҳои калидие чун онтология (илм дар бораи ҳастӣ) ва гносеология (илм дар бораи маърифат) табдил медиҳад.

Ин маҳз тавассути ҳамин бахшҳои амиқи фалсафист, ки инсоният кӯшидааст ба саволҳои бунёдӣ посух ёбад: «ҳастӣ чист?», «унсурҳои аслии воқеият кадомҳоянд?», «муносибатҳои байни онҳо чӣ гунаанд?» ва «то кадом андоза ва бо кадом василаҳо метавон ҳастиро дарк кард?» Ин пурсишҳо, ки дар заминаи онтология матраҳ мешаванд, то имрӯз низ сархати таҳқиқоти фалсафии ҷиддиро ташкил медиҳанд ва ба мо имкон медиҳанд, ки ҷаҳони ҳастӣ ва мавқеи инсонро дар он бо амиқтарин маъно бишносем.

Онтология, ҳамчун шохаи марказии фалсафа, таҳлили ҳастӣ ва хусусиятҳои умумӣ ва аслии тамоми воқеиятро меомӯзад. Он дар таърих ва анъанаи фалсафӣ на танҳо ба маънои таҳқиқи вуҷуд, балки ҳамчун синоними мафҳуми «метафизика» (ба истилоҳи Арасту — «фалсафаи аввал») низ маъруф гаштааст.

Гарчанде ки масоили онтологӣ решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз замони Юнони Қадим то фалсафаи миёназамон идома меёбанд, худи истилоҳи «онтология» (ontologia) бори аввал, расман, аз ҷониби файласуфи олмонӣ ва намояндаи мактаби неосхоластикаи протестантӣ Рудолф Гоклениус соли 1613 ба кор бурда шудааст.

Минбаъд ин мафҳум дар асарҳои файласуфи барҷаста ва энсиклопедисти олмонӣ Христиан фон Волф (Chr. Wolff) густариш ёфта, дар рисолаи маъруфи ӯ бо номи «Нахуст-метафизика ё онтология» (Metaphysica Prima sive Ontologia, 1736) [77,937] шакли мукаммал касб мекунад. Бахши «Фалсафаи аввал ё прологҳои онтологӣ»-ро Х. Волф бо

ин суханон оғоз менамояд: «Аввалин илми ҳастӣ, ки дар умум ба фалсафа мансуб аст, ба таҳқиқи мавҷудият махсус аст. Ин бахши фалсафаро онтология номидаанд, зеро он ба омӯзиши мавҷудияти умумӣ ва хоси объектҳое, ки дар атрофи он ҷараён доранд, машғул аст. Ба ҳамин тартиб, фалсафаи аввалӣ бо ин ном ишора карда мешуд» [77,19]. Ӯ онтологияро ҳамчун таълимоти асосии метафизика муаррифӣ менамояд, ки дар баробари соҳаҳои дигар — космология, теология ва психология, ба ҳайси яке аз қисматҳои бунёдии маърифати фалсафӣ, ҷой дорад.

Маҳз тавассути фаъолияти назариявии Хр. фон Волф, мафҳуми «онтология» дар асри XVIII дар фазои фалсафии Аврупо мавқеи устувор пайдо кард ва ба унвони категорияи асосии таҳлили фалсафии ҳастӣ пазируфта шуд.

Онтология на танҳо масъалаи ҳастиро ба сифати объекти мустақили таҳқиқ баррасӣ менамояд, балки қонуниятҳои умумии мавҷудиятро новобаста аз субъекти шинохт (инсон) ва фаъолияти ӯ тавзеҳ медиҳад.

Масъалаи асосии онтологияро фаҳмиши ҳастии воқеӣ ташкил медиҳад — ҳастии холис ва мутлақ, ки хориҷ аз ҳар гуна таҷрибаи инфиродӣ ва шартҳои эмпирикӣ мебошад. Муҳтавои таҳлили онтологӣ маҷмӯи мафҳумҳои бунёдии фалсафиро дар бар мегирад, ки барои фаҳми куллии ҳастӣ ва таркиби воқеият аҳамияти калидӣ доранд. Дар ин замина, истилоҳу дуализмҳои мафҳумӣ чун «ҳеҷ» ва «нестӣ» (ё нобудӣ), «имкон» ва «ғайриимкон», «муайянӣ» ва «номуайянӣ», «миқдор» ва «ченак», «сифат» ва «ҳақиқат», «вақт» ва «ҳаракат», «макон» ва «замон», «шакл», «ташаккул» ва «таҳаввул», «гузариш» ва дигар мафҳумҳо, дар зеҳни фалсафӣ ҳамчун заминаи таҳлили сохтор ва ҳолатҳои гуногуни ҳастӣ хизмат мекунанд.

Ин мафҳумҳо на танҳо дар сатҳи назариявӣ, балки дар доираи методологии фалсафа низ нақши муайянкунанда доранд. Маҳз тавассути

таҳлили таносуб ва робитаи ин категорияҳо, фалсафа ба шинохти амиқи ҳастӣ, ҳаракат ва тағйирот, инчунин иртиботи миёни зоҳир ва ботин, воқеъият ва имконот ноил мегардад.

Онтология яке аз масъалаҳои муҳим дар ҷаҳонбинии асотирӣ, динӣ, фалсафӣ мебошад, ки бо вуҷуди робитаи мутақобили байниҳамдигарӣ доштанашон, фаҳмишҳои мустақили худро доранд. «…асотир илми ибтидоӣ буда, дар он донишҳо ба шакли рамз ифода ёфтаанд, ки минбаъд роҳи пажӯҳишро ба дину фалсафа мекушоянд» [274,8]. Аз ин рӯ, категорияҳои асосии онтологӣ, ба мисли «мавҷуд» ва «ҳастӣ», «материя» ва «тафаккур», «воқеият» ва «идеалият», «замону макон», «ҳаракат» ва бархе аз онҳо дар заминаи ҷаҳонбинии асотирӣ ташаккул ёфтанд, ки ҳанӯз дар қолаби илмӣ устувор нагашта буданд. Ин ҷараён дар дин бештар таҳаввул пайдо кард ва сабаби бахши мустақили дониши фалсафӣ гирифтани онтология гардид.

Дар дин масъалаи ҳастишиносӣ дар *меҳвари фалсафаи илоҳӣ* қарор дошта, он кӯшиш мекунад ба ин саволҳо: «Чӣ чиз воқеан вуҷуд дорад?», «Худо чист?», «Мо ва ҷаҳон чӣ гуна ҳастем?» ҷавоб диҳад.

Дар таълимоти дини ислом Худо ягона ҳастии комил ва абадист. Ҳама мавҷудот ба тавассути иродаи Ӯ вуҷуд доранд. Яъне, ҳастии олам ва инсон вобаста ба Худост, на мустақил. Ҳастиро дар таълимоти динӣ ба ду навъ тақсим мекунанд: шуҳудӣ (яъне модӣ, диданӣ) ва ғайбӣ (маънавӣ, диданашаванда, масалан фариштa, арвоҳ, охират). Онтологияи исломӣ асосан тавҳидӣ аст: ҳама чиз аз Худо сарчашма мегирад ва ба Ӯ бозмегардад.

Дар дини масеҳӣ Худо ҳастии комили муҳаббат, ки ҷаҳонро аз «нестӣ» офаридааст. Дар таълимоти онҳо Худо, инсон ва ҷаҳон се навъ ҳастии алоқаманданд, вале танҳо Худо ҳастии мутлақ дорад. Ҷисми инсон муваққатист, вале рӯҳ ҷовидона аст, ин низ бахше аз онтология аст.

Дар таълимоти буддоия онтологияи ғайрмуътадил: буддоия мегӯяд, ҳеҷ мавҷудот нест, ки ҳастии мутлақ дошта бошад. Ҳама чиз муваққатӣ муаррифӣ мешавад. Ҳастӣ як раванд аст, на як чиз ва ҳама чиз дар тағйир аст.

Онтологияи динӣ, ба фарқ аз фалсафаи холис, бо эътиқод ва ваҳй асос меёбад. Дар динҳо, Худо маркази ҳастӣ аст. Инсон ва дунё ё махлуқанд (ислом, масеҳият), ё муваққатӣ (буддоия, индуизм).

Дар фалсафаи классикӣ онтология, ҳамчун муайянкунандаи ҳастӣ, арзи вуҷуд менамояд, ки он новобаста ба фаъолияти инсону шууру тафаккури он ифода мешуд.

Дар тӯли таърихи фикрии инсоният файласуфон шинохти ҳастиро ба се марҳилаи асосӣ тақсим намудаанд. Ин марҳилаҳо ҳар яке ба таври хос олам ва ҳастиро тавзеҳ медиҳанд ва аз якдигар бо дараҷаи тафаккур, манбаи шинохт ва муносибат ба воқеият фарқ мекунанд.

1. Марҳилаи асотирии шинохти ҳастӣ

Дар ин марҳила, инсон кӯшиш мекард, ки зуҳурот ва падидаҳои табииро тавассути ривоятҳои асотирӣ ва мазҳабии қадимӣ фаҳмонад. Ҳастӣ ҳамчун зоҳири иродаи худоён, неруҳои осмонӣ ва рӯҳониҳо тафсир мешуд. Афсонаҳо, қиссаҳои мазҳабӣ ва рамзҳои муқаддас воситаи асосии шинохти ҷаҳон буданд. Хусусиятҳои ин марҳила дар он зоҳир мешавад, ки одамон ба тафсири рамзӣ ва ғайримантиқӣ шуруъ мекунанд ва ба неруҳои фавқултабиию ғайб эътиқод намуда, оламро ҳамчун саҳнаи муборизаи қувваҳои некӣ ва бадӣ медонистанд. Мисоли равшани он мифологияи юнонӣ, афсонаҳои илоҳиёни Мисри қадим, ривоятҳои оини Зардуштӣ ва таълимоти динӣ дар даврaҳои ибтидоӣ мебошад.

2. Марҳилаи натуралистии шинохти ҳастӣ (онтологияи мантиқӣ)

Бо пешрафти ақл ва мантиқ, тафсири асотирӣ тадриҷан ҷойи худро ба тафсири табиӣ ва мантиқии ҳастӣ медиҳад. Дар ин марҳила, ҳастӣ ба унвони падидаи мустақили табиӣ ва воқеии «худ дар худ» баррасӣ

мегардад. Яъне, ҳастӣ мавҷуд аст ва барои фаҳмиши он лозим нест ба неруҳои ғайбӣ муроҷиат шавад. Хусусиятҳо ин марҳила дар ҳамин аст, ки мантиқ, таҷриба ва таҳлил истифода шуда, модда ва ҳаракат ҳамчун асли ҳастӣ таъкид мешавад ва ҳастӣ ҳамчун падидаи мустақил ва объективӣ маънидод мешавад. Осори фалсафии файласуфони Юнони Қадим, аз ҷумла Гераклит, Демокрит, Афлотун, Арасту ва дигарон намунаи онанд.

3. Марҳилаи шинохти фаъолонаи идрокӣ (фалсафаи И. Кант ва баъд аз ӯ)

Ин марҳила ба зоҳиршавии фалсафаи навин марбут аст ва бо номи «шакли идрокӣ ва фаъолонаи шинохт» маъруф аст. И. Кант ба тафсири наве аз ҳастӣ асос гузошт, ки тибқи он, олам ва ҳастӣ он гуна, ки мо онро дарк мекунем, натиҷаи сохтор ва фаъолияти зеҳнии худи инсон аст.

Хусусиятҳои ин марҳила чунин аст, ки ҳастӣ аз тариқи идроки инсонӣ фаҳмида мешавад, на худи воқеият, байни «чизи дар худ» ва «чизи барои мо» тафриқа гузошта мешавад ва равишҳои шинохт бар фаъолияти субъекти шинохта асос меёбад. Фалсафаи мунтақидона И. Кант, инчунин фалсафаи навини Аврупо, ки пас аз ӯ ташаккул ёфт (И. Фихте, Ф. Шеллинг, Г. Гегел) ба он мисол шуда метавонад.

Чи тавре, ки аз ин таъриф бармеояд, дар фарқият аз фаҳмиши асотирӣ ва динӣ онтология ҳамчун таълимот дар бораи сохторҳои ниҳоии бунёдии ҳастӣ фаҳмида мешавад. Дар аксари анъанаҳои фалсафӣ таълимот дар бораи ҳастӣ, ҳарчанд инъикоси мавҷудияти табииро дар бар мегирад, бо вуҷуди ин, танҳо ба он маҳдуд нест. Онтология аз ибтидо ҳамчун як навъи дониш амал мекунад, ки нисбат ба илмҳои эмпирикӣ меъёрҳои табиӣ надорад. «Вай бояд аз ҳуқуқи худ, барои сохтани тасвири олам, тавассути инъикоси ақоиди оқилонаву рефлексивӣ, дифоъ кунад» [105,6].

Масъалаҳои асосии онтология инҳоянд: ҳастӣ, сохтор, хосиятҳо, шаклҳои ҳастӣ (материалӣ, идеалӣ, экзистенсионалӣ), фазо, замон, ҳаракат ва ғ.. Аз ин рӯ, онтология фарогири тамоми олами мавҷуд аст, ки бо маълумоти илмҳои алоҳида маҳдуд намешавад. Файласуфи амрикоӣ В. Квайн онтологияро мундариҷаи баъзе назарияҳо, яъне объектҳое медонад, ки аз ҷониби ин назарияҳо, ҳамчун мавҷуд ҳастии он пешбинӣ шудааст.

Яъне, мавзуи асосии онтология «ҳастӣ» мебошад, ки он ҳамчун ягонагии ҳама намудҳои воқеият: объективӣ, физикӣ, субъективӣ, иҷтимоӣ ва виртуалӣ муайян карда мешавад. Воқеият ба таври анъанавӣ бо материя алоқаманд буда, ба материяи ғайрифаъол, зинда ва иҷтимоӣ ҷудо мешавад. Ҳастӣ ҳамчун ашёе, ки метавон тафаккур кард, ба ҳеҷи идрокнашаванда (инчунин нестии имкон дар фалсафаи арастуӣ) мухолиф аст. «Ба андешаи Арасту, – мегӯяд Т. Ирвин, – ҳар чиз он аст, ки мавҷуд аст, то он даме ки шакл дорад» [130, 37].

Дар асри XX, дар феноменология ва экзистенсиализм ҳастӣ бо моҳияти инсон ягона аст ва тавассути инсон дар бораи ҳастӣ имконияти фикр кардан ва масъалагузорӣ намудан ба вуҷуд меояд, гарчанде дар метафизикаи классикӣ ҳастӣ ҳамчун Худо фаҳмида шавад, аммо дар фалсафаи муосир инсон ҳамчун ҳастӣ соҳиби озодӣ ва ирода дониста мешавад.

Дар фалсафа, ду мафҳуми наздик ва асосӣ — онтология ва метафизика ҳамеша дар маркази баҳсҳои илмӣ қарор доранд. Ҳарчанд ин ду истилоҳ аксаран ба таври ивазшаванда истифода мешаванд, аммо таҳлили амиқ нишон медиҳад, ки байни онҳо ҳам тафовути мавзуӣ ва методологӣ ва ҳам робитаи дохилӣ ва таърихӣ вуҷуд дорад.

Дар ҷараёни ташаккули фалсафаи асримиёнагии тоҷик, махсусан дар осори Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино, ин робита ва марзҳо шакл гирифтаанд.

Онтология асосан ба саволҳои зерин дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик посух мегӯяд:

- Чӣ гуна ҳастӣ мумкин аст?
- Чӣ чиз мавҷуд аст ва чигуна навъҳои ҳастӣ вуҷуд доранд?
- Оё ҳастии умумӣ бар ҳастиҳои ҷузъӣ муқаддам аст?

Онтология, дар асл, зербахши муҳими метафизика аст, ки ба таҳлили маъно, сохтор ва категорияҳои умумии ҳастӣ машғул мебошад. Ибни Сино ин равишро дар бахши «Илоҳиёт» -и «Китоби шифо» бо таҳлили мафҳумҳои «Воҷибулвуҷуд», «мумкин-ул-вуҷуд» ва робитаи сабабу натиҷа мукаммал мекунад.

Метафизика дар фалсафаи машшоияи шарқӣ фаротар аз онтология рафта, илми умумии ҳастӣ ва умури ба он вобастаро, аз ҷумла:

- илм дар бораи Худо ва вуҷуди олӣ;
- масоили нафс ва маънӣ;
- сабабият ва ғоятшиносӣ;
- маънии «воҳид», «касрат», «зарурат» ва ғайраро дар бар мегирад.

Ба ибораи дигар, метафизика дорои паҳлуҳои гуногун мебошад ва онтология яке аз муҳимтарини онҳо ба шумор меравад. Он чи Ибни Сино ва Абӯнасри Форобӣ дар фалсафаи илоҳиашон анҷом додаанд, таҳия ва густариши метафизика дар маънои онтология мебошад, ки бештар ҷанбаи динӣ дорад.

Робитаи мутақобилаи онтология ва метафизикаро чунин муайян кардан мумкин аст: онтология ва метафизика, дар назари аввал, ҳаммаъно намоянд ҳам, аммо дар таҳлили илмӣ, онтология, ҳамчун илми ҳастӣ аз лиҳози умумият ва тасниф ва метафизика ҳамчун илми фалсафии фаротар аз табиат ва таҷриба, ки вуҷуд, Худо, нафс ва сабабиятро низ дар бар мегирад, фарқ мекунанд. Робитаи онҳо на танҳо таърихӣ, балки методологӣ низ ҳаст. Онтология бунёди таҳлилҳои

метафизикиро фароҳам меорад ва метафизика онтологияро дар шабакаи маърифати фалсафии фарох ҷой медиҳад.

Дар фаҳмиши файласуфони муосир намудҳои онтология чунин гуруҳбандӣ мешавад:

1. Мета-онтологияҳо мафҳумҳои умумиро тавсиф мекунанд ва асосан тавсифи вазифаи онтология ва мавзуъҳо оид ба табиати онтология ва усулҳои ташкили онро дар тамоми соҳаҳо баррасӣ мекунанд. Мақсади мета-онтологияҳо ба тавсифи мизони умумии онтология ва шаклҳои маърифат, методология ва ҷанбаи хулоса иртибот дорад. Масалан: саволҳои асосӣ дар мета-онтология ба монанди «Ҳастӣ чӣ гуна фаҳмида мешавад?» ё «Оё як чиз метавонад ду маротиба вуҷуд дошта бошад?» мебошад. Яъне, мета-онтология дар бораи таърифи умумии онто ва мафҳуми «ҳастӣ» тафаккур мекунад, на оид ба соҳаи мушаххаси он.

Ба ибораи дигар, мета-онтология кӯшиш мекунад, ки мизони умумии «ҳастӣ» ва «Existence» -ро шарҳ диҳад. Агар мо гӯем, ки «ҳастӣ» чиро ифода мекунад? Оё он танҳо мавҷудияти модӣ аст ё ғайримодӣ ҳам метавонад будан? Дар ҳоле, ки онтология тавсифи тафсири мавҷудият ва предметҳои аниқ ё моддиро дар олам дар бар мегирад, мета-онтология барои мо дурустии ин саволҳоро ба таври умумӣ ва умумият баррасӣ мекунад. Ҳамин тариқ, мета-онтология кӯшиш мекунад, ки на танҳо худи мавҷудият, балки усулҳои ба вуҷуд омадани маърифат ва таърифи он ва масъалаҳои ба он марбутро баррасӣ намояд.

2. Онтологияи соҳаи мавзуӣ тавсифи расмии соҳаи мавзуъ аст, ки барои тавсиф ва шарҳ додани мафҳумҳо ва истилоҳоти ин ё он соҳа истифода мешаванд. Онтологияи соҳа одатан барои равшан кардани мафҳумҳои дар мета-онтология муайяншуда истифода мешавад. Мақсади он фаҳмиши амиқ ва дақиқи мафҳумҳои соҳа ва тарзи истифодаи онҳо дар як контекст ё системаеро, ки дар он барои фаҳмиши

ҳама ҷузъҳо ва рафторҳо истифода мешавад. Масалан: Дар соҳаи тиб, онтологияи соҳа метавонад ба тавсифи истилоҳоти маъруфи илми тиб, монанди «ҳастӣ», «беморӣ», «дармон», «аломатҳо» ва ғайра машғул бошад. Масалан, *онтологияи соҳаи тиб* метавонад барои табиб маълумот дар бораи ташхиси бемориҳо ва таҳлили натиҷаҳои тести тиббӣ кӯмак расонад.

3. Онтологияи мушаххаси вазифавӣ онтологияест, ки заминаи умумии истилоҳоти вазифа ва масъалаҳоро муайян мекунад. Он як рамзи қолабии ҳар як соҳа ё масъала мебошад, ки бо таваҷҷуҳ ба вазифаҳо ё амалҳои мушаххас кӯмак мерасонад. Мақсади онтологияи вазифаи мушаххас фаҳмиши амиқ ва робитаи байни вазифаҳои муайян ва амалҳое, ки дар як вазифа ё система амал мекунанд, таъмин кардан аст. Масалан: Дар соҳаи муҳандисии барномасозӣ, онтологияи вазифаи мушаххас метавонад ба тавсифи системаи амалиётии кори шинохти мушаххаси мушкилот ва масъалаҳо дар як шабакаи компютерии муайян равона шавад.

4. Онтологияҳои шабакавӣ бештар барои тавсифи натиҷаҳои ниҳоии амалҳое, ки аз ҷониби объектҳои соҳаи мавзуъ ё вазифаҳо иҷро мешаванд, истифода мешаванд. Онҳо барои таҳлили таъсири байни объектҳои гуногун дар шабакаҳо ва системаҳо истифода мешаванд. Мақсади он акси ҳолатҳои ниҳоии шабакаи динамикӣ ва ҷараёни вазифаҳо ва амалҳоро фаҳмонида, равишҳо ва пайвандҳои байни элементҳои шабакаро муайян мекунанд. Масалан: Веби онтологӣ, ки барои таҳлили пайвандҳои байни вебсайтҳо ва маълумот дар интернет ва инчунин таъсири онҳоро ба якдигар ифода мекунад, намунаи хуби онтологияи шабакавӣ мебошад. Масалан, онтологияи шабакавӣ дар як система метавонад нишон диҳад, ки чӣ гуна як вебсайт бо дигар вебсайтҳо пайванд ва аҳамият дорад, ё чӣ гуна истифодабарандагон ба маълумотҳои муайян дастрасӣ доранд.

Ба мавзуи метафизика ваҳдати олам, абадият, безаволӣ, иродаи озод ва ғайра он ҳама чизҳое, ки барои таҷрибаи ҳиссии панҷгонаи инсон дастрас нестанд, дохил мешаванд. Азбаски метафизика дар доираи худ илмҳои зиёде (масалан, космология ва психологияи фалсафӣ)-ро фаро гирифта буд ва дар бораи масъалаҳои абстрактӣ баҳси худро матраҳ карда буд. Дар фалсафаи арастуӣ ва машшоиёни шарқӣ онро фалсафаи аввал, уло, мобаъдуттабиа номидаанд.

Файласуфи олмонӣ Х. Волф онтологияро нуқтаи ибтидоии метафизика эълон кард ва онро ҳамчун як низоми спекулятивӣ-дедуктивӣ муайян кард, ки ҳақиқатҳои заруриро дар бораи моҳияти чизҳо кашф мекунад. Яъне, Х. Волф бар он назар буд, ки ҳама таҳқиқоти метафизикӣ бояд аз омӯзиши ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ оғоз шаванд. Ба андешаи ӯ, онтология асос ва таҳкурсии тамоми метафизика аст, яъне, пеш аз баррасии Худо, нафс ё ҷаҳон, бояд моҳияти «ҳастӣ» ва «мавҷудият» фаҳмида шавад. Ин андеша идомаи кори Арасту ва Ибни Сино аст, ки онҳоро метафизика бо фаҳмиши «вуҷуд бил-ма ҳува» (**«ҳастӣ, ки он чист?»**) оғоз мешавад. Ин ба фаҳмидани моҳияти аслии мавҷудот ва ҳар он чизе, ки дар олам ҳаст, дахл мекунад. Метавон хулоса намуд, ки ин ду файласуф мавҷудиятро дар умумият ва миқдори асосии он тафсир кардаанд. Ба ибораи дигар, «ҳастӣ» на танҳо як зуҳури модӣ ё физикӣ, балки як консепт ва маънои амиқтар барои фаҳмидани тамоми олам ва табиати воқеият аст. Ин равияи фалсафӣ имконият медиҳад, ки мавҷудият ва ҳастии ашё на танҳо дар заминаи физикӣ, балки дар асоси амиқи метафизикӣ ва маърифатӣ баррасӣ ва фаҳмида шаванд.

Х. Волф ҷонибдори усули ақлгароӣ буд ва бовар дошт, ки ҳақиқатҳои фалсафиро метавон тавассути тафаккури мантиқӣ (спекулятивӣ) ва хулосабарории қатъӣ (дедуктивӣ), мисли усули риёзӣ, ба даст овард. Барои ӯ онтология бояд мисли як системаи мантиқӣ

бошад, ки аз ақидаҳои умумӣ (аксиомҳо) оғоз мешавад ва дар асоси онҳо бо усули дедуктивӣ ҳақиқатҳои навро исбот мекунад. Яъне, онтология бояд на танҳо чизҳоро тавсиф кунад, балки ҳақиқатҳои зарурӣ ва абадӣ дар бораи онҳо, яъне хусусиятҳое, ки бе онҳо он чиз вуҷуд дошта наметавонад, ошкор кунад. Масалан, барои фаҳмидани моҳияти инсон, бояд муайян кард, ки кадом хусусиятҳо инсонро инсон мекунанд — ақл, шуур, озодӣ ва ғайра. Ин равиш аз эҳсосу таҷриба гузашта, ба як сохтори қатъии маърифатии асосии фалсафӣ табдил меёбад, ки дар фалсафаи Ибни Сино ҳам баён шудааст [16,110].

Г. Гегел бар он назар буд, ки онтология барои омӯзиши ҷанбаҳои фавқулоддаи олам ва таҳияи таърифҳои абстрактии моҳият пешбинӣ шудааст [84,261]. Вазифаҳои он таҳқиқ намудани (дар иртиботи зич бо гносеология) таносуби категорияи ҳастӣ бо мафҳумҳои моҳият, мавҷудият, ҳақиқат, воқеият ва ғайра мебошанд. Бояд зикр намуд, ки дар таърихи фалсафа батадриҷ, навъҳои гуногуни онтологияи ҷомеа таҳаввул карданд: теология, ангелология, назарияи рӯҳ, таълимот дар бораи оламҳо, миқдор, мавҷудот, монадаҳо ва ғ.)

Ба назари мо, онтология, сарфи назар аз решаҳои метафизикӣ ва характери назариявии худ, ҳеҷ гоҳ танҳо як илми сирф спекулятивӣ набуд. Он ҳамеша бо таҷрибаҳои маърифатӣ ва ҳаёти воқеии инсон иртибот дошт. Аз таҳқиқи ҳастӣ ҳамчун ҳастӣ то баррасии муносибати инсон бо ҳастии умумӣ, онтология ба як соҳаи комплексии фалсафӣ табдил ёфтааст, ки бо гносеология, этика ва антропология робитаҳои зич дорад. Он на танҳо ба дедуксия, балки ба индуксия, қиёс, дониши таҷрибавӣ дар бораи ҷаҳон ва инсон, эътиқод ва ҳиссиёт такя мекард ва талаботи ғоявии ҷомеаро қонеъ мекард. Бо вуҷуди он, онтология ба усули хулосабарории назарӣ такя намуд ва мақоми тафаккури табиӣ-фалсафӣ аз вижагиҳои таҳқиқоти илмию табиӣ боло гузошта шуд, ки

дар натиҷа, дар асри XIX, ихтилофи ҷиддиеро байни онтология ва табиатшиносӣ ба миён овард.

И. Кант дар асари маъруфи худ «Kritik der reinen Vernunft» (Танқиди ақли холис, 1781) ба он андеша мерасад, ки фалсафаи анъанавии метафизикӣ, ки тавассути дедуксия ва мафҳумҳои ақлонӣ мехост ҳақиқатро муайян кунад, ба як раванди догматикӣ мубаддал шудааст. Ба ақидаи ӯ ҳақиқати ҳастиро фақат бо ақл ва мантиқ (дедуксия) фаҳмидан ғайриимкон аст, зеро ақл маҳдуд аст ва воқеиятро ҳамеша аз зери «айнаки шинохти инсонӣ» мебинад, на худи воқеиятро.

Зери мафҳуми метафизика, ӯ гуфтор дар бораи «чиз дар худ» -ро мефаҳмид, на маҳсули таҷрибаро. «Чиз дар худ» (Ding an sich)-и Кант ҳаргиз кашфшаванда ва донисташаванда нест». «Чиз дар худ», яъне воқеият он гуна ки ҳаст, бидуни он ки он ба шуури мо расида бошад. Ба андешаи Кант, ин чизҳо ҳаргиз мустақим шинохта намешаванд, зеро ақли инсон танҳо бо «намоён» ё «зуҳурот» (Erscheinung, phenomenon) маҳдуд аст.

Бояд гуфт, ки баъзе мунаққидон (масалан, Г. Гегел) инро рад карданд.

Метафизика ҳамчун «илми қатъии дониш» (мисли физика ё риёзӣ) эътибор надорад, зеро он таҷриба намешавад, санҷиданаш имкон надорад, бар пояи мафҳумҳои худ сохта мешавад. Кант онро ҳамчун илм дар маънои таҷрибавӣ қабул надорад, вале ҳамчун соҳаи таҳлили ақл эътироф мекунад. Метавон арзёбӣ кард, ки ӯ мекӯшид метафизикаи навро бар пояи шинохти маҳдудияти ақл барпо кунад, яъне ба метафизикаи интиқодӣ расад ва он хоси назарияи И. Кант аст.

Номиналистон (хусусан позитивистҳо) танқиди онтологияро шадидтар карда, таъкид бар он доштанд, ки инсон танҳо тавассути эҳсосоти худ маълумот мегирад ва афзалияти шуури худро медонад, аммо на он оламро, ки ҳамчун иерархияи шаклҳои объективии

мавҷудият аз ҷониби Мутлақ, Худо ба вуҷуд омадааст. Ба андешаи номиналистон агар онтология имконпазир бошад, он танҳо ҳамчун аҳкоме дар бораи мавҷуди субъективӣ ва мавҷудияти шуури инсон аст ва аҳкоми метафизикӣ дар бораи ҳастии берун аз эҳсосот маъно надорад.

Барои баррасии мавзуи онтологияи классикӣ нигилизми атеистӣ (мавҷудияти Худоро рад мекунад ва арзишҳои метафизикии анъанавиро беэътибор мешуморад) мусоидат намуд, ки инсонро дар маркази ҳастии худ ба ҷои Худо гузошт, яъне таълимоти воқеияти мутлақро антропологияи фалсафӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ иваз кард. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба онтологияи анъанавӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт.

Бо зуҳур ва пайдоиши «фалсафаи ҳаёт» (А. Шопенгауэр, Ф. Нитше, Г. Зиммел, В. Дилтей), аксиологияи М. Шелер, феноменологияи Гусерл, экзистенсиализми (М. Ҳайдеггер, Ж. Сартр, Г. Марсел) ва «ратсионализми интиқодӣ» -и (П. Поппер, П. Фейерабенд) таваҷҷуҳ ба ба масъалаҳои онтологӣ аз нав эҳё гардид. Дар баробари он, онтология бо муаммои мавҷудияти инсон иртиботи қавӣ дошт. М. Ҳайдеггер дар «Ҳастӣ ва замон» ном таълифоти хеш ба се намуди «ҳастӣ» ишора менамояд:

- «Ҳастӣ» возеҳтарин мафҳум набуда, он мафҳуми нисбатан умумист ва консепсияи ҳастӣ таҳқиқи дигарро талаб мекунад;

- номуайян будани мафҳуми «ҳастӣ» онро аз ҳудуди умумияти олӣ хориҷ мекунад, аммо номуайян будани «ҳастӣ» далели дурӣ аз шинохт ва дарки маънии он набуда, ба тадқиқи он далолат мекунад;

-»ҳастӣ» ҳамчун манбаи тафаккур дар ҳама андешаву робитаҳо вуҷуд дошта, маънии ҳар сухан аз «ҳастӣ» иборат аст. Барои мисол: «Майсазор сабз буд», «Ман саодатманд хоҳам шуд» ва ғайра. Ҳамин гуна фаҳмиш худ нисбӣ буда, маънии онро дорад, ки дар ҳар гуна муошират ва вуҷуди ҳастӣ сирре ниҳон аст ва он таҳқиқ мехоҳад». [311,18-19]

Бояд муътакид шуд, ки фард дар шаклҳои мавҷудияти худ аз ҳастии ашё ҳеҷ тафовут надорад, дар ҳоле ки падидаи вуҷуд доштан танҳо ба мавҷуде хос аст, агар дорои ҳастии экзистенсиалӣ ва фардӣ бошад. Аз ин рӯ, вуҷуди комил ҳастии тамоми фалаки рӯҳонӣ, тамоми фазои олами ҳаётро пешбинӣ мекунад, ба тавре ки ҳар ҳамвуҷуд, ҳатман зери қонуни иштирок қарор мегирад. Ин аст, ки маънии ҳузур, зарурати он дар уфуқи «вуҷуд дар олам», худи ҳамон ҳузур, ки зери мафҳуми он тамоми абъоди нафсонӣ ва фаромарзии ҳақоиқи мутаолии инсон ошкор мешавад.

Ба андешаи файласуф ва муаррихи шведӣ Я. Буркхардт маънои жарфи ҳаётро, дарк кардан мумкин нест, онро танҳо эҳсос кардан мумкин аст. Аммо маънои ҳаёт, ки ба табиати инъикоснашаванда хос аст, дар он воқеияти бевосита метавонад бо мо бо забони садоҳо, рангҳо ва ламсҳо муошират кунад.

Дар ин ҷаҳди худифшоии ҳиссӣ лаҳзаи ҷараёни ҳаёт сифаташро дигар мекунад: вай ҳақиқӣ ва комил мешавад. Вай дорои ҳузури пурраи шахсе мебошад, ки ҳаётро ҳамчун як унсури воқеӣ, ҳамчун ашёе аз ҷиҳати материалӣ арзишманд «дар ин ҷо» ва «айни ҳол» ва ҳамзамон ҳақоиқи мутаолӣ эҳсос мекунад, ки ба арзишҳои олӣ – ҳақиқат, некӣ ва зебоӣ нигаронида шудааст. Дар ин сурат тафаккуреро, ки оламро дарк мекунад, дигар метавон ҳамчун як тафаккури оддии ғояҳои трансперсоналӣ, «абадӣ», объективии навъи афлотунӣ баррасӣ кард. М. Ҳайдеггер дуруст қайд мекунад, ки тафаккури ҳақиқиро бояд ҳамчун «сомеъ» маънидод кард: ҳастиро фаро гирифтан мумкин нест, онро танҳо дарк кардан мумкин аст. М. Ҳайдеггер дар асари худ «Ҳастӣ ва Вақт» (Being and Time) [311] фарқи байни «онтик» ва «онтологӣ» -ро муаррифӣ мекунад. Онтика ба таҳқиқи хусусиятҳои мушаххаси мавҷудот (онҳо) ишора мекунад, дар ҳоле ки онтология ба таҳқиқи маънои умумии ҳастӣ (Sein) дахл дорад. Ҳайдеггер таъкид мекунад, ки фалсафаи анъанавии Ғарбӣ бештар ба таҳқиқи онтик машғул аст, ки боиси

фаромӯш кардани маънои аслии ҳастӣ шудааст. М. Ҳайдеггер пешниҳод мекунад, ки фалсафа бояд «онто-логия» бошад, яъне таҳқиқи аслӣ ва амиқи маънои ҳастӣ. Вай таъкид мекунад, ки танҳо тавассути дарк ва эҳсоси амиқи ҳастӣ, мо метавонем маънои аслии мавҷудотро фаҳмем.

Файласуфи россиягӣ Г. Г. Майоров моҳияти тамоми фалсафаро ҷустуҷӯи мутлақ муайян кардааст. «Гап дар он аст, ки, – менависад ӯ, – илоҳиётшинос дар аввал мутлақияти илоҳиро дар имондорӣ қабул мекунад ва баъд дар асоси эътиқоди худ, муносибатҳои байни Худоро ҳамчун Мутлақ, аз як тараф, оламу одамро аз тарафи дигар мегузорад.

Файласуф бошад, ба самти муқобил: аз олам ва инсон ба Мутлақ ҳаракат мекунад. Дар баробари ин, роҳи файласуф беохир аст, ҳатто агар вай роҳи дуруст интихоб карда бошад ҳам, фалсафа, азбаски бо роҳи маърифат ҳаракат мекунад, дарки ҳақиқати мутлақ ғайриимкон аст» [167,8].

Албатта, ин ақида то андозае дуруст аст, аммо дар таълимоти намояндагони мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик (машшоиён, аҳли тасаввуф ва ғ.) оид ба дарки ҳақиқати мутлақ таъкидҳо мераванд, ки дар зербобҳои навбатӣ ташреҳ ёфтаанд.

Масъалаи дигаре, ки мавриди пажуҳиши мо қарор гирифтааст, ин ҳастии пок ё соф аст. Он мутлақ, номуайян, абадӣ, якто, бидуни қисмат, шабеҳи ҳеҷ чиз набуда, тасаввурнопазир аст. Он бо ҳама қудрати тасаввурнопазирӣ фароҳам омада, худмуайянкунанда аст, ҳастии комилро меофарад, «маҷмуи ашё ва равандҳои ҷудогонаро, ки хусусияти нисбӣ ва муваққатӣ доранд, ба вуҷуд меорад.

Агар мафҳуми мутлақро таҳлилу баррасӣ намоем мутлақ як мафҳуми фалсафию динӣ буда, ифодагари асосии универсалии ҷаҳон, ҳастии комил мебошад. Мутлақро файласуфони динӣ ҳамчун асоси офарандаи ҳама чизи мавҷуда ва омезиши ҳамоҳанги мавзуъ ва ашё

тавзеҳ мекунанд. Мутлақ ҳамзамон ягона, абадӣ ва баръакси ҳама мавҷуди нисбӣ ва шартӣ низ мебошад.

Дар халли масъалаҳои маърифати мутлақ дар дин ва фалсафа ду ҷавоби ба ҳам зид таҳия шудааст:

1) Мутлақ қисман шинохташаванда аст;

2) Мутлақ шинохтанашаванда аст.

Ин тафриқа ба ду мактаби мухталифи фалсафӣ ва динӣ иртибот дорад, ки ҳар кадом ба таври гуногун ба масоили маърифати мутлақ муносибат мекунанд. Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҳастӣ на танҳо дар робита ба моҳияти худи он, балки аз нигоҳи маърифатшиносӣ низ таҳлилу баррасӣ шудааст. Шинохташавандагии мутлақ дар назарияи фалсафаи пантеизм ва космологӣ истифода мешавад. Ҳолати қисман шинохташаванда ба маънои он аст, ки мо наметавонем ба таври пурра ё комил мутлақро дарк кунем, аммо баъзе ҷанбаҳои он метавонанд тавассути таҷриба ва маърифати инсонӣ фаҳмида шаванд. Инро метавон дар назарияи Ибни Арабӣ ё дигар равияҳои ирфонӣ, ки ба таври қисман ва ё рамзӣ ба мутлақ ва маърифати маънавии инсон нигоҳ мекунанд, мебинем.

Шинохтанашавандагии мутлақро асосан назарияҳои ирфонӣ ва анъанавӣ ҷонибдорӣ мекунанд, ки мутлақ ё асли ҳаёт ва ҳастӣ (мисли Худо) наметавонад тавассути ақл ва хирад фаҳмида шавад. Маърифати мутлақ, ба гуфти баъзе уламои динӣ ва фалсафӣ, берун аз қобилияти инсоният аст ва фаҳмидани он танҳо тавассути таҷрибаҳои ирфонӣ ва ба воситаи боварӣ ва имон аст.

«Файласуфони равияи объективӣ-идеалистӣ, одатан, мутлақро бо Худо рӯҳи мутлақ, ғояи мутлақ, «ман» -и мутлақ; дар айни замон, доварӣ дар бораи тағйирнопазирӣ ва худшиносӣ, шахсияти мутлақ баробар мекунанд. Барои файласуфони материалистӣ материя мутлақ фаҳмида мешавад, ки маънии ибтидо ё ҳамчун як моҳияти беҳаракат ва

худкифо, ё ҳамчун асоси доимо тағйирёбанда ва навшавандаи коинотро дорад» [238,26].

Истилоҳи *мутлақ,* «absolut» дар фалсафаи аврупоӣ, дар охири асри XVIII аз ҷониби файласуфони олмонӣ М. Менделсон ва Ф. Якоби, ҳамчун синоними тавсифи пантеистии файласуфи ратсионалист ва натуралисти нидерландӣ Б. Спиноза (Худои ғайришахс), дар матнҳо ва таҳқиқоти фалсафӣ ворид карда шуд. Сипас, дар фалсафаи классикии Олмон, ба шарофати системаи фикрии Ф. Шеллинг ва Г. Гегел мафҳуми «мутлақ» шакли фалсафии хеле фарох ва умумӣ пайдо кард. Ин мафҳум дигар танҳо ба як чизи муайяни илоҳӣ ё фалсафӣ ишора намекард, балки маҷмуи мафҳумҳои хеле васеъ ва универсалиро дар бар мегирифт, аз ҷумла: Ягона (воҳид ва мутамаркази ҳастӣ), Логос (ақл ё сухани бунёдӣ дар коинот), Дао (роҳи табиӣ ва абадӣ дар фалсафаи шарқ), Модда, Мавҷуд, Субстрати умумиҷаҳонӣ ва дигар мафҳумҳое, ки куллият ва асоси ҳастиро инъикос мекунанд. Ин маънӣ ҳатто ба мафҳумҳои қадимтарини шарқӣ ва юнонӣ, чун браҳма, холӣ (шунята), морф ва тартиб наздик аст, ки ҳама ба як асли ягонаи ҷаҳон ишора мекунанд [239,6].

Бояд хулоса кард, ки фалсафаи Ф. Шеллинг ва Г. Гегел мафҳуми «мутлақ» -ро ба як категорияи умумии ҳастӣ табдил доданд, ки дар он тамоми мафҳумҳои асосии фарҳангҳо ва мактабҳои фикрии ҷаҳон метавонанд ҷой гиранд. Мутлақ акнун ҳамчун маркази маърифати куллӣ ва ҳастии умумибашарӣ фаҳмида мешавад.

Дар замони мо ғояҳои номуайян дар бораи мутлақ ба маънои оддӣ ва васеъ, тақрибан, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти инсон истифода мешаванд: ҳудуди ҷисмонӣ ва доимӣ (масалан, ҷисми сиёҳи мутлақ, суръати мутлақи рӯшноӣ), табиати назорати иҷтимоӣ (масалан, монархияи мутлақ), дастовардҳои баландтарин дар санъат (масалан, шоҳкории мутлақ), дар варзиш (масалан, рекорди мутлақи ҷаҳонӣ) ва ғ.

Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳанд, ки дар дин ва фалсафа якчанд тасвирҳои муттаҳидшудаи мутлақро ташхис кардан мумкин аст: 1) Худои ягона (динҳои давраи Иброҳим, теизм); 2) ҳастии ғайришахсӣ ҳамчун манбаи мутлақи мавҷудият (Браҳман, Ягонаи бидуни сифат, Татҳага-та, материя); 3) мутлақ хоси ҳар инсон мебошад (атманҳои ҷовид, Рӯҳи Муқаддас); 4) ҳадафи мутлақ (нирвана, Малакути Осмон, коммунизм); 5) лашкари осмонии Худоён, ки ба ҳадафи ягона ноил мешаванд (ками, вакан); 6) мутлақе, ки дар асоси ваҳйи асосгузори дини мушаххас, таълимот, фалсафа сохта шудааст (Буддои кайҳонӣ, Масеҳи ҷовид); 7) мутлақ ҳамчун қонуни ҷовидонӣ (Дао, Логос, қонуни ваҳдат ва муборизаи мухолифон) [239,8]. Ба ин ҳафт омили таъкиднамудаи А. Сагадеев ҳаштумашро илова кардан мумкин аст, яъне «масъалаи муносибати инсон ва мутлақ».

Масъалаи дигаре, ки дар аксари мактабҳои фалсафӣ бисёр муҳим аст, ин масъалаи ҳастии комил аст. Тамоми мавҷуди офаридашуда, ба монанди олам, кайҳон ҳастии комил фащмида мешавад.

Фалсафаи муосир ҳастиро як низоми ягона мешуморад, ки ҳамаи қисмҳои онҳо бо ҳам алоқаманданд ва як навъ комилӣ, ягонагиро ифода мекунанд. Дар баробари ин, олам тақсимшуда аст ва сохтори равшан дорад. Роҷеъ ба ин нукта, файласуфи тоҷик М. Қ. Ғаффорова ба андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намуда, шаклҳои асосии ҳастиро чунин тавзеҳ медиҳад:

«-ҳастии табиат (ҳамчун манбаи фаъолияти инсон мавҷудияти он ба инсон вобаста нест);

-ҳастии инсон (тани инсон табиӣ буда, он вобастаи ҳама қонунҳои табиат: тағйирпазир, муваққатӣ, яъне фаношаванда);

-ҳастии маънавӣ (равандҳои шууру бешуурона, меъёрҳои муошрати ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва бадеии байни одамонро фаро мегирад);

-ҳастии иҷтимоӣ (ваҳдати ҳастии инфиродию ҷамъиятӣ, истеҳсолоти модӣ принсипи асосии ҳастии иҷтимоӣ мебошад)» [97,54-55].

Ҳарчанд ҷаҳони воқеӣ дорои хусусияти дискретӣ ва сохтори мушаххас аст, ин тафовутҳо ва ҷудоии зоҳирӣ манбаи нафйи ягонагии умумӣ намешаванд. Баръакс, маҳз дар заминаи ин гуногуншаклӣ, як навъ мутобиқат ва ҳамоҳангӣ дар сатҳи ҳастӣ зоҳир мегардад, ки фалсафаи муосир онро ҳамчун комилӣ ва дорои тартиботи дохилӣ ва муназзам мешиносад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ин таърифи марксистии ҳастӣ, дар шинохти масъала нокифоя буда, бинишҳои дигаре низ дорад. Яъне, ҳастӣ бо таъсири равишҳои герменевтикӣ ва структуралистӣ (масалан, дар фалсафаи Г. Гегел, М. Ҳайдеггер ва Ж. Сартр) оламро ҳамчун маҷмуи ҷузъиёт ва ҳам ҳамчун як комилан ягона мефаҳманд.

Муҳокимаи М.Қ. Ғаффорова пайванди амиқ миёни шаклҳои гуногуни ҳастиро равшан мекунад ва ба тафаккури муосир як асоси методологӣ медиҳад, ки бо он метавон инсон ва оламро на ҷудогона, балки дар иртиботи мутақобила ва пайваста таҳлил кард. Маърифати ҳастӣ дар ин равиш на танҳо як амали назариявист, балки роҳи худшиносӣ ва ҷаҳонфаҳмии инсонӣ низ мебошад.

Шарҳи шаклҳои ҳастии мазкур чунинанд:

-**ҳастии табиат** шакли аввалини воқеият, олам буда, ба ғайр аз одам, ҳама ашёи мавҷударо дар бар мегирад. Он натиҷаи эволютсияи дуру дарози универсалӣ мебошад;

- ташкили системавии сохтори олам, яъне инкишофи олам ҷараёни дигаргуншавӣ ва таъсири мутақобилаи системаҳое мебошад, ки онро ташкил медиҳанд. Қобилияти ҳамаи системаҳои табиӣ, ҷамъиятӣ барои худсозмондиҳӣ, ба дараҷаи баланди муташаккилӣ ва мураттабӣ гузаштан аст;

- зерисистемаҳои ашёҳо ва майдон, яъне ашё як намуди материяест, ки массаи ором дорад. Майдон намуди асосии материяест, ки зарраҳо ва ҷисмҳоро мепайвандад.

-зерисистемаҳои табиати беҷон ва зинда, яъне табиати беҷон ҳаракати зарраҳо ва майдонҳои элементарӣ, атомҳо ва молекулаҳо мебошад. Дараҷаи вай вакуумӣ, микроэлементӣ, атомӣ, молекулярӣ, дараҷаи макро, дараҷаи мега мешавад.

Табиати зинда – раванд ва падидаҳои биологӣ, ки аз ғайризинда ба вуҷуд омада, дар дохили онанд, вале дараҷаи гуногуни инкишофро ифода мекунанд. Дараҷаи вай молекулярӣ, ҳуҷайравӣ, микроорганизм, матоӣ, биогеосенотикӣ, биосферӣ мешавад.

Ҳастии маънавӣ бо ҳастии иҷтимоӣ зич алоқаманд буда,

- сохти ҷамъиятро дар сатҳи худ такрор мекунад ва сохтори сотсиумро бунёд менамояд;

- сохтори маънавии ғайриидрокии фардӣ ва коллективӣ (архетипҳо)-ро фарогир аст, ки дар равони одамон дар давраи пеш аз тамаддун ташаккул ёфтаанд;

- алоқаи байниҳамдигарии ҳамаи шаклҳои ҳаёти маънавӣ бо истеҳсолот, амалия (кайҳоншиносӣ, биоинженерӣ ва ғайра)-ро пурзӯр менамояд;

- технологияҳои нави иттилоотӣ ва воситаҳои иртиботӣ ҳастии маънавиро бештар динамикӣ ва мутаҳаррикӣ кардааст. Нақши ин сохторҳо муҳим ва ҳалкунанда дониста мешавад.

Ҳастии иҷтимоӣ ҳастии ҷомеа ва ҳастии инсон, сохтори ҳаёти иҷтимоӣ ё ҷамъиятӣ: фард, оила, коллектив, синф, этнос, давлат, инсониятро дар бар мегирад. Ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ: истехсолоти модӣ, илм, соҳаи маънавӣ, соҳаи сиёсӣ, соҳаи хизматрасонӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Ҳастӣ категорияи абстрактӣ буда, таҳаввул ва асоси универсалии тамоми мавҷуди мушаххасро ифода мекунад ва ба ҳар як объект дараҷаи воқеияташро муайян менамояд ва онро аз нестӣ ва бенизомӣ тафриқа мегузорад. Ҳастиро метавон чун категорияи нӯҳум муайян кард, ки дар маркази муносибати ҳашт категорияи бунёдии онтология: мутлақ ва нисбӣ, замон ва абадият, моҳият ва мавҷудият, воқеият ва нобудӣ аст.

Дар таҳқиқи маънии калимаҳо, бештар тавассути вожаҳои зидмаъно, моҳияти асолат ва зуҳури онҳоро идрок кардан мумкин аст. Яъне, ҳастиро ба воситаи нестӣ муайян кардан ҳам борҳо мавриди баҳси олимони соҳа гардидааст. Нигитология таълимот дар бораи нестӣ буда, зидгузории он (бо ҳастӣ) барои ҳалли масъалаи асосии фалсафа кӯмак мекунад. Дар ин бора, ба вижа В. Кутирёв таҳқиқоти арзишманде дорад. [383] Масалан, ӯ «ҳастиро субстансия меномад ва онро якумдараҷа ва «нестӣ» - ро аксиденсия номида, онро дараҷаи дуввум меҳисобад, аз ин хотир, ҳастиро ифодаи сабабии ҳастӣ донистааст. Барои ӯ ҳастӣ маънии ҳаёт, некӣ, ростиро дошта, нестӣ ин фано, зиштӣ, дурӯғ ва бенизомӣ аст. Ба андешаи ӯ, онтология набояд дар асоси категорияҳои «ҳеҷ чиз» ва «нестӣ» бунёд ёбад [382,16].

Таҳлили масъалаҳои методологии ҳастишиносӣ дар мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик нишон медиҳад, ки онтология ҳамчун пояи таҳлили фалсафӣ, мақоми марказӣ дорад. Муайян гардид, ки мафҳуми ҳастӣ ҳамчун мафҳуми бунёдӣ, ҳамеша дар меҳвари баҳсҳои фалсафии машшоия ва тасаввуф будааст. Дар ин замина, таъсири афкори Арасту ба мутафаккирони форсу тоҷик, хусусан Ибни Сино хеле амиқ зоҳир мешавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки мафҳуми ҳастӣ дар мактаби машшоияи шарқӣ, хусусан дар осори Арасту, Форобӣ ва Ибни Сино, ба сифати мафҳуми универсалии бунёдӣ ташреҳ шудааст. Аз нигоҳи Ибни Сино, ҳастӣ ҳамчун воқеияти комил ва асоси кулли мавҷудот баррасӣ мешавад

ва он на ҳамчун категорияи таҷрибавӣ, балки ҳамчун зуҳуроти зарурии ҳастии ҳақиқӣ дарк мегардад.

Файласуфони тоҷик, монанди М. Диноршоев ва К. Олимов дуруст таъкид намудаанд, ки масъалаи ҳастӣ бояд аз худшиносии инсон оғоз шавад, зеро «ҳастӣ» танҳо падидаи беруна нест, балки таҷассумгари маънавиёти инсонӣ низ ҳаст. Аз ин ҷиҳат, омӯзиши онтология бе баррасии заминаҳои иҷтимоиву фарҳангии давра номумкин аст.

Ҳамин тавр, онтология дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик танҳо фаҳмиш ва таҳқиқи ҳастӣ нест, балки ҷаҳони маънавӣ ва рамзии инсонро низ фаро мегирад. Масъалаҳои асосии онтология ин ҳастӣ, нестӣ, моҳият, замон, ҳаракат ва воқеият буда, дар таълимоти фалсафии асрҳои миёнаи тоҷик бо усули хос ва дар пайванди мантиқӣ бо масъалаҳои ахлоқӣ ва маърифатӣ таҳлил ёфтаанд. Ин таълимот то имрӯз дорои аҳамияти илмӣ ва арзиши маънавии бузурганд.

1.2. Масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ»

Дар ин зербоб таҳлили диалектикӣ ва герменевтикӣ ба кор бурда шудааст. Мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «нестӣ» ,ҳамчун ҷуфтҳои диалектикӣ таҳлил шуда, шеваи таъриф ва муносиботи онҳо дар фалсафаи машшоӣ ва ирфонӣ муқоиса шудаанд.

Масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ» яке аз аввалин масъалагузорӣ дар фалсафа мебошад. Чаро ҳастӣ ба нестӣ муқобил гузошта шуд?

Қабл аз зоҳир шудани фалсафаи ратсионалӣ, ҷаҳонбинии донишмандони Юнони Қадим бештар мифологӣ буд. «Ҳастӣ» ва «нестӣ» дар ривоятҳо (мифҳо) зикр мешуданд: офариниши худоён, муборизаи нур ва зулмат, аммо ин тасвирҳо рамзӣ ва ривоятӣ буданд, на мантиқӣ. Дар асри VI–V пеш аз милод, файласуфоне мисли Фалес, Анаксимандр, Гераклит ва Парменид кӯшиданд ба масъалаҳои оламу одам аз рӯи ақлгароӣ ва мантиқ назар кунанд, на мифологӣ. Парменид ва

пайравонаш фаҳмиданд, ки барои фикр кардан ва сухан гуфтан, бояд танҳо аз он чизе ки мавҷуд аст оғоз кард, яъне зарурати мантиқӣ пеш омад. Андешаҳое пешорӯ шуданд, ки барои дар бораи «нестӣ» фикр кардан он ба ҳастӣ мебоист табдил дода шавад, зеро он мавриди зикр қарор мегирад. Ба андешаи Парменид нестӣ вуҷуд надошта, ҳастӣ яклухт ва тағйирнопазир аст. Ба ақидаи Гераклит ҳама чиз тағйир меёбад ва ҳастӣ бо нестӣ пайваст аст ё худ марҳилаҳои як раванд маҳсуб меёбанд.

Муқобилгузории «ҳастӣ» ва «нестӣ» маҳсули тафаккури диалектикӣ ва мантиқ буда, дарки он бе муқоиса номумкин аст. Яъне, барои идроки инсон, ҳар мафҳум маънои худро танҳо дар муқоиса бо мафҳуми зидди худ мегирад ё онҳо дар шакли санавият фаҳмида мешаванд: мо «гарм»-ро танҳо вақте дарк мекунем, ки «сард» вуҷуд дошта бошад. Дар илм, муқобилгузории «ҳастӣ» ва «нестӣ» ба таври қатъӣ вуҷуд надорад, яъне бештар масъала ба ҳолатҳо ва зоҳиршавӣ алоқамандӣ дорад, аммо фаҳмиши инсонӣ, ҳатто дар илм, ба таври мафҳумӣ ба ин муқоиса такя мекунад.

Категорияи «нестӣ» дар ҳаёти маънавию иҷтимоии инсон чӣ мақоме дорад? Дар аксари устураҳои халқи олам «ҳама чиз» аз «ҳеҷ» мавҷудият меёбад. Пас, ташаккули он чӣ тавр аст? Дар тахайюлоти динӣ ва фалсафии ибтидоӣ ин муаммо чун асроре боқӣ монд. Зеро ин категория барои тафаккур кардан ва дар доираи мубоҳисаҳои мифологӣ, динӣ ё илмию фалсафӣ матраҳ гардида, зарурати бештар аз лиҳози ҳадафе ё мақсаде мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Аз ин рӯ, зарурат ба ташреҳу тавзеҳи фалсафӣ, идроки методологии «нестӣ» ҳамчун категория, муаммои синтези фалсафии идеяҳо оид ба «нестӣ» пеш меояд. Муаммои «ҳеҷ чиз» ва «нестӣ» шомили бахши онтологияи фалсафа гардида, эҳтиёҷ ба исботи мавҷудияти «нестӣ» ва

саҳми он дар идроки «ҳастӣ» зарур мегардад. Аз он лаҳза категорияи «ҳеҷ чиз» мафҳуми нахустмавҷуд дониста шуд.

Тасдиқи рамзии офариниши илоҳӣ «аз ҳеҷ» ё «нестӣ» мушкилоти комилан нави муносибати байни ҳастӣ ва «нестӣ» - ро ба миён меорад. Дар ҳақиқат, дар фалсафа ва фарҳанг, таълимоти онтологии аз ҷониби Парменид баёншуда, бартарият дошт, ки тибқи он ҳастӣ вуҷуд дошта, вале нестӣ вуҷуд надорад.

Фалсафаи Юнон, махсусан мактаби Элей «нестӣ» - ро инкор карда ба мутлақгардонии ҳастӣ шурӯъ кард. Масалан, пантеизми Ксенофан дар равони фалсафа ҳастии мутлақ ва абадиро ҷустуҷӯ кардан буд. Атомистҳо «нестӣ» - ро аз нав эҳё карданд, вале дар баробари ҳастӣ гузошта ба халои физикӣ табдил доданд, яъне ҷавҳарро бо модус иваз карданд. Афлотун «нестӣ» - ро қабул намекард. Арасту бошад, «нестӣ» - ро неруи ғайримуқаррарӣ ҳисобид. Афлотун ва Арасту аксари хусусиятҳои «нестӣ» - ро (номуайянӣ, ғайрифаъолӣ) дар материя дарёфтаанд, аммо намуди охирину пасттарини ҳастӣ ҳисобидаанд. Агар Афлотун «нестӣ» - ро танҳо ҳамчун мазмуни изҳороти бардурӯғ қабул карда бошад, Арасту онро чун объекти дорои сифатҳои муайян ва мансубияти ӯро ба гузашта ё оянда, вале на ба ҳозира рабт додааст. Арасту бори аввал мавҷудияти нестии мутлақро чун муайяннашаванда ва нестии нисбиро, дар ин ё он амр, ҳамчун ғайримавҷуд тафриқа гузоштааст.

Файласуфони асримиёнагии тоҷик, бахусус, машшоия «нестӣ» - ро ҳамчун нестии ҳастӣ, ё дигаргунии ҳолати мавҷудот ба ғайри мавҷудият, муайян кардаанд. Барои Ибни Сино «нестӣ» маънои аслии рад кардани вуҷуди воқеӣ дорад ва ҳамчун ҳолати ғайриқобили таъйин дар мантиқ, танҳо нисбат ба мавҷудоти мумкин вуҷуд дорад. Аз ин нуқтаи назар, нестӣ худ мафҳуми мантиқист, ки барои ташхис ва фарқгузорӣ миёни ногузир ва мумкин муҳим аст, вале воқеияти мустақил надорад.

Масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ» баъдан дар таълимоти динӣ аз нав матраҳ гардид. Бояд қайд кард, ки решаи ҷаҳонбинии чунин як мафҳуми фалсафӣ аз таълимоти динӣ маншаъ мегирад. Масалан, дар китоби Аҳди Қадим, мавзуи офариниши илоҳии оламу одам таҳти унвони «Китоби Ҳастӣ» [146,15-93] дарҷ гардидааст. Дар фалсафаи асримиёнагӣ, барои ҷонибдорони теология мафҳуми «нестӣ» мафҳуми «ҳеҷ» -ро иваз кард, ки Худо аз ҳеҷ ҷаҳонро офаридааст. Тафовут байни ин истилоҳҳои ба ҳам қариб дар он аст, ки «нестӣ» бо «ҳастӣ» ба таври умумӣ муқобил аст, дар ҳоле ки «ҳеҷ чиз» «ҳама чиз» нест. Дар таълимоти динӣ ҳама чиз аз Худо ва ба Ӯ баргарданда муаррифӣ меёбад. Чуноне дар китоби Инҷил омадааст: «Ва агар бимиред ва кушта шавед, албатта, ба сӯи Худо барангехта хоҳед шуд» [146,71].

Масъалаи офариниши илоҳӣ «аз ҳеҷ» ба таври ҷиддӣ муносибати байни ҳастӣ ва нестиро дар фалсафа ва таълимоти динӣ зери суол мебарад. Азбаски ҷаҳонбинии динӣ натиҷаи ташаккули нисбатан пешрафтаи сохти иҷтимоӣ, мисли ғуломдорӣ, феодализм ва дигар шаклҳо мебошад, он масъалаи пайдоиши оламро на аз роҳи тавлид, балки аз тариқи офариниш мефаҳмонад. Муҳимтар аз он, ки дар ин назария офариниш на аз мавҷуди пешин, балки аз «нестӣ» сурат мегирад. Ин раванд ба пешрафти қобилиятҳои ҳунарӣ, истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва маънавии инсон ишора мекунад, ки ба ибораи маъруфи К. Маркс «табиати дуюм» ном дошта, ба инсон имкон дод, ки худро аз маҳдудиятҳои табиӣ то андозае озод созад.

Дар ҳоле ки анъанаи онтологии фалсафии бостон, ба хусус дар тафаккури Парменид, нестиро рад намуда, танҳо ҳастиро воқеӣ мешуморад, ҷаҳонбинии динӣ ва фалсафаи теологӣ мафҳуми «нестӣ» -ро ҳамчун заминаи офариниш ба миён меорад. Ин равиш дар Аҳди Қадим ва дигар манобеи динӣ ҳамчун офариниши ҷаҳон аз «ҳеҷ» ташреҳ мегардад ва чунин назар ба таври решавӣ бо онтологияи қадим

мухолифат дорад. Ба ин тартиб, дар фалсафаи асримиёнагӣ, хусусан дар доираи теология, мафҳуми «нестӣ» дигар маънои инкоркунандаи вуҷудро надошта, балки ҳамчун заминаи илоҳии пайдоиши ҳастӣ маънидод мегардад, ки дар он ҳама чиз аз Худо сарчашма гирифта, ба Ӯ бозмегардад.

Аҳамияти ин таҳаввул дар он аст, ки он имкони навро барои тафсири фалсафии «ҳастӣ» ва «нестӣ» мекушояд, ки дар он иртиботи байни ҳастии маҳдуди инсонӣ ва ҳастии мутлақи илоҳӣ марказӣ мешавад.

Фалсафаи насронӣ ҳастиро чун қуввае манзур кард, ки аз нестӣ оламро офаридааст. Оё ғояи офариниши «аз ҳеҷ» ибтидо ва мутлақияти «нестӣ» - ро муаррифгар нест?

Тибқи ақидаи буддоия, дҳармаҳо «нестӣ» мавҷудияти воқеӣ надорад, аммо дар воқеият танҳо холигӣ ва шабеҳи нирвана мавҷуд аст, ки (хало) танҳо дар фиреби эҳсосот ҳамчун як олами гуногунранг ба назар мерасад.

Дар доираи фалсафаи вайшешика намояндагони ин мактаб кӯшидаанд, ки гуногуншаклии зуҳуроти нестиро ба категорияҳои мантиқӣ ва онтологӣ табақабандӣ намоянд.

Аз нигоҳи вайшешика, нестӣ ба ду шакли асосӣ ҷудо мешавад:

1. Нестии нисбӣ (saṃsarga-abhava), ки набудани чизи муайян дар чизи дигарро ифода мекунад (яъне, муҳокимаи мантиқӣ ба мисли «S дар P нест»);
2. Нестии мутлақ (kevalābhava), ки набудани куллии хосияти объект мебошад (ё «S ин P нест»).

Дар доираи нестии нисбӣ чунин зеркисматҳо фарқ карда мешаванд, ки ҳар яке ба марҳилаҳои гуногуни вақт ва алоқамандии зотӣ ишора мекунанд:

- Prāg-abhava (нестии пеш аз пайдоиш) – ҳолати ғайримавҷудияти объект қабл аз пайдоиши он;

• Dhvamsa-abhava (нестии баъд аз нобудшавӣ) – ҳолати ғайримавҷудият пас аз нест шудани объект;

• Atyanta-abhava (нестии комил/абадӣ) – адами куллии алоқа ва мавҷудияти як чиз нисбат ба чизе дигар, ки аз аввал то ба охир вуҷуд надоштааст.

Ин гуна таснифи мантиқӣ ва дифференсиалӣ ба вайшешика имкон додааст, ки мафҳуми «нестӣ»-ро на ҳамчун холигии маънавӣ, балки ҳамчун категорияи воқеии фаҳмиш ва таҳлили ҳастӣ арзёбӣ кунад. Ин равиш, дар баробари мантиқи анъанавии қадим, дар ташаккули онтологияи классикии фалсафаи асримиёнагии тоҷик саҳми назаррас гузоштааст.

Дар асрҳои миёна байни мутакаллимон ва машшоиёни тоҷик оид ба масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ» ихтилофи назар вуҷуд дошт. Намояндагони илми «калом» байни ҳастию нестӣ таърифи хешро дошта, ҳукамо ва мутакаллимон ҳастиро «мафҳуми худ ба худ рӯшан, эҳтиёҷ ба тафсир ва шарҳ надорад», мегӯянд. Ҳастиро шарҳулисм (лафзӣ-А.К.) номида, онро таърифи ҳақиқӣ намеҳисобанд. Шарҳи мухтасари андешаи онҳо ин аст:

«Мутакаллимин ҳастиро «ас-собитулъайн» – ҳастии собит, устувор, тағйирнопазир) ва «нестӣ» - ро «ал-манфиулъайн» – воқеияти инкоршуда ё дар асл вуҷуд надошта таъриф намудаанд, яъне ҳастӣ ҳақиқӣ аст собиталзот ва нестӣ мафҳумест ботилалзот.

Ҳукамо ҳастиро ба «аллазӣ юмкину ан юхбара ъанҳу» – мавҷуде, ки имкони ибрози иттилоъ дар бораи он вуҷуд дорад ва «нестӣ» - ро ба «аллазӣ ло юмкину ан юхбара ъанҳу» – мавҷуде, ки имкони ибрози иттилоъ дар бораи он вуҷуд надорад таъриф намудаанд, яъне ҳастӣ чизест, ки ахбор аз он мумкин ва нестӣ чизест, ки ахбор аз он ғайримумкин мебошад.

Аммо бутлони таърифи мутакаллимин, ба ин ҷиҳат аст, ки субут бо ҳастӣ мутародиф мебошад, пас дар ҳақиқат, ҳастиро ба ҳастӣ таъриф намудаанд ва таърифи чизе ба худи он чиз, даври мусарраҳ аст.

Аммо ҷиҳати бутлони таърифи ҳукамо, ин аст, ки дар таърифи ҳастӣ, калимаи имконро зикр кардаанд. Ва муроди имкон хос аст ва имкони хос, иборат аз салби зарурат аз тарафи «ҳастӣ» ва «нестӣ» чизе аст. Билнатиҷа ҳастӣ дар таърифи «ҳастӣ» ва «нестӣ» дар таърифи нестӣ ахаз шудааст. Ниҳоят ин ки таърифи мутакаллимин муштамил бар даври мусарраҳ ва таърифи ҳукамо муштамил бар музаммар аст» [236,19].

Яъне, файласуфон ва ҳукамо мафҳуми «ҳастӣ»-ро чунин таъриф намудаанд, ки он чизест, ки имкони ахбор ва баёни маълумот дар бораи он вуҷуд дорад, дар ҳоле ки «нестӣ» чизест, ки ахбор дар бораи он ғайримумкин аст. Бо вуҷуди ин, чунин таъриф низ аз камбудӣ орӣ нест, зеро он ба мафҳуми «имкон» такя мекунад, яъне мафҳуме, ки худ ба таври мустақим ба таърифшаванда иртибот дорад. Ин гуна таҳлил ба мушкили маъруфи *даврият дар таъриф* оварда мерасонад, ки дар он мафҳуми таърифшаванда мустақим ё ғайримустақим дар худи таъриф истифода мешавад ва аз ин рӯ, таъриф аз эътибори мантиқӣ хориҷ мегардад.

Вақте ки мо ҳастиро бо «имкони ахбор» таъриф мекунем, дар асл мо ба худи мафҳуми ҳастӣ такя мекунем ва ин боиси як мушкили мантиқӣ — даврият мегардад, ки таърифи дуруст нест.

Дар натиҷа, ҳар ду равиши маъруф — ҳам каломӣ, ки таърифи «ҳастӣ» ва «нестӣ» - ро бар пояи қудрати илоҳӣ қарор медиҳад ва ҳам фалсафӣ, ки онҳоро тавассути қобилияти ахбор муайян месозад, дар баробари мушкилоти мантиқӣ ва методологӣ қарор мегиранд. Ин ҳолат зарурати бознигарии онтологӣ ва таҳлили амиқтари фалсафии мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «нестӣ» - ро дар доираи мафҳумҳои назарияи маърифат ошкор месозад.

Гурӯҳи дигари мутафаккирон «нестӣ» - ро инкори зоҳирӣ, яъне фақат мафҳуми номиналистии шаклию мантиқӣ дониста, мавқеи масъалаи «нестӣ» - ро дар онтологияи асримиёнагӣ пурра соқит менамоянд. Дар таълифоти фалсафӣ ва динии тоҷику форс ва араб ба ҷойи вожаи «нестӣ» истилоҳи «адам» ё «фано» истифода шудааст.

Аз ин маънӣ бояд хулоса намуд, ки таърифҳои фалсафӣ ва каломӣ дар бораи «ҳастӣ» ва «нестӣ» ҳар кадом аз нуқтаи назари муайян ба ин мафҳумҳои асосии онтологӣ рӯ меоранд, аммо ҳар ду бо мушкилоти мантиқӣ рӯбарӯ мегарданд. Мутакаллимин ҳастиро ҳамчун *собиталзот* ва нестиро ҳамчун *ботилалзот* таъриф намудаанд, ки дар он таърифи ҳастӣ ба худи ҳастӣ бармегардад ва боиси «даври мусарраҳ» мегардад, яъне таърифи мафҳум ба худи ҳамон мафҳум таъриф дода мешавад, ки мантиқан нодуруст аст.

Мафҳуми «ас-собитулъайн» дар ирфони назарӣ ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик, махсусан дар мактаби ибни Арабӣ, ба «ал-аъёнуссобита – воқеиятҳои устувор ё ҳастии муайян ва пешакии махлуқот дар илми Худо» марбут аст, яъне зот ё воқеияти илоҳии махлуқ, ки дар илми Худо пеш аз офариниш собит аст. Инҳо шаклҳои эҳтимолии офаринишанд, ки дар асли худ вуҷуд доранд, вале дар ҷаҳони модӣ бо шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд. Масалан: ҷони инсон пеш аз офариниш ҳамчун айнун-собита вуҷуд дошт, яъне зоти муайяни ӯ дар илми Худо собит буд, гарчанде ки ҳанӯз дар ҷаҳони модӣ офарида нашуда буд.

Дар ирфони назарии исломӣ, махсусан дар таълимоти Ибни Арабӣ, мафҳуми «ал-манфиюл-айн» ишора ба он ъайн (зот, воқеият) дорад, ки дар илми илоҳӣ вуҷуд надорад ва ҳеҷ гоҳ ба вуҷуд намеояд, яъне, он аслан рад шудааст ва на дар ҷаҳони модӣ зоҳир мешавад, на дар марҳилаи ҳастии маънавӣ. Масалан: чизе ба монанди Худои дуюм, ки қудрати баробар бо Худо дошта бошад. Дар ирфони асримиёнагии

тоҷик ва ақидаи тавҳидӣ мавҷудияти чунин чиз ғайримумкин аст, зеро Худо воҳид аст ва баробари Ӯ вуҷуд надорад ва наметавонад дошта бошад. Ҳамин гуна «воқеият» дар илми Худо аслан вуҷуд надорад ва онро айнун манфӣ меноманд .

Андешаҳои фалсафӣ ва ирфонии Ибни Сино, Носири Хусрав, Саноӣ ва Низомӣ дар масъалаи офариниш то ҷое ҳамсон буда, бар ин бовaранд, ки пайдоиши ҷавҳар ва ҳастӣ на аз нестӣ, балки ҳамчун файз ва таҷаллӣ аз зоти Худо сурат мегирад. Аз ин рӯ, онҳо ҷонибдори назарияи креатсионизм ба маънои каломии «офариниш аз нестӣ» нестанд, балки офаринишро раванди зарурии фаязон ё зуҳур аз моҳияти худоии вуҷуд медонанд..

Бояд таъкид намуд, ки дар вақти инкор кардани «ҳастӣ» моҳияти «нестӣ» муайян гардид ва «ҳеҷ чиз» бо «чиз» зид гузошта шуд, вале файласуфони антиқӣ ва асрҳои миёнаи Ғарб мобайни онҳо тафриқа нагузоштанд ва истилоҳи «ғайримавҷуд» (он зидди мавҷуд буд, на муқобили ҳастӣ) дар радифи «ҳастӣ» ва «ҳеҷ чиз» ба кор бурда мешуд.

Нестӣ худ маъноӣ умуман вуҷуд надоштан ё зидди ҳастӣ мебошад. Агар инкор кардан ба чизи мавҷудбуда ва ҳастии он мумкин гардад, пас он аз мавҷудияти «ҳеҷ чиз» -и мутлақ хабар медиҳад. Агар ҳастии мушаххас лоиқ ба инкор бошад, пас навъе аз ҳастии мушаххас аст. Демокрит дар шинохти фазо истилоҳи «нестӣ» - ро истифода бурд ва мавҷудияти фазоро ҳастии «маҷмуи атомҳо унвон кард. Ба андешаи Парменид танҳо ҳастӣ вуҷуд дошта, нестӣ ғайривуҷуд аст. Ғайримавҷудии нестӣ водор месозад, ки дар бораи он андеша набояд кард, зеро ҳар ашёи мавҷуд тасаввуршаванда аст ва он ҳастӣ дорад.

Бо мурури замон файласуфони муосир байни категорияҳои «нестӣ» ва «ҳеҷ чиз» фарқ гузоштанд. «Нестӣ» нисбат ба «ҳеҷ чиз» маънии мафҳумӣ пайдо кард.

Файласуфони Аврупои Ғарбӣ барои дарки «ҳастӣ» талош карда, категорияи «нестӣ» -ро бар зидди он гузоштанд ва ҳамин тариқ, ба як намуди фарҳанги умумиҷаҳонӣ категорияи «нестӣ» -ро дохил карданд.

Дар таълимоти идеалистии асри XIX ва моддигароёни асрҳои XVIII-XX дарки муаммои ҳастӣ бо мафҳумҳои зидди он мақоми хоса дошт. Дар таълимоти идеалистӣ категорияи «нестӣ» мавҷудияти «ҳастӣ» -ро умуман, тардид мекунад. Барои файласуфони моддигаро «нестӣ» категорияи фалсафӣ маҳсуб намеёфт, зеро ба андешаи онҳо олами модӣ фанонашаванда ва халои мутлақ имконпазир нест.

Муносибати файласуфони идеалист нисбат ба «нестӣ» ҳанӯз аз замони атиқа ду навъ буд. Дар таълимоти як қатор донишмандон, аз зумраи Афлотун, навафлотуниён, ирфони пантеистии масеҳият, Г. Гегел ва ғайра.) «нестӣ» -ро дар радифи категорияҳои асосии онтологӣ пазируфта, эътироф карданд, ки «аз «нестӣ» чизе ба вуҷуд меояд».

«Ба андешаи Ф. Шеллинг ҳастии «ғайривоқеӣ», он чизест, ки берун аз ҳама мавҷудоти воқеӣ (яъне берун аз ҷаҳон) ба таври метафизикӣ маҳалли ҷойгири «пеш» аз он, ё «то он» дорад. Дар робита ба ҳастии воқеӣ, ин воқеиятро метавон ҳамчун чизе таъйин кард, ки ҳанӯз вуҷуд надорад, ё агар шартан таърифи муваққатиро ҷорӣ кунем – чизе, ки хоҳад буд. Аввалин таърифи бунёдии метафизикӣ ин аст: он чизе, ки пеш аз ҳама ҳастии воқеӣ вуҷуд дорад, ҷуз он чизест, ки метавонад бошад ё он чизе бошад. Ин имкони ҳастӣ чизест, ки метавонад мавҷуд бошад. Аммо ин маънои онро дорад, ки ҳастии имконӣ барои он ки ҳаст шавад, ғайри худ чизи дигареро пешниҳод намекунад. Ва дар ин ҷо Ф. Шеллинг мафҳумҳои ирода ва ифодаи иродаро пешниҳод мекунад, ки дар муҳокимаҳои минбаъда нақши бунёдӣ доранд: он чӣ метавонад ҳаст шавад, барои ҳастӣ ба ҷуз ирода чизи дигаре лозим нест, яъне байни нестӣ ва ҳастияш чизе ғайр аз ифодаи ирода (амали ирода) нест... Ирода потенсиал аст ва ирода амал аст. Ирода, ба ақидаи Ф. Шеллинг, ягона

қувваи метафизикист, ки гузаришро аз ҳастии эҳтимолӣ ба ҳастии воқеӣ амалӣ мекунад» [159,17].

Яъне, Ф. Шеллинг бо таҳлили амиқи худ кӯшиш мекунад фаҳмонад, ки ҳама гуна ҳастӣ қабл аз воқеӣ шудан, як имконият аст. Ва барои он ки ин имконият ба воқеият табдил ёбад, иродаи фаъол лозим аст. Ирода на танҳо майл, балки қувваи эҷоди вуҷуд аст. Ин як равиши метафизикист, ки олами имконро бо воқеият мепайвандад, на тавассути зарурат, балки тавассути ихтиёр.

Ба андешаи А. В. Кричевский мавқеи марказии фалсафаи Афлотун бо таваҷҷуҳ ба тафсири навафлотуния дар он аст, ки ҳеҷ мавҷудиятро ба Ягона нисбат додан мумкин нест ва Он барои худ бидуни иртибот бо ҳастӣ вуҷуд дорад [156,18]. Яъне, ба андешаи А. Кричевский, тафсири навафлотунияи фалсафаи Афлотун таъкид мекунад, ки «Ягона», яъне сарчашмаи ҳастӣ, худ дар доираи вуҷуд намеғунҷад ва берун аз ҳар гуна таъриф ва нисбат қарор дорад. Он на мавҷуд аст ва на ғайримавҷуд, балки болотар аз ин ду мақула. Ин мавқеъ, ки маншаи тамоми ҳастиро ба чизе нисбат медиҳад, худ дар зеҳни фалсафии классикӣ ҳамчун «ғайрихудии вуҷуд» таъриф мешавад. Навъе аз радикализми онтологиро ба вуҷуд меорад, ки метавонад боиси ҳам илҳоми маърифатӣ ва ҳам мушкилоти мантиқӣ гардад.

Файласуфи рус И. Протопопов [227] мегӯяд, ки А. Кричевский муносибати байни инсон ва воқеияти олии илоҳиро ҳамчун як воқеият зоҳир мешавад, бо ишора ба Майстер Экхарт дар ду ченаки асосӣ: онтологӣ, ки бо мафҳуми ҳастии бепоён алоқаманд аст ва ғайри ҳастӣ, ки дар заминаи ғайривуҷудӣ ва субъекти мутлақи он «ҳеҷ» тасаввур мешавад, муайян мекунад [272,354-355].

Яъне, А. Кричевский бо илҳом аз Майстер Экхарт, файласуфи асримиёнагии олмонӣ, ду андешаи аслӣ пеш мегузорад:

1. Онтологӣ — ҳастии бепоён. Ин ченак ба маънои вуҷуд доштани як воқеияти олӣ ва бепоён дахл дорад. Дар фалсафаи илоҳӣ, ин мафҳум ба *Худо, ҳамчун ҳастии комил ва абадӣ,* дахл дорад. Ҳастие, ки маҳдуд нест, шинохташаванда нест, балки сарчашмаи тамоми ҳастиҳои дигар аст. Инсон дар ин ченак ҳамчун мавҷуди ҷӯянда, ки мехоҳад бо ҳастии олӣ як шавад, баррасӣ мегардад.

2. Ғайриҳастӣ — нестии илоҳӣ ва «ҳеҷ»-и мутлақ. Дар ин ҷо «нестӣ» ба маънои нобудӣ нест. Он фазои холие аст, ки дар он ақл ва ҳис наметавонанд дастрасӣ пайдо кунанд. Ин як нестии фалсафӣ ва рӯҳонӣ аст — *«ҳеҷ»-и пок ва мутлақ*, ки таҷрибаи амиқи ирфонӣ ва таҳвилро тақозо мекунад. Ба андешаи М. Экхарт барои расидан ба воқеияти олӣ, инсон бояд аз *ман* ва *эго*-и худ гузарад, «ҳеҷ» шавад. Ин ғоя дар ирфони асримиёнагии тоҷик низ ҳаст, ба маънои фано дар тасаввуф.

Бояд муътакид шуд, ки ин ду ченак барои тафсири муносибати инсон бо Худо ё ҳақиқатҳои олӣ бисёр муҳиманд:

- Онтология моро ба сӯи вуҷуд мебарад, яъне шинохт, фаҳм ва амал.
- Ғайриҳастӣ моро ба хомӯшӣ, таҷриба ва ирфони ғайри идрок меорад. Ҳар ду заруранд. Ҳам зеҳн (ақл), ҳам қалб (дил) бояд фаъол бошанд.

Яъне, ин андешаҳо барои дарк кардани робитаи инсон бо абадият ва ҳақиқат як кӯшиши амиқи фалсафӣ маҳсуб меёбад. Он аз доираи тафаккур берун рафта, вориди дунёи таҷриба ва ирфон мешавад. Ҳарду ченак — ҳастии беохир ва нестии пок барои тарбияи рӯҳонии инсон ва расидан ба як ҳолати муттаҳид бо ҳақиқат заруранд.

«Ҳангоми ба нестӣ рафтани инсон, – мегӯяд А. Кричевский, аз рӯи суханони М. Экхарт, – одам бо ҳеҷии мутлақ шинос мешавад ва тамоман буданро қатъ мекунад, вай ба нестии мутлақ мегузарад, ки дар он умуман чизе вуҷуд надорад: на худаш ва на ҳама чизи мавҷуди дигар.

Рӯҳи инсонӣ дар ин вақт озод зиндагӣ мекунад ва ҳамчун субъекти мутлақ на танҳо аз ҳама чиз ва худ, балки дар ҳастӣ ва ягонагии мутлақи худ болотар аз Худо низ боло меравад» [159, 369-360].

Яъне, барои дарёфти озодии комили рӯҳӣ ва фаҳми ҳақиқат, инсон бояд аз ҳама мавзуъ, вуҷуд ва ҳатто аз худи Худо, дар шакли мафҳумӣ гузарад. Танҳо он гоҳ ӯ рӯҳи озоди комил мешавад.

Ин ба воситаи ҳодисаи марги ирфонӣ ифода меёбад, ки шахс аз ҳастии худ даст мекашад ва ҳамзамон, гӯё ба олами самовии мавҷуд, ворид мешавад, бо он ҳамсон мешавад ва на танҳо сабаби худаш ва ҳама чиз аст, балки ҳамчунин ҳастии мутлақи илоҳӣ мегардад [159,360].

Ин равиш роҳи таҳвилест аз нафси манфӣ ба шуури муттаҳид, аз «ман» ба «мо» ва аз «мо» ба «Ӯ». Дар ин ҳолат шахс таҷрибаи «ҳастӣ» -ро на ҳамчун чизе ҷудо, балки ҳамчун ваҳдати комил бо кулли вуҷуд эҳсос мекунад. Ин фалсафа аз далелу мантиқ намегузарад, аз таҷрибаи шахсии ирфонӣ мегузарад. Бояд гуфт, ки дар таълимоти мактабҳои ирфонӣ тафриқа вуҷуд дорад. Дар тасаввуфи исломӣ «фано филлоҳ» маънии «маҳви нафс», яъне зист бо Ҳақро дорад. Дар Буддоия (Маҳаяна) шунята буддата, яъне нестӣ ин табиати буддост. Дар дини масеҳӣ Gelassenheit (тавозӯи комил) маънии Gottheit (илоҳияти аз мафҳуми Худо болотар)-ро дорад. Дар таълимоти ҳиндуӣ (Адвайта Веданта) Атман дар баробари Браҳман, яъне ман дар баробари ҳастии мутлақ мебошад. Яъне, марги ирфонӣ як ҷараёнест, ки дар он инсон бо ихтиёр ва таҷрибаи ботинӣ: худро пок мекунад аз ҳама ташхис ва эго, то бо ҳастии илоҳӣ як гардад, на ба маънои «ман Худо шудам,» балки ба маънои «танҳо Ӯ ҳаст».

Г. Гегел дар китоби «Таълимот дар бораи ҳастӣ» [412,74-81] мавҷудияти «ҳастӣ» -ро ба воситаи мавҷудияти «нестӣ» муаррифӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ барои комилан муайян намудани «ҳастӣ» таърифи мушаххас ҳанӯз нопайдост, зеро ӯ ҳастиро берун аз қобилияти

зеҳнӣ ва аъзои ҳисси инсон медонад. Ӯ муътакид гашт, ки нестии холис дар баробари ҳастии холис буда, ҳар ду дар мавҷудияти байниҳамдигарӣ шинохта мешаванд. Ҳастии мутлақ ва нестии мутлақ пайванди ҳамдигаранд, аммо дар зиддият нопадид мешаванд ва ҳолати мобайнии онҳоро чизе ишғол наменамояд. Аз ин хотир, ҳаракате, ки дар натиҷаи он яке дар дигараш нопадид мешавад, ташаккул меёбад.

Метавон бо таълимоти Ибни Сино муқоиса намуд, ки барои Ибни Сино Воҷибулвуҷуд ин ҳастии собит, мутлақ ва бетағйир, аммо барои Г.Гегел мутлақ (абсолют, рӯҳ) на собит, балки бавоситаи зиддият ва синтез рушдкунанда аст. Ибни Сино муътақид аст, ки имконулвуҷуд вобаста ба сабаб метавонад вуҷуд дошта бошад, аммо Г. Гегел «имкон» ва «зарур»- ро чун марҳилаи таърихи рушди рӯҳ мебинад. Ба андешаи Ибни Сино мумтанеъулвуҷуд ин ғайриимкон ва хилофи мантиқ аст, аммо Г. Гегел мегӯяд, ки зиддият на мумтанеъ, балки лозимаи рушд ва ҳаракат аст.

Бояд гуфт, ки консепсияҳои «ҳастӣ дар худ» ва «ҳастӣ барои худ» - Г. Гегел дар рамзи диалектикии худ истифода карда, дар он муносибатҳои байни мавҷудот ва шинохти онҳоро таҳлил намудааст.

Ҳастӣ дар худ (oder «hēr existence in itself») ин ҳолатест, ки чизе ё мавҷудият вуҷуд дорад, аммо он танҳо «мавҷуд» аст ва намедонад, ки ӯ кист ва чӣ маънӣ дорад. Масалан, санг — мавҷуди «ҳастӣ дар худ» аст, ки наметавонад маъно ва мақсад дошта бошад.

Ҳастӣ барои худ (oder «hēr existence for itself») ин ҳолатест, ки мавҷуд қобили дарки маънои ҳастӣ ва мақсади худ мебошад. Ба ибораи дигар, вақте мавҷуд тавони шинохти рисолати худро пайдо мекунад, он ба «ҳастӣ барои худ» табдил меёбад. Мисол, инсон мавҷуди «ҳастӣ барои худ» аст, ки тавони шинохти худ ва интихоб кардани маъно ва мақсадҳои зиндагиро дорад.

Ин ду мафҳум ба фарқияти байни мавҷудоти пассив (ҳастӣ дар худ) ва мавҷудоти феълӣ ва озод, ки маъно ва мақсади худро эҷод мекунад (ҳастӣ барои худ) ишора мекунад. Г. Гегел ин консепсияҳоро дар доираи таҳлили эволютсияи шахсият ва рӯҳонити инсон дар маҷмуъ, барои шинохти диалектикӣ ва рушд истифода мекунад.

И. Кант ҳастӣ ва нестии Худоро бо талер баробар муқоиса кардааст, Г. Гегел ин нуқтаи назарро баҳсталаб ва нодуруст ҳисобидааст. «Мувофиқи ақидаи И. Кант «ҳастӣ» ва «нестӣ» байни ҳам тафовуте надоранд, мисли он ки вақте талер мавҷуд нест миқдори он кам ё зиёд намешавад, то он лаҳзае, ки аз берун таъсир нарасад. И. Кант давлати амволи хешро, назар ба мафҳум ё имкониятҳои онҳо, дар мавҷудияти воқеии талерҳо донистааст» [138].

Ба андешаи ӯ, ташаккул якпорчагии «ҳастӣ» ва «нестӣ»-ро ифода мекунад, ки дар он пайдоиш ба маҳв мебарад ва нобудшавӣ ба пайдоиш роҳ мекушояд. Ҳамин тариқ, мафҳуми ташаккул дар ду маъно тавсиф мешавад:

1. Дар маънои аввал — ҳеҷ чиз бевосита нест: ташаккул аз «ҳеҷ» оғоз мегардад ва ба ҳастӣ мегузарад;
2. Дар маънои дуюм — ҳастӣ бевосита аст: он аз ҳастӣ оғоз ёфта, ба «ҳеҷ» мегузарад, яъне аз пайдоиш ба нобудшавӣ.

Метавон хулоса намуд, ки дурустии ин нуқтаи назарҳои Г. Гегел ва И. Кант бештар ба равандҳои фалсафии замони муайян вобаста аст. Назарияи Г. Гегел бартарии қобилияти пешгӯиҳои динамикӣ ва инкишофро дар таҷрибаҳо ва таълимоти диалектикӣ пешниҳод мекунад, ки дар як замони муайян қобили қабул буд. Аммо, назарияи И. Кант дар асоси мантиқ ва таълимоти маърифат шояд марзҳои зеҳнӣ ва эҳсосии инсонро маҳдуд мекунад. Ҳар ду нуқтаи назар дурустӣ ва камбудиҳои худро доранд. Яъне, И. Кант заминаи маърифат ва ахлоқро бо эҳтиром ба зеҳни инсон гузошт. Г. Гегел бошад, диди динамикӣ ва таърихии

фалсафаро бо тавоноии системавӣ пешниҳод намуд. Ҳарду дар баробари якдигар *мушкилоти ҳамдигарро равшан* мекунанд ва то имрӯз манбаи баҳсу таҳқиқ дар фалсафаи муосир боқӣ мондаанд.

Масъалаи дигаре, ки дар робита ба масъалаи «ҳастӣ ва нестӣ» муҳим мебошад, ин субстансия аст. Ба ақидаи бархе аз мутафаккирон меҳвари воқеияти моро як субстансия созмон медиҳад. Гурӯҳи дигаре муътакиданд, ки дар олам ду субстансия ва баъзеҳо миқдори зиёди субстансияҳои ҳамрадифро эътироф менамоянд.

Дар ин маврид, файласуфоне, ки як субстансияро интихоб намуданд, ба мақоми монизм гузаштанд. Дар шинохти мабдаи аввал (принсипи асосии ҳастӣ), мактабҳои фалсафӣ ба ду самти аслӣ ҷудо мешаванд: монизм ва дуализм. Монизм ба ду навъ — модӣ (Демокрит, Эпикур, Ҷ. Локк, Л. Фейербах, К. Маркс) ва маънавӣ (Афлотун, Арасту, Ф. Аквинӣ, Г. В. Лейбнис, Г. В. Гегел) тақсим мешавад. Бар хилофи онҳо, намояндагони дуализм, ба монанди Р. Декарт мабдаи ҳастиро дар ду унсур — модӣ ва маънавӣ (ҷисму нафс, моддаву ақл) мебинанд ва таълимоти онҳоро метавон санавият номид. Онҳо баръакси монистҳо, ҳастии ду моддаро эътироф намуданд: модӣ ва маънавӣ, ки онҳо дар нисбати ҳам мустақиланд. Тарафдорони плюрализм мавҷудияти субстансияҳои зиёдеро дар олам ҷонибдорӣ карданд.

Ҳамзамон, баъзе мутафаккирон исбот карданд, ки масъалаи субстансияро ба таври мусбат ҳал кардан ғайриимкон аст, зеро инсон бо дарки субъективии образҳои ҳиссиёти худ маҳдуд аст (Д. Юм). Вай ифодаи муваққатӣ, ташаккули дохили абадият ва ҳастии беохир шинохта шудааст.

Инак, дар тӯли бисту панҷ аср, аксари файласуфон кӯшиш менамуданд, ки «нестӣ» - ро эътироф накунанд. Нуктаҳое, ки оид ба «нестӣ» ва категорияҳои он дар илм, фарҳанг ва фалсафа таъкид гардидааст, имкон медиҳад, ки ҳангоми бо креатсионализми динӣ рӯ ба

рӯ шудан, он қадар аҷиб, ғайримунтазир ва зидди баъзе қонунҳои физикию детерминистӣ ба назар намерасад.

Дар навбати худ, креатсионизм, ки ҳама чизро маҳсули офариниши Худо мешуморад, ду омили ба ҳам мухолифро дар ҳолати нофаҳмо боқӣ мегузорад. Аз як тараф, таълимоти теологӣ бо сохтори онтологии худ оламро шарҳ медиҳад; аз ҷониби дигар, илм бо далелу исботҳои худ ин нуқтаи назарро қабул намекунад.

Замони нав ба воқеияти субъективӣ ва ба масъалаи субстансия диққати махсус медиҳад. Г. Гегел масъалаи воқеияти рӯҳи объективиро, К. Маркс мафҳуми ҳастии ҷамъиятиро пешниҳод мекунанд.

Дар асри XX аксар ҷараёнҳои фалсафӣ аз нав ба масъалаи «нестӣ» рӯ оварданд, ки ин пеш аз ҳама дар «онтологияи» фундаменталии файласуфи олмонӣ М. Хайдеггер [311] ва экзистенсиализми атеистӣ, файласуфи фаронсавӣ Ж. П. Сартр мушоҳида мешавад.

М. Хайдеггер дар асари «Sein und Zeit» (Ҳастӣ ва Замон, 1927) масъалаи таҳаввули куллии тафаккур дар бораи ҳастӣ ва нестиро ба миён гузошт. Ба ақидаи ӯ, дарки ҳастӣ тавассути шинохти нестӣ имкон дорад. Дар мақолаи «*Was ist Metaphysik?*» (Метафизика чист?, 1929) [417] М. Хайдеггер зикр менамояд, ки «нестӣ» бо «ҳастӣ» ҳамсафар аст. Танҳо дар муқобили «нестӣ» мо эҳсос мекунем, ки «ҳастӣ» як ато, як воқеият, як имконияти мавҷуд будан аст. «Ҳастӣ» танҳо дар муқоиса бо «нестӣ» воқеан арзёбӣ мешавад — чун рӯшноӣ дар баробари торикӣ. Нестӣ ба андешаи М. Хайдеггер ҳолати аслии шуур ва заминаи худшиносии ҳастӣ аст. М. Хайдеггер дар мавриди шинохти ҳастӣ бо таълимоти Ибни Сино назари мунтақидона намудааст. Ба андешаи ӯ фалсафаи суннатӣ (монанди Ибни Сино) «будан»-ро фаромӯш кардааст. Ҳастӣ на чизи муайян аст, на объект, балки рафтор ва таҷрибаест, ки фаҳмида мешавад. Ҳаст будан асоси фаҳмиши ҳастӣ мебошад.

Ж. П. Сартр дар асари «Ҳастӣ ва нестӣ» ҷонибдори андешаҳои М. Хайдеггер будааст, вале бештар ба озодӣ ва субъективияти инсон диққат додааст. Ба ақидаи Ж. Сартр нестӣ на фақат даркшаванда аст, балки он аз инсон сарчашма мегирад. Инсон ягона мавҷудест, ки метавонад нестиро эҳсос ва муайян кунад: «Инсон нестӣ меоварад дар ҷаҳон. Вай на танҳо ҳаст, балки ҳамеша метавонад «на» бигӯяд, интихоб кунад, рад кунад ва ин қобилият реша дар нестӣ дорад» [246,20].

Ж. Сартр дар масъалаи «ҳастӣ дар худ» ва «ҳастӣ барои худ» ҷонибдори таълимоти Г.Гегел будааст. Нестӣ дар назарияи Ж. Сартр заминаи озодӣ ва интихоби инсон аст. Инсон маҳз бо шарофати нестӣ метавонад интихоби маъно, амал ва ҷавобгариро анҷом диҳад. Ҳамин аст асоси экзистенсиализми ӯ.

Бояд хулоса намуд, ки дар фалсафаи асри XX, махсусан дар осори М. Хайдеггер ва Ж. Сартр, мафҳуми нестӣ аз як мафҳуми манфии «ғайримавҷуд» ба як унсури фаъоли шинохт, таҷриба ва озодӣ табдил меёбад. Агарчи ҳар ду аз нигоҳи мазҳабӣ ва фалсафӣ фарқ мекунанд (М. Хайдеггер бештар бар онтологияи вуҷудӣ такя дорад, Ж. Сартр бар субъективизми инсонӣ), ҳарду нестиро асоси маърифат ва зуҳури ҳастӣ медонанд. Ж. Сартр «нестӣ» - ро, ҳамчун як принсипи онтологӣ нашинохта, ба шуур мансуб донист.

Фалсафаи Ф. Нитсше мафҳуми «нестӣ» -ро ҳамчун як шакли шикасти арзишҳо мебинад. Дар китоби «Ирода ба қудрат» (Die Wille zur Macht) Ф. Нитсше нигилизмро чунин тавсиф мекунад: «Нигилизм чӣ маъно дорад? Он ки арзишҳои олӣ арзиши худро гум мекунанд. Ба ҳадаф намерасад ва ба саволи «чаро?» ҷавобе намеёбад» [78,37].

Таълимоти ӯ дар бораи «бозгашти абадӣ» бештар як имтиҳони ирода ва арзиши зиндагӣ аст, на маънии метафизикии нестӣ. Яъне, «бозгашти абадӣ» идеяест, ки мувофиқи он ҳамаи рӯйдодҳо, тамоми зиндагии мо, бо ҳама шодию маъюсиаш, ҳамон тавре ки ҳастанд,

бефосила ва ба таври абадӣ такрор мешаванд. Метавон хулоса намуд, ки «Бозгашти абадӣ» дар Ф. Нитсше як таълимоти метафизикӣ дар бораи ҳастӣ ё нестӣ нест. Он як санҷиши ниҳоии ирода ва аҳамияти зиндагӣ аст. Ин ғоя маҷбур мекунад, ки зиндагиро бо тамоми ҳастияш қабул кунем ва агар не пас, масъули тағйир додани он бояд буд.

Аз ин таҳқиқ метавон хулоса намуд, ки дар фалсафаи замони нав мафҳуми «нестӣ» ҳамчун категорияи мустақили онтологӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ нашудааст. Ф. Нитсше нестиро ҳамчун ҳолати фурӯпошии арзишҳо маънидод мекунад, на ҳамчун мафҳуми онтологӣ. Танҳо дар экзистенсиализми асри XX, махсусан дар андешаҳои Ж. Сартр, нестӣ нақши марказӣ мегирад, вале ба ҳайси амали шуур, на ҷавҳари мустақили ҳастӣ, маъруф мешавад.

Дар шароити муосири постмодернизм консепсияҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки ба категорияҳои онтология алтернативӣ мебошанд. Масалан, meonism (аз юнонии me-on – ғайри мавҷуд) - эътиқод ба «ҳеҷ чиз». Ҳамин тариқ, онтология ба нигитология рӯй меорад [360,66-79].

Нигилизм (лот. nihil – ҳеҷ ва ҳеҷ чиз), дар Россия нуқтаи назари интеллигенсияи ғайриашрофии солҳои 60-уми асри XIX буд, ки шаклҳои мухталифи идеологияи ҳукмрон, ахлоқ ва нормаҳои хулқу атвори хаётро инкор менамуд. Нигилизм дар вазъияти инқилобии солҳои 1859-1861 пайдо шуда, бӯҳрони системаи феодалию деҳқониро инъикос кардааст. «Моҳияти иртиҷоии нигилизми интеллигенсияи анархистӣ хоси фалсафаи буржуазист... онҳо бо ёрии нигилизми иртиҷоӣ норозигии худро ба муқобили идеологияи расмӣ ифода мекунанд» [53.166].

Дар муқоиса бо таълимоти машшоиён нигилизм инкоркунандаи маъно, арзиш ва ҳастии мутлақ аст, дар ҳоле ки Ибни Сино тамоми бинои ҳастиоро бар пояи вуҷуд ва маънии мутлақ (Воҷибулвуҷуд) мегузорад.

Агар барои Ибни Сино Воҷибулвуҷуд ҳастии зарурӣ ва манбаи маъно бошад, нигилистон (аз нигоҳи Нитсше, Шопенгауэр ва нигилистони рус) инкор мекунанд, ки ҳастии мутлақ ё маънии абадӣ вуҷуд дорад. Барои Ибни Сино Худо меъёри низом, ҳақиқат ва асоси ҳастии ҳар мавҷуд бошад, нигилизми экзистенсиалӣ баёнгари шикасти арзишҳои анъанавӣ, хусусан шикасти Худо буд. Масалан, Нитсше мегӯяд, ки Худо мурд, яъне маъно ва низоми универсалӣ дигар касро илҳом намедиҳад ва одамон дигар ба як меъёри мутлақ бовар надоранд ва олам беасос ва бесабаб аст. Сартр мегӯяд, ки «Мо аввал вуҷуд дорем, баъд маънӣ месозем, яъне маъно маҳсулест, ки шахс худаш меофарад». Ҳол он ки барои Ибни Сино маънӣ пеш аз мавҷудот вуҷуд дорад ва онҳо ба воситаи он шакл мегиранд.

Дар масъалаи имконулвуҷуд Ибни Сино имкониятҳоро дорои ҳадаф ва тартиб медонист, нигилистон ҷонибдори ҳамин ақида буданд, ки имкониятҳо бе маъно ва бе ҳадаф ҳастанд ва рушд ва тағйирро на ҳамчу сабабӣ, балки ҳамчун фалаҷ, тасодуфӣ ё беҳадаф медонистанд. Бояд натиҷагирӣ намуд, ки фалсафаи Ибни Сино онтологияи маъно ва низом аст, яъне ҳар чиз ҷойгоҳ ва сабаб дорад ва ҳастӣ дорои ҳадаф мебошад. Нигилизм бошад, онтологияи нестӣ ва пуситӣ аст, яъне маънои умумӣ вуҷуд надорад ва ҳар гуна кӯшиши маъно бахшидан ба зиндагӣ, танҳо як сохтаи инсон аст.

Дар таълимоти нигилизми пасомодерн(Фуко, Дерида) ҳар гуна ҳикмат, низоми куллӣ ва ҳақиқати мутлақро рад мекунад. Ба андешаи онҳо ҳақиқат нест, танҳо тафсирҳо ва дискурсҳо ҳастанд, аммо ба ақидаи Ибни Сино хирад ва мантиқ воситаи расидан ба ҳақиқати Воҷибулвуҷуд мебошад.

Бояд қайд кард, ки тарафи аввали ҳастӣ аз ҷониби илмҳои классикӣ – фалсафа ва диалектика ва тарафи дуввум, тавассути постмодернизм – постмодернизм ва синергетика хуб таҳия шуда буд.

«Нестӣ» ҳамчун категорияи фалсафие аз ҷониби постмодернистҳо шинохта шудааст, ки маънои нестии мутлақ ё нисбӣ, ё радкунии ҳастиро дорад. Дар нестӣ маънои рамзӣ будан мавҷуд нест, бинобар он ба табиати бунёдии он арзёбии мувофиқе бояд ворид кард. Посухи М. Ҳайдеггер ба масъалаи «Чаро ҳастӣ ҳаст ва нестӣ нест?» дар таҳлифи ҳастӣ ҳамчун «бунёди ҳастӣ» ва фалсафаи ҳастишиносӣ таъсири амиқ гузошт, ки бо он ҷаҳони фалсафаи Ғарбро аз тавсифи техникиву метафизикӣ ба сӯи фаҳмиши ҳастии амиқтар ва экзистенсиалӣ равона кард. Ин посух диққатро ба маънии ҳастӣ ҳамчун шарти асосии фаҳмиши вуҷуд ва мавҷудият ҷалб намуд ва таваҷҷӯҳро ба раванди таҷрибаи инсонӣ ва воқеияти ҳастӣ баён карда, фалсафаро водор сохт, ки мавзуъҳои фалсафаи ҳастӣ, вақт, ва маънии зиндагиро аз назарияҳои пешина фарқкунандаи ҷиддӣ баррасӣ кунанд. Ин идея ба тағйири роҳи фикр дар фалсафа ва таҳкими таҳлили субъективӣ ва маънавӣ дар назарияи муосир таъсир расонд. [314,18-19].

Файласуфони россиягии охири асри XX-XXI, дар доираи масъалаи мавҷудияти «нестӣ» таҳқиқоти арзишманде анҷом доданд, ки аз ҷумла, мақолаҳои А. Н. Чанишев [380], В. А. Георгиев [343], Р. А. Нуруллин [367], И.В. Макарова [169], Н. М. Солодухо [374], В. В. Филатов [298], монографияҳои А. В. Кричевский [159], Н. М. Солодухо [256], рисолаи доктории Р. А. Нуруллинро [397] метавон ном бурд.

Файласуфи рус Н. М. Солодухо таълимоти асосии нигитологияро чунин маънидод намудааст:

-нестӣ ҳамчун пайрави ҳастӣ аз пайи ҳастӣ равон аст;

-ҳастӣ дар асоси нестӣ ва бо он муштарак дар шакли нестӣ вуҷуд дорад;

- нестӣ дар шакли ҳастӣ аз оғоз, номуайян, вале пойдор буда, маҳз аз он шаклҳои гуногунранги ҳастӣ зуҳур кардаанд;

-нестӣ чун шарт ва маҳдудияти ҳастӣ амал мекунад [374,55-59].

«Нестӣ» ва «ҳастӣ» дар таълимоти Н. М. Солодухо ҳамчун ду мафҳуми пайваст ва мутақобилан вобаста муаррифӣ мешаванд, ки «нестӣ» ҳамчун шарти аслии ҳастӣ амал мекунад ва шаклҳои гуногуни ҳастиро ба вуҷуд меорад. Ин равиш нестиро на ҳамчун ҳоли комилан манфӣ, балки ҳамчун асос ва маҳдудияти ҳастӣ, ки аз он вуҷуд ва шаклҳои мавҷудот зуҳур мекунанд, мешуморад.

Аз ин ақидаҳо метавон хулоса намуд, ки дар шароити равандҳои постмодернӣ ва тағйирёбии системаи маърифатӣ, категорияи «нестӣ» дар доираи консепсияҳои нави фалсафӣ бознигарӣ ё аз нав арзишгарӣ шуд. Аз ҷумла, таҳаввули мафҳуми meonism – фаҳмиши ҷаҳони «ғайри мавҷуд» (ме-он) ва ташаккули нигитология ҳамчун ифодаи методологӣ ва назариявии шинохти «нестӣ», нишонаи он аст, ки тафаккури муосир на танҳо ба ҳастӣ, балки ба нестӣ ва имкони он таваҷҷуҳ дорад.

Дар ин замина, нигилизм, ки дар оғоз ҳамчун аксуламали интеллигенсияи Русия ба низоми идеологии асримиёнагӣ зуҳур карда буд, ба як шакли мураккаби таҳлили онтологӣ ва арзишшиносӣ табдил ёфтааст. Фалсафае, ки дар он «нестӣ» танҳо набудани вуҷуд нест, балки шикасти маъно ва фурӯпошии арзишҳо мебошад (тавре ки Ф. Нитсше ишора мекунад), омили асосии нигариш ба ҳастӣ дар шакли нав арзишгузорӣ шудааст.

Ҳамин тариқ, Ибни Сино ҳастиро манбаи ягона ва маънавии ҳақиқат мешуморад ва «нестӣ» мумтанеъулвуҷуд, аммо нигилистон нестӣ-ро қабул мекунанд, ҳамчун ҷузъи воқеият ё чун озодӣ (Сартр), ё чун шикасти маъно (Фуко) ё чун фоҷиаи инсон (Нитсше). Бартарии андешаҳои Ибни Сино дар устувории назария, нигаҳдории мантиқ ва таъмини заминаи ахлоқӣ ва маърифатӣ барои инсон аст.

Ибни Сино оламро дорои тартиб, низом ва маънои мутлақ медонад. Барои ӯ ҳастӣ бемаъно нест, зеро бар пояи Воҷибулвуҷуд бино шудааст. Нигилизм бошад, маънои куллиро рад меекунад ва вуҷуди инсонро дар

ҷаҳони тасодуфӣ, бемаъно ва номуқаррар мебинад. ***Нигилизм бо рад кардани маънии мутлақ инсонро дар холигии маънавӣ мегузорад, ки оқибат метавонад ба фалаҷии ахлоқӣ ва вуҷудшиносӣ оварда расонад.***

Ибни Сино бо пешниҳод намудани мафҳуми ҳастии воҷиб ва сохтори мантиқии ҳастӣ заминаи устувори маънавӣ, ахлоқӣ ва маърифатиро фароҳам меорад, ки аз нигилизм тамоман фарқ мекунад. Нигилизм, бахусус шакли экзистенсиалӣ он, озодии инсонро дар марказ қарор медиҳад, вале маъно ва ҳадафро аз он мегирад ва масъулиятро бе пояи устувор мегузорад. Ба муқобили ин, Ибни Сино озодии инсонро эътироф мекунад, аммо онро маҳдуд ба доираи қонунҳои ақлӣ ва илоҳӣ медонад, ки барои муайян кардани масъулият ва ҳадаф заминаи возеҳи маънавӣ ва фалсафӣ таъмин менамоянд. Озодии беасос ва бе раҳнамои нигилизм метавонад ба ҳолати маънавии ғайриқатъият ва беэътиборӣ оварда расонад, дар ҳоле ки дар назарияи Ибни Сино озодӣ ҳамеша бо маънӣ, ахлоқ ва низоми мушаххас алоқаманд буда, худсарона ва тасодуфӣ нест. Дар асри XX мушкилоти ҳастӣ ҳамчун «ҳаёт», аз як тараф, мавҷудияти инсон ва аз тарафи дигар, масъалаи материя яке аз мавзуъҳои асосии фалсафа мегардад. Лаҳзаи муҳими инкишофи афкори муосир дар бораи ҳастӣ фалсафаи космизм буд. Дар ҳамин росто, ақидаҳои фалсафии муосир аз фалсафаи космизми русӣ то таҳқиқоти нигитологии асри XXI мекӯшанд ҷойгоҳи ҳастӣ ва нестиро на ҳамчун ду падидаи муқобилу ҷудонашаванда, балки ҳамчун ду зуҳуроти ҳаммаъно ва ҳамзист шарҳ диҳанд. Н. Солодухо ин ғояро возеҳ баён кардааст: «нестӣ на танҳо шарти вуҷуд, балки ҳузури абадии он дар ҳастӣ ва ҳатто манбаи шаклҳои гуногуни зуҳури он аст».

Мақолаи файласуфи россиягӣ А.Н. Чанишев таҳти унвони «Рисола оид ба нестӣ» дар ҳастишиносии динии муосир табаддулоте овард. Ҳарчанд ин китоб (соли 1962 навишта шуда буд) баъд аз чил сол интишор гардида, дастраси умум шуд, муаллиф баҳси доманадори (оид

ба «ҳастӣ ва нестӣ») аз нав оғоз карда, ба категорияи нестӣ бо диди нав назар дӯхтааст [382,3-13].

Ӯ вуҷуд доштани *нестӣ*-ро собит сохта, аз рӯи мантиқ, бо далелҳои мушаххас, ба масоили номакшуфи чандинасра андешаҳои ҷолиб гуфтааст. Ин фарзияҳои ӯро метавон номбар намуд:

1.Нестӣ ибтидоӣ ва мутлақ аст.

2.Нестӣ дар ҳама муносибатҳо бемаҳдуд аст.

3. Адами нестӣ ин ҳастӣ аст.

4. Ҳастӣ дуввумдараҷа ва нисбӣ аст. Ҳастии мутлақ вуҷуд надорад.

5. Ҳастӣ чун нестии нестӣ ноустувор аст.

6. Ифодаи ноустувории ҳастӣ ин вақт аст.

7.Ҳама мавҷудият дар замон вуҷуд дорад.

8. Ҳамин тавр, ҳама чиз ба вуҷуд меояд ва нест мешавад.

9. Тавлид ва марг нобаробар аст. Ҳама чиз муддате ба вуҷуд меояд ва то абад нест мешавад.

10. Хусусияти ҳастӣ фаношавии мутлақ аст.

11. Ҳастӣ аввалиндараҷа аст ва шуур дуюмдараҷа аст ва ғ…

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин фарзияҳои А. Чанишев баҳрамандӣ аз осори файласуфи баргузидаи тоҷик, Абӯалӣ Сино мушоҳида мешавад. Ибни Сино низ «адам» -ро ҳамчун шарти зарурии камол ва тағйир мешиносад ва онро на танҳо нобудӣ, балки имкон ва мабдаъ медонад. Ба ақидаи Ибни Сино, «адам» шартест барои пайдоиш, ки зуҳури ҳар мавҷудот аз он оғоз мешавад. Ин маъно, ки ибтидо аз нестӣ сарчашма мегирад, дар андешаҳои А. Чанишев зикр ёфтааст. Масалан, нисбати фарзияи якум (нестӣ ибтидоӣ ва мутлақ аст) дар зербоби «Мабдаӣ будани адам» Ибни Сино чунин мегӯяд: «Адам (нестӣ) шарт аст, барои ин ки чизе битавонад тағйир кунад ё камол ёбад. Пас, ба ин ҷиҳат *адам ақдам (пештар) аст ва мабдаъ маҳсуб мешавад,* дар сурате, ки қоил бошем ба ин ки мабдаъ чизест, ки вуҷуди шайъӣ ногузир аст аз вуҷуди ӯ,

ҳарчи бошад, аммо на ба акс, яъне вуҷуди ӯ аз вуҷуди шайъӣ ногузир набошад» [17,28-29].

Таълимоти А. Чанишев дар баъзе нуктаҳо бо таълимоти Ибни Сино ихтилофи назар дорад. Ӯ дар баррасии фалсафаи шарқӣ, махсусан Ибни Сино, се нуқтаи муҳимро қайд мекунад:

А) Воҷибулвуҷуд ва ҳастии мутлақ:

Чанишев воҷибулвуҷудро ҳамчун мавҷуди идеалӣ ва собит шарҳ медиҳад, ки дар фалсафаи Ибни Сино ҳамчун Худо зоҳир мешавад. Ӯ интиқод мекунад, ки ин гуна вуҷуд аз воқеияти таҷрибавӣ ҷудо шудааст ва бо принсипи тағйир ва инкишоф, ки дар диалектика асосит, созгор нест.

Б) Имконулвуҷуд ва диалектика:

Имконулвуҷуд дар андешаи Ибни Сино ба маънии вобастагӣ ба сабабро дорад. А. Чанишев норо бо мафҳуми нақшаи диалектикии «имкон ва зарурат» ҳамсон медонад: имкон чун пояи рушд ва зарурат чун воқеиятшудаи он. Аммо ӯ таъкид мекунад, ки дар фалсафаи илоҳиёт, монанди Ибни Сино, ин рушд зери тасаллути илоҳӣ қарор дорад, на аз дохили худи мода.

В) Мумтанеъулвуҷуд ва мантиқ:

А. Чанишев ин мафҳумро ҳамчун муодили зиддиятҳои ботил дар мантиқ мешуморад. Барои ӯ, ин маъно дорад, вале дар фалсафаи муосир (махсусан, марксизм), диалектика ҳатто ҳузури зиддият дар ҳастиро мумкин медонад, ки бар хилофи андешаи мумтанеъ будани зиддият аст.

Ибни Сино бо истифода аз мантиқ ва фалсафаи илоҳӣ, ҳастиро тавре мефаҳмонад, ки дар маркази он як ҳастии абадӣ ва мутлақ (Худо) қарор дорад. Фалсафаи Ибни Сино иллатгаро (каузалӣ) аст, дар ҳоле, ки дар фалсафаи муосир бештар таҳлилгаро, тафсиргаро ва танқидгаро аст.

Асосҳои метафизикии ҷисми табиӣ дар таълимоти Ибни Сино ба асосҳои таълимоти Арасту шабоҳат доранд. Аммо Ибни Сино бозёфти

тозае дар таълимоти хеш овардааст. Шакл, материя ва нестӣ принсипҳои асосӣ мебошанд. Аммо нестӣ «ҳеҷ» -и мутлақ нест, балки он чизест, ки Арасту онро «маҳрумият» номид. Дар таълимоти Ибни Сино, чиз ҳамчун аз байн рафтани нестӣ ба вуҷуд меояд. Нестӣ вуҷуд надоштани моҳият аст. Аммо ғайримавҷудӣ, ки ҳамчун имкон метавонад воқеият пайдо кунад, мавҷудият пайдо кунад, воқеият мегардад. Пайдошавӣ аз нестӣ оғоз мешавад, ки ин имкон аст.

Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки таҳлили Чанишев бо такя ба мантиқи фалсафаи анъанавӣ ва хусусан мероси фалсафии Ибни Сино, дар шинохти масъалаи нестӣ саҳми назаррас мегузорад. Вай ба масъалаи «адам» дар доираи низоми мантиқӣ ва онтологӣ рӯшанӣ андохта, онро дар сатҳи фалсафаи муосир ба таври хоси худ таҷдиди назар менамояд. Ин хулоса дар таҳқиқи муқоисавии равишҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва фалсафаи муосири аврупоӣ аҳамияти калидӣ дошта, метавонад дар таҳияи модели универсалии фаҳмиши нестӣ саҳми муҳим гузорад.

Мақолаи А. Чанишев таҳти унвони «Рисола оид ба нестӣ» дар ҳастишиносии муосир га рдиши ҷиддие ба миён овард, ки бо диди тоза ва муфассал ба яке аз масъалаҳои бунёдии фалсафа «нестӣ» пардохтааст. А. Чанишев мафҳуми нестиро ба ҳайси як воқеияти ибтидоӣ, мутлақ ва универсалӣ шарҳ дода, онро на танҳо ҳамчун муқобили ҳастӣ, балки ҳамчун шарти вуҷуди он тавсиф мекунад. Ӯ аз роҳи мантиқӣ ва методи таҳлилӣ ба ин хулоса мерасад, ки нестӣ на танҳо воқеият дорад, балки ҳастиро низ муайян мекунад. Хусусияти муҳими андешаи А. Чанишев дар он зоҳир мешавад, ки ӯ «адам» -ро ҳамчун асоси тамоми тағйирот ва имкониятҳои вуҷуд таълим медиҳад.

Дар ҷойи дигар, А. Н. Чанишев гуфтааст, ки ҳастӣ устувор нест, агар нестии нестӣ бошад. Ифодаи ин ноустуворӣ ташаккул, тағйир, рушд, муборизаи баҳамзидҳо мебошад [380,12]. А. Н. Чанишев таъкид

бар он дорад, ки мавҷудияти «нестӣ» - ро бо роҳҳои зерин собит кардан мумкин аст:

-далел аз вақт: ҳастии ҳозира гумони будани ҳастии гузашта ва ояндаро ба вуҷуд меорад, яъне он чизеро, ки аллакай вуҷуд дорад ё не, дар назар дорад. Ин модуси замонии нестӣ аст;

-далел аз фазо: мавҷудияти чизе дар ин ё он макон маънои дар ҷои дигар мавҷуд набудани онро ишора мекунад. Ин модуси фазоии нестӣ аст;

-далел аз ҳаракат: ҷисми ҳаракаткунанда дар он ҷост, ки вай мавҷуд (он ҷой) нест ва ӯ дар он ҷое нест, ки вай мавҷуд аст. Ин модуси мобилии нестӣ аст;

-далел аз таҳаввули нав (бозёфт): нав ҳамон аст, ки дар сабабу шароит набудааст, вай бозёфт аст, вале он дар куҷо буд, вақте ки ҳузур надошт? Албатта, дар нестӣ буд. Ин зуҳурии ногаҳонии нестӣ аст;

-далел аз зиддиятҳо: оламҳо ва ғайриоламҳо, заррачаҳо ва ғайризаррачаҳо, миқдори мусбат ва манфӣ, умуман дар нестӣ, ҳар як баҳамзидҳо ҳамдигарро хомӯш мекунанд ва он ҷо пайдо мешаванд (гӯё аз нав);

-далел аз фарқият: ҳар мавҷуд, ҳама мушаххасот на ҳамон чиз аст, ки вай ҳаст, балки ҳамон чиз аст, ки чун вай нест. А барои он А мебошад, ки вай на В асту на С ва на Д..

-далел аз тасодуф: тасодуф он аст, ки метавонад бошад ё не, бинобар ин, мавҷудияти тасодуфӣ мавҷудияти «нестӣ» - ро дар назар дорад.

-далел аз ҷавҳар: то он даме, ки хусусият, аксиденсияҳо мавҷуд аст, пас, бояд дарбаргирандаи худро – ҷавҳарро дошта бошанд. Аммо ин ғайриимкон аст ва дар ашё ҷуз «маҷмуи хосиятҳо чизе нест. Ҳамин ки ҷавҳар муайян гардад, он ба хусусият табдил меёбад (охир, на материя ҳаст ва на рӯҳ, балки моддиёту маънавиёт мавҷуданд). Аз ин рӯ, танҳо нестӣ метавонад ҷавҳар бошад. Дар ин фарзия ҳам андешаҳои ҳаким

Абӯалӣ ибни Сино дида мешавад: «Адам яке аз мабдаъҳо (адам, ҳаюло, сурат-А.К.) буда, дар чизе, ки зоти ашё аст, вуҷуд надорад, вале метавонад чизро қабул карда дар он барқарор бошад» [11,611].

Оид ба исботи мафҳуми мабдаъ будани нестӣ ва дуюмдараҷа будани ҳастӣ А.Н.Чанишев ҷиҳати сабабии зуҳури онҳоро ҷустуҷӯ карда, дар 45 фарзияи хеш, ба натиҷаҳои мантиқан дуруст комёб гардидааст. Ба фикри ӯ мабдаъ ин нахустсабаб аст ва агар дар нахустсабаб, умуман, ҳастӣ ё ягон ҳолати онро фаҳмида шавад, пас оид ба сабаби нахустсабаб суол пайдо мешавад. Дар посух ба ин савол, баъзе файласуфон гуфтаанд, ки нахустсабаб худи сабаб аст, яъне вай сабаби на ҳама мавҷуди дигар, балки сабаби худ ҳам ҳаст. Ҳастӣ на нахустсабаб ва на сабаби худ шуда метавонад, аммо нестӣ метавонад нахустсабаб ва сабаби худ бошад: пас, он чизе ки вуҷуд надорад, ба сабаби (далел) мавҷудияти худ ниёзманд нест. Яъне, нестӣ, ҳамчун сабаби вуҷуди худ буданро инкор мекунад.

Ба андешаи А.Чанишев натиҷаи худинкории *нестӣ* ҳаст, ки *«ҳастӣ дар худ» нестӣ* дорад. Азбаски «ҳастӣ дар худ» нестӣ дорад, ҳастӣ ҳам вуҷуд дорад ва ҳам вуҷуд надорад. Азбаски ҳастӣ вуҷуди ғайримавҷуд ва мавҷуди ғайривуҷуд аст, вай вақт (замон) аст. Яъне, азбаски ҳастӣ (чун натиҷаи худинкории нестӣ) мавҷуд аст (худинкории нестӣ) ва мавҷуд нест (худ нестӣ), пас муваққатӣ аст. Пас, муваққатӣ будан хусусияти ҳастӣ аст. Аммо, вақте ки ҳама чиз барои чанд муддат ба вуҷуд меояд ва фанои ӯ ҷовидонист, пас, вақт ин марг аст (яъне, будани муваққатӣ ин фаношавист). Ҳастӣ устувор нест. Ифодаи ин ноустуворӣ ташаккул, тағйир, рушд, муборизаи баҳамзидҳо мебошад. Мисол: Худро тимсоли як гул тасаввур кунед. Гул мерӯяд ва мешукуфад ва ин як намуд «ҳастӣ дар худ» аст, ки он дар шароити муайян, тибқи қонунҳои табиат ва маҳдудиятҳо, худро манзур мекунад. Аммо, вақте ки гул пажмурда ва ё хушк мешавад, он ба «нестӣ» меравад. Ин «нестӣ» дар асл як ҷузъи қонуни таърихии зиндагӣ аст, ки ҳамчун қисми «ҳастӣ дар худ» (ва ё

мавҷудияти амалии гул) дар шароити тағйирот ва муваққатӣ вуҷуд дорад.

Вақт ҳамчун замони рушд ва тағйир дар байни ҳаёт ва марг мебошад. Пас, гул ҳам дар вақт ташаккул меёбад ва нобуд мешавад. Гул, ки зуд мехушкад, нишон медиҳад, ки вақт, ки муваққат аст, ҳамчун марг амал мекунад. Марг аст, ки хусусияти «муваққатӣ ва нестии ҳастӣ» мебошад.

Хулоса асоси рӯидани гул ва вақти он нишон медиҳад, ки вақт муваққатӣ буда, нестӣ ҳамчун ҷузъҳои табиии дар «ҳастии дар худ» амалкунанда мавқеъ дорад.

А. Чанишев муътакид мешавад, ки инсони «нестӣ» (фаношаванда) нотарс буда, новобаста ба нестӣ, дарк мекунад, ки ҳама вазъият муваққатӣ аст, аҳамияти ҳар вазъиятро дар паси нест шудани он мебинад, ӯ ҷасурона ба пеш меравад бо умед ва ё ноумедӣ. Тавба намекунад ва интиқом намегирад. Инсони нестӣ мефаҳмад, ки амал кардан маънои иваз кардани озодиашро дорад. Танҳо фалсафаи нестӣ метавонад муносибати фалсафиро ба ҳаёт асоснок кунад, яъне бозгашт мазаллат ва муросо аст. Инсони нестӣ худро ҳамчун нестии нестии худ, ҳаётро чун нестии марг, муҳаббатро ҳамчун нестии нафрат, вафодориро ҳамчун нестии хиёнат, ҳақиқатро ҳамчун нестии дурӯғ ва фиреб, вохӯриро ҳамчун нестии фироқ медонад.

Инсони нестӣ одами консервативӣ нест. Дарки он ки ҳама чиз муваққатӣ ва (ҳама А ҳаст В) ноустувор аст, вай кӯшиш намекунад, ки чизеро маҳфуз дорад, зеро чизе маҳфузшаванда нест. Дар ниҳоят, танҳо тарс аз нестӣ одамонро маҷбур мекунад, ки оилаҳо барпо кунанд, ки дар онҳо муҳаббат ва ғайра гӯё ҳастанд. Ин таъкидҳои иброздоштаи А. Чанишев андешаҳои нисбӣ буда, ҳастии маънавии инсонро баҳои охирин нест.

Аз таълимоти А. Чанишев ба хулосае омадан мумкин аст, ки инсон дар як ҷаҳон, ки ҳама чиз муваққатист, бо дарки нестӣ ва мавҷудияти ноустувор, бе ҳарос зист мекунад. Вай фаҳмиши амиқе аз нестию нобудшавӣ дорад. Барои инсон, ҳаёт як замони муваққатист, ки дар он ҳар чиз мухтасар ё мукаммал бо нестӣ ва вақти муайян ба ҳам меояд.

Инсони фаношаванда, ки фалсафаи ӯ бар асоси дурустии муваққатӣ ва нестии ҳеҷ чиз аст, аҳамияти вазъиятҳоро дарк мекунад ва барои ӯ ҳар амали ҳозира маънӣ дорад. Ба андешаи А. Чанишев фалсафаи нестӣ манбаи озодӣ ва фаҳмиши дурусти ҳаёт аст. Ҳар чизе, ки мо дар зиндагӣ эҳсос мекунем—меҳр, хиёнат, вафо ё ҳиҷрат ин ҳама нишондиҳандаи нестии ҳамаи ин аст. Инсон дарк мекунад, ки ба сифати ҳастии муваққатии худ ҳаёт воқеият ва маъно пайдо мекунад.

Г. Гегел ҷонибдори он ақида буд, ки шуури ҳастӣ ин шуури ғуломист ва шахсе мебошад, ки шуури нестӣ дорад, аз марг наметарсад ва ҳаёташро ба қимати марг мехарад. Яъне, ӯ **шуури ғулом**-ро ҳамчун як навъ шинохти маҳдуд ва бенақша мебинад, ки дар муқобилияти марг наметавонад озодӣ ва дарки амиқи зиндагӣ пайдо кунад. Аммо **шуури нестӣ**, ки маргро як ҷузъи равшан ва амиқ аз шинохти ҳаёт мебинад, ба инсон имкон медиҳад, ки дарк кунад, ки чӣ гуна танҳо дар мавқеи марг ва нестӣ ҳаёти пурмазмун ва озодро ёфта метавонад.

Аммо файласуфи рус В. А. Кутирев боз ҳам, беш аз ду даҳсола дар ақидаи хеш устувор буда, дар ҷонибдории «ҳастӣ» муқовимат менамояд. Ӯ баръакси фарзияҳои А. Чанишев ҳастиро мабдаъ дониста, бо фарзияҳояш асоснок мегардонад, ҳастӣ ҳамаро фарогир аст ва барои муайян кардани он чизе нест. Ин як мафҳуми апофатист, ки маҳдуд карда намешавад. Ҳастӣ дар баробари ягон чиз буда, ҳар ҳодис дар худи он рӯй медиҳад. Ин як анбози фалсафии Худо аст ва ҳама чиз зуҳуроти он аст. Ҳастӣ мабдаъ аст, зеро сабабгори худ аст ва онро аз ҷое бароварда намешавад. Аз ин рӯ, он набояд назди ақоиди гуногун «худро

сафед кунад». Ҳар касе, ки асли хеш меҷӯяд, ба он ҷавоб медиҳад, зеро аз мавҷуд мавҷудияташро бояд ҷуст.

Масъалаи ҳастӣ теорема нест, балки аксиома аст, далели он дар мавҷудияти он аст. Нестӣ як принсипи тағйир, ҳаракат ва замон аст, ки баръакси хосияти устувор ва муқаддамоти «ҳастӣ», ба ҳолати динамикӣ, рушд ва шаклҳои нав такон медиҳад. Г. Гегел ва дигар файласуфони диалектикӣ ишора мекунанд, ки нестӣ ва ҳазфи шаклҳо асли на танҳо манфии мавҷудият, балки дарк ва камбудиҳо дар ҳар шакли нав ва фалаҷшавии мавҷудотро ба вуҷуд меоранд.

Бояд зикр кард, ки дар ин нукта файласуфи рус В. А. Кутирев зидди андешаҳои 10 сол қабл ибрознамудаи хеш ҳарф зада, бар ақидаи А.Н. Чанишев гароидааст. Ҳастӣ, – мегӯяд В. А. Кутирев, – ин субстансия аст, вай аввал аст; нестӣ – аксиденсия, вай дуввумдараҷа аст, бинобар ин «будан» ифодаи сабабии ҳастӣ мебошад. Ҳастӣ – ҳаёт, некӣ, ростӣ ва нестӣ – марг, бадӣ, дурӯғ ва бенизомӣ аст. Аз ин рӯ, онтологияе, ки бар категорияҳои «ҳеҷ чиз» ва «нестӣ» сохта шудааст, набояд вуҷуд дошта бошад [356,15-32].

Бояд қайд кард, ки ақидаҳои зикршударо метавон ҳамчун нуқтаи анҷоми асосҳои фалсафаи классикӣ фаҳмид.

Дар фалсафаи асрҳои XIX-XX категорияи нестӣ, асосан, ба маънои ҳастии вуҷудӣ (экзистенциалӣ, дар робита ба мавҷудияти инсон) шарҳ дода шудааст, ки дар шакли озодии шартнопазир, тарс аз марг ё нафаҳмидани маънои зист ифода ёфтааст.

Нестии воқеӣ, чун фазои ибтидоиест, ки тавассути он ашёи мавҷуд ба худ сурат мегирад, дорои сохтори умумии квантӣ (дискретӣ) мебошад ва ба ин васила ҷараёни воқеии ашёро амалӣ мекунад. Нестӣ ин ғайримавҷудист, аммо он ҳам бояд сабабе дошта бошад, яъне тасвири набудани он, бояд, бо маҷудияти баъзе аломатҳо асос ёбад ва

мавҷудияти аломатҳо, дар навбати худ, мавҷудияти объекти тавсифшударо муайян мекунад.

«Албатта, таълимоти фалсафиро файласуф эҷод мекунад, ҷойи баҳс нест, аммо ӯ наметавонад аз доираи имкониятҳое, ки фалсафа ба ӯ медиҳад, берун равад; ҳарчанд ин имкониятҳо чӣ қадар васеъ ва гуногунанд, онҳо бепоён нестанд» [244,7].

Дар афкори фалсафаи антиқӣ ва ҳам асримиёнагӣ категорияи «нестӣ» ҳамчун «шабаҳи ҳастӣ» истифода шудааст. Нақши методологии он на дар тасдиқи мавҷудияти нестӣ ҳеҷро дар воқеияти объективӣ муайян кардан буд, балки бе истифодаи онҳо дарёфти ҳақиқат душвор буд.

Дар баробари равнақи андешаи олимони замони мо Ибни Сино дар даврони худ категорияи «нестӣ» - ро ташреҳ дода буд ва олимони баъдӣ (ҳам дар Ғарб ва ҳам дар Шарқ) аз таълимоти Шайхурраис баҳраманд шудаанд.

Аз натиҷаи таҳлилҳои баррасишуда метавон чунин хулоса намуд: нахуст, ин муаммои ҳастӣ, бо мавҷуд будани нестӣ (ҳеҷ чиз) қонунӣ будани ҳузури ин категорияҳоро дар фалсафа бозгӯ намояд. Дуввум, ҳарчанд олимону файласуфони муосир аз паҳлуҳои методологии рушан ифодаёфтаи ин категорияҳо истидлол накардаанд, вале дар фалсафа ва ҳам дар илм, алахусус дар табиатшиносӣ, бахши методологиро дар бар мегиранд.

Хулоса, мо ба андешаи Ибни Сино созгор ҳастем, яъне мавҷудияти категорияи «нестӣ» - ро ҷонибдорӣ намудан ба мантиқ наздик аст. Чуноне Шайхурраис иброз медорад: «Адам яке аз (сабаб)-и мабдаъҳо буда, дар чизе, ки зоти ашё аст вуҷуд надорад, вале метавонад чизро қабул карда дар он барқарор бошад» [11,611].

Масъалаи дигаре, ки ба мавзуи мо робита дорад, ҷуфт будани «ҳастӣ ва нестӣ» мебошад. Дар ин маврид В. Дмитриева баҳси доманадореро матраҳ кардааст, ки мегӯяд:

«Категорияи «нестӣ» дар фалсафаи Ғарби Европа бо мафҳуми инкор алоқаманд буда, дар равиши таҳқиқ ду парадигма вуҷуд дорад: яке «нестӣ»-ро ҳамчун падидаи воқеӣ мешиносад, дигаре онро рад мекунад. Фалсафа ва илми муосир мафҳуми «ҳеҷ»-ро барои шарҳи воқеият истифода мебаранд, ки нигилизм онро ба сифати маҳрумсозии ҳама мавҷудият дар назар дорад ва баҳсҳо оид ба «ҳеҷ» нақши методологии онро дар фалсафа ва илм муайян мекунанд» [388,8-9].

Таҳлили гузаронидашуда ҳадди аққал ду ҷабҳаи асосиро муайян намуд: аввал, ин мушкилоти марбут бо мавҷуди нестӣ (ҳеҷ чиз) қонунӣ будани ҳузури ин категорияҳоро дар фалсафа бозгӯ кард. Аз нигоҳи мо бо як қатор далелҳо асоснок гардид ва ин категорияҳо, ки аз ибтидо дар фалсафа мавҷуданд ва ҳаққи мавҷудият доранд.

Дуввум, Ҳарчанд хулосаҳо ва натиҷаҳои файласуфони муосир ҷанбаи методологии ошкоро ифодаёфтаи ин категорияҳоро надошта бошанд ҳам, онҳо самти бешубҳаи методологиро ҳам дар фалсафа ва ҳам дар илм, алалхусус дар табиатшиносӣ дар бар мегиранд» [142,117-128].

Ҳамин тавр, таҳлили категорияи «нестӣ» нишон медиҳад, ки ин мафҳум на танҳо хусусияти фалсафӣ, балки рамзии ирфонӣ низ дорад. Дар фалсафаи классикӣ, нестӣ ҳамчун ғайривуҷуд тафсир мешавад, дар ҳоле ки дар тасаввуф он марҳилаи нобудшавии нафс ва заминаи васли комил бо ҳақиқат мебошад. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки масъалаи «нестӣ» дар ирфон маънои мусбат мегирад – ҳамчун шарти худшиносӣ ва худопайвандӣ.

Дар ирфон, махсусан дар мактаби тасаввуфи исломӣ «нестӣ» маънои нест кардани нафс ва манияти инсониро дорад. Ин ҳолатро фано мегӯянд, ки марҳилаи асосии иттиҳод бо Худо мебошад. Нестӣ дар ин ҷо

ба маънои он нест, ки инсон ба таври ҷисмонӣ аз байн меравад, балки нафси шахсӣ ва маният дар зоти илоҳӣ гӯё фано мешавад. Ин як нестии иродӣ ва маънавӣ аст, ки мақомаш болотар аз вуҷуд дар шакли дунявист. Ишқ дар ирфон воситаи фано ва нестшавӣ дар зоти Маҳбуб ас. Масалан, Мавлоно мегӯяд:

«Бимирад, та ба зиндагии нав расад.

Ин нестӣ аз ишқ пайдо шавад». Ишқи ирфонӣ шахсро ба худфаноӣ мебарад. Нестӣ як шакли такмили вуҷудб аст, яънешакли аъло ва покшудаи ҳастӣ.

Бар хилофи нигилизми муосир, ки нестиро чун холигии маънавӣ мебинад, ирфониён нестиро пули гузариш ба вуҷуд ва маърифати ҳақиқӣ медонанд.

Ҳамин тариқ, дар ирфони асримиёнагӣ, нестӣ мафҳуми мусбат дорад, яъне он як марҳилаи комёбии маънавӣ аст. Он ба маънои адами вуҷуд нест, балки нест кардани худписандӣ ва худхоҳӣ дар баробари зоти беинтиҳо. Ин нестӣ, асосан, зоҳидона, ахлоқӣ ва маънавӣ аст, на онтологӣ.

Масъалаи нестӣ дар ирфони асримиёнагӣ ба сифати ҷузъи муҳими таҷрибаи маънавӣ зоҳир мешавад. Бар хилофи равишҳои мантиқии фалсафа ё нигилизм, ки нестиро адами ҳастӣ ё холигии маънавӣ медонанд, ирфон онро марҳилаи олии худошиносӣ, поксозии нафс ва иттиҳод бо Воҷибулвуҷуд медонад. Нестӣ дар ирфон на охир, балки оғози ҳақиқии вуҷуд аст.

Таҳқиқ гардид, ки категорияи «нестӣ» яке аз мафҳумҳои мураккаб ва серпаҳлуи онтология аст, ки дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, хусусан дар низоми тафаккури файласуфони машшоия ва суфиён, ҷойгоҳи хоса худро дорад.

Муқоисаи ин ду равиш нишон медиҳад, ки дар фалсафаи мантиқӣ категорияи «нестӣ» асосан ҳамчун мафҳуми номатлуб ва мустақил

баррасӣ мешавад, дар ҳоле ки дар тасаввуф он ҳамчун марҳилаи таҷаллии ҳақиқат қабул мегардад. Дар ин замина, дарки «нестӣ» дар раванди маърифат метавонад ба ду самти асосӣ тақсим шавад — ақлонӣ ва таҷрибавӣ. Дарки ақлонӣ «нестӣ»-ро ҳамчун маърифати абстрактӣ медонад, ки на танҳо ба ҳодисаҳои ояндадор, балки ба таҳлили амиқи моҳияти ҳастӣ ва мавҷудият дахл дорад. Дар чунин ҳолат, «нестӣ» ҳамчун воситаи таҳкими шуур ва амиқгардонии идроки воқеият баромад мекунад. Аз тарафи дигар, дарки нестӣ дар контексти таҷрибавӣ марбут ба таҳаввулоти воқеии мавҷудот аст. Дар ин раванд, нестӣ ба таври мустақим ба ҳолатҳои ҳаётӣ, тағйироти табиии мавҷудот ва раванди зиндагии инсон ишора мекунад, ки дар он инсон худаш шоҳиди бартараф шудани шаклҳо, пайдоиш ва маҳвшавии маъниҳо ва ҳолатҳо мешавад. Вай бо таҷрибаҳо ва амалҳо аҳамияти нестиро дарк мекунад, ки ба як ҷузъи амиқ ва эҳсосӣ барои шинохт ва ҳувияти худ табдил меёбад.

Аз ин рӯ, дарки нестӣ дар контексти ақлонӣ ва таҷрибавӣ якҷоя мегузарад, ки ҳар ду раванд ба амиқ кардани фаҳм ва шинохти фардӣ ва умумии инсон мусоидат мекунанд.

Нуктаи ҷолиб он аст, ки муаллиф пайвандҳои таълимоти ирфонии суфиёнро бо бархе мактабҳои фалсафаи муосир, аз ҷумла экзистенсиализми М. Ҳайдеггер ва Ж. Сартр, баён мекунад. Дар ин мактабҳо, нестӣ ҳамчун имкони интихоби озодона ва нуқтаи ибтидои маърифати инсонӣ арзёбӣ мегардад, ки ба таври ҷолиб бо идеяҳои «фано» ва «таҳаллул» ҳамсу садо меёбад.

Бояд хулоса намуд, ки мафҳуми «нестӣ» танҳо муқобили «ҳастӣ» нест, балки дар ирфон ва фалсафаи муосир метавонад ҳамчун марҳилаи гузариш ба шинохти ҳастии пок ва иттиҳоди маънавӣ таъбир ёбад. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки дар тафаккури файласуфони тоҷик, «нестӣ» худ шакли амиқи маърифат ва рамзи зуҳури ҳақиқат мебошад.

Таҳқиқот инчунин нишон медиҳад, ки дар фалсафаи муосир низ аз М. Хайдеггер оғоз карда, то файласуфони экзистенсиалист масъалаи нестӣ ба сифати шарти дарк ва шинохти ҳастии инсон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Ҳамин тавр, масъалаи «ҳастӣ» ва «нестӣ» яке аз бунёдитарин ва қадимитарин масъалаҳои фалсафаи ҷаҳон ба шумор меравад, ки аз замони фалсафаи Юнон то ба андешаҳои мутафаккирони исломӣ ва фалсафаи муосир ҷойгоҳи марказӣ доштааст. Дар доираи фалсафаи асримиёнагии тоҷик, махсусан дар мактаби машшоия, масъалаи ҳастӣ бо назарияи Воҷибулвуҷуд (ҳастии зарурӣ) ва имкони вуҷуд аз роҳи таҳлили мантиқӣ ҳамчун масъалаи метафизика баррасӣ шудааст. Файласуфоне чун Абӯалӣ ибни Сино масъалаи ҳастиро ҳамчун асли аввалияи фаҳмиши олам ва шинохти Худо дар меҳвари андешаи худ қарор дода, ба хулосае омадаанд, ки ҳастӣ бар моҳият тақаддуми зотӣ дорад. Дар илми метафизика (мобаъдуттабиа) Ибни Сино, пеш аз ҳама ба ҳастишиносӣ таваҷҷуҳи вижа намуд ва омӯзиши масъалаи ҳастӣ (вуҷуд) ва тамоми хусусиятҳои муҳими он дар тафаккури метафизикии ӯ нақши марказиро иҷро кард. Ибни Синоро, ки ҳамеша аввалин схоласт меноманд, дарвоқеъ асосгузори фалсафаи асримиёнагӣ буд ва дар ҷаҳони ислом ва масеҳият бо масъалаи ҳастӣ сару кор дошт. Аз ин рӯ, ӯро бештар «файласуфи ҳастӣ» меноманд. [382]

«Абӯалӣ Сино, – мегӯяд А. Сагадеев, – мавҷудият ва ҳастиро аз ҷумлаи он мафҳумҳои аввалияи аз мафҳумҳои дигар истихроҷнашаванда тасниф мекунад, яъне биноҳои аввал аз дигар биноҳо истихроҷ нахоҳанд шуд (вагарна мо ба беохир қафо мемонем). Аммо ҳастӣ навъи олӣ нест, ки дар зери он категорияҳо дарбар гирифта шаванд. На ақидаи умумӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти абстрактии ақл ба даст омадааст, балки идеяи ибтидоӣ буда, бевосита дар тафаккур ба мо дода мешавад ва танҳо ба шарофати он ба воқеият татбиқ намудани категорияҳо имконпазир

мегардад» [238,57].

Дар ин иқтибос андешаҳои Ибни Синоро метавон чунин шарҳ дод, ки ҳастӣ на чизи таҳлилшаванда аст ва на бармеояд аз ягон мафҳуми дигар, он мафҳуми бунёдӣ ва ибтидоӣ аст, ки бевосита дар шуур ҳузур дорад, яъне мо «ҳаст»(мавҷуд) будани чизҳоро ҳис мекунем, пеш аз он ки бидонем «чизҳо чистанд». Кӯдаки хурдсол ҳам медонад, ки чизе «ҳаст» пеш аз он ки бидонад он чиз «чӣ аст» (яъне моҳияташ чист).

Дар фалсафаи Арасту ва баъдтар илоҳиёт, категорияҳо (монанди: миқдор, сифат, замон, ҷой ва ғ.) воситаҳои фикрӣ барои фаҳмиши ашёанд, вале ин категорияҳо танҳо вақте маъно доранд, ки бар «чизи ҳаст» татбиқ шаванд. Ҳастӣ пеш аз категорияҳо меояд ва шарти маъно додани онҳо аст. Ибни Сино дар ин ҷо ба як пояи *онтологии пешақадам* мерасад, ки баъдтар фалсафаи Садрои Шерозӣ онро бо мафҳуми асолати вуҷуд комилан рушд медиҳад. Вуруд ба воқеият на аз роҳи ақлгароии абстракт, балки аз ҳисси мустақими «будан» оғоз мешавад, Вуҷуд на як хулоса, балки як шинохти бевасила ва ҳузурист. А. Сагадеев таълимоти Ибни Синоро бо назари муосир таҳлил мекунад: ҳастӣ на абстраксия, балки шинохти бевосита аст.

Дар тасаввуф ва ирфони исломӣ ҳастӣ бештар бо таҷрибаи ботинӣ, ҳолати фано ва иттиҳоди маънавӣ бо Ҳақ таъбир мегардад. Сӯфиёне чун Мустамлии Бухорӣ нестиро ҳамчун шарти маърифат ва покии қалб шарҳ медиҳанд. Барои ориф, нестӣ маънои ғайримавҷудӣ нест, балки ҳолати халосӣ аз «ғайр» -и Худо ва омодагӣ барои дарки ҳақиқат мебошад.

Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии ду равияи фалсафӣ ва ирфонӣ метавон ба чунин хулоса расид, ки ҳарчанд нуқтаи назари машшоия ва тасаввуф дар таҳлили «ҳастӣ» ва «нестӣ» равишҳои мухталиф доранд, яке тавассути мантиқ ва дигаре тавассути таҷрибаи ботинӣ, ҳар ду бо усул ва забони хоси худ ба дарки ҳақиқати ягона, яъне Худо ва ҳастии мутлақ, равона шудаанд. Маҳз дар ин ҷиҳат робитаи мутақобилаи

фалсафа ва ирфон ошкор мешавад, ки дар таълимоти намояндагони мактабҳои фалсафӣ кӯшиши шинохти ҳастӣ на ба муқобили якдигар, балки барои такмилдиҳии афкори ҳамдигарӣ будааст.

1.3. Масъалаи «ҳастӣ» ва «моҳият»

Дар ин зербоб методи таҳлили консептуалӣ ва мантиқӣ истифода шуда, муносибати байни мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «моҳият» дар фалсафаи Ибни Сино ва файласуфони исломӣ таҳлил шудааст. Моҳият барои маънои ҳақиқати чизе истифода мешавад. Дар фарҳанг омадааст, ки моҳият ин як масдари сохтаест, ки аҳли мантиқ ва хирад кашф кардаанд. Маънои луғавии вожаи «моҳият» (аз заб. арабӣ) ба таркиби «мо» (чӣ)», ҳия» (вай), «та» як масдар аст. Ва баъзе мегӯянд, ки моҳият аз «мо ҳия» гирифта шуда, таркиби «мо» (чӣ) пурсиш, «ҳия» (вай) нисбӣ ва «та» масдар аст ва пас аз «алиф» феъли зиёдатӣ ба «ҳай» табдил шудааст ва гоҳе ба ҷои моҳият «май» ё «майит» (Фарҳанги форсӣ) гуфта мешавад. Дар фалсафа мафҳуми «моҳият» ҳамчун ҷавҳари ашё, яъне «ин будани чиз» ё худ «чӣ будани чиз,»яъне моҳияти ашё «чӣ» -и он аст ва таҳқиқ аз моҳияти ашё аст. Моҳият маънои ҳақиқати объект ё ҷавоб ба саволи «он объект чист?» - ро дорад.

Дар фалсафа ҷонибдорони назарияи асолати ҳастӣ «моҳият» - ро ҳадди ҳастӣ ва як масъалаи зарур медонанд. Яъне, он чизе, ки ҳақиқати ашёро ташкил медиҳад. Моҳиятро, дар ин маънӣ низ метавон ба ҳастӣ нисбат дод, вале моҳият дар маънои аввал баръакси ҳастӣ мебошад, ки дар зер шарҳ дода мешавад.

Дар фалсафаи Юнони Қадим «моҳият» -ро ҳамчун «оғози» дарки ашё ва дар айни замон сарчашмаи пайдоиши воқеии онҳо ва намуди зоҳирии онҳо – ҳамчун образи намоён, шакли тағйирёбандаи ашё ё чизе, ки танҳо «мувофиқи ақида» вуҷуд дорад, идрок мекарданд. Арасту дар боби аввали китоби «Метафизика» -аш андешаҳои олимону файласуфони замони хешро, оид ба нахустмабдаъ, ҳастӣ ва ғ. иқтибос

оварда, дар боби дуюм чунин хулосаҳо мебарорад: «Бархе бар ин иддаъо мекунанд, ки ғояҳо ва ададҳо як моҳият доранд ва ҳама чизи дигар – хатҳо ва ҳамворҳо, то моҳияти олам ва то чизҳои бо ҳиссиёт даркшаванда ба онҳо мепайвандад... оё мавҷудоти ғайри эҳсосшаванда вуҷуд дорад ё на? Ва чӣ гуна ин моҳиятҳо вуҷуд доранд ва моҳияте ҳаст, ки ба ғайри эҳсосшаванда буда, мустақилона вуҷуд дошта бошад ва он чаро ва дар кадом намуд аст, ё худ ин гуна моҳият мавҷуд нест» ? [46,347]

Ба ақидаи Демокрит, моҳияти ашё аз худи ашё ҷудонашаванда аст ва аз атомҳое, ки аз он иборат аст, бармеояд. Аз рӯи андешаи Афлотун моҳият (ғоя) ба ҳастии ҷисмӣ-ҳиссӣ мансуб набуда, дорои хусусияти ғайримодӣ, абадӣ ва беохир мебошад. Ба андешаи Афлотун, моҳият «шакли ашё» буда, ба ҷуз аз чизҳои алоҳида, дар алоҳидагӣ вуҷуд надорад. Ӯ ғоя ва ашёи математикиро ду навъи моҳият мефаҳмид [46,347].

Арасту зери мафҳуми моҳият принсипи абадии мавҷудияти ашёро мефаҳмад. Моҳият дар мафҳум дарк карда мешавад. Ҳарчанд ҳастӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад, вале азбаски ҳамаи ин шаклҳои ҳастӣ дар иртибот бо як маънои аслии он қарор доранд, аз ин рӯ, ҳар мавҷудият мавриди баррасии ҳамон илм аст ва ин илм, пеш аз ҳама ва аслан, ба моҳият нигаронида шудааст, ки он чизест асосан вуҷуддошта. Чуноне Арасту гуфта буд: «Аз нуқтаи назари мантиқӣ, моҳияти ҳастӣ барои ҳар як чиз дар он аст, ки ин ашё, бо хусусияти худ, хешро муаррифгар аст. Ҳастӣ барои ту на дар он чизест, ки барои шахси босавод (дар санъат) аст, зеро ту худ аз худ (на аз рӯи фитрати худ) босавод (дар санъат) нестӣ. Пас, асли ҳастӣ барои ту он чизест, ки ту худ аз худ он ҳастӣ» [46,347].

Арасту дар боби мантиқ низ масъаларо чунин иброз медорад, ки «моҳияти ҳастӣ дар ҳар чизе, ки як навъ ҷинс набошад, пайдо намешавад, инчунин дар ин гуна намудҳо, на аз рӯи иштироки (дар онҳо)

муштарак, сухан меравад ва на барои он ҳолате, ки (дар онҳо) нишон дода шуд, чун он нест» [46,347].

Арасту, ки категорияи моҳиятро хаматарафа таҳқиқ мекард, ҳанӯз байни моҳият ва вуҷуд ин гуна тафовути муайяне нагузоштааст, Ҳарчанд баъзе равишҳо ба он нишон дода шуда буданд. Тафовути равшани ин мафҳумҳоро файласуф Боэтиус муайян менамояд. Дар таърифи Боэтиус, моҳияти ашё ва муайянии он, дар мафҳуми идрокшаванда ифода меёбад. Мо дар бораи мавҷудияти чизе аз таҷриба меомӯзем ва ба ақидаи Боэтиус бошад, ҳастӣ ва моҳият танҳо дар Худо, ки субстансияи сода аст, ба ҳам мувофиқат мекунанд; дар чизҳои офаридашуда ҳастӣ ва моҳият мувофиқат намекунанд. Барои он ки бархе аз моҳият мавҷудияти муайяне дошта бошад, он бояд офарида шавад, ки бо иродаи илоҳӣ анҷом дода мешавад [304].

Ба андешаи Боэтиус ҳастӣ ва моҳият аз ҳам фарқ доранд; танҳо дар Худое, ки ҷавҳари одӣ аст, ҳастӣ ва моҳият мувофиқат мекунанд. Дар мавриди чизҳои махлуқ бошад, онҳо сода нестанд, балки мураккабанд ва ин пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки ҳастӣ ва моҳияти онҳо яксон нестанд. Барои ба вуҷуд омадани ин ё он мавҷуд бояд ба ҳастӣ ҷалб шавад, ё содатар гӯем, бо хости илоҳӣ офарида шавад. «Ба андешаи Боэтиус, –мегӯяд файласуфи тоҷик М. Исмоилов,- ҳастӣ ва моҳият айни як чиз нестанд, онҳо танҳо дар Худо бо ҳам мувофиқ меоянд, як мешаванд. Ҳастӣ ва моҳияти чизҳову ашёҳои офаридашуда бошанд, бо ҳам айниятдор нестанд. Барои он ки ин ё он моҳият мавҷудият пайдо кунад, вай бояд аввало аз тарафи Худо офарида шуданаш лозим аст» [133,57].

Аз рӯи мантиқ пайванди байни ин ду иқтибос дар он аст, ки ҳарду манбаи асосии фарқияти ҳастӣ ва моҳиятро таъйин мекунанд ва ба он назар доранд, ки ҳастӣ ва моҳият дар мавҷудоти офаридашуда яксон нестанд, ки ин фарқ аз иродаи илоҳӣ ва шакли ташаккулёбии мавҷудот

вобаста аст, аммо дар мавриди Худо ҳастӣ ва моҳият якпорчагиву мутобиқат доранд.

Бояд зикр намуд, ки ин нуқтаи назар дар андешаҳои намояндагони равияҳои машшоия (Ибни Сино) ва тасаввуф (Мустамлии Бухорӣ)-и асрҳои миёна низ ба тарзҳои гуногун матраҳ шудааст. Дар андешаи равияҳои машшоиёни шарқӣ ва орифони тасаввуфӣ бошад, креатсионизмро ҳамчун як ақидаи бунёдӣ дар таълимоти хеш овардаанд. Ибни Сино онро бо истилоҳоти фалсафӣ ва ақлонӣ шарҳ медиҳад, дар ҳоле ки Мустамлӣ онро дар рӯҳи рамзӣ ва ишқии ирфонӣ тавсиф мекунад.

Моҳият чӣ будани худи ашёро тавсиф мекунад. Ибни Сино дар масъалаи моҳият ҳамандешаи Арасту аст: «Ҷавҳар он аст, ки варо моҳияте ҳаст, чун ҷисмӣ ва нафсӣ ва инсонӣ ва фарасӣ. Ҳоли моҳиятро чигунагии мавзуъ зарур аст ва он чиро моҳият ғайри чигунагӣ нест, ҷавҳар нест» [10,852].

Бояд хулоса кард, ки ҳама он чизи дар олами зери моҳ мавҷудбуда, ҳамон вақт ҳақиқати онтологӣ дармеёбад, агар ҳастии онҳо ба моҳияти онҳо мувофиқат кунад, яъне ҳастӣ бояд дар мавзуъ (объект) бошад.

«Зери мафҳуми моҳият Ибни Сино пеш аз ҳама шаклро дар назар дорад, ки он принсипи субстансионалӣ буда, аз ҳолати потенсиалӣ ба ҳолати актуалӣ гузаштани ашёро таъмин мекунад. Ва ҳамчун як қувваи амалкунанда шаклро ҳамчун «универсум» ё принсипи универсалии ҳастии мавҷудоти алоҳида медонад» [133,489]. Яъне, ба ақидаи Ибни Сино, мафҳуми моҳият аввалан ба шакл алоқаманд аст, ки он ҳамчун принсипи субстансионалӣ маънидод мешавад. Ин шакл қудрати табдилёбӣ аз ҳолати потенсиалӣ ба ҳолати актуалӣ (яъне аз эҳтимолият ба воқеият) - и ашёро таъмин мекунад. Аз назари ӯ, шакл на танҳо хусусияти муайяни ашё, балки ҳамчун универсум ё принсипи умумии ҳастии мавҷудоти алоҳида низ пазируфта мешавад. Ин маъниро Ибни

Сино ҳамчун қувваи амалкунанда ва зарурӣ мешуморад, ки мавҷудиятро ҳамчун абадият ва якпорчагӣ нигоҳ медорад. Таҳлили ин назария нишон медиҳад, ки Ибни Сино мафҳуми моҳиятро на танҳо ҳамчун хислат ё хусусияти ашё, балки ҳамчун принсипи аввалияи сохти ҳастӣ, ки раванди амалкардаро назорат мекунад, дар назар дорад. Ин бунёди фалсафии ӯ бо таъкиди таъсири шакл дар ташаккули мавҷудот ва рафтори онҳо равона шудааст.

Ибни Сино моҳиятро аз ҳастӣ тафриқа гузошта моҳиятро ҳастии ногузир мешуморад, зеро воҷиб худ ба худ вуҷуд дорад ва ин далели мутазод будани ҳастии ногузир ба ҳастии имкон аст. Имкон, ки худ аз худ вуҷуд надорад, ҳастии худро аз ногузир мегирад. Аз ин лиҳоз, ногузир фаъол буда, имкон мафъул маҳсуб меёбад. «Вале бояд мавҷудиятро аз моҳият фарқ кард. Чунки ҳастӣ на ба мавҷудият, балки ба моҳият аст. Аз ин нуқтаи назар Ибни Сино мӯътакид аст, ки имкон пеш аз он ки воқеӣ шавад, моҳиятан вуҷуд дорад. Пас, ӯ мавҷудияти ду ҳастӣ, яъне Худо ва имконро низ қоил аст. Ба ақидаи мутафаккир, имкон хосияти моҳият аст. Вақте ки вуҷуд дорад, хосият ҳам мавҷуд аст. Азбаски имконияти моҳият аст, мавҷудияти моҳият бе хосият муҳол аст. Вале хосият ба инкишофи моҳият халал намерасонад. Пас, гуфтан мумкин аст, ки аз ҳастии басит, ки билқувват аст, тамоми ҳодисаҳои гуногуни олам ба вуҷуд меоянд. Ҳодисаҳои мухталиф аз ҳастии собиқаи худ, яъне имкон, пайдо мешаванд, ки моҳияти онҳоро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳастии ҳодисаҳо ба мабдаи аввал, ки ягон қуввае онро ба ҷунбиш оварда наметавонанд, вобаста мебошанд» [265,17].

Академики рус И. Фролов дар китоби «Муқаддима ба фалсафа», дар боби 7, ки «Мафҳуми моҳият дар ақидаи Арасту» унвон дорад, моҳиятро ҳамин тавр муайян мекунад: «Хусусияти муҳими таълимоти моҳиятшиносии арастуӣ дар он аст, ки агарчи Арасту предмети (шахси фард) ҷудогонаро тавассути ҳастӣ ва аз ин рӯ, аз рӯи моҳияти ба он

наздик мефаҳмад, худи моҳият, умуман, чизе нест, ки бо ҳиссиёт дарк шавад: бо ҳиссиёт танҳо хосиятҳои ин ё он моҳияти дигарро дарк мекунанд, аммо худи он як барандаи ягона, тақсимнашаванда ва ноаёни ҳамаи ин хосиятҳост. Он чизест, ки ашёро ба истилоҳи «ана ҳамин» ба мафҳуми муайян табдил месозад ва имкон намедиҳад, то бо дигар чиз омехта шавад» [304,623]. Яъне, дар таълимоти Арасту хусусияти ҳастӣ (моҳият) ҳамчун ягонагӣ, ҷудонашавандагӣ, устуворӣ (тағйирнопазирӣ) боқӣ мемонад, дар айни замон, моҳиятҳои ибтидоии «ин шахс» ва ҳам моҳиятҳои дуюмдараҷаи: «одам», «мавҷудоти зинда» аз ҳам ҷудонашавандаанд».

Ҳамин тавр, Арасту мегӯяд, ки «барои дарки вуҷуд табиати моҳиятро маълум бояд кард [46 Метафизика VII 4, 1030 а б]. Моҳият дар мафҳум дарк карда мешавад [46 Метафизика VII, 1043 а 21]. Барои Арасту, бар хилофи Афлотун, моҳият («шакли ашё»), ба ҷуз аз чизҳои алоҳида, вуҷуд надорад. Аниқтараш:

1) «Арасту моҳият гуфта, асоси абадии ҳастии ашёро мефаҳмад. Ҳодисаҳои алоҳидаи дар фазои физикӣ мавҷудбуда: асп, одам ва ғайра, яъне ашёи алоҳида, ки дар пайванди абадии ҳастии ашё иштирок мекунанд» [304,510].

2) Моҳият дар мафҳум дарк мешавад.

Моҳият (моҳиятул-ашё) ҷавҳари ботинӣ ва доимии чиз ё мавҷудот аст, яъне он чи ки чиз бо он ҳаст, ҳатто агар зуҳури зоҳириаш тағйир ёбад. Моҳият ба саволи «ин чист?» ҷавоб медиҳад. Масалан, моҳияти инсон ақл ва шуур аст, на танҳо ҷисми зоҳирӣ.

Чаро дар фаҳмиши моҳият ихтилофи назар пайдо шуд? Бахусус, дар масъалаи «Оё моҳият воқеияти мустақил дорад»? (мисли ғояҳои афлотунӣ) ё «Он танҳо сохтаи зеҳн аст»? (мисли назарияи номинализм ё эмпиризм). Дар фалсафаи Ибни Сино, як навъ созиш миёни ин ду мавқеъ пешниҳод шудааст: Моҳият дар ақл вуҷуд дорад ба таври ақлӣ, дар ашё

ба таври модӣ ва дар Худо ба таври зарурӣ. Ин тафриқа боис мегардад, ки масъалаи моҳият ба як мавзуи баҳсии гносеологӣ ва онтологӣ табдил ёбад. Моҳият ва мавҷуд (вуҷуд) чӣ фарқ доранд?

Моҳият — он чӣ аст ва Вуҷуд (ҳастӣ) — он ки ҳаст.

Ибни Сино ин фарқро дигаргуна шарҳ медиҳад: Моҳият метавонад дар худ «ҳастӣ» -ро надошта бошад, яъне тасаввури як чиз имконпазир аст, ҳатто агар он воқеан вуҷуд надошта бошад (масалан, аждаҳо). Дар натиҷа, вуҷуд бар моҳият иловатан омада аст ва ин як ҷанбаи муҳими онтологӣ дар фалсафаи машшоия мебошад.

Дар фалсафаи машшоия ва тасаввуф, ин ду фаҳмиш низ бо тарзи гуногун маънидод мешаванд:

- машшоия бештар ба мавқеи ақлгароёна (ратсионалистӣ) такя мекунад ва субъекти шинохти он инсон аст, объект бошад ҳастии объективӣ;

- тасаввуф бошад, субъекти маърифати ҳақиқиро на танҳо ақл, балки дил, маърифати ҳадс ва илҳом медонад.

Ҷуфти умумии фалсафии «субъект-объект» дар робитаву мақоми байниҳамдигарӣ муайян мешавад. «Субъект-объект» барои тафаккури фалсафӣ имкониятҳои зиёд фароҳам овард:

1. Дар асоси тақсимоти аввалини олам (модӣ ва идеалӣ) ашёи зинда ва ғайризинда ба вуҷуд меояд: чизи ғайризинда чизи соф модӣ аст, вале чизи зинда чизи моддист, ки ҷузъи идеалӣ низ дорад.

2. Ҷисм ҷисмонӣ (модӣ) ва рӯҳӣ (идеалӣ) аст.

3. Моҳияти ҷисми рӯҳиро ошкор намуда, мафҳуми «субъект» -ро ворид кард: субъект нозир, таҳлилгар, ходими оқил аст.

Мафҳуми «хати таваҷҷуҳ» ва ибтидои он дар «ман» -и субъекти ҳам бошуур ва ҳам бешуурона (нуқтаи ҷамъшавии таҳлилгар) аст.

4. Мафҳуми «объект» ин гуна аст:

Ҳар як ашё, мавод ё идеал, ки хати таваҷҷуҳи субъект дар он ҷойгир аст, инчунин зуҳурот барои субъекти додашуда объекти диққат мебошад. Далели он, ки субъект = нозир + таҳлилгар + ходим дар мисоли шахси ҳуқуқӣ равшан дида мешавад.

Субъект ва объекти мавҷуд чӣ гунаанд?

Мавҷудоти ҷаҳон метавонанд ҳам субъект (дар шинохт) ва ҳам объект (дар воқеият) бошанд. Махсусан, дар фалсафаи Ибни Сино ва ирфони Мустамлӣ чунин назар ҳаст:

- Худо ҳамчун сабаби аввал ҳам субъекти комили шинохт аст ва ҳам манбаи ҳама объектҳо;

- Инсон тавассути илм ва ирфон метавонад аз субъекти ҷисмонӣ ба субъекти маънавӣ ва рӯҳонӣ табдил ёбад.

Тафовути асосии ҳастӣ ва моҳият дар таълимоти машшоия он аст, ки ҳастӣ ба ҳеҷ як аз даҳ категорияи Арасту тааллуқ надорад, зеро ҳастӣ як «чизи абстрактӣ» аст, дар ҳоле ки моҳият як «чиз» -и мушаххасест, ки ба даҳ категорияи Арасту дохил шудааст. «Ба шарофати моҳият ҳар яке аз ин таъйинот вуҷуд дорад ва аз ин рӯ, моҳият он аст, ки дар ҷои аввал вуҷуд дорад ва на ҳамчун мавҷуди махсус, балки ҳамчун мавҷудияти бевоситаи он дода мешавад» [46,347].

Ҳамин тавр, моҳият он аст, ки зот ва арзиши мавҷудотро дар иртибот бо ҳам муайян менамояд. Моҳият ва ҳастӣ ду мавзӯи асосии фалсафӣ маҳсуб мешаванд, ки бо вуҷуди наздикӣ, ҳастӣ ё «худ дар худ» вуҷуд дорад ва ё бо ном ва хусусият муайян мешавад, ки онро моҳияти ҳастӣ меноманд. Масалан, моҳияти инсон ҳамчун мавҷудоти нотиқ ва дорои ирода маънидод мешавад. Моҳият вобаста ба мавҷудот буда, нишондиҳандаи фарқкунандаи байни онҳо мебошад.

Мавҷудот дар маънои «будан» ва «ҳастӣ» фарқ намекунанд, аз ин рӯ, тафовути байни онҳо манбаи дигар дорад, ки он моҳият номида мешавад. Ҳар моҳият дорои хусусияти фарқсозӣ ва гуногунрангӣ аст,

зеро бе таҳқиқи фарқияти байни инсонҳо наметавон фарқи байни аҳвол ва замони як шахсро фаҳмид. Ба ҳамин тартиб, манбаи асосии ҳамаи фарқиятҳои мавҷудотро моҳият ташкил медиҳад ва тафовути байни моҳиятҳо низ табиӣ ва зотист.

Муносибати ҳастӣ ва моҳият яке аз мавзуъҳои меҳварии фалсафаи машшоияи шарқӣ ва бахусус, таълимоти Ибни Сино ба шумор меравад. Ҳастӣ, дар фалсафаи машшоияи шарқӣ, ҳамчун зарурат ва воқеият тафсир мешавад, дар ҳоле ки дар тасаввуф он ҳамчун таҷаллии иродаи илоҳӣ ва зоҳири ҳақиқат тасвир мегардад. Тафовути муносибат ба ин мафҳумҳо, муайянгари андешаи фалсафӣ ва маърифатии донишмандони асримиёнагӣ будааст. Аён гардид, ки шарҳи мафҳумҳои «ҳастӣ» ва «моҳият» на танҳо дар фалсафа, балки дар тамоми низоми маърифатии асримиёнагии тоҷик нақши асосӣ бозидааст. Ибни Сино мафҳуми ҳастиро ҳамчун воқеияти берун аз зеҳн ва моҳиятро ҳамчун хоси зотии ашё таъриф мекунад.

Дар фалсафаи Ибни Сино, моҳият ҳамчун «он чи ки ашё бо он ҳаст» ва ҳастӣ ҳамчун «амал ё воқеияти мавҷудшавии он» фаҳмида мешавад. Моҳият метавонад дар зеҳн вуҷуд дошта бошад, ҳатто агар дар воқеият вуҷуд надошта бошад ҳам. Аз ин рӯ, Сино моҳиятро қобили таҷзия ва таҳлил медонад, вале ҳастиро воқеияти аслӣ ва зарурии вуҷуд меҳисобад. Ин назар имкон медиҳад, ки мавҷудот аз рӯйи ду поя: мумкинулвуҷуд ва воҷибулвуҷуд тафсир шаванд.

Аз тарафи дигар, дар тасаввуф ва ирфон байни ҳастӣ ва моҳият чунин ҷудоии қотеъ нест. Дар таълимоти сӯфиён, моҳият худ таҷаллии ҳастии мутлақ ва зоҳири нуронӣ мебошад. Аз назари онҳо, ҳамаи ашё ва инсонҳо таҷаллии сифоти илоҳӣ мебошанд ва моҳият як навъ пардаи рамзӣ аст, ки зоҳирро аз ботин ҷудо мекунад. Дар ин замина, ҳастӣ ва моҳият ҳамчун як воҳиди маънавӣ шинохта мешаванд.

Ошкор гардид, ки назари файласуфон нисбат ба ҳастӣ ва моҳият мантиқӣ аст, дар ҳоле ки назари сӯфиён бештар рамзгароёна мебошад. Ин тафовут ба таври куллӣ ба ду равиши ҷаҳонбинӣ такя мекунад: яке ба фаҳми илмӣ ва дигаре ба таҷрибаи ирфонӣ. Вале ҳарду равиш барои шарҳи шинохти ҳастии инсон ва олам аҳамияти ҷудонашаванда доранд.

Фаҳми ҳастӣ ва моҳият дар фалсафаи Ибни Сино имкони системакунонии дониш ва фаҳми муназзами оламро фароҳам месозад. Дар муқоиса, фаҳми ягонагии онҳо дар тасаввуф, роҳи муттасили маънавии *иттиҳоди* инсон бо ҳақиқатро пешниҳод мекунад. Ҳамин гуна, ҳарду равиш аз лиҳози мантиқӣ ва маънавӣ якдигарро такмил мекунанд.

Метавон хулоса намуд, ки масъалаи ҳастӣ ва моҳият, новобаста аз равиши таҳлил, дар мактаби фалсафии тоҷику форс ба пояи бунёдии маърифати вуҷуд ва худшиносии инсони асримиёнагӣ табдил ёфтааст. Ин мавзуъ заминаи муҳими пайвасткунандаи фалсафа бо ирфон ва тафаккур бо таҷриба мебошад.

Натиҷаи муҳим он аст, ки фаҳмиши ҳастӣ ва моҳият дар фалсафаи машшоия, барои тавсифи мантиқӣ ва системавии олам аҳамияти амиқ дошт, дар ҳоле ки ирфон бо фарогирии зоҳирии ҳастӣ, дар ҷустуҷӯи якпорчагии воқеият мебошад.

Дар таълимоти фалсафии Арасту, ки таъсири амиқ ба фалсафаи машшоияи шарқӣ ва махсусан ба Ибни Сино гузоштааст, мафҳуми «моҳият» ба сифати ҷавҳари асосии ҳар мавҷуд таъриф мегардад. Ба истилоҳи сода, моҳият маънии он чизест, ки ҷавҳари ботинии ашёро ташкил медиҳад, хоҳ он ашё ҷисмонӣ бошад ва хоҳ руҳонӣ, яъне ақлӣ. Ин тасаввурот, ки «моҳият ҳувияти дохилии чизҳоро инъикос мекунад», заминаи ташаккули маърифати онтологӣ ва гносеологӣ дар мактаби машшоияи шарқӣ гардид.

Арасту моҳиятро ҳамчун ҷавҳари дохилӣ ва муайянкунандаи ашё таъриф мекунад, яъне он чи ки чизеро он чи ки ҳаст мекунад. Масалан,

моҳияти инсон «ҳайвони оқил» будан аст, новобаста ба шакл ё ҳолати зоҳирии ӯ. Моҳият бар хилофи авориз (сифатҳои берунии тағйирпазир) собит ва таърифгар аст.

Дар марҳилаи амиқтари таҳлили фалсафӣ, ки онро метавон «моҳияти моҳият» номид, моҳият ҳамчун категорияи марказии фаҳмиши вуҷуд ошкор мегардад. Мисолан, агар ба мафҳуми инсон назар кунем, моҳияти моҳият ин аст, ки «инсон» ҳамчун мавҷудоти ҳушёр, дорои ақл ва ирода маънидод мешавад — яъне он аслии инсон аст, ки ҳамаи хусусиятҳои дигари ӯ аз он маншаъ мегиранд. Моҳияти инсон на танҳо хислатҳои ҷисмонӣ ё равонӣ, балки асли ҳастии ӯст, ки ба мавҷудияти ӯ мақсад ва мазмун мебахшад. Ба ибораи дигар, моҳияти моҳият ба он чизе ишора мекунад, ки ҳастии чизро маънӣ ва мазмун мебахшад ва бе фаҳмиши он наметавон ҳастии ҳақиқиро дарк кард. Ин назария имкон медиҳад, ки фарқиятҳо ва гуногунрангиҳои мавҷудот на танҳо дар сатҳи берунии онҳо, балки дар амиқи аслии онҳо таҳқиқ шаванд ва бо ин васила маънии амиқтар ва асоситарини ҳастиро бозёфт намоем.

Дар ин сатҳ, моҳият тавассути иртиботи худ бо нӯҳ категорияи дигари Арасту (шакл, миқдор, сифат, ҷой, вақт ва ғ.) боз ҳам мукаммалтар ва мушаххастар муайян карда мешавад. Аммо дар зинаи «моҳияти моҳият», танҳо худи моҳият ва тафсири куллии он боқӣ мемонад — ҳар ончи берун аз он аст, метавонад ҳамчун бархурд ё зиддияти фалсафӣ дар назар гирифта шавад.

Оид ба *моҳияти моҳият* дар фалсафа, дар бораи тасаввур ва таърифе маънидод меравад, ки ақл аз зоти чизҳо бармедорад. Яъне, як навъ унсури бартар аз таҷриба, ки қобили татбиқ ба ҳар зуҳурест, ки мо мебинем.

Ибни Сино таъкид мекунад: «Моҳият на вуҷуди зотист ва на адами зотӣ; он фақат қобили нисбат ба вуҷуд ё набуд аст». Яъне, моҳият хоси он чизест, ки метавонад мавҷуд бошад, аммо аз рӯи зарурат мавҷуд нест.

Моҳият бояд тавассути амре дигар (ҳаст) воқеъ шавад. Ин фарқи ҳастӣ аз моҳият заминаи фалсафаи ҳастишиносии баъдӣ шуд, хусусан дар таълимоти Сӯҳравардӣ ва Садрулмутакаллимин (Садр ал-Мутаоллиҳин).

Ба андешаи Ибни Сино ҳастӣ ҳамчун чизе маънидод мешавад, ки бар моҳият «мепӯшад» ва бо ин васила моҳиятро ба ҷаҳони воқеӣ меоварад. Моҳият танҳо дар сатҳи ақл ва тасаввур мавҷуд аст ва бе ҳастӣ зоҳир намегардад. Ин назария дар фалсафаи Шарқ таҳаввули зиёдеро ба бор оварда, зеро он ҳудуди шинохтро аз ҳастӣ ҷудо намуда, таъкид мекунад, ки фаҳмиши воқеӣ ва амиқи ҳастӣ на бо зуҳуроти беруна, балки бо таъаммуқ ва таҳлил дар моҳият амалӣ мешавад.

Аз ин рӯ, хулоса метавон кард, ки моҳияти ҳар чиз на танҳо як фаҳмиши ақлонию мантиқӣ аст, балки дарки амиқ ва фаҳмиши ҷойгоҳу мавқеи он дар олам мебошад.

Фарқгузории Ибни Сино миёни моҳият ва ҳастӣ онтологияро ба гносеология мепайвандад ва ҳамин тавр, моҳият ба унсури меҳварии дарки фалсафии асримиёнагии тоҷик табдил меёбад.

Хулоса, дар таълимоти машшоиёни шарқӣ мафҳуми «моҳият» дар ду ҳолат шинохта мешавад:

1. Моҳият бо вуҷуд (моҳият бо вуҷуд алоқа дорад) вақте ки дар воқеият мавҷуд аст;

2. Моҳият бе вуҷуд (моҳият дар зеҳн), ки танҳо дар зеҳн тасаввур мешавад ва метавонад вуҷуд надошта набошад.

Ба ақидаи Ибни Сино моҳият қабл аз вуҷуд набуда, балки зеҳн онро пас аз вуҷуд таквини таҳлил менамояд. Ӯ байни моҳият ва вуҷуд ҷудоиро таъкид менамояд, ки баъдан аз ҷониби фалсафаи ишроқ ва тасаввуф мавриди танқид қарор мегирад.

Дар таълимоти сӯфия, бахусус дар ирфони назарӣ фарқи байни моҳият ва вуҷуд бекор карда мешавад, зеро ба андешаи сӯфиён танҳо «вуҷуд»-и ҳақиқӣХудо аст ва тамоми мавҷудоти дигар таҷаллии Ӯянд.

Моҳият, дар ирфон, падидаи нузулёфта маҳсуб меёбад ва он тавассути идроки инсонӣ бо маҳдудиятҳо шинохта мешавад. Яъне:

-моҳиятҳо аъён ё суратҳои илмии ашё мебошанд, ки дар илм ва идроки илоҳӣ ҳастанд;

- моҳиятҳо зотан вуҷуд надоранд, онҳо таҷаллии вуҷуди ҳақиқианд;

- моҳият василаи таайюни вуҷуд аст, на чизе мустақил.

Фарқи байни таълимоти машшоиёну тасаввуф дар шинохти «моҳият» чунин аст:

- агар «моҳият»-ро машшоиён ҷавҳари ашёе донанд, ки метавонад вуҷуд надошта бошад, дар ирфони назарӣ «моҳият» вуҷуди ҳақиқист, яъне Худо ба шаклҳои гуногун таҷаллӣ мекунад;

- дар масъалаи «ҳастӣ» ва «моҳият» машшоиён онҳоро ҷудо ва мутафовит донистаанд, аммо аҳли тасаввуф вуҷудро воҳид медонанд ва моҳиятро таҷаллии вуҷуд;

- дар масъали манбаи «вуҷуд» машшоиён Худоро вуҷуди аввал ва дигар мавҷудотро маҳсули офариниши Ӯ донистаанд, аммо сӯфиён бар он ақида буданд, ки танҳо як вуҷуд аст – Худо ва дигар мавҷудот таҷаллии Ӯянд.

Ибни Сино «моҳият»-ро ҳамчун воқеияти зеҳнӣ мебинад, ки метавонад воқеан вуҷуд надошта бошад. Ӯ се намуди вуҷудро ҷудо мекунад:

1. Вуҷуд дар аъён(физикӣ)- чизи воқеии берун аз зеҳн
2. Вуҷуд дар зеҳн – тавассути таъриф ва мафҳум дарк мешавад.
3. Вуҷуд дар лафз, оне, ки дар сухан истифода мешавад.

Барои аҳли ирфон «моҳият» ҳеҷ гуна вуҷуд надошта, балки таҷаллии номи Худо мебошад.

Аз ҷиҳати эпистемологӣ барои машшоиён шинохти инсонӣ ба воситаи айли фаъол имконпазир мешавад. Моҳиятҳо тавассути таҷриба ва таъриф дар зеҳн ташкил меёбанд. Илм бошад, бар асоси моҳиятҳо ва таснифи онҳо сохта мешавад.

Барои аҳли ирфон бошад, шинохти ҳақиқӣ на тавассути ақл, балки ба воситаи кашфу шуҳуд (интуитсияи анъанавӣ) ба даст меояд. Моҳиятҳо воҷеиятҳои зеҳнӣ набуда, балки таҷаллии сирри илоҳӣ мебошанд. Илм бошад, танҳо вақте ҳақиқӣ мешавад, ки инсон аз худ «фано» шавад ва бо Ҳақиқат ваҳдат биёбад.

Ихтилофи назари машшоиён ва аҳли тасаввуф дар шинохти «моҳият» дар ҳамин аст, ки машшоиён ба таҳлили мантиқӣ ва истидлол ва сӯфиён бошанд, ба ҳадс ё иктишоф такя мекунанд.

Дар фалсафаи асримиёнагӣ байни ҳастӣ ва моҳият фарқият гузошта мешавад. Барои тамоми файласуфони асримиёнагӣ дониш дар бораи ҳар як чиз, тавассути посух додан ба ин чаҳор савол макшуф мегардад:

1) Оё ашё вуҷуд дорад?

2) Вай чист?

3) Вай чӣ гуна аст?

4) Чаро (ё чӣ) он ҷост?

Саволи якум, чунон ки мебинем, муқаррар намудани мавҷудияти ашё ва баъдан, моҳияти ашёро талаб мекунад.

«Олами ашё олами тасодуфист, ки аз моҳият барнамеояд. Олами моҳият доираи ҳастии идеалист, ки дар он ноустуворӣ, муваққатӣ, ҳаракат, тағйирот, балки вуҷуд, мушаххасӣ ва зинда будан ҳам нест. Моҳият, аз ҷониби худ, ин доираи комил аст, берун аз олами модӣ ҷойгир аст... Ҷанбаи мусбати ин нуқтаи назар ҳамин аст, ки «моҳият, дар маҷмуъ, умумифарогиранда буда, ҳастӣ дорад. Он худ аз худ маълум

нест ва онро бо ақоиди мухталиф инкор мекунанд ва ё исбот мекунанд. Ин моҳияти умумифарогиранда худ дастрас нест ва ба он танҳо тавассути тафаккури махсус расидан метавон. Ба ин маъно, дарки он ки моҳияти моҳият чизе вуҷуддошта аст, аллакай камоли тафаккури онтологӣ мебошад» [81,413].

Дар схоластикаи асримиёнагии Ғарб, тимсоли ақидаи Ибни Сино, байни моҳият (essentia) ва мавҷудият (existentia) фарқият гузошта мешуд, яъне ҳар чизе манбаи мавҷуди моҳият ва ҳастӣ аст.

Намояндаи ҷараёни реализм Фомаи Аквинӣ (1225-1274) ба хулосае меояд, ки моҳият он чизи дар таъриф ифодашаванда, ки пояҳои зотиро дар бар мегирад [174,384]. Моҳияти ашё аз шакли умумӣ ва материя мувофиқи асосҳои зотӣ иборат аст. Дар баробари ин тафовути ба шаклу материя гузоштаи Арасту барои ӯ мазмуни дигар пайдо мекунад, зеро моҳият ба воситаи ипостаса (аз юн. hypo-stasis) ва ба воситаи шахс муайян мешавад.

«Яке аз тарафдорон ва намояндагони барҷастаи номинализм Сигер Брабанти (1240-1284) ба хулосае омадааст, ки моҳият ва ҳастӣ айният доранд. Ӯ ба муқобили таълимоти Фомаи Аквинӣ хурӯҷ карда, назарияи дуалистии моҳият ва ҳастиро инкор менамояд. Ҳастии ҳама чизҳо, мувофиқи ақидаи Сигер, манбаи моҳияти онҳост, ҳастӣ ва чизҳо ду принсипи ҷудогона нестанд» [133,57]. Дар тақвияти ин андеша файласуфи материалисти англис Т. Гоббс (1588-1679) моҳият бо зуҳуротҳое алоқаманд аст, ки онҳо ба ҷисми мушаххас алоқаманданд [84,261].

Ин андешаҳо равшан мекунанд, ки ки дар фалсафаи Ғарб дар бораи ҳастӣ ва моҳият ҳумеша байни реализм, номинализм ва материализм мубоҳиса ҷай доштааст. С. Брабанти дуализмро рад намуда, ҷонибдори фалсафаи вобастагии ҳастӣ ва моҳият буда, Т. Гоббс бошад, дарки моҳиятро бар асоси таҷриба ва ҳиссиёт медонад.

Асосгузори пантеизм Б. Спиноза (1632-1677) моҳият ва ҳастиро айният дониста мегӯяд: «он чизе, ки бидуни он ашё ва баръакс, бе ашё вуҷуд надорад ва тасвир шуда наметавонад» [260].

Яъне, ба андешаи Б .Спиноза табиат ва Худо як ҳастанд, яъне ҳар чизе, ки ҳаст, моҳияти он дар буданаш таҷассум ёфтааст ва он чизе, ки нест на моҳият ва на ҳастӣ дорад. Дар назарияи ӯ воқеият як субстансияи ягона аст (монӣ-онтология). Б. Спиноза жар як навъ онтологияи айният ба хулоса меояд, ки моҳият, ҳастӣ ва воқеият баробари ҳамдигаранд. Ин андешаи ӯ хилофи дуализм буда, ба ақидаи навафлотуния қаробат дорад.

Файласуфи англис, асосгузори эмпиризм Ҷ. Локк (1632-1704) дар китоби «Таҷрибаи дарки инсонӣ» моҳиятро сохтори воқеии ашё номидааст, сохтори дохилиеро, ки хосиятҳои маърифатӣ ба он вобастаанд ва байни моҳияти номиналӣ (лот. Nominalism) ва воқеӣ тафриқа гузоштааст. Ба андешаи ӯ «мо зери мафҳуми моҳият набояд он чизеро дар назар гирем, ки ғайривоқеӣ ва ғайрисохторӣ бошад». Ҷ. Локк байни ҳастии воқеӣ ва маърифати инсонӣ тафриқа мегузорад. Ба андешаи ӯ дониши гирифтаи мо аз рӯи номиналӣ буда, ҳақиқати воқеӣ ниҳон аст. Масалан, «тилло» медонем, ки зард, вазнин ва нарм аст, вале наметавонем таркиби атомии дақиқи он (моҳияти воқеӣ)- ро бе таҷриба фаҳмем.

Ҳамин тариқ, Б. Спиноза аз дидгоҳи метафизикии янггонагии ҳастӣ ва моҳият ҳарф мезанад, яъне ҷонибдор аст, ки таҳлил ва дарки чизҳо танҳо дар заминаи як воқеияти мутлақ ва муттаҳид мумкин аст. Ҷ. Локк бошад, дониш ва воқеиятро аз ҳам ҷудо мекунад ва як тасвири таҷрибагароёна ва воқеъбинонаи моҳиятро пешниҳод мекунад. Бояд таъкид намуд, ки ин ду таълимот дар фалсафаи муосир таъсири амиқ гузоштанд, яъне Б. Спиноза ба онтологияи муттаҳид ва пантеизм роҳ кушода, ба тасаввуф ва феноменология таъсири муайян расонид, Ҷ. Локк

ба тафаккури илмии таҷрибавӣ ва фалсафаи имл асос гузошт, ки то имрӯз дар илмҳои табиӣ ва иҷтимоӣ истифода мешавад.

Файласуфи олмонӣ Г. Лейбнис (1646-1716) бар ақидаҳои Ҷ. Локк назари мухолиф дошт ва моҳиятро «имкони ифода шудани он чизе, ки дар таъриф гузошта шудааст», меномад [416]. Яъне, андешаи Г. Лейбнис дар масъалаи моҳият на танҳо зидди ақидаи Ҷ. Локк аст, балки назар комилан ратсионалистӣ дорад. Ба андешаи ӯ ақл қодир аст воқеиятро тавассути таърифи мантиқӣ ва зарурӣ дарк кунад, яъне агар чизе воқеан моҳият дошта бошад, пас онро метавон бо истилоҳоти мантиқӣ мушаххас ва равшан таъриф намуд. Аниқтараш, моҳият ин шакли қобили тафсиру фаҳмидани ҳастӣ мебошад.

Тафовути методологии Ҷ. Локк ва Г. Лейбнис дар ҳамин аст, ки барои Ҷ. Локк моҳият таҷрибавӣ ва ба қисмҳои зоҳирӣ асос ёфтааст ва дониш маҳдуд ба он чизе, ки мебинем, барои Г. Лейбнис моҳият зеҳнӣ ва мантиқист. Ё худ, Ҷ. Локк инсонро ҳамчун мавҷуде мебинад, ки ба воситаи таҷриба тадриҷан фаҳмиш пайдо мекунад ва Г. Лейбнис бошад, инсонро қодир ба дарки ҳақиқати лозим ва абадӣ (ҳақоиқи зарурӣ) мешуморад.

Барои файласуфи олмонӣ Х. Вольф (1679-1754) моҳият он чизест, ки абадӣ, зарурӣ ва тағйирнопазир аст ва асоси ашёро ташкил медиҳад.

Бояд хулоса намуд, ки дар фалсафаи замони нав (асрҳои XVII–XIX) зиддияти байни моҳият ва зуҳурот баҳси гносеологӣ касб карда, дар мафҳуми консепсияҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа ифодаи худро меёбад. Моҳият ин асли ҳақиқии чизҳост, он чӣ чиз воқеан ҳаст, новобаста аз он ки мо онро чӣ гуна мебинем. Зуҳурот ин он чизест, ки мо тавассути ҳис ва таҷрибаи худ аз чизҳо дарк мекунем, яъне тасвири зоҳирии онҳо барои шуур. Дар фалсафаи нав, масалан дар назарияҳои Ҷ. Локк, И. Кант, Б. Спиноза ва Г. Гегел, фарқи байни моҳияти ҳақиқӣ ва зуҳуроти зоҳирӣ ҳамчун масъалаи асосии маърифат баррасӣ мешавад.

Дар мавриди «консепсияҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷа» ба мафҳумҳои сифатҳои ибтидоӣ ва сифатҳои дуюмдараҷа ишора мешавад. Яъне:

сифатҳои ибтидоӣ (primary qualities) – мисли андоза, шакл, ҳаракат, ки ба худи ашё мансуб дониста мешаванд;

- сифатҳои дуюмдараҷа (secondary qualities) – мисли ранг, бӯй, таъм, ки вобаста ба эҳсос ва дарки мо ҳастанд.

Ҷ. Локк ва баъдтар Д. Ҳюм ин фарқро таҳлил кардаанд ва гуфтаанд, ки мо танҳо сифатҳои дуюмдараҷаро медонем, дар ҳоле ки моҳият, ҳамчун ҳақиқати ашё, барои мо номакшуф мемонад.

Асосгузори фалсафаи олмонӣ И. Кант объективияти моҳиятро эътироф намуда, чунин мешуморид, ки моҳият сифат ё хусусиятҳои устувори зарурии ашёро тавсиф мекунад. Зуҳурот, ба ақидаи И. Кант, тасаввуроти субъективиест, ки аз моҳият ба вуҷуд омадааст. «Ӯ ҳастиро ба олами табиат ва олами инсон ҷудо кардааст. И. Кант мавҷудияти объективии чизҳоро гарчанде эътироф кунад ҳам, бо вуҷуди он, ӯ ин чизҳоро «чиз дар худ», яъне моҳиятан донисташаванда мепиндошт» [133,57].

Ба андешаи Г. Гегел «мафҳум ҳақиқати ҳастӣ ва моҳият аст» [84,261], вай «на фақат аз азал маълум нест (дар куҷо вуҷуд доштанаш), балки рӯҳи ҳақиқии ҳаётбахши тамоми олами мавҷуда ҳам мебошад» [175,421]. Ӯ зиддияти байни моҳият ва зуҳуротро бартараф намуда, исбот мекард, ки моҳият зуҳур мекунад ва зоҳир зуҳури моҳият буда, онҳоро ҳамчун таърифҳои рефлексивӣ, ҳамчун мафҳуми хотимавӣ, ҳамчун мафҳуми мутлақи дар ҳастӣ ифодашаванда мешуморад.

Неопозитивизм объективияти моҳиятро рад карда, танҳо зуҳуротҳои воқеӣ, «маълумоти ҳиссиётӣ» -ро эътироф мекунад; феноменология зуҳуротро ҳастии худифшо ва моҳиятро сирф идеалӣ медонад; дар экзистенсиализм категорияи моҳиятро мафҳуми мавҷудият иваз мекунад.

Дар фалсафаи марксистӣ моҳият ва зуҳурот хусусиятҳои объективии универсалии олами объективӣ мебошанд; дар раванди шинохти онҳо ҳамчун марҳилаҳои дарки объект амал мекунанд. Онҳо ба ҳам зич алоқаманданд: зуҳурот шакли зуҳури моҳият аст, интиҳои он дар падидаҳо зуҳур меёбад. Аммо ягонагии онҳо (зуҳурот ва моҳият) маънои айнияти онҳоро надорад: ...агар шакли зуҳурот ва моҳияти чизҳо, бевосита ба ҳам мувофиқ мебуд, он гоҳ тамоми илм зиёдатӣ мебуд» [174,384].

Чунон ки маълум мешавад, дар фалсафа ҳанӯз ҳам моҳият ҳамчун мафҳум пурра ва яксон, равшан муайян карда нашудааст. Равияҳои фалсафаи муосир ба масъалаи моҳият гуногунназаранд. Ин гуногунӣ на нишондиҳандаи нофаҳмӣ, балки васеъназарӣ ва равишҳои таҳлил мебошад. Дар фалсафаи аналитикӣ файласуфони мантиқӣ, ба монанди Саул Крипке, Ҳилари Патнэм ва Дэвид Люис масъалаи моҳиятро аз дидгоҳи зарурият ва мумкинӣ таҳлил кардаанд, яъне моҳият маънои хусусиятҳои зарурии ашёро дорад, вале он на ҳамчун воҳиди модӣ, балки ҳамчун маҷҳуми мантиқӣ баррасӣ мешавад. Масалан, об H_2O бошад, пас таркиби H_2O моҳияти зарурии он аст.

Дар фалсафаи континенталӣ (феноменалӣ, экзистенсиалӣ) моҳият як чизи динамикӣ, таҷрибавӣ ва равонӣ аст, на статикӣ ва лбъективӣ. Дар ин фалсафа шакли классикии «моҳият ҳамчун асл» рад мешавад. Масалан, инсон аввал ҳаст мешавад ва баъд худ млҳияти худро месозад.

Дар фалсафаи илм ва забон, дар мисоли Уиллард Ван Орман Куайн моҳият шубҳабарангез шуморида мешавад. Ба андешаи ӯ мафҳуми «моҳияти аслӣ» дар забони илм ва таҳлили мантиқӣ ҳайрилозим ва пуртаҳриф аст. Куайн ва ждигар эмпиристҳо ба ҷойи «моҳият», бо «хусусиятҳои мушоҳидашаванда» ё «интенсионалият» кор мекунанд.

Ҳамин тавр, дар фалсафаи муосир «моҳият» на ҳамчун як мафҳуми универсалии муайяншуда, балки ҳамчун як маффҳуми вобаста ба

равиши методологӣ дида мешавад, яъне он дар равишҳои гуногун маънои гуногун дорад, аммо нисбӣ маънидод мешавад.

Чаро моҳият ду маънӣ («моҳият» ва «моҳияти моҳият») дорад? Ба далели он, ки дар раванди шинохт ҳамеша ду амалкунанда иштирок мекунанд: мушоҳиди олам (субъекти мавҷуда) ва худи олам. Олам дар фазои ҷисмонӣ вуҷуд дорад ва шинохти субъекти олам дар фазои тахайюли тафаккур (дар шуур, зеро шуур фазои хаёлист, ки дар он тафаккур амал мекунад) амалӣ мешавад.

Аз ин ҷо аввал ду фазо пайдо мешавад: ҷисмонӣ ва зеҳнӣ. Дар фазои физикӣ предметҳои модӣ (физикӣ) ва дар фазои хаёлӣ объектҳои суварӣ (идеалӣ) мавҷуданд. Объекти интихобшуда соҳиби маълумот аст. Субъект иттилооти гирифтаро қабул мекунад, онро таҳлил мекунад ва ба ин васила, ин объекти алоҳидаро мешиносад. Моҳияти объекти ягона дорои маълумот будани он аст, ки соҳиби хосиятҳо мебошад. Объекти дорои маълумот дар фазои физикӣ хосиятҳои инфиродии худро дорост ва субъект дар фазои хаёлӣ моҳияти ин хосиятҳоро мекушояд.

Ҳар як унсури олами мавҷуда дар асл ғояи муайян дорад. Дигар намуди моҳиятҳо вуҷуд надоранд. Моҳият дар фалсафа ба маънои моҳияти предмети омӯхташаванда истифода мешавад. Дар бораи он ки моҳият метавонад на танҳо субстансияи идеалӣ (маънавӣ), балки модӣ низ дошта бошад, кам сухан меравад. Моҳияти маъноии объекти таҳқиқшаванда, ҳамчун авлавият, аз он бармеояд, ки дар ҳадди моҳияти ҳар як объект ғояи он мебошад, ҳамчун ҳадди таҷассуми ин объекти олами мавҷуда ва қисмҳои таркибии он. Аммо ғоя наметавонад моҳияти воқеӣ бошад, ки бо қуввaҳои эҳсосӣ кашф карда шавад.

Ҳадди ҳар як силсилаи беохир, нисбат ба худи аъзоёни силсила, дорои хусусияти тамоман дигар аст. Масалан, шумораи 1 аз аъзои силсилаи беохир 1/2, 2/3, 3/4, 4/5... ва ғайра аз ҷиҳати хусусияташ фарқ мекунад. Аз ин рӯ, ғоя як моҳияти аввалиндараҷаи хусусиятест дар

нисбати объектҳое, ки зимни онҳо амалиёти таҷрид (абстраксия) анҷом дода мешавад. Вай моҳияти аввалиндараҷаи олами идеалист, ки татбиқи он дар фазои олами мавҷуда ба моҳият мебарад.

Гузашта аз ин, ғоя унсури мутлақи сегонаест, ки мутлақ дар он қарор дорад ё тамоми олами мавҷуда ва фазое, ки дар он мавҷуд аст. Аз ин рӯ, ғояро дар фазо тавре амалӣ кардан мумкин аст, ки моҳият аз ҳама гуна ҷавҳар (субстансия) ташкил карда шавад.

Моҳият ин муносибат ё хосиятҳои системаест, ки муносибатҳо ё хосиятҳои дигари он аз он вобастаанд. Зуҳурот ин хосиятҳо, аломатҳо ва муносибатҳои системаест, ки бо моҳияти он муайян карда мешавад. Ҳама системаҳои модӣ, ки дар умқи худ робитаҳои сабабу натиҷа доранд, аз ҳам вобастагӣ доранд. Ягон системае вуҷуд надорад, ки сабабу натиҷаро яке доштаву дигаре надошта бошад; бе зуҳури он моҳият нест, зуҳуроти бе моҳият вуҷуд надорад. Моҳият ва зуҳурот бо ҳамдигар алоқаи ногусастанӣ доранд.

Зуҳурот ду хел мешаванд: 1) айнан якхела 2) номувофиқ (зуҳурот, аёнӣ). Зоҳирҳо ҳамчун зернавъи зуҳуротҳои номувофиқ низ ба ду намуд ҷудо мешаванд: а) дохилимоҳиятӣ ва б) байнимоҳиятӣ. Дар зуҳурот ба ғайр аз лаҳзаҳои зарурӣ, умумӣ ва воқеӣ, як қатор лаҳзаҳои тасодуфӣ, индивидуалӣ, муваққатӣ мавҷуданд.

Аз ҷиҳати фарохӣ ва ҳаҷми хосиятҳо зуҳурот аз моҳият фарогиртар аст, вале аз ҷиҳати маънии амиқ моҳият аз зуҳурот фарогиртар аст. Зуҳурот як ҷанбаи моҳиятро ифода мекунад ва ҳеҷ гоҳ бо тамоми моҳият комилан мувофиқат намекунад.

Ҳамин тавр, масъалаи фарқи ҳастӣ ва моҳият дар фалсафаи Ибни Сино бо дақиқӣ ва низоммандӣ дар асари «Илоҳиёт»-и Китоб-уш-Шифо тавзеҳ дода шудааст, ки дар он мавҷудот ба ду навъ ҷудо мешаванд: мавҷудоте, ки ҳастии онҳо зарурӣ аст (Воҷибулвуҷуд) ва мавҷудоте, ки ҳастии онҳо мумкин аст (имконулвуҷуд). Ибни Сино таъкид мекунад, ки

моҳият метавонад дар худ вуҷуд надошта бошад, агар то вақте ки “ҳастӣ” (вуҷуд) бар он ирода нагардида бошад. Яъне, ӯ мегӯяд, ки ҳастӣ чизест ба моҳият «руҳ»-и воқеият мебахшад ва берун аз зеҳн онро амалӣ мегардонад. Дар муқоиса, Мустамлии Бухорӣ дар асари «Шарҳ-ут-таъаруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф» оид ба ин мафҳумҳо на ба таври мантиқӣ, балки таҷрибавӣ-ирфонӣ андеша меронад. Ӯ мегӯяд, ки барои сӯфӣ “ҳастӣ” танҳо дар сурати фано (нобуд сохтани нафс) ва бақо (мутаҳид шудан бо ҳақиқат) маъно пайдо мекунад. Барои ӯ, мафҳуми «ҳастӣ» на дар шинохти мантиқӣ, балки дар ҳолати таҷрибавии ботинӣ (ҳол) таҷассум мекунад.

Ҳамин тавр, агар Ибни Сино моҳият ва вуҷудро бо назариёти мантиқӣ ва категориявӣ шарҳ диҳад, сӯфиён, мисли Мустамлӣ, маънии ҳастиро тавассути таҷрибаи руҳонӣ ва кашфи ботинӣ дарк мекунанд. Ин фарқ, фарқи ду усули шинохти фалсафии ҳастиро дар андешаи тоҷикон равшан мекунад: яке ақлонӣ ва таҳлилӣ, дигаре ирфонӣ ва таҷрибавӣ. Яъне, моҳият дар фалсафаи Ибни Сино асоси тафриқа байни вуҷуд ва зот аст. Аммо дар ирфон, шинохти зот на тавассути таъриф, балки тавассути таҷрибаи ботинӣ сурат мегирад, ки ин ду равиш фарқи усулии шинохти ҳастиро нишон медиҳанд.

Дар ҷараёни шинохт, асосан, дарк намудани моҳият, муайян намудани сохтори умумию асосии он, ки бо қонуни асосии система ифода ёфтааст, муҳим аст. Бо ҳамин, ба диалектикаи дараҷаҳои моҳият мушаххасӣ дохил мешавад, вале дар айни замон ҳаракати минбаъдаи инкишофёбанда ва доимо тағйирёбандаи моҳиятро манъ намекунад.

1.4. Масъалаи «ҳастӣ» ва «тафаккур»

Дар ин зербоб методи гносеологӣ ва герменевтикӣ истифода шуда, робитаи ҳастӣ бо шуур ва тафаккур дар осори фалсафии машшоия таҳлил гардидааст.

Аз замонҳои қадим тафаккури фалсафӣ аз масъалаи дарки «ҳастӣ» оғоз ёфта, аммо дар инкишофи минбаъдаи афкори назариявӣ, дар давраи нав ҳам, ин масъаларо дар канор нагузошта, паҳлу ва ҷанбаҳои бештари онро муҳаққиқон ҷустуҷӯ мекарданд. Гузашта аз ин, фалсафаро дар таҳаввулоти худ, дар маҷмуъ, метавон ҳамчун як марҳилаҳои кашфи дараҷаҳои қаблан номаълуми «ҳастӣ» ва навъҳои воқеияти ҳақиқӣ муаррифӣ метавон кард. Ҳастӣ ин ҳар чизе, ки мавҷуд аст, новобаста аз дониши мо, аз хоҳишҳои мо, ё онро мо бихоҳем ё на, «ҳастӣ» буд, ҳаст ва ҳамеша ҳама чизро дар бар хоҳад гирифт. Инсон, то ба имрӯз, қудрат ё худ қобилиятҳои майнаи сари хешро тадриҷан комил менамояд.

Барои ҷамъбаст кардани ҷанбаҳои муайяншудаи рушди фалсафа, дар замони қадим, метавон гуфт, ки файласуфон мақоми натуралистон ё табиатшиносонро доштанд, зеро таълимоти онҳо, оид ба шарҳи олам, метафизикӣ набуда, андозагирии фалсафию рефлексивӣ надорад. Аз ин рӯ, он ҳамчун таълимоти материалистӣ маънидод карда мешавад.

Самти дигари фалсафаи Юнони Қадим на бо ҷустуҷӯи натурфалсафаи олами табиӣ, ки принсипҳои моддии бунёдии ҳастиро ташкил медиҳад, балки бо инъикоси муносибати ҳастӣ ва тафаккур алоқаманд аст.

Нуктаҳои «бархурд» -и ҳастӣ ва тафаккур, инчунин афкоре, ки иртиботи байниҳамдигарии онҳоро инкор мекунанд, хеле зиёд буданд, вале муҳимтарини онҳо таълимот дар бораи «ҳастӣ» -и файласуфи Юнони Қадим Парменид буд.

Фалсафаи Парменид як навъ гузариши бунёдӣ аз андешаҳои мушаххаси физикӣ, дар бораи табиат, ба бунёди метафизика аст, ки ба таври рефлексивӣ ба унсурҳои тафаккури эҷодӣ рӯ меорад. Дар ин ҷо тафаккур бори аввал, бо ҷорӣ намудани шартҳои мувофиқи метафизикӣ худро ба мавзуи тадқиқоти систематикӣ табдил медиҳад. Парменид категорияи «ҳастӣ» -ро ба истилоҳи фалсафӣ ворид намуда, тафаккури

метафизикиро, аз баррасии моҳияти табиии ашё, ба сатҳи омӯзиши моҳияти идеалии онҳо табдил медиҳад. Ба андешаи Парменид моҳияти тафаккур дар он аст, ки вай танҳо дар бораи «чизе» фикр карда метавонад, на дар бораи «ғайримавҷуд». Бо вуҷуди ин, «чизе» ҳамеша даъвои мавҷудият дорад ва масъалаи ҳастиро ба вуҷуд меорад.

«Дар ибтидо, масъалаи мушкилоти ҳастӣ дар фаъолияти мактаби фалсафии Элея пайдо мешавад. Сипас, фарзияҳои намояндаҳои ин мактабро, дар бораи мавҷудияти ашёи ҷудогона, Парменид анҷом дода, ба хулосае омад, ки мавҷудияти чунин чизҳоро инъикос мекунад. Дар ин давраи гузариш, файласуфон воқеиятеро кашф мекунанд, ки аслан наметавонад мавзуи дарки ҳиссиётӣ гардад. Ҳамин тавр, барои фалсафа масъалае пеш омад, ки оё фикр, новобаста аз таҷрибаи эмпирикӣ, метавонад ба як ҳақиқати воқеӣ ноил гардад ва масоили умумиинсониро таъмин кунад» ? [411]

Дар фалсафаи қадим масъалаи нахустмабдаъ ҳамчун пояи таҳлили онтологӣ матраҳ мегардад. Тафаккури фалсафӣ дар ин замина тадриҷан аз баррасии мабдаъ ба самти таҳлили диалектикии тағйирёбӣ ва собит намудани ҳастӣ руҷӯъ мекунад ва таваҷҷуҳ ба таносуби «ҳастӣ» ва «нестӣ» пайдо мешавад. Парменид, дар муқобили ҷаҳони эҳсосотӣ, мавҷудияти ҷаҳони идрокшавандаро асоснок месозад. Афлотун ин равандро идома дода, бо ворид намудани мафҳуми **«олами мавҷудоти идеалӣ»** (сурати мақула) ба фазои фалсафӣ, пояҳои нави онтологияро дар андешаи фалсафии Юнон устувор мегардонад. Ба андешаи онҳо дониши аз роҳи тафаккур ба даст омадаро, бе назардошти меъёри беруна, ки вобастаи чизе нест, асоснок ҳисобидан мумкин нест. Ин меъёр метавонад танҳо худи «ҳастӣ» бошад, яъне он чизе, ки бар хилофи падидаҳо ва ашёи хаёлии инсон, дар асл вуҷуд дорад. Аммо зери мафҳуми ҳастӣ (мавҷуд будан) чӣ дар назар гирифта мешавад? Омилҳои зерин ин масъаларо бозгӯ мекунанд:

-ҷустуҷӯи сохторҳои устувори вуҷуд, моҳияти ашё (ҷавҳар);

-омӯзиши робитаи бунёдии ашё ва андешаҳо дар бораи ҳамин ашё ё ба таври дигар муносибати байни ҳастӣ ва тафаккур.

Файласуфон моҳияти ҳастии табииро таҳқиқ намуда, кӯшиш мекарданд нахустмабдаъро муайян кунанд, ки ба он тамоми ҳастӣ дохил карда мешавад. Ин хатти субстансиалӣ-онтологӣ буд, ки бо ҷустуҷӯи сохторҳои устувори ҳастӣ ва ба моҳияти ибтидоии ашё алоқаманд буд. Файласуфон, дар ин масъала, бештар ҳамчун табиатшинос (физикҳо) ё файласуфони табиатшинос андеша меронданд.

Файласуфон нахустсабаби оламро ҷустуҷӯ мекарданд, онҳоро ҳамчун моҳият (ҳам модӣ ва идеалӣ), ки дар зери он қарор доранд, мефаҳмиданд. Онтология дар ин маврид, дар намуди таълимот дар бораи сохторҳои ниҳоии бунёдии ҳастӣ собит шудааст. «Фалсафа даъво мекард, ки он чизеро дарк мекунад, ки аслан предмети таҷриба шуда наметавонад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳалкунанда барои худсобиткунии фалсафа ин буд, ки оё тафаккур, новобаста аз таҷриба, ҳақиқати объективӣ ва умумимаъноро ошкор карда метавонад» [413,152] ?

Файласуфони юнонӣ масъалаи олами ҳастӣ ва тафаккур, ҳастӣ ва ақоид дар бораи ҳастиро ба миён мегузоранд. Махсусан, Парменид «имкониятҳои мантиқии таносуби категорияҳои ҳастӣ ва «нестӣ» - ро таҳқиқ намуда, як қатор зиддиятҳоро ошкор мекунад. Агар мо «нестӣ» - ро эътироф кунем, он ҳатман вуҷуд дорад. Аммо чӣ тавр дар бораи чизе, ки вуҷуд надорад, андеша ронд? Парменид ба хулосае меояд, ки ин ихтилофи назар қонуни инкори инкорро ба вуҷуд меорад» [322,152].

Дар ин маврид масъала ба дараҷаи ҳалли масъалаи муносибати байни ҳастӣ ва тафаккур мегузарад. Тафаккур ва ҳастӣ, ба андешаи Парменид, ба ҳам мувофиқанд, аз ин рӯ, «тафаккур ва ҳастӣ як аст» ё «тафаккур дар бораи ашё ва предмети тафаккур ҳар ду як маънӣ аст» [322,152]. Ин равишро метавон ҳамчун далел пазируфт, ки ҳастӣ ва

тафаккур на танҳо ҳамчун равандҳои мустақил, балки дар натиҷа ҳамчун инъикосгарони воқеият амал мекунанд. Ба андешаи Парменид, тафаккур ва ҳастӣ ду ҷониб ё паҳлуи як воқеияти ягона ба шумор мераванд. Агар инсон дар бораи «ҳастӣ» тафаккур кунад, маънои онро дорад, ки ӯ дар бораи чизе меандешад, ки воқеан вуҷуд дорад ва дорои хусусияти доимӣ ва устувор аст. Аз ин рӯ, тафаккур ва ҳастӣ ба як асл бармегарданд: фикр кардан – ин дидан ва дарк кардани он чизест, ки ҳақиқатан вуҷуд дорад.

Бар ҳамин асос, Парменид бар он ақида буд, ки тафаккур ва ҳастӣ ҷузъҳои ҷудонопазири як воқеият мебошанд. Андеша дар бораи олам – ин шоҳидии зеҳнӣ ва воситаи шарҳи воқеият аст. Ҳастӣ дар тафаккур таҷассум меёбад ва тафаккур ба сӯи он чизе равона мешавад, ки дар воқеъ вуҷуд дорад. Ба ин тартиб, ба андешаи Парменид, ҳастӣ ҷавҳари асосии воқеияти олам буда, ҳамзамон бо дониши воқеии инсон робитаи мустақим дорад.

Парменид миёни айнияти одии дониши ҳақиқӣ ва ҳастӣ, аз як тараф, ва «айният бо тафовут» аз ҷониби дигар, тафовут мегузорад, махсусан дар ҳолатҳое ки мувофиқати комил миёни ин ду вуҷуд надорад. Ин баёнгари он аст, ки дониш на танҳо бозтоби воқеият, балки дорои хусусиятҳои субъекти дарккунанда низ мебошад ва тафаккурро ҳамчун раванди ҷамъбасткунанда ва сохташавандаи маънӣ ифода мекунад.

Хулосаи Парменид дар бораи беҳаракатӣ ва ягонагии ҳастӣ боиси ихтилофи назар бо мутафаккироне гардид, ки рушди универсалии ҳастӣ, олам ва дигар падидаҳоро қабул доштанд. Ин ихтилоф заминаи пайдоиши мактабҳои динамизм ва плюрализм гардид, ки ҳастиро ҳамчун раванд ва тағйирпазир таҳлил менамуданд.

Мафҳуми «ҳастӣ» дар назари Парменид натиҷаи тафаккури мантиқӣ мебошад, ки набояд ҷойи шубҳа ва баҳс дошта бошад. Аз ин рӯ, шинохти ҳастӣ, худ ба худ, мавҷудияти «нестӣ»-ро рад мекунад. Ба андешаи ӯ, ҳар гуна тағйирот ва тақсимот, дар асл, боиси аз байн

рафтани ҳастӣ мегардад. Агар ҳастӣ қобили тағйир бошад, пас бояд дар ҷараёни тағйир, дар ягон марҳила, нопадид гардад. Нопадид шудан дар «нестӣ» ҳаммаъно бо пайдо шудан аз «нестӣ» мебошад. Аз ин рӯ, ҳарду ҳолат мухолифи консепсияи ҳастии пок мебошанд.

Бо такя ба чунин мантиқ, Парменид ба хулосае мерасад, ки ҳастӣ ягона, беҳаракат ва собит аст; дар он на тафовут, на гузаштаро ва на ояндаро ҷойгоҳе нест. Бо вуҷуди ин, ин мавқеъ наметавонад пурра ҳамчун радди диалектика маънидод гардад. Парменид дар муҳокима бо Гераклит, ки тағйирпазирии пайвастаи оламро таъкид мекард, бар ин назар аст, ки воқеият бояд берун аз идроки ҳиссӣ ва тағйироти зоҳирӣ таҳқиқ шавад.

Аз назари ӯ, кайҳон ҳамчун падидаи воқеӣ вуҷуд дорад, аммо вуҷуд доштани он наметавонад асоси маърифати ҳақиқӣ гардад, зеро танҳо он чизе, ки тағйирнопазир аст, сазовори унвони «ҳақиқӣ» мебошад. Дар ин замина, тафаккури ҳақиқӣ на ба таҷрибаи субъективӣ, балки ба ҳастии доимӣ ва метафизикии мутлақ такя мекунад. Ба ин тартиб, Парменид барои тасаввури воқеияти идеалии метафизикӣ, ки аз воқеиятҳои моддӣ ва равонӣ фарқ дорад, асос мегузорад.

Ба андешаи Афлотун, ҳастӣ аз ду сатҳи воқеият иборат аст, ки дар зоҳир гуногун, вале ба таври муайян ба ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Олами аввал олами ашё ва зуҳуроти моддист, ки тавассути ҳиссиёт шинохта мешавад, вале дорои хусусияти тағйирпазир ва гузаранда буда, наметавонад пурра ба мафҳуми ҳастии ҳақиқӣ мутобиқат кунад. Олами дуюм бошад, олами ғояҳо маҷмӯае аз шаклҳо ё моҳиятҳои абадӣ ва идрокшаванда, ки ҳамчун зинаи аслии ҳастии воқеӣ шинохта мешаванд ва манбаи ҳама гуна ташаккул ва танаввӯи олами моддӣ ба шумор мераванд.

Аз ин рӯ, равандҳои маърифатӣ, тибқи фаҳмиши Афлотун, ҳаракати зеҳн аз олами эҳсосотӣ ба сӯи олами ғояҳо ва шинохти воқеият дар

шакли соф ва мукаммал мебошад. Шинохт дар ин замина на танҳо таҷрибаи ҳиссӣ, балки як навъ болоравии рӯҳонӣ ва ақлонист, ки ба навъҳои гуногуни ҳастии ҳақиқӣ мутобиқ мегардад.

Ғояҳои Афлотун танҳо мафҳумҳои умумӣ ё абстракт нестанд, онҳо асосҳои идеалии мавҷудияти ашё мебошанд, яъне як навъ сохтори маърифативу вуҷудӣ, ки ҳамчун қолаб ё «чаҳорчӯбаи иттилоотӣ» вуҷуд доранд ва тавассути ақл метавон кашф ва дарк намуд. Аз ҳамин зовия, ғояи ҳар як ашё принсипи муайянкунандаи ҳастии он аст, ки берун аз олами моддӣ қарор дошта, ҳамчун намунаи мутлақ ва ғайримаводии он амал мекунад.

Мафҳуми ҳастии ҳақиқӣ дар таълимоти Афлотун, дар зоҳир бо андешаи Парменид ҳамсозӣ дорад, зеро ҳарду файласуф ҳастиро воқеияти доимӣ ва тағйирнопазир мешуморанд. Бо вуҷуди ин, дар фаҳмиши Афлотун ҳастӣ ҳамчун раванд ва ҷараёни созандаи муттасили олам тасвир мешавад. Ғояи ашё дар ин замина на танҳо шакли абстракт, балки модели маъноии мураттаби вуҷуд аст, ки заминаи ташаккули воқеияти моддиро фароҳам месозад.

Ғоя, дар тафаккури Афлотун, танҳо як тасвири ақлонӣ нест; он дорои неруи муайян, як навъ қувваи созанда ва ташаккулдиҳандаи моддӣ мебошад. Ба ин тартиб, ғоя ҳамчун манбаи шаклдиҳии ашё амал мекунад ва ҳузури он барои ба вуҷуд омадани воқеияти моддӣ шарт аст.

Дар раванди маърифат, инсон тавассути шинохти инфиродӣ ба олами ғояҳои абадӣ ва неруи созандаи онҳо иртибот пайдо мекунад. Ин робита тавассути «материяи интеллектуалӣ» ё воқеияти ғайримоддии ақлӣ сурат мегирад, ки ба чашми зоҳир намоён нест, вале шарти асосии татбиқи неруи идеалӣ дар ҷаҳони моддӣ мебошад.

Ин мафҳум дар давраи минбаъда аз ҷониби пайравони навафлотуния инкишоф дода мешавад. Дар ҳамин замина, метавон гуфт, ки мухолифати материя ва идея дар фалсафаи қадим бештар хусусияти

шартӣ дорад. Дар маркази андешаи фалсафии Афлотун агар идеализми ӯ на ба таври қатъӣ, балки бар асоси маърифати ҳадсӣ (интуитсиявӣ) дарк гардад, ба таври парадоксалӣ як навъ «монодуализм» эҳсос мешавад.

Ин диалектикаи миёни унсурҳои материалӣ ва идеалӣ имкон фароҳам овард, то аз якҷонибагии таҳлили ҳодисаҳо ва ҷараёнҳо канорагирӣ шавад. Афлотун андешаи муҳими дигареро низ матраҳ мекунад: ӯ зарурати метафизикаро ҳамчун донише, ки берун аз таҷриба қарор дорад ва бо меъёрҳои илмии муқаррарӣ санҷиданаш номумкин аст, асоснок месозад. Бо таҳлили хусусиятҳои риёзиёт, файласуф ба ин натиҷа мерасад, ки усули дедуксия барои асосгузории дониш нокифоя аст, зеро принсипҳои зоҳиран асоснок, дар асл, дорои пояи мутмаин нестанд. Аз ин ҷиҳат, ӯ фарзияҳоро ҳамчун манобеи эҳтимолан беэътимод арзёбӣ менамояд. Дар ҳамин росто, Афлотун ҳатто шубҳа дошт, ки оё риёзиётро метавон ҳамчун илм ба маънои пурраи он шинохт.

Бо ҳамин тартиб, Афлотун ба ин натиҷа мерасад, ки шинохти ратсионалӣ ва методҳои дедуктивӣ наметавонанд пояҳои воқеии маърифатро таъмин намоянд. Аз ин рӯ, ӯ зарурати як низоми маърифатиеро матраҳ мекунад, ки тавассути қобилиятҳои гуногуни идрок, бахусус ақли диалектикӣ, пояҳои метафизикиро дарк ва асоснок созад.

«Афлотун бар зарурати мавҷудияти низоми маърифатие таъкид мекунад, ки қодир бошад ҳақиқати заминаҳоро берун аз доираи усулҳои суннатии тафаккури дедуктивӣ ва ҳатто берун аз чорчӯби илмҳои таҷрибӣ дар маънои васеъи муосир фаро гирад. Ба андешаи ӯ, чунин низом бояд бо қобилиятҳои гуногуни маърифатии инсон мутобиқ бошад. Дар ин раванд, риёзиёт бар қобилияти мулоҳизаронӣ ва ақли ҳисобгар такя мекунад, дар ҳоле ки метафизика бо истифода аз ақли диалектикӣ ҳамчун воситаи дарки нахустмабдаъ амал мекунад» [181,27]. Дар ин замина, Афлотун фалсафаро ҳамчун фанни асосӣ ва

диалектикаро ҳамчун усули калидии шинохт муаррифӣ менамояд. Онҳо ҳамчун зербинои умуминазариявии ҳамаи намудҳои дониш хизмат мекунанд.

Дар пайи дарки қонуни ҳастӣ ва тафаккур Арасту Гераклитро интиқод мекунад. Арасту қайд мекунад, ки «таълимоти Гераклит, ки «ҳама чиз вуҷуд дорад ва вуҷуд надорад, ҳама чизро ҳақиқӣ эътироф мекунад» [48,143], зеро на танҳо ақидаҳои ба ҳам зид, балки «андешаҳои мутазод, дар бораи ҳамон як чиз, ҳеҷ гоҳ ҳақиқӣ буда наметавонанд; вале худи Гераклит ба моҳияти сухани худ наандешида, пойбанди ин ақида мемонад» [48,280].

Арасту бо устодаш Афлотун мубоҳиса менамояд, ки диалектика қуллаи дониш шуда наметавонад, зеро вай ҷавобгӯи ҳалли пурраи масъалаҳо нест.

Арасту баръакси Афлотун, дуруст хулосабарорӣ менамояд, ки асоси дониши безамина, дар бораи умумиятҳо ва моҳият танҳо ягон заминаи мутлақ, ҳақиқати мутлақ буда метавонад, вагарна ҳар гуна фалсафасозӣ ботил шуда метавонад. Диалектика, ҳамчун воситаи ақлгароёнаест, ки дар бораи чизҳои мушаххас, нисбияти донишро инъикос мекунад ва дар якҷоягӣ бо усули дедуктивӣ, ҳақиқати дар асоси мутлақ ҳосилшударо кафолат медиҳад.

Зери мафҳуми «ҳастӣ дар худ» Арасту ҳастии мафҳум, имконпазир ва ҳастии даркшавандаро дар назар дорад, ҳарчанд вуҷуди ашёи мушаххас арзи ҳастӣ дорад.

Афлотун ақида дошт, ки воқеияти аслӣ олами маъноҳо ё идеяҳо (шаклҳо) аст. Ҳама чизи модӣ, яъне он чизҳое, ки мо мебинем ва ламс мекунем танҳо нусха ё таҷаллии ин шаклҳои абадӣ ва комил ҳастанд. Масалан, курсиҳое, ки мо мебинем, нусхаи «курсии комил» дар олами маъноҳоянд. Ин олами маъноҳо бо ақл фаҳмида мешавад, на бо узвҳои ҳис, яъне олами маъноҳо болотар аз ҷаҳони эҳсос аст. Дар бораи

тафаккур чунин андеша дошт, ки дониши ҳақиқӣ аз ҳисҳо барнамеояд, балки тавассути тафаккур ва хотира (ёд кардани олами маъноҳо) ба даст меояд. Ӯ ҷонибдори ғояҳои идеалистӣ буд, яъне дарки воқеиятро мансуби ақл медонист, на таҷриба.

Арасту ин ақидаҳои устодашро (дар бораи мавҷудияти шаклҳо дар олами ҷудогона) рад кард. Ба андешаи ӯ мода (субстансия) ва шакл (шакли дохилӣ) дар як чиз ҷудонопазир ҳастанд. Арасту муътақид буд, ки ҳар мавҷудот аз мода ва шакл иборатанд ва танҳо дар олами модӣ вуҷуд доранд, яъне ҳақиқати чиз дар худи он аст, на дар олами абстракт. Арасту оид ба тафаккур (эпистемология) тарафдори таҷриба ва мушоҳида буд, яъне ӯ мегуфт, ки оғози дониш аз ҳиссиёт буда, тавассути тафаккур ба донишҳои умумӣ расидан мумкин аст.

Ин ақоиди Афлотун ва Арасту ба афкори файласуфони асримиёнагии тоҷик таъсири амиқ расонидаанд. Бахусус, равияи машшоия аз Арасту ва равияи тасаввуф аз афкори Афлотун ва хусусан, аз навафлотуния таъсир гирифтаанд. Агар Арасту ҳастии ҳақиқиро дар худи ашё дониста, онро дар иттиҳоди мода ва шакл дониста бошад, Ибни Сино ҳамин ақидаро қабул кардааст, вале ба он ба он мақоми рӯҳро ворид сохт, яъне ҳар мавҷуд модӣ аст, вале дорои рӯҳ ва ҷиҳати комилшавист. Дар таълимоти сӯфия ҳамин ғояи «ҳастии комилшаванда» барои тариқати сулук ва такомули нафс муҳим арзёбӣ мегардад.

Агар Афлотун олами маъноҳоро ҳақиқати ҳастӣ ва олами модиро танҳо сояи он донад, сӯфиён ин маъниро ба тариқи танзил ва таҷаллӣ шарҳ медиҳанд, яъне ҳастии зоҳирӣ танҳо пардаест бар ҳастии ҳақиқӣ, ки Худо аст.

Дар заминаи таълимоти ба ҳам зидҳо ва навъҳои он, Арасту он қонун ё принсипи ҳастӣ ва тафаккурро, ки ҳам мантиқӣ ва ҳам таълимоти ҳастии онро муайян мекунад, ҳастишиносиро мураттаб месозад. Арасту ин принсипро «оғози ҳама аксиомаҳои дигар»

номидааст. Тартиби васеътари ин принсип чунин аст: «... мумкин нест, ки ҳамон як чиз дар як вақт ба як чиз хос бошад ва ба як чиз мутааллиқ набошад» [45,125], яъне «ҳеҷ кас наметавонад мавҷуд будан ва ғайримавҷудии ҳамон як чизро собит созад» аниқтараш, «як чиз наметавонад дар як вақт ҳам вуҷуд дошта бошад ва ҳам вуҷуд надошта бошад» [48,279].

Умумияти ҳастӣ тавассути мавҷудияти фардии ашёи мушаххас зоҳир мешавад. Ин, ба андешаи Арасту, қонуни асосии ҳастӣ ё «оғози ҳама аксиомаҳо» аст. Аз ин қонун мустақиман муқаррароти машҳури Арасту дар бораи номувофиқ будани мавҷудият ва ғайримавҷудияти ашё, инчунин имконнопазирии мавҷудият ва набудани ҳар гуна хосиятҳои муқобил бармеояд. Арасту чунин далел меоварад: «якҷоя вуҷуд доштан ва вуҷуд надоштан» ва «ҳамчунин имконнопазир аст, ки зиддиятҳо дар як вақт зоти як чиз бошанд» [48,141]. Ин консепсия характери умумии онтологӣ дошта, ба хамаи зуҳуроти олам дахл дорад ва хусусияти сирф мантиқӣ дорад, он бо далели мантиқӣ баррасӣ мешавад.

Аз ин рӯ, «онтология ва мантиқ ду ҷониби як илм» — метафизикаанд [322,289]. Аз ин қонун ҳам принсипи мавҷудияти нисбии нестӣ бармеояд. Ҳангоми таҳияи фишурдаи Парменид, ки гӯё «нестӣ вуҷуд надорад, зеро он ғайри қобили тасаввур аст ва агар мо дар бораи он фикр кунем, пас, он вуҷуд дорад, аммо чун ҳастӣ». Арасту мегӯяд, ки ҳеҷ чиз моро аз фикр кардан дар бораи нестӣ халалдор намесозад. Аммо ин далели мавҷудияти он (нестӣ) нест, балки танҳо ба хусусияти дигари он (ғайримавҷудӣ) ишора мекунад. Маҳз ба ҳамин маъно он метавонад дар тафаккур вуҷуд дошта бошад. Арасту қайд мекунад, ки Парменид ҳастиро якхела маънидод мекунад, вале ин мафҳум метавонад чанд маъно дошта бошад.

Ҳастӣ, аз як тараф, метавонад маънои ҳама чизи ҳастшударо дошта бошад, яъне шумораи зиёди чизҳои мавҷуда ва аз тарафи дигар, он чизе,

ки ҳама чиз ба он дахл дорад [93,189]. Арасту ба хулосае меояд, ки ҳастӣ сермаъно аст, аз ин рӯ, онро метавон дар бахшҳои гуногун, масалан дар табииёт ё мантиқ омӯхт.

Аммо маънои аслии ҳастӣ, яъне «ҳастӣ дар худ» тавассути онтология, ки онро ба воситаи системаи категорияҳо тавсиф мекунанд, омӯхта мешавад. Ҳар яке аз ин категорияҳо (ҷавҳар ё моҳият, сифат, микдор, ҳаракат, макон, замон ва ғ.) дар робита ба хосиятҳои мушаххас «хабари умумикунанда» буда, дар «маҷмуъ, маънои умумии бисёрҷанбаи категорияи ҳастиро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, масъалаи марказии онтология маънои амиқи ҳастӣ мегардад, ки онро ба масъалаи моҳият ё ҷавҳар дохил кардан мумкин аст.

Моҳият ҳамон ҳастии ғайримухолиф аст, ки Парменид мехост онро пайдо кунад. Бинобар ин масъалаи моҳият, гуё масъалаи ҳастиро, ҳалли масъалаи марказии метафизикаро иваз мекунад. Сабаби расмии ҳастии ашё моҳияти аввалия ё шакли он мебошад. Материя воқеияти ба таври ҳиссӣ даркшаванда аст. Он метавонад танҳо бо гирифтани шакли муайян чизе шавад. Шакл он чизи умумист, ки ҳадди ақал, метавонад ба ашё мавҷудияти мустақил диҳад.

Аз рӯи мантиқи Арасту, шакл дар байни мушаххас (фард) ва умумӣ аст. Шаклҳо он чизе мебошанд, ки минбаъд ба намудҳо тақсим карда намешаванд. Онҳо абадӣ, бетағйир буда, мавзуи омӯзиши метафизика мебошанд. Онҳо метавонанд ба материя ворид карда шаванд ва ба ин васила ашё эҷод намоянд. Ҳамин тариқ, ашё аз шакли фаъол ва материяи ғайрифаъол иборат аст. Худи материя ғайрифаъол аст, аммо мисли шакл абадӣ аст. Он барои пайдоиши як чизи мушаххас зарур аст, аммо ҳамчун макони потенсиалӣ. Илова бар ин, он ба чизҳо фардият медиҳад.

Ба ҳамин тариқ, муносибати ҳастӣ ва тафаккур муносибати байни ашёи мушаххас ва афкор дар бораи ашёи додашуда мебошад. Олам мавҷудияти воқеии ашё ва падидаҳои фардӣ, модӣ ва маънавиро ифода

мекунад, дар ҳоле ки «ҳастӣ» барои ҳалли масъалаҳои умумӣ, дар бораи олам таҷрид (абстраксия) аст. Ҳастӣ асоси бунёдии ҳар мавҷудот буда, он даргузар ё фаношаванда нест, чунон ки худи табиат даргузар нест, аммо мавҷудияти чизҳо ва ашё дар олам гузарандаанд. Ҳастӣ вуҷуд дорад ва ҷовидона аст.

Моҳияти аслиро ҷавҳар ё моҳият ташкил медиҳад, ки ибтидои модӣ ва сувариро муттаҳид мекунад. Ҳамин тариқ, ба андешаи Арасту дар байни идеал ва модӣ, шакл ва субстрат, тафаккур ва предмет ягон тафовут вуҷуд надорад, дар байни ҳастии ибтидоӣ ягон тафриқаи метафизикӣ вуҷуд надорад, ки баъдан идеализми яктарафаи аврупоии равияҳои теистиро ба вуҷуд меорад.

Ҳадди ақал се намуди моҳиятро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Инҳо моҳиятҳое мебошанд, ки ба онҳо чизҳои эҳсосшавандаи мушаххас (физика) дохил карда мешаванд.

2. Объектҳое, ки ба онҳо абстраксияҳои математика дохил карда мешаванд.

3.Объектҳое, ки берун аз ҳассосият ва абстраксия вуҷуд доранд. Инҳо моҳияти ҳастии илоҳӣ ё ҷавҳари олиэҳсос мебошанд.

Ин се қисмати асосӣ фалсафаро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, дониши мутлақ, аз рӯи ақидаи Арасту, нахустмабдаъ ё системаи нахустмабдаъ аст, ки ба сифати он фалсафаи аввал ё метафизика онро дар бар мегирад. Ибтидо оғози дигаре надорад, бинобар ин онро ибтидо меноманд. Ба ин маъно, воқеан, метафизика як навъ илмест, ки на ибтидои илмҳои алоҳида, балки «маҷмуи идроки илмиро, на донишҳои инфиродӣ, на ҳақиқати физика ё математика, балки чун дониш, маҷмуи ҳақиқатро асоснок мекунад.

Маҳз ба ҳамин маъно, «метафизика ба илми ҳастӣ ё онтология айният дошта, ҳамчун илми махсус дар бораи ҳастии ибтидоӣ амал мекунад. Бояд гуфт, ки дастовардҳои Арасту дар таҳияи масъалаҳои

онтологӣ он қадар баланд буд, ки дар рушди ин масъала баъд аз ӯ фазои холии муайян ва ҳатто то андозае таназзули дараҷаи таҳқиқот ба вуҷуд омад» [105,132].

Ҳамин тариқ, дар замони қадим, тасаввуроти классикии метафизикӣ (безамина)-и фалсафа ташаккул ёфтааст, ки дар маркази он онтология, ҳамчун таълимоти ҳастӣ, қарор дорад. Онтологияи қадим ҳамаи мавзуъҳо ва ғояҳои асосиро дар бар мегирад, ки воқеан анъанаи фалсафии минбаъдаи аврупоиро ба тафсирҳои беохири як матни тамомнашаванда, бо номи «фалсафаи юнонӣ», табдил медиҳанд.

Фалсафаи муосир ҳам аз афкори файласуфони Юнони Қадим таъсир гирифтааст. Масалан, дар идеализми И. Кант ва Г. Гегел ҳосилшавии дониш аз сохторҳои ақл ва идеяҳо, на аз эҳсосот ҷонибдорӣ мешавад, ки айнан аз таълимоти Афлотун аст. Феноменология ва экзистенсиализм ҳам мафҳуми «дарки маънои ботинӣ» – ро аз афлотуния гирифтаанд. Эмпиризм (Ҷ.Локк, Д. Ҳюм) ва фалсафаи муосир (К. Поппер) ақидаи Арастуро ҷонибдорӣ кардаанд, ки дониш бо таҷриба, набзи илмӣ ва мантиқ ҳосил мешавад. Мантиқ ва таҳлил дар фалсафаи англис ҳам аз таълимоти арастуӣ баҳра ёфтааст.

«Категорияи «ҳастӣ» ибтидои созмони системаи метафизикӣ мебошад. Тазоди байни «ҳастӣ» ва «ҳеҷ чиз» дар категорияи чизе ҳал мешавад, ки дар он номуайянӣ ва абстрактии ҳастӣ аз байн меравад. Он дорои аломатҳои воқеӣ, яъне сифати муайян мешавад. Гузариш аз категорияи «ҳастӣ барои худ» ба ҳастӣ мушаххас мешавад, ки дар натиҷа ин гузариш аз ҳастӣ ба моҳият гузаштанро муайян мекунад.

Мантиқи моҳият ҳаракати тафаккурро амиқ таҳлил намуда, ҷараёни гузаштан аз категорияи зоҳир ба моҳият ва падидаро ошкор мекунад, амалишавии онҳоро дар воқеият нишон медиҳад. Дар ин маврид ҳастӣ номуайянӣ ва абстрактии худро гум мекунад, он зоҳир мегардад, яъне падидае мешавад, ки дар паси он моҳияте ҳаст ва мо метавонем онро

дарк кунем. Ҳамин тавр, Гегел мафҳуми ҳақиқатро тағйир дода, ба он, пеш аз ҳама, ҳамчун раванд муносибат кард [105,228].

Дониши мантиқӣ ифодакунандаи хулосаи муайян буда, фикреро, ки ба пуррагии худ расида, гӯё ба худ бармегардад, таҳқиқ мекунад. Ин мантиқи субъективӣ буда, дар ин маврид, фаҳмишҳои ниҳоии субъективӣ, объективӣ, ғоя ва ғояи мутлақ омӯхта мешаванд. Пас аз фаҳмидани ин заминаҳои метафизикӣ ва дарки пурраи идеяи рушд бояд табиати идеяи мутлақро таҳқиқ намуд, ки берун аз ин қолабҳост. Дар ин ҷо механика, табииёт, категорияҳои фазо ва вақт, материя ва ҳаракат омӯхта мешаванд.

И. Кант барномаи «барқарорсозии» метафизикаро пешниҳод мекунад, ки бояд асоси умумии илмҳо бошад, ба маънои бозгашт ба анъанаи Арасту. Ба ибораи дигар, илоҳиёт, равоншиносӣ, кайҳоншиносӣ ва аз ин рӯ, метафизика дар «маҷмуъ, бояд василаи оқилонаи дарки ҳастӣ бошад, ки бар дониш асос ёфтааст, аммо худи метафизика бо дониши холис кашфшаванда нест. Метафизика «дар умум на танҳо як фанни назариявии фалсафӣ аст, балки масъалаҳои ахлоқ ва принсипҳои олии ҳастиро дар бар мегирад» [318,133].

Асоси метафизикии фалсафа дар он аст, ки вай ҳадафҳои бунёдии тафаккури инсониро таҳқиқ мекунад ва ба ин маъно арзиши мутлақ дорад. Аммо метафизикаро набояд аз дониши воқеӣ ҷудо кард, зеро дар ин сурат мо бо системаи конструксияҳои догматикӣ, абстрактӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд, ки барои ҳақиқат асос шуда наметавонанд. Дар метафизика ягонагии онтология ва гносеология бояд дарк карда шавад. Вай ба метафизика на ҳамчун илми асосҳои аввал муносибат намуд, ба андешаи ӯ, он ро ҳамчун илми дониши принсипҳои аввал бояд ҳисоб кард.

Ба назари И. Кант, пеш аз он ки ҳастии вуҷуд дар сохтори худ муаррифӣ гардад, зарур аст, ки аввал мафҳумҳо ва принсипҳои тафаккури инсон ва қобилияти он дар таҳлили чунин масъалаҳо санҷида

шаванд. Аз ин лиҳоз, ӯ таҳти мафҳуми «метафизикаи метафизика», ки баъдан ҳамчун «фалсафаи трансценденталӣ» дар анъанаи фалсафӣ ҷой гирифтааст, як назарияи нав пешниҳод мекунад. И. Кант баррасии ҳама масъалаҳои аслии метафизикаро бо назари тоза оғоз менамояд. Вай муносибати байни ҳастӣ ва тафаккурро таҳлил карда, бар ин ақида аст, ки ҳастӣ ва мавҷудият набояд берун аз соҳаи воқеияти эмпирикӣ қабул шаванд. Ин мавқеъ эмпиризм нест, зеро таҷриба дар таърифи Кант натиҷаи ҳамоҳангии таъсири эҳсосоти мустақим ва шаклҳои қобилиятҳои ақлӣ мебошад [105,180].

Метафизика дар фаҳмиши олимони замони муосир як қисми махсуси фалсафа мебошад, ки дар он дар шакли ядрои муайян (дил) мавҷуд аст. Он, ҳамчунин бо истилоҳи «фалсафаи назариявӣ», «фалсафаи систематикӣ» ё «метафилософия» ишора шудааст. Дар таркиби метафизика се сатҳи бо ҳам алоқамандро ҷудо месозанд: онтология (таълимот дар бораи ҳастӣ), гносеология (таълимот дар бораи маърифат) ва аксиология (назарияи умумибашарии арзишҳо). Дар сатҳи онтологӣ системаи муносибатҳои универсалии олам ва инсон таҳқиқ мешавад.

Ҳар онтология хоҳ материя, хоҳ рӯҳ ва хоҳ ягон ҳастии дигарро ҳамчун ибтидо эътироф кунад, ҳамеша кӯшиш мекунад, ки сохторҳо ва намунаҳои инкишофи ашё ва равандҳоро муайян кунад. Дар сатҳи гносеологӣ шахс тазоди андешаҳои худро оид ба ҳастӣ идрок менамояд ва ин шароит фароҳам меорад он чиро, ки берун аз вай аст, ҳамчун объекти дониш ҳисоб кунад. Дар ин маврид, фалсафа масъалаи шинохти дунё ва дурустии дониши моро, дар бораи он, ба миён мегузорад. Дараҷаи аксиологии азхудкунии ҳастӣ бо он алоқаманд аст, ки инсон мавҷудияти рӯҳонӣ буда, на танҳо оламро мешиносад, балки дар он ҳамчун як ҷузъи он зиндагӣ мекунад ва мавҷудияти худро эҳсос мекунад.

Муносибати ҳастӣ ва тафаккур яке аз мавзуъҳои марказии фалсафаи ҳастишиносӣ мебошад, ки дар таълимоти файласуфони машшоия ва мутафаккирони ирфонӣ равишҳои мухталиф пайдо карда, масъалаи зеҳн ва воқеият, робитаи субъективӣ ва объективӣ ва имконияти шинохти ҳастӣ аз тариқи тафаккур мавриди таҳлили амиқ қарор гирифт.

Ҳамин тавр, масоили муносибати ҳастӣ ва тафаккур ошкор сохт, ки файласуфони машшоъ бо истифодаи мантиқи қатъӣ кӯшидаанд ҳастиро бо воситаи ақл дарк кунанд, дар ҳоле ки аҳли тасаввуф ба воситаи таҷрибаи ботинӣ ва ирфонӣ ба шинохти ҳастӣ мерасанд. Ҳамин тавр, ду равиш – ратсионалӣ ва ирратсионалӣ дар тафсири ҳастӣ бо ҳам рақобат ва ҳам таъсири мутақобила доранд.

Ҳастӣ барои файласуф як масъалаи фаҳмидашаванда аст, барои суфӣ таҷриба ва зуҳури рӯҳонӣ. Дар тафаккури фалсафӣ, инсон бо таҳлил ба ҳақиқат мерасад, дар ирфон бо таҳаллул, яъне ҳулули нафс ва ишқи маънавӣ. Ин таъкиди қавии фарқият, вале ҳамзамон такмилёбии равишҳо, хулосаи марказии зербоб аст.

Муқоисаи бартарии равиши мантиқӣ дар машшоия ва маърифати ирфонӣ дар тасаввуф нишон медиҳад, ки ҳарду равия кӯшиши дарки ҳастиро доранд, вале бо василаҳои мухталиф. Аммо ҳар ду равия дар ҷустуҷӯи як ҳақиқатанд – ҳақиқати ҳастӣ ва мақоми инсон дар он. Ҳамин муносибати гуногун ба тафаккур ва ҳастӣ, дар ниҳоят, ба гуногунандешии фалсафаи форсу тоҷик асос гузоштааст.

Хулоса, дар боби мазкур таҳқиқи мукаммали масоили ҳастишиносӣ, дар заминаи фалсафаи машшоия ва андешаи классикии фалсафаи ҷаҳонӣ, баррасӣ шуда, заминаи назариявии тадқиқи масоили онтологиро фароҳам гардид. Аз муҳтавои зербобҳо чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

- равшан гардид, ки «ҳастӣ» дар фалсафаи машшоияи шарқӣ мавқеи аввалро соҳиб буда, ба ҳайси воқеияти аслӣ ва мустақил баррасӣ

мешавад. Дар муқоиса бо таълимоти машшоиён фалсафаи ирфонӣ «ҳастӣ» - ро ҳамчун тақаллии сирри илоҳӣ маънидод кардааст;

- «ҳастӣ» ҳамчун мафҳуми умумифарогир, зинаи аввали маърифати фалсафӣ буда, тавассути дарки он инсон метавонад категорияҳои макон, замон, ҳаракат ва ғайраро мавриди таҳлилу муҳокимаи мантиқӣ қарор диҳад.

- муайян гардид, ки нестӣ (адам) дар фалсафа танҳо набудани чиз нест, балки як категорияи методологӣ ва онтологӣ аст ва фаҳми он барои дарки ҳастӣ нақши калидӣ дорад.

-ба андешаи Ибни Сино, нестӣ метавонад ҳолате бошад, ки моҳияти ашё дар он зоҳир намешавадвале қобилияти қабули вуҷудро дорад. Ба ақидаи Ибни Сино, нестӣ ҳамчун ҳолати ғайримавҷуд, имкони зуҳури ҳастиро дар худ дорост ва метавонад дар раванди иллият, дар шароити муайян, ба воқеияти зоҳир табдил ёбад.

- аз нигоҳи ирфонӣ, нестӣ тақаллии фано шудани нафс дар зоти Илоҳӣ аст. Он ҳолати покии қалб ва халосии рӯҳ аз ҳама гуна бастагии модӣ ва зоҳирӣ мебошад. Нестӣ дар тасаввуф на нобудӣ (ҷисмӣ), балки шарти шинохти ҳастии ҳақиқӣ ва роҳи расидан ба ваҳдати вуҷуд маҳсуб мешавад.

-бар асоси таҳқиқоти муосири фалсафии Ғарб, ба вижа осори М. Ҳайдеггер ва Ж.-П. Сартр, нестӣ на танҳо набудани мавҷудот, балки абзори методологии шинохти ҳастӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф ишора мекунад, ки мафҳумҳои «нестии нисбӣ» ва «нестии методологӣ» дар таҳлили сохтори вуҷуд, махсусан дар фалсафаи экзистенсиалӣ, нақши калидӣ мебозанд.

-таҳқиқ шуд, ки муносибати байни «ҳастӣ ва нестӣ» дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик на ба унвони зиддияти комил, балки ҳамчун ду ҷабҳаи як воқеияти ягона таҳқиқ мешавад. Яъне, ҳастӣ бе мафҳуми нестӣ

ноқис буда, нестӣ на танҳо шакли набудани чиз, балки шарти шаклгирии ҳастӣ ва шинохти маънавии он мебошад.

- муайян гардид, ки файласуфони машшоия, ба хусус Ибни Сино, мафҳуми моҳиятро ҳамчун ҷавҳари ахир ва ҷавоби мантиқӣ ба саволи «чӣ будани чиз» таъриф карда, онро аз ҳастӣ ба таври усулӣ ҷудо месозанд. Ба андешаи ӯ, танҳо бо пайвастани ҳастӣ ба моҳият, ашё дар воқеият зуҳур мекунад ва ҳамин тавр, ҳастӣ бар моҳият тақаддуми зотӣ дорад.

- таҳқиқ ошкор кард, ки дар ирфони исломӣ ва таълимоти сӯфиёна моҳият на як категорияи мантиқӣ, балки таҷаллии сирри илоҳӣ ва зоҳиршавии рӯҳонии ҳақиқат ба шумор меравад. Ба ин асос, сӯфиён шинохти моҳиятро на тавассути ақл, балки тавассути ҳолу кашф, яъне таҷрибаи ботинии ирфонӣ анҷом медиҳанд;

-муайян шуд, ки фарқи методологии байни равиши мантиқии файласуфони машшоия ва шеваи ирфонии сӯфиён дар шинохти моҳият, инъикоси ду модели маърифат мебошад: яке зеҳнгаро ва дигараш қалбгаро. Ин таҳлил шароити зарурироро барои баррасии масъалаи ҳастӣ ва шинохти инсон дар таълимоти фалсафӣ ва ирфонӣ фароҳам меорад;

- таҳқиқ собит намуд, ки ҳастӣ дар фалсафаи машшоия маънои зеҳнӣ ва мантиқӣ дорад, дар ҳоле ки дар ирфон ин мафҳум таҷаллии рӯҳонии ҳақиқат мебошад. Ин ақидаҳо ҳарчанд мухталифанд, вале бо усул ва забони хоси худ ба шинохти як ҳақиқат — ҳастии мутлақ равона гардидаанд;

- ошкор гардид, ки муносибати гуногун ба тафаккур ва ҳастӣ, дар ниҳоят, ба гуногунандешӣ ва ғановати фалсафаи тоҷику форс дар асрҳои миёна асос гузошта, заминаи барҳӯрди созандаи мантиқ ва ирфонро дар шинохти вуҷуд муҳайё сохтааст.

БОБИ II. МАЪРИФАТИ ҲАСТӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ МАКТАБҲОИ ФАЛСАФИИ ШАРҚИИ МУСУЛМОНӢ (АСРҲОИ X- XII)

Дар асрҳои X-XII мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик рушду инкишоф ёфтанд, ки дар он масъалаи ҳастӣ ба унвони рукни асосии тафаккури фалсафӣ мавриди таҳлилу баҳсу баррасии амиқ қарор гирифт. Ин даврaро метавон замони «эҳёи Аҷам» номид, ки дар он равия ва матабҳои фалсафӣ, мисли калом, ишроқ, тасаввуф, исмоилия ва равияҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ бо ҳам дар робита қарор доштанд ва ихтилофи назару моҷароҳои зиёде ҳам ба вуҷуд оварданд.

Фаҳмиши «ҳастӣ» дар ин давра, аз як тараф, бар мабнои мантиқ ва методи арастуиву навафлотунӣ, ки дар мактаби машшоия таҷассум ёфтааст ва аз тарафи дигар, бо таъсири рӯйкарди ирфонӣ ва шинохти ботинӣ дар тасаввуф шакл гирифтааст. Дар баробари ин, мактабҳои калом ва мӯътазилия низ бо такя ба далелҳои ақлӣ, талош мекарданд ҳастиро дар доираи тафсири динӣ шарҳ диҳанд.

Мавзуи ҳастишиносӣ дар андешаи фалсафии башарӣ ҳамеша ба сифати амиқтарин ва печидатарин масъала боқӣ мондааст. Ба вижа, дар фазои фикрии асримиёнагӣ, ки равишҳои гуногуни тафаккур — мантиқӣ, ирфонӣ ва динӣ бо ҳам ҳамзистӣ мекарданд, ин мавзуъ ба як майдони пуртаниш ва ҳамзамон созандаи тафаккур табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, баррасии он дар осори файласуфони машшоъ ва орифони сӯфӣ на танҳо масъалаи илми таърихи фалсафа, балки масъалаи шинохти равандҳои амиқи фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинӣ дар тамаддуни тоҷикону форс дар асрҳои X-XII мебошад.

Асрҳои зикршуда яке аз марҳилаҳои тиллоии тамаддуни тоҷик, хосатан дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ба шумор мераванд, ки дар он мутафаккирони тоҷик, бо вуҷуди фишорҳои ақидавӣ ва вазъияти иҷтимоии мураккаб, ба ташаккули анъанаи фалсафии миллӣ ва исломии

худ мусоидат карданд. Дар ин давра ду равияи асосии фикрӣ, яъне фалсафаи машшоия (перипатетизм) ва тасаввуф, дар заминаи ҷаҳонбинии исломӣ ташаккул ёфта, муносибатҳои хеле печида бо ҳам доштанд. Файласуфони машшоъ, чун Ибни Сино, бо истиноди мантиқӣ ва усули истидлолӣ ҳастиро бар пояи ақлу қонунҳои мантиқӣ шарҳ медоданд. Баръакс, орифону сӯфиёни ин давра, чун Мустамлии Бухорӣ, ба таҷрибаи ботинии инсон, шуҳуд, ишқ ва эҳсос такя карда, ҳастиро дар тафаккури рамзӣ ва сирри илоҳӣ меҷустанд.

Муҳимтарин масъала дар боби мазкур таҳлили ҳастишиносӣ ҳамчун инъикоси мутақобилаи тафаккур ва воқеияти таърихӣ мебошад. Яъне, чӣ гуна вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асрҳои миёна ба таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва пайдоиши фаҳмиши мушаххаси ҳастӣ дар осори мутафаккирон таъсир гузоштааст. Ҳастӣ на танҳо як категорияи фалсафии абстрактӣ, балки инъикоси марҳилаи таърихии шуури инсон ва муносибати ӯ бо олам аст. Ба ҳамин хотир, омӯзиши таърихии шароити иҷтимоӣ ва зеҳнии замони Ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ дар ин боб ҷойгоҳи муҳим дорад.

Аз дигар тараф, боби мазкур ҷанбаҳои фарҳангшиносӣ ва иҷтимоии масъалаи ҳастиро низ дарбар мегирад. Чунки ҳар як фалсафа ва ҳар як равияи ирфонӣ на танҳо бо далелҳои ақлонӣ, балки бо фазои фарҳангии замон ва эҳтиёҷоти маънавии ҷомеа шакл мегирад. Дар давраи мавриди таҳқиқ, ки таҳти таъсири омилҳои зиёд, аз ҷумла зуҳури мазҳабҳои гуногун, нуфузи фалсафаи юнонӣ ва шикастани қолаби анъанавии дарк сурат гирифтааст, масъалаи ҳастӣ ҳамчун омили муттаҳидкунандаи таҷрибаи зеҳнӣ ва рӯҳонӣ зуҳур мекунад.

Ба вижа муҳим аст, ки дар ин боб ба таҳлили муқоисавии осори Ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Тафсири ҳастӣ дар «Илоҳиёт» -и Ибни Сино, ки бо мантиқи арастуии мураккаб ташреҳ мешавад ва «Шарҳи таарруф» -и Мустамлии Бухорӣ,

ки бо услуби рамзӣ ва таҷрибавии сӯфия матраҳ мегардад, имкони равшан сохтани ду назари асосӣ – фалсафаи ратсионалӣ ва ирфонии илми «ҳол» - ро фароҳам меорад. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки ҳам таҳаввулоти истилоҳот ва ҳам сохтори фикрии ду равияи асосии фарҳанги фикрии тоҷикон дар асрҳои миёна равшан гардад.

Дар ниҳоят, таҳқиқоти таърихии масъалаи ҳастӣ дар осори файласуфони машшоъ ва сӯфиён, на танҳо ба равшан намудани сарчашмаҳои тафаккури фалсафии тоҷикӣ кумак мекунад, балки нишон медиҳад, ки чӣ гуна ду самти назариявӣ: яке бар асоси ақл ва дигаре бар асоси рӯҳ, ба ташаккули як зеҳнияти мутавозин ва бисёрқабатаи маънавии ҷомеа таъсир расондаанд. Маҳз ҳамин ҳамзистии фикрҳо, дар баробари тазодҳо, ба тавоноии фарҳанги форсу тоҷик дар асрҳои миёна асос гузоштааст.

Ин боб ҳадаф дорад, ки хусусиятҳои маърифати ҳастиро дар доираи мактабҳои фалсафии шарқии мусулмонӣ баррасӣ намуда, равишҳои гуногуни назарӣ ва амалиро дар фаҳми масъалаи ҳастӣ дар осори мутафаккирони ин давра таҳлил намояд. Ҳамзамон, бо равшан сохтани фарқияту умумиятҳои байни фалсафаи машшоия ва тасаввуф, имкони муқоисаи сохторӣ ва методологии онҳо фароҳам мешавад. Ин таҳқиқ имкон медиҳад, ки таъсири мутақобилаи равияҳои фалсафӣ ва ирфонӣ дар ташаккули ҷаҳонбинии тоҷикон амиқтар дарк шавад. Инчунин, боби мазкур на танҳо ба муаррифии таълимоти алоҳидаи ду равияи фалсафӣ, балки ба шинохти манбаъҳои ташаккули ҳастишиносӣ дар анъанаи фикрии миллӣ ва мусоидат ба барқарории робитаи таърихӣ ва назариявӣ миёни гузашта ва имрӯзи фарҳанги фалсафӣ равона шудааст.

Махсусан, дар замони муосир, ки масъалаи маънавият ва арзишҳои маърифатӣ дар ҷомеа бо чолишҳои гуногун рӯбарӯ аст, омӯзиши амиқи методологияи ҳастишиносӣ дар анъанаи фалсафии муосири тоҷик аҳамияти фавқулода касб мекунад. Аз як тараф, чунин таҳқиқот ба эҳёи

мероси гаронбаҳои андешаи фалсафии ниёгон мусоидат менамояд; аз ҷониби дигар, барои дарки муосири инсон ва ҷомеа дар заминаи арзишҳои миллӣ ва башарӣ саҳми назаррас мегузорад.

2.1. Вазъи сиёсию иҷтимоии асрҳои X-XII ва ташаккули мактабҳои фалсафию динӣ

Дар ин зербоб методи таърихӣ ва иҷтимоӣ-фалсафӣ истифода шуда, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба ташаккули равияҳои фалсафӣ таҳлил шудааст.

Дарки мафҳуми ҳастӣ ва таҳлили он дар заминаи фалсафӣ на танҳо бо назариёти абстрактӣ маҳдуд мегардад, балки аз вазъи воқеии сиёсию иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа низ таъсир мегирад.

Асрҳои X-XII ҳамчун давраи муҳими ташаккули маънавию фикрии тамаддуни форсу тоҷик арзёбӣ мешаванд, ки дар он зуҳур ва рушди равияҳои фалсафӣ ва ирфонӣ заминаи устувореро барои ташаккули худшиносии фикрии тоҷикон фароҳам овард. Дар ҳамин давра, муносибати байни фалсафа, дин ва ҷомеа шаклҳои нави ифода пайдо карда, масъалаи ҳастӣ дар меҳвари баҳсҳои фалсафӣ қарор гирифт. Аз ин хотир, омӯхтани муҳити сиёсию иҷтимоии ин асрҳо барои дарки жарфи таълимоти ҳастишиносӣ ва равишҳои фикрии он аҳамияти куллӣ дорад. Зеро танҳо дар шароити мушаххаси таърихиву маънавӣ мо метавонем маънои аслии мафҳуми ҳастиро дар осори мутафаккирони он давра дуруст таҳқиқ намоем.

Дар ҳаёти тоҷикон асри X қарни рушду нумуи илму фарҳанг маҳсуб ёфта, муаррихону олимон ин асрро «асри тиллоӣ» унвон кардаанд. Зиндагиномаи мо – тоҷикони ориёӣ дар таърихи пур аз моҷарои мо, дар сарнавишти буду набуди мо ҳамеша мақоми шоистаи тоҷиконро, байни халқҳои мутамаддини ҷаҳон, сабт намудааст. Дар замони мазкур, аз таърихнависон таълифоти зиёду арзишманде мерос мондааст, ки

муаррихони ватанию хориҷӣ ин сарчашмаҳоро ном гирифтаанд. Масалан, муаррихи маъруфи тоҷик Н. Турсунов дар китоби «Таърихи тоҷикон» [305] таъкид менамояд, ки яке аз намояндагони барҷастаи илм ва адабиёти асрҳои миёна, Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибн Муслим Марвазии Диноварӣ (828–889) дар рушди тафаккури таърихию адабӣ нақши муҳим бозидааст. Ӯ муаллифи тазкираи даҳҷилдаи таърихӣ-адабӣ ва дидактикӣ бо унвони «Манбаъҳои маълумот», инчунин асарҳои муҳими «Китоб-ул-маориф» (Китоби донишҳо) ва «Китоб-уш-шеър в-аш-шуара» (Китоби шеър ва шоирон) мебошад.

Ҳамзамон, муаррихони дигар низ дар ин замина саҳмгузор будаанд, аз ҷумла, Аҳмад ибн Абӯтоҳир Тайфур (вафот 893) бо асари худ «Таърихи Бағдод» ва Абӯабдуллоҳ ал-Ахорӣ (вафот 936), ки ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии хонадони Саффориён бахшида шудааст.

Муҳаммад ибни Аҳмади Бухорӣ (с.в. 924), Абӯҳусайн ибни Сулламӣ, Абӯбакри Наршахӣ (с.в. 959), ал-Гунҷара (с.в. 921) дар бораи зиндагии мардуми Хуросон ва ҳокимони вилоятҳо, бахусус, шаҳри Бухоро, ки пойтахти Сомониён буд, дар осорашон зикр намудаанд.

Мутаассифона, ба ғайр аз китоби «Таърихи Бухоро» - и Абӯбакри Наршахӣ [211], дигар асарҳо ё сӯзонида шудаанд, ё гум шудаанд, ки дастраси имрӯзиён нагардидаанд.

Адабиётшиносону олимони машҳури асрҳои XX-XXI устодон – С. Айнӣ, Б. Ғафуров, М. Герасимов, М. Массон, Аҳмад Алии Муҳибӣ, У. Каримов, Ш. Ҳусейнзода, С. Нафисӣ, Ж. Лазар, А. Б. Розенфелд, Менделштам, С. Толстов, В. Шишкин, А. Мирзоев, Е. Э. Бертелс, А. Юшкевич «сарчашмаҳои омӯзиши таъриху фарҳанги тоҷикони асрҳои IX-XV-ро асос гузоштаанд».

Шарқшиноси рус, академик В. В. Бартолд дар бораи меҳвари илму адаби Шарқ – шаҳри Бухоро ва шаҳру навоҳии дигари Мовароуннаҳр,

ба осори муаррихони замонҳои мухталиф (ба вижа, аз «Таърихи Бухоро»), маълумот додааст [59,378-394].

Доир ба Зандана, Вардона, Афшана, Баркад, Ромитан, Варахша ва ғ. деҳоти атрофи Бухоро ва шаҳрҳои Бойканду Фороб, масҷиду бозорҳои он, дар бораи тохтутозҳои зиёди вобастаи Бухоро, то ба охирин малики оли Сомон (Абулҳорис Мансур бинни Нӯҳ) дар китоби «Таърихи Бухоро» -и Наршахӣ маълумоти мушаххас оварда шудааст [211,17-20].

Инчунин, дар бораи бошишгоҳҳо, роҳҳо, дарвозаҳо ва озодагии шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, умуман, шаҳрҳои Мовароуннаҳр, дар асрҳои V-XIII, олими ӯзбек А.Анорбоев дар монографияи хеш зикр намудааст [36,55-59].

Дар бораи шароити иқтисодию иҷтимоии мардум ва андозбандии арабҳо, халифат, дин, адабиёт ва ғ. шарқшиноси швейсариягӣ А. Мес [199] маълумоти муътамад додааст.

Асрҳои IX-X аз даврaҳои рушду нумӯи фарҳанги миллӣ буд. Ин замони таҳаввули илму фарҳанги тоҷикони Мовароуннаҳру Хуросон буд. Истиқлоли давлатӣ ва аз хилофати араб озод шудан, робитаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои ҳамсарҳад ба рушду инкишофи халқи тоҷик боис гардиданд. Дар Мовароуннаҳру Хуросон, то соли 945 халифаҳои араб ҳокимияти воқеиро ба ҳокимони дунявӣ, султонҳо вогузор карда, танҳо мансабҳои олии диниро гузоштанд. Мансабҳои олии динӣ (халифа, имом, қозӣ, муфтӣ, шайх-ул-ислом, хатиб, садр) дар даврони хилофати араб ва ҳокимиятҳои исломӣ дар Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои дигар, асосан аз мансабҳое буданд, ки бо масоили динии ислом, таълимоти шариат, фиқҳ ва раҳбарии динӣ алоқаманд буданд.

Ҳамчунин метавон гуфт, ки яке аз натиҷаҳои асосии ин тақсимоти қудрат дар он буд, ки мақомоти сарони динӣ – фақеҳон (аҳли фиқҳ) ва уламо (теологҳои исломӣ) аз иштироки бевосита дар корҳои давлатӣ

қариб дар канор монданд. Дар баробари ин, онҳо ҳамчун идеологҳои асосии ҷомеаи исломӣ боқӣ монда, асосҳои ҷаҳонбинии исломиро риоя ва иҷро мекарданд. Рушди ҳокимияти иҷроия аз ҳокимони дунявӣ тақозо мекард, ки ёварон ва мушовирони нав ҷустуҷӯ кунанд ва агар котибҳо аз ҷумлаи «мансабдорон» шаванд, файласуфон ё олимон асосан ба ҳайси мушовири онҳо буданд. Аз ин рӯ, файласуфон дар фаъолияту таълифоти худ кӯшиш мекарданд тарзу усулҳоеро истифода баранд, ки ба арзишҳо ва меъёрҳои дар байни ҳокимон ва ҷомеа қабулшуда ошкоро мухолифат накунанд. Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои асосии фалсафаи асримиёнагӣ масъалаи робита ва мувофиқгардонии андешаҳои фалсафӣ ва динӣ буд.

Баъд аз суст шудани пояҳои хилофати Аббосиён дар асрҳои X-XII салтанати амирону султонони Эрони шимолӣ (Осиёи Миёна ва шимоли Афғонистон) қувват гирифт. Дар ин давлатҳои феодалӣ шаҳрҳо ободу зебо гардида, иқтисодиёт ва ҳунарҳои мардумӣ ривоҷ ёфтанд. Анъанаҳои миллии тамаддуни тоҷику форс (Мовароуннаҳру Хуросон), ки баъди мустамликаи араб хеле суст шуда буд, аз нав эҳё шуд. Бархе аз ҳокимони давр барои рушди иқтисодиёт ва умури ҳарбӣ, инчунин барои шӯҳрати худ олимон, файласуфон ва шоиронро ба дарбор ҷамъ меоварданд. Яке аз ҳамин гуна давлатҳо давлати Сомониён буд, ки пойтахташ шаҳри Бухоро маҳсуб меёфт. Чуноне муаррихи тоҷик Н. Неъматов мегӯяд: «Дар ҳаёти маънавии замони Сомониён, дар интишори донишҳои илмӣ, инкишофи адабиёт ва санъат маҳфили илмии «Ихвон-ус-сафо», ки дар асри X вуҷуд дошт, шабакаи китобхонаҳои Бухоро (бо номи «Савон-ул-ҳикмат»), Марв ва дигар шаҳрҳо, инчунин бозорҳои китоби Бухоро ва ғайра нақши калон бозидаанд» [196,6]. Бавижа, маҳфилҳои илмии «Ихвон-ус-сафо» барои табодули афкор ва рушди қобилиятҳои зеҳнии мубоҳисони илмӣ заминаи хубе гардид.

Ҳарчанд аз оғози асри XI давлатдорӣ ба дасти сулолаи туркнажодон гузашт, вале дар ин давлати машҳур забони форсӣ-дарӣ – забони

тоҷикону порсиёни қадим бо таълифоти файласуфону (Ибни Сино, Абусаҳл Масеҳӣ, Ибни Ҳаммор, Абумансур Қамарӣ, Абӯубайд Абдулвоҳид Ҷузҷонӣ, Баҳманёр, Ибни Мискавайҳ, Умари Хайём ва диг.) шоирони давр (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва дигарон) нуфуз дошт ва дар таърих «давраи Эҳё» ном гирифт. Албатта, таъсири забони арабӣ ҳамчун забони дин, илм ва фалсафа, ҳанӯз ҳам қисман ҷорӣ буд.

Мақоми забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) боло рафта, забони арабиро танг намуд. «Омилҳои рушду такомули якқарнаи давлати пуриқтидор ва мустақили Сомониёнро нахуст, роҳу равиши одилона ва фазои бози ҳокимияти онҳо (Оли Сомон-А.К.), сипас, шинохтан ва шиносонидани ҷомеа бо фарҳанги кӯҳнаи эронӣ, баъдан, таваҷҷуҳи хоса ба забони форсии дарӣ буд» [263,102-104]. Минбаъд дар услуби идорӣ, бахши назму наср ва то андозае илм забони модарӣ (тоҷикӣ) истифода мешуд. Сомониён ба дарбор аҳли илму адаб ва дигар мутафаккиронро ҷамъ оварданд.

Шароити хубу мусоиди кори эҷодӣ дар Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв, Нишопур, Ҳирот, Хуҷанд водор намуд, ки аҳли илму адаб аз гӯшаву канори Шарқи ислом ба Мовароуннаҳру Хуросон рӯй оваранд.

«Дар бозори Бухоро беҳтарин ва нодиртарин китобҳои илмии он замонро дарёфтан мумкин буд. Масалан, Абӯалӣ ибни Сино дар омӯзиши «Метафизика» -и Арасту душворӣ кашида, аз бозори китоби Бухоро китоби файласуфи машҳур Абӯнасри Форобиро ба даст овард ва тавассути он мушкилоти китоби файласуфи юнониро ҳал кард. Дар айни замон ин бозор мулоқотгоҳи аҳли илму адаб буд [196,153-154].

Дар Бухоро ба унвони «Савон-ул-ҳикмат» китобхонаи муҳташаме сохта шуд, ки дар он китобҳои нодир, доир ба илмҳои гуногун, мавҷуд буд. Дар оғози асри IX, дар шаҳри Марв, махзани таълифоти паҳлавӣ маҳфуз буд, ки дар миёнаи асри VII ҳамроҳи худ Яздигурд – шоҳи

охирини сулолаи Сосониён оварда буд. Мадрасаҳо асосан, дар дасти ҷамоаҳои мӯътазилиён ва қарматиён буданд, аз он ҷумла 17 мадрасаи шаҳри Самарқанд. Инчунин, хонақоҳҳои қарматиён дар Нишопур, Маворуд, Гузгон, Хуталон, Фарғона ва Самарқанд фаъолият мекарданд.

Барои ташвиқу тарғиби дини ислом умуман, дар Моваруннаҳру Хуросон масоҷиди зиёде сохта шуданд, ки ба ҷуз аз намозхонӣ аз марказҳои ҳаёти иҷтимоӣ, масалан, ҷойи ҷамъомад ва баҳси фақеҳон гардида буданд ва байни он ҳама масоҷиди ҷомеаи Балх Ҳирот мақоми хоса дошт..

Дар асри X бар замми масҷидҳо, барои фаро гирифтани таълиму тадрис мадрасаҳо мавҷуд буданд ва ҷиҳати бархе аз уламо утоқҳои тадрисии махсус созмон медоданд. Масалан, барои Абулқосими Каъбӣ (с.в.931), ки аз Балх буда, аз уламои мактаби мӯътазилияи шаҳри Бағдод маҳсуб меёфт, дар Насаф дарсхона омода карда буданд. Инчунин, гурӯҳҳои таълими доимӣ дар Марв, Нишопур (мадрасаи «Низомия») [79,80], Бухоро (мадрасаи «Фарҷак», ки соли 937 бар асари сӯхтор аз байн рафт) мавҷуд буданд.

Муҳаммад Алии Ризоӣ ёдовар мешавад, ки дар Бухоро имом ва олим Абӯҳафс (с.в.832) мактаби илмие ташкил дод, ки барои интишори донишҳои илмӣ ва динӣ нақши калон бозид. Аз арбобони дин олимони соҳаи дин, муфассирон, фақеҳон ба миён омаданд [185,154-156].

«Растаҳои саҳҳофӣ ва китобфурӯшии бозорҳои шаҳрҳои Хуросон намоишгоҳи китобҳои нодири илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва ҷои вохӯрии дӯстдорони илму дониш ҳисоб меёфтанд.

Аҳмад бини Муҳаммад Наср (муаррих-А.К.) гӯяд, ки ба рӯзгори мо ин зиёи «Кӯшки Муғон» чунонест, ки ба ройгон медиҳанд ва касе намехоҳад. Ва он чӣ бихаранд бимонад ройгон, ба сабаби зулм ва бешафқатӣ ба раият» [190,29].

Ҳар табаддулоте, ки дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум рух медиҳад, пеш аз ҳама, ба аҳли илму адаб ва таълифоти онҳо таъсири муайяни хешро мегузорад.

«Бар асари ҷангу ҷидол, – мегӯяд А. Алимардонов, – ва дигаргуниҳои дар солҳои охири асри X ва оғози асри XI бавуқӯъ пайваста давлати мутамарказу муқтадири Сомониён пароканда гардида, ғуломони турку қабилаҳои зардпӯст ба сари қудрат меоянд ва сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон ба зери тасарруфи онҳо медарояд» [25,184].

Салтанати ғазнавиён таҳти сарварии султон Маҳмуд Хуросонро низ фаро гирифта буд. Доир ба пайрави мазҳаби суннӣ будани Султон Маҳмуд ва аз ҷониби ӯ таъқиб шудани намояндагони мазҳабҳои дигар, махсусан қарматиён, инчунин маҳви осори илмию адабии қарматиён ва сӯхта шудани китобхонаи бузурги шаҳри Рай муҳаққиқ Забеҳуллоҳи Сафо таъкид намудааст [271,531-603].

Султон Маҳмуд, дар баробари зулму истибдоди халқ, бо писаронаш (Мавдуд ва Масъуд) барои рушди фарҳанги баъзе шаҳрҳо мусоидат намуда, доираи адабии бонуфузе дар пойтахт – Бухоро ва бархе аз шаҳрҳои калони тобеи давлат (Самарқанд, Хоразм, Нишопур, Мовароуннаҳр) созмон дод. Доираи илмии дар Хоразм бунёд гаштаро султон Маҳмуд пароканда менамояд, аз ин хотир, бархе аз олимон (ба мисли Абӯрайҳони Берунӣ), бар дарбори ӯ роҳ мегиранд. Чуноне академик Б. Ғафуров мегӯяд: «Замони ҳокимиятдории султон Маҳмуд ба такомули илм мусоидат накардааст. Барои инкишофи илм ва ҷараёни илмӣ имконият мавҷуд набуд. Он муваффақиятҳои илмие, ки олимон ба даст овардаанд, боқимондаҳои дониши илмии замони қадим буданд» [84,51].

Аз рӯи таҳқиқоти Б. Ғафуров забони адабии тоҷику форс дар Мовароуннаҳру Хуросону Сиистон, бахусус, дар шаҳрҳои Самарқанду Бухоро ва Балху Ҳирот таҳаввул кардааст, зеро маҳз дар ҳамин

минтақаҳо барҷастаттарин олимону адибон зуҳур кардаанд. Аз 84 шоири замони Салҷуқиҳо 68 нафарашон аз Хуросон ва Мовароуннаҳр ва фақат 16 нафари онҳо дар вилоятҳои Ғарбии Эрон ба дунё омадаанд. Дар ҳамин ҷойҳо аввалин давлатдориҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён ба вуҷуд омадаанд. Аз ин ҷиҳат аввалин кӯшишҳои сабти хаттии ин забон бо ҳуруфоти арабӣ дар ҳамин сарзамин ба вуқӯъ пайвастааст.

Фалсафаи Юнони Қадим, бавижа мактаби машшоияи Арасту барои рушду такомули фалсафаи ратсионалии асримиёнагии тоҷик заминаи хубе фароҳам овард. Асрҳои X-XII дар риштаи шинохти фалсафаи машшоия ва тарвиҷу равнақи он табаддулоти маънавие пешорӯ сохт. «Дар асрҳои миёна рушди маънавии инсоният ба сатҳи муайян расида, парастиши табиат ҳамчун қувваи азиму муттаҳидсоз бо мафҳуми «Худо» ҳамчун моҳияти маънавии олам, дар ҷаҳонбинии одамон тадриҷан ҷойгузин шуд. Дар ин шароит принсипи мутаносибӣ (гармония), пеш аз ҳама, дониши априорӣ (тотаҷрибавӣ), дониши тайёрро дар бораи чунин сохтори ҳастӣ тақозо мекунад. Инсони асримиёнагӣ ба эътирофи он расид, ки ҳамҷӯрии олам суботу устувории сохтори кулли ҳастӣ, аз ҷумла тартиботи иҷтимоиро кафолат медиҳад ва ба дарки ақлонию интиқодӣ тобеъ нест» [204,50].

Боло рафтани мақоми дини ислом ва афкори монотеистӣ ба пайдоиши ҷараёнҳои гуногуни динию фалсафӣ, аз ҷумла, калом, тасаввуф, машшоия, исмоилия заминаҳо гузошт ва ҳатто, дар адабиёти бадеӣ низ адибон бештар ба шеърҳои орифонаю тасаввуфӣ рӯй меоварданд. Бо вуҷуди ин, роҳи тарвиҷу равнақи илм, фалсафа ва озодандеширо таассуби динӣ баста натавонист ва файласуфон-илоҳиётшиносони тоҷик, барои музайян сохтани қолаби идеалистии ислом, ки таблиғгари ҳаёти осоиштаву таҳаммулпазирона аст, тағйироти муайяне ворид намуданд.

Дар асрҳои X-XI назми тоҷикӣ ба мунтаҳои камол расида, аз зумраи шоирони маъруф месазад номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абутоҳири Хусравонӣ, Шокири Бухороӣ, Абушакури Балхӣ, Истиғнои Нишопурӣ, Шаҳиди Балхӣ, Ҳаббозии Нишопурӣ, Маъруфии Балхӣ, Турки Киштӣ, Абумуайяди Балхӣ, Равнақии Бухороӣ, Абумансури Дақиқӣ, Кисоии Марвазиро зикр намуд, ки дар адабиёти тоҷик махзани маънавиро ҳамчун мероси гаронбаҳо гузоштаанд.

Ба хусусиятҳои рушди дин ва фалсафа на танҳо омилҳои мусбат, балки саҳифаҳои фоҷиабори таърихи сиёсии ниёгонамон низ таъсир расонидаанд, яъне мутаассифона, рушди бомуваффақияти давлати Сомониён бо ҳуҷуми туркҳо қатъ карда шуд. Баъди аз ҷониби Маҳмуди Ғазнавӣ забт шудани кишвар, ин марҳилаи зафармандӣ, бо шикасти сохтори ҳаёти пур аз равнақ анҷом меёбад. Шахсан ба олимони соҳаи фалсафа ва фалсафаи табиӣ муносибати бад доштани султон Маҳмуд ва аз ҷониби ӯ таъқиб шудану ба ҳаёти бисёрии онҳо зарар расониданашро адабиётшиноси тоҷик А. Абдуллоев низ, аз рӯи мақолаи «Ёдномаи Фирдавсӣ» -и доктор Муҳаммад Алии Ризоӣ, барои собит намудани андешаҳояш истифода кардааст» [6,19].

Пас аз он саҳифаҳои фоҷиабори таърих ҷой доранд, вақте ки мардум бештар, ҷони худро барои ҳифзи имонашон қурбон мекарданд. Халқ фарҳанги шаҳрии худро аз даст дод, аммо аз тарафи дигар, дарбориён бо мардум муттаҳид шуда, дар деҳаҳо реша паҳн карданд ва ҷомеа бештар монолитӣ шуд. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки дар деҳот уламою донишмандон буданд, ки якчанд забонро медонистанд ва рисолаҳои фалсафӣ ва тасаввуфиро бо истинод аз асарҳои мутафаккирони бузурги исломӣ ва афкори файласуфони Юнони Қадим навиштаанд.

Ҷустуҷӯи фалсафаи давраи асримиёнагӣ, танҳо ба туфайли асарҳои илмию адабии ҳифзшуда, дубора эҳё мегардад. Дар ин давра, таълифоти зиёде дар мавзуъҳои мухталифи фалсафӣ ва тафаккури динӣ, аз қабили

рисолаҳои назариявии тасаввуф, калом, машшоия, исмоилия ва асарҳои шоирона, асарҳо оид ба фиқҳ, ҳадис, таҳқиқоти Қуръон, фалсафа, сиёсат ва иқтисодиёт офарида шуданд.

«Дар ҷамъияти феодалӣ, – мегӯяд академик М. Осимӣ, – идеологияи ҳукмрон дин буд. Ин сабабҳои таърихии худро дошт. Аз як тараф, рӯҳониён, ки як қисми синфи феодалҳоро ташкил мекарданд, дар дасти худ замини бисёре доштанд. «Ҳуқуқи муқаддаси» феодалҳоро ба замин ба ҳар восита ҳимоя кардан лозим буд. Дар ин кор барои феодалҳо аслиҳаи буррое шуда хизмат мекард. Аз тарафи дигар, рӯҳониён ягона табақаи соҳибмаълумоти ҷамъияти феодалӣ буданд. Онҳо аз ин мақоми ҷамъиятии худ истифода карда, мекӯшиданд, ки дар ҳамаи соҳаҳои кори ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи илму фалсафа ҳам, динро нуқтаи ибтидо қарор диҳанд» [211,28].

Намояндагони динҳои гуногун кӯшиш мекарданд, ки фалсафаро ба «хизматгори дин» мубаддал гардонанд, вале ин таассуби динӣ натавонист ба пешрафти илм ва озодандешӣ хотима гузорад. «Дар давраи феодалӣ афкори фалсафаи материалистӣ, дар мубориза бар зидди идеализм, босубот набуд ва буда ҳам наметавонист; вай ба теология хеле гузашт карда, таълимоти худро бо ақидаҳои динӣ пардапӯш менамуд» [62,30].

Намояндагони фалсафа (Ибни Сино) аз рӯи қобилиятҳои зеҳнӣ ҷомеаро ба ду тақсим карданд: хосса ва омма. Хосса - онҳое, ки қобилияти дарк кардани олами абстрактиро доранд, онҳо ба моҳияти аслии будан ё худ рисолати инсон сарфаҳм мераванд. Омма, бинобар паст будани қобилияти зеҳниашон, бо ёрии тасвирҳои шоирона, ки бештар моҳияти диниро бозгӯ мекунад, метавонанд ҳақиқатҳои фалсафиро танҳо дарк кунад.

Исломшинос, профессори донишгоҳи Мичиган А. Книш мегӯяд, ки «Ибни Сино худро шаҳрванди оддии ин ҷомеа намешумурд. Вай худро

аз «тӯдаи» ҷаҳолатпешагон болотар гузоштааст, зеро ба андешаи ӯ, ин *издиҳом* қудрати дарк кардани зарурати дониши фалсафиро надоранд. Ҳамчунин, баръакси баъзе таълимоти оятҳои Қуръон (дар мисоли манъи шароб), Ибни Сино, баъзан, ба худ як пиёла шаробро раво медид, то қобилияти тафаккури ӯро ба мизон орад. Ҳадафи асосии навишта шудани ин оятҳоро дар надонистани меъёри истифодаи он (шароб) медонист» [353,16].

Чунин таснифоти ҷомеа хоси аҳли тасаввуф ҳам буд. Ба андешаи онҳо аксари одамон «аъмо» ба дунё омадаанд ва ҳеҷ чиз наметавонад ба онҳо қобилияти дидан ё расидан ба ҳақиқатро диҳад. Ба ақидаи Абӯнасри Форобӣ дини дуруст он аст, ки ба донишҳои ҳақиқӣ ва комили фалсафӣ такя кунад. Ҳамчун санъати сиёсӣ дини ростину хайрхоҳ, мувофиқи ақидаи Абӯнасри Форобӣ, бояд ба фалсафа пайравӣ кунад. Чунин қаробат ба илмҳои фалсафӣ дар оянда имконият медиҳад, ки аз эътиқоди кӯр-кӯрона ба эътиқоди илмӣ гузариши мӯътадил анҷом ёбад.

«Намояндагони машшоияи шарқӣ, аз рӯи дараҷаи усулҳои мӯътамади маърифат, як системаи муайяни дараҷаи донишро таҳия карданд. Мувофиқи ақидаи онҳо, илм ё фалсафаи ҳақиқӣ, бояд бар дониши собит асос ёбад. Теология (Калом) ба роҳу усулҳои мантиқӣ такя мекунад. Машшоиён мактаби бузурги фалсафиро созмон дода, бо табаддулоти маънавӣ нақши таърихии босазо гузоштанд» [402,5].

Дини анъанавӣ, барои тасдиқи нуктаҳои худ, усулҳои далели ғайримантиқӣ ва суханони пур аз эҳсосот ё образу тасвирҳои шоирона (дар мисоли тасвири биҳишту дузах)-ро истифода мебурд. Дини ислом, ки барои устувории сохтори иҷтимоӣ дар ҷамъият мақом дошт, ба таълимоту донишҳои фалсафӣ итоат нанамуд, балки мисоли Аврупои асримиёнагӣ хост то фалсафа рисолати «хизматгори дин» -ро бар дӯш гирад. Файласуфони ислом баръакси нуқтаи назари мазкурро дифоъ карданд ва эълом доштанд, ки дин барои хидмат ба ҳақиқати фалсафӣ

даъват шудааст. Агар мулоҳизаҳои фалсафии Абӯбакри Розӣ ва Абӯнасри Форобӣ истиқлолияти нисбии онҳоро нисбат ба ақидаи исломӣ нишон диҳанд, пас Ибни Сино ба даст овардани ҳамоҳангиро дар байни қонунҳои ислом ва фалсафаи ратсионалӣ вазифаи худ ҳисобид. Шояд барои ҳамин ҳам, истидлоли ӯ аз ногузир будани паёмбарӣ ва қонунҳои илоҳӣ дар роҳи дурусти вазифаҳои ҷамъиятӣ нисбат ба ақоиди олимони қаблӣ қаноатмандона буд.

Ислом дар ин давра пурра ғалаба кард ва идеологияи ҳукмрони замон гардид. Аз чаҳор мазҳаби исломии рошидӣ (ҳанафӣ, шафеӣ, моликия ва ҳанбалӣ) дар Осиёи Миёнаи замони Сомониён ба таври расмӣ мазҳаби ҳанафӣ қабул гардида буд, вале мӯътақидони мазҳаби шафеиро ҳам таъқиб намекарданд. Ба ғайр аз ин, ҷараёну равияҳои рофизӣ дар ислом – тасаввуф, мӯътазилия, қаромия ва ғайра вуҷуд доштанд.

Дар Мовароуннаҳр, ки ҷойгоҳҳои қавитаринро мазҳаби ҳанафия ишғол мекард, ҷараёни мотуридии калом паҳн гардид ва он ба ифтихори илоҳиётшиноси ҳанафия, Имом Абу Мансур ал-Мотуридӣ (аз Самарқанд, с.в. 944) чунин унвон гирифта буд. Тибқи як ривоят, ӯ аз насли Абӯ Аюб ал-Ансорӣ, аз саҳобаҳои маъруфи Паёмбар буд. Нахуст таълимоти исломии шогирдони ал-Мотуридӣ дар баробари назария ва амалияи фиқҳи ҳанафия ном дошт.

Баъд аз нисбат ба нуқтаи назари ҳанафиёни Мовароуннаҳр ва инчунин шафеиёни маҳаллӣ шиддат ёфтани мухолифати намояндагони ашъарияи нишопурӣ, гурӯҳҳои пайравони мактаби Мотуридӣ аз доштани равияи дар *калом* доштаашон, бо унвони ал-мотуридия, дарак доданд, ки асоси онро таълимоти Имом Абӯҳанифа ташкил медиҳад. «Аз фаҳрасти осори Мотуридӣ ошкор аст, ки шуғли шоғили вай радду нақзи орои қарматия, шиа ва бавижа, муътазила будааст [324,370]. Аз тарафи дигар, онҳо аз ҳанафиёне, ки ҷаҳонбинии еретикӣ доранд, аз

ҷумла мӯътазилия (масалан, ҳуқуқшиноси маъруфи ҳанафӣ, филолог Ҷаруллоҳ аз Замахшари (1075-1144) аз Хоразм, муаллифи тафсири маъруфи Қуръон «ал-Кашшаф»), даст кашиданд.

Дар миёнаи асри XI, бо таъсири тадриҷан афзояндаи туркони салҷуқӣ, ки исломро аз форсҳо қабул карда буданд, теологияи мотуридии Мовароуннаҳр дар вилоятҳои марказии ҷаҳони ислом машҳур мешавад.

Дар асрҳои IX-X маркази тарҷумонӣ дар шаҳри Бағдод таъсис дода шуда, тарҷумаи таълифоти Арасту босуръат оғоз ёфт. Фаъолияти ин маркази тарҷумонӣ ба ташаккули ду шохаи машшоия –шарқӣ (IX-X) ва ғарбӣ (X-XII) мусоидат намуд [89,183-184].

Фазои фикрии асрҳои миёнаи тоҷику форс таҳти таъсири чаҳор равияи умдаи фалсафию илмӣ қарор дошт, ки ҳар кадом дар шаклгирии тафаккури илмӣ ва адабӣ саҳмгузор буданд. Аввалин равия, фалсафаи машшоия, буд, ки дар асри X ва нимаи аввали асри XI нуфузи густурда дошт. Ин мактаб зери таъсири таълимоти Арасту ташаккул ёфта, ба ҷаҳонбинии файласуфони мусалмон, ба вижа ал-Киндӣ, Форобӣ ва Ибни Сино асос гузошт. Машшоия бо тавсеаи фалсафаи ратсионалӣ шинохта мешавад, ки ин равиш дар андешаи баъзе шоирон, аз қабили Умари Хайём ва Анварӣ низ инъикос ёфтааст. «Машшоиёни шарқӣ бо таснифоти илмии худ масъалаҳои гуногунивоқеияти замони худро таҳлилу баррасӣ кардаанд, ки ҳамчун донишҳои илмӣ шинохта мешаванд» [197,293].

Дувумин равия, исмоилия, дорои низоми таълимии махсус буда, дар осори донишмандоне, монанди Носири Хусрав таҷассум ёфтааст. Саввум, фалсафаи исломии каломӣ, ки тавассути мутакаллимоне чун Муҳаммад Ғаззолӣ ва Фахруддини Розӣ рушд ёфта, ба ислоҳ ва фалсафигардонии таълимоти суннатии ислом мусоидат намудааст. Ин равия ба шаклгирии адабиёти расмӣ ва дарборӣ таъсири амиқ

расонидааст. Ниҳоят, тасаввуф ва ирфон ҳамчун равияи маънавӣ ва ахлоқӣ дар андеша ва эҷодиёти шоирони ирфонӣ, аз ҷумла Ансорӣ, Саноӣ ва Аттор ба таври фаровон таҷассум ёфтааст. [328,74].

То асри X орифони ислом дарк карданд, ки на таҷрибаи «даст кашидан аз ҷаҳон» (зӯҳд) ва на фано (муҷозаба ё худқурбонкунӣ (дар Худо) рисолати асосӣ («қаробат» бо Худо ё дарки Худо)-ро адо карда наметавонанд.

Дар ҷараёни таҳаввули минбаъдаи тасаввуф, равандҳои фикрӣ ва иҷтимоӣ ба ташаккул ва тавсеаи шакли мукаммалтари он – тасаввуфи фалсафӣ замина фароҳам оварданд. Ин равиш, бо ҳадафи рафъи ихтилофоти назариявӣ ва таҳкими пояҳои маърифати ботинӣ, ба коркарди амиқтар ва муҳокимаронидашудаи марҳилаи ибтидоии таълимоти тасаввуф мусоидат намуд.

Тасаввуф дар раванди инкишофи шуури маънавии ҷомеа, ба масъалаҳои умдаи ҳастишиносӣ рӯ оварда, ҷанбаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ ва маърифатиро ба сатҳи баланди фалсафӣ расонд.

Чуноне файласуфи тоҷик, академик К. Олимов иброз медорад: «Осори бисёре аз намояндагони мактаби тасаввуфии Хуросон мазмуни ваҳдати вуҷудӣ дошта бошад ҳам, як теъдод намояндагони бузурги он, аз қабили Аби Исҳоқи Бухороии Калободӣ, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Ҳаким Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон равияи эътидолиро низ ҳифз намуда, барои пайванд додани тасаввуф бо шариати исломӣ кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд» [209,125-126].

Дар асрҳои XI-XII, дар давраи заифшавии хилофати Аббосиён ва ташаккули давлатҳои гуногун дар олами ислом - Фотимиён, Салҷуқиён, Умавиён (дар Испания) ва ғайра мактабҳои тасаввуф инкишоф ёфтанд. Бархе аз маъруфтарин классикони тасаввуфи ин замон Абӯабдураҳмони

Суламӣ, Аҳмад Ғазолӣ, Абунуайми Исфаҳонӣ, Абӯсаиди Абулхайр, Абулқосим, Абдулкарим ал-Қушайрӣ буданд.

Дар миёнаҳои асри XI, сарфи назар аз муқовимати шадид ва бархӯрди сахти исломи расмӣ, ғояҳои тасаввуф дар тамоми қаламрави ҷаҳони исломӣ бо суръати рӯзафзун паҳн мегардиданд. Маҳз дар ҳамин марҳилаи таърихӣ, тасаввуф аз як равияи фикрии хоссаи элитаи зиёӣ ба як ҳаракати мазҳабию маънавии фарогири омма табдил ёфт, ки ин тағйирот дар таърихи рушди фикрии динӣ аҳаммияти хоса доштааст. Оид ба ин масъала, шарқшинос, исломшиноси россиягӣ А. Аликберов ду тамоюли инкишофи тасаввуф – гардиш ба сӯи исломи муқаррарӣ ва оғози инкишофи он ҳамчун «дини халқӣ» -ро дар асри мазкур таъкид менамояд [24,11].

Сӯфиён дар кори олам тарки дунёро тарғиб намуда, ҳамчун таслимшудаи тақдири худ роҳи мубориза намеҷустанд, аз ин хотир, мақбули ҳукуматдорон буданд.

Марҳилаи дуюми таърихи тасаввуфро ҳуҷуми муғул ба Эрону Хуросон дар бар мегирад, ки оқибатҳои вазнин – харобиҳои шаҳрҳою деҳоти обод, паст шудани вазъияти иҷтимоию фарҳангӣ, меорад. Таъсири фоҷиабори он бештар ба Мовароуннаҳру Хуросон, аз ҷумла, ба Бохтар, Суғд, Хоразм, ки муаррифгари тамаддуни мардуми эронинажод буданд, расид. Мардуми зиёде қатл карда шуданд, фирориён ба Шому Ироқу Ҳинд кӯч бастанд. Бахусус, аҳли илму адаб, барои ҳифзи саломатӣ, тарки ватан намуданд. Дар натиҷа, ин минтақаро вазъияти маъюсиву навмедии саросарӣ фаро гирифт. «Дар давраи ҳукмронии ғазнавиён, аз ҷумла дар вақти ҳукмронии Масъуд, мардум норозӣ мешуд ва ошӯбҳо дар Хуросон бештар ба амал меомаданд ва ин аҳвол ба салҷуқиён имкони ба ҳокимият соҳиб шуданро фароҳам меовард» [206,74]. Ин нукта (яъне дар замони Масъуд ва Мавдуд (1042-1048 заиф

гардидани равнақи адабӣ–К.А.)-ро адабиётшинос А.Абудуллоев аз рӯи далелҳои мӯътамад тасдиқ кардааст [6,16-17].

Бо вуҷуди ҳамлаҳои харобиовари худ муғулон барои пурра аз байн бурдани ақоиди иҷтимоию фалсафӣ ба мақсад нарасиданд. «Муътакидони дини расмӣ зидди сӯфиҳо баромад намуда, тарафдорони онҳо аз ҷониби давлат таъқиб карда мешуданд. Дар охирҳои асри XI Муҳаммад Ғазолӣ барои созиш овардан дар байни тасаввуф ва дини расмӣ ва мутобиқ гардонидани баъзе ҷиҳатҳои номақбули ин ҷараён ба талаботи ҳокимони давр, кӯшишҳои зиёд кард ва ба ӯ муяссар шуд, ки тасаввуф расман эътироф карда шуда, нисбат ба он муносибати таҳаммулпазир муқаррар гардад [97,423].

Аз асрҳои XII-XIII сар карда, тасаввуф ташаккул ёфт ва мазҳабҳои (тариқат) гуногуни тасаввуф ба ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаи исломӣ таъсири калон расонидаанд. Дар ҳамин марҳила ҷараёни қаробати ақоиди сӯфиёна бо исломи ортодоксӣ шурӯъ шуд. Бинобар сермаъноии таълимоти фирқаҳои тасаввуф, аз назари суннатӣ, бо исломи ортодоксалӣ ихтилофи назар мекарданд.

Дар асрҳои XII-XIII бинобар тезутунд шудани ҷангҳои дохилии байни салибчиён ва муғулҳо вазъияти сиёсӣ муташанниҷ шуда буд. Дар ин марҳилаи душвор дар байни мардум таваҷҷуҳ ба арзишҳои маънавӣ, тараннуми ахлоқи ҳамида ва садоқат ба Худо бештар гардида буд. Мардум сабаби таназзули умумиро аз пояҳои маънавии дин дур шудан меҳисобиданд ва ба ин васила, мақоми фирқаҳо ва воизони тасаввуф хеле баланд гардид.

Осиёи Хурд, ки дар он ҷо паҳншавии ислом пас аз пешравии туркҳо ба Ғарб рафт, аз асри XIII ва то замоне, ки давлати Усмонӣ ба як қудрати ҷаҳонӣ табдил ёфт ва ба назорати ҳаёти динӣ дар қаламравҳои зери тасарруфи худ шурӯъ кард, он як майдони ҳамкорӣ ва омехташавии динҳои гуногун шуд.

Бояд гуфт, ки дар охири асри XIII то оғози асри XVI сулолаҳои ҳукмрони Шарқи Наздик ба сӯфиён ёрии хеле саховатмандона расонданд. Онҳоро Айюбиён ва Мамлюкҳо, сулолаҳои Салҷуқӣ ва инчунин ҳокимони муғул сарпарастӣ мекарданд, ки бо ин васила умед доштанд, ҳокимияти худро дар байни тобеони мусулмони худ мустаҳкам кунанд. Масалан, султонҳои Салҷуқӣ ба шайхҳо қитъаҳои замини махсус ҷудо карда, барои бунёди дайр (зовия)-ҳо мадад мекарданд. Сипас, ин зовияҳо ба маркази ҳаёти фарҳангии ҷамъият мубаддал мешуданд. Бо гузашти садсолаҳо марказҳои тасаввуфӣ дар ҳамон шакле, ки доштанд, равнақ ёфта, дар қарнҳои минбаъда низ амал мекарданд. Сӯфиён дар замони империяи Усмонӣ тавонистанд дар ташвиқи ислом, дар ҳудуди Анатолий ва Балкан саҳми муайяне гузоранд. Илова бар ин, ҳокимон ба муршидон эътиқод доштанд ва орзу мекарданд, ки дар талошҳои хавфноки сиёсӣ ва ҳарбӣ аз онҳо дуо бигиранд, то ҳамеша зафар ёбанд. Дар мубориза барои таъсир ба зеҳну қалби ҳокимон ва олимони касбӣ – уламо, ки схоластикаи хушк ва тангназарӣ ба ғояҳои шариат доштанд, муваффақият ба даст оварданд. Дар ин маврид, шайхони тариқат нахуст муғулҳо ва сипас дигар ҳокимонро фишор оварда, ба ҷойи уламо – намояндагони бонуфузи дин, ҳамчун шафоатгари дини ислом муаррифӣ шуданд. Дар ин марҳила, тасаввуф як намуди нави дин барои халқ гардид. Таъсири таълимоти сӯфиён, ҳатто баъд аз мавти онҳо низ идома ёфт ва мардум бо умед, ба зиёрати қабри сӯфиён мерафтанд. Шаклҳои зоҳирии баёни динро акнун дарвешону зокирон – ҳалқаи иштирокчиёни зикр барои эрониҳо, туркҳо ва тотору муғулҳо зинда мегардониданд.

Оид ба мақому нақши тасаввуф дар дини ислом академик К. Олимов дуруст нуктагузорӣ менамояд: «Тасаввуфи Хуросон дар инкишофи озодфикрӣ нақши муҳим бозида, ба дини ислом масоили махсуси фалсафиро ворид намуда, бо воситаҳои возеҳи рағбатангез онро ғанӣ гардонид. Зимнан дар тасаввуфи Хуросон ҳам ғояҳои пантеистӣ

(Абулҳасани Харақонӣ) ва ҳам монотеистӣ, дар рӯҳияи ҳақоиқи мутаолии (трансседенталӣ) Худо, ки тасаввуф ва шариатро на баҳри ибодати дин, балки баҳри «озодии инсон» аз бадӣ ва таҳқир наздик месозад, рушд ёфтаанд» (209,95).

Маҳз дар ҳамин давра симоҳои намоёни тасаввуф ва ирфон чун Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ (1155-1191), Саъдии Шерозӣ (1203-1292), Шайх Муҳаммади Шабистарӣ (1284-1320), Камолиддин Масъуди Хуҷандӣ (1321-1401) ва бисёр дигарон ба майдон омадаанд. Дар асрҳои XIII-XVII дар назми форсӣ орифоне чун: Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Шайх Саноӣ, Шайх Фаридуддини Аттор, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Низомуддини Авлиё, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон шуҳрат ёфтанд.

Тақрибан, дар зарфи якуним ҳазор сол таълимоти дини ислом, ки бар Қуръон ва аҳодиси набавӣ асос ёфтааст, муаррифгари ҷаҳонбинии пайравони он дар давраҳои гуногун аст.

Тааҷҷубовар нест, ки маҳз файласуфон-илоҳиётшиносони тоҷик, ҳамчун як чеҳраи рӯҳонии зеҳнии исломӣ, батадриҷ, бо қудрати маърифати хеш, қолаби идеалии исломро тағйир додданд. Аз тарафи дигар, дар баробари зулму истибдоди ишғолгарони арабӣ-исломӣ, дар осори онҳо бечоранолию хушбоварӣ ва руҳи шикастаи тоҷикон ва садоқати дурӯғин ба як тафаккури биёбонгардон инъикос ёфтааст.

Шарқшиноси рус Е. Е. Бертелс дуруст мегӯяд: «дар таърихи маданияти Аврупо асрҳои IX—XIII, давраи таназзули амиқтаринро фаро мегирад ва кас ба чунин хулоса меояд, ки маҳз асарҳои файласуфони Шарқ халқҳои Аврупоро аз роҳи сарбаста бароварда, ба онҳо роҳи рушди минбаъдаро нишон доданд» [67,27].

Ҳамзамон, дар тӯли чанд аср, ки қавмҳои туркнажод роҳбарӣ кардаанд, дар дарбори шоҳ ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳатто ибодати мусулмонон (нияти намоз) ба забони тоҷикӣ сурат мегирифтааст, зеро асосан

олимону файласуфон ва фақеҳону шайхони тариқат тоҷикон будаанд ва бо мурури замон шогирдони онҳо (аз қабили туркнажодон) баъд шинохта шудаанд. Дар бораи мақоми забони тоҷикӣ-форсӣ ва таъсири осори классикон ба адабиёти ҷаҳон баҳрамандӣ ва таҳқиқотҳои зиёде таълиф шудаанд. Масалан, адабиётшиноси тотор Д. Загидуллина дар мақолаи худ, оид ба сайри таърихии забони форсӣ ва таъсири он ба адабиёти туркнажодон, муътакид гаштааст, ки аз оғози асри XII ба забони форсӣ рисолаҳои нодире арзи ҳастӣ намуданд ва дар он канорагирии анъанаҳои форсибаёнӣ (услуби офариниш, истифодаи тасвирҳои бадеӣ ва ғ.) аз забони арабӣ эҳсос мешавад» [347,50].

Бояд қайд кард, ки таърихи тафаккури фалсафию динӣ, дар сарзамини мо, ҳамеша дар талоши бозёфту навҷӯии мувофиқи давру замон буда, бо фаҳмиши арзишҳои исломӣ фарқ мекунад, зеро инсон ва дин танҳо дар шароити тағйир ёфтани замон вуҷуд дошта метавонанд.

Дар фарҷом зикр намудани он ба маврид аст, ки вижагиҳои умдаи мероси фикрӣ ва динӣ-фалсафии мутафаккирони тоҷикро рӯҳияи баланду устувор ва ахлоқи нек муаррифӣ менамояд, зеро онҳо тавонистанд бо иродаи қавӣ ва фаҳми амиқ сарнавишти пурпечутоби саршор аз таҳқир, ғазаб ва нафратро, ки таърих бар дӯши мардум бор намуда буд, паси сар намоянд.

Ҳамин тавр, таҳлили амиқи мазмун, шакл ва ташаккули таълимоти ҳастишиносӣ дар осори мутафаккирони машшоия ва тасаввуфи тоҷикон дар асрҳои X-XII муайян месозад, ки таҳаввулоти онтологӣ дар заминаи вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Хуросон ва Мовароуннаҳр ташаккул ёфтаанд. Ҳастишиносӣ танҳо масъалаи назариявӣ набуда, бо мушкилоти зиндагии воқеии инсон, аз роҳи таълимоти тасаввуфӣ, пайванди зич доштааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавии асрҳои X-XII нишон медиҳад, ки андешаҳои ҳастишиносӣ аз шароити воқеии

рӯзгор ва зарурати шинохти ҷойгоҳи инсон дар олам сарчашма мегиранд. Ин давра, ки онро «асри эҳёи фалсафӣ ва маънавии миллати тоҷик» метавон номид, ба рушди густурдаи мактабҳои фалсафӣ, аз ҷумла машшоия ва тасаввуф, сабаб гашт. Бо истифода аз манбаъҳои аслӣ ва таҳлили таърихию фалсафӣ, робитаи байни ҷаҳонбинии фалсафӣ ва ирфонӣ ва таъсири муҳити сиёсӣ-фарҳангии замон ба ташаккули мафҳуми ҳастӣ муаяйян гардид.

Ҳастӣ ҳамчун мафҳуми калидӣ, дар ин давра, дар фаҳмиши илоҳиёт, инсон ва ҷомеа нақши марказӣ дошта, фалсафаи мантиқӣ ва таҷрибаи сӯфия ҳар кадом аз зовияи хоси худ ба маънии вуҷуд нигаристаанд. Маърифати ҳастӣ дар ирфон ҳамчун таҷаллии нур ва ҳақиқат аст, дар ҳоле ки дар фалсафа, он маҳсули истидлол ва ақли инсонӣ мебошад. Ҳамин тавр, шароити даврон ва муносиботи иҷтимоии замон дар шаклгирии назарҳои онтологӣ таъсири ҷиддӣ гузоштаанд.

Ошкор гардид, ки бархӯрди арзишҳои динӣ, фалсафӣ ва фарҳангҳои маҳаллӣ бо таъсири андешаҳои юнонӣ, ҳиндуӣ ва исломӣ, дар шаклгирии назарҳои онтологӣ нақши муҳим доштаанд.

Дар ин зербоб робитаи зичи равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии асрҳои X–XII бо ташаккули мактабҳои фалсафии машшоия ва тасаввуфи тоҷикон таҳлил шудааст. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки мафҳуми «ҳастӣ» дар ин давра на танҳо як масъалаи назариявӣ, балки ҷавоб ба ниёзҳои маънавию иҷтимоии ҷомеаи форсу тоҷик будааст. Дар пасманзари таназзули хилофати Аббосиён ва эҳёи фарҳангии Сомониён, шароити озоди фикрӣ ба густариши фалсафаи мантиқӣ ва ирфони таҷрибавӣ мусоидат намуд.

Масъалаи «ҳастӣ» ҳамчун мафҳуми марказӣ дар маркази баҳсҳои илмию динӣ қарор дошт ва дар асарҳои файласуфони асримиёнагии тоҷик, ба монанди Ибни Сино ва Форобӣ инъикос мешавад. Муайян гардид, ки мактаби машшоияи шарқӣ тавассути мантиқу истидлол ва

тасаввуф тавассути маърифат ва таҷрибаи ботинӣ ба фаҳми ягонаи «ҳастӣ» ноил шудаанд. Шаклгирии мактабҳои фикрӣ дар муҳити иҷтимоие сурат гирифт, ки дар он забон, озодандешӣ ва дастрасӣ ба илм нақши калидӣ доштанд. Ҳамин тавр, таҳқиқ нишон медиҳад, ки фалсафа ва ирфон дар фазои мушаххаси таърихӣ бо мақсади шинохти ҳастӣ ва ҷойгоҳи инсон дар олам ташаккул ёфтаанд.

2.2. Масъалаи ҳастишиносӣ дар мактабҳои динию фалсафии асримиёнагии тоҷик (калом, мӯътазилия, исмоилия, ишроқ)

Дар ин зербоб методи контентанализ ва муқоисаи мафҳумӣ истифода шудааст. Консепсияҳои ақлию нақлӣ дар мактабҳои каломӣ бо фалсафаи машшоӣ ва ирфонӣ муқоиса шуданд.

Дар тӯли асрҳои X-XII фазои фикрии ҷомеаи тоҷикон на танҳо аз таълимоти фалсафии машшоия ва тасаввуф, балки аз рушди равияҳои динию фалсафие чун калом, мӯътазилия, исмоилия ва ишроқ низ таъсир пазируфт. Ҳар яке аз ин равияҳо дар талоши фаҳми ҳақиқати ҳастӣ, зоти Худо, пайдоиши олам ва ҷойгоҳи инсон дар ҳастӣ, усул ва методҳои хоси худро пешниҳод намуданд.

Дар раванди ташаккули фикри фалсафию динӣ, нахуст равияи калом дар асри VIII зуҳур кард, пас аз он фалсафаи машшоия дар асри IX шакл гирифт, дар пайи он таълимоти ботинии исмоилия (асрҳои IX-XI), баъдан фалсафаи ирфонии тасаввуф (асрҳои X-XII) ва ниҳоят, дар асри XII фалсафаи ишроқия ҳамчун ҷамъбасти мантиқ ва рӯшангароӣ ба майдон омад.

Мутафаккирони калом, ба хусус намояндагони мӯътазилия, масъалаи ҳастиро дар партави усули тавҳид ва адл, бо такя ба мантиқ ва далелҳои ақлӣ шарҳ доданд. Дар мактаби исмоилия, ки дорои сохтори рамзӣ ва таъвилии фаҳми дин ва ҳастӣ буд, ҳастӣ бештар бо ифодаҳои эзотерикӣ ва низоми маротибии маърифат фаҳмида мешуд. Фалсафаи

ишроқӣ бошад, дар пайванд бо рӯшангарии ботинӣ ва ҳадс, ҷаҳони ҳастиро ба маротиби нурӣ ва холии рӯҳонӣ табақабандӣ менамуд.

Маҳз дар ин замина, таҳлили масъалаи ҳастӣ дар ин мактабҳо барои шинохти бунёдии фикри фалсафии тоҷикон ва ҷараёнҳои гуногуни динӣ дар ҷаҳони ислом аҳамияти назаррас дорад. Дар ин зербоб муайян мегардад, ки ҳарчанд ин равияҳо ба мактабҳои фалсафаи академикӣ ва ирфонӣ муқобил ё ҳамрадиф набошанд ҳам, бо онҳо дар муколамаи доимӣ қарор дошта, дар ташаккули ақоиди исломӣ оид ба ҳастӣ нақши муассир бозидаанд.

«Ҳақиқат» -и гузаштаи таърихӣ, – мегӯяд файласуфи фаронсавӣ Ж.Э. Бараш, – дар он аст, ки нисбат ба тамоми ақидаҳои ҷаҳони муосир, ҳамаи ниятҳои идеологие, ки онро эҳё карданӣ мешаванд, моро доимо маҷбур мекунанд, ки дар ҳар як марҳилаи нав маънои онро аз нав дида бароем [58,19].

Фаҳмиши мантиқии ҳастӣ ва ҳаёт ҳамеша ба роҳи рост мебарад, хусусан, вақте ки мо далелҳои таърихиро меомӯзем ва дуруст баҳогузорӣ менамоем. «Давраи тиллоии рушди илм ва фарҳанг, ки бо рушди босуръат хос аст, муҳаққиқони асрҳои IX-XII-ро, ки ба истилоҳ давраи Эҳёи Мусулмонӣ меноманд, қайд мекунанд, ки дар он мутафаккирон дар таҳияи масъалаҳои типологияи илмҳо ва алоқамандии илмҳо бо фалсафа саҳми бузург гузоштаанд» [383,3].

Дар ин пешрафти илму техника ҳар кас саволе дода метавонад: Муроҷиат ба мактабҳои назариявии исломӣ, аз ҷумла, калом, машшоия, исмоилия, асҳоби ҳаюло, ихвон-ус-сафо, ишроқ ва тасаввуф мавзуи доғи рӯз аст? Албатта, талаби замон аст. Ин ба равандҳои даврии идеологияи кишварҳои исломӣ вобаста аст, ки аз мероси фарҳангии қадим таъсир мегиранд, зеро ба воситаи руҷӯъ ба ақида, муносибат ва рамзҳои суннатӣ оммаи халқро ба тафаккури ратсионалистии муосир ё баръакс, ба тафаккури догматикӣ талқин мекунанд.

Масоили равобити байни мардумони фарҳангҳои гуногун ва анъанаҳои динии тамаддун ва ҷаҳонбинии Ғарбу Шарқ ҳамеша тезу тунд буд. Дар ҷаҳони муосир ихтилофоти рӯзафзуни андешаҳои байни ҷомеаҳоро тавассути ба роҳ мондани принсипи эҳтироми ҳамдигар дар байни одамон, мусоидат ба муколама, ҳамдигарфаҳмӣ ва ташаккули ҷомеаи таҳаммулпазир бартараф кардан лозим аст. Бо анъанаи динӣ пайвастани мулоҳизаҳои фалсафии воқеоти имрӯза тамоюли пешбарандаи идеологияро муайян мекунад. Барои бознигарӣ ва тафаккури моҳият ва ҳадафи ҳастӣ ва фаҳмиши нави он бо дарназардошти талаботи воқеияти замони мо, барои ҳар як инсон, новобаста аз тафовути дину эътиқодаш, мероси фалсафӣ ва афкори динии гузашта мадад мерасонад. Барои бунёди ҷомеаи нав ва шахсияти нави насли муосир маҳз он бояд такягоҳи муҳим гардад.

Файласуфони тоҷик бо истифода аз осори Афлотун, Арасту ва осори динӣ ба ташаккули низоми нави фалсафӣ мусоидат намуданд, ки яке аз назарияҳои пешқадам ва таъсиргузори илмӣ-фалсафии асрҳои миёна ба шумор меравад. Ин мероси гаронбаҳо мутафаккирони наслҳои минбаъдаро водор месозад, то бо баррасии таносуби пояҳои маънавӣ ва модӣ, ҳамчунин таҳлили робитаи мутақобилаи ин ду унсур, хулосаҳои амиқу мантиқӣ пешниҳод намоянд, ки тавонанд ба рушди минбаъдаи фалсафа таъсири назаррас расонанд.

Унсурҳои асосии ин таҳаввулот ва рушд иборат аз пайдоиши мактаб ва равандҳои фалсафию равонӣ; ҳизбҳои динӣ ва сиёсӣ; динҳои ахлоқӣ ва дар ниҳояти кор, ташаккули як ҷомеаи динии исломӣ буд. Таърихи пайдоиши шиаи расмӣ ин муборизаи аҳли шиа ва сунниҳо барои ба ҳокимият расидан буд. Шарқшинос А. Е Бертелс қайд мекунад, ки ҳанӯз дар асри VII омилҳои норизогии шиаҳо принсипи мухолифатро бо сунниҳо оғоз намуданд, ки дар он Қуръон ҳамчун бозёфти охир буда, асрори ниҳонии онро паёмбар аз саҳобаҳои «ноарзанда» махфӣ нигоҳ

медошт. Паёмбар асрори онро танҳо ба аҳли оилаи хеш (нахуст ба Алӣ) ошкор намуд, ки он аз насл ба насл мерафт [66,68]. Ин асрори нуҳуфта ботини Қуръонро ифода мекард. Аз ин хотир, мақсади асосии экзкгезаи шиаҳо дарёфти маънии аслии оёти Қуръон ва ҳадиси паёмбар нисбат ба зоҳирсуханӣ буд.

Файласуфи рус Смирнов А.В. мегӯяд, ки дар ин давра панҷ ҷараён ва мактаби асосӣ: калом, перипатетизми арабзабон (машшоия), исмоилия, ишроқ, тасаввуф намояндагӣ мекарданд [251,160].

Квинтэссенсияи ҳама мубоҳисоти байни ортодоксалиҳо ва ҷараёнҳои мухолифи афкори исломӣ дар се масъала нуҳуфта буд: имони қавӣ ба Худои таъоло, нубувват ва рӯзи қазо. Ин се асоси имоноварии мардум зери таъсири фалсафаю илми юнонию римӣ қарор гирифта буд.

Дар муҳити маънавии араб зуҳури фалсафаи арабӣ бузургтарин дастоварди тамоми фалсафа дониста мешавад. Алоқамандӣ бо фалсафаи қадимро вожаи арабии «фалсафа», ки аз мероси хиради юнонӣ сарчашма мегирад, ошкоро нишон медиҳад.

Истилоҳи фалсафаи «арабию исломӣ» шартӣ аст. Зери ин истилоҳ фалсафаи халқҳои мухталифе, ки дар ҳайати хилофати араб буданд ва на танҳо ба забони арабӣ, балки ба форсӣ низ навиштаанд, фаҳмида мешавад. Ва агарчи ин фалсафа ҳеҷ ваҷҳ ҳамеша динӣ набуд, вале бо вуҷуди ин дар фарҳанги исломӣ рушд кардааст» [303,72].

Дар таърихи маданияти арабу исломӣ пайдо шудани афкори фалсафӣ, баҳсҳои тунди ғоявӣ ва шакку шубҳа дар масъалаҳои гуногун – дар атрофи Худо ва офариниши олам ва ғ., дар асри VIII, боиси ихтилофоти ҷиддӣ гардид.

Тавре ки муаррихи шарқшинос И.М. Филштинский таъкид мекунад, аллакай дар охири асри VII бисёре аз осори гностикҳои насронӣ ва низоми фалсафии вобаста ба мактаби навафлотунӣ ба забони форсии миёна тарҷума гардида буданд. Мусулмонони форсизабон, ки таҷрибаи

тарҷума ба форсии миёнаро дар ихтиёр доштанд, тавассути ин мерос ва дар ҳамкорӣ бо олимони араб ва мусалмон бо осори перипатетикҳо ва намояндагони навафлотуния — Искандар Афродиус (асри II), Фемистий (асри IV), Прокл (410–485), Сириана (асри V), Симпликий (соли 549) ва Иоанн Филопон (асри VI) ошно гардиданд, гарчи ин шиносоӣ, асосан аз рӯйи тарҷумаҳои форсии миёна, на бевосита аз асли юнонӣ сурат гирифта буд [298,276-277; 299,85-86].

Олими рус, мутахассиси фалсафаи арабу ислом Е. А. Фролова инчунин гуфтаҳои болоро зикр ва илова мекунад: «... суриягиҳое, ки дар дарбори халифаҳои аввал ба ҳайси табиб кор мекарданд ва дини исломро қабул кардаанд, ба тарҷумаи асарҳои мантиқии Арасту ва рисолаҳои тиббии Гален аз сурёнӣ ба арабӣ шурӯъ намуданд. Дар Бағдод халифа Ҳорун-ар-Рашид, дар охири асри VIII, «Байт ул-ҳикма» -ро таъсис дод [303,74-75].

Дар ибтидои асри IX, дар замони халифа Ал-Маъмун, – мегӯяд файласуфи рус, диншинос Д. Е. Любомиров, – Бағдод ба яке аз пойтахтҳои маънавии тамаддуни араб табдил меёбад ва дар «Хонаи хирад», ки дар соли 832 кушода шуд, ҷамъоварӣ, аз нав навиштан ва ба забони арабӣ тарҷума намудани дастхатҳои қадимӣ сурат гирифт. Дар байни онҳо асарҳои фалсафии Афлотун, Арасту ва муфассирони онҳо, рисолаҳои илмии духтурон Ҳиппократ ва Гален, асарҳои оид ба математика ва астрономияи Евклид, Архимед ва Птоломей буданд» [166,19].

Таълимоти юнониён ба афкори пешқадами ҷаҳони исломӣ таъсири муайяни хешро гузошт ва ба гуногунақидагӣ оварда расонид. Ҳамин нуктаро И. Филштинский таъкид менамояд: «Аз асри IX сар карда, дар зери таъсири фалсафаи антиқӣ, ки арабҳо ба таври умумӣ, аз таълифоти мактаби эллинистӣ ошноӣ пайдо карда буданд, муносибати интиқодӣ ва ратсионалистӣ ба Қуръон ва баъзе ихтилофи назари оятҳои ҷудогонаи он оғоз меёбад» [299,130-131].

Дар асри X китоби муқаддаси мусулмонон – Қуръон, ҳамчун сарчашмаи асосии афкори динии мусулмонон, натавонист бештар талаботи мутафаккирони рӯҳониро қаноатманд карда бошад. Аз ин хотир, ҷустуҷӯи ҳақиқат дар атрофи илму фалсафаи юнониён ва дигар халқҳо, эҳёи ғояҳои тоисломии таълимоти динию фалсафии Шарқ оғоз ёфт. Баъзе нуктаҳои догмаи Қуръон оид ба офариниши олам, дар бораи Худо ва сифатҳои Ӯ, рӯзи қазо ва ғ. шӯҳрати хешро оҳиста-оҳиста (ҳатто байни гурӯҳҳои динӣ) аз даст медод. Афкори ҷамъиятӣ дар ду равияи мухталиф ба инкишоф оғоз намуд:

-ортодоксалӣ (онҳое, ки сураву оятҳои Қуръонро ташреҳ мекарданд)

-ғайриортодоксалӣ (онҳое, ки догмаи Қуръонро ратсионалӣ шарҳ медоданд.

Академик Олимов К. дар баробари дигар олимон, осори таърихӣ, адабӣ, динӣ ва бадеии замони Сомониёнро таҳқиқ намуда, таъкид менамояд, ки «барҷастатарин мактабҳои фалсафӣ – «Асҳоби ҳаюло» дар таълимоти равшантарин намояндагони «Асҳоби ҳаюло» (Ибни Ровандӣ, Ироншаҳрӣ, Абубакри Розӣ, «Ихвон-ус-сафо» (Абусулаймони Бустӣ, Абулҳасан Алии Зинҷонӣ, Муҳаммад Меҳрҷонӣ, Зайд ибни Рафоа – пайравони Афлотун ва Арасту) калом, машшоияи шарқӣ ва тасаввуф буданд [206,295-300].

Дар заминаи ҳамин таҳаввулоти фалсафӣ ва гуногунандешиҳо, масъалаи ҳастишиносӣ низ ҳамчун меҳвари аслии ҷустуҷӯҳои зеҳнии мутафаккирон зуҳур намуда, дар таълимоти «асҳоби ҳаюло» таҷассуми возеҳ пайдо кардааст.

Фалсафаи «асҳоби ҳаюло» ҳикмати он мутафаккиронест, ки ҳаюлоро қадим медонанд. Онҳо мӯътақиданд, ки тамоми мавҷудоти олам аз ҷузъҳои ҷудонопазир таълиф ва таквин мегарданд. Ин мактаби фалсафӣ, ба иттилои манбаъҳо, тақрибан дар охири асри IX ва ибтидои асри X-и мелодӣ пайдо шудааст. Фалсафаи «асҳоби ҳаюло» самти асосии

фалсафаи даҳриёну табоиёнро идома додааст. Забардастарин намояндагони он Ибни Ровандӣ ва Эроншаҳрӣ маҳсуб мешаванд.

Равияи нави фикрӣ ва озодандешонаи маъруф ба «асҳоби ҳаюло» дар фазои андешаи фалсафии он давра аҳамияти махсус касб намуд. Намояндагони ин ҷараён бо дидгоҳҳои ҷудогона ва назарияи гуногун дар бораи масоили муҳими илмӣ ва фалсафӣ, аз ҷумла қадимияти олам, табиати ҳаюло, макон, замон, инчунин масъалаҳои нубувват, имомат ва аҳкоми динӣ аз таълимоти равияҳои дигар ба таври куллӣ тафовут доштанд. Тафаккури онҳо дар бораи сохти олам ва табиат бо афкори фалсафаи юнонӣ ва ҳиндӣ мувофиқ буд, ки ин ба таъқиб ва таҳдиди онҳо аз ҷониби ҳокимони давр боис гардид ва онҳоро ба куфру илҳод ва зиндиқа муттаҳам карданд. Аз ин рӯ, омӯзиши сарнавишти таърихии ин гурӯҳ душвор боқӣ мемонад, зеро ба далели фишорҳои шадиди ақидатӣ танҳо исми чанд тан аз онҳо то замони мо расидааст. «Аз таълифоту навиштаҳои намояндагони ин мактаб танҳо порчаҳои парокандае аз осори ду нафар чеҳраи намоёни ин мактаб Абулаббос Муҳаммади Эроншаҳрӣ ва файласуфи асил ва донишманди фарзона Муҳаммад Закариёи Розӣ, ки дар асрҳои миёна ҳамчун рамзи фикри бедор ва илмӣ-мантиқӣ буданд, боқӣ мондааст» [49,99].

Абубакри Розӣ (865–925) намояндаи равияи **асҳоби ҳаюло** буд, ки бо такя ба ақл, таҷриба ва фалсафаи табиӣ масъалаҳои ҳастӣ ва инсонро шарҳ медод ва бо равияҳои каломӣ, машшоия ва ирфонӣ ихтилофи назар дошт. Файласуфон – К. Олимов ва К. Аскардаев дар таҳқиқи таълимоти фалсафии Абубакри Розӣ ба хулосае меоянд, ки ӯ ҳам ҷонибдори қадим будани ҳаюло будааст: «Розӣ мегӯяд: «Ибдоъ иборат аст аз пайдо шудани шайъ аз лошайъ». Вале Офаридгор наздиктарин роҳро барои иҷроиш меписандад, на ин ки чиҳил солро ва ин муқаддимаи якум аст... Пас, Розӣ ибдоъро инкор карда, ба он мегаравад, ки моддаи қадимае вуҷуд дорад, ки аз он ашё таркиб меёбанд. Чун дар

олам ҳеч чиз бе чизи дигаре ба вуҷуд намеояд, пас, лозим меояд, ки ҳудуси табоеъ аз чизе ғайри он бошад. Ва бояд он чиз қадим бошад, лекин мураккаб набошад, балки мутафарриқа бошад» [368,32].

Масоили ҳастишиносӣ дар дигар мактабҳои фалсафии асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла калом, дар омезиш бо масоили фалсафӣ ва динӣ матраҳ шудааст.

Доир ба калом файласуфи россиягӣ И. Камол [390] ва файласуфи тоҷик С. Ахмедов [382] таҳқиқоти арзишманде доранд. Калом таълимоти динию фалсафӣ аст. Он асосан доир ба масъалаҳои илоҳиёт, яъне худошиносӣ, ҳастишиносӣ ва ғайра ба истифода аз усулҳои мантиқию фалсафӣ баҳс мекунад. Дар доираи калом, баъдан, масъалаҳои фалсафӣ, мисли азалӣ ё офарида будани олам, ҷавҳар ва араз, ҳаракат ва сукун, фазо ва вақт ва ғайра низ таҳлил гардидаанд. Он чи масоиле, ки бевосита ба ақоиди исломӣ вобаста буданд бо номи зоҳирулкалом ва он чӣ бо масоили фалсафӣ ва фалсафаи табиат алоқаманд буданд, дақиқулкалом номида шудаанд.

Файласуфи тоҷик, муҳаққиқи илми калом С. Ахмедов ба асарҳои сершумори олимони давраҳои гуногун такя намуда, омӯзиши каломро ҳамчун мавзуи баҳси чандинасра дуруст хулоса мекунад: «Таҳқиқи фалсафаи калом барои ошкор намудани мазмуни асосҳои ратсионалии ҷаҳонбинии исломӣ ногузир буд» [382,3].

Пас, фарқи байни калом ва фалсафа чист? Фарқи асосии калом ва фалсафа дар манбаъ, усул ва ҳадафи маърифат аст. Калом аз дидгоҳи динӣ ва бо ҳадафи дифои эътиқод ба таҳлили ақлӣ даст мезанад, фалсафа бошад, бо истифода аз мантиқ ва далелҳои ақлонӣ кӯшиш мекунад ба ҳақиқати умумии ҳастӣ бирасад. Калом, ҳамчун шохаи илмӣ, дар дохили ислом шакл гирифта, мақсади асосии он ҳифзи эътиқоди динӣ аз шубҳа ва ҳамлаҳои равияҳои ғайримуқаррарӣ (масалан, муатазила, зиндӣ ва ғайра) буд.

Каломиён усулан дини исломро асоси аслии маърифат мешумориданд ва далелҳои худро барои тасдиқи ақидаҳои динӣ истифода мебурданд. Фалсафа бошад, бо такя ба мантиқ ва тафаккури ақлонӣ, бахусус мероси Арасту ва Афлотун, баррасии воқеиятро аз рӯи қонуниятҳои умумии ақлӣ ва таҷрибавӣ анҷом медод. Мақсади он на тасдиқи ақидаи пешгузошташуда, балки дарёфти ҳақиқат тавассути таҳқиқи мантиқӣ ва ақлонӣ буд. Калом аз далоили нақлӣ (Қуръон, ҳадис) шурӯъ мекунад ва сипас онҳоро бо далелҳои ақлӣ тақвият мебахшад. Яъне усули он нақлӣ-мантиқист, ки дар он ақл воситаи хидматгузор ба эътиқод мегардад.

Фалсафа бошад, аз ақл ва мантиқ ибтидо мегирад. Барои файласуф, ақл меҳвари истиқлолии маърифат аст ва далелҳои нақлӣ танҳо дар ҳоле пазируфта мешаванд, ки ақл онҳоро собит кунад. Пас, дар фалсафа ақл бар нақл бартарӣ дорад.

Дар калом, масоили ҳастишиносӣ дар чаҳорчӯбаи моҳияти Худо, сифоти Ӯ, ва аҳкоми ахиравӣ муҳокима мешаванд. Масалан, дар масъалаи қадим ё ҳодис будани Қуръон, каломиён бо таваҷҷуҳи шадид ба усули мазҳабӣ баҳс мекарданд.

Фалсафа бошад, ҳастиро дар доираи васеътар ва мустақилтар баррасӣ намуда, масъалаҳои мавҷудот, иллат ва маълул, модда ва сурати ашё, ҳаракат, замон ва ғайраро таҳлил менамояд. Масъалаи Худо низ ҳамчун мавҷуди аввал ва сабаби аввал (cause première) аз нигоҳи мантиқ ва далели вуҷудӣ таҳқиқ мешавад.

Муносибати калом ва фалсафа на ҳамеша душманона буд. Дар баъзе ҳолатҳо, равшанфикрон мисли Муҳаммад Ғаззолӣ, ҳарду равияро бо ҳам омехта, кӯшиш карданд як роҳи миёнаеро таҳия намоянд. Аммо, дар ниҳоят, ғояи аслии фалсафа — истиқлолияти ақл аз нақл бо ғояи аслии калом — устувории ақидаи динӣ аз роҳи далел тафовут дошт.

Калом ҳамчун яке аз равандҳои пешрафтаи фалсафии асри миёнаи

тоҷик, ки маҳдуд ба теология набуда, дар муҳити озодфикрии он давра рушд кардааст, бо такя бар принсипҳои ратсионализм, яъне боло гузоштани ақл бар имон — ба радди шубҳаҳои ақидатӣ пардохта, таваҷҷуҳи ҷомеаро ба рушди тафаккури эҷодӣ ва назари мунтақидона ба бархе аз таълимоти гуногуни динӣ ҷалб намудааст. Ин равия, ки бештар ба баррасии масоили динӣ равона аст, ниёз ба таҳқиқоти амиқ дорад, зеро фаҳми дурусти консепсияҳои асосии он сатҳи баланди донишро дар соҳаи исломшиносӣ ва фалсафаи дин тақозо мекунад. «Дар марҳилаи кунунӣ бо он на танҳо принсипҳои фалсафӣ, балки аз шаклу усулҳои фалсафии мукаммалтарин низ истифода мебарад. Муносибати фирқаҳо ва равияҳои ислом ба калом низ тағйир ёфтааст. Калом дар баробари аҳамияти эпистемологии худ аҳамияти бузурги иҷтимоӣ пайдо кардааст. Нақши иҷтимоии калом, дар солҳои охир, бо афзоиши фаъолияти ҷамъиятии оммаи мусулмон дар мамлакатҳои гуногун афзуд. Бояд гуфт, ки дар таърихи ислом таълимоти ахлоқию маънавӣ ва иҷтимоии калом нақши муайяне бозидааст. Мубориза барои адолати иҷтимоӣ, бунёди «ҷомеаи идеалӣ» -и исломӣ мазмуни асосии таълимоти иҷтимоии мутакаллимон мебошад» [54,12].

Дар таълимоти равияҳои динӣ - каломӣ ва сиёсии ислом, аз қабили ҷабария, мӯътазила, хориҷия байни ҳам тафриқа мушоҳида мешуд. Масалан, «қадарияҳо ҷонибдори озодии рафтору кирдори амали инсон буданд ва бар хилофи онҳо ҷабарияхо бар он эътиқод доштанд, ки инсон холиқи амалҳои худ аст. Бинобар ин, мухолифони онҳо мутмаин буданд, ки ин ақида аз афкори масеҳӣ сарчашма мегирад» [30].

Қадарияҳо дар масъалаи атрибути Худо ақидаи хешро доштанд. Онҳо таъкид мекарданд, ки «Худованд аз азал зоту сифот надошт ва сифатҳои азалӣ умуман вуҷуд надоранд» [98,66].

Ҷараёни мӯътазилия дар асрҳои миёна аз ҳама соҳибэътибору бонуфуз шуморида мешавад. «Онҳо нахустин илоҳиётшиносони

исломианд, ки ба таълимоти динӣ муносибати ақлгароёна карда, усули тозаи динию фалсафӣ ба вуҷуд оварданд» [330,104].

Мӯътазилиён теологияи ратсионалистиро тавассути дарки моҳияти динӣ инкишоф доданд. Усулҳои мураккаби схоластикаи юнониро истифода карда, (онҳо аввалин шуда ба илоҳиёти мсусулмонӣ ворид карданд) мӯътазилиён собит сохтанд, ки атрибути Худо бо моҳияти Ӯ дар омезиш буда, мустақил буда наметавонанд. Дар навбати худ, онҳо зидди антропоморфизм (Худоро ба одам шабоҳат додан, мисоли соҳиби гӯшу чашм ва ғ., гӯё Ӯ дастонашро болои китфи паёмбар гузорад вай сардии ангуштони Худоро эҳсос мекарда бошад) баромад карданд» [299,134].

Мӯътазилиён ҷовидон будани Худо ва ҷиҳати хоси ҳастии Ӯро абадӣ медонистанд. Дигар фирқаи динию фалсафӣ, ҷабарияҳо ҳар амали инсонро хости Худо пиндошта, имон бар он доштанд, ки «Худованд амалкунандаи ягона ва фоъили ҳақиқӣ (фоъил би-л-ҳақиқа) буда, инсон дар иҷрои амали худ маҷбур аст» [30,57].

Дар масъалаи ҳастишиносӣ, калом вуҷудро маҳдуд ба ирода ва ихтиёри Худо дониста, ҳар гуна ҳаракат ва тағйиротро бар асоси тадбири илоҳӣ ва иродаи мутлақи Ӯ таъбир мекунад. Аммо таҳлилҳои маҳдуди мантиқӣ ва фалсафии назари каломӣ, дар шарҳи падидаҳои табиӣ ва масъалаҳои ҳастишиносӣ, инчунин такяи зиёд бар далелҳои нақлӣ, барои эҳтиёҷ ба муҳокимаҳои ратсионалӣ ва мантиқӣ замина гузошт.

Ҳамин гуна эҳтиёҷ ба шаклгирии равияҳои баъдӣ, аз ҷумла фалсафаи машшоияи шарқӣ замина гузошт. Калом таърихан бар фалсафаи машшоия муқаддам аст, зеро он ҳамчун вокуниши дохилӣ ба ниёзҳои ақидатии ҷомеаи исломӣ шакл гирифт, дар ҳоле ки машшоия натиҷаи ворид кардани фалсафаи юнонӣ ва мутобиқсозии он бо ҷаҳонбинии исломӣ мебошад.

Калом ва машшоия бо вуҷуди фарқ дар методология ва ҳадаф, дар масири таърихии фикрии исломӣ муколамаи назариявӣ ва таъсири мутақобил доштанд. Калом бо ангезаи дифоъ аз ақидаи динӣ, ба мантиқ ва фаҳми ақлонӣ рӯй овард, дар ҳоле ки машшоия бо истифода аз мантиқ ва фалсафаи юнонӣ тавонист пояҳои ақлии ҷаҳонбинии исломиро таҳким бахшад.

Фалсафаи машшоия, ки асосан бар ақлу мантиқ ва методологияи Арасту такя мекунад, ҳамчун ҷавоби илмӣ ба суолҳои ҳастишиносӣ ба вуҷуд омад. Машшоияи шарқӣ, ба таври хос дар андешаи Ибни Сино, ба хотири ҳамоҳанг сохтани меъёрҳои мантиқӣ бо таҷрибаи ирфонӣ ва муҳити фарҳангии шарқӣ ташаккул ёфт.

Пайдоиши машшоияи шарқӣ зарурат дошт, зеро ниёз ба фалсафае, ки ҳамзамон ақлонӣ, вале бо фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва табақабандии маънавии ҷомеаи шарқӣ созгор бошад, эҳсос мешуд. Ин равия кӯшиш кард, ки байни ақлу ваҳй, мантиқу кашф, фалсафаи юнонӣ ва ирфони исломӣ мувозинат барқарор кунад.

Фалсафаи машшоия дар равандҳои таърихии ташаккули худ ба ду мушкили асосӣ рӯ ба рӯ гардид. Нахуст, набуди ҳамоҳангии комил миёни таълимоти перипатетикӣ ва эътиқодоти динӣ буд, ки ин ихтилоф боиси таноқузҳо ва бархӯрди назарӣ миёни файласуфон, усулиён, фуқаҳо ва суннатгароён гардид.

Дуюм, фалсафаи анъанавии перипатетикӣ, хусусан дар доираи Юнони Қадим, ба самтҳои ахлоқӣ ва такмили маънавӣ аҳаммияти кофӣ намедод ва онҳоро ҳамчун ҷузъи зарурии дониши фалсафӣ намепазируфт. Аз ин сабаб масъалаҳои ахлоқӣ, эстетикӣ ва такомули рӯҳӣ дар маркази таваҷҷуҳи он қарор надоштанд.

Ин нодидагирии самтҳои ахлоқӣ ва ирфонӣ, дар навбати худ, заминаи шиддат гирифтани мухолифат байни равишҳои фалсафаи ақлгаро ва таълимоти тасаввуфиро фароҳам сохт. Бо вуҷуди ин,

таҷрибаи таърихии рушди шуури фикрии асримиёнагии тоҷик нишон медиҳад, ки муборизаи бархе намояндагони калом бо фалсафа ва илм наметавонист ҷараёни инкишофи маърифат ва шуури инсониро комилан боздорад.

Аз осори ал-Киндӣ ҷараёни пурқудрати ақоиди фалсафӣ дар ҷаҳони ислом – машшоия (перипатетизм)-и шарқӣ оғоз меёбад. Паҳншавии ҷараёнҳои исмоилия ва тасаввуф – ду ҷараёни ақоиди ҷамъиятӣ, ки бо масоили вогузоштаи мӯътазилиён, ҳам аз ҳамин давра шуруъ ёфт.

Намояндагони ҷараёни машшоия «Худоро сабаби ҳастии олам мепиндоранд. Ба андешаи онҳо Вуҷуди мутлақ, яъне (Худо) сабаби ҳастии ҳамаи мавҷудоти олам аст. Аммо бар хилофи мутакаллимон дар як муддати муайян офарида шудани оламро рад мекунад. Ба ақидаи ӯ, олам мисоли вуҷуди мутлақ абадӣ аст. Ӯ мегӯяд, ки агар ҷаҳонофарин ҷовид бошад, пас маҳсули офариниши вай низ бояд ҷовид бошад» [305,32]. Сайид Ҳусайн Наср дуруст мегӯяд, ки ба андешаи Ибни Сино «олам ба ҳасби иродаи Худо не, балки аз ҳайси зарурият пайдо шудааст» [235,308].

Гарчанде фалсафаи машшоия, бахусус дар шакли шарқии худ, талош мекард равандҳои маънавиро дар чаҳорчӯби мантиқ ва ақл шарҳ диҳад, аммо ниёзи рузафзуни фикрии ҷомеаи асримиёнагии тоҷик ба фаҳми рамзгароёна ва таъвилии ҳақиқат, заминаро барои шаклгирии системаи онтологии исмоилия фароҳам сохт, ки дар он ҳастӣ ҳамчун сохтори табақабандишуда ва таъвилпазир тафсир мегардад.

Исмоилия – яке аз фирқаи шиъа мебошад, ки дар асри VIII ба вуҷуд омадааст. Фирқаи исмоилия дар амал он заминаи идеологии ҳаракати васеи сиёсии мухолиф ба хилофати аббосиён буд, ки баъдтар ба наҳзати ***қарматия*** табдил ёфт. Исмоилиёнро ботинӣ низ мехонанд, чун онҳо ақида доранд, ки «Ҳар зоҳире ботин ва ҳар ояте таъвил дорад».

Дар ташаккули фалсафаи исмоилия таъсири ғояҳои Афлотун, навафлотуния, Арасту ба назар мерасад. Исмоилия ҳафт зинаи судур (эманатсия): *Зоти Кулл, Ақли Кулл,Нафси Кулл,* Ҳ*айюло, Макон, Замон ва Инсони Комилро* муайян кардааст.

Маъруфтарин намояндагони фалсафаи исмоилия: Абӯ Ҳотами Розӣ, Муҳаммад Нахшабии Насафӣ, Абуляъқуби Сиҷистонӣ, Носири Хусрав мебошанд. Носири Хусрави Қубодиёнӣ (934-1088) аз зумраи файласуфон ва шоирони барҷастаи тоҷик мебошад.

Ба забони форсӣ таълифоти ҳеҷ нависандаи дигаре ба миқдори осори Носири Хусрав дар марҳилаи аввали инкишофи насри фалсафӣ баробар нест. Дар бораи фалсафаи иҷтимоии «Ихвон ас-сафо» - и Носири Хусрав файласуфи тоҷик Р. Назариев таҳқиқоти арзишманде дорад [396,50]. Ҳамаи осори ӯ ба истиснои «Сафарнома», ки дар мавзуи сафари ҳафтсолаи муаллиф ҳикоят мекунад, дар мавзуи калом аз мавқеи таълимоти исмоилия ва ҳикмату фалсафа ба қалам омадаанд.

Фалсафаи исмоилия, ки дар таърихи андешаи исломӣ равияи мураккабу ботингаро ба шумор меравад, масъалаи ҳастиро дар иртиботи зич бо таълимоти таъвилӣ ва илоҳиётӣ баррасӣ менамояд. Ҳастӣ дар назарияи исмоилӣ танҳо маҷмуи падидаҳои зоҳирӣ нест, балки низоми маънавӣ ва рамзии ҳастии ҳақиқист, ки дар он ҳар зоҳир ишора ба ботин ва ҳар маъно ишора ба маънии амиқтар дорад.

Дар маркази фалсафаи ҳастии исмоилия ғояи тавҳид мавқеи хоса дорад. Худо дар ин фалсафа на танҳо сабаби аввал, балки «вароа»(берун аз) ҳастӣ ва ақл қарор дорад, яъне Ӯ «ло яъқул» (берун аз қобилияти дарки ақл), «ал-мавҷуд билмаъно ал-мутаориф», яъне Худо мисли дигар мавҷудот вуҷуд надорад. Ӯ мавҷудоти «маҳдуд» нест, балки воқеияти мутлақ, ки мавҷудоти дигар ба воситаи Ӯ ҳаст шудаанд. Аз ин рӯ, дар фалсафаи исмоилия (ва ирфони исломӣ) гуфта мешавад, ки Худо Воҷибулвуҷуд аст, аммо дар зинаи мавҷудот ҷой надорад, яъне Ӯ

воҷибест, ки мавҷудият мебахшад, на мавҷуде дар канори дигарон. Аниқтараш, Худо наметавонад бо қонунҳои мантиқии инсонӣ, ки барои таҳлили чизҳои маҳдуд сохта шудаанд, пурра дарк ё фаҳмида шавад. Зоти Худо аз қоидаҳои санавият (масалан, ҳастӣ ва нестӣ, модӣ ва маънавӣ, илалу маълул) болотар аст. Пас, ӯро наметавон ба воситаи қиёс, таъриф ё категорияи мантиқӣ муайян кард.

Аз ҳамин сабаб, таълимоти исмоилия на ба маърифати мустақими зот, балки ба дарки дараҷоти зуҳур ва нузули ҳастӣ таваҷҷуҳ дорад.

Зикр ин нукта зарурист, ки яке аз хусусиятҳои баҳсбарангези метафизикаи исмоилӣ ғояи мавҷудияти Худо мебошад, ки гарчанде ҳамчун зоти мутлақ ва даркнашаванда, орӣ аз ҳар гуна таъриф ва сифот тасвир мегардад, аммо дар идораи мустақими воқеияти олам нақше намегузорад. Маҳз бо назардошти чунин назария, бархе муҳаққиқон исмоилияро ба ҳайси як шакли вижаи теологияи исломӣ арзёбӣ мекунанд.

Ин дидгоҳи онтологӣ ва илоҳиётии исмоилиён, ки бештар ба маърифат ва зинаҳои ботинии вуҷуд таваҷҷуҳ дорад, ба таври табиӣ дар муҳити иҷтимоии асримиёнагии тоҷик вокунишҳои мухталифро ба вуҷуд овард: аз як сӯ, муқовимати неруҳои суннатгаро ва нигаҳдорандаи сохтори феодалӣ ва аз сӯи дигар, дастгирии қишрҳои пешрафта ва мутафаккироне, ки дар пайи ислоҳ ва рушди маънавии ҷомеа буданд. [106,71-72].

Аз рӯи нуқтаи назари исмоилиён нисбат ба Худо мафҳуми ҳастӣ қобили истеъмол нест ва ҳастӣ ду намуд дорад – ё субстансия ё аксиденсия. Субстансия дар навати худ ба ҷисмӣ ва маънавӣ ҷудо мешавад. Ба ҷуз ин ду навъ ҳастии дигаре мавҷуд нест. Офаридгор на ҷисмию на маънавист ва Ӯро наметавон субстансия номид, мисли машшоиён.

Оид ба шинохти Худо исмоилиён бархе аз нуктаҳоеро иброз доштанд, ки аз андешаҳои ратсионалистии онҳо гувоҳӣ медиҳад: Худованд наметавонист бо фаришта бо забони одамӣ ҳарфе бигӯяд, зеро забонро намедонист ва фаришта Ҷабраил ҳам бо паёмбар сухан намекард, зеро ӯ рӯҳ аст. Носири Хусрав ҳам дар маънии таҳаввули Қуръон ба догмаи исломии расмӣ ихтилофи назар дошт.

Намояндагони исмоилия [фирқаи шиъа] оид ба офариниш ва ҳастӣ ғояҳои Афлотун, навафлотунӣ, Арастуро ҷонибдорӣ кардаанд. Ба андешаи онҳо сарчашмаи ҳаводиси олам Худост ва ӯ дорои сифат нест ва барои инсон номуайян аст.

Худо зоти кул бо иродаи азалии худ Ҷавҳар (субстансия)-и эҷодгар ақли кулро меофарад. Ин аввалин судури Худост. Ақли кул дорои ҳамаи сифатест, ки мусулмонон ба Аллоҳ нисбат медиҳанд ва сифати асосии вай илм аст. Далелҳо шоҳиди онанд, ки ирфони исмоилия, бахусус таълимоти онҳо оид ба ақли кул ва рӯҳи кул ҳокимияти илоҳиро бар олам маҳдуд намуда, ба воситаи рӯҳи кул бо атрибути асосии он – сифати феълии худмухторӣ ва мустақилият аз дахолати Худо, нигаронида шудааст [106,63].

Вай дорои номҳои зиёд аст. «Номҳои илоҳӣ мисли нуранд, ки ба шарофати он сояи Худо бар ҷаҳони офаридааш меафтад. Бе рӯшноӣ соя намешуд, аммо рӯшноӣ бе манбаи паҳнкунандаи он низ ғайриимкон аст» [259,16-17].

Ба андешаи исмоилиён Худо танзеҳӣ ва муназзаҳ буда, аз ҳама сифот ва андешаҳои инсонӣ болотар аст. Тафаккури исмоилӣ бисёр вақт Худоро дар зинаи ғайримақули идрок мебинад, ки танҳо тавассути имом ва таълимоти ботинӣ (таъвил) метавон ба маърифати Ӯ расид. Худо Воҷибулвуҷуд аст ва ба таври ғайримустақим, тавассути ақли кул ва нафси кул, оламро ба вуҷуд меорад (ин назар ба назарияи содироти машшоён монанд аст).

Ақли кулл зинаи поёнии судур нафси куллро эҷод кард. Вай ноқис аст ва сифати асосии он ҳаёт мебошад. Нафси кулл бо эҳсоси ноқиси худ майл ба камол дорад ва аз худ Ҳаюлоро ҷудо менамояд. Аз Ҳаюло Замин, сайёраҳо, ситораҳо ва махлуқоти зинда ба вуҷуд меоянд, яъне пайдоиши инсон аз майли нафси кулл ба камол вобаста аст.

Дар назарияи исмоилия байни ақли кулл ва башар, ё байни олами акбар ва олами асғар таносуб мусовист. Яъне инъикоси ақли кулл дар ҷаҳони маҳсус инсони комил мебошад. Носири Хисрав навиштааст, ки «Ҳар чӣ дар олами ҳиссӣ мавҷуд аст, он асаре аст, аз он чӣ дар олами Увло (Олами Акбар) мавҷуд аст».

Яъне, ба андешаи исмоилиён олам дорои зиёда аз як сатҳи вуҷуд аст: олами зоҳир (мулк) ва олами ботин (малакут). Олам маҳсули файз ва содиршавии зина ба зина аст: аз Худо ба ақл, аз ақл ба нафс ва аз он ба олами модӣ. Тафсири ҳар чиз дар олам бояд таъвил (ботинигарӣ) шавад.

Мувофиқи таълимоти исмоилия, мабдаи ягонаи ҳастӣ, Худо аз ҳар гуна сифот ва таърифоти инсонӣ орӣ буда, барои ақлу ҳувияти башарӣ комилан шинохташаванда нест. Ӯ дар ҳолати оромии абадӣ қарор дорад ва берун аз низоми зоҳирии вуҷуд аст. Олам ба таври мустақим аз Ӯ не, балки тавассути зинаҳои миёна, ба хусус Ақли Кул ва Нафси Кул, ба вуҷуд меояд, ки ин раванд ҳамчун «файз» ва «нузули вуҷуд» маъруф аст. Бо ин тариқ, Худо дар таълимоти исмоилия Холиқ аст, аммо на ба маънои ташбеҳии офаридгории мустақим, балки ҳамчун мабдаи метафизикии бевасита ва варои дарк, ки сарчашмаи ҳастии ҳама чиз мебошад.

Ҷаҳонбинии исмоилиён дар масъалаи табақабандии ҳастӣ ба назарияҳои навафлотунӣ ва гностикӣ наздик аст, ки як навъ таъсирпазирии исмоилия мушоҳида мешавад. Ба андешаи онҳо ҳаюло (материяи нахустин) ба ҳайси манбаи аввалияи олами модӣ дониста мешавад. Ба таъбири фалсафаи асримиёнагии тоҷик, он қобилияти холис

аст — дорои шакл ва моҳият танҳо тавассути таъсири нафси кулл. Олам зина ба зина ташкил ёфтааст, аз зоти кул то ақл, аз ақл то нафс, аз нафс то ҳаюло ва олами модӣ.

Ин назария на танҳо ба фалсафаи исмоилия хос аст, балки бо таълимоти дигар мактабҳои динӣ ва фалсафӣ низ иртибот дорад. Аз ҷумла, дар навафлотуния, ки бо Плотин марбут аст, «Як» зоти мутлақи беисифот ва варои ҳастист, ки ҳастиро тавассути файз ва эманация (emanation) ба вуҷуд меорад. Ин идеяи нузули вуҷуд аз зоти ботинӣ ба зинаҳои поёнии ҳастӣ, ба таври муфассал дар системаи исмоилӣ ҳам инкишоф ёфтааст.

Дар каббала, равияи мистикии яҳудӣ, зоти мутлақ бо номи Эйн Соф (Бениҳоят) тавсиф мешавад, ки аз ҳар гуна сифат ва фаҳми инсонӣ боло аст. Ӯ тавассути даҳ марҳилаи нурӣ (сефирот) оламро файз мебахшад. Ин низоми табақабандии ҳастӣ дар таълимоти исмоилия шабоҳати назаррас дорад.

Дар апофатикаи масеҳӣ, ба вижа дар осори Дионисиус Ареопагит, Худо танҳо тавассути танзеҳ тавсиф мешавад. Ӯро наметавон ҳамчун мавҷуди мушаххас дарк кард, балки ҳамчун ҳақиқати мутлақ, ки аз ҳама тавсиф берун аст. Чунин шеваи тавсиф дар таълимоти исмоилия низ дида мешавад, ки Худоро ҳамчун зоти комилан ботинӣ ва шинохтанашаванда мешиносад.

Ҳамчунин, дар гноститсизм (маърифатгарой), як равияи қадимаи метафизикии юнонӣ-шарқӣ, Зоти Мутлақ мустақиман дар офариниш иштирок намекунад, балки тавассути зинаҳои файз ва нур вуҷуд падид меояд. Маҳз ин идеяи «офариниши бевосита» бо таълимоти исмоилия дар бораи Ақли Кул ва Нафси Кул монандӣ дорад.

Дар Веданта (равияи Advaita), Брахман, яъне Зоти Мутлақ варои ҳама таърифу тавсиф аст. Ӯ маншаи ҳастӣ мебошад, вале на ҳамчун

офаридгори фаъол, балки ҳамчун ҳақиқати мутлақе, ки ҷаҳони зоҳирӣ аз ӯ ҳамчун таҷаллӣ ва зуҳур падид меояд.

Ҳамин тариқ, таълимоти исмоилия дар бораи ҳастӣ дар доираи таълимоти танзеҳӣ, табақабандии онтологӣ ва файзии офариниш қарор дошта, бо мактабҳои бузурги фалсафӣ ва динӣ, аз ҷумла неоплатонизм, каббала, гностицизм, апофатика ва Веданта ҳамсонӣ ва иртиботҳои амиқ дорад. Бо вуҷуди вижагиҳои хоси исломӣ ва таъвилии худ, исмоилия як модели мутамаддин ва фалсафии шарҳи ҳастиро пешниҳод мекунад, ки ҳамзамон рӯҳониву рамзӣ ва мантиқиву системавист.

Дар масъалаи қадимияти олам ва Худо онҳо бо ақидаи мактаби машшоия алоқамандӣ доштанд. Файласуфи тоҷик Х. Додихудоев таъкид мекунад, ки намояндагони исмоилия аз категория ва мафҳумҳои таълимоти Арасту зиёд истифода мекарданд, аз ҳар ҷиҳат бо таълимоти мактаби машшоияи асримиёнагӣ дар мувофиқа буданд [106,144].

Таълимоти исмоилия як низоми метафизикӣ ва ирфонӣ аст, ки бо тафриқаи амиқ миёни зоти илоҳӣ ва сифот, ҷаҳонро тавзеҳ медиҳад. Ин равия, бо вуҷуди реша доштани исломӣ, дорои ҷанбаҳои гностикӣ, навафлотунӣ ва ҳатто деистист. Таъкид бар ақли кулл ва нафси кулл ҳамчун танзимгарони ҳастӣ ва кӯшиши эҳтиром ба Зоти Мутлақ бо танзеҳ, онҳоро аз фалсафаи муътадили Ибни Сино, ки Худоро Воҷибулвуҷуди дорои сифот медонад, ҷудо месозад.

Байни исмоилиён ва машшоиён оид ба моҳияти Худо тафриқаи айнӣ ва ҳамфикрии муайян низ вуҷуд дорад. Исмоилиён дар шинохти моҳияти Худо чунин ақида доштанд, ки набояд аз сӯи Худо ба олам назар кард, балки аз олами офариниш ҷониби Худо бояд рафт. Зоҳириён баръакси гуфтаҳои мазкур андеша ронданд: дарк на аз ақл, балки аз идроки эҳсос аст. Инсон нахуст офаринишро дарк мекунад ва тавассути дарк оид ба офаридгори он тафаккур мекунад. Ҳангоми тарғиби китоби Қуръон паёмбар аз ҳамин нуқтаи назари онҳо амал намуд [203,199-208].

Ба ақидаи исмоилиён замон ва макон ҳамчун мавҷудоти мутағаййир ва нисбӣ ҳисобида мешаванд. Олам, ки маҳдуд ба замон ва макон аст, аз ҷониби нафси кул ба вуҷуд омада, тадриҷан дар ҳаракат аст. Замон воситаи таҷаллӣ ва фаҳмидани сафар аз зоҳир ба ботин аст.

Исмоилиён таъкид бар он доштанд, ки зоҳириён дар шинохти табиати Қуръон аз пайи паёмбар нарафтанд ва маънии аслии таълимоти онро нафаҳмидаанд. Аз рӯи нуқтаи назари онҳо ислом ин зоҳир ва имон ин ботин буда, ислом – иқрор ва имон – иқрор бо ҳамҷоягии маърифат аст [63,125].

Ҳамин тариқ, ба ақидаи исмоилиён, ягонагии олам шаҳодати ягонагии Худост, на баръакси он. Яъне, на ягонагии олам аз ягонагии Худо (чуноне дар дин аст) ягонагии Худо аз ягонагии табиат ва олам аст. Чуноне яке аз идеологҳои исмоилия мегӯяд: «Тавҳид дар идроки ягонагии ашёи фалакию заминист ва расидан ба он ки ҳар яки он бидуни таъсири ҳамдигарӣ дар дараҷа ва нақши худ маҳдуданд» [152,107]. Исмоилиён дар рӯҳияи идеализми пантеистӣ, кӯшиши пайванд кардани дини ислом ва фалсафаро доштанд, аммо ҷаҳонбинии онҳо ортодоксалӣ набуд [68,30].

Исмоилиён нисбат ба каломиён назари сахти ошкорои мунтақидона доштанд, вале мутакаллимон эҳтиёткорона (баъзан ниҳонӣ) муносибат доштанд. Ин мухолифати назар дар ш арҳи шариат ва ҳақиқат, муайянкунии имону маърифат мушоҳида мешуд. «Ба андешаи исмоилиён, – мегӯяд Х. Додихудоев, – шариат аз замони пайдоиши Одам, баъди тай кардани чанд силсила, дар мувофиқа бо шумори паёмбарон (ҳафт нафар), ҷойи худро ба ҳақиқат медиҳад» [106,125-126].

Дар таърихи ҳаракати исмоилия талошҳои воқеии барҳам додани шариат ва ҳатто соли 1164 пурра аз байн бурдани он дида шуд. «Бори нахуст дар таърихи ислом, ба таври расмӣ қонуни исломӣ бартараф шуда, ҳаракати исмоилия дар Эрон (асрҳои XI-XIII), дар адабиёт

ҳаракати онҳо ҳамчун ҳаракати террористони ассосинҳо зуҳур кард» [61,70-80; 148,141-142].

Ҳамин гуна гуногунандешии фалсафӣ аз калом то машшоия, аз исмоилия то тасаввуф нишон медиҳад, ки тафаккури фалсафаи асримиёнагии тоҷик доимо дар ҷустуҷӯи тавозуни байни ақлу илҳом, мантиқу маънавият будааст ва маҳз дар ҳамин замина фалсафаи ишроқия ҳамчун кӯшиши ҳамоҳангсозии равшангари мантиқ ва рӯҳи ирфонӣ зуҳур мекунад. Фалсафаи ишроқия, бо вуҷуди истифода аз мантиқ, бо равияҳои машшоия дар масъалаи манбаи маърифат, бо калом дар шеваи исботи ҳақиқат, ва то ҳадде бо тасаввуф дар масъалаи нақши ақл ва зинаҳои маърифат ихтилофи назар дошт.

Бархе аз ақоиди фалсафии машшоиён сабаби ихтилофи **ишроқия** низ гардиданд. Тафовути аслии равияи ишроқӣ аз машшоия ин аст, ки дар равияи ишроқия, барои таҳқиқи масоили фалсафӣ танҳо истидлол ва тафаккури ақлиро кофӣ намешуморанд, балки роҳу усули завқию қалбӣ (эҳсосӣ) ва муҷоҳидоти нафс ва поксозии онро низ зарур ва лозим медонанд. Аммо машшоия танҳо такя бар мантиқу истидлол дорад. Баъди Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ аз пайравони маъруфи мактаби ишроқия Қутбиддин Шерозӣ мебошад.

Дар даврони Сафавӣ, мактабҳои тафаккурӣ ва илмҳои фалсафӣ, чун фалсафаи машшоия, ишроқия, калом ва тасаввуф (ирфон), бо вуҷуд доштани системаи фалсафӣ ва илмии гузашта, барои таъмини ниёзҳои замон созмон ёфта буданд. Ба ҳамин тариқ, дар байни илмҳои гуногун, бахусус илмҳои динӣ ва адабӣ, фазои илмӣ ва фарҳангӣ бештар ба онҳо бахшида мешуд.

Дар ин вақт, Садриддини Шерозӣ (Мулло Садро, 1572, Шероз — 1640, Басра), ба майдони мубоҳисоти илмию динӣ омад. Вай ба мероси гузаштагонаш таваҷҷуҳ карда, ғояҳои фалсафӣ, илоҳӣ ва тасаввуфии замони худро ҳамаҷониба азхуд кард. Ӯ тавоноӣ ва камбудиҳои онҳоро

бодиққат таҳлил кард, инчунин Қуръон ва урфу одатҳои (равоият) -ро омӯхт. Аз ин рӯ, фалсафаи Мулло Садро натиҷаи дониши васеъ, мушоҳидаи оқилона ва таҷрибаҳои ирфонии ин файласуфи мусалмон аст.

Аз ҷиҳати фарогирии сарчашмаҳо, фалсафаи Мулло Садра мактаби бонуфуз дар ҷаҳони ислом ҳисобида мешавад. Ин вазъ ба он оварда расонд, ки дар таълимоти ӯ назар ба дигар мактабҳои тафаккурӣ масъалаҳо ва мушкилот мавҷуданд. Дар ин маврид, ӯ далели оқилона ва маърифати ҳадсиро интихоб намуд.

Албатта, фалсафаи транстсенденталӣ (ҳақоиқи мутаолӣ) фалсафаи навъи махсус аст, вале дар ҳалли масъалаҳои он далели оқилона ёфтан мумкин аст. Ҳарчанд тасаввуф (ирфон) барои Мулло Садро яке аз сарчашмаҳои муҳимтарин маҳсуб меёфт, вале фалсафаи ҳикмати мутаолия фалсафа аст, на тасаввуф (ирфон), калом ё чизи дигар.

Пас аз таъсиси фалсафаи транстсенденталӣ (ҳақоиқи мутаолӣ), ба он аксуламалҳои гуногун падид омаданд. Баъзеҳо ин системаи фалсафиро пазируфта, ба тафсир ва тавзеҳи он шурӯъ карданд. Дигарон аз ибтидо роҳи муқовиматро пеш гирифтанд – баъзеҳо муқовиматро аз мавқеи фалсафаи перипатетикӣ ва дигарон масъаларо дар тасаввуф оғоз карданд.

Таҳлили масоили ҳастишиносӣ дар доираи мактабҳои динию фалсафии асримиёнагии тоҷик дар асрҳои X-XII нишон медиҳад, ки андешаҳои фалсафии ин давра дорои сохтор ва низоми таҳлилию методологии мураккаб ва ҳамаҷониба будаанд. Маърифати ҳастӣ дар осори мутафаккирони ин давра – хоҳ файласуфон бошанд, хоҳ мутакаллимон ва ё орифон – на яксон, балки зоҳиру ботини, мантиқию ирфонӣ ва ақлонӣ-рамзӣ сурат гирифтааст.

Мактаби калом, ба хусус равияи муътазилия, бо истифода аз мантиқи бурҳонӣ ва усули таъвили мутаносиб бо ақл, вуҷуди Худо ва

ҳастиро исбот мекарданд. Онҳо тавҳидро ба маънои қатъии мантиқӣ қабул намуда, тамоми мавҷудотро маҳдуд ва вобаста ба иродаи Худо мешумориданд. Муътазилиён бо ин назари худ яке аз аввалин равияҳое буданд, ки кӯшиши омезиши ақидаи динӣ бо мантиқ ва фалсафаро ба роҳ монданд.

Дар баробари онҳо, мактаби исмоилия бо назари эзотерикӣ ва сохтори таъвилӣ, ҳастиро ҳамчун силсилаи фуруди нур аз асли мутлақ ба ҷаҳони модӣ шарҳ медоданд. Онҳо таълимоти ҳастиро ба воситаи равандҳои ботинии маърифат ва робитаи муриди ҳақиқӣ бо пири маънавӣ тавзеҳ дода, зоҳир ва ботини оламро як заминаи ваҳдатманд медонистанд. Исмоилия аввалин мактабе буд, ки масоили ҳастишиносиро бо меъёри ирфонӣ ва таъвилӣ ба як низоми ботинии фаҳми дин пайванд дод. Барои исмоилиён ҳастӣ як низоми мураттаби рӯҳонӣ ва маънавии маротиботи вуҷуд аст, ки аз Нур ё асли аввал сарчашма гирифта, ба ҷаҳони модӣ фуруд меояд. Онҳо ба худшиносӣ ва маърифати ботин тавассути таълимоти пири маънавӣ, таъвил ва иртиботи мутлақ бо Ҳақ таъкид мекарданд. Барои исмоилиён, ҳастӣ рамз аст ва инсон қодир аст онро тавассути шинохти эзотерикӣ кашф кунад...

Мавзуи «асолати вуҷуд ё моҳият» яке аз масоили амиқи фалсафии исломӣ аст, ки баҳсҳои зиёдеро байни мактабҳои гуногун, бахусус машшоия ва ишроқия (илми нур) ба вуҷуд овардааст. Шайх Шаҳобуддин Сӯҳравардӣ, муассиси мактаби ишроқ, дар асари машҳури худ «Ҳикмат ул-ишроқ» мавқеи фарқкунанда аз Ибни Сино мегирад. Шайхи ишроқ чанд муҳокимаеро мавриди баҳс қарор дорад, ки бо таълимоти машшоиён мухолифат дорад. Масъалаи нахуст, оид ба «асолати вуҷуд ва моҳият» буда, «Ибни Сино муътақид ба вуҷуд буда, Сӯҳравардӣ асолатро махсуси моҳият мешуморад. Асолати вуҷуд мегӯяд: Кай ҳастӣ таҳқиқи хориҷе дорад ва амре сирфан ақлӣ аз ҳастӣ

интизоъ мегардад, чунонки дар мавқеи омадани борон бар рӯи об ҳубобҳое эҷод мекунад ва ин ҳубоб як ҷудоии муваққат аз оби куллӣ, яъне дарёст» [350,362].

Яъне, дар шинохти асолати вуҷуд ва моҳият Ибни Сино ва дигар машшоиёни пас аз ӯ, аз ҷумла Мулло Садро (ки дар асри баъдӣ як синтези нав пешниҳод кард), бар онанд, ки асолат аз он вуҷуд аст, яъне «ҳастӣ» (вуҷуд) воқеияти аслӣ дорад ва моҳият танҳо як шинохти зеҳнист. Аммо Сӯҳравардӣ ин назарияро рад мекунад ва мӯътақид аст, ки асолат аз моҳият аст ва вуҷуд як маънои ақлӣ ва интизоъӣ (мафҳуми баргирифта аз зеҳн) аст, на воқеияти мустақил.

Сӯҳравардӣ дар мисоли об ва ҳубоб фикри хешро асоснок мекунад. Дар назарияи асолати вуҷуд: об = вуҷуд, ҳубоб = моҳият. Об воқеияти воқеист ва ҳубоб вақте ки пайдо мешавад, танҳо як зуҳури муваққат ва шакли зоҳирии об аст. Моҳият, дар ин ҷо, мисли ҳубобест, ки аз об сарчашма мегирад, аммо худи он ҳақиқат нест. Сӯҳравардӣ мегӯяд, ки маҳз моҳият аст, ки воқеият дорад ва «вуҷуд» чизе нест, ҷуз як истилоҳи зеҳнӣ барои ишора ба он.

Тафсири фалсафии ин ихтилоф дар ҳамин аст, ки Ибни Сино мегӯяд, ки вуҷуд воқеияти аслӣ дошта, моҳият дар зеҳн ташхис дода мешавад, дар хориҷ наметавонад мустақил бошад. Ҳамаи ашё бо вуҷуди худ маъно пайдо мекунанд. Ба андешаи Сӯҳравардӣ вуҷуд як мафҳуми умумӣ ва интизоъист, ки дар зеҳн ташкил мешавад. Моҳият воқеият дорад, зеро инсон маҳз моҳияти ашёро шинохта ва аз рӯи он амал мекунад. Ишроқия бештар ба маърифати ҳадс, кашфи нури ботинӣ ва шинохти ирфонӣ такя мекунад, аз ин рӯ, ба «мафҳуми вуҷуд» назари скептикӣ дорад.

Ин ихтилофи назар дар баҳси фалсафӣ на танҳо як баҳси мафҳумӣ аст, балки таъсири амиқ ба метафизика, онтология ва шинохти инсон аз ҳастӣ дорад. Агар вуҷуд аслӣ бошад, он гоҳ ҳастии ҳар чизро бояд аз

роҳи таҳлили вуҷуди он фаҳмид. Аммо агар моҳият аслӣ бошад, фаҳми мо ба сӯи шинохти табиати ашё ва ҷавҳари ботинии онҳо мебарад.

Масъалаи «абсор» (ё ҷисми аввал, ба забони арабӣ: ал-ҷисм ал-аввал ва дар фалсафа маъруф ба Ҳаюло — моддаи аввалия), низ яке аз масоили муҳим ва баҳсбарангези фалсафаи исломист, ки Ибни Сино ва Сӯҳравардӣ дар он ихтилофи назар доранд. Ибни Сино мӯътақид аст, ки ҷисми модӣ аз ду унсур таркиб ёфтааст: Ҳаюло (абсор): моддаи аввалия, ки худ шакл надорад. Сурат (шакл): ки ба Ҳаюло шакл медиҳад ва онро ҷисми мушаххас мекунад. Ба ақидаи ӯ ҳаюло мавҷуд аст, аммо на ба таври мустақил. Он қобилият ва қобили таҳаввул аст: метавонад шаклҳои гуногунро қабул кунад. Ҳаюло худ «ҳеҷ чиз» нест, балки асоси имкони вуҷуд аст — яъне, бидуни он, тағйир ва шаклпазирии ҷисмҳо имкон надорад. Ҳаюло на дар ҳисси мо таҷассум меёбад ва на дар зеҳн мустақим фаҳмида мешавад, балки мафҳуми фалсафист барои фаҳмидани таҳаввул ва таъайюн (шаклгирии ашё).

Сӯҳравардӣ назарияи ҳаюлоро, ки аз мактаби Арасту ва Ибни Сино омадааст, ба шиддат рад мекунад. Ба андешаи ӯ ҳаюло як мафҳуми беасос аст. Ӯ мегӯяд, ки чунин моддаи бе шакл ва бе хосият аслан наметавонад воқеият дошта бошад. Ба ҷои он, Сӯҳравардӣ ҳастии ашёро аз тариқи «нур» ва «зулмат» шарҳ медиҳад: вай ҷисмҳоро ҳамчун таъсири мутақобилаи нурҳои ақлӣ (анвор) ва зулмат (торикӣ) мефаҳмад. Дар системаи ӯ, мавҷудоти модӣ шакл ва асолати худро аз таносуби нур ва зулмат мегиранд, на аз таркиби Ҳаюло ва сурат.

Ба хулосае меоем, ки ба андешаи Ибни Сино абсор вуҷуд дорад ва асоси моддаи ҷисмӣ аст. Он қобили шаклгирист ва шарти тағйир ва таҳаввул мебошад. Сӯҳравардӣ мегӯяд: абсор як мафҳуми беасос аст а онро набояд воқеӣ шуморид. Ӯ онро рад карда, ба ҷои он назарияи нур ва зулматро пешниҳод мекунад.

Дар ҳамин ҳол, ишроқиён, махсусан бо таъсири афкори Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ, фаҳми ҳастиро дар шакли маротиби нурӣ ва маънавии вуҷуд баррасӣ намуда, равиши маърифатро бо таҷрибаи рӯҳонӣ ва илҳоми ботин пайванд доданд. Барои ишроқиён, ҳастӣ зоҳир нест, балки таҷаллии анвори илоҳӣ ва равшангари маънавист. Маълум мешавад, ки мактаби ишроқ як гузаргоҳест миёни мантиқ ва ирфон, ки кӯшиши ҷалби таҷрибаи ботинӣ ба зеҳни мантиқиро дорад.

Ба андешаи ишроқиён Худо ҳамчун Нури анвор (Сарчашмаи нурҳо) маъруф аст — ҳар чи ҳаст аз Ӯ нур гирифтааст. Ӯ болотар аз ҳар гуна тасаввур аст ва дар зинаи ҳастӣ, бузургтарин нур аст. Ишроқиён ба ҷойи забони мантиқӣ, забони нурӣ ва шуҳудиро барои дарки Худо тарҷеҳ медиҳанд. Олам силсилаи нурҳои мутарақиб аст — аз нурҳои қавитар ба заифтар. Олам на танҳо физикӣ аст, балки иборат аз олами нурҳо, масолик ва мавҷудоти маънавӣ аст. Саросари олам бо низои муайян ва маъно пур шудааст ва ҳар ҷисм акси нуре аз боло дорад.

Замон ва макон таҷаллии суратҳои нурӣ дар сатҳи поинтар аст. Замон воситаи ҳаракати нафс ва маърифат мебошад. Макон низ ҷойгирии таназзулёфтаи нур аст, яъне ҳар макон танҳо бозтоби як мартабаи маънавист.

2.3. Хусусиятҳои маърифати ҳастӣ дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ

Дар ин зербоб методи мантиқӣ-таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, роҳи шинохти ҳастӣ дар мактаби машшоия бо таълимоти ирфонӣ муқоиса шудааст.

Истилоҳи «машшоия» аз забони арабӣ гирифта шуда, муодили вожаи «перипатетика» - и забони юнонӣ аст, ки ба маънои «гардиш» ва «роҳ рафтан» [135,26] мебошад. Аз ин ҷост, ки дар мактаби фалсафаи Арасту (дар Ликей), дар Афина, дар соли 335-и то милод, бинобар он ки ӯ ба ҳангоми қадам задан ва роҳ рафтан ба тадрис мепардохтааст,

фалсафаи ӯ, номи мактаб ва таълимоти ӯро перипатетика номиданд [147,373].

Инчунин, вожаи «перипатетикҳо» чунин маънидод шудааст: «гурӯҳе аз файласуфони Юнони Қадим, ки масъалаҳои мураккаби фалсафиро бо роҳи музокираву мусоҳиба ҳал макарданд; пайравони Арасту, перипатетикҳо шинохта шудаанд» [148,662].

Таълимоти арастуӣ ба шарофати унсурҳои ба худ хоси реализм ва ақлии хоса зоҳиршуда, ҳамчун чизи равшан аз ҷаҳонбинии ҳукмрони динӣ фарқ мекард. Он дар Шарқ дар ду самт: ба воситаи тафсири тамоюлҳои материалистии фалсафаи Арасту ва ақидаҳои теологии ӯ паҳн шуд. Тадқиқотҳои таърихӣ ва фалсафӣ таъкид мекунанд, ки он таълимоти машшоияи шарқиро ба вуҷуд оварда, ба аристотелизми «навафлотунияшуда» асос ёфтааст.

Машшоия, ҳамчун таълимоти асосӣ ва пешқадами тафаккури фалсафии давр, дар осори файласуфони асримиёнагӣ, бавижа ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ ва Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Мир Домод, Ибни Рушди Андалусӣ, Ибн Боҷаи Андалусӣ моҳияти аслии хешро шиносонид. Саҳми бузурги Ибни Сино ин буд, ки илова бар шарҳу тафсири мактаби Арасту як назари мустақили фалсафиро худ бунёдгузорӣ кард. Маҳз Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон принсипҳои асосии фалсафаи машшоияро такмил дода, таълифоти онҳо дар андешаву афкори олимону мутафаккирони баъдии Шарқу Ғарб такони ҷиддӣ бахшид. Бозгӯии масоили ҳастишиносӣ ҳам дар шинохти ратсионалӣ ва ҳам аз рӯи ақоиди динӣ омили пайдоиши мубоҳисаҳои тӯлонӣ гардид ва бозёфтҳои тозае ҳам ба бор овард.

«Намояндаи барҷастаи перипатетизми шарқӣ ал-Форобӣ нахустин шуда барои ҳалли консептуалии масъалаи робитаи фалсафа ва дин кӯшиш кардааст. Фалсафа ва дин, ба ақидаи «Муаллими сонӣ», пас аз он

пайдо мешаванд, ки одамон «санъатҳои амалӣ»-ро аз худ намуда, сабабҳои пайдоиши ашёи атрофро фаҳманд. Тафаккуре, ки ба қонеъ гардонидани ин хоҳиш нигаронида шудааст, дар инкишофи худ якчанд марҳилаҳоро паси сар карда, аз дониши камэътимод ба эътимоди бештар мерасад» [295,195].

Пайдоиши фалсафаи машшоия дар асрҳои миёна бозёфте буд, ки мақоми олимону донишмандони илм ва намояндагони дини исломро муайян намуд. Фалсафаи машшоия, аз як тараф, ҳамчун ҳикмати файласуфони юнонзамин дар фарҳанги миллии мо таҳаввул ва ташаккул ёфта бошад, аз ҷониби дигар, сабаби пайдоиши ҷараёнҳои гуногуни динию фалсафӣ (аз ҷумла, калом, тасаввуф, исмоилия, ишроқ ва ғ.) ва баҳсҳои тӯлонии идроку ҳушёрии намояндагони илм ва дин гардид.

Ин мактаби фалсафаи машшоия, пас аз ба забони арабӣ тарҷума шудани осори пурғановати мутафаккирони барҷастаи Юнони Қадим – Суқрот, Афлотун, Арасту ва чанде дигарон, ба ҷаҳони ислом ворид гардида, тавассути мутафаккирон ва файласуфони бузурги асримиёнагӣ, монанди Ибни Рушд, ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ, Умари Хайём ва бархе дигарон такомул ёфт, аммо дар байни файласуфони мактаби машшоия мақоми Ибни Сино баланд дониста мешавад.

Хусусияти паҳншавии аристотелизм дар он буд, ки файласуфони Шарқи Наздик ва Миёна синтези акидаҳои Афлотун ва Арастуро қабул намуда, тавонистаанд онро такмил диҳанд. Масалан, Ибни Сино баръакси ал-Киндӣ, масъалаи азалияту абадияти оламро ҳамчун тарафдори таълимоти арастуӣ шарҳ дода, тавонист моҳияти таълимоти фалсафӣ ва тафаккури мантиқиву шаклии Арастуро ба намояндагони дини ислом ошно созад, инчунин, ҷанбаҳои мухталифи илмҳои мантиқ, табииёт ва фалсафаи назариро такомул диҳад ва барои ояндагони он мероси арзишманде гардад.

Асарҳои Арасту, ки арзишмандтарин осори Юнони Қадим маҳсуб меёбанд, қариб ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти маънавию фалсафӣ, сиёсӣ, ахлоқию иҷтимоӣ ва фарҳангии инсониятро фарогир мебошанд. Бахусус, таълимоти машшоияи ӯ ба тафаккуру андешаҳои олимони асримиёнагии тоҷик таъсири босазо гузошт. Ин таъсирот боиси он гардид, ки дар пайравии он, таълимоти ғояҳову бозёфтҳои нав ба нав ва асарҳои безаволе офарида шаванд.

Албатта, дини ислом, ки дини ҳукмрони давраи мазкур буд, бар зидди ақоиди фалсафӣ истодагарӣ менамуд. Хусусиятҳои ҳаёти маънавию фалсафии Шарқи асримиёнагиро таҳқиқ намуда, файласуфи россиягӣ Г. Майоров дуруст мегӯяд: «Новобаста аз мавқеи файласуфи асримиёнагӣ, таваҷҷуҳи амиқи вай нисбат ба дин ва теология зоҳир мешавад, ҳоҳ нигаронӣ аз хидматгори дин шудани фалсафа, ки хоси асрҳои ибтидоии асрҳои миёна буд ва ё нигаронӣ аз он ки чи тавр, дар баробари нигоҳ доштани садоқат ба дин, фалсафаро аз таъсири васоятҳои теологии охири асрҳои миёна озод намояд»[168,432].

Аз ин хотир, файласуфони ислом роҳҳои ҳамдигарфаҳмиро ҷустуҷӯ мекарданд, ба андозае ба илоҳиёт гузашт карда, таълимоти хешро бо баъзе нуктаҳои афкори динӣ пардапӯш менамуданд. Ин масъаларо файласуфи тоҷик С. Ҷонбобоев ҳам қонибдорӣ ва таъкид намудааст [345,56].

Таълифоти арзишманди Арасту барои ҷаҳонбинии фалсафии оламиён, бавижа олимони тоҷики Мовароуннаҳру Хуросони асрҳои X-XII нақши муайяне бозидааст. Ӯ фалсафаро ду қисмат карда буд:

-фалсафаи назариявӣ, ки масоили ҳастӣ, паҳлӯҳои гуногуни он, таҳаввули мавҷудот, сабабҳои зуҳуроти мухталифро дар бар мегирад ва он аз се қисмат иборат аст: табииёт, риёзиёт, илоҳиёт;

-фалсафаи амалӣ, ки хайру шарри зиндагӣ, давлатдорӣ, оиладорӣ ва рисолати дуруст зистанро меомӯзад. Ин ҳам бар се қисмат аст: сиёсат, иқтисодиёт ва ахлоқ.

Дар сохтори фалсафии Арасту масъалаи ҳастишиносӣ ҷойгоҳи хоса дорад, ки баҳрамандӣ аз он дар осори файласуфони асримиёнагии тоҷик, бахусус ал-Киндӣ, Абӯнасри Форобӣ ва Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, Мир Домод, Ибни Рушди Андалусӣ, Ибн Боҷаи Андалусӣ ба назар мерасад. Ҳастӣ (вуҷудшиносӣ) чун оғози ҳама чиз, мафҳумест, ки аз рӯи ақидаи файласуфони машшоияи шарқӣ, дарки он берун аз мавҷуд муяссар мешавад.

«Онтология дар асл ҳеҷ гоҳ илми мавҳумӣ (спекулятивӣ) набуд. Вай на танҳо ба дедуксия, балки ба индуксия, аналогия, донишҳои эмпирикӣ дар бораи олам ва инсон, ба эътикоду маърифати ҳадсӣ такя карда, талаботи идеологии ҷамъиятро конеъ мегардонд. Бо вуҷуди ин, онтология кӯшиш мекард, ки тафаккури натурфалсафиро нисбат ба вижагиҳои таҳқиқоти фанҳои табиӣ воло гузорад» [218,4].

Онтологияи машшоияи шарқӣ ба назарияи эманатсияи навафлотуния такя мекунад. Намояндагони машшоия ин назарияро такрор намуда, бо бархе аз бозёфтҳо ва навгониҳо дар таълимоти хеш ҷой додаанд. Ҳарчанд сайри таърихии мактаби машшоия аз Испания то ба Осиёи Миёна доман паҳн кардааст, вале дар ин зербоб (ба ҷуз Ал-Киндӣ), бештар ба афкори намояндагони тоҷикзабони он таваҷҷуҳ намудем, ки таълимоти онҳо дар байни дигар файласуфони олам бартарӣ дорад.

Сардафтари фалсафаи машшоия Абӯюсуф Яъқуб ибни Исҳоқ ал-Киндӣ (800-879 м., Басра) дар ҷаҳони ислом аввалин шуда, ба асарҳои фалсафии Арасту таваҷҷуҳи хос зоҳир кардааст. Вай навишта буд, ки «Барои дарёфти ҳақиқат новобаста аз он ки аз куҷо таҳаввул мекунад, мо набояд шарм кунем... Баъзеҳо аз рӯи ҳасад имони худро мефурӯшанд.

Барои шахсе, ки ҳақиқатро меҷӯяд, чизи хубтаре нест аз худи ҳақиқат ва набояд ба ҳақиқат беэътиноӣ кунед» [59,59-60]. Ӯ асосгузори фалсафаи машшоия дар фалсафаи араб ва умуман, кишварҳои исломи Шарқӣ гардидааст. «ал-Киндӣ аввалин файласуфи исломист, ки дар мубоҳисоти фалсафии худ таълимоти исломро низ мадди назар доштааст. Яъне, ӯ аввалин файласуфест, ки андешаҳои файласуфони Юнонро бо андешаҳои исломӣ созгор сохт» [7,285].

Баргузидатарин намояндаи мактаби машшоия, файласуфи асримиёнагии тоҷик Абӯнасри Форобӣ (870м.) буд. Яке аз ҷанбаҳои муҳими фаъолияти Абӯнасри Форобӣ таҳлили таърихӣ ва фалсафии мероси қадимӣ буд. Ӯ ба осори Афлотун ва Арасту таваҷҷуҳи хоса намуда, мехост на фарқияти онҳоро, балки монандии умумии таълимоти онҳоро таъкид кунад. Абӯнасри Форобӣ аз зумраи нахустин машшоиёни шарқие буд, ки ба осори Арасту оид ба мантиқ, диалектика, риторика, назмшиносӣ шарҳ навишта, бартарии донишҳои фалсафиро бар дигар анвои илм таъкид менамояд. Абӯнасри Форобӣ барои хуб фаро гирифтану инкишоф додани таълимоти Арасту, бо унвонҳои «Муаллими сонӣ» ва «Арастуи Шарқ» машҳур гардидааст. Таълифоти Абӯнасри Форобӣ, на танҳо барои камолоти маънавии Ибни Сино ва дигар ҳакимони машшоия таъсири бузург гузоштааст, балки барои рушду нумуи ояндаи фалсафа, тарзи оқилонаи давлатдорӣ, барои ғановати маънавиёту ахлоқи шоистаи мардуми олам, то ба имрӯз, манфиатрасон боқӣ мондааст.

Метафизика дар таълимоти машшоия мақоми хосае дошт, аз ин хотир, дар асрҳои миёна файласуфони машшоияро чун файласуфони метафизик қабул кардаанд.

Дар асари «Мобаъдуттабиа» Форобӣ бархе аз нуктаҳои камэътибордодаи «муаллими аввал» - Арасту ва масоили ҳалталаби фалсафаро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Вай ҷанбаҳои гносеологӣ ва

онтологии нахустфалсафаро, ки Арасту рӯшан насохта буд, ифшо менамояд. Ҷанбаи аввал дар зербоби дуввуми асари мазкур муайян гардидааст, ки дар он асосҳои мантиқ, риёзиёт ва табииёт нишон дода шуда, моҳият ва вижагиҳои ин илмҳо таъкид гардидаанд. Ин ҷанбаи метафизика назарияи донишҳои илмиро созмон медиҳад, аммо бахши муҳими он бахши онтологии метафизика мебошад, ки дар зербоби саввум ҷой дода шуда, оид ба мавҷуди ғайримодӣ (ба монанди Худо) сухан меравад. Арасту дар нахустфалсафа нақши Худоро чун муҳаррики аввал таъкид намуда, ин бахшро илоҳиёт номида буд [35,173].

Бояд хотиррасон намуд, ки Арасту «Илоҳиёт» -ро дар бахши чоруми қисмати назариявии фалсафа ҷой дода, оламро қадим мешуморид, вале Худоро холиқ намедонист ва Ӯро ҳамчун мавҷуди сокину беҳаракате мешуморид, ки умури ҷаҳонро назоратгар асту танҳо нақши қаҳраборо дорад.

Ҳарчанд Ибни Сино бархе аз нуқтаи назари Арасту ва дигар файласуфони қадимро инкор менамояд, вале таълимоти ӯро бештар ҷонибдорӣ кардааст. Масалан, фарзияҳое, ки Шайхурраис пазируфтааст, аз инҳо иборатанд:

- Арасту дар фалсафаи худ, ҳақиқати ҳар чизро, ки асл (ҷавҳар) аст, бо сифоти он ки зоҳир (араз) аст, таъриф мекунад. Вуҷуди ҷавҳар қоим ба зот аст, вуҷуди араз қоим ба ғайр. Араз низ бар нӯҳ қисм тақсим мегардад, ки бо илова амудани ҷавҳар маҷмӯоти онҳоро мақулоти даҳгона меноманд.

«Ин бахшҳоро мақулоти арастуӣ ташкил медиҳад, ки Ибни Сино онҳоро ба иқтибос гирифтааст. Ин мақулоти даҳгона мебошанд. Якеаш ҷавҳар ва нуҳтои боқимондааш аразанд.

1. Каммӣ (миқдор), мисли дарозӣ - кутоҳӣ, мисли калон ва хурд.

2. Кайфӣ (сифат), мисли ранг ва намуд.

3. Изофа, мисли писар ба падар ва нисф ба чаҳоряк.

4. Айна (куҷойӣ), мисли, хона ва бозор.

5. Мато (кайӣ), мисли дирӯз ва пагоҳ.

6. Вазъ, мисли нишаста ва истода.

7. Мулк (соҳибият), мисли дорандаи силоҳ.

8. Феъл-мисли навиштан ва хондан.

9. Инфиъол (кори иҷрошуда), мактуб ва мақрӯъ (хондашуда)» [268,106-107].

- Масъалаи дигари муҳим, дар ҳикмати Арасту, баҳси қувва ва феъл аст. Дар ин асос, ҷаҳон дарбаргирандаи қувваҳо ва феълият ва мадори гардиши олам бар асос ва ба феълият расидани қувваҳо мебошад. Вуҷуди билқувва ба модда аст ва феълияти он ба сурат аст.

-Мавзуи дигари муҳим, дар фалсафаи машшоияи арастуӣ масъалаи модда ва сурат аст. Бар асоси таълимоти Арасту ва пайравони мактаби ӯ ҷавҳари ҷисмонӣ мураккаб аз модда ва сурат аст. Модда ҳайсияти қувваи ҷисм аст ва сурат ҳайсияти феълияти онҳост. Фалсафаи ин вуҷуде, ки моддаи ҳама мавҷудот ва ҳастии он ибдоӣ аст, аз моддаи қаблӣ падид наёмада, моддатулмаъво ё «ҳаюлои аввалӣ» шинохта шудааст. Ҳаюлои аввалӣ ҷавҳари феълиятдоре мебошад, ки метавонад навъе ҷавҳари ҷисмонӣ бошад. Модда ва шакл ба ақидаи Ибни Сино сабаби ботинии ҳастии ашё мебошанд. Пайдо шудани шамшер дар оҳан ҳамчун имкон мавҷуд аст, аммо дар дигар мавод, масалан, дар чуб, имкон надорад (ба истилоҳи Ибни Сино - нестӣ) Оҳан барои шамшер нахуст модда мешавад, аммо чӯб ё пашм не. Агар дар нахустмабдаъ шакли муайян мавҷуд бошад, пас он субстрат хоҳад буд. Ба ғайр аз ботинӣ сабабҳои зоҳирӣ низ мавҷуданд. Ин ба сабабҳои фаъол ва мақсаднок дахл дорад. Мақсад он чизест, ки «чаро сохта шудан» -и чизеро муайян мекунад, то амал беҳуда набошад. Сабаби мақсадӣ занҷири ҳаракат, тағйир ва инкишофро бо ҳам мепайвандад. Саг аз ҳамин сабаб сагбача таваллуд мекунад, на баррача.

-Яке аз таълимоти дигари мактаби машшоияи асрастуӣ масъалаи баҳси сабабияти чаҳоргона аст, ки айнан дар таълифоти Ибни Сино такрор гардидаанд. Ин иллатҳо (сабабҳо) иборатанд аз:

1.Иллати унсурӣ (модӣ), яъне моддаи ташкилдиҳандаи як ҷисм аст. Иллати модӣ моддаи ташкилдиҳандаи маводи хом аст, ки чиз аз он ташкил ёфтааст. Масалан: мис дар ҳайкали мисин, ё санг дар бино. Ба андешаи Ибни Сино: модда қувваи потенсиалӣ (билқувва) аст, яъне чизест, ки метавонад шакл гирад, аммо бе сурат вуҷудаш нопурра ва нофеъ аст.

2. Иллати суварӣ, ташаккул ва созмонёфтагии он ҷисм мебошад. «Сурат гоҳ моҳиятеро мегӯянд, ки чун дар модда ҳосил шавад, онро навъ месозад ва худи навъро ҳам сурат мегӯянд. Ва шаклро ҳам, билхусус сурат мехонанд ва ҳайати иҷтимоияро ҳам сурат меноманд… Сурат, ки яке аз мабодии ҷисм аст, он ҷузъе аз мураккаб аст, ки ӯро феълият медиҳад, зеро ки модда ҷисмро феълият намедиҳад ва вуҷудаш ба танҳоӣ кофӣ нест, барои ин ки чизе билфеъл мавҷуд бошад ва фақат билқувва хоҳад буд ва билфеъл буданаш ба сабаби вуҷуди сурат аст» [17,55]. Иллати суратӣ ин *шакл ва таркиби моҳият аст. С*урат аст, ки ба модда шакл ва навъият мебахшад, яъне чизи муайян ва феълиятдорро месозад. Ба ақидаи Ибни Сино модда танҳо *билқувва* аст ва танҳо бо сурат он ба *билфеъл* (воқеӣ) табдил меёбад. Сурат ҳам шакл, ҳам моҳият ва ҳам тартиб ва созмон аст. Яъне, ҳар гоҳ модда сурат ба худ гирад, чизе воқеан «мавҷуд» мешавад, ки он на танҳо тасаввурӣ аст.

3. Иллати фоилӣ, яъне сонеъ ва созандаи он мавҷуд аст. «Фоил онро гӯянд, ки дар чизи дигаре ғайр аз худ аз ҷиҳати ин ки ғайри худи ӯст, мабдаи ҳаракат шавад. Ва мақсуд аз ҳаракат дар ин ҷо ҳар қисм феълият ёфтани қувва аст дар модда» [17,52]. Иллати фоилӣ саб*аби таҳрикдиҳанда ё феълкунанда аст.* Яъне, он чизе, ки ҳаракат ё падид омадани чизро сабаб шудааст. Масалан: меъмор сабаби бунёди бино,

омӯзгор сабаби маърифатандӯзии талаба. Ибни Сино таъкид мекунад, ки фоил он аст, ки «мабдаъи ҳаракат» аст, яъне аввалин сабаб, ки қувваро ба феълият меорад. Ибни Сино ба силсилаи илал бовар дорад, ки дар он ҳар фоил худаш ба фоили дигар бармегардад, то ки ба Фоили Аввал (Худо) расад.

4. Иллати ғоӣ, яъне амре, ки ангезаи таҳқиқи он мавҷуд аст. «…ғоят амрест, ки сурат ба ҷиҳати ӯ дар модда ҳосил мешавад ва он хайри ҳақиқӣ аст ё хайри гумонӣ, зеро ҳар ҳаракате, ки аз он фоили биззот на билараз сар бизанад, аз ӯ хайрро манзур дорад нисбат ба худ ва онгоҳ ба ҳақиқат аст, гоҳ ба гумон, яъне хайр хаст, ё гумон меравад, ки хайр аст» [17,56]. Иллати ғоӣ ин *мақсад ё ҳадаф аст.* Ба суолҳои чаро чизе ба вуҷуд омадааст? Ба кадом мақсад? Ҷавоб медиҳад. Масалан: хона барои зиндагӣ сохта мешавад; табобат барои сиҳат шудан. Ба аедешаи Ибни Сино ғоят «хайри манзур» аст, яъне ҳадафест, ки сонеъ (эҷодгар, созанда) ба он назар дорад ва барои расидан ба он амали худро анҷом медиҳад. Ҳаракате, ки «биззот» аст, на «билараз» (ба тасодуф), албатта бо ҳадаф сурат мегирад. Ин ба маънои таълимоти телеологӣ (мақсадгароӣ) аст, ки ҳама чиз барои ҳадафе ҳаст.

Ибни Сино ин таълимоти машҳури Арасту - и*ллатҳои чаҳоргонаро* дар осори худ, махсусан дар бахшҳои *Шифо*, *Наҷот* ва *Табииёт* бо тафсил шарҳ медиҳад. Вай чунин ақида дорад, ки ҳар мавҷудоти модӣ (ҷисмонӣ) бо чаҳор навъ сабаб вуҷуд пайдо мекунад. Ибни Сино бо эҳё ва тавсиаи таълимоти Арасту дар бораи иллатҳои чаҳоргона, онҳоро на танҳо барои табиати ҷисмонӣ, балки барои фаҳми Худо, нафс ва олами маънавӣ низ татбиқ мекунад. Ӯ ҳар як падидаро бо ин чаҳор таъриф таҳлил мекунад, то ки на танҳо «чӣ ҳаст?» балки «чаро ҳаст?» ва «чӣ гуна шудааст?» равшан гардад.

Масъалаи дигари муҳим, дар машшоия, мавзуи ошкор сохтани сурати мутлақ (зоти борӣ, ақли кулл ё иллатулилал) аст, ки як навъ

гароиш ба теосентризми динӣ мебошад. Модда пайваста барои камолоту фаъолият ва интиҳои хеш, яъне ба камоли мутлақ ҳаракат мекунад. Камоли мутлақ ҳамон аст, ки фаъолияти маҳз аст ва ҳеҷ амри билқуввае дар вуҷуди ӯ нест. Ин камоли мутлақ сабаби сабабҳо аст, ки манбаи ҳаракату инкишофи тамоми олам ва сабаби гардиши ҳама узвҳои олам мебошад. Бинобар ин, ҳама олам ба сӯи ин ҳақиқату камоли мутлақ дар ҳаракат аст.

Ибни Сино ҳастиро ба Воҷибулвуҷуд (Худо ҳастии воҷиб) ва имконулвуҷуд (ҳодисаҳои аз Воҷиб содиршаванда, ҳастии имкон) тақсим менамояд. Ӯ воҷибро зарур ва имконро баръакси он донистааст, вале вуҷуди имконро инкор накардааст. Яъне, «Ҳар чи ба худ мумтанеъ (номумкин) бувад, нашояд, ки ҳаргиз мавҷуд бувад» [19,65]. Худо имконро он вақт ба воқеият мубаддал месозад, ки он билқувват вуҷуд дошта бошад, аз ин рӯ, ҳастии имконро монанди ҳастии Воҷиб азалӣ ва қадим номидан мумкин аст. Ҳастии Худо аз рӯи зарурати ашёи офаридааш сабаби мутлақу зарурии ҳамаи сабабҳои ҳастии имкон мебошад. Ибни Сино нисбат ба тафсири амали офариниш назари худро дорад. Судур, ба назари ӯ, амали ихтиёрӣ нест, ки дар замони пеш аз абадият сурат мегирад. Ба андешаи ӯ чунин тавзеҳ доираи мавҷудияти Худоро маҳдуд карда, Ӯро аз комилияти онтологӣ ва ба ин васила, аз худи ҳақиқати онтологӣ маҳрум мекунад. Худо ягона аст. «Воҷибулвуҷуд» моҳият, ҷинс, зербоб, ҳад ва ҳамто надошта, аз модда низ озод аст ва зид надорад» [11,511]. Ҳама чиз ҳарчанд озод бошад ҳам, на танҳо як амали ихтиёрии маънавӣ, иродаи маънавӣ низ дар Ӯ мутамарказ шудааст. Ибни Сино далели мантиқӣ меоварад, ки Худо ба ҳақиқат як аст ва дигар ҳамаи чизҳо Воҷибулвуҷуд нестанд, яъне ҳастии дигар чизҳо сабаб доранд. «Пас, ҳар маълуле ба Воҷибулвуҷуд расанд ва Воҷибулвуҷуд яке аст. Пас, ҳамаи маълулот ва мумкинот ба яке Воҷибулвуҷуд расанд» [10,156]. Ин ҷо Ибни Сино бо истифода аз усули

далели имкон ва вуҷуб, ки баъдтар дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, махсусан дар мактаби исфаҳонӣ ва фалсафаи садриёна (Садруддин Шерозӣ), хеле амиқ таҳия шуд, масъалаи ҳастии Худоро баён мекунад. Воҷибулвуҷуд (яъне мавҷуде, ки вуҷуди ӯ ғайри қобили инкор аст ва бе ягон сабабе аз хориҷ ҳаст дорад) дар мантиқи Ибни Сино фақат Худо буда метавонад. Ҳар мавҷуди дигаре, ки мавҷудият дорад, мумкин-ул-вуҷуд аст, яъне вуҷуди ӯ на ҳатмӣ ва на маҳол (нағайриимкон), балки мумкин аст ва ниёз ба сабаб дорад. Аз ин лиҳоз, ҳама чиз дар зери категорияи «маълул» (натиҷа) қарор дорад ва танҳо як иллат, яъне Худо, Воҷибулвуҷуд ва сабаби аввал мебошад. Ҳамин тарз, Ибни Сино силсилаи иллатҳоро ба иллати аввал, ки Худо аст, мерасонад.

Ду навъ будани имконро Сино дар рисолаи «Тақсим-ул-мавҷудот» тавзеҳ додааст: нахуст имкони воҷиб, ҳастиаш ҳатмӣ буда, он мавҷудоти ақлҳои муфориқ, нафс ва ҷирмҳои осмониро ва дигаре, имкони басит, ки махлуққҳои таҳти қамар, яъне ҷавҳарҳои мураккабро дар бар мегиранд [120,124].

Ин ҷудокунии имконот як тақсими метафизикӣ ва онтологӣ аст, ки Ибни Сино дар рисолаи «Тақсим-ул-мавҷудот» зикр кардааст. Ӯ ба тафриқаи байни ду навъи мавҷудот асос мегузорад, ки метавон чунин тавзеҳ дод:

а) имкони воҷиб (дар ин ҷо «имкон» ба маънои ҳастии азалӣ аст):

- мавҷудоти беҷисм ва зеҳнӣ, ки ҳастии онҳо зарурӣ, вале на ба монанди Худо мустақил аст;

- ақлҳои муфориқ, нафсҳо ва ашёи осмонӣ (Ибни Сино космологияи арастуиро қабул кардааст).

б) имкони басит:

- ҳастии модӣ ва мураккаб, ки ба тағйир, фано ва вақт тобеъ аст;

- инҳо махлуққҳои таҳти қамар (дар зери осмон) ҳастанд, яъне олами модӣ ва таҷрибавӣ, аз ҷумла инсон, ҳайвонот, наботот ва чизи модӣ.

Метавон хулоса намуд, ки Ибни Сино фалсафаи ҳастиро аз таҷриба ҷудо мекунад ва воқеиятро ба ду навъ фарқ мегузорад: воқеияти илоҳӣ ва ақлонӣ ва воқеияти модӣ ва таҷрибавӣ. Дар ин нукта, мантиқ ва фалсафа барои Ибни Сино василаҳои тафсир ва кашфи ҳақиқатанд, на танҳо абзорҳои риёзӣ ва таҳлилӣ. Мафҳуми маълул ва иллат аз ҷиҳати фалсафӣ, шабеҳи системаи контингентӣ аст, ки ҳар чизе вобаста ба чизе дигар аст, ба ғайр аз Худо. Ибни Сино бо риёзати мантиқӣ ва таҳлили метафизикӣ мехоҳад ба як ҳақиқати ягона ва иллати аввал бирасад. Андешаҳои ӯ илмӣ (мантиқӣ) ва фалсафӣ (онтологӣ) аст, ки тавассути далелҳои ақлонӣ ҳақиқати вуҷуд ва моҳияти Худоро нишон медиҳад. Тақсими вуҷудот ва имконот низ нишон медиҳад, ки фалсафаи ӯ дорои як системаи мукаммали иртиботи ҳастӣ аст, яъне аз Худо то ба ҳадди мавҷуди модӣ.

Машшоиён мантиқро чун методологияи тадқиқи илмӣ дониста, масъалаҳои асосии он – мафҳум, қазия, қиёс, бурҳон ва ғайраро ҳарҷониба таҳлил намудаанд. Вале хизмати бузурги онҳо дар ин соҳа аз он иборат аст, ки як қатор шаклҳои нави қиёсро (Ибни Сино) ихтироъ намуда, дар кашфи мантиқи риёзӣ (Абулбаракоти Бағдодӣ, Насируддини Тӯсӣ) бозёфтҳо намуданд. Аз тавсифи мухтасари принсипҳои асосии фалсафа ва сотсиологияи машшоия дар назари аввал чунин вонамуд мешавад, ки машшоиёни шарқӣ нисбат ба фалсафаи Юнони Қадим ғоя ва ақидаи наве баён накарданд. Вале, дар асл ин тавр нест, зеро онҳо як силсила масъалаҳоеро ба миён гузошта мавриди баҳс қарор доданд, ки дар фалсафаи бостонӣ вуҷуд надоштанд, ё ки фақат номбар шудаанд. Чунончи, масъалаи таносуби илму дин, ақли фаъол ва мунфаил, ҳукумати динию дуньявӣ, рӯҳониёт ва ҷисмониёт, масъалаи нубувват ва ғайра аз ҳамин қабиланд, ки дар осори машшоиён мавриди муҳокимаи васеъ қарор гирифтаанд ва ҳалли онҳо ба системаҳои фалсафаи машшоия тағйироти ҷиддӣ овардааст. Машшоиён дар соҳаҳои

гуногуни илмҳои табиатшиносӣ ҳам комёбиҳои зиёд ба даст оварда буданд.

Фалсафаи машшоия ҳикматро ба ду қисм ҷудо намудаанд: назарӣ ва амалӣ [16,101]. «Мавҷудоте, ки мавзуи баҳси ҳакимон аст, ё бо қудрати инсон ва ихтиёри ӯст ва ин мавзуъ ҳикмати амалӣ ном дорад. Мавзуе, ки дар қудрати инсон ва ихтиёри ӯ нест ва ин мавзуъ ҳикмати назарӣ ном дорад» [307,32-33].

Машшоиён илми амалиро ҳам ба се қисм ҷудо кардаанд: ба умуре, ки тааллуқ ба шахси воҳиде дорад ва онро илми ахлоқ, ҳикмати хулқия, илми тадбири манзил ва илми сиёсат меноманд.

Ҳикмати назарӣ, ба маънои «фаҳми воқеият ба хотири худи он», ба шохаи донишҳое дахл дорад, ки ҳадафашон фаҳми ҳақиқати ашё аст, на амалиёт ё татбиқ. Аз ҷумла:

- Илми табиӣ
- Илми риёзӣ (авсат)
- Илми илоҳӣ [187,6]

1. Аз рӯи таҳлили фалсафӣ ва илмӣ ҳикмати табиӣ ё илми аданӣ (физика) ба таҳқиқи мавҷудоте мепардозад, ки ҳам дар воқеият (хориҷ) ва ҳам дар зеҳн, модда ва ҳаракат доранд. Мисол: санг, об, инсон, ҳайвонот, осмон, унсурҳои табиӣ ва ғ. Ба он хотир ниёз ба модда надоранд, ки тасаввур кардани ҷисми табиӣ, мисли дарахт ё инсон, бе хусусиятҳои модӣ ғайримумкин аст. Масалан: андоза, шакл, ҳаракат, вазн. Ин мавҷудот дар хориҷ, дар воқеият бидуни модда ва ҳаракат вуҷуд дошта наметавонанд. Яъне, онҳо вобаста ба моддаанд. Ниҳоят, ҳикмати табиӣ ба омӯхтани мавҷудоти модӣ ва ҳаракатнок мепардозад, ки ҳам барои зеҳн ва ҳам барои воқеият, модда зарур аст. Аз ин рӯ, ин илмро дар пояи вобастагии комил ба модда мешиносанд, дар муқоиса бо ду илми дигари назарӣ» [307,38].

«Машшоиён фурӯи илми табииро ба 7 тақсим кардаанд: тиб, аҳкоми нуҷум, илми фаросат, илми таъбири рӯъё, тилисмот, найранҷот, кимиё» [441,38]. Машшоиён ин илмҳоро, ҳарчанд баъзеашон ғайрирасмӣ ё каме асроромезанд, шохаҳои табиатшиносӣ мешумурданд, зеро бо тағйирот ва таъсири модӣ ва табиӣ сару кор доранд. Машшоиён бахшҳои табиатро васеътар ба назар мегиранд: онҳо танҳо ба физикаи маъмулии ҳаракату ҷисм қонеъ нестанд, балки ба он чӣ ки дар зери зоҳир, дар нафс ва ҳатто дар аъмоли рамзнок мегузарад, таваҷҷуҳ доранд.

Ибни Сино андешаҳои ҳикмати табииро дар фаъолияти тиббӣ низ истифода кардааст. Ҳарчанд метавон гуфт, ки ӯ бисёр мавқеъҳои назариявии худро аз амалияи шифобахшии одамон гирифтааст. Дар баробари ин Ибни Сино, новобаста ба дониши нав, ки он фарзия пеш меовард, ҳамеша ба ҳақиқат рӯ меовард. Ӯ таълимоти Арастуро оид ба чор сабаб (шакл, модда, ҳаракат ва мақсад) дар «Қонуни тиб» истифода кардааст.

Сабабҳои модӣ дар равшан кардани ҳолат ва тағирёбии узвҳо, шуш ва луоб (оби меъда)-и ҷузъҳои таркибии онҳо иштирок мекунанд.

Сабабҳои муассир равшангари ҳама омилҳои имконпазири ботинию зоҳирӣ мебошанд, ки метавонанд ҳолати ҷисми инсонро тағйир диҳанд ё ин ҳолатҳоро дар шакли муқаррарӣ нигоҳ доранд. Ба онҳо, масалан, иқлим, нӯшокӣ, ғизо, шароити зиндагӣ, фаъолият, синну сол, ҷинс, касб дохил мешаванд.

Сабабҳои қувваҳо (ҳаракат, вазифаҳо) тағйироти органикиро муайян мекунанд, ки бо ҳолат ё тағирёбии омехтаи «об» -и дар ҷисм мавҷудбуда — хун, сафраи зард, луоб, зардаи сиёҳ.

Донистани сабабҳои мақсаднок имкон медиҳад, ки ҳолат ва вазифаҳои узвҳои ба «қувваҳо» алоқаманд ва интиқолдиҳандаи онҳо – шуш муайян карда шавад. Тибби муосир хизмати Ибни Синоро дар он

далел медонад, ки ӯ сабабҳои дохилию беруниро дар пайдоиши бемориҳо муайян намуда, бозьёфтҳои минбаъдаро пешбинӣ мекард.

«Машшоиён усули илми табииро ҳашт қисмат намудаанд:

1. Шинохти мабодии мутағаййирот;
2. Шинохти аҷсоми басит ва мураккаб;
3. Шинохти аркон ва аносир;
4. Шинохти асбоб ва иллати ҳудус ва ҳаводиси ҷисмонӣ ва заминӣ;
5. Шинохти мураккабот ва кайфиёти онҳо;
6. Шинохти аҷсоми номия ва нуфус ва қавои онҳо;
7. Шинохти аҳволи аҷсоми мутаҳаррик ба ҳаракати иродӣ;
8. Шинохти аҳволи нафси нотиқаи инсонӣ» [307,35-36].

Шарҳи ин ҳашт қисматро метавон ингун таҳлилу тавзеҳ дод:

1. Шинохти мабодии мутағаййирот: мавзуе, ки ба таҳқиқи тағйирот ва ҳаракат дар мавҷудот ва табиат мепардозад. Ин шомили омӯхтани вақт, замон ва ҳаракат аст, ки дар фалсафа чун анвоъи сохти модӣ ва динамикӣ баррасӣ мешавад.

2. Шинохти аҷсоми басит ва мураккаб: махсусан, бахшҳои маъруфи анатомия ва биология. Барои фаҳмидани мавҷудоти мураккаб (мисли организмҳо, аз ҷумла инсон) ва бассит (монанди атомҳо, унсурҳо).

Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик, аҷсоми басит ва мураккаб бо назарияи модда ва маънӣ ҳамбастагӣ доранд. Аҷсоми басит дар назарияҳои метафизика барои тасаввур кардани хосиятҳо ва сабабҳо истифода мешаванд, ки дар онҳо «ҷисм» на танҳо мавҷудот, балки тамоми унсурҳои вуҷудро дар бар мегирад. Мисол: ҳаво, оташ, миёнаи ҷисмҳои ғайри зинда, ки танҳо моддае дар таркиби худ доранд. Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҳамин гуна мавҷудот раванди соддаи асосии ҳастӣ ва вуҷуд мебошанд.

Аҷсоми мураккаб на танҳо ҷисмҳо, балки муносибатҳо ва муодилаҳо дар байни қисматҳо мебошад. Масалан, махлуқоти зинда (ҳайвонот, инсонҳо), Гиреҳи химиявии молекулаҳо, масалан, об (H_2O) як ҷисм мураккаб аст, ки аз ду атоми гидроген ва як атоми кислород сохта шудааст, одам ва дигар мавҷудоти биологӣ.

3. Шинохти аркон ва аносир: машшоиён ба хулосае омада буданд, ки тамоми мавҷудот аз аносир (суратҳои аввалия, ки онҳоро дар он вақт 4 ё 5 унсур мешумориданд: об, ҳаво, оташ ва замин) ва аркон (сафҳаҳои асосӣ ё кутуби структуралӣ) ташкил ёфтаанд.

4. Шинохти асбоб ва иллати ҳудус ва ҳаводиси осмонӣ ва заминӣ: ба ин бахш омӯзиши қувваҳои табиӣ, ки бо мавҷудоти заминӣ ва сабабҳо ё ҳаводиси табиӣ дар олам муайян мешаванд, дахл мекунад. Масалан, омӯхтани зилзилаҳо, буришҳои баҳрӣ ва ғ.

5. Шинохти мураккабот ва кайфиёти онҳо: мавзуи трансмутатсия ё тағйирот дар системаи табиӣ, ки табиат дар мураккабии ҷисмҳо ва кайфиёт (мисли шиддат, варақ ё хусусиятҳои динамикӣ) пайваст аст. Ин шомили кайфиятҳои миқдорӣ, тағйир дар ҳолати модда ва ҳар гуна мураккабиҳо аст. Таълимоти метафизикӣ ва табииётии Ибни Сино дар баъзе нуктаҳо аз андешаҳои Форобӣ фарқ мекунад. Маслан, ӯ ҳаюлоро аз Худо ҷудо накарда, маънавиётро болотар аз ҳама моддиёт мегузорад ва дар натиҷа аҳамияти рӯҳро ҳамчун миёнарави моддии байни маънавиёту ҷисм муайян мекунад.

6. Шинохти аҷсоми номия ва нуфус ва қавои онҳо: аҷсоми номия ё ҷисмҳои ғайримодӣ ва нуфус ё таҳлил дар боби қувваҳо ва эҳсосот аст, ки бо нафс ё ҳолати зеҳнӣ ва бо хоҳишҳои инсонӣ алоқаманд аст. Масалан, таҳқиқи рӯҳ ё насли рӯҳонӣ ва ғ.

7. Шинохти аҳволи аҷсоми мутаҳаррик ба ҳаракати иродӣ: таҳқиқи ҳаракати иродӣ, ки ба қобилиятҳои инсон – ирода ва хоҳиш мустақиман рабт дорад, ишора мекунад. Ин бахш барои фалсафаи амалӣ ва

равоншиносии амалӣ муҳим аст, ки чӣ гуна инсон қодир аст бо иродаи худ тағйирот ва ҳаракат кунад. Ибни Сино дар «Мабдаъу маъод» оид ба ҳодису қадимии олам, ҳаракату замон, ки масъалаҳои асосии фалсафаи машшоияро ташкил медиҳанд, афкори нодире баён кардааст. Ӯ бар хилофи Арасту мавҷудияти ҳаракатро дар мавзуъ мумкин медонад. Дар хусуси пайдоиши табиати зиндаю ғайризинда ӯ изҳори ақида карда, ғояи инкишофро ба миён гузоштааст.

8. Шинохти аҳволи нафси нотиқаи инсонӣ: ворид шудан ба таҳқиқи нафс, ақл ва зеҳн дар инсон, шинохти робитаи инсон бо мавҷудоти дигар ва муҳити атрофи ӯст. Ҳамин тариқ, ин бахш бештар ба фалсафаи ахлоқӣ, психологияи инсон ва рафтори инсонӣ дахл дорад.

Шинохти марҳилаҳои табиати модӣ ва руҳонӣ барои омӯхтани ҳақиқати ҳастӣ ва мавҷудот мавқеи муайяне дорад.

1. «Мавҷудоте, ки дар зеҳн ниёз ба модда надоранд, вале дар хориҷ муҳтоҷ ба модда мебошанд» [307,33]. Масалан, масъалаҳои илмҳои риёзӣ ё ҳандаса дар зеҳн бе модда, яъне бе ҷисм ё ашёи физикӣ тасаввур мешаванд, аммо амалиёти онҳо дар ҷаҳон, яъне татбиқи мисли ченкунии замин, сохтани пул ва ғ. ба модда вобастагӣ доранд. Яъне, дар зеҳн ниёзманд ба модда набуда, вале дар амал модда лозим аст. Аз нигоҳи фалсафа ин донишҳо абстрактанд, аммо дар барномаи воқеии олам нақш мебозанд. Онҳо мавҷудоти «амри маъқул» мебошанд, ки зеҳн онҳоро бе модда тасаввур мекунад (мисли адад, шакл), аммо дар табиат бидуни модда вуҷуд надоранд. Ин илмҳоро илми таълимӣ, ё илми авсат меноманд.

2. Он мавҷудоте, ки ба модда на дар зеҳн ва на дар хориҷ ниёз надоранд. Маслан, дарки «ҳастӣ», «Воҷибулвуҷуд», «ақл» ва «нафс» метавонад бе такя ба модда сурат гирад. Аз нигоҳи фалсафа ин илмҳо ба куллиёт ва мавҷудоти ғайримодӣ марбутанд ва онҳоро улуми илоҳӣ ё

илоҳиёт, илми куллӣ ё фалсафаи уло, мобаъдуттабиа, дониши барин мемонанд.

Усули илми аввал (илоҳиёт) ду чиз аст: маърифати Худои таъоло ва муқарработи ҳазрати Ӯ, ки ба фармони Ӯ мабодӣ ва асбоби мавҷудоти дигар шудаанд, чун уқул, нуфус, аҳком, афъоли эшон, илоҳиёт ба маънои ахас; шинохти умури куллӣ, ки аҳволи мавҷудот аст, аз он рӯ, ки мавҷуданд ҳамчун: ваҳдату касрат (ягонагӣ ва тафриқа), вуҷуб ва имкон (воҷибулвуҷуд ва мумкинулвуҷуд), ҳудус ва қидам (қадим будан ё нав ба вуҷуд омадан) ва ҷуз онҳо онро фалсафаи уло ё илоҳиёт ба маънои аъм аст» [307,34].

Дар ин иқтибос ду маънои муҳим аз илми илоҳӣ (илоҳиёт) ё фалсафаи уло зикр шудааст, ки реша дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва махсусан фалсафаи Ибн Сино доранд. Таҳлили фалсафии он чунин аст, ки ин бахш ба маърифати Худо ва муқарработи Ӯ (воҷиб ва асбобу мабодии ғайримодӣ) равона шудааст. Ба ин маъно, илоҳиёт ба маънои хос, яъне фақат ба илми илоҳӣ пардохтан аст. Илоҳиёт ба маънои аъм (ом) маънои васеътари фалсафаи илоҳист, ки тамоми умури куллӣ ва умумии ҳастиро фаро мегирад.

Фалсафаи асримиёнагии тоҷик аз таълимоти Арасту таъсир гирифта, бахши илоҳиёт дар фалсафаи Ибни Сино, Мулло Садро ва дигарон такмил ёфтааст. Онҳо таъкид мекунанд, ки илми илоҳӣ на танҳо ба Худо, балки ба табъи ҳастӣ ва ҳар ончи ки бар ҳастӣ таъсир дорад, марбут аст.

Файласуф Ё. Б. Ниёзӣ дар таҳқиқоти арзишманд дуруст муътакид шудааст: «...мактаби машшоиёни шарқӣ аввалин мактаби ақлию интиқодӣ дар асрҳои миёна мебошад, ки ҳастӣ ва маърифати оламро аз роҳи ақл донисташаванда меҳисобад. Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино дар барорбари донишҳои ақлӣ донишҳои ҳадсиро низ манбаи аслии ба

даст овардани донишҳои нав шумурданд, ки аз ин роҳ пайғамбарон ва орифон донишҳои худро ба даст меоварданд» [197,195].

Машшоиён доир ба масъалаи маърифати ҳиссӣ, маърифати ақлӣ ва маърифати ҳадсӣ ақидаҳои ҷолиб баён кардаанд. Ин ақидаи фалсафӣ, ки бар мабнои муқоисаи маърифати ҳадсӣ (интуитивӣ) ва идроки ақлӣ (ратсионалӣ) аст, як баҳси амиқ ва қадимӣ дар фалсафа ва илмро баён мекунад. Ҳадс ҳамчун як шакли идроке, ки бевосита ба ҳақиқат пайванд мегирад, дар фалсафаи ирфонӣ ва ҳатто дар баъзе равияҳои ғарбӣ (монанди фалсафаи Б. Спиноза ё А. Бергсон) мавқеи муҳиме дорад. Дар ин ҷо, идроки ҳадсӣ ҳамчун бевосита ва возеҳ муаррифӣ мешавад, яъне бе ниёз ба бурҳон ва таҷриба.

«Ин идрок (маърифати ҳадсӣ) аз ҳар идроки дигаре, ки бавосита аст, устувортар ва собиттар аст, зеро ин навъ аз идрок ниёзманд ба иқомаи бурҳон нест ва он гоҳе маърифати ҳадс тамомтар аз маърифати ақлӣ аст, зеро ки ақл бавоситаи ҳис дарк мекунад, ҳол он ки идроки ҳадс бевосита ва возеҳ аст» [307,207].

Ин ҷо фикр бар он аст, ки ақл наметавонад ҳақиқатро мустақим дарк кунад. Он тавассути ҳис ва таҳлили мантиқӣ амал мекунад, ки ба ақл имкони иштибоҳро медиҳад. Аммо ҳадс ҳамчун як «нури ботинӣ», ки ҳақиқатро дар лаҳза ва бе шубҳа дарк мекунад, хатаре ба иштибоҳ надорад. Аммо ин нуктаро метавон ба таҳлили илмӣ кашид, яъне аз назари илмҳои муосир, махсусан неврология ва равоншиносӣ, ҳадсро метавон ҳамчун натиҷаи коркарди зуд ва автоматии мағзи сар, бар асоси таҷрибаҳои қаблӣ донист. Ин раванд метавонад хеле самаранок бошад, аммо наметавон онро ҳамеша «бешак ва собит» номид, чунки он зери таъсири ҳиссиёт ва ангезишҳои зеҳнӣ қарор дорад. Аммо, вақте муаллиф мегӯяд, ки ҳадс ниёз ба бурҳон надорад, ин ба маърифати илмӣ мухолиф аст, ки ҳар даъворо бо далел ва таҷриба месанҷанд. Илм идроки ақлиро

асос қарор медиҳад, дар ҳоле ки ҳадс дар илм бештар ҳамчун як техникаи ибтидоии кашф эътироф мешавад, на ҳамчун усули исбот.

Аз рӯи таҳлили мантиқию эпистемологӣ ба натиҷае меоем, ки дар эпистемология фарқ байни маърифат ва бовар муҳим аст. Ҳадс метавонад бовар эҷод кунад, аммо маърифат талаб мекунад, ки он бовар рост, бурҳонӣ ва аслдор бошад. Таъкиди Ибни Сино, ки «Идроки ҳадс ниёзманд ба иқомаи бурҳон нест» дар доираи илмҳои ирфонӣ қобили қабул аст, вале дар фалсафаи аналитикӣ қабул намешавад, зеро далел ва мантиқ талаботи аслианд.

Ба андешаи Ибни Сино ҳадс як навъ аз идроки фаврии бевосита аст, ки дар он нақши нафси инсонӣ ва ақли муфориқ (яъне ақли фаъол) бисёр муҳим аст. Вай ҳадсро тасдиқ мекунад, вале онро танҳо барои афроде муяссар медонад, китазкияи нафс кардаанд.

Дар таълимоти Ибни Сино муқоисаи ҳадс ва ақл мавқеи хоса дорад. Дар фалсафаи ӯ ақл ба се марҳила ҷудо мешавад: ақли қобил, ақли мунфаъил ва ақли фоъил (фаъол). Аслан, ҳадс дар сатҳи тамос бо ақли фаъол рӯй медиҳад. Аммо Ибни Сино мегӯяд, ки ақл (ва хусусан ақли мунфаъил) то ҳадди муайян метавонад ҳақиқатро ба шарҳ ва таҳлил оварад, вале на бо он суръату равшанӣ, ки ҳадс мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳадс метавонад боло аз ақл қарор бигирад, вале Ибни Сино ҳаргиз ақлро рад намекунад ва таъкид мекунад, ки бурҳони мантиқӣ шарти илмияти дониш аст.

Ибни Сино дар «Ишорот ва танбеҳот» ҳадсро «хосияти анбиё ва авлиё» номида, ҳадсро як навъ васлшавӣ бо асли ҳақиқат донистааст, вале ӯ инро танҳо дар доираи инсонҳои мутаҳаррик ба сӯи камол, солимун-нафс ва мутакаллӣ ба ақли фаъол медонад.

Метавон хулоса намуд, ки фалсафаи ҳадсгароёна дар мактабҳои ирфонӣ ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик (монанди Ибни Сино, Ибн Арабӣ, Сӯҳравардӣ ва Мулло Садро) мақоми баланд дорад. Ин дидгоҳ

ақлро ҳамчун воситаи нопурраи маърифат мешиносад ва ҳадсро ба унвони роҳи бевосита ба ҳақиқат муқаддам медонад. Маҳз масъалаи «ҳадс» як муштаракот байни фалсафа ва ирфонро дар миён мегузорад, ки аксари орифони минбаъда ба он такя мекунанд. «Ҳадс» идроки ҳақиқати бе қиёс ё далел, балки тавассути зарби нур ё илҳом мебошад. Машшоиён (Ибни Сино) ҳадсро «фитрати маърифат» ё қувваи хоси идроки фаврӣ мешуморад, ки дар инсон бо тавоноии ақл алоқаманд аст. Ӯ байни қувваи истидлол ва қувваи ҳадсӣ фарқ мегузорад. Ба ақидаи ӯ, «баъзе ақлҳо чунон пок ва муҷарраданд, ки ҳақиқатро бе марҳилаҳои истидлол дарк мекунанд ва ин ҳадс аст». Ба андешаи Ибни Сино ҳадс асоси пайванд бо ақли фаъол аст, ки инсон аз он нури маърифат мегирад. Арзиши ҳадс дар фалсафаи асримиёнагӣ баёнгари дараҷаҳои маърифат аст. Файласуфон, аз қабили Ибни Сино ва Сӯҳравардӣ ҳадсро ба олимони олимартаба ва ё анбиё мансуб медонанд. Ҳадс ба ташаккули фалсафаи ишроқ, ирфони назарӣ ва баъзе шаклҳои гноститсизми динӣ таъсири амиқ гузоштааст.

«Самои табиӣ» ё «Самъулкаён» ба табииёти фалсафа дахл дорад ва асоси таҳқиқи мавҷудоти модӣ ва мутағаййир аст. Ҳамаи ин умур зинаи аввал дар фаҳми фалсафаи ҳастӣ ҳастанд, қабл аз он ки инсон ба фаҳми умури ғайримодӣ (улуми илоҳӣ) ва абстрактӣ (улуми риёзӣ) бирасад.

«Шинохти мабодии мутағаййирот, монанди замон, макон (асоси чен кардани ҳаракат), ҳаракат, сукун, ниҳоят, лониҳоят (чизҳое, ки итмом доранд ё номуайяну муттасиланд), хало, мало (фазо ва мавқеи ҷисм дар фазо) - ро «Самои табиӣ», «Самъулкаён» гӯянд. Иллати ин номуродӣ ин аст, ки ин бахш аввал чизест, ки аз вуҷуд (кавн) омӯхта ё таълим мешавад» [288,33]. Ин ду ном (ба арабӣ ва исломӣ-фалсафӣ) ба китоби Арасту «Physics» ишора доранд, ки дар тарҷумаи арабӣ бо ин номҳо машҳур аст. Маънои лафзии «ас-самоъ ат-табиӣ» дониши аввалияи табиат аст. Аз он ки ин бахш аввалин марҳилаи омӯзиш дар

улуми назарии табиӣ аст, онро «шунидан» (яъне, ба мисли таълими аввалин) номидаанд.

Оид ба мактаби назариявии машшоия ва бархе аз таълимоти он файласуфи тоҷик М. Диноршоев, дар мақолаи хеш, маълумоти дақиқ ва ғанӣ додааст [330,276-277].

Принсипҳои асосии фалсафаи машшоия: судурият, сабабият, қадим ва абадияти олам, модда ва сурат, нафсу тан ва ғайра аст. Машшоиён дар асоси тадқиқоту мушоҳидаҳои худ ва комёбиҳои афкори халққҳои кишварҳояшон системаи нави фалсафиро офариданд. Онҳо оламро донисташаванда меҳисобанд, назарияи маърифати онҳо ба принсипи иртисом (инъикос) асос ёфтааст ва моҳияти таълимоти машшоияро асосан 5 асл ташкил медиҳад:

1) судур – оламро Худо офаридааст, вале на ба ихтиёри худ, балки бо амри зарурат. Зинаҳои судури олам чунинанд: ақли кулл – нафси кул– ҳаюло – олами модӣ. Инкишофи мантиқии ин таълимот аксарияти машшоиёни Шарқиро ба пантеизми натуралистӣ ва деизм овардааст.

2) сабабият– ҳамаи ҳодисаҳои олам сабаб доранд. Ҳатто байни Худо ва олам ҳам робитаи сабабӣ (Худо – сабаб, олам – натиҷа) вуҷуд дорад. Азбаски сабаб натиҷаро бо амри зарурат ба вуҷуд меоварад, бинобар ин, Худо оламро на ба ихтиёри худ, балки ба ҳукми зарурат содир кардааст. Аз ин рӯ, Худо фақат сабаби зарурии олам аст, на офаридгори соҳибихтиёри он. Машшоиён бо ин роҳ қудрату тавоноии Худоро маҳдуд карданд. Принсипи сабабият на танҳо асоси онтологияи фалсафаи машшоия, балки пояи гносеология, назариёти иҷтимоӣ ва ахлоқии он низ мебошад;

Файласуф ва муаррихи рус В. Асмус (1894-1975) дуруст мегӯяд: «Ибни Сино таълим медиҳад, ки Худо оламро бидуни восита не, балки бо ёрии як қатор «ақлҳои осмонӣ», ки охиринаш ҳамаи мавҷудоти касирро, ки мо ба воситаи ҳисҳоямон маърифат мекунем, ба вуҷуд

овардааст. Ин таълимот дар назари афкори илмии замони ҳозира ирфонӣ намояд ҳам, дар он нисбат ба эътиқоди динӣ фикри носозгоре пинҳон аст. Таълимоти Ибни Сино Худоро аз холиқи бевоситаи чизҳои ҷузъӣ ва такмилдиҳандаи тақдири онҳо маҳрум кардааст. Ин назария, ки Худоро аз чизҳои заминӣ таҷрид сохтааст... имкон медиҳад, ки олами чизҳоро чун офаридаи бевоситаи Худо не, балки худ аз худ мавҷуд омӯхта шавад» [338,193-194].

Яъне, аз рӯи таълимоти Ибни Сино дар низоми ҳастишиносӣ, Худо ҳамчун «вуҷуди воҷиб» (Воҷибулвуҷуд) сабаби аввалин ва мутлақи ҳастист. Аз Ӯ, бо зарурат ва тавассути ақл, ақли аввал содир мешавад. Ин раванд идома меёбад то 10 ақли фалакӣ (яъне ақлҳои осмонӣ, ё фариштагони мудаббир). Охирин аз ин ақлҳо, яъне ақли фаъол, ҷаҳони модӣ ва маъқули ҷузъиро ташкил медиҳад. Ин назарияи судур маъруф аст ва дар он Худо бевосита офарандаи ашёи ҷузъӣ нест, балки олам тавассути зинаҳои ақлҳо ташаккул меёбад.

В. Асмус ишора мекунад, ки чунин низом Худоро аз ҷаҳони зоҳирӣ ва ҷузъӣ «таҷрид» мекунад ва имконият фароҳам меорад, ки ҷаҳони модӣ аз ҷиҳати илмӣ (табииву қонунии худ), бидуни лозим доштани дахолати мустақими Худо, омӯхта шавад.

Аз назари фалсафаи илми замони муосир, ин як пешрафт ҳисоб мешавад: ҷаҳоне, ки бо қонунҳои муайяни ақлонӣ ва бе дахолати ҳаррӯзаи иродаи илоҳӣ идора мешавад.

Аммо аз назари фалсафаи динӣ, ин таҳлил метавонад маънои тазъифи нақши илоҳӣ дар олами инсонӣ ва шахсӣ кардани иродаи Худо бошад.

Ибни Сино намехост, ки бархе аз нуктаҳои дини исломро рад кунад, балки саъй дошт онро бо фалсафа қарин гардонад. Барои Ибни Сино, Худо ҳанӯз асли ҳама чиз аст, аммо иртиботи Ӯ бо олам ба тариқи зарурат ва ақлӣ сурат мегирад, на бо иродаи инфиъолӣ ва шахсӣ.

Назари мунтақидонаи В. Асмус нишон медиҳад, ки таълимоти Ибни Сино дар бораи Худо ва олам як нақшаи космологии хеле мураттаби ақлгароёна аст. Дар он Худо ҳамчун сабаби аввалин муҳаббат ва илмро тавассути ақлҳо мебахшад ва ҳамин низом ба инсон имкон медиҳад, на танҳо ибодат, балки ҷаҳонро тавсиф, таҳлил ва фаҳм кунад. Пас, таълимоти Ибни Сино на як раддияи дин, балки як ҷустуҷӯи оштии фалсафавӣ миёни шарҳи ақлгаро ва маърифати илоҳист, ки метавон онро на ирфонӣ, балки илмӣ-фалсафии илоҳӣ номид.

3) қидам ва абадияти олам– азбаски Худо чун сабаби олам қадим аст, олам низ чун натиҷаи он қадим мебошад, зеро сабабу натиҷа дар замон баробар зуҳур мекунанд. «Лекин тааххури он аз сонеъ, тааххури зеҳнӣ аст» [121,242].

Бинобар таъсири фалсафаи арастуӣ, дар бархе аз масъалаҳо ақоиди фалсафию динии ҷараёнҳои калом ва машшоия монанди ҳамдигаранд. Масалан, дар китоби «Илми калом» чунин омадааст: «Ҳар як аз вуҷуб ва имтиноъ ё билзот аст ё билғайр.

Вуҷуби биззот иборат аст аз ин ки мавҷуде дар ҳастии хеш ниёзмандӣ ба ғайр надошта, *қоим ба зоти худ бошад, монанди воҷибулвуҷуд.* Вуҷуби билғайр иборат аз ин аст, ки ҳастии мавҷуд мустанад ба ғайр буда, зотан мумкин ва аз ноҳияи ғайр, ки иллати вуҷуди ӯст, касби вуҷуб ва зарурати вуҷуд карда бошад, монанди куллияи падидаҳои ҷаҳон» [236,25].

Метавон ташреҳ намуд, ки дар мантиқ ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик (махсусан назди Ибни Сино) вуҷуди ашё аз рӯи нисбаташон ба вуҷуд се навъ мешавад:

1. Воҷибулвуҷуд мавҷуде, ки ҳастии он зарурист ва ғайриқобили нестӣ. Масалан: Худо.

2. Мумкинулвуҷуд мавҷуде, ки на заруран ҳаст, на заруран нест, балки вуҷуд ва адами он вобаста ба иллат аст. Масалан: ҳар падидаи ҷаҳонӣ.

3. Мумтанеъулвуҷуд мавҷуде, ки ҳастии он ғайримумкин (мумтанеъ) аст, масалан шарики Худо, ё се ҷиҳати мукаммал дар як ҷисм.

Вуҷуби биззот (зарурат аз рӯи зот) чунин шарҳ меёбад:

- Ин мавҷуд худаш сабаби вуҷуди худ аст (ё беҳтар бигӯем: ҳастии ӯ аз худи зоташ мехезад).

- Ӯ ба ҳеҷ чизе ниёз надорад, на иллат ва на шароит.

- Танҳо як мавҷуд чунин аст: Худо (Воҷибулвуҷуд).

Вуҷуби билғайр (зарурат аз ғайр):

- Ин мавҷуд зотан мумкинулвуҷуд аст, аммо чун иллати вуҷуд ё шароити комили вуҷуд барояш муҳайё шуд, вуҷудаш зарурӣ мегардад. Масалан: борон вақте тамоми иллатҳояш (абр, фишор, ҳарорат) ҷамъ шуданд, он «билғайр» воҷиб мешавад.

Имтинои биззот чизе, ки зоти он намепазирад то вуҷуд дошта бошад, монанди ҳолати мутазодди комил ё ҳамбастии мутазод дар як замон ва макон. Масалан, ҷамъ шудани зидҳо дар як вақт: торикӣ ва равшанӣ.

Имтинои билғайр: чизе, ки метавонад вуҷуд дошта бошад, вале як омил ё сабаби хориҷӣ(ғайр) монеъ мешавад, то он вуҷуд пайдо кунад. Масалан, айни ҳол нур дар утоқ нест, на ба он сабаб, ки нур аз лиҳози зоташ номумкин аст, балки чароғ хомӯш аст. Пас, набудани чароғ имтинои билғайр аст.

Дар таълимоти фалсафаи асримиёнагии тоҷик фарқи байни вуҷуби биззот ва билғайр бештар таълимоти метафизикии Ибни Сино, Садро ва дигарон муаррифгаранд. Таълимоти «вуҷуби биззот ва билғайр» ба таври равшан нишон медиҳад, ки танҳо Худо «воҷиб» аз рӯи зот аст ва

тамоми ашё ва падидаҳои ҷаҳон танҳо бо иллати хориҷӣ ва зарурати шароити берунӣ вуҷуд пайдо мекунанд. Ин таҳлили фалсафӣ низоми вуҷудро табақабандӣ мекунад ва ба мо мефаҳмонад, ки ҷаҳон мавҷуди мустақил нест, балки воқеан марбут ба як мавҷуди азалӣ ва комил аст, яъне Худо. Худое, ки дар бораи худ фикр мекард, аввалин амали натиҷабахшро аз рӯи зарурат ба ҷо овард. Дар Худо ва барои Ӯ аввалин эманатсия ба амал омад. «Иллати муассир билэҷоб аст, на фоили билихтиёр» [44,4]. Олам чун араз баробари Худо мавҷуд буда, ин мавҷудияти имконӣ аст на воқеӣ, барои ҳамин ҳам Ӯ оламро аз билқувват ба билфеъл мубаддал менамояд.

«Аз Худои воҷибулвуҷуд танҳо ақли аввал судур мешавад» [324,685]. Ҳастии ақли аввал ҳастии аз рӯи зарурат, яъне ҳастии онтологии ҳақиқӣ аст. Ҳамин масъала дар китоби «Фалсафаи машшоия» зикр шудааст: «Аз В*оҷибулвуҷуд, ки қоим ба зот аст*, як ҳақиқати мутаол ба номи ақли аввал содир мешавад, зеро аз вуҷуди воҳид ва мутлақи басит, танҳо як вуҷуд содир мегардад. Амри аввал мумкинулвуҷудест, аз воҷибулвуҷуди биззот фаъолият ёфта ва ба иборати дигар воҷибулғайр шудааст. Аз ақли аввал ҳақоиқи дигаре, яъне ақли дуввум ба маҳзи таваҷҷуҳ ба мабдаи худ ва «нафси муҳаррики осмонии аввал» ба лиҳози таваҷҷуҳ ба ҷанбадонии худ, ки иборат аст аз имкон, падид омадаанд. Ин ҷараёни судур, аз ақле ба ақли дигар то таҳқиқи силсилаи уқули даҳгона ва нуфуси самовии нӯҳгона идома меёбад» [214,12].

Ибни Сино дар «Рисолаи ҳудуд», дар зербоби «Ҳадди нафс» маънии нафси кул ва ақли куллро ин гуна шарҳ медиҳад: «Азбаски «ақли кул» ду маъно дорад, ба ду маъно кор бурда мешавад, яке ба маънои ҷумлаи ҳама олам ва дигаре ба маънои ҷисми дуртарине, ки ҷирми онро «ҷирми кул» ва ҳаракаташро «ҳаракати кул» мехонанд, зеро *ҳама мавҷудот тобеи ҳаракати «ақли кул» аст*» [11,601].

Андешаҳои амиқи диалектикии Ибни Сино тасдиқ ва инкори дарки Худои ягонаро ба ҳам мепайвандад. Ӯ аз рӯи зарурат, вале ихтиёран, озодона, ба шарофати неруи эҷодии тафаккури илоҳӣ, аз Ягона (ваҳдат) ба кул гузариш анҷом медиҳад. Ба андешаи ӯ аз чизи Ягона танҳо як чиз тавлид мешавад. Аз ин рӯ, олами кул ягона аст, он як олами офаридаи Худоро ташкил медиҳад.

Имкони вуҷуд доштани олам ва нисбат ба ашёи фонӣ муқаддам будани модда, ки худаш номутаноҳӣ аст, низ далели қадимияти олам аст. Олам аз он сабаб қадиму абадист, ки «замон…ночор на дар гузашта мутаноҳӣ аст, на дар оянда», зеро «агар замон ниҳоят дошта бошад, яъне дар гузашта оғозе ва дар оянда поёне дошта бошад, ночор он гузашта ҳам қабле ва ин оянда ҳам баъде дорад» [121,267].

Ибни Сино барои он ки андешаи Арастуро бо дини ислом созиш диҳад, ба назарияи судури афлотуниёни ҷадид мурочиат намуда, собит мекунад, ки ҳастии Худо назар ба ҳастии ашёю ҳодисаҳои олами модӣ муқаддам бошад ҳам, ин тақаддумии замонӣ набуда, балки дараҷагист. Аз ин рӯ, вай дар байни оламу иллати аввал, ки Худост, тафовути замонӣ намебинад.

Машшоиён дар баробари олам тамоми шаклҳои ҳастии он – замон, макон, ҳаракатро азалӣ, абадӣ ва беинтиҳо мешуморанд;

4) Модда ва сурат – ашёи олам аз пайвастани модда ва сурат пайдо мешавад. Модда – имконияти ҳастӣ, сурат – воқеияти ҳастӣ аст, яъне ҳар чиз он гоҳ воқеӣ мегардад, ки сурати муайяне бигирад: чӯб он гоҳ миз, курсӣ, тахта ва ғайра хоҳад шуд, ки сурати ин чизҳоро бипазирад. Ба ин маънӣ масъалаи мазкур зотан масъалаи ягонагӣ ва гуногунии ашёи олам аст.

Назарияи атомистон (асҳоб, зарра)-ро дар боби олам мутафаккирони машшоия маъқул накарданд. Онҳо ин масъаларо дар зимни назарияи моддаву сурат ҳал карданӣ мешуданд. Вале масъаларо

дуруст ҳал карда натавонистанд, зеро суратро нисбат ба модда фаъол ва дар баробари он ҷавҳари мустақил медонистанд, ғояи суратулсуварро тарғиб мекарданд ва мӯътақид буданд, ки офарандаи суратҳо Худост;

5) нафсу тан – пайдоиши ҷисми зинда ба пайдо шудани нафс вобастааст. Нафс чун камоли ҷисми зинда дар натиҷаи беҳтар шудани таркиби аҷсоми олам ба вуҷуд меояд ва се навъ мешавад:

а) нафси наботӣ– қобилияти таъвизи ғизо, болишу зоиш;

б) нафси ҳайвонӣ – қобилияти ҳаракати иродӣ ва андарёфти ҳиссӣ;

в) нафси нотиқа – қобилияти андарёфти назарӣ ва амалии инсон.

Машшоия пайдоишу нест шудани нафси наботиро ба пайдоишу заволи ҷисм вобаста дониста, ба принсипи фалсафаи худ мазмуни материалистӣ медиҳад, вале нафси нотиқаро абадӣ ва аз тан мухтор дониста ба идеализм моил мешавад.

Нафси нотиқа ҳама шаклҳои сифлии нафсро дар бар мегирад, вале шаклҳои сифлии нафс шакли улвии он – нафси нотиқаро ба бар намекунад. Дар ин таълимот чунин ақидаи илмӣ акс ёфтааст: тамоми олами зиндаро дорои ақл пиндоштан хатост, ақл хосияти махсуси инсон аст ва бо он аз тамоми мавҷудоти зинда фарқ мекунад. Ибни Сино дар бахши «Равоншиносӣ» -и «Китоб-уш-шифо» таносуби нафсҳоро муайян намуда, далел меовард, ки агар нафси наботӣ дар бадани ҳайвон танҳо ба вуҷуд меомад, ҳайвон не, балки наботот пайдо мегардид. Аз ин рӯ, чун нафси наботӣ бо нафси ҳайвонӣ омезиш ёбад, ҳайвонот ба вуҷуд меоянд. Инсон низ тимсоли он аст. Дар натиҷаи махлутшавии нафси нотиқа ва нафсҳои наботию ҳайвонӣ инсон ба амал меояд. Чуноне Ибни Сино зикр менамояд: «Қувои наботияро барои ҳайвонӣ ва қувои ҳайвониро барои инсонӣ ҷинс қарор диҳем» [121,36].

Барои ҳайвон қувваи аз ҳама зарурӣ муҳаррика бошад, барои инсон ингуна қувва нафси нотиқа аст. Зеро вай, монанди қувваи

муҳаррика, «аз болои тамоми қувваҳои боқии инсон роҳбарӣ мекунад» [265,30].

1. Аз рӯи таълимоти дини ислом ҳаёти воқеӣ танҳо ба ҳайвону инсон мутааллиқ аст, вале Ибни Сино исбот менамояд, ки ҳаёт мутаалиқ ба наботот низ ҳаст.

2. Мувофиқи таълимоти Арасту маркази узвҳои ҳис дил аст, вале ба андешаи Ибни Сино, ин гуна марказ майна (димоғ) аст [121,215].

Метавон возеҳ намуд, ки дар таълимоти исломии анъанавӣ, ҳаёт асосан ба инсон ва ҳайвон нисбат дода мешавад, зеро онҳо ҳис доранд, ҳаракат мекунанд, ирода/амал доранд.

Наботот одатан ҳамчун мавҷудоти беҳис ва беақл дар назар гирифта мешуданд. Ба андешаи Ибни Сино барои наботот низ ҳаёт қоил аст, аммо ин ҳаёт на мисли ҳаёти ҳайвон аст, балки як навъи ҳаётест, ки дар рушд, ғизогирӣ ва такрори насл зоҳир мешавад. Вай барои наботот нафси наботӣ муқаррар мекунад, ки қудрати афзоиш ва ғизогирӣ дорад. Навоварии Ибни Сино дар он аст, ки ӯ ҳудуди байни олами зинда ва беҷонро васеътар кардааст ва ба ин васила пайванди табиии миёни тамоми табақоти мавҷудот (ҷамод, набот, ҳайвон, инсон)-ро нишон додааст. Ин як навъ тасаввуроти табақабандии ҳастиро ба вуҷуд меорад.

Доир ба масъалаи «маркази ҳисҳо дар димоғ ё дил?» Арасту бар ин ақида буд, ки дил маркази ҳис, тафаккур ва ҳиссиёти инсон аст. Димоғ (майна) танҳо нақши танзимкунандаи ҳарорат ва хунуксозиро дорад ва ин нуқтаи назар дар Юнон ва илми қадим хеле роиҷ буд. Аммо Ибни Сино, бо таҷрибаи тиббӣ ва назариёти илмӣ, собит менамояд, ки майна (димоғ) маркази асосии идрок, ҳис, ҳаракат ва тафаккур аст. Ба андешаи ӯ аз димоғ се қувва содир мешавад:

1. Қувваи ҳиссия (ҳисси зоҳирӣ ва ботинӣ)
2. Қувваи хаёл (тасаввур ва тасдиқ)
3. Қувваи таҳаррик (ҳаракатдиҳанда)

Вай сохтори асабҳоро мушоҳида намуда, марказияти мағзро дар назорати тамоми узвҳои ҳисӣ ва ҳаракатӣ исбот кардааст. Ин андеша ба илми муосири нейробиология қаробат дорад ва нишон медиҳад, ки Ибни Сино баръакси Арасту бо таҷриба ва таҳлили илмӣ дуруст хулоса баровардааст.

Ибни Сино бо ин гуна таҳқиқоташ асоси илмиро бо фалсафа ва дин мепайвандад, вале дар айни ҳол саҳеҳияти таҷрибаро муқаддам медорад. Ӯ файласуфе буд, ки илму фалсафаро на танҳо мутобиқ, балки мутакмил мешумурд.

Ибни Сино барои исботи мавҷудияти нафси нотиқа як қатор далелҳои шайъӣ меоварад. Яке аз ҳамин гуна далелҳо илми ҳол (ирратсионализм)-и нафси нотиқа аст. Ба андешаи ӯ, ҳар фард тавассути худшиносӣ ҳастии нафси нотиқаро собит карда метавонад. Худи ҳастии инсон, бешак, далели мавҷудияти нафси нотиқа аст, зеро ин нафс моҳияти инсонро дарбар мегирад. «Ҳар як кас медонад, ки «ман ман ҳастам... ва.... ин аъзо ҳам тавобеи ман ҳастанд ва мӯътакидам, ки олот (узвҳо) барои мананд ва дар ҳоҷате онҳоро истеъмол мекунам, ки агар ин ниёзмандиҳо набуванд, эҳтиёҷ бад-ин аъзо надоштам. Ва ман ман мебошам ва он аъзо нестам... Ва мақсуд аз он чи ман аз худ мешиносам, ки ман ман ҳастам, он аст, ки вақте гуфтам: «Ман эҳсос кардам ва ман тааққул намудам ва ман коре кардам», ҳама ин авсофро ба чизе руҷӯъ мекунам, ки онро ман ном ниҳодаам» [121,207-208].

Яъне, андешаҳои Ибни Сино ба мафҳуми «ҳузури нафс» (яъне идроки худи нафс аз худи худ) ишора мекунад. Ин чунин маъно дорад, ки «ман» на бар асоси ҷисм, ҳаракат, эҳсос ва ё аъзои бадан муайян мешавад, балки як ҳастии зотист, ки метавонад худашро бидонад, ҳатто агар аз ҳама чиз (ҷисм, муҳит, эҳсос) ҷудо шавад.

Ибни Сино барои исботи нуқтаи таҷрибаи «инсон дар фазо» як мисоли одӣ меорад: «Агар инсонро дар фазо (ҳаво) овезон кунанд, ки бо

ягон ҷисм тамос нагирад ва чашму гӯшаш баста бошад, ӯ ҳанӯз ҳам хоҳад донист, ки ҳаст». Аз ин таҷриба бармеояд, шинохти «ман» мустақим аст ва он ба воситаи ҳиссиёт нест, балки дарки зеҳнӣ ва ҳузурии нафс аз худи худ аст.

«Аъзои ман барои ман ҳастанд, онҳо олотанд, василаанд. Ман ба онҳо эҳтиёҷ дорам, вале ман худи онҳо нестам». Дар ин ҷо равшан мешавад, ки нафс як субъекти воҳид ва мустақил аст, тан танҳо абзори ифода ва амал аст. Ин таълимоти Ибни Синоро баъдтар Р. Декарт низ (баъди садсолаҳо) дар таълимоти «Cogito ergo sum» (Фикр мекунам, пас ҳастам) баён карда буд.

Аз рӯи таълимоти Шайхурраис, азбаски моҳияти инсонро нафси нотиқа ташкил медиҳад, он идоракунандаю муҳаррики тамоми рафтору кирдори ӯст. Бинобар он ки инсон ба тавассути нафси нотиқа мафҳумҳои куллиро низ маърифат мекунад, ба андешаи Ибни Сино ин нафс, назар ба нафси наботию ҳайвонӣ, авлотар ва муҳимтар аст.

Принсипи асосии назарияи маърифати машшоия принсипи иртисом (инъикос) аст, ки мувофиқи он сурати (образи) чизҳо дар ҳис, ақли инсон муртасим ва мутамассил (инъикос) мешавад. Аз ин сабаб, машшоия ба маърифати ҳиссӣ –донистани чизҳои ҷузъӣ ва маърифати ақлӣ –донистани ашёи куллӣ қоил буд. Бар замми ин, машшоия маърифати ҳадсӣ – бе таълиму таҷриба дарёфтани ашёро низ қоил аст. Онҳо таносуби маърифати яқинию ғайрияқиниро тадқиқ карда, ба фаҳмиши диалектикии моҳияи ҳақиқати нисбӣ ва мутлақ, дониш чун ҷараён наздик омада буданд (Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ). Вале дар ҳалли масъалаҳои гносеологӣ машшоия аз ҷонибдории идеализм ва метафизика пурра берун набаромадааст. Машшоиён бар хилофи назарияҳои илмии худ дар доираи ақидаҳои фалсафиашон робитаи узвии нафси нотиқа (шуур, тафаккур) ва тан (димоғ, мағзи сар)-ро инкор карда, ба бисёр хулосаҳои идеалистии гносеологӣ роҳ додаанд.

Дар «Рисолаи тайр» - и Ибни Сино масъалаҳои амиқи фалсафии метафизикӣ, онтологӣ ва ирфонӣ баррасӣ мешаванд. Дар рисола ба тариқи тамсилӣ оид ба шинохти ҳастӣ ва робитаи инсон бо ҳақиқат муҳокимаи фалсафӣ меравад. Ҳар як парранда (яке аз инсоният) дар роҳи расидан ба ҳақиқат ва шинохти худаш ва сабаби аслӣ сафар мекунад. Сафар рамзи раванди маърифат ва рушд аст.

Дар асар ҳар паранда тимсоли инсон аст ва ҳар яке аз онҳо бо роҳи хоси худ мавҷудоти аслӣ ва мақсадро меҷӯяд ва ҳар паранда бо истифода аз ақл ва фикр дарк мекунад, ки ҳаракат ба сӯи ҳақиқат як раванди абадӣ буда, аз маърифати «нафс» оғоз меёбад ва бо дарки Худо анҷом меёбад. Тафсири рӯйдодҳои рамзии рисола акси раванди маърифат, шинохти нафс ва роҳи ҳикматии ба воқеият расидан аст.

«Бидонед, ки ҳар гоҳ ки дар хотири худ ҷамоле тасаввур кунед, ки ҳеҷ зиштӣ бо Ӯ наёмезад ва камоле, ки ҳеҷ нуқс пиромуни Ӯ нагардад, Ӯро он ҷо ёбед. Ҳама ҷамолҳо ба ҳақиқат Ӯрост, гоҳи некӯӣ ҳама рӯяст ва гоҳи ҷуд ҳама даст аст. Ҳарки хидмати Ӯ кард саодати абад ёфт ва ҳар кӣ аз Ӯ эъроз кард, хасруддунё ва-л охират шуд» [16,100].

Ба андешаи Ибни Сино зебоӣ ва камол дар ҳақиқат на фақат як ҳолат ё хосияти ҷисмонӣ, балки як воқеияти ҳастӣ аст, ки дар офариниш ва вуҷуди ҳар чизе мутаносиб ва вуруди ҳақиқат ба назар мерасад. Барои Шайхурраис зебоии ҳақиқӣ, ки бидуни зиштӣ ва нуқс аст Ҳақ ё Худо аст. Дар назарияи ӯ, беҳтарин амал дар зиндагӣ ва ҳадафи олии инсон барпо кардани иртибот бо Худо аст. Аммо, фалсафаи имрӯза ба раванди илмӣ такя намуда, равшан кардани маънои зиндагии инсонро дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ ва табиат дуруст мешуморад.

Машшоия чунин ақидаро тарғиб мекард, ки ҷамъияти инсонӣ дар натиҷаи эҳтиёҷи одамон ба муованат ва ҳамкорӣ пайдо шудааст (зеро як фард тамоми талаботи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро қонеъ карда наметавонад) ва иттиҳоди махсуси онҳо мебошад. Шарти зарурии бақои

ҳам насли башар ва ҳам ҷамъияти инсонӣ бо роҳи ҳамкорӣ ва муованат истеҳсол кардани васоили зиндагист. Худи инсон зотан мавҷуди ҷамъиятӣ аст ва берун аз он ба камол расида наметавонад. Бо вуҷуди чунин ақидаҳои дуруст машшоия инкишофи ҷамъиятро ба иродаи шоҳону вазирон алоқаманд медонист ва ба дарки қонунияти таърихӣ роҳ наёфта буд. Машшоиёни шарқӣ сохти табақавии ҷамъиятро таҳқиқ карда буданд, ки он дар таълимоташон оид ба ҷамъияти фозила, ҷоҳила ва шаклҳои гуногуни он ифода шудааст. Утопияи иҷтимоии машшоия (ташкили ҷамъияте, ки нобаробарӣ, бадбахтӣ ва зулмро барҳам зада, дар байни одамон ҳамкорӣ, муованат, сулҳро барқарор менамояд ва онҳоро саодатманд мегардонад) бар зидди воқеияти замони феодалӣ равона шуда буд.

Ғояҳои асосии машшоия дар илми ахлоқ чунинанд: ахлоқ на фитрӣ, балки касбӣ аст ва дар зери таъсири шароити муҳит, тарбияву таълим ташаккул меёбад. Мардум соҳибихтиёранд ва ҳар кас аз рӯи салоҳдиди худ амал мекунад. Бинобар ин, онҳо барои рафтору кирдорашон масъул ва ҷавобгаранд. Тамоми нормаҳои ахлоқ ва одоби муошарат дар системаи фалсафии машшоия мувофиқи ҳамин дастурҳо, ки зотан зидди таълимоти ахлоқии калом, аз ҷумла ашъария мебошанд, таҳлил шудаанд. Вале таълимоти ахлоқии машшоия аз таъсири даврони феодалӣ бар канор нест: чӣ дар шарҳи нормаҳои ахлоқ, чӣ дар таъбири одоби муошарат нақши замон баръало ҳувайдост.

Ибни Сино дар рисолаи «Таҳсил-ул-саодат» ба як назарияи амиқи саодат ва нафс ишора мекунад. Вай мегӯяд, ки саодат ин на танҳо расидан ба ҳадафи аслии инсон (яъне маърифат ва камол), балки дар шодии маънавии инсон ва ҳаракати дуруст ва ахлоқии ӯ дар олами иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ аст.

Агар инсон ба роҳи дурусти ахлоқӣ ва маърифатӣ пеш равад, ба саодат мерасад. Ин маънӣ дар фалсафаи ахлоқии Ибни Сино ва

тасаввуфии ӯ ҷойгоҳи муҳим дорад, зеро он ба дурустии рафтор ва муносибат бо худ ва ҷомеа даъват мекунад, то инсоният на танҳо саодат ё раҳи дурустро биҷӯяд, балки онро дар як муҳити маънавӣ ва ахлоқӣ ҷустуҷӯ кунад. Чунонки мегӯяд: «Саодат ва ҳуҷҷатҳои даҳгонабар ин ки нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки фасод намепазирад ва истимдоди вай аз файзи илоҳӣ мебошад» [16,128].

Ибни Сино зимни суханронӣ дар бораи сабаб ва шароит дар шакли ниҳоӣ ва натиҷа, қайд мекунад, ки миёнаравии сабабҳои насл, (вақте дар насл он рух медиҳад), метавонад боиси тафовутҳо гардад. Масалан, дар одам на панҷ, балки шаш ангушт метавонад сабзад.

Ба андешаи ӯ нисбияти ҳақиқати онтологии ашё аз он иборат аст, ки ашёи комилан мутлақи алоҳида вуҷуд надорад. Ҳама чиз бо ашёи дигаре, ки ба ҳастии ҳамдигар таъсир мерасонанд, робита мекунад. Таъсири шароитҳои беруна мутобиқати ҳастии ашёро ба моҳияти он тағйир медиҳад. Аммо олами кул, унсурҳои он дар як олами ваҳдат ҳастанд, бинобар ин ҳама чиз ба сӯи ҳадафи мутлақи худ, ҳамчун ҷодаи некӯӣ талош мекунад, дар асоси як тартиботи фозила, ки дар он ҷо вуҷуд дорад ва ҳеҷ чиз бемаъно ва бефоида нест, зеро ҳама чиз натиҷаи Офариниши илоҳӣ аст.

Ҳамин тавр, ошкор гардид, ки афкори фалсафии машшоия дар фарҳанги тоҷик дар асрҳои X-XII ташаккул ёфта, Ибни Сино ҳамчун намояндаи барҷастаи он, бо тафсири амиқи масъалаҳои ҳастӣ, моҳият, ҳаракат ва сабабият, фалсафаи шарқро бо мантиқ ва метафизикаи юнонӣ омехта кард. Дар назари ӯ, ҳастӣ ҳамчун зарурат ва моҳият ҳамчун асолати фикрӣ мавриди таҳлил қарор мегирад. Ақоиди ӯ дар бораи ҳастии мутлақ, воҷибулвуҷуд ва низоми иерархии олам пояи равиши ақлонӣ гардид. Машшоия инсонро мавҷуди оқил ва масъули худ медонад, ки бо шарофати ақл метавонад ҳақиқатро дарк намояд.

Муҳаққиқ бар ин аст, ки фалсафаи машшоия дар рушди тафаккури илмӣ ва низоммандии фалсафаи тоҷик нақши қутбӣ доштааст.

Ҳамин тавр, таълимоти ҳастишиносӣ фалсафаи машшоиён нуктаҳои зиёдеро фаро мегирад, ки шарҳи он дар зербобҳои минбаъда давом ёфтааст.

БОБИ III. МАСЪАЛАИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ТАСАВВУФ

Тасаввуф ҳамчун равияи ирфонӣ ва ахлоқии асримиёнагӣ дар фарҳанги тоҷику форс дар асрҳои X-XII нақши муассир ва мондагоре бозидааст. Ин ҷараёни маънавӣ, ки шинохти Худо ва расидан ба ҳақиқати ҳастиро аз тариқи таҷрибаи ботинӣ, поксозии қалб ва худтанакорӣ мебинад, шинохти ҳастиро аз дигар зовия дар ин давра қарор дошт. Агар дар мактабҳои фалсафӣ масъалаи ҳастӣ бештар тавассути истидлолҳои мантиқӣ ва низомҳои ақлгароёна баррасӣ мешуд, пас дар тасаввуф ин масъала тавассути «илми ҳол», яъне таҷрибаи бевоситаи рӯҳонӣ ва маърифатии шахсӣ, шарҳ дода мешавад. Фалсафаи ақлгароёна ва мантиқӣ ба истифодаи истидлол ва аргументҳои фалсафӣ асос ёфтааст, ки дар он ҳастӣ ва ҳақиқат тавассути қонунҳои мантиқӣ ва муқоисаи ақлӣ тасвир ва шарҳ дода мешаванд. Бар хилофи ин, тасаввуф ба шинохти ҳастӣ тавассути таҷриба ва шуҳуд, ки аз чаҳорчӯби ақл ва мантиқ берун аст, пешниҳод мешавад. Тасаввуф як роҳи шуҳуди бевосита ва воқеии ҳастиро бо роҳи поксозии нафс ва тавассути таҷрибаи маънавӣ ва ирфонии инсон ба миён меорад. Ваҳдати вуҷуд шинохти ҳастиро, ки дар он Худо ва инсон дар ҳолати ваҳдат қарор доранд, эътибор медиҳанд. Аз ин рӯ, тасаввуф як усули шинохти ҳақиқатро бо такя ба таҷрибаи ботинӣ ва маърифатии инсон пешниҳод мекунад, ки наметавонад дар чаҳорчӯбаи мантиқ ва истидлол фаҳмида шавад.

Мутасаввифон ҳастиро на танҳо воқеияти беруна, балки таҷаллии сирри илоҳӣ ва ҳолати рӯҳонии инсон медиданд. Консепсияҳои фано, маърифат, ваҳдати вуҷуд ва ишқи илоҳӣ дар таълимоти сӯфиёна ҳамчун як равиши ирфонӣ ва алтернативӣ ба масъалаҳои онтологӣ пешниҳод мешаванд.

Ин ҷаҳонбинӣ мафҳумҳои ҳастӣ ва нестиро на дар доираи муқобилгузории мантиқӣ, балки ҳамчун раванди табдил ва таҳаввул дар роҳи камолоти маънавии инсон таҳлил мекунад.

Дар ин боб равишҳои ҳастишиносиро дар ирфони тасаввуфии асрҳои X-XII, махсусан дар осори орифони тоҷику форс, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар ин замина, таълимоти Мустамлии Бухорӣ ва дигар намояндагони барҷастаи мактаби тасаввуф ба унвони сарчашмаи аслии таҳлил интихоб шудаанд. Дар раванди таҳқиқ, бар муқоисаи мафҳуми маърифат, мақоми қалб, фано ва ваҳдати вуҷуд бо фалсафаи машшоия низ таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, то равшан шавад, ки тасаввуф чӣ гуна дар баробари фалсафа низоми мустақили ҳастишиносӣ ва маърифати ҳастиро ба вуҷуд овардааст.

Дар тасаввуфи Мовароуннаҳру Хуросон кӯшиши омезиши таълимотҳои мухталифи динӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ бо мақсади табдили субъект ва объект (Сӯфӣ--Худо) ба ҷавҳари ягонаи тақсимнашаванда мушоҳида мешавад. Муайян кардани ҳастӣ, моҳияти он, мушаххассозӣ ва фардикунонии шаклҳои ҳастӣ, таносуби нафс (ҷон) ва ҷисм, ақл, вазифаҳои он ва дигар масоили фалсафӣ дар тасаввуфи Мовароуннаҳру Хуросон чун таълимоти ягона мавриди таҳлили дақиқ қарор нагирифтаанд ва ҷаҳонбинӣ ва таълимоти мактабҳои ҳамон замонро муайян накарда, фалсафаи тасаввуфро пурра таҳлил кардан ғайриимкон аст.

3.1. Мазмун ва моҳияти мафҳуми «ҳастишиносӣ» дар тасаввуфи асрҳои X-XII

Дар ин зербоб методи герменевтикӣ ва таҳлили истилоҳот истифода шуда, мафҳум ва таърифи «ҳастишиносӣ» дар манобеи ирфонӣ ва сӯфӣ таҳлил шудааст.

Тасаввуф ҳодисаи мураккаби динӣ ва эътиқодӣ буда, фалсафаи ахлоқӣ ва тасфияи маънавии инсон аз ҷониби мутафаккирон маҳсуб

мешуд, ки дорои се асли асосӣ: миститсизм, аскетизм ва пантеизм буд. Онҳо дар якҷоягӣ низоми муайяни фикриро ташкил дода, аз ҳудуди дини расмӣ берун баромаданд.

Онтологияи тасаввуф дар таълимоти он вобаста ба масъалаҳои ҳастӣ, табиат, инсон ва иртиботи онҳо бо якдигар аст. Тасаввуф шинохти ҳастиро на танҳо бо такя ба ақл, балки тавассути таҷрибаи эҳсосӣ ва маърифатӣ таҳлил мекунад. Дар таълимоти тасаввуф субъект - инсон тавассути поксозии нафс ва таҷрибаҳои рӯҳонӣ ба маърифати ҳақиқат ва ваҳдати вуҷуд мерасад.

Сӯфиён барои фаҳмидани ҳақиқат ва тавсифи он заминаҳои онтологии фалсафаи тасаввуфро аз матншиносии асотирӣ, тамсил, шеър ва фалсафа ба таври васеъ истифода кардаанд. Истифодаи тасаввуф ва достонҳои асотирӣ дарк кардани ҳақиқат на танҳо хоси ислом, балки дар динҳои дигар низ мавҷуд аст. Чунонки бисёре аз муҳаққиқон ишора мекунанд, «муносибати шабеҳ ба матнҳои муқаддас» ва ё хусусиятҳои дигаре, ки дар ирфони мусулмонӣ ба вуҷуд меоянд, бо дарки хоси таҷрибаи динии мазҳабҳои гуногун ва таҳаммулпазирии динии тасаввуф иртибот доранд. Ин фаҳмиш ба шаклгирии муносибатҳои байни дину фарҳангҳои гуногун ва ба баробарии таҷрибаи ирфонии инсонҳо, бо вуҷуди фарқияти мазҳабӣ, кӯмак мекунад. [322,24].

Ба таҳқиқи тасаввуф, аз ҷумла фалсафаи он бисёр муҳаққиқони таҳқиқотҳои назаррас ба табъ расонидаанд. Дар онҳо ҳарчанд масоили иҷтимоию ахлоқии тасаввуф мавриди баҳс қарор дода шуда бошад ҳам, масоили он дар фарҳанги тоҷик, таносуби онтологияи тасаввуф бо дигар равияҳои фалсафӣ ва ғоявӣ, аз ҷумла машшоия, ба таври бояду шояд, нишон дода нашудаанд. Чун таълимоти онтологии тасаввуф зери бори таълимоти фалсафа қарор доштааст, моҳияти таълимоти онтологии тасаввуфро дар муқоиса бо равияҳои фалсафӣ, аз ҷумла машшоия метавон ба дурустӣ шарҳу тафсир намуд.

Ба баҳси теологӣ кашидани масъалаҳои онтологӣ барои мақому дараҷаи муайяни назариявию фалсафиро соҳиб гардидани ҷаҳонбинии динӣ мусоидат хоҳад кард. Баъдан, бояд дарк намуд, ки шиддат ёфтани ҳамкориҳои мутақобилаи байнимазҳабӣ, дар шароити муосир, на танҳо дар соҳаи худи догмаҳои динӣ ва масъалаҳои амалӣ, аз ҷумла дар мушкилоти онтологӣ сурат мегирад.

Чуноне академик К. Олимов иброз менамояд: «мо акнун возеҳтар дарк менамоем, ки фалсафаи тасаввуфро наомӯхта, тасвири нисбатан пурра ва дархури ҳаёти воқеии таърихи фарҳанги маънавии халқи худ ва халқҳои минтақаи мазкурро ба вуҷуд оварда наметавонем» [209,115].

«Мухолифати тасаввуф дар он аст, ки фалсафаи он бо перипатетизм фаро гирифта шудааст, Ҳарчанд пантеизми тасаввуф ирфонӣ буд. Чунон ки дар боло зикр гардид, бо тамоми инҳирофоти назари онтологии сӯфиён (хусусан ҷонибдорони «Ваҳдати вуҷуд») аз таълимоти исломии ортодоксӣ, онҳо аз чаҳорчӯби ҷаҳонбинии динӣ берун нарафтанд. Дар фалсафаи тасаввуф, теология ва перипатетизм, ки ба пантеизм хос аст, мафҳумҳои фалсафии объектҳо пурра амалӣ нашуда буданд ва наметавонистанд, зеро пантеизми тасаввуфӣ ирфонӣ буд. «Ин хусусият дар решаи фалсафаи тасаввуф аст» [128,45].

Агар аз назари методологияи падидашиносӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ намоем, дар мактаби тасаввуфӣ бештар, таҷрибаи ботинии инсон, нисбат ба мушоҳидаҳои олами беруна ё табиат муҳим дониста мешавад ва фарҳанги мо аз берунгароӣ ба дарунгароӣ ё субъективизми онтологӣ рӯ меоварад.

Пантеизми тасаввуфӣ, ки ба ирфони асотирӣ ва маърифати ботинӣ асос ёфтааст, дар худ мафҳумҳои фалсафии абстрактиро пурра амалӣ намекунад, зеро онро наметавон ба таври мантиқӣ ва систематикӣ дар фалсафаи перипатетикӣ пайдо кард. Ин хосияти асосии фалсафаи

тасаввуф мебошад, ки тафаккур ва таҷрибаи ирфонии онро аз дигар мактабҳои фалсафӣ фарқ мекунад.

Фалсафаи тасаввуф ҳам ба теологияи исломӣ ва ҳам ба ҷаҳонбинии фалсафии машшоия муқобил баромад. Дар масъалаи онтология ин мухолифат мутаносибан дар зид будани пантеизми монистии сӯфиҳо ба теизм, аз як тараф ва пантеизми натуралистӣ аз тарафи дигар, ифода ёфтааст.

Мувофиқи ақоиди аксари муҳаққиқон, тасаввуф ба расму ойинҳои худ бештар суннатҳои аз ҷониби исломи ортодоксӣ маҳкумшударо дохил карда буд, ки аз анъанаҳои этникӣ, забонӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодии халқҳои дар ҳайати хилофати араб буда ва дигар минтақаи паҳншавии ислом, фарқ мекард. Ҳамаи ин, табиист, ки таълимоти воизону мубаллиғони тасаввуф аз мавъизаҳои хушку якмароми дини расмӣ ҷолибтар буданд. Бо вуҷуди ин, мафҳумҳои асосии тасаввуф ҳамоно мазаммат ва адовати шадиди намояндагони исломи меъёриро ба бор меоварданд, ки то як андоза мухолифати идеологии сӯфиёни Ховари Миёна, аз ҷумла Осиёи Миёнаро нишон медиҳад [275,70].

Дар мафҳуми онтологии тасаввуф мавқеи асосиро масъалаи Худо, олам ва одам ишғол мекунад. Дар тасаввуф Худо дар худи худ, дар ҳолати зоҳирнашуда - дар худ як моҳият боқӣ мемонад. Аз ин рӯ, ҳастии ӯ аз ҳастии дигар мавҷудоти дараҷаи поёнтар фарқ мекунад. Сӯфиён ақидаеро тарғиб мекарданд, ки Худо (Ҳақиқат) ягона, ҷовидона ва мутлақ аст.

Бархе аз намояндагони тасаввуф, бахусус назарияшиносони мутакаллим, бар ин бовар буданд, ки Худованд як моҳияти фаромарзӣ дорад, ки аз ҷаҳон комилан дур шудааст ва бо олами модӣ робитаи мустақим надорад.

Академик К. Олимов дуруст таъкид намудааст: «Ҳангоми омӯзиши нисбатан ҷиддии осори назарияшиносони тасаввуфи Хуросон пеш аз

ҳама «Шарҳи таарруф» ва «Кашф-ул-маҳҷуб», ба он эътимод ҳосил намудан мумкин аст, ки дар асосноксозии фалсафии принсипҳои асосии тасаввуф, дар он ду усул -фалсафӣ ва динӣ ба ҳам омезиш меёбанд ва дар он равияи ботинӣ, яъне эзотерӣ мавқеи равшан пайдо мекунад. Дар системаи афкори кишварҳои Шарқи наздик ва миёнаи асрҳои миёна, дар ҷараёнҳои асосии он –машшоия, исмоилия, тасаввуф, калом як нуқтаи ниҳоии эътирофи Худо ҳамчун мабдаи офариниш мавҷуд аст. Вале рушди минбаъдаи ин афкор ба намояндагони ҳар кадоме аз ин ҷараёнҳо ба таври махсус аст. Масалан, барои машшоияи Шарқ, ки принсипи таҷаллӣ ё судурро эътироф менамоянд, офариниш аз ҳеч чиз имконнопазир аст, бинобар ин мавҷудияти азалии модда дар ҳолати имконулвуҷуд ба консепсияи асосии ҷаҳонбинӣ ва мантиқию онтологии Форобӣ, Ибни Сино ва ғ. мутобиқат мекунад» [209,131-132].

Бояд таъкид намуд, ки бархе аз таълимоти тасаввуф бо ҳикматҳои машшоиёни Шарқӣ монанди ҳамдигаранд, ки ин аз донишмандӣ, фарохназарии сӯфиён ва баҳрамандии онҳо аз ҳикматҳои файласуфони Юнони Қадим дарак медиҳад. Масалан, дар китоби «Шарҳи таарруф» [181,3-6] -и Мустамлӣ ва «Донишнома» -и Сино (қисмати «Илоҳиёт») [10,216-295] ақидаҳо айнан такрори ҳамдигаранд:

-оид ба қодирӣ ва тавоноии Худо [181,3] ва [10,264-265]

-аразӣ набудани Ваҳдати вуҷуд [181,4] ва [10,254]

-Худо ягона аст ба зоти хеш ва ба ҳеҷ чиз пайванди зотӣ надорад [419,5] ва [10,247]

-Қадим будани Худо [181,5] ва [10,156]

-Худойро амсол нест [181,6] ва [10,255] ва ғайра.

Албатта, бархе аз ин нуктаҳо дар китоби Қуръон ба касрат ёд шудаанд ва дар ин масъала ҷонибдори монотеизми дини ислом будани аҳли тасаввуфро бозгӯӣ мекунанд. « Ин падида, ки муҳаққиқи русӣ И. Носиров онро «ҷараёни зоҳидонаи исломи ибтидоӣ» ном мебарад, бо

нишонаҳои расмии этникӣ, ҷуғрофӣ ва конфессиявии таълимоти тасаввуф алоқаманд аст. Вале, ба гуфтаи ӯ, ин падида ҷузъи як ҳодисаи ягона нест, зеро ба масъалаҳои умумии иҷтимоӣ дахолат мекунад» [194,141].

Дар таълимоти тасаввуф Худо, ки сарчашмаи ҳақиқат аст ва аз рӯи баёни орифон, Ҳузури Ягона [ҳазрат ал-ҷамъ] ва Ҳузури Ҳастӣ [ҳазрат ал-вуҷуд], Ҳақиқати Ҳақ [Ҳақиқат ал-Ҳақика] дониста мешавад ва хоҳиши расидан ба тавҳиди Ӯ сӯфиро ба роҳи кашф, илҳом, шуҳуд ва ишроқ роҳнамоӣ мекунад. «Дар тасаввуфи Хуросон, – мегӯяд академик К. Олимов, – Худо дар вуҷуди аҳадияти худ, ҳолати зуҳур наёфта, моҳияти дар худ мебошад. Аз ин рӯ, ҳастии Ӯ аз ҳастии силсилаи мавҷудоти дигар фарқ мекунад. Мувофиқи ақидаи Калободӣ дар шарҳи Мустамлӣ «Вай поктар аз он аст, ки ҳеҷ сифати вай ба сифати муҳдасон монанд нест, зеро ки сифати муҳдасон араз аст ва сифоти Худои азза ва ҷалла араз нест» [209,119].

Аз як тараф, Худо маънои «Ҳастии покро» ба худ мегирад ва аз дигар тараф, тавассути шаклҳои мушаххаси ҳастии ҷудогона ифода меёбад. Ба ин маънӣ, дар контексти фарзияи монизми илоҳӣ, ки «Нест Худое ҷуз Аллоҳ» муаррифӣ мешавад, фарзияи дигар низ ба вуҷуд меояд: «Нест мавҷуде ғайри Худо». Дар муқоиса бо монизми илоҳиёти исломии анъанавӣ, ки гуногунӣ ва вижагиҳои Худоро инкор мекунад, монизми онтологӣ пайдо мешавад, ки мувофиқи он ҳамзистии Офаридгор дар гуногунрангии офаридаҳои хос зоҳир мегардад. «Тавҳид дар исломи расмӣ тафовути ҷиддӣ дорад. Худои ягонаи берун аз олам-мовароуттабиӣ дар тасаввуф вуҷуд надорад, баръакс Худо ва табиат як асли воҳид, як гавҳар дониста мешавад. Тавҳиди тасаввуф ҳама мавҷудотро, ҷуз Худо, танҳо намуд мешуморад, на вуҷуди воқеӣ. Мавҷуди ҳақиқӣ фақат Худост, боқӣ ҳама таҷаллии Худо мебошанд. Ҷуз Худо ҳеҷ чиз вуҷуди воқеӣ надорад» [272,293].

Таҳлили мазмун ва муҳтавои таълимоти ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва тасаввуф нишон медиҳад, ки бархе аз ақидаҳои асосӣ дар ин ду равияи фикрӣ ба ҳам наздик буда, ҳатто ба шакли лафзӣ ҳамдигарро такрор мекунанд. Масоиле мисли ягонагии зотии Худо, қадим будани ӯ, аразӣ набудани сифот ва Воҷибулвуҷуд будани Ҳақ, дар таълимоти Ибни Сино ва орифони тоҷик, махсусан дар осори Мустамлӣ, бо як мазмуни муштарак ифода шудаанд.

Ин наздикӣ баёнгари он аст, ки мутафаккирони сӯфӣ бо вуҷуди рӯйкарди таҷрибавии ботинӣ ва раванди ирфонии маърифат, аз дастовардҳои фалсафаи ақлонӣ, аз ҷумла мактаби машшоия, ба таври васеъ баҳра бурдаанд. Бино ба таҳлили мантиқӣ ва ҳамзамон ирфонӣ, метавон гуфт, ки сӯфиён бо нигоҳдошти пояҳои монотеизми исломӣ, таълимоти фалсафии ҳастиро бо раванди худ дарк ва тафсир кардаанд.

Ифодаҳои Мустамлӣ, ки Худоро «аз сифатҳои муҳдасон пок» ва «ғайри араз» мешуморад, ба таври аҷибе бо таълимоти Ибни Сино дар «Илоҳиёти Донишнома» ҳамоҳанг аст, ки дар он таъкид мешавад: «Худо ягона аст ба зоти хеш ва ба ҳеҷ чиз пайванди зотӣ надорад». Ин назарияҳо аз як ҷаҳонбинии воҳиди ҳастишиносие шаҳодат медиҳанд, ки дар он Худо ҳамчун асли мутлақ ва ягона, маншаи ҳар гуна вуҷуд шинохта мешавад.

Муҳокимаҳои илоҳиётӣ дар тасаввуф, ки баёнгари мавҷудияти Худо дар сифоти ботинӣ ва таҷаллии ӯ дар ҳамаи мавҷудот аст, ба монизми онтологӣ оварда мерасонад. Яъне, агар монотеизми фалсафии исломӣ ба вуҷуди Худои берун аз ҷаҳон таъкид кунад, дар тасаввуф Худо ва ҷаҳон як ваҳдати воҳид ҳисобида мешавад. Аз ин ҷост, ки таълимоти сӯфиён бо таваҷҷуҳ ба «вуҷуди ҳақиқӣ» доштани танҳо Худо, ҳама чизи дигарро «намуд» меҳисобанд.

Маҳз ҳамин тафсири ирфонӣ, ки таҷаллии Худоро дар кулли мавҷудот ба ҳайси таназзули зотии ҳақиқат мебинад, таълимоти тасаввуфро аз фалсафаи машшоия ҷудо мекунад. Агар машшоия дар таҳлили вуҷуд бо методи мантиқ ва далелҳои зеҳнӣ амал кунад, тасаввуф бо раванди кашф, илҳом ва шуҳуди қалбӣ ҳастиро дарк мекунад. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқ чунин андеша дорад, ки ин ду равиш (мантиқӣ ва ирфонӣ) бо ҳамаи ихтилофоти зоҳирӣ, дар асл якдигарро такмил медиҳанд. Фалсафа асосҳои назарии ҳастиро таҳия мекунад, дар ҳоле ки ирфон онро дар амал ва таҷрибаи шахсии маънавӣ зинда медорад.

Аз ин рӯ, ба хулосае меоем, ки шабоҳати ибораҳо ва мафҳумҳо дар осори Ибни Сино ва Мустамлӣ на танҳо тасодуф нест, балки шаҳодати равшани таъсири мутақобила ва фазои муштараки фикрӣ аст, ки дар асрҳои X-XII дар Хуросону Мовароуннаҳр ташаккул ёфта буд. Ин фазо имкон дод, ки тасаввуф ва фалсафа дар як заминаи маънавии исломӣ ба назари васеи ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ табдил ёбанд.

Ба андешаи мо, байни ҷараёнҳои мухталифи фалсафаи асримиёнагии тоҷик, ин хусусияти теосентрӣ танҳо барои тасаввуф хос аст. Зимни ин масъала академик К. Олимов аз баҳсҳои назарии сӯфиёни Хуросон дар бораи дар тамоми ашё, аз ҷумла дар инсон сорӣ будани Худо, ки Ҳақ ё Ҳақиқат номидаанд, зикр намуда, андешаҳои Боязиди Бистомӣ ва Харақониро оид ба «ҳамвуҷудии онтологии Худо ва инсон» таъкид менамояд: «Ҳақиқат ҳамчун вуҷуди кул буда, ашёи олами модӣ, инсон, рӯҳ аҷзои он маҳсуб меёбанд. Азбаски Ҳақ зоти пок аст, ӯро дидан, шунидан ва бо вай гуфтугӯ намудан имконнопазир аст. Дар консепсияи Харақонӣ тамоили пантеистӣ маълум аст, вай дар симои инсон худшиносии Худоро, ки зоти он пинҳон аст, мебинад. Барои Харақонӣ, ки ба зумраи пайравони экстатизми тасаввуф шомил аст, инсонро махлуқ намеҳисобад, зеро вай худ ҷузъи Худованд аст ва

мегӯяд: Гуфтам: Худовандо, он имон, ки маро додӣ, маро тамом аст. Гуфт: нидо омад, ки: Ту мойӣ ва мо ту» [209,120].

Сайид Муҳаммад Ҳусейн Таботабоӣ (1903, олими диншиноси эронӣ, устоди Анри Корбэн) дар ҳар нуктааш аз оятҳои Қуръон далел оварда, оид ба атрибути Худо мегӯяд, ки одамон сифатҳои Худовандро чуноне бар забон меоваранд, ҳамин тавр дарк мекунанд, вале ин нодуруст аст, зеро қудрату тавоноию бузургии Ӯ дар тафаккур гунҷоиш намегирад. Барои дарки Худованд ақлу қуввахои эҳсосии инсон оҷиз аст. Холиқияш абадист ва аз оғоз буд ва ҳамеша қаюм [мавҷуд] аст [33,13-14]. Ин нуктаи мазкури С.Таботабоӣ бо таълимоти аҳли тасаввуф созгор буда, дар таълифоти сӯфиён зикр гардидаанд (бахусус, дар «Шарҳи таарруф»).

Исми ҷомеи Ҳақ (Аллоҳ) тавассути сифоташ дар олам зоҳир мешавад. Масалан, исми «Ҳай» ишора ба зинда будани Худост ва моҳияти зотии ӯ ба шумор меравад. Вале чун моҳияти Худо дар ҳастӣ ё вуҷудаш зоҳир мешавад, ин исм фақат ба Ӯ мансуб аст, дар олами имкон бошад, он ҳамчун сифати Худо ба ҳамаи мавҷудоти зинда ҳамчун махлуқи Офаридгор дахл дорад.

Дар асрҳои миёна, барои рушди минбаъдаи ақидаҳои ирфонӣ, гностисизм давраи таҳаввули ҷараёни динию ирфонӣ гардид. «Ба «гносис» (ирфон)—дониши асроромез тавассути илҳому кашфу шуҳуд ноил шудан мумкин аст. Гноститсизм моҳияти ҳастиро дар мабдаи ягона мебинад, ки тавассути силсилаи фаязони он маротиби вуҷуди олами даркшаванда ҳамчун олами зулмонӣ пайдо мешавад. Хусусияти аз ҳама муҳими гноститсизм санавият (дуализм)-и космогонии он мебошад. Дар ин санавият мисли таълимоти асотирӣ муборизаи хайру шар, рӯшноию торикӣ баръало мушоҳида мешавад. Гностикҳо мӯътақиданд, ки байни Худо ҳамчун хайри маҳз ва олами моддии зулмонӣ мавҷудоти зиёди робит (эонн) ҳастанд, ки ин ду мабдаъро аз ҳам ҷудо мекунанд» [114,360].

Инсон дар таълимоти гностикӣ мақоми муҳим дорад. Дар ӯ тамоми мазҳари олам зоҳир мешавад. Худи инсон зодаи дунёи ҳастӣ бошад ҳам, ҷавҳари ӯ хусусияти илоҳӣ дорад. Нафси ӯ низ ба олами фавқулкайҳонӣ мансуб аст. Робитаи инсон бо мабдаъ тавассути тааммули амиқи ботинӣ ва ё илҳоми илоҳӣ сурат мегирад. «Ин падидаи мураккаб,- мегӯяд М. Степанянс,- мафҳуми онтологии ба таври умум пазируфташуда надорад, вале метавон гуфт, ки таъсирбахштарин дар он ғояи ваҳдати ҳастӣ (ваҳдати вуҷуд) – нуқтаи олии рушди афкори сӯфӣ мебошад. Ин ақида дар аввалин таълимоти фалсафӣ ба миён омадааст. Он объекти фалсафасозии намояндагони афкори Юнони қадим (асрҳои VI-V пеш аз милод) - Ксенофани Колофонӣ, Парменид, Гераклит ва ғайра буд ва дар таълимоти Афлотун ва навафлотуниҳо боз ҳам инкишоф ёфт» [259,14].

Оид ба ин нукта Муҳаммад Ғазолӣ дар зербоби «Баёни фарқ миёни тариқи сӯфия дар ҷониби илм ва тариқи дигарон» чунин таъкид намудааст: «Сӯфиён дар ҷустуҷӯи ҳақоиқи умур ба таҳсили улум ва мутолиаи он ва дарёфти он чи мусаннифон дар ин бора тасниф кардаанд, таҳриз нанамудаанд, балки гуфтаанд, ки роҳи он муқаддам доштани муҷоҳида дар маҳви сифоти бад ва қатъи ҳама пойбандиҳо ва иқбол ба ҳамаи ҳиммат ба сӯи Худои таъоло аст. Чун касеро ин мақом ба даст омад, раҳмати Худо бар ӯ файзбахш мешавад ва рози малакут бар ӯ макшуф ва ҳақоиқи умур бар ӯ маълум мегардад ва бар ӯ нест ҷуз ин ки тасфияи муҷаррад [покизагии ботинӣ-А.К.] омода шавад ва бо ҳузури ният, иродаи содиқ ва аташи [иштиёқ –А.К.] тому тамом дошта бошад, ки Худованд аз раҳмати худ бар ӯ рӯшан мегардонад» [94,44].

Муҳаммад Ғазолӣ мегӯяд, ки сӯфиён ба ҷустуҷӯи илм ва таҳсили улум намепардозанд, балки роҳи ҳақиқатро дар муҷоҳида (кӯшиши маънавӣ) ва поксозии ботин ҷустуҷӯ мекунанд. Ҳақоиқ ва маърифати умур барои шахс он гоҳ аён мешавад, ки ӯ аз рӯҳи пок ва нияти содиқ бархӯрдор бошад. Ба ибораи дигар, сӯфиён фикр мекунанд, ки танҳо

тавассути поксозии ботин ва тафаккури назарии содиқона метавон ба ҳаёт ва ҳақиқат амиқтар назар андозем.

Дар Қуръон гуфта мешавад, ки Худо ба имоновардагону амалҳои шоистакардагон ваъдаи ҷонишини Худ сохтан додааст [159,24:55]. Инчунин, таъкид мешавад, ки «Мо ба Довуд ва Сулаймон илм додем ва гуфтанд: ситоиш он Худоро аст, ки моро бар бисёре аз бандагони муъмини хеш афзунӣ дод» [1759,27:15].

Муҳаққиқи тоҷик Ш. Амирхонов дар натиҷаи таҳлили осори фалсафии яке аз сӯфиёни машҳур Аҳмад Ғазолӣ дуруст муайян намудааст, ки «мутафаккир (Ғазолӣ) кӯшиш кардааст мушкилоти тасаввуфро аз нуқтаи назари илоҳӣ шарҳ диҳад; асоси консепсияи онтологии ӯро принсипи тавҳид ташкил мекунад, назарияи дониши ӯ (гносеология) се шакли донишро дар бар мегирад: 1) ҳиссӣ; 2) оқилона; 3) беихтиёрона; вай нахустин батанзиморандаи мафҳуми сӯфии ишқ дар таърихи тасаввуфи исломист; мафҳуми ахлоқии Аҳмад Ғазолӣ ғояҳои зардуштия, навафлотуния, тасаввуфи исломӣ ва баъзе унсурҳои перипатетизми шарқиро дар бар мегирад; ҳадафи ишқи мутафаккир пайвастан бо Худо мебошад; мутафаккир масъалаи таъсири мутақобилаи дин ва инсонро аз мавқеи гуманистӣ ҳал мекунад. Вай мекӯшад исбот кунад, ки маҳз сӯфия одамонро ба сӯи идеалҳои олӣ мебарад; ба тасаввуфи Аҳмади Ғазолӣ индивидуализми шадид, шикастани ортодоксия дар таълимот ва амалия хос буд» [381,12].

Ш. Амирхонов андешаҳои Аҳмад Ғазолиро оид ба ҳастӣ муайян намуда, дуруст иброз медорад: «Ҳастӣ на воҳид, балки ягона (умумӣ) аст. Он ба ҳама чиз баробар дахл дорад. Ба ибораи дигар, на танҳо ҳама чизи мавҷуд ягона аст, балки ҳар чизе ягона аст, яъне ваҳдати умумӣ дар ҳар як унсури хурдтарини воқеият мавҷуд аст. Ягонагӣ - ҳастӣ дар ҳар як чизи алоҳида инъикос ёфтааст, бинобар ин ягона аст, мустақилият ва фардият дорад. Пас, ҳамин тавр, Аҳмад Ғазолӣ «ҳастӣ» -ро чун асли

муттаҳидкунандаи олам мепазирад ва монизми мутлақи ӯ шакли монизми антиқаро мегирад» [333,138].

Ҳадафи ниҳоии сӯфӣ дар тай кардани ҷодаи маънавӣ дарёфти Ҳақиқат, иззат [маҳийя], худшиносӣ [зот] ва воқеияти ҳама корҳо мебошад. Барои сӯфӣ шариат ва тариқат чароғест, ки роҳро равшан мекунад. Аммо мақсади ӯ на роҳ асту на чароғ, балки расидан ба ҳадафест, ки ду зина аз онҳо болотар аст. Андешаҳои сӯфиёна бештар ақоиди пантеистона ба худ мегирад: мақсади асосӣ расидан ба ҳақиқат ва Ҳақ мебошад, ки тавассути он воқеияти ҳама чиз арзёбӣ карда мешавад, ҳама чиз дар ҷаҳон дар ҷустуҷӯи Ӯст, барои дарки Ӯ саъй мекунад ва тай кардани шариату тариқат барои зинаи маърифат шарти зарурӣ мебошанд.

Ба андешаи сӯфиён дониш шарти зарурӣ барои дарк нест ва баръакс, дар бисёр ҳолатҳо, дониш, дар ин роҳи маънавии расидан ба Ҳақ монеа мешавад. Сӯфӣ дар ҳолати ирфонӣ [ҳол] Ҳақро меҷӯяд, на дар асоси имону дониш ваҳдати Худоро дарк месозад. Аз ин рӯ, вай ба ҳолате мерасад, ки тавҳиди илоҳӣ номидааст ва ин маънои инкор кардани ҳама ҳамақидагиҳо[изофат] ва рад кардани ҳама сифатҳо ва офарандагиро дорад. Сипас, ӯ ҳама зуҳуроти берунии ҳастии олам ва ҷисмҳои осмониро инкор мекунад. Вай ҳама омилҳои мавҷудиятро, ба истиснои Ваҳдати вуҷуд, ки Ҳақиқат маҳсуб меёбад ва илоҳияти Ӯ рад мекунад. Ӯ ҳастие, ки манбаи мавҷудияти воқеии тамоми мавҷудоти дигар мебошад ва ягона мавҷудияти пойдор, абадӣ ва воқеӣ мебошад.

Аммо чунин дарк, ки марҳилаи ниҳоии он «Ҳаққ- ул-яқин» аст, аз зинаҳои ратсионалистии «илм ал-яқин» ва илмии «айн ал-яқин», натиҷаи кашфи рӯҳонии биниши ботинӣ [мушоҳада] ва муайянкунӣ [муъайина] мебошад. Ин дарк, тавре ки қайд шуд, на бо далелҳои ратсионалӣ, балки тавассути худтаҳлилкунии ботинӣ бо дил [муроқаба] имконпазир мегардад ва ба андешаи сӯфиён, дил мавқеи хеле муҳимро ишғол

мекунад. Бале, ба ин тарз, ки дар Олами Бузург Қалби Акбар Арш ҳисобида мешавад ва дар Олами асғар Арши асғар номида мешавад.

Бар асоси ақидаи сӯфӣ, қалб ҳамчун ибтидои равонӣ ба ҳисоб меравад, ки вазифаи он расидан ба маърифати олии асрори Худо ва олам аст. Рӯҳ ҳамчун ибтидои латиф ва макони муҳаббат хизмат мекунад, ки сирр дар он макон барои дидори Худо пинҳон аст. Кашф ва завқ, асосан, тавассути ҳамин ибтидои рӯҳонӣ ба вуҷуд меоянд. Барои сӯфиён, ин дарки маърифати ҳадсӣ, ки аз таҷрибаи ирфонӣ ба даст меояд, назар ба дониши ақлгаро болотар ва муҳимтар аст.

Ғанӣ шудани моҳияти иҷтимоии тасаввуфро дар замони Абдуллоҳи Ансорӣ академик К. Олимов чунин зикр менамояд: «Агар инсон қаробат бо зоти илоҳӣ дошта бошад, пас зиндагии нобаробар ва таҳқир шудани қисме аз ашхос аз тарафи қисми дигар нораво мебошад. Зеро ҳама баҳравар аз зоти илоҳӣ буда, кас ҳақ надорад бар каси дигар зулму тааддӣ намояд. Ин хулоса як василаи муҳими идеологӣ барои танқиди табақаи ҳоким ва сарватмандону ситамгарон буд ва аҳли тасаввуф аз он фаровон истифода мекарданд» [207,20].

Ҳамин тариқ, таҳқиқ шуд, ки дарки ирфонии сӯфиён оид ба ҳастӣ на танҳо ба кашфу шуҳуд, балки ба таври ғайримустақим аз фалсафаи мантиқии машшоия таъсир пазируфтааст. Сӯфиён, бо вуҷуди ихтилоф дар метод, ба як воҳиди маърифати илоҳӣ такя мекарданд, ки аз решаҳои умумибашарии фалсафа ва дин сарчашма мегирад. Маърифати ирфонӣ ба сифати таҷрибаи ботинии ҳиссӣ дар муқоиса бо фаҳми мантиқии фалсафаи машшоия, на ҳамчун муқобилият, балки ҳамчун такмилкунандаи шинохти ҳастӣ фаҳмида мешавад.

Нақди илмии матнҳои тадқиқшуда нишон медиҳад, ки фалсафаи тасаввуф, сарфи назар аз мавқеи ирфонӣ ва эҳсосгароёна, дорои бунёдҳои муназзами назариявии онтологӣ аст. Пантеизми монистии сӯфия, ки таҷаллии Ҳақро дар ҳама мавҷудот тасдиқ мекунад, бо тавҳиди

исломии анъанавӣ ихтилофи назар дорад, аммо аз доираи ҷаҳонбинии илоҳӣ берун намеравад. Маҳз ҳамин маърифати илоҳӣ ва фаҳми тафсирии ҳастӣ, ки ба таваҷҷуҳ ба қалб, завқ, шуҳуд ва илҳом асос ёфтааст, фалсафаи тасаввуфро аз дигар мактабҳои фикрии шарқӣ фарқ мекунонад.

Ҳамин тавр, муҳимияти илмии масъала дар он аст, ки дар заминаи таҳлили муқоисавии таълимоти фалсафаи машшоия ва тасаввуф, метавон заминаи нави шарҳи илмии онтологияи исломӣ-ро пешниҳод кард, ки дар он таҷриба ва мантиқ, кашф ва истидлол, ирфон ва фалсафа бо ҳам дар ҳамоҳангӣ қарор доранд.

Бо дарназардошти он ки масъалаи ҳастӣ дар тасаввуф ба шинохти Худо ва табиати мутлақи Ӯ вобастагӣ дорад, мавзуи инсон, ки ҳамчун оинаи вуҷуд ва маҳалли таҷаллии Ҳақ баррасӣ мешавад, аҳаммияти марказӣ пайдо мекунад. Таълимоти сӯфиёна, бар асоси тафсири ирфонӣ, инсонро на танҳо як мавҷуди огоҳ, балки ҷилваи Ҳақ, таҷаллии сифатҳои илоҳӣ ва василаи васл ба маърифати мутлақ медонанд.

Дар ҳамин замина, яке аз мафҳумҳои асосии онтологияи тасаввуф – «Инсони комил» унвон гирифтааст, ки ҳамчун намунаи олии офариниш, зоти мутамаддини равонӣ ва маънавӣ ва пайвандгари байни олами моддӣ ва олами илоҳӣ дониста мешавад. Ин мафҳум дар ирфони исломӣ, махсусан дар осори Мустамлии Бухорӣ ва дигар орифони тоҷик, ҳамчун қуллаи таҷриба ва шинохти маънавии инсон матраҳ мешавад.

Файласуфи тоҷик М. Маҳмадҷонова оид ба ғояи инсони «комил» мақолаи ҷолибе дорад: «Тамоми равияҳои маънавии асримёнагии исломӣ – тасаввуф, фалсафа, шеърият ва адаб дар фаҳмиши «камол» ҳамфикр буда, онро ҳамчун рукни асосии ташаккули ҷаҳонбинии томи инсон шарҳ дода, онро низому ҳамоҳангии инсону олам, Худову худӣ мепиндоранд. Камолот ҳамчун дониши мукаммал ё сифати хайри касбшуда дониста шуда, инсони комил шахсе воқиф аз сирру асрор,

донишҳои махуф, ки дастнорас ба инсони оддӣ мебошад, муаррифӣ мегавад. (Масалан, унвони «комил» -ро ба муршидону пирони тасаввуф мансуб медонанд)» [360,43]. Нуктаи ҷолибе, ки муҳаққиқ дар ин мақола нуктагузорӣ менамояд, ин андешаҳои Закариёи Розӣ мебошад. Закариёи Розӣ инсон-файласуфро, ки ба хирад такя мекунад, комилтарин ном мебарад ва камолоти рӯҳии инсонро ба идора ва ром кардани нафс вобаста намудааст [360,46].

Мафҳуми «инсони комил» дар таълимоти тасаввуф, на он қадар аҳамияти маънавӣ ва ахлоқӣ, балки мазмуни маърифатӣ дорад. Валӣ (сӯфиест, ки бо Худо ягонагӣ дарёфтааст) ба дараҷаи баландтарини маърифат, ҳамчун эътимодгари натиҷаи баҳамоии маърифати субъект ва объект, мерасад. Роҳнамои валӣ дар ду зина: эътимод бар ҳадиси набавӣ ва эътимод ба мушоҳидаҳои шахсӣ, ба даст меояд.

Сӯфии то ба дараҷаи валӣ расида, дорои дониши эзотерикӣ ва асрори илоҳӣ мегардад. Валӣ, ба монанди фариштагон, ваҳйро аз ҷониби Худо мегирад, дар ҳоле ки пайғамбарон дониши худро тавассути фариштагон [миёнарав] ба даст оварда, қобилияти нубувват пайдо мекунанд.

«Моҳияти инсони комил монандии инсону Худо (одаму олам) ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва ҳам аз ҷиҳати маънавӣ мебошад, яъне инсон намунаи ҷаҳони офариниш ва пазирандаи олами ҳастист. Чунин ғоя дар даврaҳои қадим дар таълимоти «пуруша» -и ҳиндуҳо, «ченжен» -и чиниҳо ва зардуштия мушоҳида мешуд. Мутафаккирони асрҳои миёна ин монандиро боз ҳам тақвият дода, инсонро бузургтарин ҷилвагоҳи ҳаққу ҳақиқат пиндоштанд ва онро ба қавни ҷомеъ ташбеҳ намуданд, ки барои ҳақиқати вуҷуд ва маротиби он ҳамчун тимсоли воқеӣ хизмат мекунад» [114,368].

А. Зарринкуб дуруст таъкид медорад, ки ин олимон инсонро монанди олам шинохта, як навъ иртиботи маънавии микрокосмосу

макрокосмосро барқарор намудаанд, яъне «Агар дар олам замину осмон бошад, дар одам аз ноф боло осмону аз он поён замин, агар дар осмон чаҳор унсур бошад, дар одам гӯш — хок, чашм — оташ, бинӣ — бод ва даҳон—об аст» [114,368].

Чунин монандии шайъӣ дар «Зубдатулҳақоиқ» ба таври пурра тасвир гардидааст. Дар робитаи маънавӣ мақоми асосиро камолоти ахлоқӣ, маънавӣ ва ақлӣ ишғол мекунад ва ин се нуқтаи асосӣ далолат ба як ҳадафи асосӣ — ҳаракат аз сӯи нуқс ба камол мебошад. Ба таъбири дигар, инсон ҳамчун мазҳари илоҳӣ тамоми сифатҳои Худоро билқувва (потенсиалӣ) дар вуҷудаш ниҳон дорад ва дар натиҷаи камол ёфтан (чи хеле ки ҳаюло суратро кабул карда, моддаро ба вуҷуд меорад) тамоми ҳастӣ ё худ сифатҳои Худоро дар худаш меёбад ва ҷузъи кул будани худро дарк менамояд.

Ин «инсони комил», ки дар ҳар сурат шахси каромотёфта аст, бамақсадрасидаи зинаи ниҳоии таълимоти сӯфиёна мебошад. Ҳастии ӯ, ба андешаи сӯфиён, мутамарказии олами кул ва таҷассуми тамоми номҳо ва сифатҳои Ҳақ мебошад. Ин оинаест, ки дар он Ҳақ инъикос меёбад ва воқеан, ҳамчун марҳилаи ниҳоии эҷоду мақсади офариниш маҳсуб меёбад.

«Фалсафаи тасаввуф, аслан, фалсафаи завқ аст, ки ба ашё ва ҳолати ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари маърифати ҳадсӣ менигарад. Меъёри эътимоди ӯ имони қалбӣ аст, на имони ақлӣ» [348,17]. Яъне, барои ориф, маърифати ҳақиқат бештар ба воситаи кашф (яъне, бартарафсозии пардаи зоҳирӣ аз зоти ҳақиқӣ), шуҳуд (мушоҳидаи ботинӣ ва ихлоси сирф), илҳом ва ишроқ (нури маънавии ногаҳонӣ) сурат мегирад, на тавассути далелҳо, муқоиса ва муҳокимаҳои ақлонӣ. Дар ин раванд, пир (муршид) бо воситаи завқ, яъне таҷрибаи бевоситаи руҳонӣ, ки аз баҳс ва далелҳои мантиқӣ берун аст, ҳақиқатро шинохта, қалби шогирдро ба ҳолати мутеият ва тавозуъ раҳнамун месозад. Маҳз тавассути ин

таҷриба, шубҳа ва ҳайрат аз қалби сӯфӣ дур мешавад ва ӯ дигар ба гирудори фикр ва истидлолҳо пойбанд наменонад.

Бе ҳузури малакаи завқ ва қобилияти дарки ботинӣ, тай кардани роҳи маънавии тасаввуф номумкин мегардад. Танҳо солики ба марҳилаи «аҳли завқ» расида, дорои як эътимоди ботинӣ мешавад, ки аз ҳама гуна эътимоди ақлонӣ устувортар ва таъсиргузортар аст. Аз ин лиҳоз, солик ниёзе ба исботи мантиқии мавҷудияти Худо намебинад, Ӯро эҳсос мекунад ва Худо ба воситаи ҳузури худ, ки бо эҳтиром ва бузургии маънавӣ танаффус мекунад, зоҳир мегардад.

Ин маънӣ дар «Шарҳи таарруф» баён гардидааст: «Худро [Худо – А.К.] барояшон шинохта гардонид, то иллати маърифати халқ шиносо гардонидани Ӯ бошад».[255,7]

Ба андешаи аҳли тасаввуф ***маърифати ирфонӣ имкон медиҳад, ки сӯфӣ болотар аз олами андеша ва муносибатҳои инсонӣ қарор гирад***. Сӯфиҳои ақлгаро рисолати пайвандгарии оламҳои улвӣ ва моддиро бар дӯш доранд. Ҳамзамон, орифони тасаввуф ақоидеро тафсир мекунанд, ки дар назарияи муосири маърифатӣ ин вазифаро тафаккур адо мекунад. Тафриқаи андешаҳои онҳо ин аст, ки ориф ду намуди донишро барои ба даст овардани дониши сеюм мепайвандад, файласуф аз «маҷмуи ду назария ё далел хулоса мекунад ва сӯфии комил тавассути сипеҳри асрор сайри дил мекунад.

«Худои ин орифон (Абдуллоҳи Ансорӣ, Шайх Алии Ҳаҷвирӣ, Харақонӣ, Суламӣ, Саноӣ ва ғ.), – мегӯяд К. Олимов, – мавҷуди теологӣ ва ё сирф абстраксияи мантиқӣ набуда, дар вай моҳияти ахлоқӣ, маърифатӣ, эстетикӣ таҷассум ёфтааст. Бинобар ин, Худо як навъ идеализатсияи инсон буда, маърифати ӯ ба инсоншиносӣ ва худшиносии ориф алоқамандии зич дорад. Ҳамин аст, ки ақидаҳои онтологӣ ва иҷтимоию ахлоқӣ дар як қатор мутафаккирони тасаввуф ба ҳам омезиш

пайдо кардаанд ва баёни масъалаҳои онтологӣ дар ниҳоят ба ахлоқ ва аз ин роҳ ба сӯи гуманизм ва озодандешӣ бурдааст» [207,22].

Аммо ин маънои онро надорад, ки сӯфӣ бо доираи файласуфони ақлгаро (мӯътазилияҳо, ашъарияҳо ва машшоиён) комилан муқобил аст. Гузашта аз ин, тасаввуф ба ақоиди ирратсионалистии равияҳои анъанавӣ, ки муқаррароти Қуръонро мутлақ меҳисобанд, зид аст. ***Илми ҳоли сӯфӣ ин санади илоҳиётшиносӣ набуда, балки қобилияти рӯҳи инсон аст, ки қудрати маърифати ирфонии он аз имкониятҳои ақл камтар нест.***

Ҷанбаи фаъолияти амалии сӯфиён рисолати будан ё ҳастии инсонро дур аз ҳаёти иҷтимоӣ донистан аст, ки сарманшаи он як навъ эътироз аз бенизомиҳои давлатдорӣ ва аҳволи иҷтимоии мардум буд. **Бояд эътироф кард, ки набояд пояҳои тасаввуф берун аз манфиатҳои илмию ахлоқию иҷтимоӣ зуҳур намоянд.**

Аз ин рӯ, рушди тасаввуф ҳамчун таълимоти динӣ ва фалсафӣ, дар иртиботи мустақим бо илоҳиёт, тавассути ҷараёни бисёрзинагии иттисоли тадриҷии зоҳид ба асрори воқеияти олиэҳсос, ё Худо, муҳаққиқонро маҷбур месозад, ки дар ин таъсирот ибодат ва таълимоти ирфонии ратсионалистиро пеша намоянд.

Мутафаккирони тасаввуф барои сулҳ ва риояи «ҳуқуқи олии илоҳӣ» -и инсон ба зиндагӣ ва озодӣ ақоиди ҷолибе иброз дошттаанд. «Тасаввуф дар тӯли асрҳои зиёд ба маънавиёти халқ хидмат кардааст. Покизагии рӯҳонӣ ва ахлоқии инсон, боло рафтани ӯ бо муҳаббати илоҳӣ ғояҳои асосии ин таълимот мебошанд. Аз ин рӯ, тасаввуф бо ғояҳои инсонияти амиқ дар дили онҳое, ки ҳақиқатро меҷӯянд, роҳ ёфта, орзуҳои мардумро дар бораи покӣ, зиндагии ҷовидонӣ, озодии рӯҳ баён мекунад» [308,3].

Таълимоти тасаввуф ба ислом ба ратсионализми теологӣ таъсири амиқ расонида, ба ҷойи ифодаи мавқеъ ва нақши инсон дар табиат ва

ҷамъият, водор сохт ба инсон бо диди нав – ҳамчун офаридашудаи «тимсоли Худо» назар кунанд, ки дар нафси ӯ «порае аз нафси илоҳӣ» мавҷуд аст. Тасаввуф бо чунин идеалҳои маънавию ахлоқӣ, аз қабили «покии дасту дил», адолати иҷтимоӣ, баробарии ҳамаи одамон дар назди Худо, мубориза алайҳи бадӣ, барқарор намудани некӯкорӣ, виҷдон ва бародарӣ дар байни одамон ва ғайра худро муаррифӣ намудааст, ки ҳамаи онҳо бо ниёзҳои рӯҳонии имондорон мувофиқ буданд.

Ҳамин тариқ, тасаввуф дар умқи дини расмӣ як қабати нав, як манбаи томи афкори маънавиию ахлоқиро ташкил дод, ки аввал оммаи васеи мардум онҳоро дарк намуда, баъдан онҳоро моликияти ҷудонашавандаи худ эътироф мекард. Тақвият ёфтани ақидаҳои тасаввуфӣ дар шуури ҷамъиятӣ муборизаи теократии давлатӣ ва теологияи меъёриро бо тасаввуф ба шикасти комил маҳкум кард. Дар боқӣ мондани тасаввуф нақши муҳимро чандирии аҷиби иҷтимоии он бозид: вай фарҳангҳо ва эътиқодҳои суннатии мардумиро аз худ намуда, ба омма баргардонид, ки аллакай ба таври сирф мусулмонӣ шуда буд.

Дар Бухоро, ки яке аз марказҳои бузурги илмӣ ва маънавии асриминагии тоҷик буд, тасаввуф на танҳо ҳамчун ҷараёни ирфонӣ, балки ҳамчун нерӯи муҳими фарҳангсоз ва иҷтимоие ташаккул ёфт, ки ба тарбияи ахлоқӣ ва худшиносии динии ҷомеа таъсири амиқ гузошт. Дар Бухоро донишмандони бузурге, ки нисбаи «мустамлӣ» доштанд, маъруф буданд. Фақеҳ ва мухаддиси марвазӣ Абдулкарим ас-Самъонӣ [1113-1167] дар китоби «Ал-Ансоб» [5] дар бораи онҳо маълумоти арзишманд додааст. Калимаи «мустамлӣ» аслан арабӣ буда, маънояш «такрор, тавзеҳ, тафсир» аст. Шогирд-ёвари муаллим унвони «мустамлӣ» -ро дошт; ин истилоҳ дар замони Абдуллоҳ ибни Тоҳир ё эҳтимолан пештар зикр шудааст. Ибни Тоҳир ишора мекунад, ки вазифаи «мустамлӣ» такрори суханони устод барои касонест, ки тавони

фаҳмидани таълимоти ӯро надоштанд ва мустамлӣ мураббӣ ҳам буд [281,87].

Яке аз асосгузорони мактаби тасаввуфи Бухоро [тасаввуф] - аллома, имом-пешвои сӯфиён, мутарҷими ҳадис Абӯиброҳим Исмоил ибни Муҳаммад ал-Мустамлӣ ал-Муфассир (с.в.1092) аз Бухоро будааст. Ӯ дар назди устодонаш – Абул Аббос Ҷаъфар ибни Муҳаммад ан-Нақбуни ал-Бухорӣ, қозӣ Абусаид Халил ибни Аҳмад ас-Сиҷзӣ, Абуҳамид Муҳаммад Соигӣ таҳсил кардааст. Муҳаддисон Абдулазиз ибни Муҳаммад ан-Нахшабӣ ва Абубакр Муҳаммад ибни Алии Ҷаъфарӣ аз суханони ӯ ҳадис ривоят мекардаанд. Абдулазиз ан-Нахшабӣ дар асари энсиклопедии «Муъҷам аш-шуюх» аз Мустамлии Бухорӣ ёдовар шудааст [5].

Дар ин замина, яке аз манбаъҳои муҳим ва барҷастаи тасаввуфи асрҳои миёна, ки ин рӯҳияи иҷтимоии тасаввуфро ба таври возеҳ инъикос мекунад, асари — «Ат- таарруф ли мазҳаб-ит- тасаввуф» мебошад. Асари «Ат- таарруф ли мазҳаб-ит- тасаввуф» - ро Абубакр бинни Исҳоқ Муҳаммад бинни Иброҳим бинни Яъқуб ал-Бухорӣ Алкалободӣ [246] таълиф кардааст ва Абӯиброҳим бинни Исмоил бинни Муҳаммад Абдулло ал-Мустамлии Бухорӣ, ки муаллифи китобро шайх мехонад, шогирди ӯ буд ва бо хоҳиши дигар шогирдони устодаш бар китоби ӯ шарҳ менависаду онро «Шарҳ-ут-таарруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф» (минбаъд Шарҳи таарруф) унвон мегузорад. Ин китоб бо номи «Нур ул-муридин» низ маъруф аст.

Ин китоб аз ҷониби олимони тоҷик мавриди таҳқиқи жарф ва ё шарҳу баррасии комил қарор нагирифтааст, ба истиснои мақолаҳои академик К. Олимов, ки ҳангоми таҳлили осори файласуфону сӯфиёни асримиёнагии Мовароуннаҳру Хуросон бархе аз масъалаҳои онтологии китоби мазкур, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоию ахлоқӣ иқтибос ва шарҳ оварда шудаанд [417,308-324]. Инчунин, филологҳои тоҷик ҳамчун

адабиёти сӯфия паҳлуҳои ҷудогонаи онро мавриди пажуҳиш қарор додаанд. Масалан, дар бораи ҷанбаҳои забонӣ, сабку услуби ин китоб, ҳамчун насри форсии ҳамон давр, мақолаи «Нигоҳе ба «Шарҳи «Таарруф» - и Мустамлии Бухоройӣ» [372,130-134] таълиф шудааст.

Дар муқаддимаи китоб чунин оварда шудааст: Куҳантарин нусхаи бозшинохта аз «Шарҳи таарруф» осорхонаи миллии Қарочӣ дар Покистон аст. Бар ҳасби таърихи китобат шаавволи 472 ҳ.қ. пас аз китоби «Ал-анбиёю –ъан ҳақоиқ ал-адвия», дуввумин нусхаи таърихдори махтутоти форсӣ аст. Бо ёрии мудири маркази таҳқиқотии форсии Эрону Покистон – Оғои Акбар Субут аз он нусхаи асл аксбардорӣ кардем. (Онро Абдулзай Ҳабибӣ –донишманди фақиди афғонӣ нақду баррасӣ кардааст.)

Китоби Шарҳи тарруф аз аз чор рубъ иборат буда, ҳар боби он рубъ дорои як зербоб аст.

Рубъи якум аз 8 боб мешавад.

Рубъи дуюм аз 10 боб иборат аст.

Рубъи саввум 24 боб иборат аст.

Рубъи чорум 36 боб иборат аст.

Муаллифи китоб бар таълимоти ҷараёнҳои мухталифи замони хеш - мӯътазилиён ва ҷамоати аҳли суннат, мазҳаби аҳли маърифат, оид ба масъалаҳои гуногун – Худо, олам, рӯҳ, кавну макон, анбиёву малоик ва ғ. баъзан мувофиқ омада, баъзан баҳсталаб шуморида, тавассути далоил он масъалаҳоро аз рӯи ақоиди тасаввуфӣ шарҳу эзоҳ дода, худ ҷонибдори ақоиди аҳли маърифат будааст.

«Тасаввуф, –мегӯяд муҳаққиқи тасаввуфшиноси рус В.Дроздов,- як ҷаҳонбинии вижаи ирфонӣ, мазҳабӣ ва фалсафӣ мебошад, ки дар чаҳорчӯби ислом ба вуҷуд омада, намояндагони он муътақиданд, ки иртиботи мустақими рӯҳии инсон [иттиҳод] бо Илоҳӣ тавассути таҷрибаи равонии шахсӣ, имконпазир аст. Ин муошират тавассути

ҳолати ваҷдӣ ё равшании ботинӣ ба шахсе, ки бо муҳаббат дар қалбаш дар «роҳ» ба сӯи Худо қадам мезанад, ба даст меояд» [107,117].

Тасаввуфи фалсафӣ бо таълимоти ирфонии худ ба инсон имконияти дарк ва шинохти ҳақиқати онтологиро мебахшад, ки дар он субъекти инсон ва объект, яъне мавҷудот ва Худо дар ҳамоҳангии феълӣ қарор доранд. Он маҷмуи ирфону ахлоқ аст, ки огоҳии илоҳиро тавассути тафаккури таҷрибавӣ ва руҳонӣ ба амал меоварад. И. Носиров таъкид мекунад, ки тафовути бунёдии дониши ирфонии тасаввуф дар муқоиса бо тасаввуфи ғарбӣ аст: тасаввуфи ғарбӣ дар асл, ба маънии интуитивизм мебошад ва онро наметавон барқарорсозии афлотуния дар сарзамини исломӣ номид. Ба гуфтаи ӯ, дониши тасаввуфӣ як равобити мавҷудист; он чизе нест, ки ба вуҷуд ояд, балки дарки худи ашё ва ҳастии онҳо аст [194,5].

Тасаввуфи нав, ки «декадентҳо» ба он меоянд, бӯҳрони рӯҳи муосирро инъикос намуда, таҷрибаи мусбати муошират бо оламҳои дигар, таҷрибаи нафсонии ирфонӣ ва шоистагии онро дар танқиди таълимоти кӯҳна – шуури динӣ, зӯҳди абстрактӣ ва ахлоқи абстрактӣ ошкор менамояд. Ин диндории ирфонӣ нест, ки мо онро рад мекунем.

Дин набояд ахлоқӣ бошад, балки ахлоқ динӣ ва ирфонӣ бошад. Аммо барои ба даст овардани натиҷаи динӣ аз бӯҳрони муосир, ки хатари ба фоҷиаи доимӣ табдил шуданро дорад, бояд аз тасаввуф, ки ташвиқи андешаҳои ирратсионалиро мепарварад, паси сар кард, иддаои тасаввуфи адогматикиро рад кардан лозим аст. Аммо ҷанбаи иҷтимоиву ахлоқии таълимоти он омӯхтанӣ аст.

Академик К. Олимов дуруст мегӯяд, ки риояи дурусти тариқат аз назари Калободиву Мустамлӣ дар ниҳоят боиси аз байн рафтани зулм мешавад, яъне одам муносибаташро бо ҷамъият тавре барпо мекунад, ки вай ба поймол кардани ҳуқуқи одамони дигар роҳ надиҳад. Мустамлӣ ин масъаларо дар доираи фаҳмиши динии озодии ирода ва иртиботи

иродаи илоҳиву башарӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ҳолатҳои рафтори инсонро [некӣ ва ё бадии ӯро ба дигарон] аз рӯи адолат ташреҳ медиҳад. Ҳамин чиз ҷолиби диққат аст, ки ӯ муносибатҳои моддии байни одамонро аз мадди назар дур намекунад. Ин аз таърифи зулму ситам маълум аст: «Зулм он аст, ки моли дигаронро бе ризоияти соҳибаш мегирӣ. Агар шахсе либоси аз они худаш пушад ва таоми аз они худашро бихурад, золим намешуморад. Аммо агар чизе аз шахси дигарро бе ризоияташ аз худ кунад, золим аст» [417,312].

Маълум мешавад, ки агар таҳқиқи файласуфони машшоия бо истидлоли мантиқӣ сурат гирад, исботи аҳли тасаввуф ба таври ирфонӣ, тахайюлӣ анҷом мегирад. Файласуфон аҳли истидлоланду сӯфиён аҳли шуҳуд ва васли инсону Худо. Бо вуҷуди ин заъфи истидлол ва дарёфти яқиният бисёр файласуфонро ноумед сохта, майли онҳоро ба тасаввуф бештар кардааст. Масалан, Ибни Сино исбот менамояд, ки Худо [Воҷибулвуҷуд] ҳаст ва ба сабаб ниёзманд нест. Барои исботи ин масъала омилҳои муайянкунандаи мавҷуд ва вуҷудро собит менамояд.

Тақвою зӯҳду зоҳидӣ ҳанӯз зиндагии динӣ нест, зеро ин зиндагӣ ҳамеша пур аз файз аст, ҳамеша бо Худо робитаи мусбат ва шодмонӣ вуҷуд дорад. Асоси ҳаёти динӣ на худро бо азобу уқубат гирифтор кардан, балки кори мусбат, эҷоди образҳои равшан, раҳоӣ аз маҳдудият ва ғуломии ин ҷаҳон, илоҳӣ кардани инсон дар Худо мебошад [62,26].

Тасаввуф сафаре аз фоҷиа ва азоби мухолифатҳои оштинопазир, ваҳдати замину осмон, ҷисму рӯҳ, инсоният ва илоҳият, шахсият ва олам аст. ***Он на дар бораи худдорӣ аз зуҳд ва қаноатмандии гедонистӣ, балки дар бораи шахсият будан, тасдиқ кардани шахсияти ирфонии худ дар кайҳони илоҳӣ аст.***

Таҳлили таълимоти ирфонии сӯфиёни асрҳои X-XII нишон медиҳад, ки мафҳуми «ҳастишиносӣ» дар тасаввуф як низоми мустақили маърифати ҳастиро ифода мекунад, ки аз ҷанбаи мантиқӣ ва бурҳонии

фалсафаи машшоия фарқ дошта, бар таҷриба, шоҳидӣ (шуҳуд), фано ва ваҳдати вуҷуд асос ёфтааст. Сӯфиён ҳастиро танҳо дар робита бо Худо ва таҷаллии ӯ мебинанд; Худо ҳастии воқеист ва ҳама мавҷудоти дигар зиллии он ҳастанд, на асл.

Таҳқиқ гардид, ки дар маркази ҷаҳонбинии тасаввуф, ду мафҳуми калидии «ҳастии мутлақ» ва «фано» қарор доранд. Аз як тараф, ҳастӣ ҳамчун таҷаллии ҳақиқати мутлақ – Худо дониста мешавад, ки дар тамоми олам инъикос ёфтааст. Аз тарафи дигар, барои расидан ба ин ҳақиқат, инсон бояд аз ҳастии шахсии худ фано ёбад, то дар ҳастии Худо маънӣ гирад. Яъне, ҳастии воқеӣ фақат бо маҳви ман (аннонийат) ва худбинӣ ва вуруд ба ҳавзаи маърифати ботинӣ имконпазир аст.

Мафҳуми «Ҳақиқати ал-Ҳақиқат», ки дар тасаввуф ҷойгоҳи марказӣ дорад, ба ҳузури мутлақи Худо ишора мекунад, ки тамоми ҳастиро дар бар мегирад ва тамоми мавҷудоти оламро таҳти таъсири худ қарор медиҳад. Яъне, назарияи ваҳдати вуҷуд ба миён меояд, ки мувофиқи он ҳама мавҷудот – бо тамоми гуногунӣ ва фарқиятҳои зоҳирӣ таҷаллии зоҳирии Ҳақ мебошанд. Ин назария, ки ба монизми онтологӣ (яъне ягонагии вуҷуд) наздик аст, раванди ифодаи тавҳиди илоҳиро пешниҳод мекунад, ки дар он Худо ва мавҷудот як воҳидияти рамзӣ ва амиқро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар тасаввуф тамоми мавҷудоти олам дар ниҳоят ба як ҳақиқат мутлақ, ки Худо аст, бармегарданд ва ҳар як мавҷуд бо як дараҷаи муайян тавассути ҷилваи илоҳӣ эҳсос мешавад.

Муҳокимаи муқоисавӣ нишон медиҳад, ки агар дар фалсафаи машшоия ҳастӣ бар асоси сабабият ва зарурияти ақлӣ шарҳ дода шавад, дар тасаввуф он ба раванди сирф таҷрибавӣ ва эҳсосии ботинӣ равшан мегардад. Аммо ин ихтилоф на ба маънои ихтилофи ҳадаф, балки ихтилофи роҳ ва восита мебошад. Ҳарду равиш дар асл ба шинохти як ҳақиқат, яъне ҳастии Худо, равона шудаанд.

Муайян шуд, ки ирфони исломӣ дар асрҳои X-XII бо истифода аз мафҳумҳои рамзӣ ва таҷрибавӣ тавонистааст ҳастишиносиро ба як мактаби маънавии зинда ва мукаммал табдил диҳад. Дар тасаввуф, ҳастӣ на танҳо як категорияи фалсафӣ, балки падидаи зиндаи маънавӣ ва ахлоқист, ки бо ҳаёти ботинии инсон ва тарзи расидан ба ҳақиқат робитаи ногусастанӣ дорад.

Ҳамин тариқ, тасаввуф дар асрҳои X-XII на танҳо ҳамчун як равияи динӣ, балки ҳамчун низоми комили маърифатӣ ва фалсафии шинохти ҳастӣ ташаккул ёфтааст. Таҳқиқ равшан кард, ки фаҳми ҳастӣ дар тасаввуф ба зинаи таҷрибаи маънавӣ расида, он бо муҳаббат, шуҳуд ва иртиботи қалбӣ бо ҳақиқат ифода меёбад. Ин шинохт бар хилофи равиши мантиқӣ, тавассути ботин ва тозагии рӯҳ ба даст меояд. Таҳқиқи осори орифони машҳур, аз ҷумла Мустамлии Бухорӣ ва намояндагони мактаби ирфонии Мовароуннаҳр нишон медиҳад, ки дар маркази онтологияи тасаввуфӣ мафҳумҳои калидие чун «фано», «бақо», «инсони комил» ва «ваҳдати вуҷуд» қарор доранд ва ин мафҳумҳо ба маърифате асос меёбанд, ки бо шикастани нафс, ишқи илоҳӣ ва иртиботи рӯҳонӣ бо ҳақиқат тавсиф меёбанд. Муайян гардид, ки тасаввуф, дар муқобили равиши истидлолии фалсафа, шинохти ҳастиро аз рӯи рамз, шуҳуд ва таҷрибаи ботинӣ маънидод мекунад. Ин шеваи маърифат инсонро тавассути тарбияти нафс ва ишқи илоҳӣ ба дараҷаи «инсони комил» мерасонад, яъне мавҷуде, ки дар замон ва маъно ҳадафи ниҳоии ҳастист. Таҳқиқ собит намуд, ки тасаввуф дар муҳити фарҳангии асримиёнагии тоҷикон таҷрибаи ботинӣ, ахлоқӣ ва фалсафиро ба таври ҳамоҳанг барои дарки ҳақиқат муттаҳид намудааст.

3.2. Хусусиятҳои маърифати ирфонӣ дар шинохти ҳастӣ

Дар ин зербоб методи феноменологӣ ва герменевтикӣ истифода шудааст. Таҷрибаи ирфонӣ ҳамчун шинохти ботинӣ таҳлил гардида, бо шеваҳои ақлонӣ муқоиса шудааст.

Омӯзиш ва таҳияи масъалаи тасаввуф дар баробари аҳамияти илмию фалсафӣ ва фарҳангӣ, аҳамияти амалии ахлоқӣ ва тарбиявӣ низ дорад. «Натиҷаҳои омӯзиши табиати маънавии ҷараёни тасаввуф метавонад ба таҳияи заминаи методологии таҳқиқи шуури иҷтимоӣ, ғанӣ гардонидани ғояҳои пурмазмуни фарҳангшиносии муосир ва антропологияи фалсафӣ мусоидат кунанд» [409,12].

Тасаввуф ҳамчун ҷараёни динӣ ва фалсафӣ-ирфонӣ дар радифи дигар равияю ҷараёнҳои динию мазҳабӣ ва озодандешӣ дар Шарқи Миёна ва Наздик таҳаввул намудааст. Аз рӯи андешаи муҳаққиқон тасаввуф се марҳилаи инкишофро дар бар мегирад:

1.Таҳаввули тасаввуф (асрҳои VIII-IX) – давраи оғози пайдоиши андешаҳои сӯфиёна;

2.Пайдоиши мактабҳои тасаввуф (асрҳои X-XII) – давраи такмили аслиёти ҳаёти маънавӣ-диниии сӯфиён;

3.Камолоти мантиқии таҳаввулоти тасаввуф (асрҳои XIII-XIV) – оғози пайдоиши силсилаҳои тасаввуфӣ.

Табиист, ки ҷаҳонбинии аҳли тасаввуфи ибтидои ислом, бо таълимоти метафизикии консептуалӣ пешниҳод нашуда буд. Азбаски ҷаҳонбинии сӯфиён, ки аз асри IX сар карда, тадриҷан ба худ тамоюли мазҳабӣ ва фалсафӣ гирифт, аз ҷанбаҳои илмӣ комилан дур нагашта, дар асрҳои X-XII ташаккул ёфт ва соҳиби таълимоти вижаи хеш гардид.

Тасаввуф дар фарҳанги ислом ҷойгоҳи муҳим дошта, дар зери таъсири як қатор таълимоти онтологӣ ва гносеологӣ ва дар ҷараёни инъикос намудани мафҳумҳои бунёдии догмаи исломӣ (ваҳдат ва ягонагии Худо [тавҳид], муносибати Худо бо олами кулл ва ғайра)

ташаккул ва рушд ёфтааст. Дар ин зербоби рисола фарқи байни ирфони назарӣ ва амалӣ, сайру сулук, мақому ҳол, инсони комилро мухтасар шарҳ додаем. Ҳамчунин, дар ин зербоб тафоруқи фалсафаи маърифати ҳадсӣ (ҳикмати завқӣ)-и сӯфиёна ва ҳикмати ақлгаро (фалсафаи ратсионалӣ) муайян гардида, нуқтаи назари аҳли тасаввуф оид ба волоияти маърифати ирфонӣ нисбат ба дониши ақлӣ таъкид шудааст.

Ба маънои дигар, фалсафаи тасаввуфро метавон фалсафаи ахлоқӣ номид, зеро тамоми масоили онтологӣ, гносеологӣ ва иҷтимоӣ ба идеали иҷтимоӣ, камолоти шахс вобаста карда шудаанд. Дар фалсафа ва умуман, дар тасаввуфи асримиёнагӣ, аз ҷумла дар мактаби хуросонӣ, масъалаи таносуби Худо, олам ва инсон мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамуд.

Ба қавли нависандаи шотландӣ У. Стоддарт тасаввуф чун падидаи универсалияи ҳаёти маънавӣ ё падидае, ки ба таври гуногун дар фарҳангҳо ва динҳо зоҳир мешавад, маънидод мегардад [261,45]. Мувофиқи чунин равиши универсалӣ, мазмуни имони мушаххас ё таълимоте, ки сӯфиён онро ба худ қабул кардаанд, баҳрамандии фарҳангҳои мухталиф дар ин таҷрибаи ирфонӣ мебошад [314,42] ва онҳо як мақсад доранд – ваҳдат бо Мутлақ [419,27], сӯзи ботинии ҳақоиқи мутаолӣ: мулоқоти бевосита, ваҳдат ё ваҳдати Худо, бо Мутлақи ғайришахс ё навъи дигари нахустмабдаи ҳастӣ [31,23].

Мавҷудияти заминаи умумии ҳама анъанаҳои ирфонии тасаввуф, дар муносибати ғайриинтиқодии аксари олимон, ҳоло ҳам ҳамчун нуктаи ибтидоӣ хидмат мекунанд.

Яке аз масъалаҳои калидии фалсафаи ирфонӣ дар мактаби тасаввуф, масъалаи ҳастӣ ва шинохти Худо аст, ки дар ин замина ду назарияи маъруф — «ваҳдати вуҷуд» ва «ваҳдати шуҳуд» ташаккул ёфтаанд. Ин ду назария дар шинохти табиати ҳастӣ ва муносибати инсон бо Худованд фарқи назарӣ ва методологӣ доранд, ҳарчанд ҳар ду ба

ҳадафи муштарак, яъне тафсири улвии ҳастӣ наздик мешаванд. Фарқи байни ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд яке аз масъалаҳои муҳими ирфонӣ ва фалсафии исломист, ки дар асарҳо ва андешаҳои орифону файласуфон, мавриди баҳс қарор гирифтааст. Пас, фарқи байни Ваҳдати Вуҷуд ва Ваҳдати Шуҳуд дар чист?

«Ваҳдати вуҷуд» дар маънои васеяш назарияест дар бораи робитаи Худо ва ҷаҳони ҳастӣ», яъне ҷаҳон бо Худо яксон аст ё яксон нест. [258,214]

Мафҳуми «ваҳдати вуҷуд» нахустин бор дар осори орифи маъруфи асри XII Муҳйиддин Ибни Арабӣ (1165–1240) ба таври мураттаб ва фалсафӣ баён ёфтааст. Ба ақидаи ӯ, танҳо як «вуҷуд» мавҷуд аст ва он Худо аст. Ҳамаи мавҷудоти олам дар асл, таҷаллии Зоти Ягона ҳастанд. Яъне, ҳастии воқеии онҳо мустақил нест, балки таҷаллии асмоу сифоти Илоҳӣ мебошанд. Ҷаҳон ҳамчун маҷмуаи зуҳуроти Худо ва сояи ҳастии Ӯ маънидод мешавад. Ибни Арабӣ бо истифода аз истилоҳи «таҷаллӣ» шарҳ медиҳад, ки Ҳақ дар зоҳири хилқат таҷалло мекунад ва шинохти ҳақиқӣ он замон ҳосил мешавад, ки инсон бубинад, ки ҷуз Ӯ чизе вуҷуд надорад. Ин назар ба таври куллӣ рӯйкарди онтологии ирфонӣ дорад ва яке аз сутунҳои асосии тасаввуфи ваҳдатгаро ба шумор меравад. Вале бояд муътакид шуд, «Ислом бо ҳеҷ шакле сари оштӣ бо ваҳдати вуҷуд надорад» [324,566].

Дар муқобили назарияи «ваҳдати вуҷуд», равиши «ваҳдати шуҳуд» аз ҷониби орифи маъруфи асри XVII Имом Раббонӣ Аҳмад Сираҳиндӣ (1564–1624), асосгузори тариқати Нақшбандияи Муҷаддидия, муаррифӣ шудааст. Ба ақидаи ӯ, ваҳдати вуҷуд метавонад ба ҳулул ва иттиҳод (яъне омезиш ё баробарии махлуқ бо Холиқ) интиҳо ёбад, ки бо таълимоти шариат мухолифат дорад. Аз ин рӯ, ӯ як тафсири эҳтиёткорона ва мусолиҳаомез пешниҳод мекунад, ки бар шуҳуд (таҷриба ва мушоҳидаи ботинӣ) такя дорад.

Тибқи ин назария, танҳо дар ҳолати шуҳуд (идроки ботинӣ, ишқ, илҳом), ориф танҳо Худоро мебинад, ҳарчанд ки мавҷудоти дигар дар воқеият ҳузур доранд. Яъне, ягонагии мушоҳидавӣ аст, на ягонагии ҳастӣ. Ин шинохт дар натиҷаи таҳзиб ва тазкияи нафс ҳосил мешавад ва таҷрибаи инфиродии ориф мебошад, на воқеияти куллӣ.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи пайравони «ваҳдати вуҷуд», танҳо Худо соҳиби ҳастии воқеист ва ҳама мавҷудоти дигар танҳо таҷаллии Ӯ ҳастанд, ки ба таври мустақил вуҷуд надоранд. Баръакс, дар «ваҳдати шуҳуд» мавҷудоти дигар воқеан ҳастанд, аммо дар ҳолати шуҳуди ботинӣ, ориф танҳо Худоро мебинад ва чизҳои дигарро ҳамчун ғайриҳақиқӣ фаромӯш мекунад.

Назарияи «ваҳдати вуҷуд» бо он хатар рӯбарӯ аст, ки метавонад ба пантеизм, яъне омехтани Худо ва олам наздик шавад. Дар муқоиса, «ваҳдати шуҳуд» эҳтиёти Мафҳуми «ваҳдати шуҳуд» дар бархе равияҳои тасаввуфӣ ҳамчун тавсифи ҳолати маънавӣ таъриф мешавад, ки дар он ориф ҳама чизро танҳо ҳамчун таҷаллии Ҳақ дар шуури худ идрок мекунад, бе он ки мавҷудияти мустақили дигаронро инкор намояд. бештаре нисбат ба таълимоти шариат нишон дода, ҳудуди идрокро ба сифати таҷрибаи шахсӣ таъриф мекунад.

Аз ҷиҳати маърифатшиносӣ, ваҳдати вуҷуд ба идроки онтологӣ ва фалсафӣ такя мекунад, дар ҳоле ки ваҳдати шуҳуд бештар таҷрибаи рӯҳонӣ, ахлоқӣ ва ботинии инсони соликро дар маркази таҳлил қарор медиҳад.

Метавон хулоса намуд, ки ҳарду назария — ҳам «ваҳдати вуҷуд» ва ҳам «ваҳдати шуҳуд» кӯшиш доранд, ки тафсири ирфонии ҳастӣ ва ҳузури Худо дар оламро шарҳ диҳанд. «Ваҳдати вуҷуд» шинохти куллӣ ва фалсафии ҳастиро ироа мекунад, дар ҳоле ки «ваҳдати шуҳуд» бештар ба таҷриба ва ҳолати ботинии ориф такя мекунад. Ихтилофи онҳо, асосан, дар маншаи шинохт ва тавзеҳи манзари ҳастӣ зоҳир мешавад. Бо

вуҷуди ин, ҳарду равия ба тарбияти рӯҳонӣ ва тафаккури ирфонии «инсони комил» такя мекунанд ва дорои арзиш ва нақши муҳим дар ташаккули фалсафаи ирфонии тоҷику форс мебошанд.

Бале, дар канори ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд, баъзе уламои тасаввуф ва мутафаккирони фалсафаи исломӣ шаклҳои дигаре аз «ваҳдат»-ро матраҳ кардаанд, ки метавон онҳоро чунин гурӯҳбандӣ кард:

1. Ваҳдати идрок. Дар ин таълимот гуфта мешавад, ки Ҳақиқат яктост, вале инсонҳо бо роҳи идрок ва таҷрибаи шахсӣ ба он мерасанд. Ин ваҳдат шакли поинтар ва нармтари ваҳдати шуҳуд аст. Ваҳдати идрок таъкид мекунад, ки ҳақиқат ягона аст, вале идрокҳо гуногун ва маҳдуданд, яъне инсон ҳақиқатро вобаста ба сатҳи маърифати худ дарк мекунад. Маслан: Як ориф ҳақиқатро дар шуури ботинӣ мебинад, дигаре дар зикр, дигаре дар муҳаббат, аммо ҳар се ба як ҳақиқат наздик мешаванд.

2. Ваҳдати макшуф (кашф). Соликони ба марҳилаи кашф ва шуҳуд расида, ҳақиқатеро мебинанд, ки ягона ва умумӣ аст. Яъне, таҷрибаи маънавии орифон гуногун менамояд, вале муҳтавояш як аст. Ваҳдати макшуф навъе аз ваҳдати таҷриба аст, ки бо ваҳдати шуҳуд иртибот дорад.

3. Ваҳдати маънӣ бар он ақидааст, ки дар тамоми мавҷудот, як маънои илоҳӣ ё ҳақиқати кулл вуҷуд дорад. Баъзан дар адабиёти орифон, ваҳдати маънӣ ҳамчун заминаи ваҳдати вуҷуд зикр мешавад. Ба ваҳдати маънӣ мантиқи илоҳӣ, ва ҳақиқати аҳадия наздик аст. Гуфтор дар бораи «ваҳдати идрок» ба ин маънӣ аст, ки ҳарчанд таҷриба ва сатҳи маърифатии орифон мухталиф аст, ҳақиқат ҳамчун мағзи ягона дар кулли идрокҳои ботинӣ нуҳуфтааст ва фақат роҳҳои дастрасӣ ба он фарқ мекунад. «Ваҳдати маънӣ» ба унвони яке аз таҳаввулоти ирфонӣ таъкид

мекунад, ки ҳамаи зуҳуроти кайҳонӣ дар пояи маънои кулли илоҳӣ ташаккул ёфта, моҳиятан ба як асли воҳид ишора мекунанд.

4. Ваҳдати кашфу зоҳир (Ваҳдати ботин ва зоҳир). Мақоми ориф аст, ки дар он зоҳир ва ботин, шабоҳат ва ҳақиқат, шариат ва тариқат якдигарро мукаммал мекунанд. Ҷанбаи ирфонии ваҳдат, ки ба комилият ва инсоншиносии тасаввуф алоқаманд аст. Дар таҷрибаи кашфу шуҳуд, орифон ба марҳилаи «ваҳдати макшӯф» мерасанд, ки дар он, сарфи назар аз тафовутҳои забонӣ ва мазҳабӣ, як ҳақиқати воҳид ва умумӣ ба шевоҳои гуногун таҷаллӣ мекунад.

5. Ваҳдати ботин ва зоҳир. Дар тасаввуф, камолоти инсонии комил дар пайвастагии ботин ва зоҳир ифода меёбад, ки онро метавон ба сифати «ваҳдати зоҳир ва ботин» тавсиф кард, зеро фақат дар ҳамин тавозун маърифати ҳақиқӣ имконпазир мегардад.

Дар баробари ваҳдатҳои зикршуда «ваҳдати зидҳо» низ ба мавзуи ваҳдат дар тасаввуф дохил мешавад ва он яке аз мафҳумҳои амиқу печидаи ирфон аст, ки бештар дар таълимоти орифони азим, махсусан Ибни Арабӣ, Абдулкарими Ҷилӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мавриди истифода қарор мегирад.

«Ваҳдати зидҳо» маънои онро дорад, ки дар манзари ирфонӣ, ҳамаи зиддиятҳои зуҳурӣ (мисли нур ва зулмат, хайр ва шар, ҳаёт ва мамот, ишқ ва хашм) дар пояи ҳақиқат ва зоти илоҳӣ ба як воҳид муттаҳид мегарданд. Яъне, ончи мо зид мебинем, дар асл ҷузъҳои гуногуни як воқеиятанд. Дар зоти Худо ҳамаи ин зиддиятҳо бо ҳам фано мешаванд, чун Ӯ аз ҳар гуна тақсим ва зиддият пок аст. Масалан, дар таълимоти тааввуф Худо он аст, ки дар Ӯ ҳамаи сифатҳои зид – ҷалол ва ҷамол, қаҳр ва лутф ҷамъ омадаанд ва аз ҳамин ҷиҳат аст, ки Худо «Аз-Зоҳир» ва «Ал-Ботин», «Ал-Аввал» ва «Ал-Охир» аст.

Мақоми «ваҳдати зиддҳо» дар байни дигар навъҳои ваҳдат дар ҳамин аст, ки агар дар «Ваҳдати вуҷуд» ҳама чиз ҷилваи вуҷуд ва зоти

ягонаи Худо дониста шавад, дар «Ваҳдати шуҳуд» Ҳақиқат дар шуури ориф танҳо як ҳастӣ намояд, дар «Ваҳдати зиддҳо» зиддиятҳо дар асл, дар зоти Ҳақ, як воқеиятанд. Яъне, мафҳуми «ваҳдати зиддҳо» дар тасаввуф яке аз амиқтарин намунаҳои шинохти ирфонии ҳақиқат ба шумор меравад, ки дар он зуҳуроти мутазод на ҳамчун воқеиятҳои ҷудогона, балки ба сифати таҷаллӣ ва ифодаи як зоти воҳид маънидод мешаванд.

Мунтаҳои асосии ирфони исломиро ирфони назарӣ бозгӯ мекунад, зеро он самараи маърифати шуҳудӣ аст ва он масъалаҳои маърифати Худо, номҳо, афъол ва атрибути Ӯро дар бар мегирад. Дар шинохти ирфони исломӣ муҳаққиқон байни ду шоха – амалӣ (илми тариқат, илми сулук, илми тасаввуф, илми муомилоти қалбӣ, илми охират) ва ирфони назарӣ (илми ҳақиқат, илми ҳақоиқ, илми мукошафа, илми мушоҳада ва ғ.) тақсим мешаванд. Дар тариқи шинохти Ҳақ он душвориҳое, ки солик дар ҳаёти амалии хеш бар дӯш мегирад, ҳамчун «маҷмуи муқаррароти ирфони амалӣ ва он чи дар марҳилаҳои фано ва бақо сабаби дарки асрори ҳастӣ мешвавад, натиҷаи мушоҳидаи ирфони назарӣ дониста мешавад.

Ҷанбаи ахлоқию амалии ирфонӣ дар тасаввуф на танҳо дар маънои соддагардонии олии рӯҳ, балки дар маънои дигаргунсозии метафизикии табиати инсон зоҳир мегардад. Ин равиш ба маънии тоза кардани инсон аз ғаризаҳои нафсонӣ ба воситаи ишқи пурҷӯшу хурӯши инсон ба Худо аст. Ба ин маънӣ, эҳсоси инсон нисбат ба Худо дар тасаввуф ба як навъ эҳсоси маҳбуб нисбат ба маъшуқа монанд аст, ки дар он шиддати ишқ ва муҳаббат ба вуҷуд меояд. Тафаккури тасаввуфӣ ишқро ҳамчун як фишори маънавӣ ва ахлоқӣ мебинад, ки инсонро аз ҷиҳати метафизикӣ трансформатсия мекунад, то ба як навъ тавозун ва эҳсоси рухонии амиқ расида, бо ҳақиқат ва Худо пайванд ёбад.

Амалияи тасаввуф нишон дод, ки шахс бо гузашти шиддати фикр ва талоши неруи ахлоқӣ тавассути ин як усул, зоҳиран метавонад ба ҳамон натиҷаҳо (яъне равшанӣ бо нури оқилона) ноил шавад. Ду хусусият бештар хоси тасаввуфи ахлоқию амалист: ин муҳаббати оташин ба Худост, ки заминаи асосии ҳаёти ирфониро ташкил медиҳад ва таълимоти илоҳӣ ҳамчун *иттиҳод* бо Худо, ки сабаби асосии идеологияи ин бахшро ташкил медиҳад. Тасаввуф ба одамон таълим медиҳад, ки бо дигарон дар амн ва ҳамфикрӣ бояд зист, ба ҳама ҳаводиси рӯзгор некӯназар бошанд ва сабаби хушбахтиҳо бошанд. Зеро муҳим он нест, ки шумо ба кадом дин эътиқод доред, балки он аст, ки шумо чӣ гуна зиндагӣ мекунед ва чӣ кор мекунед. Тасаввуф танҳо як фалсафаи динӣ нест. Ин як фалсафаи зиндагӣ аст, ки меҳрубон будан ва зарурати рушди худшиносӣ ва худ такмилдиҳиро меомӯзад.

«Солики роҳи тасаввуф аз чаҳор дараҷа мегузарад: мурид, солик, маҷзуб ва мутадорак» [440,232], ки кадоме аз ин истилоҳот чунин шарҳ доранд:

Мурид — иродатманд, хоҳанда, талабгор. Решаи вожаи «мурид» ин «ирода» аст, яъне касе ки мехоҳад, майл ва ирода мекунад. Мурид инсонест, ки дар қалбаш хоҳиши ҳақиқӣ барои дарёфти Худо, маърифат ва покшавӣ аз нафс пайдо шудааст. Ӯ дар марҳилаи аввали саёҳати ирфонӣ қарор дошта, дар зери роҳбарии муршид ё шайх амал мекунад. Дар ин зина ӯ бояд нафсро пок кунад (тазкияи нафс), риёзат кашад ва забон, қалб ва зеҳнашро бо зикру фурӯтанӣ обутоб диҳад.

Солик — раванда, пиёдагар. Аз решаи «сулук» аст: яъне касе ки дар роҳ қарор гирифтааст, раҳнавард шудааст. Солик шахсест, ки аз иродаи аввал гузашта, ҳоло дар роҳи маърифат бо амал ва таҷриба пеш меравад. Марҳилаи сулук ё сафар (саёҳати рӯҳонӣ) шуруъ шудааст. Ин шахс зикр, тафаккур, муҳосиба, муҳорибаи нафс ва хулусро ҷиддан ба роҳ мондааст. Ҳанӯз дар ҳолати дугона аст: ман ва Ӯ, раҳрав ва мақсад, роҳ

ва марҳила. Солик ба воситаи фақру тавозўъ роҳи Худоро тай мекунад. Ӯ аз дунёи модӣ комилан рӯ гардондааст, вале ҳанӯз ба воҳидулвуҷуд нарасидааст.

Маҷзуб — ҷазбшуда, кашидашуда. Аз решаи «ҷазб» аст: касе ки ба сӯи Ҳақ кашида шудааст, бе он ки бо иродаи худ ба охири роҳ расад. Маҷзуб шахсест, ки бо файзи фавқулодаи илоҳӣ, бе он ки ҳамаи зинаҳои сулукро гузарад, ба ҳолати шӯҳуд ё *фано* расидааст. Ӯ дигар худро намебинад, балки фақат Ҳақро мебинад. Баъзе маҷзубон ҳатто шуур ба «ман» надоранд; онҳо дар ҳолати ваҷд, ҳайрат ва ҳузури пурра дар зоти Илоҳӣ ҳастанд. Мумкин аст ки зоҳир ба аҳволи «ғайри муътадил» монанд бошад, вале ботинан онҳо дар авҷи таҳаҷҷуданд.

Мутадорак — дарёфташуда, наҷотёфта. Он касест, ки ба шарофати лутф ва марҳамат, пас аз маҷзубият ё таҷрибаи фано ба ваъзи идрок ва бақо бармегардад. Мутадорак касест, ки ҳастии худро боз дарёфта, вале на ҳамчун ман, балки ҳамчун оинаи таҷаллии Ҳақ. Мутадорак дигар «ман» нест, балки «айн» -и Ҳақро дар худ мебинад. Ӯ ҳолати бақо баъд аз фано дорад — пас аз он ки дар зоти Ҳақ маҳв шуд, акнун бо дониши нав, бо маърифати баланд, бо дили равшан, ба ҷаҳон бармегардад. Мисли пайғамбар, авлиё ё орифе, ки бо одамон аст, вале дар ботин бо Худост.

«Аммо мутасаввифони пазируфтае дар ҳалқаи дарвешон, дар чаҳор мартаба қарор мегиранд: мубтадӣ, мутадарҷ, шайх ва қутб» [324,233].

Ин чаҳор мартаба — мубтадӣ, мутадарҷ, шайх ва қутб сатҳҳои камолоти маънавӣ ва мақоми иршодӣ мебошанд, ки дар дохили ҳалқаи дарвешон, яъне ҷамъияти орифона, ба тариқи мураттаб ташаккул ёфтаанд.

Мубтадӣ — шурӯъкунанда. Аз «ибтидо» аст, яъне касе, ки нав ба тариқат омадааст, шурӯъ мекунад. Ӯ муридест, ки ҳанӯз дар зинаи омодагӣ ва риёзати аввалия қарор дорад. Хусусияти тафриқавиашчунин аст: Ба тозагӣ байъат (паймон) бо шайх кардааст. Ба таҳзиби нафс,

поксозии қалб ва шикастани худписандӣ машғул аст. Таълим мегирад: тарки одатҳои ҷаҳлӣ, иқдом ба зикр, сукут, тафаккур. Барои мубтадӣ аввалин вазифа: тазкия ва муҷоҳидаи нафс аст.

Мутадарҷ — он ки пеш меравад, зина ба зина меафзояд. Аз феъли тадарҷ аст, ки маънои «пешрафт», «марҳила ба марҳила», ё «таҳаввул» - ро дорад. Ин мартабаи касест, ки аз ибтидо гузашта, акнун дар роҳи маърифат ва камол муназзам ва устувор ҳаракат мекунад. Хусусиятҳои ҷудогонааш чунин аст: мутадарҷ зина ба зина мақомҳои ирфониро тай мекунад: сабр, риёзат, таваккул, муҳаббат ва ғайра. Ба фазоили ахлоқӣ ороста мешавад. Дар айни замон, таъаллуқоти ботинро мебурад. Мутадарҷ дар ҳоли тайи маротиб аст — зина ба зина, мисли солик.

Шайх — роҳнамо, мураббӣ. Шайх шахсе аст, ки дар роҳи ирфонӣ таҷриба дорад ва ба мартабаи иршод расидааст. Ӯ муршиди комил ё роҳбаладест барои муридон. Хусусиятҳои фарқкунандагиаш инҳоянд: Ба сатҳи маърифат ва дарки шӯҳудии ҳақиқат расидааст. Муридонро таълим медиҳад, зоҳир ва ботини онҳоро пок месозад. Дар тариқат, масъули байъат ва супоридани асрор аст. Шайх таҷаллии «илму ҳузур» дар ҷамъият аст. Ӯ рабти зовияро бо Ҳақ ва муридон таъмин мекунад.

Қутб — маркази арвоҳ, сутуни олам. Қутб ба маънои «меҳвар, марказ, сутун» аст. Дар ирфони сӯфия, Қутб шахсияти олии рӯҳониест, ки тамоми силсила ва вуҷуди рӯҳонии тариқат бар ӯ тобеъ аст. Хусусиятҳояш чунинад: Қутб на танҳо раҳнамои тариқат, балки василаи файзи илоҳӣ ба ҷаҳон дониста мешавад. Ӯ дар ҳама замон як нафар аст — бо номи Қутби вақт ё Қутби замон. Қутб метавонад зоҳир бошад (ошкор), ё махфӣ (махфиёна амалкунанда). Ба ақидаи ирфонӣ: «Қутб дилбохтаи Ҳақ аст, вале чашмаш ба халқ».Ӯ монанди маркази даврааст, ки тамоми олам дар гирди ӯ чарх мезанад.

Яъне, яке ба таҷрибаи ботинӣ, дигаре ба мақоми иҷтимоии ирфонӣ ишора мекунад — ҳарду дар як самт, вале бо усули гуногун ҳаракат мекунанд.

1. Мубтадӣ ва сафари аввал: аз халқ ба сӯи Ҳақ *(сафар минал халқ иллат халқ.* Сафари аввал сафари шахс аз ҷаҳолат ба маърифати илоҳӣ аст. «Руҷуъ аз ҳайвоният ба инсонияти ҳақиқӣ ва илоҳӣ ва шарти сиҳҳатии он қабули шайх аст [306,245]. «Дар ин ҷо нафс (аммора) тобеи нафси баданӣ аст. Ибни Сино инро нафси «гӯшна» -и дар пайи лаззатҳо мешуморад. Ин зина ба фаҳми **онтологияи ибтидоии инсон** ишора мекунад, ки мавҷудот ҳанӯз худшинос нестанд ва зеҳн (шуур) ғарқ дар зоҳир аст. *Мақсад: худогоҳӣ ва истиқлоли зеҳн аз модда.*

2. Мутадарҷ ва сафари дуввум. Дар ин сафар, инсони солик бо маърифати ботинӣ, тавассути муҳориба бо нафс, ба фано ва ишқ мепайвандад. Ин ҷо нафс (лаввома/мулҳима) бо зикр, илоҳият ва хидмат ба ҳақ ҳаракат мекунад. «оғози он малакути шайх ва ниҳояти он иттисоф ба авсофи илоҳӣ ва вусул ба мақоми рубубият аст» [306,245]. Дар фалсафаи Ибни Сино, ин ҳолат марбут ба **тадриҷан боло рафтани нафс ба сӯи ақли фоъил** аст. Он ҷо ки нафс ба шакли рӯҳонӣ ҳаракат мекунад ва қобили иртибот бо ҳақиқат мегардад. Ин ҳолат намунаи гносеологияи ирфонӣ аст: шинохт тавассути таҷриба ва ишқ, на фақат тавассути мантиқ.

3. Шайх ва сафари сеюм. Ин марҳила маҳалли фано нест, балки бақо пас аз фано аст. Шайх бо маърифат ва ишқ, суруди тавозӯъ ва иршодро ба гӯш мерасонад. Нафси шайх илҳомгиранда ва раҳнамо мешавад. «Дар ин сафар ӯ бо сифоту ҷамол ва асмои ҳусно мутаҳаққиқ мешавад ва онҳоро доро мегардад» [309,246]. Дар ин ҳолат, нафс илҳомгиранда ва раҳнамо мегардад ва аз зоҳири инсон будан мегузарад, то сурати «ояндаи маърифати Ҳақ» шавад. Ибни Сино нафси шайхро «мустақил, оқил ва иршодгар» мешуморад. Ин

марҳила таъбири фалсафаи ахлоқии ҳикмат аст: Шахс бо амал ва маърифат ба дараҷаи «инсони комил» мерасад.

4. Қутб ва сафари чаҳорум. Қутб намояндаи авҷ ва камолоти руҳонӣ аст. Ӯ мисли Қутб (маркази маънавӣ), бо Худо дар миёни халқ аст — дар ботин бо Ҳақ, дар зоҳир бо халқ. Ин нафс ба сатҳи комилу покшуда (нафси мутмаинна ва марзия) расидааст. «Ба ҳолати нахустин бармегардад ва барои ислоҳи иҷтимоъ ба сӯи халқ боз меояд, ки мушобаҳат бо мартабаи паёмбарӣ ва рисолат дорадва ҳукми ӯ ҳукми Худост ва сӯфиён авлиёи Ҳақ ва хулафои паёмбарогнро низ дорои сифат мешиносанд» [306,246]. Нафси мутмаинна - нафс ба камоли мутлақ расидааст, дигар ҳеҷ хавфу ҳузн надорад, ба ризои Ҳақ розист ва аз ҷониби Ҳақ писандида. Ибни Сино чунин нафсро ҷавҳари рӯҳонӣ ва ғайримодӣ мешуморад, ки ба уқули фоъил (ақлҳои кулл) пайваст мешавад. Дар ин ҷо фард дигар «фард» нест, балки махзани сифоти Илоҳӣ дар шакли инсонӣ аст.

Ин мақому дараҷотро метавон чунин хулосаи фалсафӣ ва ирфонӣ намуд: дар ҳар марҳила, ҳам нафс ва ҳам шуур бо сабки хоси хеш ислоҳ, такмил ва боло бурда мешавад. Ҳаракат аз шахсият (ман) ба сӯи ҳақиқат (Ӯ) ва бозгашт ба хидмат аст. Ҳар як марҳила, новобаста аз ном, дар се ҷабҳа таҳаввул меёбад: Фаҳмиш (гносеология), Хусусияти руҳӣ (ахлоқӣ-нафсӣ), Сайри амалии тариқат. Ин чор марҳила намунаи равшани ҳолгардии нафс аз модда ба маънӣ, аз эҳсос ба ақл ва аз ақл ба ишқ ва ваҳдат аст. Агар аз рӯи онтологияи Ибни Сино таҳлил намоем: ҳаракати нафс ҳаракат аз қувва ба феъл ва аз феъл ба камол аст — то нафс аз ҷаҳони табиат (модда) раҳо шуда, бо ақли фоъил иттиҳод ёбад. Агар аз рӯи гносеология шарҳ диҳем, ин раванди шинохти Ҳақ аст, ки тавассути таҷриба, тафаккур ва ишқ, ба шуури ваҳдат мерасад.

Ҳадафи сайри солик дар ҳафт зина расидан ба ҳақиқати мутлақ ё худ ба воқеъияти низоми ҳастӣ, яъне илми яқин ва ҳаққуляқин мебошад, ки он асоси илмии ирфони назариро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд дар асрҳои миёнаи Шарқ ирфон дар шакли тасаввуф зоҳир шуд, аммо дар замони ибтидои ислом ва фалсафаи тасаввуф афкори мухталифе байни ҷараёнҳои ирфонӣ ва зоҳидона (зӯҳд) вуҷуд дошт. Ҳаёти зоҳидона, ба таври умум, олами кулро намепарварад ва муносибати бетарафонаро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад. Ҳол он ки ҷаҳонбинии ирфонӣ, ки бар каломи Худо асос ёфтааст, зарурати муҳаббат ба олами куллро ҳамчун макони «зуҳури» Худо манзур медорад ва ба туфайли он имконияти баромадан аз интиҳо ба абадият, яъне рахна ба ҳақоиқи мутаолӣ муяссар мешавад.

Ислом ба таври асосӣ бар тавҳид такя мекунад ва ҳақоиқи мутаолии ҳастии илоҳиро мавриди таъкид қарор медиҳад. Дар ин замина, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки набудани таҳқиқоти ҳамаҷониба оид ба асосҳои онтологии тасаввуф дар доираи омӯзиши таърихи ин равия ва консепсияҳои марбута, дар ҷараёни ҷустуҷӯи ҷавобҳо ба масъалаҳои моҳият ва марҳилаҳои ташаккулии он, ба ҳукмронии равиши редуксионистӣ — гузариш аз мураккаб ба содда — замина фароҳам овардааст.

Аммо муроҷиат ба омӯзиши таҳаввулоти тасаввуф, дар самти таълимоти динию фалсафӣ, дар иртиботи мустақим бо илоҳиёт, баррасии тасаввуф дар муқоиса бо дигар шаклҳои ирфонӣ, метавонад хатар эҷод кунад.

Дар тасаввуф кӯшиши расидан ба ваҳдати Худо (Ҳақиқати мутлақ) метавонад идеологияи нодурусти ғайрииҷтимоӣ, аз қабили «худдорӣ аз ҳаёти маишию иҷтимоӣ» ва дигар шаклҳои «ҷудоӣ аз ҳаёти ин дунёӣ» (зӯҳд) - ро таблиғ намояд.

Ба андешаи мо, таълимоти аслии маърифати ирфониро, ҳамчун муколамаи байни Худо ва инсон, ба тарзи дигар, на чун асосҳои онтологии анъанавии фалсафаи мухталиф, ба риштаи пажӯҳиш кашидан мантиқӣ хохад буд. Тибқи ин равиш, таълимоти ирфонӣ-зоҳидонаи ибтидои ислом (зӯҳд) ва таълимоти тасаввуф, ки ҳамчун як тамоюли пешрафтаи мазҳабӣ ва фалсафии динӣ қабул шудааст, на танҳо аз ҷиҳати генетикӣ иртибот доранд (ки ба таври умум эътироф шудааст), балки инчунин аз ҷиҳати сохтори умумӣ, дар ҳалли як қатор масъалаҳои умумӣ муттаҳид карда шудаанд.

Ин мушкилот ҳангоми худтаҳлилкунии рӯҳӣ (рефлексия) бар таълимоти ислом дар бораи *тавҳид* ба вуҷуд омадааст. Тасдиқи ҳақоиқи мутаолӣ ва ваҳдати мутлақи Худо, дар навбати аввал, масъалаи алоқаи Мутлақ бо ҳастӣ, дуввум, масъалаи шинохта шудани нахустмабдаи ҳастиро ба миён меорад.

«Онҳо(сӯфиён), ки бад-он мақом расидаанд, онро дар чанд амр мунҳасир сохтаанд, ки муҳимтарини онҳо *иттиҳод, адами имкони тавсиф, яқин ва инфиол* мебошанд» [273,231-232].

*Иттиҳод д*ар ин ҷо ба маънии ҳулул миёни инсон ва Худо аст. Аз назари фалсафӣ, ин ҳолат як таҷрибаи вуҷудӣ (онтологӣ) аст, ки дар он субъект (таҷрибакунанда) ва объект (маҳалли таҷриба, яъне Худо) дигар ҷудо нестанд. Барои сӯфӣ дигар «ман» наемонад «ман» дар «Ӯ»(Худо) ҳал мешавад. Дар фалсафаи таҷрибавӣ, ин ҳолат монанди таҷрибаи «ваҳдати ирфонӣ» аст.

Адами имкони тавсиф дар таҷрибаи ирфонӣ

Яке аз хислатҳои асосии таҷрибаи ирфонии сӯфияро метавон дар мафҳуми адами имкони тавсиф (inexpressibility) дарк намуд. Ин мафҳум ба он ишора мекунад, ки таҷрибаи маънавӣ ва ботинии ориф берун аз доираи ифодаи забонӣ ва категорияҳои мантиқии тафаккур қарор дорад.

Дар ирфон, шинохт на дар сатҳи тасвир ва тавсифи ақлонӣ, балки дар сатҳи шуҳуд ва иттиҳоди вуҷудӣ бо Ҳақ сурат мегирад.

Забон, ки дар фалсафа ҳамчун воситаи сохтаи тасвир ва интиқоли маърифат маънидод мешавад, дар инҷо ба маҳдудияти худ рӯ ба рӯ мегардад. Чунончи, таҷрибаи ирфонӣ наметавонад ба таври комил ба воситаи калом ифода ёбад, зеро он дорои паҳлуҳои вуҷудшиносиест, ки шомили ҳисси муҳаббат, эҳсоси зебоӣ ва иттиҳоди вуҷуд бо илоҳӣ мебошад. Чунин ҳолатҳоро метавон бо мисоли эҳсоси амиқи ишқ ё зебоӣ муқоиса кард, ки таҷрибаи онҳо мумкин аст, аммо тавсифи онҳо бо забон ҳамеша нокофист.

Ин маҳдудият дар фалсафаи забон низ ҷойгоҳи хос дорад. Масалан, Л. Витгенштейн дар асари маъруфи худ «Рисолаи мантиқӣ-фалсафӣ» (Tractatus Logico-Philosophicus) ба ин нуқта ишора мекунад: «Дар бораи он чизе, ки бояд сукут кард, наметавон сухан гуфт» (Wovon man nicht sprechen kann, darüber muss man schweigen).

Аз ин дидгоҳ, таҷрибаи сӯфӣ на танҳо рӯйдоди ботинӣ, балки шакли махсуси маърифат аст, ки бо воситаҳои маъмулии шинохт ва ифода дастнорас боқӣ мемонад.

Яқин дар ин ҷо маънои идроки қатъӣ ва комил дорад, ки сӯфӣ дар ҳақиқат ва ҳузури илоҳӣ ҳеҷ шаке надорад. Дар фалсафаи маърифат (epistemology), чунин яқин ба таҷрибаи «интуитивӣ» ё «идроки мустақим» шабоҳат дорад, ки далел намехоҳад ва шубҳа барнамедорад.

Инфиол ба маънои қабул ва таслими комил аст. Дар ин ҳолат, сӯфӣ амалкунанда нест, балки мафъул аст, яъне ӯ зери таъсири нури илоҳӣ қарор мегирад. Аз назари фалсафа, ин ҳолат ба ҷараёни «фано» шабоҳат дорад, ки инсон дар он «ман» - и худ (ego) -ро аз даст медиҳад ва танҳо бо амри лутфи илоҳӣ ба иттиҳод мерасад. Тавре ки Муҳаммад Ғазолӣ ишора мекунад, ин ҳолат на бо ихтиёр, балки бо «ҷаҳиши нур» (илҳом) ба инсон мерасад [273,232].

Ин чор мафҳум таҷрибаи сӯфиро як ҳолати амиқи ирфонӣ ва фалсафӣ нишон медиҳанд, ки берун аз ҳудуди идроки ақлонӣ ва тафсири мантиқист. Таҷрибаи сӯфӣ на танҳо як ҳолати равонӣ, балки як тағайюри вуҷудӣ аст.

Ҳарчанд ҳар як насли нави сӯфиён ғояҳои асосии тасаввуфро ба таври худ, аз нав дида баромадаанд, ҳамеша бо осору таълимоти пешиниён робита доштанд. «Сӯфияи пешин муътақид буданд, ки ҳар ки ба ибодот пардозад ва роҳи тақво пеш гирад, ба фавоиди рӯҳонӣ бузургӣ даст ёбад ва «илми қулуб» ба маърифат раҳнамун шавад. Ва ин «илми қулуб» суфиро дар сайру сафараш ба сӯи Худо раҳбарӣ мекунад. Зеро гом ниҳодан дар ҳаёти рӯҳонӣ «сафар» ё «Ҳаҷ» номида шавад. Ва роҳе, ки мубтадӣ ки ӯро «солик» гӯянд мепаймояд, ба «фаное дар Ҳақ» мунтаҳо мешавад. Аммо ин мақом пеш аз тайи «мақомот» -и муайяне ҳосил мешавад, дар халоли он мақомот ба мавоҳиби рӯҳонии мухталифе ноил шавад, ки дар истилоҳ «аҳвол» номида шавад» [273,232].

Яъне, сӯфиён бар ин буданд, ки ибодат (амалҳои зоҳирӣ) ва тақво (покӣ ва парҳез аз ҳаром) на ҳадаф, балки заминаи омодагӣ ба таҷрибаи аслии рӯҳонӣ мебошанд. Ин таҷриба дар ботини инсон рух медиҳад ва «илми қулуб» (маърифати қалбӣ) онро роҳнамоӣ мекунад. Дар фалсафа ин ба равиши *гносеологияи ирфонӣ* иртибот дорад, яъне раванди маърифат, ки на бо ақл, балки бо тозагии қалб ва ҳолати рӯҳонӣ ба даст меояд. *Илми қулуб* маърифати ирфониест, ки аз таҷрибаи мустақими рӯҳонӣ бармеояд, на аз таълимоти китобӣ ё мантиқ. Ин илм ба инсон имкони шинохти ҳақиқатро медиҳад бе он ки аз воситаҳои зоҳирӣ истифода барад. Дар фалсафаи классикӣ ин илмро метавон бо «маърифат бил ҳузур» (идроки ҳозира) муқоиса кард — маърифате, ки тавассути ҳузури мустақим бо маъруф (маълум) рух медиҳад, на тавассути тасаввур ва тасдиқ. Сафари рӯҳонӣ (сафари ирфонӣ) дар ирфон ҳамчун «сафар» ё «Ҳаҷ» тасвир мешавад, ки рамзи ҳаракат аз

олами зоҳир ба сӯи воқеияти мутлақи Илоҳӣ аст. Ин сафар дорои мақомот (пояҳо ё марҳилаҳо) ва аҳвол (ҳолатҳои рӯҳонӣ) мебошад: *Мақомот* ин марҳилаҳои истиқрорӣ ҳастанд, ки солик бо амали худ ба онҳо мерасад (монанди тавба, сабр, таваккал ва ғ.). *Аҳвол* ҳолатҳои лутфӣ (аз Худо) ва ғайриихтиёранд, ки наметавон онҳоро ба даст овард, балки танҳо метавон барои онҳо омодагӣ дошт (монанди муҳаббат, шавқ, вақд ва ғайра). Дар фалсафа ин ду ҳолат бар иктишофи инсонӣ далолат мекунанд: саъйи инсонӣ ва тафаззули илоҳӣ — ду ҷониб дар равобити маърифавӣ бо Худо. *Фанои фӣ-л-Ҳақ (Нобудшавӣ дар Худо)* ин мақом охирини *саёҳати ирфонӣ* дониста мешавад, ки дар он солик аз ҳама ҷиҳатҳои нафсӣ ва шахсӣ фано меёбад ва фақат вуҷуди Илоҳӣ боқӣ мемонад. Дар ин ҷо «ман» дигар вуҷуд надорад, балки танҳо «Ӯ» аст. Дар фалсафаи ҳастишиносӣ ин таҷрибаро метавон ҳамчун шакли ***интегратсияи комил бо ҳастии мутлақ*** тавсиф кард, мисли сӯхтани қатра дар баҳр.

Сайри сӯфӣ, ки бо ибодат оғоз мешавад ва бо *фанои фи-л-Ҳақ* анҷом меёбад, дар ҳақиқат як рафти марҳилавии маърифатӣ ва ҳастӣ аст. Ин раванд танҳо бо амали ботинӣ ва раҳмати илоҳӣ (аҳвол) анҷомпазир аст. Сӯфӣ дар ин раванд худшинос мешавад, то Худошинос шавад ва дар поён, худашро маҳв мекунад, то танҳо Худо боқӣ монад.

Ҷонсӯзӣ дар сайру сулук сӯфиёнро водор сохт, ки бо асрори рӯҳии инсон ошно шаванд ва дар ин робита фалсафаи тасаввуф ба мушоҳидаҳои муҳими равонӣ асос ёфтааст. «Зоҳиран тасаввуфро вай (Абӯсаиди Абулхайр-А.К.) зистанӣ медонистааст ва таҷриба карданӣ, на гуфтанӣ ва васф карданӣ» [114,59].

Яъне, асоси фалсафаи тасаввуф таҷрибаи ботинӣ, ҷонсӯзӣ ва шинохти рӯҳии инсон аст, ки тавассути сайри маънавӣ ба шинохти ҳақиқати ҳастӣ ва ваҳдати вуҷуд мебарад. Он на як донишест, ки бояд омӯхта шавад, балки як роҳи зиндагист, ки бояд зиста шавад. Дар

таълимоти тасаввуф оид ба мақому ҳол ва фарқиятҳои байни онҳо пажуҳише чанд анҷом ёфтаанд. Ҳангоми муайян кардани ҳол (ҳолат) онҳо мегӯянд, ки ин *талқини муқаддасест*, ки аз ҷониби Ҳақ ба солик меояд ва он на тӯлонист. Чуноне файласуфи тоҷик И. Зиёзода зикр менамояд: «Ҳол дар тасаввуф воридест, ки ба дили солик бидуни ихтиёр ва бе касб ба сабаби тоот ва зикри аврод фуруд меояд; аҳволи рӯҳонӣ ва ваҷду шӯри маънавии солики ошиқ аз таҷаллиёти Ҳақ» [117,382].

Мақом яке аз дараҷаҳо дар роҳи дарк (сулук) аст, ки он тавассути кӯшишу ғайрат ва талоши солик ба даст оварда мешавад. Чуноне Азизаддин Насафӣ мегӯяд: «Бидон ки сулук иборат аз сайр аст ва сайр ила аллоҳ (Ба Худо) бошад ва сайр фи аллоҳ (дар Худо) бошад. Сайри илаллоҳ ниҳоят дорад, аммо сайри фи аллоҳ ниҳоят надорад ва сайри илаллоҳ иборат аз он аст, ки солик чандон сайр кунад, ки аз ҳастии худ нест шавад ва ба ҳастии Худо ҳаст шавад ва ба Худо зинда ва доно ва бино ва шунаво ва гӯё гардад» [191,14].

«Ҳол» (ба ақидаи сӯфиён, ба дили солик аз ҷониби Ҳақ (Худо) фиристода шудааст) ба он оварда мерасонад, ки вай тадриҷан таҳти таъсири ҳолатҳои зуд-зуд тағйирёбанда аз мақоми поёнӣ ба мақоми баландтар мегузарад. Аммо чизе ки ба худи солик вогузор шудааст ва аз талошҳо ва дастовардҳои ӯ вобаста аст, роҳи ӯ аз як мақом ба мақоми дигар буда, шумора ва ҷобаҷогузории онҳо аз ҷониби шайхҳои мухталиф гуногун арзёбӣ мегардад. Ин мақомҳо, ки бештар дар адабиёти тасаввуф зикр мешаванд, мақомҳои ҷамъ (васл, иттисол) ва тафриқ мебошанд. Ҷамъ марҳилаи роҳи ирфонист, ки дар он ориф тамоми Офаринишро дар партави Зоти Ҳақ дидааст ва ҳеҷ як мавҷуд ба ҷуз ҳастии Ҳақиқат ба назари ӯ намерасад. Мувофиқи ин ақида ҳар чӣ мансуб ба солик бошад, тафриқа ва ҳар чӣ аз тарафи Худованд бошад, ҷамъ мебошад.

Миёни соликони тариқат - зоҳид, ориф ва обид фарқ мениҳанд ва Ибни Сино дар шарҳи онҳо мегӯяд: «Он ки аз матои дунё ва хушиҳои он аъроз кардааст, зоҳид аст; ва он ки ба ибодот пардохта аз қабили намозу руза ва амсоли он обид аст; ва он ки фикри худро мутаваҷҷеҳи ҷаҳони муқаддаси ҷабарут карда ва ҳамеша мунтазири тобидани нури Ҳақ аст андар сари худ ориф хонанд» [273,495]

Барои сӯфӣ шарти ҳатмӣ ҳузури ҳиссиёти ҷисмонӣ аст, ба мисли тавҳид (ҷамъ) ва ҷудошавӣ (тафриқ), ки дар он парешон шудани рӯҳ (ҳулул) шарти зарурӣ аст. «Ин ду асл (ҷамъ ва фарқ) аз ҳам мустағнӣ нестанд, чун яке гуфта шуд, дигаре ҳам дар пайи он меояд. Агар касе бигӯяд тафриқа бидуни ҷамъ Худойро инкор кардааст ва агар касе бигӯяд ҷамъ бе тафриқа неруи Худойро нодида гирифтааст ҳар гоҳ бо ҳам он дуро оварад, тавҳидро дарёфтааст» [117,386].

Мафҳумҳои «тафриқа» ва «ҷамъ» дар тасаввуф на танҳо истифодаҳои забонӣ, балки марҳилаҳои амиқи маърифатии сӯфиро ифода мекунанд, ки дар он инсон дар роҳи сайри маънавӣ бо ҳолатҳои гуногуни рӯҳӣ рӯ ба рӯ мегардад. Ба ақидаи сӯфиён, ***тафриқа*** ҳолати парешонии зоҳирии инсон ва ҷудоии ӯ аз маншаи илоҳӣ аст, ки ҳангоми дарки ҷаҳони мухталифи зоҳирӣ падид меояд. ***Ҷамъ*** бошад, ҳолати *иттиҳоди* ботинии рӯҳ бо Ҳақ аст, ки дар он гуногунрангии офариниш дар як ҳақиқат ҳал мегардад.

Аз ин ҷо ба хулосае меоем, ки сӯфиён ин ду марҳиларо ҳамчун ду пояи як раванд медонанд: **тафриқа бе ҷамъ** — танҳо фаҳм аст, на шинохт; **ҷамъ бе тафриқа** — халосии ботин бе огоҳии зоҳирист. Танҳо касе, ки ҳамзамон ду ҳолатро таҷриба мекунад — дар гуногунӣ ягонагиро мебинад ва дар ваҳдат тафовутро дарк мекунад, яъне ба дараҷаи ҳақиқии тавҳид мерасад.

Шарти муҳими ин шинохт, ба ақидаи шайхҳо, на танҳо дониш, балки ҳузури ҷисмонӣ ва эҳсоси зиндаи рӯҳӣ мебошад. Ин таъкид бар

таҷрибаи амалии ирфонист: сӯфӣ на бо мантиқ, балки бо ҷонсӯзӣ ва кашфи ботинӣ аз тафриқа ба ҷамъ, аз ҷаҳолат ба маърифат, аз нафс ба ҳақ мегузарад.

Дар ин замина, ирфон бо як системаи фалсафии зинда ва амалӣ баромад мекунад, ки дар он инсон бояд ҳам дар олами зоҳир (тафриқа) ва ҳам дар олами ботин (ҷамъ) худро шиносад. Ин таҷриба ҳамзамон равонӣ, маънавӣ ва метафизикӣ буда, инсони комилро ба шинохти ягонагии ҳастӣ, яъне ***тавҳиди воқеӣ*** мерасонад.

Дар китоби «Ғоят-ул- мурид фи шарҳи китоб-ут-тавҳид» -и Солеҳ бинни Абдулазиз оид ба тавҳид ва масоили он маълумоти муфассале оварда шудааст. Масалан, доир ба қисматҳои тавҳид чунин мегӯяд: «Мақсуди тавҳид якҷо кардан ва чанд чизро як чиз сохтан. Масалан: мусулмонҳо Худовандро ба ваҳдоният мешиносанд, яъне маъбудро яке сохтан, ки Худованд мебошад ва тавҳид яке дар китоби Худованд матлуб аст се қисм мебошад:

-тавҳиди рубубият;

-тавҳиди ваҳийят;

-тавҳиди асмоъу сифот» [255,11-12].

Ҳарчанд маънои табииётии истилоҳҳои *ваҳдат* ва *қаробат* умумияте доранд [бинобар он ки ҳардуи онҳо метрикаи фазоӣ-вақтӣ доранд], аммо маънои рамзӣ, метафизикии *ваҳдат* ва *қаробат*ӣ ба куллӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Тибқи таълимоти тавҳид Худо орӣ аз ҷисм аст ва берун аз вақт, фазо, миқдор, сифат аст. Шарҳи ин маънӣ дар китоби «Шарҳи тааруф» чунин ифода ёфтааст: «Худо ягона аст ба зоти хеш ва зот ҳастӣ буд, чунонки мавҷуд ва шайъ ва нафс ва ин ҳама иборат аз ҳастӣ буд, пас ҳастии ӯ ба ҳастии кас намонад, зеро ки ҳама ҳастиҳо ё ҷисманд ё ҷавҳар ва ҳастии Ҳақ субҳона ва таъоло ҷисм ва ҷавҳар нест ва ҳама зотҳо ё дар маконанд ё дар замонанд ва зоти Худои таъоло дар замон ва дар макон

нест ва ҳама зотҳоро ибтидо ва интиҳост ва зоти Худои таъолоро ибтидову интиҳо нест» [255,4].

Ҳамин гуна шинохт, ки дар назарияи ваҳдати вуҷуд таҷассум меёбад, ба он асос меёбад, ки Худо на берун аз олам, балки дар ҷаҳону бо он аст — ҳама чиз таҷаллии Ӯст. «Ваҳдати вуҷуд дар маънои васеяш назарияест дар бораи робитаи Худо ва ҷаҳони ҳастӣ» [258,214]. Аз ин рӯ, «тафриқа ва ҷамъ» на ду ҳолати зид, балки ду ҷанбаи як воқеиятанд, ки танҳо дар таҷрибаи ирфонӣ ба таври воқеӣ ва ҳамзамон идрок мешаванд.

Равобити ҷудогона ва истисноӣ ба ҳар ду мақом (ҷамъ ва тафриқа), ба ақидаи сӯфиён, ба таври муътадил эътироф карда шудааст ва аксари шайхҳо муттаҳид сохтани ин ду мақомро ҷонибдорӣ кардаанд. Он шайхҳо, ки муттаҳид сохтани ин ду мақомро ҷонибдорӣ мекунанд ва дар ҳолати зарурӣ тибқи шароити ҳар кадоми онҳо амал мекунанд, «соҳибони ду чашм» (зу-л-айнайн) номида мешаванд. Ва аксари пайравони тариқат, ки таълимдиҳанда, пир ва соҳибони хонақоҳҳо буданд, ба ин гурӯҳ мансуб буданд.

Бар иловаи мақоми ҷамъ, боз як мақоми «ҷамъи мураккаб» (ҷамъ ал-ҷамъ) мавҷуд аст ва онҳо мегӯянд, ки ин мақом пурра ҳулул шудан дар мақоми фано (*иттиҳод)* мебошад. Касе, ки ба ин макон расидааст, *ҷамъ* наметавонад аз офариниш ҷудо созад ва *тафриқа* ҳам наметавонад ӯро аз ҳулул ба Ҳақ боздорад.

«Барои сӯфӣ мусалмон будан шарт нест, мегӯяд нависандаи жанри адабиёти равонӣ ва эзотерикаи ҳинду Ошо,- сӯфӣ дар ҳама ҷо, дар ҳама гуна шароит вуҷуд дошта метавонад, зеро моҳияти аслии ҳама динҳо дар ғайб аст. Он ба Ислом ҳеҷ иртиботе надорад. Тасаввуф бе ислом вуҷуд дошта метавонад, аммо ислом бе тасаввуф вуҷуд дошта наметавонад. Агар дар олам ягон дин мавҷуд бошад, пас танҳо ба шарофати тасаввуф аст. Тасаввуф як саргузашти муҳаббат бо Худост. Суфӣ шахсе аст, ки

метавонад дар тамомият ҳулул гардад ва куллро ба қалби худ ҷо кунад» [213,6].

Ба андешаи Ошо гӯё тасаввуф ҳеҷ гуна расмиятро намедонад. Он танҳо ба ягон догма, таълимот, эътиқод ё калисо маҳдуд намешавад. Исои Масеҳ ҳамчун Муҳаммад суфӣ мебошад. Кришна ҳамчун Буддо суфӣ аст. Дар муносибат бо Худо ин ҷо танҳо номҳо гуногунанд. Ин муносибат хатарнок аст. Онҳо хатарноканд, зеро ҳар қадаре ки шумо ба Худо наздик шавед, ҳамон қадар нопадид мешавед. Вақте ки шумо ба ҳақиқат наздик мешавед, шумо тамоман дар он ҷо нестед. Ин хатарнок аст, зеро он худфанокунист... аммо чунин фано зебост. Ҳулул дар Худо роҳи ягонаи воқеии зиндагист [213,7].

Бояд таъкид намуд, ки ин андешаҳои Ошо баҳсталабанд, зеро фано дар таълимоти тасаввуф монанди нирванаи дини буддоҳо ва ҳиндуҳо нест. Нирвана, воқеан, марҳилаи ниҳоии ивазкунии шаклҳо аст ва ба андешаи сӯфиёнаи ҳастии Худо ҳеҷ иртиботе надорад. Ҳамчунин, бо вуҷуди он ки шабеҳи афкори нопадид шудан дар Худо [фано] дар байни масеҳиён низ вуҷуд дорад ва бо гумони нопадид шудани иродаи инсон дар иродаи Худо тавсиф мешавад, вале ин гуна тасаввуроти масеҳиён асоси назарияи сӯфиёнаи «фано» - и исломӣ маҳсуб намеёбад.

Мафҳуми «фано» - и сӯфиёнро, албатта, ба зот ва сурат шабеҳ набояд кард. Ин маънои нопадид шудани сифатҳои муайяни инсонро дорад. «Фано» мартабае аз ҳафт мартабаи ба Ҳақ расидан, ки дар он вуҷуди изофии солик дар вуҷуди мутлақи «маъшуқ» нест мегардад, чунонки вуҷуди қатрае дар вуҷуди дарё; «фано» яке аз зинаҳои асосии тариқат ё мақоми пеш аз бақоро гӯянд, ки тағйири рӯҳи солик ва роҳи хомӯш кардани ҳавою ҳавас ва майлу иродаи шахсиро дар роҳи маърифати ирфонӣ ифода мекунад.

Дар фано бехудии зеҳн аз тамоми мавҷудот, мудракоти ҳиссӣ ба эҳсосу афкор ба вуҷуд омада, солик тамоми қувваи нафсонии хешро ба

мушоҳидаи сифатҳои улуҳият сарф месозад. Ӯ ҳар кадар Худоро дарк кунад, ҳамон қадар худро дар объекти маърифат гум мекунад. Зуҳури зоту сифатҳои Худо ба инсон аз таҷассуми моҳият ва сифатҳои Худо дар инсон иборат аст ва албатта, набояд онро бо зуҳуроти рӯҳ омехта намуд. Зеро пайдоиши рӯҳ дар бисёр ҳолатҳо сӯфиро гумроҳ мекунад ва метавонад ҳамчун зуҳури Ҳақиқат худро вонамуд кунад. Ҳол он ки, ба ақидаи сӯфиёни комил, байни зуҳуроти рӯҳонӣ ва илоҳӣ фарқи калон вуҷуд дорад. Якумӣ, асосан қаноатмандӣ, хаёлот ва мағруриро аз нав пайдо мекунад ва дуввумӣ, ҳамаи инро инкор карда, соликро ба эҳсоси ғайримавҷудӣ ва нопадид шудан ҳидоят мекунад. Ба ҳамин тариқ, эҳсоси ҳулул ва *иттиҳод* танҳо дар он вақт имконпазир мегардад, ки солик аз сифатҳои инсонии худ озод шавад.

Эътирофи ҳулул аз ҷониби баъзе мусулмонони одӣ ва тамоми мутакаллимини ҷараёни Калом инкор карда шуда буд. Ин радкунӣ дар масъалаи ҳамҷинсӣ бо Холиқ ва офариниш, инчунин ба бақо боиси баҳс гардид. Аммо сӯфиён, ки имкони бадал шудани Худоро дар инсон [ҳулул] эътироф мекунанд, мутмаинанд, ки Худо метавонад дар шакли инсон абадӣ ё дар фосилаи муайяни вақт бимонад. Дар чунин ҳолатҳо, ҷисми инсон маънои инсонии худро гум мекунад ва ба худ маънои илоҳӣ мегирад. Аниқтараш, ба ҷои бандаи ба «фано» расида Аллоҳ таъоло амал мекунад, «фано» маънои «набудан», «комилан вуҷуд надоштан» -ро надорад ва нуқтаи олии онро «ҷамъ» ташкил медиҳад.

Баёни ин масъала байни баъзе сӯфиён ва тарафдорони назарияи «ваҳдати вуҷуд» низ қобили қабул нагардид. Сабаби қабул надоштани гурӯҳи якум ин буд, ки чунин табъизро ***хилофи шариат маҳсуб медонистанд*** ва гурӯҳи дуввум иброз доштанд, ки ***ҳулулу иттиҳод мӯътакидгари ду шакли ҳастии Илоҳист*** ва ба назари онҳо Мавҷуд ҳақиқати ягона буда, дар он, дуӣ истисно карда мешавад.

Дар таълимоти тасаввуф ба марҳилаи ҳулулу иттиҳод расидан ва аз сифатҳои инсонӣ орӣ гардидану ба «фано» расидан аз иродати Худо вобаста буда, соликро ба ҳадафи баландтар мебарад. Ин «неъмати илоҳӣ», ки як навъи ҳолати рӯҳонӣ [ҷазба] номида мешавад, аз ҷалби ниҳонӣ иборат буда, ба қавли сӯфиён, ба бандаи Худо аз худи Ҳақ нозил шуда, ӯро бе саъю кӯшиши зиёд ва бидуни тай кардани марҳилаҳои гуногуни роҳ ба маърифат ва дидори Ҳақ [мушаҳада] роҳнамоӣ мекунад. Масъалаи муяссар шудан ё нашудан ба «илтифоти Худо» байни бархе аз сӯфиён дудилагиро ба миён овард, ки ин гуна нафаронро сӯфиён иродатмандони муҷозаба [маҷзуб] номидаанд.

Солик барои расидан ба ҳақиқат аз зинаҳои гуногуни мубориза ва худхоҳӣ [муҷоҳада] гузашта, бандагии муайянро паси сар мекунад. Роҳи зоҳидонаро сӯфиён «рушд» меноманд, зеро дар ин роҳ онҳо аз зинаҳои поёнӣ ба зинаҳои болоӣ мегузаранд. Ва онҳо роҳи сӯфии «ҷалбшуда» -ро таҷаллӣ меноманд, зеро дар айни замон сӯфӣ зинаҳои поёнро тай накарда, таваккал [умед] ба илтифоти Худованд мекунад ва ба Ҳақиқат наздик мешаванд. Умуман, касоне, ки усули тай кардани роҳро [зинаҳоро] (ба мисли Қушайрӣ, Суламӣ ва Ғазолӣ) бар асос мегиранд, мутмаинанд, ки бидуни кӯшиш дар роҳи ирфон [муҷоҳада] кашф имконнопазир аст. Ҳол он ки ба андешаи Шазилӣ, Атаоллоҳ Искандаранӣ ва баъзе дигар муҳаққиқони сӯфӣ бе илтифоти Худо кӯшишу талошҳои солик дар ин роҳ бефоида аст.

Шахсе, ки бо каромоти Худо аз қадами аввал ба ҳадаф мерасад ва пас аз расидан ба Ҳақ, барои донистани роҳ, ба силсиламаротиб бозгашт менамояд, маҷзуби солик номида мешавад. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони тасаввуф, он маҷзуби солик сазовори унвони пир, шайх ва пешво мебошад, зеро ба ӯ каромоти илоҳӣ дода шудааст ва ӯ инчунин тамоми қоидаҳо ва хусусиятҳои марҳилаҳои роҳро медонад ва ба ин мақомҳо салоҳияти зарурӣ дорад.

Ин гуна ҷазба ва муҷоҳада дар роҳи ирфонӣ бо баъзе вижагиҳо ба гурӯҳи зоҳидони насронии давраи нав, ки квиетизм меноманд, қаробат дорад. Ба андешаи ин гурӯҳи мутафаккирон ба даст овардани наҷот аз ҷониби шахс танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар илтифоти Худо бирасад. Аз ин рӯ, бояд аз ҳама чизҳое, ки бо саъю кӯшишҳо ва хоҳишҳои шахс вобастаанд, даст кашида, илтифоти Худоро интизор шуд ва роҳи наҷотро тавассути ҷалби Худованд ҷуст... Бояд зикр намуд, ки оид ба интихоби василаи пайвастан ба Худо – интизори каромоти Худо будан ё роҳи зинаҳои тасаввуфро тай намудан, байни сӯфиён баҳсҳои доманадоре ба худ овардааст.

Дар таълимоти тасаввуфи исломӣ рӯҳи сӯфӣ орзуи талош ба Ҳақиқат мекунад. Ин хоҳиш ва орзуест, ки ҳамчун «ишқ» -и сӯфӣ ба Худо маънидод мешавад ва он сарчашмаи ҳусни таваҷҷуҳи Худованд аст. Ба туфайли чунин ҷазбият дилҳои соликонгирифтори ишқи Худо мегарданд. Дар ҳар сурат, ба ақидаи аксари сӯфиён, муҳаббат сарчашмаи ҳолатҳои олӣ мебошад ва моҳияти аслии он як неъмати пок аст. Аз ин рӯ, ҳолатҳои мухталиф, аз қабили хавф, ният, қабз, баст шавқ, унс, оромиш [тамаънина] ва яқин, ризо ва таслим шартҳои зарурии муҳаббат мебошанд. Чуноне орифи намоён Асадуллоҳи Эзидгашсб дар китоби «Асрори ишқ» мегӯяд:

«Аз хештан охир сӯи худ як сафаре кун,

То бингарӣ он салтанату фатҳу зафарро».

Байти мазкур даъвати равшане ба худшиносӣ ва маърифат аст, яъне ба сафаре на дар олам, балки ***дарун ба сӯи нафси аслӣ***, сӯи ҳақиқати ботинии инсон. Ин сафар, ки дар ирфон онро ***«сайри анфус»*** меноманд, ҳадафаш раҳоӣ аз ҷаҳолати зоҳир ва расидан ба маърифати воқеии ҳастӣ мебошад.

Сӯфӣ, ки барои дарки ҳақиқат аз маҳдудиятҳои нафс ва ҳавои нафсонӣ мегузарад, дар асл аз худи зоҳирӣ сӯи худи ҳақиқӣ ҳаракат

мекунад. Дар ин раванд, ӯ ҳақиқатеро дарк мекунад, ки дар зоҳир пинҳон буд: ***салтанати маънавӣ, фатҳи қалб*** *ва* ***зафари рӯҳ****.* Яъне, ғалабаи маърифат бар ҷаҳолат, нури шинохт бар торикии нафс.

Маълум мешавад, ки дар ирфон хештаншиносӣ калиди худошиносист. Ин байт бо забони ишқи ирфонӣ мегӯяд: то вақте инсон худро нашиносад, наметавонад ҳақиқатро дарёбад. Аммо вақте шахс аз хештан ба маънои зоҳирӣ мегузарад, дар ботини худ салтанати Худоро мушоҳида мекунад. Пас, ин байт на танҳо як шиори маънавӣ, балки мақсади аслии саёҳати ирфонӣ ва ҳастишиносиро таҷассум мекунад, яъне ба худ рафтан маънои ба Худо расиданро дорад.

«Он ҷо симурғи ҷонат ошкоро гардад, парчами таҷарруду фардоният ва растагӣ аз алоиқи табъ ва замон ва макон барафрозад чун ба тайёраи талаб нишинӣ ва дар фазои ҳақиқат тайрон намоӣ ва ҷозибаи арзи табиат туро ба худ накашад, ба маркази шамси ишқ расӣ. Чун ба ҳавои оташин, ки лифоф ва муҳит ба офтоби ишқ аст расидӣ, ҳавоҳои ту нобуд гардад. Дур бош ишқ ҳар дам туро ба гӯшае паррон намояд ва ба куштан бо теғи нуронӣ таҳдидат намояд, инҷост, ки якбора даст аз дил, ки дарёи бепоён аст бармедорӣ ва ба қуввати муҳаббат тайёраи талабро ба кӯи ишқ парвоз дода, масти лоуболивор гӯй:

Ман бияфкандам ба поят ҷони хеш,

Сар бубар ё зинда кун моро чу меш» [327,16].

Порчаи мазкур тасвири рамзии роҳи сӯфист, ки дар он инсон тавассути *талаб, ишқ ва таҷарруд* аз қудратҳои табиӣ ва маҳдудиятҳои модӣ раҳо меёбад ва ба *маркази вуҷуд*, яъне Ҳақ ва ишқи илоҳӣ мерасад. Сафаре, ки бо «тайёраи талаб» сурат мегирад, рамзи ҳаракати ботинӣ ва шинохти рӯҳист; сафаре аз ҷаҳон ба Ҷавҳар, аз зоҳир ба ботин, аз аҷзо ба ваҳдат.

Дар ин раванди маърифат, сӯфӣ танҳо вақте ба ҳақиқат мерасад, ки «ҷозибаи арзи табиат» — яъне қувваҳои ҳодиса, нафс, майлҳои модӣ ва

қолабҳои замону макон — бар ӯ таъсир намекунанд. Ҳамин лаҳза аст, ки рӯҳи инсон ба «*маркази шамси ишқ*», яъне ба ҳузури илоҳӣ мепайвандад. «Шамс» дар ин ҷо рамзи ҳақиқат, марказияти ҳастӣ ва нурест, ки ҳама чиз аз он падид меояд.

Ибораи «хавои оташин» ки муҳит ва лифофаи офтоби ишқ аст, ишора ба таҷаллии Ҳақ дар зоти ишқ мекунад, ки дар он шахс тамоми ҳавову майлҳои нафсонӣ ва нафсониятро аз даст медиҳад. Яъне, ***инҳидоми манияти зоҳир*** ва ***фано дар зоти ишқ***. Ин мавқеест, ки маънои фалсафии «маҳви нафс» ва «таҳдиди рӯҳӣ бо теғи нуронӣ» пайдо мешавад: худиро нест кардан то Ҳақ ошкор гардад.

Дар байти охир, ин ҳолат бо таслими комили рӯҳоние тавсиф мешавад, ки сӯфӣ мегӯяд: Ин таслими комили иродаву ҳастист дар баробари муҳаббат ва маърифати илоҳӣ; рӯҳ бо ихтиёр ва муҳаббат аз худ мегузарад, то дар ишқ, ҳақиқати ҷовидона ёбад.

Хулоса, ин порча таҷассуми як нуқтаи аҷиби ирфонист, ки дар он *озодӣ аз замону макон, таҷарруди комил, ишқи сӯзон ва фанои шахсият* бо ҳам як мешавад, то инсон ба ваҳдати вуҷуд бирасад. Фалсафаи ишқ дар ин ҷо на танҳо як эҳсоси ирфонӣ, балки *марҳилаи ниҳоии шиноҳти вуҷуд ва васли маърифат* аст, яъне Ишқ ҳамчун восита ва мароҳили аслии роҳи инсон ба сӯи Худо.

Аз ин рӯ, ба ақидаи эътиқоди баъзе шайхҳо, ҳеҷ чиз наметавонад дар баробари ишқ ва иродаи нек ба поксозӣ (аз хоҳишҳои нафсонӣ) ва таълими маънавии сӯфӣ мусоидат кунад ва онро ба таъсири ҳолатҳои пурасрор фош кунад. Аз ин лиҳоз, сӯфиён ба ишқ диққати зиёд медиҳанд.

Дар ҳар сурат, тасаввуф дар робита ба дараҷаҳои мухталифи муҳаббат мақоми муайян дошт ва таҳқиқотҳои арзишмандро дар бораи «ҳолати ошиқон» ва дараҷаҳои мухталифи «ишқ» ба анҷом расонид, ки дар адабиёти сӯфия – шеърҳо, гуфторҳо ва ҳатто тарҷумаҳо инъикос

ёфтаанд. Аз ин рӯ, муҳаббат мақсади асосии офариниш ва маҳаки мавҷудияти инсон аст. Зеро рӯҳи инсон роҳи бозгашт ва васлро аз сарчашмаи воқеияти худ меҷӯяд. Аз ин рӯ, вай дар ҷустуҷӯи Ҳақиқат бо роҳи муҳаббат меравад.

Инчунин, бояд эътироф кард, ки мушкилоти пояҳои тасаввуф берун аз манфиатҳои илмӣ зуҳур карда истодаанд. Ин маънии онро дорад, ки фаҳмиши радикализми муосири исломӣ тақсимоти сунъии ислом ва тасаввуфро амалӣ месозанд, ки он ҳамчун ҳисси ҷангталабонаи зидди исломиро муаррифгар аст. Ин тамоюл ба онҳо имкон медиҳад, ки таълимоти исломро мувофиқи хоҳиши худ муайян кунанд, матни Қуръонро ба манфиати хеш тафсир диҳанд. Ҳадафи ниҳоии онҳо анъанаҳои мазҳабии исломиро инҳисор намуда, нуқтаи назари дигаронро бар ҳақиқати динии еретикӣ гароидан аст. Аз нигоҳи фалсафаи дин, кӯшиши таъриф кардани дигар равишҳо ба унвони «еретикӣ» ё «бидъат» бештар ба баҳсҳои таъвил ва манобеи қудрат дар доираи фикри динӣ ишора мекунад, на ба худи ҳақиқат. Тасаввуф ва фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар тӯли таърих низ гоҳе бо ҳамин гуна иттиҳомҳо рӯ ба рӯ шуда буданд, аммо аҳамияти таърихӣ ва маънавии онҳо собит намуд, ки ҳақиқат тафсири зиёд металабад ва наметавон онро танҳо ба як фаҳм маҳдуд кард.

Дар замони мо, баъзан, даъвогарони «Исломи пок» ба «қонуният», ки муқобили ғояҳои ҳама шаклҳои мавҷудияти ислом, аз ҷумла ба тасаввуф мебошад, бо шӯрангезӣ бар ихтилофоти исломӣ мусоидат менамоянд. Ин амал бештар оқибатҳои фоҷиабор оварда, ҳам ба мусулмонон ва ҳам ба ғайримусулмонон зарари бузург мерасонад, зеро ин «иқдом», дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар дохили як қишри бузурги мусулмонӣ таъсири манфии хешро мерасонад. Ҳақ ба ҷониби исломшиноси россиягӣ С. Прозоров, ки мегӯяд: «Яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти ватании исломшиносӣ – маълумоти объективӣ дар

бораи ислом мебошад, ки ҳамчун қадаме ба пеш, барои аз байн бурдани тасаввуроти стереотипҳои манфии дарки мутақобилаи намояндагони динҳои гуногун, арзёбӣ мегардад» [222,6].

Равиши илмӣ ба масъалаи пайдоиши ғояҳои мухталиф дар ислом, дар байни намояндагони мактабҳои гуногуни догматикию ҳуқуқӣ ва ҷараёнҳои исломӣ, барои фароҳам овардани фазои таҳаммул ва заминаи таҳаммулпазирии мусулмонон нисбат ба ғайримусулмонон мусоидат мекунад.

3.3. Ирфон ва ҷанбаҳои ирратсионалии он

Дар ин зербоб методи таҳлили фалсафӣ-муқоисавӣ ва феноменологӣ истифода шуда, ирфони сӯфиён ҳамчун таҷрибаи ирратсионалӣ таҳлил ва бо мантиқ муқоиса шудааст.

Ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон, яъне шинохти ғайриақлонӣ ва мутакаддими таҷрибавии рӯҳ баёнгари як навъ маърифати фавқулодда аст, ки берун аз қолаби мантиқӣ ва фаҳми зеҳнии маъмул қарор дорад. Ин зербоб ба таҳлили ҷанбаҳои ирратсионалӣ ва ҳадсӣ дар ирфон бахшида шуда, роҳҳои фарогири маърифатро баррасӣ мекунад.

Ирратсионализм (аз лот. irrationalis — ғайриақлонӣ) як равияи фалсафист, ки нақши ақлро дар шинохти ҳақиқат маҳдуд мекунад ва барои дарки ҳақиқати аслӣ ба эҳсос, ҳадс, ишқ, имон ё таҷрибаи ботинӣ такя менамояд.

Хусусиятҳои асосии ирратсионализм чунинанд:

1. Маҳдудияти ақл: Ақл наметавонад ҳама чизро бифаҳмад, яъне баъзе ҳақиқатҳо берун аз доираи мантиқ ва тафаккур ҳастанд.

2. Афзалияти эҳсос ва шуури ботинӣ, яъне дарки воқеият бештар тавассути дил, таҷрибаи шахсӣ ва рӯҳонӣ имконпазир аст.

3. Шубҳа ба илм ва мантиқ, яъне илм метавонад ҷаҳони зоҳириро фаҳмонад, вале на ҳақиқати аслиро. Масалан, маънои зиндагӣ, зоти Худо ё ишқ.

4. Нақши таассуб, дин ва ирфон, яъне ирратсионализм ҷонибдори таҷрибаи динӣ ва ирфонӣ мебошад.

Намояндагони барҷастаи ирратсионализм С. Каркегор (фалсафаи имон ва озодӣ), Ф. Нитсше (таъкиди эҳсос, ирода, хаёл) ва Анри Бергсон (ҳадсро бар ақл тарҷеҳ медиҳад) мебошанд. Дар афкори асримиёнагии тоҷик баъзе андешаҳои ирфонӣ, махсусан дар тасаввуф, хусусияти ирратсионалӣ доранд (масалан, таҷрибаи ишқи илоҳӣ, шуҳуд, ваҳӣ).

Таҳлили муқоисавии онҳо дар ҳасин аст, ирфон ва ирратсионализм ҳарчанд дар маншаъ ва методология фарқ доранд, аммо ҳарду дар радди шинохти маҳдуди ақл ва таъкиди таҷрибаи шахсӣ ва ботинӣ бар як равиш қарор доранд. Ин иртибот дар сатҳи назарӣ тавсифи роҳҳои алтернативии маърифатро дар муқобили ақлгароии мутлақ фароҳам месозад.

Дар мавриди иртибот (шабоҳатҳо)-и он таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳам дар ирфон ва ҳам дар ирратсионализм шинохт ҳамчун ҳолати рӯҳӣ ва ё таҷрибаи ботинӣ ба тасвир меояд. Яъне, на аз роҳи мантиқ, балки тавассути дил, илҳом ва ҳолоти шахсӣ дастрас мешавад.

Гарчанде ирратсионализм мактаби секуляр маҳсуб мешавад ва ирфон дорои заминаи теосентрӣ аст, ҳарду мактаб барои дарки ҳақиқати комил маҳдудияти ақлро муътакид мешаванд.

Тафриқаи асоси онҳо дар ҳасин аст, ки ирратсионализм, ба вижа дар осори файласуфони аврупоӣ чун Ф. Нитсше ва А. Бергсон, бар истиқлоли шинохти шахсӣ ва озодии рӯҳии инсон таъкид намуда, аз такя ба манобеи илоҳӣ худдорӣ мекунанд, дар ҳоле ки ирфон шинохтро танҳо тавассути тазкияи нафс ва васл бо ҳақиқат, яъне Худо, имконпазир медонад.

Ҳамин тариқ, агарчи ҳарду равия назарияи ғайриақлонӣ доранд, методологияи ирфон дорои бунёди ахлоқӣ ва такомули ботинист, ки дар он тазкияи нафс ва муҳаббат ба зоти илоҳӣ нақши меҳварӣ мебозанд, дар ҳоле ки ирратсионализм бештар ба шикастани қолабҳои тафаккури расмӣ ва озодсозии нерӯи хаёл ва ҳис такя мекунад.

Ирфон ҳамчун шохаи ботинии маърифати динӣ, ҷанбае аз таҷрибаи маънавии инсонро инъикос мекунад, ки дар он васл бо ҳақиқат ва шинохти зоти илоҳӣ аз тариқи дил, шуҳуд ва таҷрибаи ботинӣ сурат мегирад. Иттиҳоди зотӣ дар ирфон ҳолате маънавист, ки дар он шахсият ё нафси ориф бо зоти илоҳӣ «ягонагӣ» пайдо мекунад. Ин мафҳум бештар ба фаҳми ваҳдати вуҷуд ва ҳақиқати таҷаллӣ иртибот мегирад. Муҳаққиқони ирфон (масалан, Ибни Арабӣ) чунин иттиҳодро на ба маънои фақат иртибот, балки ҳамчун таҷаллии комил ва ғарқи шахсият дар ҳастии илоҳӣ дарк мекунанд. Аз назари каломи исломӣ, чунин иттиҳод метавонад мавриди интиқод қарор гирад, чун ба пантеизм наздик мешавад.

Мазмуни аслии ирфон дар он аст, ки шинохти воқеӣ, на танҳо тавассути мантиқу истидлол, балки тавассути таҷрибаи ботинии иртибот бо ҳақиқат, яъне иртиботи ғайриақлонӣ имконпазир аст.

Ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон, ки бештар дар шакли зикр, ҳол, фано, шуҳуд ва илҳом зоҳир мешаванд, ба таври мустақим ва тафриқнопазир бо методологияи маънавии тасаввуф пайванд доранд.

Дар ин раванд, ориф шинохтро аз роҳи муҷоҳидаи нафс ва таҳзиби ботин меҷӯяд, на тавассути хулосаҳои мантиқӣ ва категорияҳои ақлӣ. Ба андешаи орифон ҳақиқат бо ақл танҳо дар сатҳи зоҳирӣ фаҳмида мешавад, дар ҳоле ки дарк ва ҳисси ҳақиқии он танҳо тавассути таҷрибаи қалбӣ ва шуҳудӣ дастрас аст.

Чунин тарзи шинохт аз назари файласуфони ирратсионалист низ қобили таваҷҷуҳ аст, зеро онҳо низ маҳдудияти қудрати мантиқро таъкид намуда, роҳҳои ғайриақлониро (ҳадс, ҳис, илҳом) ҷонибдоранд.

Бо вуҷуди шабоҳатҳо дар мавриди радди шинохти мантиқӣ ва истиқрорӣ, ирфон дорои фарқияти бунёдӣ бо ирратсионализм аст. Яъне, ирфон дар муҳити теосентрии маърифати динӣ рушд ёфта, мақсади ниҳоии онро шинохти Худо ва вусули маънавӣ ташкил медиҳад, дар ҳоле ки ирратсионализм, хусусан дар фалсафаи Ғарб, бештар роҳи секуляристӣ (маънои ҷудо кардани дин аз умури иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маърифатгароиро дорад) ва фардгароёнаи озодсозии зеҳнро пешниҳод мекунад. Масалан, ирратсионализми ғарбӣ таҷрибаи ботиниро асос мегузорад, вале на ба Худо, балки ба зиндагӣ, худшиносӣ ё интуитсия инсонӣ такя мекунад

«Асоси ҷаҳонбинии ирфон вобаста ба шароити иҷтимоӣ ва эътиқоди динӣ гуногун мешавад. Дар динҳои яккахудоӣ (яҳудия, масеҳият, ислом) вуҷуди мутлақ Худои яккаю ягонаест, ки расидан ба он танҳо ба воситаи нақлу ахбор имконпазир аст. Дар афкори мулҳидона расидан ба Худо дар натиҷаи иттиҳоду ҳулул сурат мегирад. Дар динҳои ғайритеистӣ мабдаи трансендентӣ («дао» дар даосизм, «шунята» дар буддоия», «аҳадият» дар навафлотуния ва ғайра) ҷойи Худоро гирифтааст. Ҳамаи ҷараёнҳои ирфонӣ ҷиҳатҳои муштарак доранд. Яке аз чунин чиҳатҳо ба илми ҳол (ирратсионализм) - у интуитивӣ (маърифати ҳадсӣ) майл доштани онҳо мебошад ва аксари ҷараёнҳои ирфонӣ назари худро бо рамзу тамсил баён кардаанд» [141,122].

Ҳамин масъаларо дар таҳқиқоти хеш академик К. Олимов муътакид гаштааст: «Абӯсаиди Абулхайр ва орифони асрҳои миёна бошанд, бо вуҷуди эътирофи нақши донишҳои ҳиссию ақлӣ майли худро бештар ба маърифати ҳадсӣ равона карда, илми ҳолро воситаи асосии маърифати

мабдаъ ва маншаи ҳастӣ, ки ба боварии онҳо олами улвист, донистаанд» [206,80].

Дар масеҳият ду тамоюли ирфонӣ мавҷуд аст: 1) ирфони аҳкомӣ (ортодоксӣ) ва ирфони мулҳидонаи пантеистӣ, ки асосгузори он Майстер Экхарт аст. Ӯ иброз доштааст, ки ба ман аз Худо наздиктар чизе нест... Худо ба ман аз худам ҳам наздиктар аст. Ҳаёти зоҳидонаи роҳибон низ аз ҳамин ҷиҳати таълимоти масеҳият шаҳодат медиҳад.

Дар таърихи инсоният афкори ирфонӣ нахуст дар Ҳиндустон (Веданта), Хитой (даосизм), Юнон (фисоғурия ва навафлотуния) пайдо шуда, дар давраи бӯҳронҳои ҷамъиятӣ — таназзули Империяи Рим, дар аҳди аввали милод (масеҳияти ибтидоӣ, гноститсизм, монавия), асрҳои миёна (тасаввуф, каббала, исихазм, Иоахим Флорский ва дигарон) ва ташаккули унсурҳои капиталистӣ дар асрҳои XVII—XVIII (маҳфилҳои янсенистҳо, квиетистҳо, методистҳо, пиетистҳо, квакерҳо, ҳосидияҳо ва хлистҳо) инкишоф ёфт.

Барои ҳалли масоили муайян намудани сабабҳои пайдоиши ҷараёни ирфонӣ дар ислом ва табдили он ба тасаввуфи фалсафӣ, ошкор кардани таҳаввули онтологии тасаввуф, дар адабиёти давраҳои ибтидоӣ ва ҳам классикии ислом, оид ба масъалаҳои динӣ ва фалсафӣ асарҳои агиографикӣ, асарҳои аслии сӯфӣ – мутафаккирон ва асарҳои намояндагони дигар ҷанбаҳои ислом мерос мондааст. Муаллифони зерин дар роҳи инкишофи ирфони назарӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок, оид ба таҳқиқи мероси ирфонии халқи мо, бахусус, дар таҳқиқи тасаввуф таҳқиқоти арзишманде намудаанд, ки бархе аз онҳоро метавон номбар намуд: ховаршиносони Аврупо Николсон, Арберри, Э. Браун, Гремменгем, Этте, Ян Рипка, Серж де Буркуй, Бо Утас, олимон-файласуфони украину рус С. Б. Кримский, Е. Бертелс; олимон-файласуфони Эрон, Туркия, Афғонистон С. Нафисӣ, А. Зарринкӯб, З. Сафо, Ш. Нуъмонӣ, Қ. Ғанӣ, Фурӯзонфар, Лутфалии Суратгар, Назир

Аҳмад, Гулпинорлӣ, Халилулоҳи Халилӣ, Салоҳуддини Салҷуқӣ, Моили Ҳиравӣ, Табибӣ; олимони Россия М. Т. Степанянс, А. В. Смирнов, Н. С. Кирабаев, Н. С. Хисматуллин, муҳаққиқони Озарбойҷон З. Қулизода, Рза-Кулизода, М. Исмоилов, олимони Ӯзбекистон М. М. Хайруллоев, Н. Комилов, О. Усмонов, Н. Файзуллоев.

Дар нимаи дуюми асри бистум моҳияти ирфонро ҳамин гуна муаллифони хориҷӣ, ба монанди Э. Андерхилл, А. Тор, Р. Зенер, Ю. А. Кимелев, А. Г. Климович, А. Книш, Л. Конотоп, Ф. Олмонд, А. Сафронов, В Стейс, Е. Торчинов, Ҷ. Тримингем, В. Уэй, Р. Элвуд, М. Элиада ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

«Сарнавишти ирфони тоҷикӣ - эронии давраи исломӣ, – мегӯяд академик К. Олимов, – яъне тасаввуф, хеле мураккаб, фоҷиабор ва дар айни замон диққатҷалбкунанда мебошад» [206,5]. Яъне, рушду такомули тасаввуф якрангу якмаром набуда, ҷараёнҳои мухталиф дар ҳалли масъалаҳои хусусияти метафизикидошта ва назарияи дониш (типологияи дониш, манбаъҳо ва ҳудуди маърифат) дар он ҳамҷоя мебошанд.

Дар Ғарб, баъд аз солҳои 50-уми асри XIX ва оғози асри XX файласуфон, олимон, равоншиносон оид ба ирфон андешаҳои ҷолибе баён кардаанд.

Дар осори намояндагони ҷараёнҳои материалистӣ ва идеалистӣ доир ба падидаи ирфонӣ, баҳодиҳӣ ва нуқтаи назарҳо аз ҳам тафриқа доранд.

Намояндагони самти идеалистӣ ба дигар нуқтаи назар пайравӣ мекунанд. Дар ибтидои асри бистум файласуф ва равоншиноси амрикоӣ В. Ҷеймс (1842-1910) дар асари худ «Гуногунии таҷрибаҳои динӣ» (The Varieties of Experience Religious) таъкид менамояд, ки «мо бояд тамоми решаҳои ҳаёти динӣ ва инчунин маркази онро дар ҳолатҳои ирфонии шуур ҷустуҷӯ кунем» [100,303].

Файласуфи амрикоӣ Р. Элвуд мегӯяд, ки «ирфони амалӣ на танҳо яке аз қисматҳои таҷрибаи динӣ, балки қисми асосии он, пайванде мебошад, ки тамоми унсурҳои матритсаи диниро муттаҳид месозад». Муҳаққиқ муқаррар кардааст, ки агар дин низоме бошад, ки вазифаи он дарки «роҳҳои ниҳоии дигаргунсозӣ (тарнсформатсия)» бошад, пас ирфони амалӣ»муҳимтарин воситаи ниҳоии дигаргунсозӣ» аст. [109,34].

Тадқиқотчиён, файласуфони амрикоӣ дуруст таъкид намудаанд, ки ирфони амалӣҳаёти рӯҳониии шахсро куллан дигаргун месозад. В. Ҷеймс қайд кардааст, ки ба маърифати ирфонӣ ворид шудан аз оптимизм ва монизм фарқ дорад: гузаштан аз фазои тангу тор ба ҷаҳонбинии ниҳоят васеъ, гузаштан аз парешонӣ ба оромӣ аст. Дар натиҷаи таҷрибаи ирфонӣ «беҳудудӣ тамоми сарҳадҳоро фурӯ мебарад» [100,331].

Нависанда ва муҳаққиқи англис Э. Андерхилл бо В. Ҷеймс ҳамфикр буда, ин гуна ибрози ақида менамояд: «Ирфон таҷрибаи рӯҳонии муайянро дар бар мегирад, ки ба хотири ҳаёти транссендентӣ, дар сатҳи баланд дигаргуншавии шахсиятро тақозо дорад» [39,99-100]. Муҳаққиқи англис В. Стейс навиштааст: «зоҳид эҳсос мекунад, ки ҳар чизе дарк мекунад, барояш муқаддас, илоҳӣ ва комил аст. Ва ин ба ӯ эҳсоси саодат, шодӣ, хушҳолӣ, лаззат, безамонӣ мебахшад» [260,131].

Шарқшиноси рус Е. Торчинов ба хулосае омад, ки таҷрибаи ирфонӣ «дар ҳар сурат шакли олии муқаддасот, расидан ба наҷот, озодӣ ва ғайраро дар назар дорад» [419,3].

Барои дарки моҳияти падидаи ирфонӣ асари арзишманди равоншиноси амрикоӣ А. Г. Маслоу «Ҳавасмандгардонӣ ва шахсият» аҳамияти хоса дорад. Дар он қайд шудааст, ки психология бештар бо омӯзиши одамони гирифтори бемории рӯҳӣ машғул аст ва дар натиҷа, моҳияти ҳақиқии шахсро таҳриф мекунад. Вай вазифаи худро дар омӯхтани таҷрибаи он намояндагони инсоният, ки ба «худфаъолкунӣ» ноил гардидаанд, медид, зеро вай онҳоро намунае аз афроди рӯҳан

солим дар назар дошт. «Дараҷаи олии худфаъолиятро, – мегӯяд А. Маслоу, - он шахсоне доро ҳастанд, ки амалияи ирфониро ҳамчун «таҷрибаи олӣ» аз сар гузаронидаанд, «ман» -и воқеиро дарёфтаанд. Чунин шахсиятҳо «на танҳо дар олами реалӣ, балки дар воқеияти олӣ, дар воқеияти ҳастӣ, дар олами рамзии назм, эстетика, транссендент, дар олами дину ирфонӣ, дар моҳияти берун аз қоидаи шахсии худ, дар воқеияти сӯзи олӣ зиндагӣ мекунанд» [416,11].

Ин масъаларо файласуфи тоҷик И. Зиёзода, дар таҳқиқоти арзишманди хеш, равшантар маънидод намудааст: «...инсон аз рӯзи таваллуд дорои ду шакли «ман» аст: Мани сифлӣ (разоил) ва мани олӣ (фазоил). Мани сифлӣ ба сӯи корҳои пасту разила, ахлоқи разила мекашонаду «ман»и олӣ ба сӯи корҳои олӣ сазовори ахлоқи ҳамидаи инсонӣ... Сӯфӣ «ман» -и хешро (қатраи об) ба тадриҷ дар «ман» -и бузургтаре (баҳр, дарё, уқёнус) нопадид мекунад ва ҳамин нопадидшавӣ-(иттиҳод) ба ӯ имкон медиҳад, ки ваҳдати худро дар ҳастии бузургтаре фонӣ созад, минбаъд сухан дар бораи «ман» -и ягона ва воҳиде меравад, ки сӯфиён онро *ваҳдати вуҷуд* меноманд» [118,6-7].

Аз иқтибосҳои боло ба хулосае меоем, ки тобеъ кардани назарияи ирфонии ҳастишиносӣ ба масъалаҳои ахлоқ равшан ба назар мерасад. Чуноне академик К. Олимов мегӯяд: «Дар «Асрор-ут-тавҳид» ба фикрҳое дучор мешавем, ки Шайх инсонро дар маркази таваҷҷуҳ қарор медиҳад ва камоли ахлоқию покии маънавии ӯ ҳадафи аслӣ дониста мешавад. Ин покӣ ва софӣ ба дил марбут мешавад. Дил аз узви физиологии инсон ба маркази таҷаллии нури илоҳӣ ва ҷавҳари шарифи ҳақиқати азалӣ табдил меёбад. Он маркази ишқ ва ҷаҳонест, ки дар он инъикоси ҷаҳони маънавию улвӣ сурат мегирад» [206,78].

Дар тадқиқоти олимони муосир ба масъалаи самти иҷтимоии таълимоти ирфонӣ таваҷҷуҳи кофӣ дода намешавад. Барои намояндагони равияи материалистӣ ирфон як навъ «дурӣ аз ҳаёти

иҷтимоии инсон» қабул карда мешавад, аммо бархе аз муҳаққиқони диншинос аҳамияти бузурги таҷрибаи ирфониро дар ҳаёти ҷомеа таъкид мекунанд. Масалан, ба андешаи муҳаққиқи шведӣ Андре Тор танҳо мавқеи фаъоли иҷтимоии онҳое, ки «амалия» -и ирфониро тай кардаанд, роҳи ояндадорест ва ҷавоби он «бозгашт ва муайян кардани имкони зинда мондан ва рушдро ба тамоми ҷамъият медиҳад» ва зоҳидӣ «тарки бебозгашти холис», ё худ «ғамхорӣ танҳо дар бораи наҷоти худи зоҳид» аст [40,8].

Дар давраи инкишофи илми шӯравӣ файласуфи рус В. Поликарпов далел оварда, ки «ирфон ҷаҳонбинии онҳое аст, ки имкони воқеии ҳалли мушкилоти зиндагии замони моро ба инобат нагирифта, ба олами рӯъёии метафизикӣ фурӯ рафта, кӯшиш мекунанд, ин мушкилотро бо ёрии маърифати ирфонӣ, амалияи ирфонӣ, нашъамандӣ ҳал кунанд» [220,12].

Мо ба андешаи В. Поликарпов мувофиқ ҳастем. Ирфон ҳамчун таълимоте ҳисобида мешавад, ки «ягонагии» пайравони ирфони амалӣба воқеияти Мутлақ нигаронида шуда, оқибати он сифатан дигаргунсозии ҳаёти рӯҳонии инсон мебошад.

Дар таҷрибаи равонӣ, байни ду намуди асосии ирфон - имманентӣ ва транссендентӣ-имманентӣ фарқиятҳои муайян мавҷуданд. Ирфони имманентӣ ҳулул бо Худовандро тасдиқ мекунад. Ин ҷода роҳи трансформатсионии дигаргунсозӣ дар шуури солики ирфони амалӣва поксозии ботини инсон аст. Ин навъи ирфон хоси «динҳои таҷрибаи пок», ё «динҳои табиӣ» аст, ки дар бораи Мутлақи ғайритабиӣ тасаввурот надоранд. Онҳо Мутлақро ҳамчун Шуури Поки ғайришахсӣ (равияҳои ҳиндуӣ) дарк мекунанд; Ваҳдати аввал, ки аз он ҳастӣ ба дунё меояд (даосизм); Хало, ки ҳастии комилро дар бар мегирад (буддоии Маҳаяна) ва ғ.

Ирфони транстсенденталӣ-имманентӣ (антиномикӣ) хоси динҳои «ваҳйӣ» ё «китобҳои динӣ» -е мебошанд, ки бар ақидаҳои монотеистӣ ва креатсионизм асос ёфта, табиати гуногун доштани Худо ва олам, «офарида» ва «ноофарида» будани онро тасдиқ мекунанд. Танҳо дар як ирфони амалӣвартаи байни Офаридгор ва махлуқот фатҳ мешавад: «Худо гӯё дар ботини инсон ҷой мегирад» [110,24-25].

Тибқи догмаи масеҳӣ, Худо ҷаҳонро аз ҳеҷ чиз офарид, онро бо амали иродаи худ, ба шарофати қудрати худ офаридааст. Қудрати Илоҳӣ дар ҳар лаҳза ҳастии оламро ҳифз ва дастгирӣ мекунад. Ин ҷаҳонбиниро креатсионизм меноманд (аз калимаи лотинии «creatio» гирифта шуда, маънояш «офариниш» аст).

Догмаи офариниш аз табиат ба фавқултабиӣ мегузарад. Бар хилофи Худоёни қадим, ки гӯё бо табиат алоқаманд буданд, ба ақидаи Афлотун ва навафлотунияҳо Худои масеҳӣ болотар аз табиат, дар тарафи дигари он қарор дорад ва аз ин рӯ, Худои фаромарз аст.

Ин «ваҳдат» бо Мутлақ антиномӣ аст, яъне на аз рӯи моҳият, балки аз рӯи файз ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат, ҳадафи ирфони амалӣтавассути табдили шахсияти инсон дар симои фардияти Илоҳӣ ва симои он ба даст меояд. Дар равоншиносӣ ду намуди дигаргуншавии инсон: интровертӣ (ботинӣ) ва экстравертӣ (иҷтимоӣ) ро фарқ мекунанд.

1. Ҷанбаи интровертӣ ирфони амалӣ ба беҳтар кардани ҷаҳони ботинии шахс нигаронида шудааст. Инсон мавҷудияти мураккабест, ки принсипҳои маънавӣ ва моддиро муттаҳид мекунад, ки табаддулоти ботинии ӯро ба вуҷуд меорад.

Антагонизми материя ва рӯҳ ба коҳида шудани рӯҳонияти одам боис шуда метавонад ва ин ҳолат зарурати худинкишофдиҳиро ба миён меорад. А. Маслоу инсонро ҳамчун «мавҷуди ниёзманд» тавсиф кардааст, ки дар ҳаёт, каме аз онҳо ба ҳолати қаноатмандии комил

(нафсшикастагӣ) мерасанд. Ба андешаи ӯ, агар як эҳтиёҷ қонеъ шавад, дигаре пайдо шуда, тамоми диққати одам ба он равона мегардад. Ҳамин тавр, ҳаёти инсон ба он хос аст, ки одамон, қариб, ҳамеша дар талаби чизе ҳастанд. А. Маслоу системаи иерархикии хоҳишҳои (ё ниёзҳои) модӣ ва маънавии шахсро мувофиқи афзалияти онҳо: физиологӣ, амният ва муҳофизат, мансубият ва муҳаббат, эҳтироми худ ва худшиносӣ ба нақшае даровард. Ин нақша ба он асос ёфтааст, ки эҳтиёҷоти «асосӣ» бояд бештар ё камтар қонеъ карда шавад, то шахс аз зарурати қонеъ кардани ниёзҳои олӣ огоҳ шавад. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки агар талаботи зинаи поёнӣ дигар қонеъ карда нашавад, шахс дубора ба ин сатҳ бармегардад ва то он даме, ки ин ниёзҳо ба қадри кофӣ қонеъ карда нашавад, дар он ҷо мемонанд [416,3].

Инчунин, дар таълимоти ирфонии тантризми ҳиндуҳо таъкид шудааст, ки хоҳиш «қувваи асосии ҳаракаткунандаи олам» аст, бинобар ин онро бояд ба инобат гирифт. Нахуст, ба вуҷуд омадани хоҳишҳо ба фаъолияти ҳиссиёти инсон вобаста буда, онҳо ба миқдори хеле зиёди импулсҳои барқӣ-кимиёвӣ асос ёфтаанд: ҳар қадар ба онҳо фишор зиёд гардад, ба ҳамон андоза қувват мегиранд. Дуюм, талабот ба баровардани ҳормонҳо аз ҷониби ғадудҳои системаи эндокринӣ мусоидат мекунанд. Тағйир ёфтани консентратсияи ин моддаҳо дар хуни инсон, ки дар натиҷаи маҳв кардани хоҳиш ба амал меояд, боиси ихтилоли кимиёвӣ ва бемориҳо мегардад.

Тантра инчунин таъкид мекунад, ки ҷанбаи рӯҳонии даст кашидан аз хоҳишҳои нафсонӣ вуҷуд дорад. Ба андешаи файласуфи ҳиндӣ Х. Ҷоҳарӣ, дар таҷрибаи зоҳидӣ инкор кардани хоҳишҳо ихтилофи парадоксиро ба вуҷуд меорад: «барои ноил шудан ба инкор кардани хоҳишҳо, инсон, бояд, иродаи мустаҳкаму қавии аз он озодшавиро дошта бошад» [101,12-13].

Аз ин рӯ, бояд таъкид намуд, ки на хоҳишу ниёзҳои нафсонии инсон хатарноканд, балки дуруст ва дар мавриди муайян амалӣ карда натавонистани онҳо сабаби асосии гирифтории ҳама бемориҳои ҷисмӣ ва рӯҳӣ мегардад.

Аз рӯи таълимоти ирфонӣ бо ҳам пайвастани принсипҳои модӣ ва маънавӣ дар инсон ду «ман» -ро ба вуҷуд меорад. Афзалияти принсипи моддиро дарк намуда, худро дар тани қолабӣ шинохта, шахс шуури эгосентрикиро ташаккул медиҳад. Файласуфи британиёӣ А. Воттс дар бораи чунин таҷрибаи худ, ба монанди ҳамсонӣ онро «эго дар қолаби пӯст» номид ва равоншиноси чехӣ ва амрикоӣ С. Гроф таъкид кард, ки одамон худро «ҳамчун предметҳои Нютонӣ, ки дар ҳудуди пӯсти онҳо мавҷуд аст, қабул мекунанд. Идроки мо дар бораи муҳити атроф бо ҳадди физиологии ҳиссиёт ва хусусиятҳои физикии муҳити зист маҳдуд мешавад» [91,35].

Дар таълимоти мухталифи ирфонӣ шуури эгосентрикӣ ба таври гуногун - «сансара», «аханкара», «авидя», «ифтихор», «нафс» ва ғ. номида шудааст. Он ба қонеъ гардондани маърифати ҳадсӣ (инстинктҳо) ва майлу хоҳиши моддию нафсии инсон нигаронида шудааст. Мувофиқи иерархияи А. Маслоу шуури эгосентрикӣ эҳтиёҷоти «асосӣ» - физиологӣ, бехатарӣ ва муҳофизатро таъмин менамояд. Дар таълимоти ирфонии тантризми ҳиндуҳо ин сатҳи се чакраҳои поёнӣ мебошад.

Худманишии инсон қодир аст, ки ба ашё, субъектҳо, падидаҳои мавҷудияти модӣ «замимаҳои» сершумор ба вуҷуд оварад. Дар ин ҳолат хоҳиш (талабот) тамоми нерӯи афкор ва эҳсосотро ба объекти хоси хоҳиш мутамарказӣ мегардонад.

Бо вуҷуди ин, табиати тағйирёбандаю моддии инсон, ки ба фазо ва замон вобаста аст, дер ё зуд одамро аз ашёи ба он дилбастааш маҳрум карда, боиси азобу машаққат мегардад. Ба андешаи роҳиби масеҳию шарқӣ Е. Сирин: «Ҳар робитаи заминӣ, ҳар гуна вобастагӣ ба ҳама чизи

модӣ, новобаста аз он ки чӣ гуна аст, дар нашъат он лаззат ва ҳисси гуворо ба вуҷуд меорад. Он агарчи беасос ва баъдан зараровар бошад ҳам, қувваи ҷонро ба нафс мутеъ менамояд, ки дар натиҷа ба хашмгинӣ, ғамгинӣ, ба кинаи пушаймонӣ меоварад» [245,236].

Дар таълимоти йогаи ҳиндуҳо ниёзҳо метавонанд хусусияти ҳолати хеле пурқуввати ҷаззоб дошта бошанд, ки онҳо хоси: пассив (тамас) ё фаъоланд (раҷас). Мафҳуми «тамас» ҳамчун «ҳуши норавшан, торик» ва «тӯфони ҳавасҳо» тарҷума шудааст. Дар ин таълимот дуруст хулосабарорӣ мешавад, ки хавфи ҳолатҳои эҳсосотии нафс дар идоранашавандагии онҳо буда, оқибатҳои хатарнок дорад.

Файласуфи тоҷик Афзалуддини Кошонии (Бобо Афзал) сӯфӣ чунин хусусияти «нафс» -ро «ман» -и сатҳӣ, ғаризавӣ, нафси инстинктивию ҳайвонии инсон номидааст.: «Нафс пайваста ба шаҳват ва лаззати нафс машғул аст ва ҳамеша аз дами меъёр берун меравад. Ӯ қонеънашаванда аст ва нафси ӯро ба парвона муқоиса кардан мумкин аст, ки равшании шамъ барояш қаноатмандкунанда набуда, барои дарки хавфи сухтор эътимод накарда, шитоб мекунад, ба шуъла медарояд ва дар он месӯзад... Нафс аз ашё зуд дилгир мешавад. Дар аксари мавридҳо натиҷаи фаъолияти ӯ ба орзуҳояш мувофиқат намекунад. Агар нафс ба он чизе (ашё), ки мехост, бирасад, дар ҳамон ҳол ҳам қонеъ намешавад. Зоҳид ба хулосае меояд, ки «ҳар ангезае, ки ҳатто заррае ҷӯёи манфиат аст, ё ба ҳар шакле, инсонро ба олам мебандад, нишонаи нафс аст» [127,16-18]. Оид ба ин андеша Мулло Садра ҳамфикр будааст: «касе ҷуз орифро зоти муҷаррад нашудааст ва комилан аз шарари шаҳватҳо ва офоти модӣ халосӣ наёфтааст» [179,124].

Яъне, **ҳадафи зоҳид ворастан аз тааллуқоти нафси башарӣ ва тааллуқоти олами имкон буда, хешро аз таъсири нафс раҳо бояд намояд.** Ҳамин маънӣ дар китоби «Фарҳангномаи тасаввуф ва ирфон» низ зикр ёфтааст: «…аммо сӯфӣ ҳам нахуст худро бишносад, то роҳи маърифати

ҳастии Мутлақ барои ӯ ҳамвор шавад ва боз шинохти худ, яъне шинохти авориз ва авсофе, ки соликро пойбанди ин ҷаҳон ва асири ҳирсу ҳасад ва кинаву шаҳват ва худбинӣ ва худписандӣ мекунад» [186,22].

Мулло Садра аз рӯи таълимоти сӯфиён роҳи расидан ба «манзил» - ро дар се қисмат нишон додааст:

1. «Тазҳиби ахлоқ ва истеҳкоми маликаҳо
2. Русуми бандагӣ ва адои шукри неъматҳои рубубӣ ва атоёи худовандӣ
3. Бар таркиби чизҳое, ки ба он унс гирифтаем ва дур афкандани лаззатхоҳиҳо» [179,117].

Дар ирфон шавқу завқи баланд, вале маҳвкунанда ин худхоҳӣ, худманишӣ буд.

Ҳафт дараҷаи нафс дар тариқатҳо қабул шууаст: аммора, лаввома, мулҳама, мутмайина, розия, марзия, комила. Ба ақидаи Кошонӣ, «нафс ҳамеша мехоҳад, ки мардум дар пайи қаноатмандии ӯ бошанд, танҳо ба ҳукми ӯ дар бораи аҳкоми ахлоқ амал кунанд ва бештар аз ҳама ӯро дӯст доранд. Нафс мехоҳад, ки дар ҳама ҳолат аз ӯ битарсанд ва дар ҳама ҳолат ба раҳмати худ таваккал кунанд, чуноне Худованд низ аз афроде, ки ба Ӯ содиқанд, талаб мекунад. Ба андешаи сӯфӣ, «ин гуна мавқеъ ба иддаои худомонандӣ (антропогонистӣ) ва муқовимат бо ҳукмронии илоҳист» [127,17].

Академик К. Олимов, дар шинохти Ҳақиқат, оид ба андешаҳои дар боло зикршуда, ин гуна дуруст хулосабарорӣ менамояд: «Дар тасаввуф ва тамоми низоми дарки Ҳақиқат дар эътирофи консепсияи зоҳир ва ботин асос меёбад. Аз ин рӯ, назария ва амалияи сӯфиён маҳз ба ҳаракат аз зоҳир ба ботин, аз зуҳур ба моҳият, аз касрат ба ваҳдат асос меёбад.

Шинохти зуҳуроти олам ва худӣ – ғарази шахсӣ набуда, ба дарки нисбатан амиқи моҳияти ашёи олам ва худи инсон равона гардидааст, аз ин рӯ, бе шинохти олами модӣ ва табиат, аз ҷониби инсон, дарки

Ҳақиқат имконнопазир аст» [209,171-172]. Оид ба консепсияи зоҳир ва ботин К. Олимов дуруст муътакид гаштааст ва иқтибоси зерин аз китоби «Шарҳи таарруф» тавзеҳи ин гуфтаҳост: «Зоҳир он аст, ки он кунӣ, ки фармояндат. Ботин он аст, ки чунон бошӣ, ки дорандат. Зоҳир он аст, ки пой аз ҳадди бандагӣ берун ниҳӣ. Ботин он аст, ки ҷуз ба Ҳақ наззора накунӣ, дидани мунъим ва мубалло аст. Зоҳир шафқати халқ, амр дидан, гузоридани шукри неъмат, сабр кардан бар бало аст. Ботин таъзими Ҳақ, Омирро дидан» [181,654].

Ҳамин тариқ, ба шуури эгосентрикӣ худхоҳӣ, номутавозунӣ, тарс, изтироб, норозигӣ, набудани ҳисси таносуб, бераҳмӣ ва дигар сифатҳои манфии рӯҳонӣ хос аст. Аз ин рӯ, аҳли ирфон ҳадафи асосии амалияи ирфониро бартараф намудани вобастагии шуур аз ман – эгои поёнӣ медонистанд. Мавлоно Ҷомӣ чунин гуфтааст: «Хушо касест, ки аз нафс раҳоӣ ёфта, боди латифи дӯстиро (бо Худо) эҳсос кунад. Дилаш чунон пур аз Маҳбуб гардад, ки ҷои дигаре нест». Мансури Халлоҷ Худоро нидо кард: «Миёни ману ту ин «ман» ҳамчун як мавҷудияти бадбахт маро берун мебарад ва азоб медиҳад. Худоё, раҳм кун ва ин «ман» -ро аз фосилаи миёни мо бикан» [127,113-115].

Ирфони амалӣ ба гузарише асос ёфтааст, ки тадриҷан аз шуури худпарастӣ ба равшанфикрӣ гузашта, ба тағйирёбии шахсияти инсон мусоидат мекунад. Ба ин маъно, амалияи ирфониро метавон «транс-эгосентрикӣ» (касе, ки бар эго ғалаба мекунад) баррасӣ кард. Ин як раванди мураккаб ва бисёрмарҳила аст, ки дар асоси он принсипи модӣ ба маънавӣ тадриҷан мубаддал мегардад. Ин масъаларо дар таълимоти чакраҳо (тантризми буддоӣ ва ҳиндӣ), майдонҳои киноварӣ (даосизми чинӣ), сефера (Каббалаи яҳудӣ), «мақом» ва «ҳол» (тасаввуфи исломӣ) ва ғайраҳо мушоҳида намудан мумкин аст.

Усулҳои асосии таҷрибаи амалияи ирфониро зӯҳди муназзамшуда, машқҳои психосоматикӣ, дуои бо ишқу имон ва маърифати ирфонӣ дар

бораи Мутлақ ташкил мекунад. Ду усули аввал ба марҳилаи омодагии таҷрибаи равонӣ дахл доранд, ки тан ва иродаи шахсро тарбия мекунанд. Кошонӣ чунин қайд мекунад: «Қисмати заифи нафсро танҳо тавассути интизоми сахти зоҳидӣ ва пайвастагии саъю кӯшиши маънавӣ бартараф кардан мумкин аст. Ин гуна тарбия боиси пазириши аҳком ва риояи амрҳо мегардад, нафсро нарм мекунад» [127,17].

Пурра қонеъ гардондани эҳтиёҷоти олии инсон ба воситаи дуо ва шакли эҳсосии инъикоси воқеият дар шуур тавассути маърифати ирфонӣ ба амал меояд. Намоз усули асосии тасаввуфи транссендентӣ-имманентӣ мебошад, ки ҳадаф аз он ташаккули муҳаббат ва имон, раҳоӣ аз эҳсосот ва хоҳишҳои эгоистӣ мебошад. Танҳо шуури эгосентрикӣ метавонад муҳаббати худхоҳонаро бо шартҳои зиёд ба вуҷуд орад. Вақте ки худпарастӣ камтар аст, шахс ниёзҳои худ ва хоҳиши дӯст доштани оламиёнро аз ҳад зиёд дарк мекунад ва онҳоро ҳамчун объекти лаззат ё нороҳатӣ медонад. Ба андешаи файласуфи ҳинд Ошо Раҷнееш: ««Муҳаббат ҳамчун эҳсосоти шахсӣ тавсиф мегардад, метавонад маънои мухталифе дошта бошад, ки вобаста ба мавҷудияти мақсад ва манфиатҳои инсонӣ мебошад. Агарчи ҳадафи аслӣ метавонад ҷинсӣ ё чизи дигаре бошад, дар ин ҷо баҳрамандӣ ва истифодаи инсонҳо якдилона барои расидан ба манфиатҳои шахсӣ анҷом мегирад. Ин муносибат бо амалияи мутақобила алоқаманд аст, ки он муҳаббати сохташударо тавлид мекунад. Дар асл, чунин муносибат тааҷҷубовар намешавад, балки бештар ба як шабеҳати олами душвор, ё ҳамон «дузахи зинда», табдил меёбад. Эгои шахсӣ ва манофеи бегона дар баробари эҳсосоти роҳбарии шахсӣ нақш мебозад ва ҳар як таҷриба кӯшиш мекунад, ки дигарро таҳти таъсир ва ҳукмронии худ қарор диҳад» [212,113-114].

Равоншиноси амрикоӣ А.Маслоу ин ишқро «дефисит» (D-муҳаббат) меномад, зеро он бо хоҳиши ба даст овардани он чизе, ки ба одам

намерасад (эҳтироми худ, ҷинсӣ, муошират ва монанди инҳо), асос ёфтааст. Он дар шаклҳои гуногуни шаҳвонӣ вуҷуд дорад: ишқ-эрос, ишқ-прагма, ишқ-людус, ишқ-мания. Дар натиҷаи амалияи ирфонӣ, тадриҷан мубаддалшавии муҳаббати шаҳвонӣ-эрос ба муҳаббати рӯҳонӣ-агапе ба амал меояд. Ба ақидаи А. Маслоу, ин муҳаббати «вуҷуд» аст (B-муҳаббат), зеро он муҳаббат ба мавҷуди дигаре аст. Он ба дарки арзиши шахсияти инсон асос ёфтааст, бидуни майли истифодаи ӯ [416,12]. Дар Юнони қадим мафҳуми ишқ ба 7 унсури таркибӣ тақсим мешуд: агапе, филео, эрос, сторге, лудус, прагма, мания. Ва ҳар як унсур танҳо яке аз паҳлуҳои ишқ аст, ки набояд боқимондаро аз худ дур кунад.

Инсон аз худпарастӣ, эҳсосот ва хоҳишҳо озод мегардад. Аломатҳои муҳаббати ҳақиқӣ беғаразӣ ва қаноатмандии амиқи муносибатҳо мебошанд. Ба андешаи илоҳиётшиноси фаронсавӣ Б. Клервосский «муҳаббат ба сабабҳо ё меваҳои мавҷудияти худ ниёз надорад; он худ аз худ мева, худ аз худ лаззат аст. Ман дӯст медорам, зеро ки ман дӯст медорам; Дӯст медорам, зеро қобилияти дӯст доштан дорам» [313,97].

Тавре Ошо таъкид мекунад, муҳаббат яке аз муҳимтарин ва маъруфтарин неъматҳоест, ки барои мавҷудияти инсон зарур аст. Вай ба муҳимияти эҳсоси миннатдории самимии одам ва шукронаи ҳақиқӣ ба мавҷудияти олам ва Худо ишора мекунад [212,112-113].

Дуои олӣ фориғ аз талаб аст, тарс, шубҳа ва нигарониро мағлуб мекунад. Боварӣ ва умед ҷойи онҳоро мегиранд. Чунон ки илоҳиётшинос ва муҳаддис, яке аз аввалин зоҳидони исломӣ, Ҳасани Басрӣ гуфта буд: «Агар Худо бо туст аз чӣ метарсӣ ва агар бо ту набошад ба чӣ умед мебандӣ»? [127,120] Хислатҳои барҷастаи Ҳасани Басрӣ (642–728), ҳамчун нахустин назарияшиноси анъанаи динӣ, шахсияти ӯро рамзи мактабҳо ва ҳаракатҳои гуногуни динӣ гардонидааст. [323,26]

Маърифати ирфонӣ усули асосии ирфони имманентӣ буда, ҳадафи он озод кардани шуур аз худхоҳӣ мебошад, ки барои ҳаёти бошуурона

доштан халал мерасонад. Шахсе, ки зери таъсири шуури эгосентрикӣ қарор дорад, худро бо фикрҳои «Ман тан ҳастам», «Ман фикр мекунам», «Ман бовар дорам», «Ман мехоҳам», «Ман амал мекунам» пойбанд месозад. Танҳо маърифат ё «огаҳии пок» аз фаъолияти ақл ва ақли таҳлилгар комилан озод аст. Таҷрибаҳои мухталифи маърифат бо аломатҳои умумӣ фарқ мекунанд: ҳолати ором доштан, оромона мушоҳида карда тавонистани воқеоти рухдодаистода, маҳдуд шудани мулоҳизаҳо ва баҳодиҳиҳо.

Маърифати ирфонӣ ба ҳаракати фаъол мухолифат намекунад. Баръакс, сӯфиён муътакиданд, ки маърифати ирфонӣ метавонад дар ҳама ҳолат (давидан, шино кардан, хандаву рақс кардан, суруд хондан, шаҳват, расм кашидан ва ғ.) бошад. Яъне, маърифати ирфонӣ шуғл нест, балки ҳолатест, ки инсон дар он «шоҳиди» зиндагии худ аст.

Доир ба масъалаи мазкур Мулло Садра дар китоби «Ирфон ва орифи намоён» чунин таъкид дошт: «Нафс ҳангоми раҳёбӣ ба маорифи илоҳӣ ҳақоиқи раббониро тавонад дарёфт, ки гавҳараш пок ва зоташ соф буда ва аъмоли зишташ нопок нагардонида ва ахлоқи паст бар ӯ зангор наншонида бошад. Ҳамчунин, дорои гароиши саҳеҳ буда, ки орои фасод ва ақидаҳои пуч мунҳарифаш накарда бошанд. Пас аз ин ҳама, дорои қудрати фикри кофӣ, барои ба даст овардани мабодӣ ва муқаддамоти яқинӣ бошад, дар ин ҳангом аст, ки сувари ашёи рӯҳонӣ дар оинаи зоташ дида шаванд» [179,41].

Ҳамчунин Мулло Садра чор навъи муҳаббат ба Худоро зикр намудааст, ки ба онҳо орзуи марг, гӯшанишинӣ ва ибодат, суҳбат бо уламо (дар мазуи ҳикмати мутаолиҳа –А.К.) ва ҳаёти иҷтимоӣ (зоҳир дар бозору ботин бо Худо –А.К.) дохил мешаванд [179,48-49].

Ба андешаи А. Маслоу, шахсе, ки ба қуллаи «зинаҳои эҳтиёҷот» (иерархияи ниёзҳо) расида, ба марҳилаи «худшиносӣ» ворид мегардад, қобилияти ифшои камолоти инсонигарии худро пайдо мекунад. Яке аз

вижагиҳои муҳими шахсияти худшинос дар тасаввуф, «эҷодкор будан» мебошад, ки ҳамчун ифодаи асолат, заковат ва қобилияти тавлиди пайраҳаҳои эҷодӣ зоҳир мешавад ва таъсири он дар ҳамаи навъҳои фаъолият, ҳатто дар амалҳои ҳамарӯза низ эҳсос мегардад.

«Агар мо шинохти Худоро, – мегӯяд равоншиноси амрикоӣ Р. Дасс, – тавассути маърифати ирфонӣ, тамоми рӯз, дар фаъолият, бе ҳеҷ гуна доварӣ, андеша, пайвастагӣ, бе ҳеҷ фишору кашиши ин ё он қабул кунем, мо эҳсос хоҳем кард, ки Худоро шинохтан ва дар Худо будан чӣ маъно дорад» [225,293].

2. Экстравертӣ як навъи таҷрибаи ирфонӣ буда, ба дигаргунсозии олами беруна нигаронида шудааст. Муошират, шодмонӣ, саъй ба зебоии беруна ва рӯҳонӣ, назари неки мардумдӯстӣ ин навъи экстравертист, аммо ба худ ғарқ шуда, дар умқи пурраи равандҳои бо ӯ рухдода, дӯст доштани сулҳу оромӣ, ба ҳама чизи беруна бепарво будан навъи интровертӣ аст.

Яке аз хусусиятҳои эгосентрикии шуур аз байн рафтани дарки ваҳдат, инсоният ва Олами Акбар аст. Барои одами «торикандеша» дунёе ҳаст, ки дар он субъектҳои ҷудогонаи ирода ба якдигар муқобил мебароянд, барои ҳаёт мубориза мебаранд. Ҳамин тавр, муносибатҳои субъективию объективӣ, вакте ки тамоми ҷаҳон ба «ман» ва «бегона» тақсим мешавад, дар байни онҳо девори бегонагӣ, ҳисси изтиробу тарс, мутаассибӣ ва таҳаммулнопазирӣ пайдо мешавад. Одам аз дарки ваҳдати инсоният ва касрати олам бебаҳра мемонад. Ба шуури инсони комил «аз миён бардоштани» муносибатҳои субъекту объект хос буда, сарҳадҳои байни субъектҳо ва ашёи оламро барҳам медиҳад, на танҳо тафовутҳои инфиродии онҳо, балки мавҷуди умумиеро, ки ҳамаро муттаҳид менамояд, дида мебарояд.

Мулло Садра мегӯяд: «Худо сохтори инсонро аз 2 бахш қарор дод: ҷисм ва рӯҳ, торикӣ ва рӯшноӣ, тирагӣ ва сафо» [179,124].

Дар тинати сӯфӣ дарки ягонагии амиқи ҳар чизе, ки вуҷуд дорад, ташаккул меёбад. На ҳар солик ҳамеша ба мақсад мерасад, аз ин рӯ, роҳпаймоёнро ба ду намуд ҷудо кардаанд: «Бандагон ба ду бахш тақсим мешаванд: якум, онон ки дар машияти собиқа чунин гузаштааст, ки дар роҳи ҳикмат либоси таваққуф бар онон пӯшонида шавад ва ба охири масир нарасанд ва дар тахтгоҳи роҳи ҳидоят аз роҳ бимонанд. Дуюм, онон ки дар машияти собиқа кӯшиши либоси маърифат ва тақво бар онон гузашта аст, то ҳикмати ононро бар ниҳояти ҳадаф расонад. Ва ин худ лутфе дар ҳаққи ин гурӯҳ» [179,89-90].

Ин ақида равшансозандаи яке аз умдатарин андешаҳои фалсафаи тасаввуф, шинохти воҳид ва ягона донистани ҳастӣ ва тақдири маънавии ҳар инсон аст. Ба андешаи сӯфиён, ҳақиқати вуҷуд воҳид аст ва ҳама чиз, ҳар мавҷуд ва ҳар ҳолат, дар асл таҷаллиёти гуногуни он ҳақиқати ягона мебошанд.

Дар ин замина, «дарки ягонагии амиқи ҳар чизе, ки вуҷуд дорад» маънои ***воҳид дидани халқ ва Ҳақ*** ва ***шуморанда дидани ҳама офаридаҳо ҳамчун шоҳидони вуҷуди илоҳӣ*** мебошад. Сӯфӣ аз шаклу гуногунӣ мегузарад ва ба ҳақиқати ягона – ваҳдати вуҷуд – мерасад. Аммо ин расидан на кори ҳама аст.

Аз нигоҳи ирфонӣ ва фалсафаи иродӣ (теодисея), инсонҳо дар масири маънавӣ (сайру сулук) бар асоси ***машияти собиқа,*** яъне ирода ва илми илоҳӣ ду гурӯҳ мешаванд:

1. Гурӯҳи аввал – «Мутаваққифун» (бозмондагон)

Инҳо касонеанд, ки бо сабаби ҳукми пешинаи машият, ба мароҳили аввали роҳ ворид мешаванд, аммо «либоси таваққуф» бар онҳо пӯшонида шудааст. Яъне, ин шахсиятҳо дар роҳи маърифат боздошта мешаванд ва ба охири сайри маънавӣ — яъне *иттиҳод* бо ҳақиқат — намерасанд. Ин мавқеъ рамзи маҳдудият ва «тақдири ирфонӣ» -и муайянест, ки барои ҳама дастнорас будани маърифатро нишон медиҳад.

2. Гурӯҳи дуюм – «Росихун фи маърифат» (воридшавандагон)

Инҳо шахсонеанд, ки дар машияти илоҳӣ барои расидан ба *мақоми маърифат ва тақво* муайян шудаанд. Бар онҳо «либоси маърифат» пӯшида шудааст, ки нишондиҳандаи истеъдод ва қобилияти дохилии расидан ба ваҳдат ва шинохти ҳақиқат аст. Дар бораи ин гурӯҳ гуфта мешавад: «Лутфе дар ҳаққи онон», ки ишора ба эҳсони илоҳӣ ва қудрати нозили маънавист.

Метавон хулоса намуд, ки ин тақсимбандӣ як намунаи фалсафаи ирфонии тақдиру озодӣ мебошад: ҳарчанд инсон саъй мекунад, муваффақият дар масири маърифат аз мирояти қаблӣ, қобилияти ботин ва лутфи илоҳӣ вобаста аст. Яъне, сӯфӣ на танҳо кӯшиш мекунад, балки бояд дар гурӯҳи «мухтафон» (касоне, ки машияти Худо онҳоро ба сӯи маърифат мебарад) қарор гирад.

Байни сӯфиён ҳамеша оид ба тариқапаймоӣ баҳсе буд: тоифае бар он ақида буданд, ки солик тавассути шайх зинаҳоро паймуда, ба мақсад мерасад, дигаре андеша дошт, ки интизорӣ пеша мекунад, то назари Худо бар вай уфтад ва аз Ӯ Лутф бинад. Ба назари дуюм паёмбарон мувофиқанд.

Дар таълимоти имманентии ирфонӣ ҳастӣ ҳамчун як динамикаи комил дида мешавад, ки аз рӯи принсипи «ҳама чиз дар ҳар як қисм» вуҷуд дорад. Ҳар як ғояи ҷуфт будан ҳамчун иллюзияи шуури норавшан қабул карда мешавад. Дар маркази ин андеша мафҳуми ҳастӣ ҳамчун динамикаи комил қарор дорад. Яъне, ҳастӣ барои ориф як воқеияти собиту сарбаста нест, балки раванд ва ҳаракати доимӣ, як шуълаи ҷовидонаи таҷаллӣ ва таҳаввул мебошад. Ин фаҳмиш аз имманентизм сарчашма мегирад, ки бар хилофи транссендентализм, Худо ва ҳастиро дар дохили ҷаҳон ва ботини ҳар чиз медонад, на берун аз он.

1. Принсипи «ҳама чиз дар ҳар як қисм»

Ин афкор ба парадигмаи голограммаи вуҷуд монанд аст, ки дар он кулл дар ҳар як ҷузъ таҷассум ёфтааст. Дар тасаввуф ва фалсафаи ваҳдати вуҷуд, ҳар мавҷудот як ойина ё таҷаллиест аз ҳақиқати куллӣ – Ҳақ, яъне, ҳар зарра дар худ офоқро дорад ва ҳар нуқта шиносои ҳастии мутлақ аст.

Ин фаҳмиши фалсафӣ реша дар афкори орифоне чун Ибни Арабӣ, Садрулмутакаллимин ва Мавлоно Ҷалолиддин Румӣ дорад, ки ҳама чизро нишона ва акси ҳақиқат мешумориданд. Дар ин низом, ҷудоии байни зоҳир ва ботин, халқ ва Ҳақ, иллюзия аст, яъне воқеияти кулл дар ҳар чиз таҷаллӣ мекунад.

2. Иллюзияи «ғояи ҷуфт будан»

Тасаввуроти ирфонӣ дуализми маъмули мантиқӣ ва зеҳнии инсонро, ки ҳастиро ба ду муқобил — мисли ҳаққу ботил, нур ва зулмат, хуб ва бад, ҷисму рӯҳ ҷудо мекунад, рад менамояд. Ба ақидаи сӯфиён, чунин дутафсиркунӣ иллюзияи шуури норавшан, ё зеҳни маҳдуд ва зоҳирбин аст.

Дар ирфон, воқеият танҳо як ҳақиқат аст ва ҳамаи зиддиятҳо, агар бо шуури равшан (яъне шуҳуд) дида шаванд, ба ваҳдати маъноӣ ва маънавӣ бармегарданд. Яъне хайр ва шар, фано ва бақо ва ҷудоӣ ва ваҳдат, дар асли худ қисматҳои як ҷараёнанд, ки бо назари танзил (поин рафтан) ду, вале бо назари тафаввуқ (шуҳуди ботин) як ҳастанд.

Метавон хулоса намуд, ки ин ҷаҳонбинии ирфониеро шарҳ медиҳад, ки дар он ҳастӣ як воқеияти зинда, доимӣ ва воҳид аст ва дар ҳар мавҷудот таҷаллӣ мекунад. Шуури зоҳирбин ҳанӯз дар ҳолати иллюзияи тафриқа қарор дорад, вале шуури равшан, ки тавассути фано, ишқ ва шуҳуд ба даст меояд – ҳақиқати ваҳдати вуҷудро идрок мекунад. Фалсафаи ирфонӣ ба ин тартиб бо нафйи ҳар гуна дучандӣ ва ҷудоандешӣ, роҳи якпорчагии маърифати вуҷудро меҷӯяд.

Дар таълимоти буддоии Маҳаяна, ҷаҳон ҳамчун воҳиди якпорча ва бечудоӣ дарк мешавад. Яке аз асосҳои ин фалсафа барҳам задани фарқи мафҳумии ҳастии феноменалӣ (зоҳирӣ) ва ҳастии мутлақ (нирвана) мебошад. Яъне, нирвана ва сансара — раҳоӣ ва гардиши дубора, дар асл аз ҳам ҷудо нестанд; ҳарду таҷаллии як воқеиятанд. Ин фаҳмиш дар таълимоти дхармакая — «Тани мутлақи Буддо» таҷассум меёбад, ки тамоми ҳастиро як вуҷуд ва як ҳақиқат мешуморад.

Дар фалсафаи Хуайян (яке аз мактабҳои метафизикии буддои хитоӣ), ин ҷаҳонбинӣ бо забони ду формулаи мутавозин баён шудааст:

1. «Принсип ва ашё ба таври бефосила ба якдигар мегузаранд» (ли ши у ай) — яъне, байни воқеияти ботинӣ (қонун, ҳақиқат) ва зоҳир (ашё, зуҳур) ҷудоӣ нест; онҳо дар якдигар ҳал шудаанд.

2. «Ҳар чиз озодона ба ашёи дигар мегузарад» (ши ши у ай) — яъне, ҳар чизи вуҷуддошта бо ҳама чиз дар алоқаи мустақим ва воҳид аст; воқеият як матритсаи пайваста ва ҳамбастаи ҳастист.

Ҳамин гуна таълимот ба фалсафаи ирфонӣ ва назарияи ваҳдати вуҷуд шабоҳати амиқ дорад.

Дар таълимоти трансендентӣ–имманентӣ, ки хусусияти фалсафии ирфонро дорад, пояи ваҳдати ҳастӣ на фақат дар сохтори зотии мавҷудот, балки дар муҳаббати илоҳӣ қарор дорад. Яъне, Офаридгори Мутлақ бо муҳаббат вуҷудро офаридааст ва инсонро даъват мекунад, ки ин муҳаббатро ҳамчун нерӯи асосии ваҳдат дар ҷаҳони мухталиф таҷассум ва паҳн намояд.

Дар ин фаҳмиш, ишқ неруи марказии ҳастишиносӣ ва маърифат дониста мешавад, ки дар ҳар шахс ба «Ман» -и ҳақиқӣ, яъне рӯҳонӣ, маънавӣ ва муттаҳидшуда бо ҳақиқат ишора мекунад. Ин «Ман» мухолифи «Ман» -и худхоҳ ва зоҳиргаро аст, ки инсонро аз ваҳдат ҷудо мекунад. Пас, ишқ воситаи бартараф кардани худбиниву тафриқа ва расидан ба шинохти ваҳдати ботинии инсонҳост.

Аз ҳамин рӯ, ишқ ҳамчун қувваи ваҳдати маънавӣ эътироф мешавад. Он неруест, ки инсонҳоро, сарфи назар аз гуногунии ҷисмӣ, иҷтимоӣ ва фикрӣ, дар зери ваҳдати маънавӣ ва руҳонӣ муттаҳид карда метавонад.

Андешаи Д. Бом дар бораи комилии коинот ва ваҳдати пинҳони табиат пояи як фаҳмиши нави онтологиро ташкил медиҳад, ки бар асоси он ҷудоии модӣ ва зоҳирии падидаҳо як иллюзия аст. Ба ақидаи ӯ, ҷаҳоне, ки мо мебинем бо зарраҳои алоҳида, ашёҳои ҷудогона ва марзҳои мушаххас танҳо як тасвири маҳдуд ва зоҳирии воқеият аст. Дар асл, ҳамаи зарраҳо ва мавҷудот на чизи ҷудо, балки ҷиҳатҳои гуногуни як воқеияти ягонаи амиқ мебошанд.

Ишораи ӯ ба голограмма ҳамчун рамзи фаҳми ҳастии умумӣ (ваҳдати вуҷуд) бисёр барҷастааст: дар ҳар пораи голограмма, тасвири пурраи объект ҷой дорад, мисле, ки дар ҳар зарра, фард, ё ҳуҷайра, тамоми кайҳон таҷассум ёфтааст. Ин фаҳмиш ба назарияи ваҳдати вуҷуд дар ирфон ва фалсафаи шарқӣ шабоҳати амиқ дорад, ки бар он асос меёбад, ки ҳар ҷузъ таҷаллии кулл аст. Голограмма тасвири сеандозаест, ки тавассути сабти маълумоти мавҷӣ (нур, фосила, фаза) сохта мешавад ва ҳар порчаи хурди он дорои маълумоти тасвири пурра аст. Мафҳуми асосии он ҳамин аст, ки ҳар порча аз ҳастӣ, агарчи хурд аст, инъикосгари маҷмуи ҳастӣ мебошад. Ин нукта ба назарияи ваҳдати вуҷуд, ваҳдати маънӣ ва ваҳдати зидҳо дар ирфон иртибот дорад.

Голограмма рамзи замонавии «тамомӣ дар ҷузъ» аст. Ин маънӣ бар он шаҳодат медиҳад, ки ҳастии кулл бо зоҳир шудан дар ҳар мавҷуд худро такрор мекунад ва ҳамин фаҳмиш дар ирфон ҳамчун ваҳдати маънӣ ва вуҷуд тавзеҳ ёфтааст. Яъне, ҳар мавҷудот «айни собита»- и ҳақиқат аст, аниқтараш таҷаллии худовандӣ бо сифоти хос дар олами гуногун. Ё худ, ҳар инсон, махсусан «инсони комил» моя ва ойинаи ҳамаи ҳастӣ аст, мисли порчае аз голограмма, ки тамоми тасвирро бо худ дорад.

Аз нигоҳи фалсафӣ, ин андеша бар зидди дуализм ва тафриқагароии классикӣ мебарояд ва ба ҷои он манзараи холистӣ ва интегралӣ аз ҳастӣ пешниҳод мекунад. Тақсимоти зеҳнӣ, ки ҷаҳонро ба «ин» ва «он», «ман» ва «дигар», «модӣ» ва «руҳонӣ» тақсим мекунад худ сохтаи шуури инсон аст, на табиати воқеӣ.

Бо гузаштан аз истилоҳи «голография», Д. Бом пешниҳод мекунад, ки коинотро ҳамчун «голодинамика» (ҳаракати пайвастаи як системаи муттаҳид ва бечудо) дарк бояд кард. Ин назария на танҳо ба илми муосир таъсир гузоштааст, балки дар заминаи фалсафии он дари нави фаҳми холистии ҳастӣ ва «ҳаммаҷоз будани реалият» (everything is entangled) мекушояд.

«Чунон ки ҳар як пораи голограмма тасвири пурраро дар бар мегирад, ҳар як қисми коинот тамоми кайҳонро дар бар мегирад. Ҳар як ҳуҷайраи тани мо, аллакай, тамоми кайҳони фарогирифтаро дар бар мегирад» [269,46-50].

Дар фалсафаи буддоии Маҳаяна, ҳастӣ ҳамчун воҳид ва бечудоӣ тасвир мешавад, ки решаи он дар шуури абадии Буддо – Дхармакая – қарор дорад. Дхармакая на танҳо таҷассумгари воқеияти мутлақ аст, балки асоси маърифати ҳамаи мавҷудот низ мебошад. Ҳама унсурҳои ҳастӣ — аз ҷузъ то кулл ифодаи ин шуури мутлақанд ва тавассути ин шуур имманент ба ҳақиқат мебошанд. Яъне, ҳақиқат дар ҳама ҷо ҳузур дорад ва ҳамаи мавҷудот дар як воҳидияти зич қарор доранд.

Дар ҳамин низоми маърифатӣ, таълимоти бодхисаттва ҷойгоҳи марказӣ дорад. Бодхисаттва шахсияти рӯҳонии баландест, ки ҳадафи ӯ на танҳо наҷоти шахсӣ (ба мисли архат), балки кӯмак ба ҳамаи мавҷудоти ҳассос барои расидан ба маърифат мебошад. Бодхисаттва мефаҳмад, ки наҷоти шахсӣ ҷудо аз дигарон маъно надорад, зеро ҳама мавҷудот узви ягонаи «Тани Буддо» мебошанд. Аз ин рӯ, наҷоти ҳар як мавҷуд, наҷоти ҳамаи мавҷудот аст ва баръакс.

Бо ин фаҳмиш, ҷаҳон, яъне сансара як иллюзия, як тасаввуроти шартии шуур шуморида мешавад. Нирвана ва сансара, ки дар таълимоти анъанавӣ мухолиф дониста мешаванд, дар Маҳаяна як воқеияти ягона бо ду чеҳра ҳисоб мешаванд. Аз ин рӯ, бодхисаттва метавонад дар сансара бимонад ва ҳамзамон дар нирвана бошад, зеро вай воқеиятро дугона намебинад.

Меъёри ахлоқии бодхисаттва, ки Васубандҳу низ ба он ишора мекунад, дар амалисозии каруна (ҳамдардӣ) ва праҷна (хирад) таҷассум меёбад. Ӯ некукории худро фидокорона, беғараз ва доимӣ мекунад, зеро аз ранҷи дигарон ранҷ мебарад. Ин ҷанба ҳам рӯҳониист ва ҳам ахлоқӣ, ки дар он бодхисаттва ҳамчун олитарин намунаи инсонгароии маънавӣ ва ирфонӣ мавеқъ дорад.

Яъне, фалсафаи Маҳаяна ва таълимоти бодхисаттва нишон медиҳад, ки ин равиш як низоми мукаммали онтологӣ ва ахлоқист ва он ваҳдати ҳастӣ, имманентии маърифат ва рисолати маънавии шахсро дар як заминаи ирфонӣ дарбар мегирад. Он дар зеҳни инсон на тафриқа, балки ҳамбастагии маънавӣ ва ҳамраъйии ҳастиро тақвият мебахшад.

Исихазм, ҳамчун мактаби ирфонии масеҳияти шарқӣ, раванди зиндагии ботиниеро меомӯзад, ки ҳадафи он расидан ба ваҳдати маънавии инсон бо Масеҳ ва тамоми инсоният аст. Ин идеал бо шиорҳое чун «ҳаёт дар Масеҳ» ва «ваҳдати Тани Масеҳ» ифода меёбад, ки дар асл ҷавҳари ирфонии инсонгароӣ ва ваҳдати вуҷудро таҷассум мекунад. Яъне, дар исихазм, инсон бо вуҷуди маҳдуд буданаш, дар худ ҳам маҳлуқи офаридаро (инсонӣ) ва ҳам табияти ғайримахлуқро (илоҳӣ) муттаҳид мекунад. Яъне инсон рамзи василаи байни замин ва осмон, байни ҷисм ва рӯҳ аст. Ин фаҳмиш ба андешаи фалсафаи ирфонии исломӣ дар бораи инсони комил шабоҳат дорад.

Дар маркази ин ҷаҳонбинӣ муҳаббат қарор дорад — ишқ ба Худо ва муҳаббати қурбон шудан (агапе). Ин муҳаббат, ки фаротар аз эҳсос аст,

ҳамчун тавонмандӣ дар худфаромӯшӣ ва ё худфидоӣ баҳри дигарон таъриф мешавад. Дар ирфони исихазм, чунин муҳаббат шахсро ба дараҷае мерасонад, ки ӯ Эго (манияти шахсиро) паси сар намуда, худро пурра ба хидмат ба дигарон мебахшад. «Ҳар кӣ ишқ дорад, ҳеҷ касро бегона намедонад, балки ҳамаро ақрабо медонад» [245,19].

Ба таъбири И. Сирин, камоли ҳақиқӣ дар он аст, ки инсон то охир сӯхта шавад, вале ҳанӯз қаноатманд набошад, агар ин сӯхтан барои муҳаббат бошад. Яъне, фалсафа дар ин ҷост, ки ин муҳаббат на танҳо василаи расидан ба Худост, балки меъёри камол ва тарзи ҳастӣ мебошад. Чунин муҳаббат, ба истилоҳи ирфонӣ, ҳамаи мавҷудотро бо ҳам мепайвандад, на бо зоҳир, балки бо ҳақиқати ботиниашон.

Хулоса, исихазм як ҷаҳонбинии ирфонӣ ва ахлоқист, ки ба монанди тасаввуф, инсонро ба василаи муҳаббат ба сӯи ваҳдати маънавӣ ва шинохти ҳақиқат мебарад. Он дар баробари фалсафаи ирфонии исломӣ, аз ҷумла назарияи инсони комил, ваҳдати вуҷуд ва ишқи илоҳӣ, як намунаи дигари тафаккури универсалии маънавӣ мебошад, ки ба ҳамбастагии ботинӣ ва ирсии инсонҳо дар заминаи маърифати муҳаббат таъкид мекунад.

Г. Палама, орифи маъруфи православӣ, дар таълимоти худ ишқи ирфониро ҳамчун неруи муттаҳидкунанда миёни «офарида» ва «наофарида» – яъне инсон ва Худо – асос мегузорад. «Дар болои ҳама ва барои ҳама ва дар ҳамаи мо Худои ягона аст, ки бо ишқи илоҳии худ моро ба сӯи худ мекашад ва моро узв ва аъзои ҳамдигар қарор додааст» [215,329]. Ишқ дар фалсафаи ӯ як василаи бартар аз ҳама сарҳадҳо мебошад, ки тамоми ҳастиро дар як воқеияти илоҳӣ ба ҳам мепайвандад. Ба ақидаи ӯ, Худои ягона дар ҳама ва барои ҳама аст ва моро тавассути ишқи худ ба сӯи ягонагӣ мебарад – ин идея ба назари ваҳдати вуҷуд дар ирфони исломӣ шабоҳат дорад.

Аммо Г. Палама аз доираи маърифати шахсӣ берун рафта, бар зарурати наҷоти ҷаҳон таъкид мекунад. Ин равишро метавон «исихазми сиёсӣ» номид – як ирфони иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинӣ, ки масъулияти маънавии инсонро дар баробари ҷомеа ва ҷаҳони зист таъкид мекунад. Дар инҷо, ишқ на танҳо марҳилаи маънавӣ, балки принсипи ташкили ҷомеаи адолатпарвар ва муттаҳид аст.

Андешаи Г. Палама тавассути тарафдорони ӯ, аз ҷумла С. Радонежский ва таҳлилгарони муосир чун Е. Трубеской, ба фаҳмиши куллии табиат ва ҳастӣ ҳамчун як маъбади воҳид васеъ мешавад. «тақсимоти нафратангези олам ва дигаргуншавии коинотро барҳам дода, ҳамаро ба маъбаде меовард, ки дар он тамоми махлуқот муттаҳид мешавад, ҳамчунон ки се шахсияти Сегонаи муқаддас дар як мавҷудоти илоҳӣ муттаҳид шудаанд» [282,3-4]. Яъне, ҳамаи махлуқот метавонанд дар ягонагии вуҷуд — мисли «Сегонаи муқаддас» муттаҳид гарданд. Ин ҷаҳонбинӣ, ки бар пояи муҳаббат, ваҳдат ва муқаддас будани табиат устувор аст, як фалсафаи зинда, иҷтимоӣ ва универсалии ирфонро ба миён меорад.

Хулоса, таълимоти Г. Палама исихазмро аз як равияи ботинии фардӣ, ба як фалсафаи маънавӣ-иҷтимоӣ табдил медиҳад. Дар он, ишқ ва ваҳдат, на танҳо шинохти Худо, балки наҷоти ҷаҳонӣ ва ҳамзистии башар мебошанд. Ин равиш барои гуфтугӯи байни тамаддунҳо ва ирфонҳои ҷаҳон — аз ирфони христианӣ то тасаввуфи исломӣ имкони густариши муколамаи маънавиро фароҳам меорад.

Формулаи машҳури лотинии «ens et bonum convertuntur», яъне «ҳастӣ ва некӣ баробар ва табдилпазир ҳастанд», баёнгари яке аз ақидаҳои марказии фалсафаи масеҳии асримиёнагист: ҳар он чи ҳаст, ба андозае нек низ ҳаст. Воқеияти офаридашуда, ба сабаби доштани ҳастӣ, аз маншаи некӣ – яъне Худо – сарчашма мегирад ва худ дорои некӣ мебошад.

Аз ин назар, бадӣ моҳият надорад. Он на як ҳастии мустақил, балки набудани некӣ, костии ҳастӣ, ё иллат дар воқеияти нек шуморида мешавад. Чунин фаҳмиш назари бадиро ифода мекунад, ки Августини Қудсӣ онро дар фалсафаи масеҳӣ устувор кард. Бадӣ танҳо як иллюзия ё соя аст, ки бо вуҷуди нишон додани худ ҳамчун ҳастӣ, дар асл аз некии мавҷуд нирӯ мегирад ва бе он вуҷуд надорад.

Дар чунин фаҳми онтологӣ, шайтон низ нестӣ аст, ки худро ҳамчун ҳастӣ вонамуд мекунад, зеро ӯ аз ҳастии илоҳӣ ҷудо шуда, дар партави набудани нур амал мекунад. Ин тасаввур, ки бадӣ танҳо зидди некист, маънии умедбахши ҷаҳонбиниро ба миён меорад: некӣ поянда ва бартар аст, зеро бадӣ ғайривуҷуд ва вобастаи некӣ мебошад.

Аз инҷо, мо ба фалсафаи маънавии оптимизми асримиёнагии масеҳӣ рӯ ба рӯ мешавем, ки мутмаин аст: чун маншаи ҳастӣ Худо ва Худо нек аст, пас ҷаҳон низ ба сӯи камол, хайр ва ҳақиқат равон аст. Ин равиш ба куллӣ бо пессимизм ё шубҳагароии фалсафаи охири Юнон (чун стоитсизм ё эпикуризм) фарқ дорад, ки ё ба таслим, ё ба канораҷӯии ботинӣ даъват мекард.

Хулоса, ин таълимот, ки ҳастиро бо некӣ ҳаммаъно медонад, бадиро нобудӣ ва костии ҳастӣ мебинад ва ба неруи мутлақи хайр (Худо) бовар дорад, яке аз пояҳои онтологияи хирадгаро ва умедбахши масеҳии асримиёнагӣ мебошад. Он ба инсон рӯҳия мебахшад, ки бо вуҷуди мавҷудияти шар, некӣ сарнавишти ниҳоии олам аст.

Дарки мавҷудоти илоҳӣ дар таълимоти фалсафии динӣ ва ирфонӣ бештар тавассути имон ҳамчун шуури рӯҳонӣ имконпазир дониста мешавад, дар ҳоле ки дарки низоми офаридаро метавон то ҳадде тавассути ақл ва бурҳони мантиқӣ ба даст овард. Ин ду раванди маърифат – имонӣ ва ақлонӣ – бо ҳам мухолиф нестанд, балки дар маърифати мукаммали ҳақиқат ҳамдигарро такмил мекунанд.

Тасаввуфи исломӣ дар Шарқ бар таълимоти ишқ асос ёфтааст, ки тибқи он иртиботи зотӣ байни инсон ва Худо, байни Офаридгор ва офариниш вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, тасаввуф ишқро ба Худо ва махлуқоти ӯ раҳнамоӣ намуда, дурӣ аз дунёро бартараф месозад. Чунончи, Баҳоваддини Нақшбанд гуфтааст: «Роҳи мо ба сӯи Ӯ (Худо) муошират мутақобила аст, аммо зӯҳд нест, дар зӯҳд шуҳрат аст ва дар шуҳрат марг аст. Кори нек танҳо дар сарҷамъии ҷамъият пайдо мешавад, ҷамъият дар мушорикати мутақобила аст, оне ба ҳамдигар раво набинанд, ки мамнуъ аст» [115,155].

«Ба андешаи Ҳасан Комил, – мегӯяд И. Зиёзода, – мавзуи маърифат ва ё аниқтараш – маърифати Аллоҳ таъоло, дар тасаввуф узван бо масъалаи ҳастӣ марбут мебошад, зеро ҳастӣ ба туфайли маърифати Аллоҳ таъоло фаҳмида мешавад. Маърифати Аллоҳ таъоло бошад, ба инсон дар ҳоле дастрас мешавад, ки ӯ дорои илҳоме бошад, ки номаш «рӯҳ» аст. Вақте ки рӯҳ дар ҳолати ваҷд (ваҷди рӯҳонӣ) ва ҷамъ дар баҳри ваҳдат (вақте ки ӯ чизеро ба ғайр аз Аллоҳ эҳсос намекунад) бошанд, ин ҳадяи илоҳист ва рӯҳ бо маншаи худ вохӯрда, бо он як мешавад. Маърифат бо маърифати «Зоти кибриё» (Зоти бузург), ки шомили тамоми ашё мебошад, марбут аст. Дар олами ҳастӣ, ба ғайр аз Аллоҳ ва афъоли ӯ чизе вуҷуд надорад. Тамоми ҳастӣ аз афъоли Ӯ иборат аст. Маърифати Зоти Ӯ танҳо аз роҳи сифатҳои Ӯ ва афъолаш имконпазир аст» [117,113-114].

Дар байни ҳолатҳои ваҷди моддӣ (аз қабили пурхурӣ, зино, ишқ ба пул, ғазаб, ғамгинӣ, ноумедӣ) ва рӯҳонӣ(ваҷди ориф)тафриқа ҳаст. Маънии «ваҷд» дар фарҳанг чунин омадааст: 1. завқу шавқ, хушӣ, шефтагӣ; 2. *аз нигоҳи орифон* рӯёрӯи дил аст бо сафо ва покии номи Худое, ки гоҳе аз ӯ нопадид мешавад, «ҳолате аст дар дили ориф, ки ба сабаби он дил толиби олами ваҳдат ва мақоми ҳақиқати худ гардад» (аз «Миръоти ушшоқ») (Ниг 141,69). Дар байни ҳолатҳои ваҷди моддӣ (аз

қабили пурхурӣ, зино, ишқ ба пул, ғазаб, ғамгинӣ, ноумедӣ) ва рӯҳонӣ(ваҷди ориф)тафриқа ҳаст. Маънии «ваҷд» дар фарҳанг чунин омадааст: «1. завқу шавқ, хушӣ, шефтагӣ; 2. *аз нигоҳи орифон* рӯёрӯи дил аст бо сафо ва покии номи Худое, ки гоҳе аз ӯ нопадид мешавад, «ҳолате аст дар дили ориф, ки ба сабаби он дил толиби олами ваҳдат ва мақоми ҳақиқати худ гардад» (аз «Миръоти ушшоқ») (Ниг. 141,69).

Дар таълимоти тасаввуф «Ваҷд натиҷаи ишқи банда аст, ки қодир аст ҳазорон зуҳуроти Холиқро мушоҳида намояд ва аз ин роҳ оромии ботиниро пайдо карда, аз ҳаловате, ки аз ин эҳсос ба даст меоварад, ҳолати қавитарини ваҷди рӯҳонӣ оғоз меёбад... Вуҷуд мартабаи инкишофёфтаи ваҷд ҳисоб ёфта, баъди дарк кардани ҳолати ваҷд маънояш «пайдо кардани Худо ва гум кардани хешро дорад» [118,412].

Ба ақидаи Ҷунайди Бағдодӣ, ҳолати «фано» ин «рафтан», яъне «ҳулул» -и ваҷди моҳияти инсонӣ бо моҳияти илоҳӣ аст. Аммо ин ҳолати рӯҳии (ваҷд) муваққатӣ дар ниҳоят, бояд, бо «бозгашти» зоҳид, ба ин олам, иваз карда шавад, то он донише, ки аз Худо гирифтааст, барои дигарон расонад. Ҷунайд давлати олиро, ҳамчун «ҳастии» доимӣ дар Худо бақо «мондан» меномид. Он бо қобилияти дар як вақт дарк кардани Олами Бузург ва ягонагии ибтидоии ҳама мавҷуд хос аст. Зоҳид таъкид кард, ки баъд аз он одам дониши махсуси илоҳӣ мегирад ва бахше аз сифатҳои илоҳӣ (бақо би-аллоҳ)-ро дарк мекунад, дар ҷустуҷӯи роҳе аст, ки таҷрибаи пуразишашро ба солик бирасонад [149,81].

Ҳосидия (як равияи динӣ дар дини яҳудӣ аст), бар хилофи таълимоти каббала (як ҷараёни яҳудии талмудии динӣ-ирфонӣ), ки барои ба даст овардани дониши ирфонӣ нигаронида шудааст, пеш аз ҳама, дар роҳи расидан ба камолоти ахлоқӣ кӯшиш мекунад. Дар ин таълимот таъкид мешавад, ки ибтидои илоҳият ваҳшонияти одамро дар шахси тақводор «содиқ» (дар дини яҳудӣ шахси парҳезгор) мағлуб мекунад, ки як идеали ахлоқӣ ва миёнарав байни Худо ва мардум, ҳамчун дӯстдоштаи Худо

дониста мешавад. Вазифаи бузурги «содиқ» аз он иборат аст, ки ба «шарораҳо» (соликон-А.К.)-и дар тамоми ҷаҳон парокандашуда, барои расидан ба Офаридгори худ ёрӣ расонанд. Рисолати роҳиб чун «Тавроти зинда» барои аз ақоиди скептикӣ дур буданашон, дар бораи имкониятҳои риояи аҳкоми Таврот, ба мардуми одӣ таълим додан аст. Ӯ на танҳо дар ваъз, балки дар тамоми умри худ, тавассути рафтори шоиста, таълим медиҳад, ки одамон низ метавонанд ва бояд некӯкор бошанд. Ӯ муаллим, роҳнамои рӯҳонӣ ва инчунин наҷотдиҳандаи тамоми одамон, ҳатто гунаҳкорони бузург аст, зеро ба қавли ӯ ҳар кадоми онҳо «шарораҳои илоҳӣ» доранд.

Ба андешаи зоҳиди ҳосидия Баал Шем Това, ба хар як одам бояд чун зоҳид (роҳиб) муносибат кард, зеро ҳеҷ кас ин қадар поён нахоҳад афтод, ки дигар натавонад ба сӯи Худо боло равад. Инсони одӣ бояд ба зоҳид бо тамоми ҷон «часпида» бошад, «зеро ки зоҳидро парастидан, гуё асрори коинотро омӯхтан аст. Бе «содиқ», ҳосидия бе такягоҳ ва бе ҳосидия бузургии содиқ маънои маънавӣ надорад. «Содиқ» ва ҳосидиён ҷомеае ҳастанд, ки тавассути онҳо идеали ахлоқии ҳосидия амалӣ мешавад. Ахлоқи ҳосидия ҳамеша бо роҳи таъсири байниҳамдигарӣ поянда аст. Тасодуфӣ нест, ки файласуфи яҳудӣ М.Бубер ҳосидияро «Каббалае» номид, ки ба ахлоқ (этос) табдил ёфтааст» [344,8-9].

Боз як ҷанбаи муҳими иҷтимоии таълимоти ирфоние вуҷуд дорад, ки дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти тамаддун аҳамияти махсус дорад. Дар асоси шуури эгосентрикӣ шаклҳои гуногуни эгоизм (шахсӣ, динӣ, миллӣ, нажодӣ, гендерӣ ва ғайра), метавонад ташаккул ёбад, ки дар ҳама давру замонҳои таърих сабаби асосии низоъҳои иҷтимоӣ буданд. Аз ин рӯ, дар ҷомеа масъалаи таҳаммулпазирӣ ҳамеша муҳим мебошад. Вожаи лотинии «tolerance» чунин маънӣ дорад: таҳаммулпазирӣ, яъне эътироф ва эҳтиром ба дигар ақидаҳо, эътиқодҳо, анъанаҳо, услубу тақрибаҳои ҳаёт, бе ризоияти ботинӣ бо онҳо, мебошад.

Файласуф ва ҷамъиятшиноси русиягӣ В. Гаража қайд мекунад, ки «масъалаи таҳаммулпазирӣ ҳамчун роҳи ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, байни «мо» ва «рақибон», маънои ҳамбастагӣ, фаҳмиш ва ризоиятро надорад, аммо эътирофи ҳуқуқи дигарон як навъ мухолифат кардан бар ҳуқуқҳои худи мо» мебошад. Муборизаи афкор ҳамеша бо вазъиятҳои низоӣ алоқаманд аст ва дар онҳо қобилияти барпо кардани гуфтушунид хеле муҳим аст, аммо он на бар ивази таҳкими иҷбории андешаи худ бояд бошад. Масъалаи иҷтимоии таҳаммулпазирӣ дар оянда ба мушкилоти мувозинати байни бархӯрд ва ҳамоҳангии манфиатҳо табдил меёбад. «Барқарор кардани чунин мувозинат ба мавҷудияти эътимод ва омодагии ҷомеа ба созиш – қобилияти худидоракунӣ, бо назардошти манфиатҳо, эътиқодҳо, урфу одатҳо ва ғ. ба дигарҳо, вобаста аст» [342,18].

Хусусияти муҳими таълимоти ирфонӣ ин аз байн бурдани таҳаммулнопазирии динӣ ва ташаккули муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба намояндагони динҳои дигар аст. Масалан, аксари сӯфиён афзалияти таҷрибаро бар ифодаи вербалии он эътироф карданд. Мавлоно Балхӣ дар яке аз ашъори худ гуфтааст, ки Худоро дар салиб дар калисои насронӣ, маъбади ҳиндуҳо, дайри буддоӣ ва Каъба меҷуст, аммо дар ягон ҷо наёфт. Ҳамин ки ба дили худ нигарист, ӯ Худоро дарёфт, ки он ҷо маъво гирифта буд. Балхӣ ба диншиносони схоласт гуфт: «Шумо кай ба кӯзаҳо таъзим карданро бас мекунед ва ба об тавоҷҷуҳ мекунед» [419]?

Аксари сӯфиён тағйир додани ҳолати маънавию ахлоқии ҷомеа, кори фаъоли тарбиявиро, дар ҷамъият, вазифаи худ медонистанд.

Файласуфи мавлавишиноси тоҷик Х. Зиёев паҳлуҳои тасаввуфи силсилаи мавлавия, аз он ҷумла таълимоти Ҷалолуддини Румиро омӯхта, ба хулосае меояд, ки худшиносӣ ва худошиносӣ ҳарду ҳаммаъно буда, моҳияти теосентрӣ ва антропосентрӣ омехта шудаанд. Худо дар

таълимоти Балхӣ нисбат ба онтологӣ, бештар ба худ маънои гносеологӣ гирифтааст ва ба андешаи ӯ Худо бо ақл идрок намешавад, зеро берун аз ақл аст [116].

Бо вуҷуди ин, масъалаи таҳаммулпазирӣ берун аз ҳудуди маънои динӣ мебарояд. Метавон дар мавриди ҷинс, синну сол, синфҳо, миллатҳо, нажод, иҷтимоӣ ва дигар навъҳои зарурати риояи таҳаммулпазирӣ ҳарф зад. Аммо дар бораи «ҳадду канор» -и сабру таҳаммулпазирӣ ногузир саволе ба миён меояд. Оё хати фаротар аз он вуҷуд дорад, оё таҳаммули аз ҳад зиёд хавф ҳам дорад?

Нахуст, мо бояд эътироф кунем, ки таҳаммулпазирӣ ҳамчун шакли муошират, бо тамаддун зистани ҷонибҳо ва аз ҳама бештар ҷодаи самарабахши рафъи ихтилофоти амиқи байни одамонро нишон медиҳад.

Чуноне ин ақидаро файласуфи русиягӣ В. Гречко тасдиқ менамояд: «таҳаммулпазирӣ «якҷоя зистанро ба мавҷудияти ҳамҷоя» мубаддал мекунад ва ҳамин тавр, «ба пайдоиш ва рушди ҳастии бофарҳангу солим мусоидат мекунад» [90,175]. Таҳаммулпазирии **«худ дар худ»** арзише надорад. Ҳудудҳои ҳақиқии таҳаммулпазирӣ вуҷуд доранд ва онҳо ба ҳудудҳои озодии инсон мувофиқат мекунанд. Ба андешаи файласуфи англис Ҷ. С. Милл, «Ягона далели дахолат ба фаъолияти озоди ҳар як шахс дифоъ аз худ, пешгирии зарараре мебошад, ки аз дигарон мерасад» [90,176]. Ба ҳамин монанд, Рам Дасси зоҳид таъкид кардааст, ки «ҳамдигарфаҳмӣ аз он иборат аст, ки бидуни талабот, ба одамон имкон диҳад, то онҳо тавре мехоҳанд, ҳамонгуна бошанд. Ба шарте имконияти озодихоҳии онҳо ҳадде дошта бошад» [225,183]. Дар чунин шароит маҳдудиятҳои муайяни таҳаммул мавҷуд аст, зеро зарурияти воқеии маҳдуд кардани шуури худхоҳӣ ва худсарии онон ба миён меояд.

Ҳамин тариқ, таълимоти ирфонӣ муаррифгари умумияти таҷрибаи динӣ буда, дар он ҷанбаҳои психологӣ (интровертивӣ) ва иҷтимоӣ-(экстравертивӣ-) омили ҳалкунанда мебошанд. Дар «маҷмуъ, таълимоти

ирфонӣ системаи мураккаби дигаргунсозии ҳаёти рӯҳонии инсонро ба вуҷуд овардааст, ки дар ҷараёни он тамоми дараҷаҳои шуури ӯ ба ҳам таъсир мерасонад ва натиҷааш тарбияи шахсияти аз ҷиҳати рӯҳӣ солим, худшинос аст. Дар маркази таҷрибаи ирфонӣ гузариши марҳилавӣ аз шуури эгосентрикӣ ба камолотёфта (равшанфикрӣ) ҷойгир аст, ки ба дигаргуншавии шахсияти инсон мусоидат мекунад. Ба ин маънӣ, таҷрибаи ирфониро «транс-эгосентрикӣ» хисоб кардан мумкин аст. Ин ҷараёни мураккабу серзинае мебошад, ки бар асоси як навъ гузарише аз модӣ ба рӯҳонӣ созмон ёфтааст. Усулҳои асосии амалияи ирфонӣ-равонӣ ин зӯҳди муназзам, машқҳои психосоматикӣ, дуои боимону муҳаббат ва маърифати ирфонӣ барои дарёфти Мутлақ мебошад. Ин ҷо як нуктаро бояд зикр намуд. Андешаҳои Ф. Розенталро оид ба илм ва дараҷаҳои гуногуни он ва роҷеъ ба ҳақиқат ҷонибдорӣ намуда, К. Олимов иқтибос меорад, ки сӯфиён зидди дониш набудаанд, вале дар мафҳуми илм (дониш) фаҳмиши махсуси худро доштаанд, ки аз илоҳиёти исломӣ ва ақидаи равияҳои дигар, аз ҷумла машшоия ва исмоилия нашъат гирифта буд [209,198].

Сониян, бо таълимоти ирфонӣ роҳҳои амалии беҳбуди ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси муҳаббат, шафқат ва эҳтироми ҳамдигар таҳия карда шудаанд. Таҷрибаи ирфонӣ муносибати таҳаммулпазиронаро нисбат ба намояндагони дигар фарҳангҳо, эътиқоди динӣ, миллат пешниҳод менамояд. Ӯ, инчунин, сарҳадҳои таҳаммулпазириро муқаррар мекунад, ки бо зарурати маҳдуд кардани шуури худпарастӣ ва худхоҳии он алоқаманд аст.

Муроҷиат ба омӯзиши таҳаввулоти тасаввуф, дар самти таълимоти динию фалсафӣ, дар иртиботи мустақим бо илоҳиёт, баррасии тасаввуф дар муқоиса бо дигар шаклҳои ирфонӣ, метавонад хатар эҷод кунад.

Ба андешаи файласуфи рус Ю. Кимелёв, муроҷиат ба таҷрибаи таълимоти ирфонӣ, дар марҳилаи кунунии тараққиёти тамаддун,

тамоман тасодуфӣ нест. Ин аз хоҳиши пайдо кардани «ваҳдати асосӣ ва амиқи ҳамаи динҳо» мебошад, ки «дар вазъияти плюрализми динӣ», яъне дар вазъияти рақобати ошкорои глобалии бисёре аз довталабон, барои соҳиб шудан ба ягонагии ҳақиқати динӣ, аҳамияти бузург дорад [145,122].

Мо бо он ақидае, ки ҳамаи динҳо як умумияти ғоявию арзишӣ доранд, мувофиқ ҳастем, зеро онҳо шартҳои хуби ҳамдигармукаммалкунии динҳо мебошанд ва дар мавриди тафриқаҳо бошад, тафовутҳо ҳатман маънои номувофиқатиро надоранд. Динҳо ва мазҳабҳои гуногун метавонанд комилан мувофиқ бошанд, дар ҳамзистии осоишта ва самарабахш бошанд. Тафовути динӣ барои ҳамдигармукаммалкунӣ ва ғанӣ шудани гурӯҳҳои гуногуни мазҳабӣ ва конфессиявии ҷомеа заминаҳои ҷиддиро ба вуҷуд меорад [418,5].

Файласуфи рус А. Лосев дуруст мегӯяд: «Фалсафа, агар бихоҳад, фалсафаи «падидаҳои ҳаётан муҳими ҳастӣ» шавад ва на фалсафаи «шаклҳои абстрактӣ», бояд дар бораи чунин категорияҳо, чун «Муҳаббат» ва «Муқаддасот» ҳарф занад... Охир, «тамоми ҳаёт аз саъю кӯшиш ба муҳаббат ва муқаддасот иборат аст» ва ин категорияҳоро аз ҳаёти инсон ва аз ин рӯ, аз фикр дур кардан мумкин нест» [164,179].

Муаллиф дар натиҷаи қиёси афкори динию фалсафӣ, таҷрибаи динии ҷаҳонӣ, ба хулосае меояд, ки таълимоти ирфонӣ низоми мураккаби дигаргунсозии ҳаёти рӯҳонии инсонро ба вуҷуд овардааст ва дар он тамоми дараҷаҳои шуур ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Натиҷаи он тарбияи шахсияти аз ҷиҳати равонӣ солими қобилияти худшиносидошта мебошад.

Дар ҷодаи бунёди ҳаёти иҷтимоӣ, ҷанбаи ахлоқии таълимоти ирфониро чунин омилҳо, аз қабили меҳру муҳаббати байниҳамдигарӣ, озодӣ, эҳтироми якдигар, таҳаммулпазирӣ ва ғ. дар бар мегиранд.

Файласуфи тоҷик М. Умедов дуруст мегӯяд, ки «Ангезаҳои ишқ дар фарҳанги тоҷикӣ-форсӣ воситаи худшиносӣ мебошанд. Анъанаи ишқ дар фалсафаи тоҷик-форсӣ ҳамчун сатҳи олии маърифат муаррифӣ мешавад, ки тадриҷан асоси ташаккули бидуни зӯрӣ мегардад. Яке аз маъноҳои таҳаммулпазирӣ дар замонҳои қадим муҳаббат буд» [404,48].

Таълимоти ирфонӣ барои муайян кардани умумияти таҷрибаи динии инсоният, саҳми боризу муҳиме дорад, ки дар он ҷанбаҳои психологӣ (интровертивӣ) ва иҷтимоӣ- (экстравертивӣ-) омилҳои ҳалкунандаанд.

Барои таъмини ҳаёти боамну салоҳи инсоният, дар роҳи ободию пешрафт ва зиндагии ҳамҷояи тамаддунофар, дар баробари такя бар андешаҳои фалсафию динӣ, паҳлуҳои ахлоқии таълимоти ирфониро бояд ба инобат гирифт, истифода намуд.

«Тасаввуфи Хуросон, –мегӯяд академик К. Олимов, – дар инкишофи озодфикрӣ нақши муҳим бозида, ба дини ислом масоили махсуси фалсафиро ворид намуда, бо воситаҳои возеҳи рағбатангез онро ғанӣ гардонид. Зимнан дар тасаввуфи Хуросон ҳам ғояҳои пантеистӣ (Абул Ҳасани Харақонӣ) ва ҳам монотеистӣ, дар рӯҳияи трансседентии Худо, ки тасаввуф ва шариатро на баҳри ибодати дин, балки баҳри «озодии инсон» аз бадӣ ва таҳқир наздик месозад, рушд ёфтаанд» [209,125].

Тасаввуф илоҳиёт ва фалсафаро, махсусан дар дарки ҳақиқати мутлақи табиат ва инсон ба ҳам пайвастааст. Чунон ки дар таълифоти ба таърих ва фалсафаи тасаввуф бахшидашуда зикр мегардад, ҷанбаи фалсафии фаҳмиши ирфонии Ҳақиқат ончунон печида аст, ки то ҳол тарҳи ягонаи муқарраршудаи консепсияи маърифатии тасаввуфро таҳия кардан имконнопазир аст.

Ҳамин тавр, таҳқиқи тасаввуф ва ирфон муайян намуд, ки масоили ҳастӣ дар ҷаҳони ботин ва равонии инсон шарҳ меёбанд. Ирфон ҳамчун ҷаҳони маънавӣ, мақсад ва марҳилаи авҷи маърифати инсонро ифода

карда, дар муқоиса бо машшоия, ҳастиро на танҳо ҳамчун воқеият, балки ҳамчун тақаллии нур ва рамзи маънавии ҳақиқат мебинад. Инсон дар тасаввуф мавҷудест, ки бояд «таҳаввул» ёбад – аз маниши модӣ ба ҷаҳони маънавӣ гузарад.

Дар таҳқиқот муайян кардем, ки ирфон ҳамчун низоми маърифатӣ, раванди махсуси дарки ҳастиро ба миён мегузорад ва он бар хилофи усулҳои мантиқӣ ва ақлгароёнаи фалсафа, ба таҷрибаҳои ботинӣ, эҳсоси рӯҳӣ, илҳом ва шуҳуди қалбӣ такя мекунад. Ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон дар он зоҳир мешаванд, ки маърифат дар ин равиш на бо роҳи истидлол, балки тавассути таҷрибаи мустақими иртибот бо ҳақиқат сурат мегирад.

Дар ирфон, шинохти ҳақиқат «тазкияи нафс» ва «фано» -ро талаб мекунад, яъне раванде, ки дар он шахс аз манфиатҳои шахсӣ ва худбинии зеҳнӣ мегузарад ва ба воҳидият бо вуҷуди мутлақ мерасад. Таҷрибаи ирфонӣ бештар ба маърифати ҳадсӣ, на ба тасдиқи мантиқӣ такя мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, ирфон дар баробари равишҳои ратсионалӣ, як низоми алтернативии маърифатро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, мавҷудияти ҷанбаҳои ирратсионалӣ дар ирфон нишон медиҳад, ки шинохти воқеӣ на танҳо дар мантиқи зеҳн, балки дар тозагии қалб, таҷрибаи маънавӣ ва раванди ботинии фаноёбӣ нуҳуфтааст.

Ҳамин гуна назарияи ғайриақлонӣ на танҳо радди ақл нест, балки марҳилаи болотари маърифат аст, ки танҳо пас аз фатҳи сатҳи ақлонӣ ва таҳзиби нафс имконпазир мегардад.

Ирфон ва ирратсионализм ҳарчанд дар маншаъ ва методология фарқ доранд, аммо ҳарду дар радди шинохти маҳдуди ақл ва таъкиди таҷрибаи шахсӣ ва ботинӣ бар як равиш қарор доранд. Ин иртибот дар сатҳи назарӣ тавсифи роҳҳои алтернативии маърифатро дар муқобили ақлгароии мутлақ фароҳам месозад.

Хулоса, ирфонро метавон ҳамчун шакли ирратсионализми илоҳимарказ шинохт, ки дар он шинохт бо эҳсос, зикр ва таҷлили ботинӣ пайваст аст, дар ҳоле ки ирратсионализм бештар ба таҷрибаи инсонӣ дар доираи эҳсос ва хаёл бе иртиботи мустақим бо мабдаъи илоҳӣ такя мекунад. Бо вуҷуди шабоҳатҳои зоҳирӣ, табиати рӯҳонӣ ва аҳдофи ниҳоии ин ду равиш аз ҳам ҷудо мемонанд.

Ирфон ҳамчун равиши маънавии шинохти ҳақиқат, дар баробари мантиқ ва бурҳони фалсафии машшоия, раванди комилан фарқкунандаи маърифатро пешниҳод мекунад. Сӯфиён бар онанд, ки роҳи ҳақиқатро на танҳо бо ақл, балки пеш аз ҳама тавассути ***ишқ, шуҳуд, илҳом ва таҷрибаи ботинӣ*** метавон дарёфт.

Омӯзиши тасаввуф аз ҷиҳати антропологӣ низ аҳамият дорад, зеро он имкон медиҳад, ки бисёр имконот ва сифатҳои эҳтимолии ҳанӯз ошкорнашуда дар худи табиати инсон ифшо гарданд.

Дар ин даврони рушди тамаддун, ки бо буҳрони маънавии ҷомеа ва ҷустуҷӯи роҳҳои раҳоӣ аз он алоқаманд аст, муроҷиат ба таҷрибаи динии ҷаҳонӣ ногузир аст. Ҷомеа, ки имрӯзҳо равандҳои ҷаҳонишавиро аз сар мегузаронад, таъмин намудани ҳамзистии осоиштаи ҷамъиятҳои алоҳида, давлатҳо, миллатҳо, гурӯҳҳои аз ҷиҳати фарҳангӣ, ахлоқӣ, мазҳабӣ, ғояву арзишҳо ихтилофақида, масъалаи актуалӣ маҳсуб меёбад.

Ин муроҷиат бештар ба таҷрибаи таълимоти ирфонӣ, ки дар ҳама давру замон, ҳамчун ҷузъи муҳимтарини дин дониста мешуд, иртиботи қавӣ дорад. Таваҷҷуҳ ба таълимоти ирфонӣ ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он аз масоили рӯзмарра маҳсуб меёбад. Амнияти тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ дар назди таҳдиди низоъҳои миллӣ, динӣ, сиёсӣ, дар вазъияти рақобати ҷаҳонӣ, нигаронкунанда ва осебпазир мушоҳида мешаванд. Аз ин хотир, таваҷҷуҳ ба падидаи ирфонӣ дар шароити бӯҳрони маънавии муосир меафзояд. Ирфон, метавонад барои дарёфти ҳақиқат, пайдо кардани ибтидои мафҳумҳои умумӣ (универсалияҳо)-и

ҳама динҳо, нақши ҳалкунанда бозад. Ҳадафи ин зербоб омӯзиш ва муайян кардани ҷанбаҳои психологӣ ва иҷтимоии таълимоти ирфонӣ мебошад, ки дар он усулҳои амалии дигаргунсозии инсон ва ҷомеа ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

«Мавзуи тасаввуф ва ирфон, новобаста ба шумораҳои номаҳдуд ва беохирашон, ҷустуҷӯи ҳақиқат, камолоти инсонӣ, тавҳид, шинохти Ҳақ, роҳҳои вусул ба ҳақиқати мутлақ, худшиносӣ, худошиносӣ, сайру сулук, роҳҳои маърифат... ахиран онро ба як мактаби бузургу паҳновар ва муназзаме даровардаанд, ки қариб тамоми паҳлуҳои ҳаёти ботинии инсонро фаро гирифтааст, ки онро баъзан тасаввуф (аз сабаби нишон додани роҳ, расм ва тариқат) ва баъзан ирфон (ба хотири мактаби илмӣ ва фикрӣ буданаш) меноманд» [118,5-6].

Дар баробари таҳдиди низоъҳои миллӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғайра, ки амнияти ҷомеаи ҷаҳонӣ хеле осебпазир аст, таваҷҷуҳ ба мавзуи ирфон меафзояд. М. Степанянс дуруст мегӯяд, ки «Ақидае вуҷуд дорад, ки тасаввуфи исломӣ нерӯи худро ҳамчун василаи оромиш ва мутеъгардонии иҷтимоӣ тамом накардааст. Аз ин рӯ, таҳлили интиқодии ин равия дар ислом хеле муҳим аст ва дар муборизаи идеологии муосир нақши муҳим дорад» [259,10-11].

Муқоисаи ин раванд бо фалсафаи машшоия нишон медиҳад, ки ҳарчанд равишҳо мухталифанд — яке бар ақл ва дигаре бар илҳому шуҳуд ва ҳадс асос ёфтааст, ҳарду ба шинохти ҳақиқат ва ҳастии мутлақ равона шудаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ирфон бо ҷанбаҳои ирратсионалии худ маҳдудиятҳои мантиқиро паси сар карда, ба сатҳҳои амиқтар ва шахсии маърифат ворид мегардад.

Хулоса, ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон, гарчанде аз назари фалсафаи ақлгаро берун менамоянд, як навъи маърифати комилан қобили таҳлил ва арзишмандро ташаккул медиҳанд, ки ба таври мустақим ба ҳастии ботинӣ ва рӯҳонии инсон иртибот дорад.

3.4. Робитаи мутақобилаи таълимоти тасаввуф ва калом дар асрҳои X- XII

Дар ин зербоб методи муқоисавӣ ва таҳлили мазҳабӣ-фалсафӣ истифода шуда, таъсири мутақобилаи калом ва тасаввуф ба равандҳои маърифат ва ахлоқ таҳлил шудааст.

Дар асрҳои X-XII, ҷаҳони ислом шоҳиди ҳамзистии фаъоли равияҳои гуногуни фикрӣ, аз ҷумла фалсафа, калом ва тасаввуф гардид. Дар ин замина, махсусан дар муҳити фикрии тоҷикону форс, муносибати мутақобила байни *ирфон ва калом* мавқеи махсусро ишғол мекунад. Ҳарчанд *калом* ҳамчун илм ва равияи ақлонӣ барои дифои ақоиди динӣ бо усули истидлоли мантиқӣ офарида шудааст, таъсири таълимоти тасаввуфӣ ба мазмун ва ангезаи маънавии он нақши нодир бозидааст.

Тасаввуф бо таъкиди худ ба таҷрибаи ботинӣ, тозагии рӯҳ ва маърифати зотии Худо, фазои маънавии фалсафаи каломро аз танҳо баҳси мантиқӣ ба самти шинохти амиқтар ва рӯҳонии ҳақиқат бурдааст. Ин раванд дар афкори баъзе мутафаккирони калом, мутакаллимон ва аҳли ирфон хеле хуб таҷассум ёфтааст.

Дар ин зербоб таъсири мафҳумҳо, усул ва рӯҳияи тасаввуф ба шаклгирии баъзе нукоти калом дар ин давра нишон дода шуда, ошкор шуд, ки чӣ гуна ин ду равия, бо вуҷуди фарқҳои услубӣ, дар тавлиди як модели мутавозини маърифати динӣ ҳамкорӣ намудаанд.

Аз замони зуҳури ислом ва тарҷумаи фалсафаи донишмандони Юнону Рими Қадим, баҳсу муҷодалаҳои фирқавию мазҳабӣ, фалсафию илоҳиётии динӣ, оид ба тасаввуроти онтологӣ, бавижа таносуби Худо, олам ва одам боиси таҳаввул, рушд ё таназзули онҳо мегардид.

Дар асрҳои X-XII бархе аз ғояҳои фалсафӣ зидди таълимоти дини ислом маҳсуб меёфт. Аз ин хотир, ғояҳои мутафаккирони давр характери мусолиҳатомез дошт, зеро аксарияти онҳо қадим будани Худо, олам ва табиатро эътироф менамуданд. Андешаҳои материалистона дар

фалсафаи ин давр, аз рӯи қоида, ба худ тобиши теологӣ мегирифт. Умуман, «…файласуфони асрҳои миёна ҳастиро ба воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд ҷудо мекунанд. Воҷибулвуҷуд мафҳуми ифодакунандаи Холиқ, сабаби сабабҳо ва бемислу монанд аст. Имконулвуҷуд тамоми олами модӣ, рӯҳ, нафс, модда ва сурат, фазо, вақт, хулоса ҳама он чизе, ки ба сабаб ниёзманд аст» [206,55].

Мактабу ҷараёнҳои фалсафӣ ва илоҳиётиро вобаста ба вижагиҳояшон ба се намуд ҷудо карда буданд: мактабҳои ақлӣ (хирадгаро-ратсионалистӣ), мактабҳои нақлӣ (тақлидӣ-анъанавӣ) ва мактабҳои ҳолӣ (эҳсосгаро-экзотерикӣ).

«Академик М. Хайруллоев се равияи асосии афкори асримиёнагии арабзабонро муайян мекунад:

1) исломи ортодоксӣ бо теологияи схоластикии худ – калом, ки ин равия дар хилофат бартарӣ дошт ва манфиатҳои онро ҳимоя мекард;

2) Тамоюлҳои навафлотуние, ки пантеизмро бо навъҳои гуногуни он ифода мекард, ки дар тасаввуф ифодаи равшани худро ёфта, ақидаҳои табақаҳо ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро инъикос менамуданд. Баъдан бо талоши Муҳаммад Ғазолӣ аносири ирфонии тасаввуф ба таълимоти исломи ортодоксӣ шомил гардид, вале соликон ҳамоно дар муқобили он истодагарӣ мекарданд;

3) Аристотелизм манфиати табақаҳои тундраверо, ки тарафдори омӯзиши табиат ва инкишофи табиатшиносӣ буданд, ифода мекард» [171,59].

Ҷараёни дигари афкори фалсафии арабу мусулмонро илоҳиётшиносони мутакаллим (аҳли калом) муаррифӣ мекунанд, ки ҳарчанд дар андешаҳои онҳо таъсири мактабҳои фалсафии юнонӣ мушоҳида мешавад, консепсияҳои худро дар асоси Қуръон гузоштаанд. Ин равия низ дар инкишофи худ ду даврaро паси сар кардааст: даврaи хукмронии таълимоти мӯътазила (асрҳои VIII-IX) ва даврaи рушди

калом (асрҳои X-XII) дар таълифоти ал-Ашъарӣ ва Муҳамаад Ғазолӣ [301,280].

Қабл аз руҷӯъ ба таълимоти равияи фикрии калом, бояд муайян намуд, чаро ин равия чунин унвон гирифт ва вожаи «калом» чи гуна маънидод мешавад. Дар китоби «Илми калом» -и Сайид Аҳмад Сафоӣ ин гуна шарҳ ёфтааст:

1. Масъалаи нахустине, ки мавриди баҳс шуд, каломи Худо буд ва дар ҳадс ва қидами он байни донишмандони динӣ ихтилоф шуд. Ҷамъе қоил ба қидами каломи Худо шуданд, назар ба ин ки калом яке аз сифоти Худост ва чун Худованд қадим аст, мумкин нест муттасиф ба ҳодис шавад. Албатта, иштибоҳ ва ғафлати ин идда ношӣ аз адами имтиёзи сифоти зоти Худо аз сифоти феъл аст.

2. Қавитарин силоҳ ва афзори ин илм, такаллум ва мунозира ва мубоҳиса аст» [236,15].

Ризо Биринҷкар ҳамин ақидаро аз рӯи андешаҳои мутафаккири араб-мусулмон Саъдаддин Масъуд ибни Умари Тафтазонӣ ҷонибдорӣ намудааст, ки якум, дар робита бо Каломи Худо (офаридашуда ё на) номутобиқатӣ вуҷуд дошт ва дуюм, мутакаллимҳо бо далелҳои ратсионалӣ дар ҳалли масъалаҳо баҳсу мунозира мекарданд» [65,27].

Аслан вожаи «калом» аз забони арабӣ гирифта шуда, маънояш гуфтор, мулоҳиза, сӯҳбат, баҳс мебошад, вале дар ин равияи фикрӣ бо дигар маънӣ клобаст мешавад. «Калом илми ба қавоид ва масоилест, ки натиҷааш тавоноӣ бар асбоби усули дин ва дафъи шубаҳот бо далел ва бурҳон ва татбиқи онҳо бо қавоиди аққалият аст» [236,5].

«Калом» дар ҳаёти маънавии мусулмонон ҳамчун илме тавсиф мешавад, ки дар он асосҳои бунёдии дин, аз қабили монотеизм, адолат дар бораи аҳамияти озодӣ ва мустақилии ирода, мавқеи ҷазо ва мукофот мавриди баҳс қарор мегиранд. Ҳамин маъниро Ибни Сино гуфта буд:

«калом «ҳам ба маънои «тавҳид» ва ҳам «тафсир» истифода мешавад» [13,89].

Дар муҳити арабӣ-исломӣ омилҳои зерин мутакаллимонро маҷбур карданд, ки роҳҳои ҳифзи идеологияи исломиро ҷустуҷӯ кунанд:

- равобит бо эрониён, суриягиҳо, румиён ва мисриҳо, ки аз фалсафа ва маънавиёт (рӯҳоният) огаҳӣ доштанд;

- бархӯрди ақидаҳо бо намояндагони динҳои яҳудӣ, насронӣ, антисемитӣ;

- дар интиҳо, пайдоиши гуногунандешии гурӯҳҳои мазҳабӣ, илоҳӣ ва дунявӣ дар дохил ва берун аз олами ислом. Ин омилҳо сабаби пайдоиши илми калом гардиданд.

Дар доираи «калом» аз ибтидои асри VIII то асри XV масъалаҳои фалсафӣ (мантиқӣ-гносеологӣ ва натурфалсафӣ) ва фиқҳшиносӣ инкишоф ёфт. Масалан, дар рисолаи Д. Обидов оид ба масъалаи фиқҳи Мовароуннаҳр маълумоти муфассал омадааст [398].

Таърихи *калом*ро метавон ба давраҳои зерин тақсим кард:

— Давраи аввал ҳанӯз дар охири асри VII ва ибтидои асри VIII дар чаҳорчӯби теологияи мусулмонӣ вуҷуд дошта, ихтилофи назар (мунозира оид ба тақдири илоҳӣ) дар он ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунад.

- Давраи таназзул асрҳои XIII-XIV буда, бо таъсири тохтутозҳои муғулон, аз асри XII дар қисмати шарқии ҷаҳони араб нақши фалсафа ба тадриҷ суст шуда, мақоми хешро ба фалсафаи динӣ медиҳад, вале таъсири он аз байн нарафта, он ба Ғарб, Шимоли Африқо ва Испанияи Араб мавқеъ мегирад.

- Давраи охир асри XV буда, дар ин давра, дар фалсафаи араб-ислом инкишофи калом, асосан дар доираи ирфонӣ ва пеш аз ҳама тасаввуфӣ пеш рафтааст [65,179].

Доир ба таърихи таълифоти илми *калом* донишманди эронӣ Сайид Аҳмад Сафоӣ дуруст ба маъхазҳо ишора мекунад: «Лекин тамаддуни илми калом, дар қарни дуввуми ҳиҷрии замони ҳукумати хулафои аббосӣ амалӣ шуда ва аввал касе, ки дар ин фан китоб навишта Абулҳазил Аллоф аст. Алоқаи иддае аз хулафои аббосӣ монанди Маҳдӣ ва Маъмун ва Восиқ ба илми калом ва қадрдониҳои Баромак ва Соир ва Зироъ ва Исроъ ин илмро равнақ ва тавсеа дод ва дар қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ ба авҷи камол расид ва аз қарни панҷум ба сайри нузулӣ ва инҳитоти илми калом оғоз шуд» [236,15].

Намояндагони «калом» нахуст ба масоили ваҳдати Худо ва сифоти Парвардигор, доир ба худмухтории одам дар нисбати тақдири хеш ва гуноҳҳои кабираю сағира, ҳарф зада, дар маърифати дунё одамро ҳақир шумурдаанд. Мутакаллимон барои аз нав мустаҳкам кардани риштаи имони мӯътазилиён, дар шинохти Ҳақиқати Мутлақ ва ҳифзи назарияи пешмуайянкунӣ, бар зидди консепсияи қонуниятҳои табиат ва зарурияти сабабии падидаҳои табиат истодагарӣ мекарданд. Бар мухолифи таълимоти абадияти олам, сабабҳои объективӣ ва қонуниятҳои дар табиат рухдиҳанда баромад карда, мутакаллимон мекӯшиданд аз ҷиҳати назария собит намоянд, ки олам аз ҳеҷ офарида шудааст. Онҳо имон бар он доштанд, ки иродаи озоди илоҳӣ на танҳо оламро офаридааст, балки ҳар лаҳза бардавом ба ҳар як зуҳурот таъсир мерасонад ва онҳоро аз «нестӣ» эҳё мекунад [87,96].

Нахустмасъалаҳое, ки файласуфони мутакаллими наслҳои аввал баҳсҳо ба вуҷуд овардаанд, инҳо буданд:

1. Хусусияти вазъи имони шахсе, ки гуноҳи кабира кардааст.
2. Масъалаи сифат ва зоти Худо.
3. Масъалаи рӯзи ҷазо.

Саволи аввал ба масъалаҳои фарқият ва мақоми шахсе дахл дорад, ки гуноҳи кабира содир кардааст; Оё ӯ то минбаъд мусалмон мемонад?

Дуюм, ба масъалаи тақдир ва масъулияти инсон дахл мекунад. Аз он ҷумла:

-оё Худованд сарнавишти ҳар як инсонро қаблан муайян мекунад?

-оё ба инсон имони ҳақиқӣ дода шудааст ё не;

-одам наҷот меёбад ё не (гуноҳи ӯ бахшида мешавад ё не)

-Агар гуноҳеро Худованд дар сарнавишти инсон навишта бошад ва он содир шавад, пас гунаҳкор барои чӣ ҷавобгар аст?

Файласуфи рус В. В. Петров оид ба гуноҳу савоби инсон аз Қуръон ёдовар мешавад: «Тибқи Қуръон гуноҳ дорои табиати ахлоқӣ дошта, вале ба ҳеҷ ваҷҳ хусусияти ғайрионтологӣ дорад. Некию бадӣ ба табиати одамон умуман хос нест» [216,38-39].

Файласуфи тоҷик М. Элназаров аснои таҳқиқи масоили мавту зист дар динҳои монотеистӣ оид ба масъалаи ҷовидонии рӯҳ дуруст нуктагузорӣ менамояд: «...Вақте [онҳо] мефаҳманд, ки хушбахтии рӯҳ ҷудоӣ аз ҷисм аст ва лаззати ҷисмонӣ аз лаззати рӯҳӣ ва оромӣ фарқ мекунад, пас онҳо хоҳанд фаҳмид, ки ҳузури рӯҳ дар бадан ин ранҷбардории он (рӯҳ) аст. Дарвоқеъ, ҳама динҳо бар ин назаранд, ки ҷисми модӣ зиндони рӯҳ аст ва рӯҳ бояд аз он раҳо шавад, наҷот ёбад ва агар дар ҳаёти оянда рӯҳ ба ҳамон тан баргардад, пас ин ранҷ барои он аст» [408].

Фалсафаи калом асоси ратсионалии ҷаҳонбинии исломии асримиёнагӣ мебошад. «Равиши ортодоксалӣ инъикоси хешро дар калом – фирқаи сунниёни расмӣ дарёфт. Калом ба фалсафа назари интиқодӣ дошт ва бар зидди озодфикрӣ ва тафсири ратсионалии Қуръон сахт истодагарӣ мекард» [106,46]. Дар масъалаи ҳастӣ мутакаллимон озодандеш буда, назарияҳое иброз намудаанд, ки дар замони нав олимону файласуфон аз он баҳрабардорӣ кардаанд. Масалан:

«Мавҷуд сегона аст:

- мавҷуде, ки фақат дар хориҷ аз муҳити зеҳни инсон аст, ба ин маънӣ, ки нерӯи идроки башар ё оҷиз аз идроки он мебошад, монанди хақиқати Худованди ҷаҳон ё ҳанӯз бо он дастрасӣ наёфта, мисли мавҷудоте, ки то кунун барои башар кашф нашудааст;

- мавҷуде, ки фақат дар ҳавзаи идроки инсон вуҷуд дорад ва аз сохтаҳои зеҳн ба шумор меравад, монанди эътибориёт аз қабили куллиёт ва завҷияту ҳамийёт, аз қабили симурғ ва ғул;

- мавҷуде, ки ҳам дар хориҷ аз ҷаҳон идроки воқеият дорад, ҳам дастгоҳи идроки инсон онро дар муҳити зеҳн, ҳозир месозад, монанди ҳақоиқи воқеиятдори ҷаҳон аз қабили дарахт- замин ва осмон.

Маъдум (нестӣ) низ монанди мавҷуди сегона аст, ки бо муқоиса бо ақсоми мавҷуд, рӯшан хоҳад шуд» [236,19-20].

Намояндагони «калом» дар атрофи масоили озодии иродаи инсон ва сифатҳои илоҳӣ ва дар замон офарида шудани он, ба таҳияи консепсияҳое, ки аз доираи дин берун рафтаанд, оғоз карданд.

Дар давраи аввали зуҳури «калом» бо таъсири шароити берунию дохилӣ, дар ҳаёти маънавии ҷомеаи исломӣ, дар ислом ҷараёни қадария таҳаввул кард. Онҳо дар масъалаи тақдири Худо ба ҷабариён мухолиф буданд ва идеяи озодии иродаи инсонро дастгирӣ мекарданд. Аз онҳо мӯътазилиён пуштибонӣ мекарданд, аз ин рӯ, ин ворисони идеологиро қадарияҳо ва ҷабарияҳоро пайравони мактабҳои ашъарӣ дастгирӣ мекарданд, вале мурҷитҳо мавқеи бетарафро ишғол менамуданд.

- **Давраи мӯътазилия** – мӯътазилиён ақоиди фалсафаи антиқӣ ва атомизмро пазируфтаанд.

Файласуфи тоҷик У. Ҳусайнов дуруст муътакид гаштааст, ки ин давра, аз асри VIII то миёнаҳои асри Х аз шаҳри Басра, бо фаъолияти Хасани Басрӣ (с.в. 728) оғоз меёбад [405]. Вақте шогирдони Ҳасани Басрӣ – Восил ибни Ато ва Амр ибни Убайд аз ҳалқаи ӯ ҷудо шуданд, аз ҳамин ҷо номи мӯътазилия (канора гирифтан) [201,197], аввалин намояндагони

мактаби бонуфузи Калом пайдо шуд, ки онҳоро муборизони адолат ва тавҳид номиданд.

Намояндагони барҷастаи фалсафаи мӯътазилия Восил ибни Ато (699-748), Абухузайл ал-аллаф (с.в. 849), Аби Исҳоқ Иброҳим ибни Сайфи Наззам (с.в. 836 - 845), Ҷаҳиз (868) Ато ибн Ёсор, Саид ибни Аби Арубо, Катода ибни Даома, Ҳишом Даствай, Саид ибни Иброҳим Муҳаммад ибни Исҳоқ ва дигарон мебошанд [8,287], [298,281].

Шарқшиноси маъруфи швед Адам Мес дар асари мухтасаре, ки дар асоси маводи пуразиштарин сарчашмаҳо навишта шудааст, дар бораи рушди фарҳанги ҷаҳони исломӣ, дар охири асри X, сухан ронда, таъкид мекунад, ки тамоми осори илоҳиётшиносии эътирофшуда ҳукми қонунӣ дошт. Шӯҳрати ин гардиш ба мӯътазилиён тааллуқ дошт, ки саволҳои сирф диншиносиро ба миён гузошта ва акнун мухолифони худро ба ҷавобгарӣ кашиданд. Панҷ гурӯҳи бузурге, ки ислом дар он замон ба онҳо тақсим шуда буд – суннат, мӯътазила, мурҷия, шиа ва хариҷитҳо буданд [28,162].

Ҳамчунин, дар китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» [135,15] дар баробари номбар кардани вижагиҳои фалсафаи тоҷик, дар асрҳои ибтидои тамаддуни исломӣ аз таъсири консепсияи ба вуҷуд омада, дар заминаи мӯътазила (аҳл-ал-адл ва тавҳид, асрҳои VII-IX дар Димишқ ва Бағдод) суннатҳое, ки ба файласуфон ва олимон имкон медоданд мавқеъҳои илмиро нисбатан озодона шарҳ диҳанд ва садоқат ба муоширати динӣ нигоҳ дошта шаванд, зикр шудааст.

Нахустсарчашмаҳои таҳқиқшудаи даври мазкур гувоҳӣ медиҳанд, ки дар каломи мӯътазилия скептитсизми зиддидинӣ ба дараҷаи баландтар баромадааст. Намояндагони мӯътазила худро «аҳл-ал тавҳид ва-л адл» [324,284] меномиданд.

Асоси мӯътазиларо панҷ таълимот дар бар мегирифт:

- якум, «Тасдиқи ягонагии Худо» (тавҳид – таъмини ваҳдат, монотеизми қатъӣ), яъне вуҷуд надоштани плюрализм ва сифатҳо; Онҳо оддитарин ақидаҳои диниро дар бораи Худо инкор намуда, теологияро ба мафҳумҳои фалсафӣ наздик мекарданд [8,286].

-дуюм, адл, яъне Худо ба офаридааш зулм раво намебинад, зеро Ӯ одил аст. Имони ҷамъияти суннатгароён дар масъалаи оҷизии инсон, дар назди «Тақдирсоз», хилофи адолат аст.

-сеюм, муҷозоти илоҳӣ (ваъд ва ал-ваъид). Байни итоаткор ва гунаҳкор ягон номуайянӣ набояд бошад, зеро Худо ҷазову мукофоти амали онҳоро муайян намудааст. Танҳо вақте гунаҳкор аз аъмолаш дар инфиол бошад ва тавба намояд, ба омурзиши илоҳӣ ноил мешавад.

- чаҳорум, мавқеъ байни ду мақом (манзила байн-ал-манзилатайн). Истилоҳи «фисқ» ба маънии ҳолати байни имон ва куфр аст ва «фосиқ» (касе агар яке аз «гуноҳҳои кабира» -ро анҷом медиҳад, аз қабили шароб нӯшидан, зинокорӣ ё дурӯғгӯӣ ва ғ.) на мӯъмин аст ва на кофир;

- панҷум, «ал-амр-ул-маъруф ва ал-наҳй ал-мункар» (иҷрои аъмоли нек ва шаръӣ ва манъ аз корҳои зишт ва ҳаром).

Мӯътазилиёнро ҳамчун ҳизби сиёсӣ метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард: восилитҳо, хузайлиён, наззомиён, ҳабитиён, бишритҳо, муаммариҳо, мурдариён, ҷоҳизиҳо ва ғайра.

Ба андешаи мӯътазилиён:

1. Шариат василаи хоси шинохти маъруф ва мункар нест ва зеҳни инсон метавонад, ҳадди ақал қисман, мустақилона навъҳои гуногуни маъруф ва мункарро муайян кунад;

2. Иҷрои ин фарз ҳузури имомро тақозо намекунад ва фарзи умумибашарии тамоми мусалмонон аст (ба истиснои ӯҳдадориҳои имом ё ҳокими мусулмонон, аз қабили иҷрои ҷазо (ҳудуд) ҳифзи марзи кишварҳои исломӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба қудрати исломӣ, ки шариат муқаррар кардааст). Азобе, ки шахс дар ҳаёти заминӣ аз сар

мегузаронад, ё сазовори ҷазои гуноҳҳост, ногузир ҷуброни бегуноҳ шуданро дар ҷаҳони дигар медиҳад. Барои аъмоли нек Худованд муваззаф аст, ки инсонро подош бидиҳад.

Азбаски ҳар як инсони оқил неку бадро фарқ карда метавонад, гӯё ҳама одамонро дар масъалаи имон баробар мекунад. Ин консепсияи мӯътазилиён бо эзотерикаи шиамазҳабон ва сохти силсиламаротибии сахти имомҳо ва паёмбарон мухолиф буд. Мӯътазилиён тафовути байни паёмбарон ва одами оддиро ба ҳадди ақал кам мекунанд, зеро ҳардуи онҳо як хусусияти муштарак доранд – соҳибақланд. Баъдан, радикализми бидъаткороне чун Ибни Ровандӣ аз ин ақоиди мӯътазилиён инкишоф ёфт. Мӯътазилиён догмаи маъсум будани паёмбарро зери шубҳа гузошта, мухолифи илоҳӣ шудани ӯ буданд [298,283].

Мӯътазилиён дар бораи сабаб, ба таълимоти дигаре доштанд: ақли инсон метавонад мустақилона некиву бадиро ҳукм кунад (ё дарк кунад). Ин маънои онро дорад, ки некӣ ё бадиро, дар баъзе масъалаҳо, новобаста аз фармудаҳои шариат метавон бо ақли инсонӣ ҳукм намуд.

Мӯътазилиён, ки асосан дар шаҳрҳои бузурги Сурия ва Ироқ зиндагӣ мекарданд, аз тафаккури юнонӣ, яҳудӣ, зардуштӣ ва мониён хеле огаҳӣ доштанд. Ин дониш ба онҳо таъсири муайяне расонид ва ба чунин хулосае омаданд, ки тамоми нуқтаи назар бояд ратсионалӣ асоснок карда шавад. Ҳамин маъниро академик А. Баҳовaддинов таъкид кардааст: «Мӯътазилиён, ки ҳама гуна суолҳои мутакаллимонро ба воситаи далелҳои мантиқӣ ҷавоб мегуфтанд, бо инкишоф додани афкори ақлгаро (ратсионалӣ), дар таърихи фалсафаи араб, нақши муҳим бозиданд. Ин иқдом сарчашмаи пайдоиши ҷараёни нав – машшоия гардид» [68,31].

«Муътазилиён ҳангоме, ки ба авҷи қудрати худ расиданд, нисбат ба мухолифони худ равиши засмонае пеш гирифтанд. Мусулмонони аҳли суннат ва ҷамоат аз ҳамон оғоз бо наҳзати муътазила ба мухолифат

бархостанд» [210,367]. Ин ба он сабаб шуд, ки мусулмонони ортодоксалӣ бар зидди ратсионализми мӯътазилиён вокуниши шадид нишон дода, онҳоро бидъаткор донистанд. Дар натиҷа, равияи мӯътазила мавриди таъқиби мақомот қарор гирифт, аксари мӯътазилиён эъдом ва ё зиндонӣ шуданд ва дар мавриди худи таълимоти мӯътазила бошад, зарурати мутобиқ кардани муқаррароти фалсафӣ ва теологии он ва рафъи буҳрон ба миён омад. Ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал бо интихоби мақоми «миёна» анҷом ёфт, ки фалсафаи ашъарӣ гардид [214,197].

- Давраи классикӣ замони равияи ашъария буда, пас аз асри X, ки мактаби асосии калом гардид, мантиқи арастуиро пазируфта, байни мавқеъгирии мӯътазилиён ва ақидаи суннатгароён (салафия), ҷонибдорони озодии ирода ва тақдирсоз, номинализм ва реализм, дар дарки сифатҳои илоҳӣ ва ҳалли масъалаҳои илоҳиёт «мақоми мобайнӣ» - ро ифода мекард.

Мутакаллимони зеринро ба унвони чеҳраҳои барҷастаи мактаби ашъарӣ ёдовар шудан мумкин аст: Абубакри Боқилонӣ, муаллифи китоби «Китоб ат-тамҳид», нахустин тафсири бонизоми таълимоти ашъарӣ; Ибни Фурак Абубакр Муҳаммад ибни Ҳасан; Абу Исҳоқ ал-Асфарайнӣ; Абдулқоҳир бин Тоҳир ал-Бағдодӣ; Абу Ҷаъфар Муҳаммад ас-Симнонӣ; Имом ал-Ҳарамайн (ал-Ҷувайнӣ), ки дар китоби «Китоб-ул-иршод» ашъария шакли комил гирифтааст; Абуҳомид Муҳаммади Ғазолӣ (Ҳуҷҷат-ул-ислом); Ибни Тумарт; Абдулкарим Шаҳристонӣ; Имом Фахриддини Розӣ [8,289].

Бояд таъкид намуд, ки дар таърихи каломи исломӣ се олими барҷаста, дар се минтақаи ҷаҳони исломӣ шуҳрат доштанд:

1. Мотуридӣ дар Осиёи Марказӣ
2. Ашъарӣ дар Ироқ
3. Таҳовӣ дар Миср [324,367]

Алтари Абулҳасан Алӣ ибни Исмоил ал-Ашарӣ - файласуфи динии арабу ислом, асосгузор ва ҳамсафони мактаби ашъарияи калом, асосгузори каломи ортодоксӣ дар давраи классикӣ (873 / 874-935) ва Абӯмансури Муҳаммад ибни Маҳмуди Мотуридии Самарқандӣ (асосгузори мотуридия, вафот 941) аст.Ташаккули афкор ва таълимоти мотуридиро шогирдон ва пайравони мазҳаби ҳанафии ӯ дар Самарқанд анҷом медоданд ва дар ҳамин ҷо, дар сарзамини тоҷикон мотуридия (дар даврони халифаи Аббосӣ - К.А.) васеъ доман паҳн карда, мактаби расмии фалсафии ходимони дин ва теологҳои маҳаллии Мовароуннаҳр гардид. Мотуридӣ дар илми калом, фиқҳ ва тафсир мақоми баланд дошт ва бо таҳкими ақидаҳои аҳли суннат бар асоси ақл ва нақл шӯҳрат ёфта, унвонҳои:

- Имоми Ҳудо (Имоми роҳнамой), зеро бо истидлолҳои ақлонӣ ва нақлӣ дар баробари ақидаҳои ботил, хусусан муътазила ва даҳриён, мубориза мебурд;

- Имом-ул-Мутакаллимин — яъне пешвои мутакааллимон (олимони калом);

- Ҳуҷҷат-ул-Ислом — чун бо далелҳои ақлӣ ва шаръӣ аз ақидаи ҳақ дифоъ кард.

- Имоми Аҳли Суннат дар Самарқанд — ҳамчун шахсияти маъруфи мактаби аҳли суннат дар минтақаи Мовароуннаҳр дошт.[324,368]

Ӯ мазҳаби каломии худро асосан бо такя ба таълимоти Абу Ҳанифа, вале бо баррасии амиқи ақлӣ ва фалсафӣ рушд дод.

Дар замони имрӯза байни мусулмонони суннимазҳаб ҳамин ақида ҳаст, ки онҳо дар масъалаи имон ба яке аз ҷараёнҳо: ашъария ё мотуридия пайравӣ мекунанд.

Тибқи фармони ал-Қодир (соли 1041) ҳама гуна баҳсу мунозираҳо, сӯҳбатҳо, мубоҳисаҳои (мувофиқ бо ӯ набуда) дорои андешаҳои мухталифи ратсионалӣ, доир ба масъалаҳои чаро Худо дар осмон аст, оё

ба ин бовар кардан дуруст аст ва ғайра, барои намояндагони «калом» манъ карда шуд.

Дар бораи сарнавишт ва озодии инсон мактаби ашъарӣ консепсияи таълимоти мутақобиларо ба вуҷуд овардааст - Худо офаридгори ҳама чиз аст ва қонунҳои табиатро танзи мекунад, вале дар айни замон, инсон ҳам «амалҳои худро» қабул мекунад ва дар он ширкат мекунад.

«Ашъариён дар масоили зерин аз мӯътазилия ихтилоф доштанд:

1) консепсияи Худо ва табиати сифатҳои Ӯ;

2) озодии иродаи инсон;

3) меъёри ҳақиқат ва меъёри некиву бадӣ; (Ҳамаи некиву бадиро Худо офаридааст)

4) рӯъёи Худо, ҳозиру нозирии Худо;

5) офаридашуда набудани Қуръон;

6) офаридаашро ба иҷрои вазифаҳои зиёд пойбанд кардан;

7) ваъдаи подош ва таҳдиди ҷазо;

8) асоси ратсионалӣ ё ғайриратсионалии аъмоли Худо;

9) оё Худованд вазифадор аст, ки барои худофаридааш некӣ кунад» [76,50]?

Мӯътазилиён аҳамияти тафаккурро ҳамчун сарчашмаи мустақили маърифати исломӣ ва роҳи ҳифзи ислом ва инзивои «худ ба худ» таъкид мекарданд. Ашъариён бе ягон таҳлил ва мушоҳида «донишҳои фарох» - и олами берунаро меъёр ва далели эътиқоди динӣ эълон кардаанд. Масъалаҳое, ки ашъариён мавриди мубоҳиса қарор доданд, ба ду гурӯҳ: теологӣ ва метафизикӣ тақсим мешуданд.

Ашъариён бо файласуфон ва диншиносон баҳс оғоз намуда, ақидаи мӯътазилиёнро рад карданд, ки гӯё истифодаи ақл ҳамчун василаи далел, ҳамеша заъфи тафаккури бунёдии динро нишон медиҳад ва ба ин васила дараҷаи тафаккурро баланд мебардоранд.

Дар ин давра, дар «калом» мантиқи арастуӣ (силлогистика) ва онтологияи навафлотуния пойдор гардид. Барои онтология ва натурфалсафаи ашъарӣ, дар «маҷмуъ, таълимот дар бораи миқдори ҳама ашё ва падидаҳои олам, инкори детерминизми табиии онҳо хос аст. Моҳияти табиии равандҳое, ки дар дунё ба амал меоянд, бо «одат» шарҳ дода мешавад, ки онро Худованд ворид намуда, онро вайрон намекунад» [201,197-198].

Тарафдорони ашъария абадияти ҳастӣ ва қонунҳои объективии онро инкор намуда, таъкид мекарданд, ки ҳар як ҳодисаи ҷаҳонӣ амали аз рӯи зарурати Худованд аст, зеро олам аз Худо офарида шудааст ва ҳар лаҳза Худованд ба олам таъсир мерасонад.

Масалан, агар матои сафедро дар ранги сиёҳ тар кунанд, сиёҳ мешавад, на аз он сабаб, ки онро меҷаббад, балки барои он ки Худованд дар ҳамон лаҳза хусусияти «сиёҳ» шуданро медиҳад. Ҳамин тариқ, таълимоти ашъария мавҷудияти муносибатҳои натиҷабахши ҷаҳонро рад кард ва танҳо ба мавҷудияти «одатҳое», ки Худованд дар табиат гузоштааст, мувофиқ гашт. Масалан, ба андешаи онҳо ҷараёни солонаи дарёи Нил ё тулӯи Офтоб танҳо «одати зиндагӣ» ҳисобида мешуд, ки ҳамеша аз ҷониби Худо метавонад тағйир ёбад.

Яке аз бузургтарин мутафаккирони исломӣ Абдурраҳмон ибни Муҳаммад ибни Халдун (с.в. 1406) аст, ки қозии шариат дар Моликиёни Қоҳира буд, эътиқоди диниро мавзуи калом медонист.

Таълимоти мутакаллимон асосҳои тамоман дигар доранд. Аксари мактабҳои ибтидоӣ далели ратсионалӣ ва натиҷабахшро тавассути интиқоли дониш истифода кардаанд, Ҳарчанд дар тариқа ва сатҳи истифодаи ин ду манбаъ фарқиятҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд.

Дар асрҳои миёна мутакаллимон ҳадафҳои илми каломро дар китоби худ ба панҷ қисмат тақсим намудаанд:

«1.Умури омма- яъне маъонӣ ва сифати калияе, ки ориз бар вуҷуд ба мо ҳу вуҷуд аст, бидуни тахсис ба хусусият, риёзият ё табиият монанди баҳси иллият ва маълулият ва ҳадсу қидам, бахилофи баҳс аз ҳаракат ва сукун ё ҳарорат ва нур, ки ихтисос ба ҷисму мавҷуди табиӣ дорад.

2. Мабоҳиси ҷавҳар ва араз.

3. Исботи сонеъ ва сифоти субутия ва салбияаш.

4.Баҳси нубувват.

5.Баҳси имомат» [236,16].

Файласуфи рус М. Волф шарҳи ратсионалистии моҳияти каломро таъкид намуда, «шаш масъалаи асосии фалсафӣ ва теологии каломро зикр менамояд:

1. Масъалаи сифатҳои илоҳӣ;

2. Масъалаи ҷовидонӣ ё офариниши Қуръон;

3. Масъалаи офариниши олам;

4. Масъалаи сохти атомии олам;

5. Масъалаи сабабият ва табиат;

6. Мушкилоти озодии ирода ва маълум будани тақдир» [76].

Ризо Бринҷакар осори мутакаллимонро ба назар гирифта, нақш ва рисолати каломро омӯхта, оид ба иҷрои вазифаҳои худ шаш марҳиларо ёдовар мешавад:

- далел;

- баёни ҳақиқат;

- танзимот;

- таъсис;

- рад кардани шубҳаҳое, ки ба дин ворид шудаанд;

-инкор кардани эътиқод ва ақидаҳои зиддидинӣ [65,27].

Дар марҳилаи аввал, мутакаллим бояд худ ва Худоро бишносад ва дар асоси китоби муқаддаси Қуръон, суннатҳои паёмбар ва ҳукми мантиқӣ эътиқоди диниро ба ҷомеа бирасонад.

Сониян, вай бояд мафҳумҳоеро ба монанди: назари Худо, ҳақиқати

Мутлақ ва ғ. –ро тасдиқ ва исбот намояд;

Сеюм, вазифаи мутакаллим ин аст, ки масоили дар рафти баҳс ва ҳифзи имон ба миён омадаро равшан ва ошкор созанд;

Чорум, масъалаҳое, ки бояд дуруст асоснок карда шаванд, аз ҷиҳати илмӣ собит бошанд;

Панҷум, бархе аз масоиле, ки шарҳи он фаротар аз ақли инсон аст, бо асоснокунии ратсионалии антагонистӣ шарҳ дода намешавад;

Шашум, вазифаи мутакаллим аз он иборат аст, ки ба одилона будани ғояҳои динии ислом ва нуфузи он дар байни дигар ҷараёнҳо, мактабҳо ва динҳо бовар кунонад.

Файласуф ва исломшиноси россиягӣ Иброҳим Т. К. дар мақолаи «Фалсафаи калом (асрҳои VIII-XV)» муътакид гашт, ки дарки дурусти фалсафаи мутакаллим, пеш аз ҳама барои дуруст дарк намудани мақоми он дар ҳаёти рӯҳонии ҷамъият (байни он ҳама равияҳо ва мактабҳои идеологии давр – калом, тасаввуф, ишроқ, машшоия ва ғайра) зарур аст.

Дар замони имрӯза байни мусулмонони суннимазҳаб ҳамин ақида ҳаст, ки онҳо дар масъалаи имон ба яке аз ҷараёнҳо: ашъария ё мотуридия пайравӣ мекунанд.

Тадқиқ ва омӯзиши ҷараёни калом нишон медихад, ки ин таҷриба шуурро асос ҳисобид ва он аслиҳаи методологӣ ба худ гирифт, ки тавоноии ақлро баланд бардорад.

Таълимоти назариявию фалсафии калом заминаи инкишофи минбаъдаи афкори прогрессивии фалсафӣ гардид ва ин саҳми муайян дар фалсафаи ҷаҳони исломи асримиёнагӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Равияи тасаввуф мақоми оддии теологияи мусулмониро, ки ба принсипҳои фалсафии навафлотуния такя мекард, ҷонибдор буд. Ҳамин ҷанбаи масъала имкон дод, ки Муҳаммад Ғазолӣ онро ба ортодоксияи мусулмонӣ мутобиқ созад.

«Озодфикрии тасаввуфӣ ҳамчун зидди мутаассиботи исломӣ асосан дар шаклҳои зерин зуҳур мекунад:

1) беэътиноӣ нисбат ба догма ва расму оинҳои исломӣ, ки татбиқ ва риояи қатъии онҳоро қонуни шариат талаб мекард;

2) инкор кардани таҳаммулнопазирии мусулмонон нисбат ба дигар намояндагони динҳо ва бар хилофи онон ҷонибдории баробарии халққҳои эътиқоди гуногун;

3) маҳкум кардани рӯҳониёни мутаассиби исломи ортодоксӣ» [171,20].

Дар масоили онтологӣ ва гносеологӣ оид ба тафриқа доштани ақоиди сӯфиёна аз равияҳои дигари фикрии давраи исломӣ, ба вижа машшоия, исмоилия ва калом ммбояд таъкид намуд, ки орифони асрҳои миёна, бо вуҷуди эътироф ба нақши донишҳои ҳиссӣ ва ақлӣ, майли аслии худро бештар ба маърифати ҳадсӣ равона мекарданд. Ба андешаи онҳо, илми ҳол воситаи асосии барои дарк кардани мабдаъ ва маншаи ҳастӣ буд, ки онҳо онро олами улвӣ ва олӣ медонистанд.

А. Зарринкӯб дар ҳастишиносии аҳли тасаввуф ба нуқтаи назари зикршуда ишорат менамояд: «Вуҷуд дар тасаввуф сақти сифатҳои башарии абд аст ва бидуни зуҳури Ҳақ ваҳдати башариятро бақову ҳастӣ набошад. Роҷеъ ба вуҷуд Ҷунайди Бағдодӣ гуфтааст: «тавҳид мубоин аст бо вуҷуди Ҳақ ва вуҷуди тавҳид мубоин аст бо илми ӯ. Пас, тавҳид бидоят аст ва вуҷуд ниҳоят аст ва ваҷд восита аст миёни он ду». Вуҷуд дар фалсафаи ботинӣ амри эътиборист [114,396].

Сӯфиён дар бархе аз муносибатҳо сифатҳои Худоро инкор мекарданд. Теологияи онҳо бештар бо муносибати Худо ва олами ашёию инсонӣ, дарки он (Худоро ҳоким ва даркнашавандаи Мутлақ, мавҷудоти асрорӣ) алоқаманд аст [42]. Таълимоти сӯфия шинохти Худоро чунин менигорад: «Ба ҳар чое, ки инсон назар дӯзад, вай дар ҳама чиз Худоро мебинад» [64].

«Сӯфиён расман бар пояи Қуръон боқӣ монда, бо тафсири истиоравии калимаҳои он қонеъ гардида, дар асл ба таълимоти пеш аз мусулмонӣ хеле наздиктар буданд. Фикри тасаввуф дар бораи худопарастӣ ва василаи наздик шудан ба Ӯ бештар ба таълимоти охирин намояндагони фалсафаи бостон — навафлотуниҳо ва фисоғуриён шабоҳат дорад; Дар Ғарб бо Каббалаи аврупоӣ, бо буддоия ва умуман гермитизми ҳиндӣ дар Шарқ низ шабоҳатҳо мушоҳида мешаванд» [49].

Таносуби таълимоти равияҳои калом ва тасаввуф як мавзуи муҳим ва мураккаб дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва гносеологияи исломӣ мебошад. Ҳар дуи ин равияҳо бо мақсади дарк кардани маърифати илоҳӣ ва фаҳмидани ҷойгоҳи инсон дар мавҷудияти улуҳият таъсир доранд, вале ҳар яке роҳи махсуси худро барои расидан ба ин мақсад (маърифати илоҳӣ) пеш мегиранд.

Тафовут ва робитаи таълимоти калом ва тасаввуф:

Мотуридӣ дар «Китоб-ут-тавҳид» беҳтарин роҳи дарёфти маърифатро нишон додааст. «Васоили касби маърифат ба назари вай се чиз аст: аъзои ҳиссӣ (аъён), гузоришҳо (ахбор), ақл (назар)» [324,370]

1. Аъзои ҳиссӣ (аъён):

Инҳо маъхазҳои аввалияи донишанд, яъне иттилооти мо аз ҷаҳон тавассути панҷ узви ҳис: биноӣ, шунавоӣ, ламс, бӯй ва таъм. Ба ақидаи Мотуридӣ ҳиссиёт нахустасоси фаҳми воқеият аст. Аммо, ӯ ба монанди фалсафаи асримиёнагии тоҷик ва юнонӣ (Арасту ва баъдтар ибни Сино), таъкид мекунад, ки ҳис як дараҷаи поёнии маърифат аст, яъне он танҳо маълумот медиҳад, на таҳлил. Яъне, Мотуридӣ ба мисли Афлотун мухолифи ҳис нест, балки онро ҳамчун пояи аввал медонад, ки агар бо ақл таҳлил нашавад, ноқис мемонад. Афлотун мегуфт, ки ҳиссҳо моро фиреб медиҳанд, зеро мо фақат акси ашёро мебинем, на воқеияти онро. Барои мисол, сояи дарахт воқеияти дарахт нест — мо танҳо сояро мебинем, на худи дарахти «аслӣ» -ро, ки дар олами мақулот аст. Аз ин

рӯ, Афлотун дарёфти маърифатро тавассути ақл (разум) мумкин медонист. Мотуридӣ фалсафаи арастуиро «ба унвони усули мабнои ақоиди диниӣ намепазируфт» [324,373]

2. Ахбор (гузоришҳо):

Ахбор ё нақли маърифатӣ маънои гуфтаҳои муътамад ва гузоришҳои шахсиятҳои боэътимодро дорад, хусусан ваҳӣ бар пайғамбарон ва китобҳои илоҳӣ. Мотуридӣ мегӯяд, ки инсон ба маърифати ҳақиқӣ инчунин бо такя бар гузоришҳои ростин мерасад. Ин ҷо Мотуридӣ мисли Имом Ғаззолӣ ва Ашъарӣ мавқеи миёна мегирад: ахборро қабул мекунад, вале ба эътибори мантиқӣ ва ақлгароии онҳо такя мекунад. Ахбор бояд бо ақл созгор бошад, то қобили қабул гардад.

3. Ақл (назар):

Мотуридӣ ақлро болотарин воситаи маърифат мешуморад. Ақл қудрати таҳлил, муқоиса ва бардошт кардани ҳақиқатро дорад. Ӯ мегӯяд, ки ақл метавонад вуҷуд ва ягонагии Худоро бидуни нақл исбот кунад (фалсафаи табиии тавҳид). Ин назари ӯро аз ашъариён фарқ мекунад, ки нақлро боло мегузоранд. Мотуридӣ дар ин маврид ба фалсафаи Арасту ва уламои калом наздик мешавад. Ӯ ақлро на танҳо ҳамчун абзори тафаккур, балки ҳамчун воситаи ахлоқӣ ва эътиқодӣ медонад, ки инсонро ба Худо мепайвандад.

Метавон хулоса намуд, ки Мотуридӣ дар андешаи маърифатшиносӣ (эпистемология) як равиши ратсионалӣ-нақлӣ пешниҳод мекунад. Ӯ ақл, ҳис ва ахборро ҳамчун се пояи такмилкунандаи маърифат медонад. Аммо аз нигоҳи ӯ, ақл ва ваҳӣ асоситарин восита аст, зеро «иктисоб аз ваҳӣ аст ва вазифаи ақл фаҳми саҳеҳи он аст» [324,372]. Ин равиш фалсафаи исломиро бо усули илмӣ ва мантиқӣ ҳамоҳанг мекунад, ки таъсири бузурги Мотуридӣ дар ҷодаи равшанфикрии ақидаи суннатӣ мушоҳида мешавад.

Муқоисаи андешаи Мотуридӣ ва Ибни Сино дар масъалаи манбаъҳои маърифат (эпистемология) як мавзуи муҳим ва амиқ дар фалсафаи исломист. Ҳар ду донишманд нақши ақлро таъкид мекунанд, вале дар тартиб ва таърифашон тафовутҳои муҳиме вуҷуд дорад.

Муқоисаи андешаи Мотуридӣ ва Ибни Сино дар масъалаи манбаъҳои маърифат (эпистемология) як мавзуи муҳим ва амиқ дар фалсафаи исломист. Ҳар ду донишманд нақши ақлро таъкид мекунанд, вале дар тартиб ва таърифашон тафовутҳои муҳиме вуҷуд дорад.

Муқоисаи фалсафии манбаъҳои маърифат дар андешаҳои Абӯ Мансури Мотуридӣ ва Абӯалӣ ибни Сино

Масоили маърифатшиносӣ дар осори Мотуридӣ ва Ибни Сино мавқеи хосса дошта, ҳар ду мутафаккир бо таваҷҷуҳ ба мактабу усули худ ба масъалаи манобеи маърифат рӯшанфикрона назариёт иброз намудаанд. Муқоисаи фалсафии ин манбаъҳо дар чанд самти асосӣ баён мегардад:

1. Дар бораи ақл (тафаккур ва назари ақлӣ). Мотуридӣ ақлро муҳимтарин василаи маърифат медонад ва бар он аст, ки ақл қодир аст вуҷуди Худовандро бе истифода аз манобеи нақлӣ исбот намояд. Барои ӯ ақл пояи тафаккур ва таҳқиқи эътиқодӣ аст. Аз нигоҳи Ибни Сино, ақл на танҳо манбаи аслӣ, балки мояи камолоти инсон маҳсуб меёбад. Ӯ маротиби ақлро шарҳ медиҳад, аз ҷумла, ақли қобил, ақли фоил ва ақли мустафод ва фаҳми маърифатро ба такомули ин маротиб марбут медонад.

2. Дар бораи ҳис (аъён ва идроки зоҳирӣ). Ба назари Мотуридӣ, ҳис ҳамчун манбаи ибтидоии маърифат аҳамият дорад, аммо он маҳдуд ва ғайримӯътамад аст, зеро бидуни таҳлили ақлонӣ наметавонад маърифати комилро таъмин намояд. Ибни Сино низ ҳисро манбаи ибтидоии тасаввур мешуморад, вале муътақид аст, ки шинохти ҳақиқии ҳастӣ танҳо тавассути ақл ва таъаммули фалсафӣ мумкин аст.

3. Дар бораи ахбор (гузориш ва нақл). Мотуридӣ ба нақл, бахусус ахбори муътамади набавӣ, аҳамияти зиёд медиҳад, вале таъкид мекунад, ки онҳо бояд бо ақл мувофиқ бошанд. Яъне, нақлро маҳдуд ба шарти қабули ақлӣ медонад. Ибни Сино нақлро ҳамчун яке аз манобеи маълумот эътироф мекунад, аммо дар фалсафаи ӯ нақши илми набавӣ миёна буда, мақоми аслӣ ба ақл ва шинохти фалсафӣ дода мешавад.

4. Дар бораи илоҳиёт (шинохти Худо). Ба андешаи Мотуридӣ, шинохти Худованд тавассути ақл мумкин ва зарурист; тамоми далелҳои тавҳид бояд асоси ақлонӣ дошта бошанд. Ӯ далелҳои илоҳиро мутлақ ва умумӣ меҳисобад. Ибни Сино Худоро ҳамчун Воҷибулвуҷуд — мавҷуди зарурии фалсафӣ шарҳ медиҳад. Шинохти Ӯ ба воситаи ақл ва маърифати ҳадсӣ амалӣ мегардад.

5. Мавқеъ нисбат ба ҳис ва нақл. Мотуридӣ мавқеи мутавозинро ишғол мекунад: ҳис ва нақлро мепазирад, аммо танҳо ақл ва ваҳйро қобили эътиқоди қатъӣ медонад. Ибни Сино ба ҳис ва нақл аҳамияти камтар дода, онҳоро дар муқоиса бо ақл манбаи дуюмдараҷа мешуморад. Фалсафаи ӯ ба равиши ақлгароёна ва муҷаррадгароёна тамоил дорад.

6. Мақсади маърифат. Аз нигоҳи Мотуридӣ, ҳадафи маърифат шинохти Худованд ва ислоҳи эътиқоди динӣ мебошад. Аммо Ибни Сино камоли маърифатро дар иттиҳоди инсон бо ақли фоил ва дарки ҳақиқати ҳастӣ мебинад, ки омили наҷот ва саодати рӯҳонист.

Равияи калом дар асл ба таҳқиқи илмии маърифати илоҳӣ бо истифодаи ақл ва далелҳои ратсионалӣ нигаронида шудааст. Мутакаллимон, намояндагони ин равия, асосан ба саволҳои назарӣ ва ратсионалӣ дар масъалаи маърифати Худо ва ҳақиқати динии инсон таваҷҷуҳ мекунанд. Калом ба фаҳмидани фарз ва сабабҳои ҷузъии вуҷуд ва масъалаҳои ахлоқии инсон аз ҷиҳати ақл ва дарки ратсионалӣ асос мегузорад. Дар ин нукта, инсон ҳамчун як мавҷуди маҳдуд бо

маҳдудиятҳои хеш ва қобилиятҳои ақлӣ маърифати илоҳиро тавассути ин ақли маҳдуд ба даст меорад.

Дар муқобили калом, тасаввуф ба як равияи ирфонии исломӣ табдил ёфтааст, ки дар он асосан таваҷҷуҳ ба маърифати бевосита ва эҳсосии ирфонӣ аст. *Сӯфиён ба маърифати илоҳӣ бо роҳи дарк ва эҳсоси дохилӣ тавассути илҳом, кашф ва шуҳуд мерасанд. Тасаввуф ҳамчун як равияи ирфонӣ ба ақл ва ратсионализм бо шакли субъективӣ ва ирфонии маърифат эътибор медиҳад, ки инсонро ба мақсади ниҳоии худ, ки ҳулул ва фузули илоҳии Худо аст, мерасонад.*

Мутакаллимони анъанавӣ шаклҳои маърифати илоҳиро бо «кашф» ва «шуҳуд» пайваст мекунанд. Кашф ва шуҳуд ҳамчун воситаҳои дарки илоҳӣ дар тасаввуф нақши муҳимро мебозанд. Ин ду шакл, ки нисбатан субъективӣ ва ирфонӣ ҳастанд, барои фаҳмидани ҳақиқати мафҳумҳои илоҳӣ аҳамияти калон доранд.

Илҳом ва ваҳӣ дар таълимоти калом мавқеи асосиро ташкил мекунад, ки дар равияҳои фиққу тасаввуф ва ғ. шаклҳои маърифати ҳадсиро ташкил медиҳанд. Дар таҳлили масъалаи ҳастии Худо ва сифоти Ӯ дар баробари шаклҳои ратсионалӣ усулҳои маърифати ҳадсиро васеъ истифода мебаранд [188,349].

Дар калом, равандҳои маърифати илоҳӣ дар шаклҳои объективӣ ва таҳқиқи ратсионалӣ тавсиф мешаванд. Маърифати илоҳӣ дар ин равия асосан бо далелҳои ақлӣ ва илмӣ баррасӣ мешавад. «Тасаввуф аз назарияи маърифати калом фарқ дорад.. Агар дар калом имкониятҳои маърифати инсони маҳдуд ба мутлақ табдил ёбад, дар таълимоти сӯфия нотавонии инсон тавассути тай кардани зинаҳои камолот, дар охир, то ба ҳулули Худованд мерасонад» [188,337].

Дар тасаввуф, маърифати илоҳӣ асосан субъективӣ ва ирфонӣ аст. *Маърифат дар тасаввуф на танҳо дарк кардани ҳақиқат аз тариқи ақл, балки эҳсоси ҳақиқати даркшуда дар байни субъект ва объект аст.*

Шаклҳои олии маърифати илоҳӣ дар тасаввуф ҳамчун «кашф» ва «шуҳуд» дарк мешаванд, ки ду вожа барои тавсифи раванди дарки бевосита ва эҳсосии Худо ва маърифати илоҳӣ ба кор бурда мешаванд.

Зоти илоҳӣ муназзаҳ аз мода ва аз ҷамии сифот аст. Ройи сӯфиён дар ин маврид ҳамон ройи мӯътазила аст [273,275].

Чанд нуктаи амиқи фалсафӣ ва каломӣ аст, ки дар атрофи он баҳсҳои зиёде дар таърихи тафаккури исломӣ сурат гирифтааст. Барои дарк ва таҳлили илмӣ-фалсафии ин изҳор, бояд аввал мафҳумҳои асосӣ ва контексти таълимоти мӯътазила ва сӯфиёнро баррасӣ кунем.

1. Муназзаҳ будани Зоти Илоҳӣ аз мода ва сифот.

Ба таври умум, ин ғоя бар асли танзих асос ёфтааст, яъне пок донистани Зоти Худо аз ҳама гуна шабоҳат ба махлуқот. Муназзаҳ аз мода маънои онро дорад, ки Худо ҳамчун Зоти Мутлақ ва Лоязол, дар табиати худ маҳдудаи масоҳат, ҳаракат, вақт ва дигар хусусиятҳои модӣ надорад. Муназзаҳ аз сифот бошад, маъно дорад, ки Худоро наметавон бо сифот ё сифатҳое, ки ба махлуқот нисбат дода мешаванд, таъриф ё таъйин кард. Чунин назариёт бештар ба мактаби мӯътазила мансуб аст.

2. Назари мӯътазила дар бораи сифоти Худо.

Мактаби мӯътазила, ки як равияи каломии ақлгароёна дар Ислом аст, таълим медиҳад, ки Худо якто ва ғайримураккаб аст. Онҳо ба сифоти зотӣ, ба монанди илм, қудрат, ҳаёт, ирода ва ғ. ҳамчун ниҳон дар зот нигоҳ мекунанд, на сифоти мустақили иловагӣ бар Зот. Яъне, агар бигӯем, ки Худо доност, мӯътазила бар ин аст, ки *доной* чизе ҷуз худи зоти Худо нест. Ин ба хотири ҳифзи тавҳид (яктопарастӣ) аст, то ки касрати сифот, ба шакли тасаввурии фардҳо, боиси бисёрӣ дар зот нагардад.

Сӯфиён дар ин маврид ба танзихи мутлақ таъкид мекунанд. Онҳо бо зикри «Зоти ғайри машҳуд», «ҳақиқати мутлақа», «ғайби-л-ғуюб» ва амсоли ин, зоти Худоро берун аз ҳама гуна таъриф ва тавсиф медонанд.

Дар ирфони назарӣ, бахусус дар таълимоти Ибни Арабӣ ва пайравони ӯ, гуфта мешавад, ки Зоти Худо на танҳо аз сифат, балки аз тамоми шакли дарки ақлӣ ва тасаввурӣ берун аст. Дар ин маънӣ, сӯфиён ба як навъ танзихи ирфонӣ мерасанд, ки ҳатто аз танзихи мутакаллимон ҳам фаротар меравад.

4. Оё ройи сӯфиён ҳамон ройи мӯътазила аст?

Ин ҷо бояд бо дақиқ фарқ гузошт:

-Мӯътазила тавассути ақл ва мантиқ ба натоиҷи танзих мерасад.

-Сӯфиён тавассути таҷрибаи ирфонӣ ва шуҳуд ба ин фаҳмиш мерасанд.

Ҳарчанд натиҷа, яъне *тазкияи Зоти Худо аз мода ва сифот* дар зоҳир монанд аст, роҳ ва маншаи маърифат комилан фарқ мекунад. Барои мӯътазила, ин як хулосаи мантиқист. Барои сӯфия, ин ҳолати *фано* ва шинохти ирфонист, ки дар он худи «сифатҳо» ҳамчун пардаҳои маърифати зот фаҳмида мешаванд.

Дар мавриди *Зоти илоҳӣ муназзаҳ аз мода ва сифот аст* ба як нуқтаи авҷи фаҳмиши метафизикии исломӣ мерасад, ки дар он ҳар гуна сифат ва шумора барои Худо наметавонад татбиқ шавад. Дар ин росто:

- Мӯътазила бо далели фалсафӣ ва муҳофизати тавҳид инкор мекунад, ки сифот мустақил аз зот бошанд.
- Сӯфиён бо таҷрибаи ирфонӣ ба ҳадде мерасанд, ки ҳатто сифотро ишораи зоҳирӣ мешуморанд ва аз зот ҷудо мекунанд.

Пас, ***монандӣ дар натиҷа ҳаст, вале ихтилоф дар роҳ ва усули маърифат, ки ин ҷузъи таносуби амиқи таълимоти калом ва тасаввуф аст.***

Дар калом, мақсади инсон барои дарки илоҳӣ тавассути қисмат ва шароити ақлӣ ҳал мешавад. Ба таври назариявӣ, инсон метавонад маърифати илоҳиро тавассути истифодаи ақл ва донишҳои ратсионалӣ касб кунад. Дар калом, инсон як мавҷудияти маҳдуд аст, ки наметавонад

мустақилона ба дарк ва ҳисси бевосита расад, балки бояд бо далелҳо ва асосҳои илмӣ мавҷудияти Худоро фаҳмад.

Дар тасаввуф, мақсади инсон гузаштан аз равандҳои ратсионалӣ ва расидан ба маърифати илоҳӣ тавассути равишҳои ирфонии субъективӣ аст. Ин маърифат на танҳо бо ёдоварӣ ва таҳлили ақлӣ ба даст меояд, балки бояд бо истифода аз таҷрибаҳои ошноӣ, илҳом ва шуҳуд дарк шавад. Мақсади ниҳоии тасаввуф дар он аст, ки инсон на танҳо ба дониши илоҳӣ расад, балки бо Худо якҷо гардад ва дар манзари эзоҳии ғазал ва ирфони тасаввуф ҳарфи наслро чун «ҳулул» қабул кунад. Ба назар мерасад, ки калом ва тасаввуф дар таҳқиқи маърифати илоҳӣ ва касби илҳом ва ваҳӣ дорои фарқиятҳои амиқ мебошанд. Дар калом, маърифати инсон ба мутлақ маҳдуд аст ва танҳо тавассути ақл ва иқтидори ратсионалӣ шарҳ дода мешавад, ки ба тадриҷ раванди дарки илоҳӣ ва эҳсоси мукаммали Худо таъсир мерасонад. Вале дар тасаввуф, ҳарчанд инсон дар оғоз бо нуқсони ақл ва таҷриба рӯбарӯ аст, раванди маърифат ба воситаи илҳом ва тафаккури бевосита ба фазои ирфонӣ роҳ меёбад. Дар ин ҷо, маърифат на танҳо дар раванди ақлӣ, балки дар як равандҳои иронии субъективӣ ва ғояҳои ирфонии ба кор бурда мешавад.

Мақоми субъект ва объект дар таълимоти мутакаллимон ва сӯфиён

Калом: мантиқ ва ақл асоси ба таври ратсионалӣ расидан ба маърифати илоҳӣ мебошад. Ин равияи фикрӣ маърифати илоҳӣ ва мавҷудияти Худоро дар чаҳорчӯбаи ақлӣ ва объективӣ мебинад. Маълумот дар *калом* одатан аз ҷиҳати илмӣ ва мантиқӣ таҳлил мешавад.

Тасаввуф: Дар тасаввуф, маърифат субъективӣ ва ирфонӣ аст. Ин равия ба таҷрибаҳои дохилӣ, эҳсосот ва таъсироти фардӣ диққат медиҳад. Маърифати илоҳӣ дар тасаввуф на танҳо як илми ақлӣ, балки як таҷрибаи равонии ва рӯҳонӣ мебошад.

Дар сӯфия кашфу илҳом ҳамчун шаклҳои олии маърифат ба субъект имконият медиҳад, ки дар худ тавассути пешгӯӣ ҳақиқати ирфониро боз

намояд. Усулҳои дарки маърифати илоҳӣ дар таълимоти сӯфия ва калом бештар дар характеру ғояҳо мувофиқат доранд, вале фарқият ҳам мушоҳида мешавад. *Тафриқаи воқеӣ ҳамин аст, ки дар сӯфия усулҳои маърифати илоҳӣ характери ирфонию субъективӣ доранд, аммо дар калом ирфонию объективӣ. Ин бо фалсафаи субъективии тасаввуф ва фалсафаи объективии калом алоқаманд аст. Ба ҷуз ин, гносеологияи тасаввуф унсурҳое дорад, ки барои исботи асосҳои скептикӣ равона шудаанд ва ин дар гносеологияи калом вонамехӯрад.* [92,350]

Дар таълимоти тасаввуф ҳулул бо Худо дарёфтан ҳам дар муқоиса бо калом, ки дар он тавсеаи маърифати инсон дар раванди ақл ва илм аст, аз хусусиятҳои фарқкунандагӣ маҳсуб меёбад.

Муносибати ирфон бо фалсафаи мантиқӣ ва калом: таҳлили методологии муқоисавӣ

Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки ирфон, калом ва фалсафаи машшоия ҳарчанд дар заминаи маърифати ҳақиқат ва шинохти ҳастӣ ташаккул ёфтаанд, вале равишҳои методологӣ ва манбаъҳои шинохти онҳо комилан фарқ доранд. Муайян гардид, ки ирфон ҳамчун равиши маънавӣ ва ботинӣ, шинохти ҳақиқатро тавассути таҷрибаи қалбӣ, шуҳуд ва ҳолоти рӯҳонӣ амалӣ месозад, дар ҳоле ки фалсафаи машшоияи шарқӣ ба истидлоли мантиқӣ ва ақл такя мекунад ва калом кӯшиш менамояд байни ақл ва нақл тавозун барқарор созад.

Аз дидгоҳи методологӣ, ирфон маърифатро на ҳамчун хулосабарории мантиқӣ, балки ҳамчун таҷрибаи зиндаи рӯҳонӣ ва васл бо зоти мутлақ дарк мекунад. Таҷрибаҳое чун фано, ваҳдат, зикр ва ишқ, ки дар маркази системаи ирфон қарор доранд ва имкони расидан ба маърифатро берун аз қолабҳои ратсионализм фароҳам месозанд.

Дар муқоиса, фалсафаи машшоия ба воситаи таҳлили мантиқӣ, қиёс ва бурҳон шинохти марҳила ба марҳилаи ҳақиқатро пешниҳод мекунад. Шинохт дар ин равия бештар табиати назариявӣ, тартибӣ ва абстрактӣ

дорад. Каломи исломӣ бошад, ба ҳимояи ақоиди динӣ тавассути қоидаҳои мантиқӣ ва нақлӣ равона шудааст ва бештар хислати дифоӣ дорад. Истифодаи истидлоли ақлӣ дар калом танҳо дар доираи устуворсозии ақидаҳои эътиқодӣ сурат мегирад ва шакли баҳсӣ (ҷадал) дорад.

Ин таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар фазои фикрии асрҳои миёнаи исломӣ, хусусан дар муҳити фарҳангии тоҷикон, бо вуҷуди мухолифати зоҳирии ин равишҳо, ҳолатҳои ҳамзистӣ ва таъсиргузории мутақобила низ ба вуқуъ пайвастааст. Ба вижа, равиши ирфонӣ дар рушди ҷанбаҳои ахлоқӣ, маънавӣ ва рӯҳонии калом таъсири амиқ гузоштааст, ки намунаи равшани он дар таълимоти Муҳаммад Ғазолӣ мушоҳида мешавад.

Хулоса, ирфонро метавон ҳамчун равиши мустақили маърифат, ки дорои методологияи ботинӣ ва таҷрибавии хос аст, дар баробари фалсафаи мантиқӣ ва калом баррасӣ намуд. Ин равиш бо такя ба таҷрибаи рӯҳонӣ, на танҳо роҳи шинохти ҳақиқат, балки низоми мукаммали худсозӣ ва инсони комилро пешниҳод менамояд.

Тафриқа дар назарияҳои скептикӣ ва гносеологӣ

Дар назарияи маърифати тасаввуф ва калом ҳам тафриқа мушоҳида мешавд. Дар калом маърифат ба таври объективӣ ва дар тасаввуф ба шаклҳои субъективӣ ва ирфонӣ баррасӣ мешавад. Таносуби таълимоти калом ва тасаввуф дар муқоиса бо якдигар дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик як масъалаи муҳими гносеологист. Калом бештар ба рӯҳияи ратсионалӣ ва мантиқӣ таваҷҷуҳ мекунад, дар ҳоле ки тасаввуф на танҳо дарки ақлӣ, балки эҳсосот ва таҷрибаҳои ирфонии инсонро низ дар бар мегирад. Ин ду равия, ҳар ду бо мақсади дарки маърифати илоҳӣ ва шинохти Худо роҳҳои гуногунро пеш мегиранд ва дар натиҷа, ҳар яке нақши муҳим ва муайян дар мантиқ ва ирфони исломӣ мебозад.

Дар натиҷа, ҳамоҳангии ҳамзамон ва тафовутҳои амиқи байни калом ва тасаввуф нишон медиҳад, ки ҳар як равия дар фаҳмидани маърифати илоҳӣ дар ҷодаи ташаккул додани шинохти динии инсон нақши худро мебозад. Дар таҳлили гносеологии калом ва тасаввуф, мувофиқатҳо ва фарқиятҳои амиқ миёни онҳо ба як таҳқиқи пурраи маърифати илоҳӣ, ки аз самти субъективӣ ва объективӣ ба назар мерасанд, кӯмак мекунад.

Тасаввуф бо гуногунрангӣ, бо зуҳуроти хоси худ, аз асрҳои аввали пайдоиши ислом ба ҳаёти маънавӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои мусулмон ворид шуда, дар ҳамаи ин соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъсири бузург гузоштааст. Аммо бо суқути Хилофат дар асрҳои XI-XII ҷангҳои харобиовар ва тарки макон кардан тез-тез ба амал меомаданд, ки дар натиҷаи ин аҳволи оммаи меҳнаткашон хеле бад шуд. Рӯҳафтодагӣ дар ҷомеа ҳукмрон шуда, зоҳидӣ ва ирфон паҳн гардид ва заминаи инкишофи тасаввуф ба вуҷуд омад. Чунон ки файласуфи россиягӣ М. Степанянс кайд мекунад, танҳо дар асоси шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ муайян кардани пайдоиши ғоявии он кифоя нест. Онро бояд як маҳсули таҳаввулоти маънавии мусалмонон донист, ки танҳо дар партави шароити мувофиқи ақидавӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ фаҳмидан мумкин аст.

М. Степанянс дар асари худ тасаввуфро аз ҷиҳати таърихию фалсафӣ таҳлил кардааст: «Он (тасаввуф) маҳсули шуури элита ва дар айни замон дини мардумӣ буд; хамчун шакли эътирози иҷтимоӣ ба муқобили системаи ҳукмрони сиёсӣ ва таълимоти расмии диние, ки онро равшан мекунад, хизмат мекард, вале барои ором кардани диндорон ва пахш кардани фаъолияти маънавию иҷтимоии онҳо низ истифода мешуд. Тасаввуф илми ҳолро ба тафаккури оқилона муқобил гузошта, дар айни замон, ҳамчун яке аз навъҳои озодфикрии динӣ амал мекард, ки аксаран бо фалсафа пайвастааст» [259,3].

Ҳамин тавр, масъалаи ҳастишиносӣ дар заминаи баҳсҳои динӣ ва мазҳабӣ баррасӣ гардида, маълум шуд, ки ин баҳсҳо, доир ба масоили мавҷудияти Худо, озодии ирода, табиати инсон ва ҳақиқати олам матраҳ мегардидаанд. Равияҳои каломӣ, мисли мӯътазилия ва ашъария, фаҳмиши мутанаввеи ҳастиро бо илоҳиёт омехта карда, ба баҳси озодии ирода ва муносибати Худо бо олам пардохтанд. Аз тарафи дигар, дар фалсафа ва тасаввуф ҳастӣ бо шаклҳои гуногуни худ – зоҳир ва ботин, зарурӣ ва мумкин, воҷиб ва модӣ – таҳлил шудааст. Ин баҳсҳо дар эҷоди мухолифати зоҳирӣ, аммо ҳамкории зеҳнӣ байни ақл ва имон нақши муайян гузошта, боиси ташаккули назарҳои гуногун нисбат ба ҳастӣ гаштаанд. Муҳаққиқ чунин андеша дорад, ки мубоҳисаҳои файласуфону мутакаддимони калом, сарфи назар аз ихтилоф, барои амиқтар гардидани фаҳмиши ҳастӣ заминаи қобили мулоҳиза муҳайё карданд.

Таҳлили равобити миёни тасаввуф ва калом дар даврони асримиёнагии тоҷикӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз ихтилофоти зоҳирӣ дар усул ва ангеза, ин ду равияи фикрӣ дар шаклгирии як хидмати муштарак ба шинохти Худо ва ҳақиқат бо ҳам дар иртибот ва таъсиргузорӣ қарор доштанд. Тасаввуф бо асоси маънавии худ, ки бар таҷриба, илҳом ва тозагии рӯҳӣ асос ёфтааст, ба муҳити фалсафии калом рӯҳ ва ангезаи маънавии нав бахшидааст.

Муайян шуд, ки ҳарчанд равияҳо мухталифанд — ирфон ирратсионалӣ ва фалсафа ратсионалӣ, вале ҳарду ба як ҳадаф: шинохти ҳастии воқеӣ ва камолоти инсонӣ равона шудаанд. Ин ду раванд дар муҳити фикрии Хуросон бо ҳам муколамаи созанда доштаанд.

Исбот шуд, ки шинохти ирфонӣ на бо бурҳон, балки бо илҳом, шуҳуд ва таҷрибаи фардии рӯҳонӣ сурат мегирад. Ин ҷанбаҳои ирратсионалӣ ирфонро ба як низоми маърифатии алтернативӣ табдил медиҳанд, ки аз доираи маҳдуди мантиқ берун буда, ба сатҳи умқи ботин ворид мегардад.

Инчунин таҳқиқ шуд, ки тасаввуф ба фалсафаи калом низ таъсири амиқ расонида, дар робитаи мутақобила мебошад. Дар муҳити фикрии асрҳои X-XII баъзе мутафаккирони калом мафҳумҳои ирфониро қабул намуда, ҷаҳони ботинии маърифати илоҳиро ба фаҳми мантиқии ақоид пайвастаанд. Ин раванд, махсусан дар афкори Муҳаммад Ғазолӣ, ҳамчун намунаи ҳамгироии фалсафаи динӣ ва ирфон возеҳ аст.

Ирфон дар асрҳои X-XII ҳамчун як низоми маънавӣ, маърифатӣ ва ҳастишиносӣ ташаккул ёфтааст, ки бо василаи тақрибаи ботинӣ ва ишқи илоҳӣ роҳи фаҳми ҳақиқатро мекушояд. Он дар баробари фалсафа ва калом, на танҳо мавқеи м2стақил, балки нақши таъсиргузор ва мутақобила дорад. Дарк ва таҳлили масоили ҳастишиносӣ дар ирфон бо раванди хоси худ, бо такя ба тақрибаи зинда ва ахлоқии инсон, дар ташаккули ҷаҳонбинии маънавии тамаддуни исломӣ, бахусус дар муҳити тоҷику форс, саҳми арзанда гузоштааст.

БОБИ IV. ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ МАСОИЛИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ ВА ТАСАВВУФ ДАР АСРҲОИ X-XII

Таҳқиқи масъалаҳои ҳастишиносӣ дар таълимоти ду равияи бонуфузи андешаи исломии тоҷикон — машшоияи шарқӣ ва тасаввуф на танҳо барои фаҳми умумии таърихи фалсафа, балки барои дарки амиқи низоми маърифатӣ ва фарҳанги фикрии миллӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи Арасту ва таҳрири мукаммали он дар осори Ибни Сино бо такя ба мантиқ ва қонунҳои ақлӣ дар доираи маърифати онтологӣ тавзеҳ карда мешавад. Аз дидгоҳи Арасту, ҳастӣ ҳамчун як навъи иерархияи моҳияти воқеият мавриди муҳокима қарор мегирад, ки дар он ҳамаи мавҷудот дар як низоми мантиқӣ ва оқилона мавқеъ доранд. Ибни Сино ин баёнияҳоро дар рамзи «Воҷибул-вуҷуд» ва «Мумкин-л-вуҷуд» такмил дод. Ҳастӣ, ба андешаи Ибни Сино на танҳо мавҷуд аст, балки бо истифода аз ақл ва истидлол шинохташаванда аст.

Дар таълимоти тасаввуф масъалаи ҳастӣ тавассути таҷрибаи ботинӣ, шуҳуд ва ҳол шарҳ меёбад. Агар машшоия ба маънои «илми афкор» ва ё фалсафаи ақлӣ маъруф бошад, пас тасаввуф ҳамчун «илми ҳол» (илм ва шинохти зоҳирии худи инсон) таъриф карда мешавад. Тасаввуф ҳастиро на танҳо чун як мантиқ ё абстраксия, балки чун таҷассум ва таҷаллии Худо дар олам мебинад. Тасаввуф ба таърифи ваҳдати ҳастӣ ва Худо эътибор медиҳад, ки онҳо дар як низоми ваҳдати зотии мутамарказ қарор доранд ва инсон метавонад тавассути поксозии нафс ва маърифати ирфонӣ, бо муҳаббат ва тадқиқи ботинӣ, ба ваҳдат ва ҳақиқати олам расад. Аз ин рӯ, тасаввуф дар фалсафаи худ таҷрибаи воқеии рӯҳонӣ ва маънавии инсонро ҳамчун манбаи асосии шинохти ҳастӣ ва ҳақиқат ба назар мегирад.

Таҳлили муқоисавии ин ду равияи фикрӣ дар доираи масъалаҳои калидии ҳастишиносӣ аз ҷумла, нисбати Худо ва олам, ҳаракат ва вақт, фазо, инсон ва рисолати ӯ имкони равшан кардани на танҳо тафовутҳои мантиқӣ ва методологиро медиҳад, балки шароити умумии ташаккули фикрӣ ва тамаддунсозии ин ду равияро низ муайян месозад. Машшоия бо методи тартибдодашуда ва тарҳи мантиқии худ бештар бо фалсафаи ақлгароён ҳамоҳанг аст, дар ҳоле ки тасаввуф бо усули ирфонӣ ва шинохти таҷрибавии ботинӣ бештар ба фалсафаи экзистенсиалӣ ва арзишҳои сирф инсонӣ наздикӣ дорад.

Хусусан муҳим аст, ки дар ин боб, дар партави муқоиса, масъалаи инсон ва мавқеи ӯ дар олам таҳқиқ мешавад. Машшоия инсонро ҳамчун мавҷуди оқил мебинад, ки бо ақлу дониш метавонад қонунияти оламро дарк кунад. Дар муқобил, тасаввуф инсонро мисли як марҳилаи сайри рӯҳонӣ мебинад, ки тавассути фано ва зуҳур метавонад ба воҳдати ҳақиқат бирасад. Ин тафовут, ки яке дар фалсафа бо ақл ва дигаре бо дил сурат мегирад, дар ниҳояти амр, ду роҳи мухталиф, вале ҳамҳадафро дар шинохти ҳастӣ ифода мекунад.

Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии масоили ҳастишиносӣ дар ин боб на танҳо бар рӯшан сохтани моҳияти фалсафии ин ду равия равона шудааст, балки ба шиносоии таъсироти мутақобила, нуқтаҳои бархурд ва ҳамзистии фалсафа ва ирфон дар як муҳити фикрии муштарак низ равона мегардад. Дар ҳамин замина, яке аз вазифаҳои муҳими ин таҳқиқот нишон додани нуқтаи иртибот ва табодули методологӣ миёни мантиқи истидлолии машшоия ва таҷрибаи илоҳии тасаввуф мебошад.

Ин муқоиса дар заминаи фарҳанги фалсафии тоҷикон, ки ҳам анъанаи фалсафаи юнонӣ ва ҳам ирфони исломиро дар худ ҳифз кардааст, аҳамияти тамаддунӣ касб мекунад. Боби чаҳорум маҳз ба равшан кардани ҳамин иртибот, ихтилоф ва ҳамсозии фикрии байни ин ду шохаи муҳими андешаи асримиёнагӣ бахшида шудааст. Он кӯшиш

мекунад нишон диҳад, ки ҳарчанд роҳҳо мухталифанд — мантиқ ё ҳол, истидлол ё шуҳуд, назар ё ишқ, аммо ҳадаф якест: шинохти ҳастии аслӣ ва ҷойгоҳи инсони комил дар он.

4.1. Муқоисаи назарияи аҳли машшоъ ва тасаввуф дар масъалаи Худо ва олам

Дар ин зербоб методи муқоисавӣ-фалсафӣ ва герменевтикӣ истифода шуда, фаҳми мафҳумҳои «Худо ва олам» дар фалсафаи машшоия ва тасаввуф муқоиса шудаанд.

Масъалаи таносуби Худо ва олам яке аз масъалаҳои калидии фалсафаи илоҳӣ ва ҳастишиносӣ дар тамаддуни исломӣ маҳсуб мешавад. Дар асрҳои X-XII, ду равияи бузурги фикрӣ — фалсафаи машшоия ва таълимоти тасаввуф кӯшиш намудаанд, ки ин масъалаи печида ва амиқи онтологиро ҳар кадом аз дидгоҳи хоси худ шарҳ ва асоснок намоянд.

Аҳли машшоъ бо такя ба бурҳону мантиқ, ҷаҳон ва Худоро ҳамчун ду воқеияти иртиботдор, вале мустақил ва бо тартиби иллату маълул мебинанд. Ба ақидаи онҳо, Худо ҳамчун иллати аввал, оламро дар асоси зарурат офаридааст ва миёни Худо ва махлуқ иртиботи сабабиву табиист.

Дар муқоиса бо онҳо, орифон бо такя ба таҷрибаи ботинӣ ва шинохти рӯҳонӣ, таълим медиҳанд, ки таносуби Худо ва олам на дар шакли ҷудогона, балки дар шакли *ваҳдат* қарор дорад. Дар тасаввуф, Худо на танҳо офаридгор, балки ҳузури доимӣ дар вуҷуд аст; яъне олам таҷаллии зоти ӯст ва ҷудоӣ байни холиқу махлуқ як иллюзияи шуури маҳдуд мебошад.

Дар ин зербоб таҳлили муқоисавии таълимоти ин ду равия — машшоия ва тасаввуф, фарқ ва умумияту монандии онҳо дар мавзуи таносуби Худо ва олам муайян шуда, табиати онтологии тафаккури фалсафӣ ва ирфонӣ дар тамаддуни исломии тоҷикон равшан гардид.

Барои олимон ва файласуфону теологҳои асримиёнагии тоҷику форс ҳақиқати онтологӣ ин як ҳақиқати худ аз худ маълум буд. Баҳсҳои теологӣ ва фалсафии онҳо на бо таваҷҷуҳи абстрактии назариявӣ, балки бо ҳалли масъалаҳои амалии сохти ҷамъият ва давлат, муайян кардани арзишҳо ва идеалҳои ҳаёти мушаххаси фард, дар шароити мушаххаси иҷтимоӣ, муайян карда мешуд. Аз ин рӯ, таҳқиқ намудани назарияи маърифат ва таълимоти ҳақиқати онтологии Ибни Сино ва равияҳои динию фалсафӣ оид ба Худо, олам, рӯҳ, инсон ва ғ. ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳақиқати ашё аз мавҷудияти он вобастагӣ дорад ва донистани ашё, дар ниҳояти кор, то донистани мақоми онтологии он дар занҷири мавҷудияти куллӣ, ки тамоми сифатҳо ва вижагиҳои онро муайян мекунад, идома меёбад. Ҳама чиз дар ҷаҳон, танҳо ба туфайли далели мавҷудияти худ, ба ҳастӣ дохил мешавад; танҳо Худо ё Ҳастии пок, ки мабдаъ ва офарандаи ҳама ашёи олам аст, ҳалқаи аввалини занҷири давомдор нест ва аз ин рӯ, бо ҳастии олам «субстансионалӣ» ва «уфуқӣ» иртибот надорад [193,8-13]. Баръакс, Худо қабл аз Олами Кул аст ва ба олам ҳвқриқи мутаолӣ (транседенталӣ) аст. Дар ин маънӣ андешаҳои Ибни Синоро аз бахши «Илоҳиёт» - и ӯ мисол меорем ва ташреҳ медиҳем.

а) «Рисолаи аршия» дар ягонагии Аллоҳ таъоло ва сифоти ӯ. Ин рисола бо хоҳиши дӯстони Ибни Сино, ки дар маҳфилҳои илмӣ бо ҳам машварат мекарданд, дар мавзуи ҳақиқати тавҳид ва сифатҳою афъоли Худо, навишта шудааст. Рисолаи мазкур аз се асл иборат аст:

-исботи Худо;

-ягонагии Аллоҳ таъоло;

-инкори иллатҳои аз ӯ содиршаванда.

Дар асли якум исбот менамояд, ки **Худо (Воҷибулвуҷуд) ҳаст ва ба сабаб ниёзманд нест**. Барои исботи ин масъала омилҳои муайянкунандаи

мавҷуд ва вуҷудро собит менамояд. Мавҷуд ба андешаи ӯ барои ҳаст шуданаш ё сабаб дошта бошад ё надошта бошад. Агар сабаб дошта бошад мумкин аст ва ҳар он чи вуҷудаш мумкин аст, ба вуҷуд дохил мешавад, ҳарчанд қабл аз вуҷуд ё дар зеҳн мавҷуд бошад. Агар мавҷуд барои ҳастии худ сабабе надошта бошад, пас Худо аст. Ин қоида ба он маънӣ аст, ки «дар вуҷуд мавҷуде ҳаст, ки дар вуҷуди хеш сабаберо доро нест» [13,475].

Ба қавли Сино, агар мавҷуд абстрактӣ набуда, дидашаванда бошад, пас, мавҷуде будааст, ки яке қабл аз дигаре буда метавонист. «Ҷавҳари мавҷуд дар ғайри мавзуъ аст, маънии онро дар назар надорем, ки мавҷуд ҳамон мавҷудест, ки ҳоли мавҷудӣ дорад... Агар мавҷуд дар назарҳо намоён бошад, пас вай дар мавзуъ набудааст» [14,292].

Сабаби ҳастии мумкинулвуҷуд бар нестиаш афзалтар аст ва бинобар он ки сабабаш вуҷуди мумкин дорад, ба ҳастӣ дохил намешавад. Пас, чизҳое, ки мумкинулвуҷуданд нисбат ба ҳамдигар ба интиҳо мерасанд ва ниҳояти онҳо дар Худо анҷом меёбад. Аз ин рӯ, Воҷибулвуҷуд – Худо ва мумкинулвуҷуд ҳама олами моддию муҷаррад мебошанд.

Дар асли дуввум Ибни Сино исбот намудааст, ки **Худо яккаву ягона аст.** Ба андешаи ӯ ҳар чизе, ки духура аст аз ҳам бояд фарқ дошта бошад (ё зотӣ ё аразӣ). Араз, ки баъди анҷом пазируфтани зоти чиз ба он ҳамроҳ карда мешавад, ё яке онро дошта бошад ё ҳарду. Дар ин сурат «аразӣ пеш аз чизе бошад, ки лозим барои вуҷуд аст ва дар яке аз онҳо бошаду дар дигаре на, пас, он чизе, ки араз надорад Воҷибулвуҷуд хоҳад буд» [13,476].

Агар бо зот аз ҳам тафриқа дошта бошанд, яъне ҳар ду зотӣ бошанду бо он зотӣ аз ҳам фарқ кунанд, пас, ҳар яке таркибёфта маҳсуб меёбад ва он натиҷа аст. Дар ин сурат онҳо Худо нестанд. Агар сифати

зотиро яке аз онҳо надошта бошад ва таркибёфта ҳам набошад, пас Худо аст. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки Худо яккаву ягона мебошад.

Худо сабаби ҳаст шудан надорад, зеро сабабҳо чор хел мешаванд ва Ӯ ниёз ба ин иллатҳо надорад:

«- Он чи аз вай бархезад, ки ҳамон иллати фоъилист;

- он чи ҳастии чиз аз барои вай аст, ки он ҳамон иллати ғойи тамом аст;

- он чи вуҷуди чиз дар он аст, ки иллати моддист;

он чи тавассути он вуҷуди чиз (ҳаст мегардад) иллати суварист» [13,477].

Ибни Сино аз иллати чаҳоргона дар китоби мантиқи «Наҷот» ёд карда, ҳамзамон дар бахши илоҳиёти «Наҷот» низ ду иллати дигареро илова менамояд, ки дар «маҷмуъ шашто мешаванд. Ин ду иллат, иллати асосӣ набуда, балки иллати иловашуда (фаръӣ) мебошанд. (Ниг.: Ибни Сино, Ан-Наҷот. Қоҳира, 1337. С. 83-84)

Ибни Сино дар рисолаи аршия бар замми се асл, дар бораи ягонагии Худо ва ҳафт сифати Ӯ ибрози ақида намуда, аз нуқтаи назари мантиқӣ афкори хешро собит намудааст. Ибни Сино ҳафт сифоти Худоро чунин ташреҳ менамояд:

-дар сифати аввал дар бораи ягонагӣ, илм, олим ва маълум будани Воҷибулвуҷуд ба хулосае меояд, ки Воҷибулвуҷуд зотан доност. Ба андешаи ӯ Худо якто ва аз сифат орӣ аст ва илм ҳосил кардани он ҳақиқатест, ки абстрактӣ аст. Азбаски Худо яктост ва ҷисму сифоташ абстрактӣ аст, маълум мешавад, ки Ӯ соҳиби илм аст, яъне доност. Ӯ зотан доност. Ҳамин андешаҳои тестии Ибни Сино дар Қуръон зикр меёбад: «...Ман он чиро медонам, ки шумо намедонед» [159,2:30], «Парвардигори мо ба илм ҳама чизро фаро гирифтааст» [159,7:89].

б) Оид ба илм, олим ва маълум будани Ӯ

Ба андешаи Ибни Сино азбаски илм аз ҳақиқати абстрактӣ иборат

аст, пас Худо илм аст ва агар ин ҳақиқати абстрактӣ дар назди Ӯ ҳозир ва аз Ӯ пинҳон набошад, пас Ӯ олим аст. Агар ин ҳақиқати абстрактӣ ба воситаи Ӯ ҳосил гардад, пас бо ҳар гуна ифода Ӯ маълум аст. Илм, олим ва маълум дар нисбати зоти Ӯ яктост.

Воҷибулвуҷуд аз ҳама маълумот огоҳ аст, ба он хотир, ки Ӯ Воҷибулвуҷуд буда, ягона аст ва тамоми ашё аз Ӯ ба вуҷуд меояд. Вай оғози ҳама мавҷудот аст ва аз аразҳову тағйирот орӣ мебошад. Барои Ӯ ашё тағйирёбанда нест, зеро илми Ӯ мутеи маълумот набуда, маълумот тобеи илми Ӯст. Ин маънии онро дорад, ки бо тағйирёбии маълумот илми Ӯ дигар намешавад, зеро «донистани Ӯ ашёро сабаби вуҷуди онҳо мегардад... илми Воҷибулвуҷуд дар нисбати ҷинсҳо, навъҳо, мавҷудот, мумкинот, ошкору ниҳон яктост» [13,484].

Олимӣ ва маълум будани Воҷибулвуҷуд дар «Илоҳиёт» -и Ибни Сино низ шарҳи бештар ёфтааст. Ба ақидаи Ибни Сино Худо танҳо донандаи ҳодисаҳои куллӣ ва умумӣ буда, дар бораи ҳаводиси чузъӣ ҳукм карда наметавонад. Чунончи, инсон ҳангоми гирифтани офтоб ҳақиқати онро мефаҳмад. «Вале Худо қабл аз вуқӯъ офтобгириро медонад» [286,50].

Барои бархе аз намояндагони дини ислом, бахусус, Муҳаммади Ғазолӣ ин ақоид баҳсбарангез буд, зеро онҳо ягона «Қуръонро дониши ҳақиқӣ ва ҳикмати илоҳӣ медонистанд, зеро дар Қуръон оид ба донандаи ҳамаи ҳаводиси замину осмон будани Худо ба касрат ёд мешавад. Масалан, [159,2:30], [159,7:89], [159,39:19] ва ғ. Бо вуҷуди ин Ибни Сино ин назарияро пайравӣ накардааст.

«Сабаби олим будани чиз он аст, ки ҳастии вай андар моя набувад. Сурати мардум муҷаррад карда, аз мояи мардум, ки андар нафс бувад, вай илм бувад. Чун нафсе, ки сурати вай худ муҷаррад аст, аз моя ва худи ӯ мар ӯрост. Пас, нафс худ ба худ ба нафси худ олим аст.

Воҷибулвуҷуд муҷаррад аст аз моддат ба ғояти муҷаррадӣ

(абстрактӣ) зоти Вай аз худ ҷудо нест. Пас, Вай худ мар худро олим аст» [10,257].

Ӯ таъкид мекунад, ки илми Воҷибулвуҷуд на дар муқоиса бо илму маърифати инсон аст. Дониши инсон нисбат ба ҳамдигар аст ва бештар босаводро соҳиби «илми нафсонӣ» ва он ки барояш дониши зиёд зарур надонад, соҳиби «илми ақлӣ» номидааст.

«Ҳоли олимии Воҷибулвуҷуд,- мегӯяд ибни Сино, – ба ҳамаи чизҳо, чун ҳоли он яке хотирдон ба чизҳои бисёр, балки аз он олитар ва ягонатар ва муҷаррадтар, ки он хотирро пазирое бувад, ки андар вай бувад он хотир» [10,259].

Чизе, ки ҳам мумкин бошаду ҳам мумкин набошад, донисташаванда нест. Агар мумкинӣ зарур бошад, шояд, ки дониста шавад. Агар дониста шавад, ки буда (ҳастшуда) шояд, ки набошад, пас дурӯғ аст ва дурӯғ дониш набуда, гумон аст. Ибни Сино воқифи ҳама асрори олам будани Худоро бо далели мантиқӣ собит менамояд.

«Ҳар чӣ мумкин бошад, будану набуданаш сабаб дорад ва сабабдошта зарур (воҷиб) аст. Пас, мумкин воҷиб аст. Мас., «Фалон фардо ганҷро ёбад». Маълум нест, ки меёбад ё не, аммо ӯро сабабе бошаду дар дил ният кунад, то ба фалон роҳ шавад, бо сабабе ҳамон роҳро гирад, гаронӣ сипардани вай аз устувории кӯшиш бештар аст ва ӯ ба ганҷ расад. Пас, ин гуна мумкин то воҷиб нашавад, набувад. Пас, ҳар чизеро сабабе, вале сабаби он чизҳо ба пуррагӣ ба мо маълум нест. Агар ба бархе аз чизҳо сабаб дарёбем, ғалабаи гумон уфтад ва яқин набувад. Агар ин «шояд бувад» набудӣ, худ ба яқин донистаме. Пас, ҳар чӣ бозгаштанӣ ба Воҷибулвуҷуд. Пас, ҳамаи чизҳо ба Ӯ маълум аст» [10,260].

-дар сифати дуввум оид ба ҳамеша зиндаи фаҳмкунанда ва фоил будани Худо, мегӯяд, ки бинобар Ӯ яктост зоташ низ аз Ӯ ҷудо нест, аз ин лиҳоз, Ӯ ҳамеша зинда аст. «Ҳар кӣ дорои илму идрок ва феъл аст, пас ӯ

зинда аст ва он ки дорои тамоми маълумот, ҷамеи мудракот ва ҳамаи афъол аст, пас ӯ авлотар аст, зинда бошад» [13,485];

-дар сифати саввум ба андешаи Ибни Сино вуҷуди кул ва низоми кул аз Худо бармеояд ва боз ба Ӯ бармегардад.

-дар сифати чорум тавоно будани Воҷибулвуҷуд;

-дар сифати панҷум ва шашум бино ва шунаво будани Воҷибулвуҷуд;

-дар сифати ҳафтум мутакаллим будани Воҷибулвуҷуд Аз ҷиҳати мантиқ шарҳ ёфта, собит шудаанд.

в) Пайдо кардани дониста шудани мумкин мар донандаро

Ибни Сино мегӯяд, ки Худо ҳама чизҳои тағйирёбандаро донад ба илми куллӣ, ки ҳеҷ хурду бузург аз илми Вай ғоиб набувад [10,261].

Ба андешаи ӯ ҳар амале, ки иҷро мешавад ё ба табъ ё ба хоҳиш ё ба араз мешавад ва он амале, ки аз рӯи дониш иҷро мешавад ба табъу хоҳиш намешавад. Пас, ҳар амале, ки аз рӯи хоҳиш иҷро шавад ё ба дониш (муҳандис, табиб) ё ба гумон (парҳез кардан аз чизе, ки аз вай хатар ояд) ё ба тахайюл (нахостани дил чизеро) мешавад. Аз ин хотир, Хости Худо аз дониш аст.

г) Феъли Воҷибулвуҷуд

Аммо дар ин нукта Ибни Сино ихтилофназар аст. Ӯ дар зербоби «Феъли Воҷибулвуҷуд» исбот менамояд, ки аз Худо танҳо некӣ меояд, на адоват, ки он тааллуқ ба хислати хоси инсон дорад [дар Ҳавои нафс]. Ин нукта ҳам монанди таълимоти динӣ аст, зеро дар оятҳои Қуръон мушоҳида мешавад [159,4:79].

Сино мегӯяд, ки инсон дар ҳастии худ мақсаде бо худ дорад ва он чи барояш манфиат меоварад тавассути эътиқод, дониш, гумон, тахайюл амалӣ менамояд: Баъди эътиқод орзу неруманд мешавад, андомҳои коркуниш ба ҷунбиш меоянд ва он кор ҳосил мешавад.

Аммо феъли Воҷибулвуҷуд аз ғараз нест ва ӯро ба чизе орзу

намеафтад, пас, хости Вай аз дониш ба он хотир бувад, ки хостии ин ё он чиз дар нафси худ хайр ва некӣ бошад [10,262]. Аммо дар зербоби «Фи мақомот-ил-орифин» ҷонибдори андешаҳои сӯфиёна гардидааст: «Ва воҷиб аст андар он шаръ, ки накӯкорро ва бадкорро ҷазо бошад аз Худои олам» [10,526]. Дар ҷои дигар, «Ӯ аст, ки барои зоти худ ҳама чизро ифода мекунад. Пас. Воҷибтаъоло аз ин ҷиҳат низ хайр аст ва шарр ва нуқсе дар зоташ роҳ надорад» [10,560].

ғ) Қодирӣ ва тавоноии Воҷибулвуҷуд

Ба андешаи Ибни Сино ҳама чиз аз рӯи хости Ӯ амалӣ шавад:

«... ҳар чиро вай хоҳон бувад, бибувад ва ҳар чиро хоҳон набувад, аз он чӣ аз вай ояд, набувад; ва он чизро, ки хоҳон аст, агар нашоистӣ, ки нохоҳон будӣ, бибудӣ; ва он чизе, ки нохоҳон аст, агар бишоистӣ, ки бихостӣ, набудӣ. Ба ин маънӣ он аст, ки чизро ба он тавоно хонанд.

Ва тавоно он набувад, ки ҳар оина бикунад, ё накунад ва ҳароина бихоҳад ё нахоҳад. Аз ин ҷост, ки қодирии Вай ҳам олимии вай аст ба изофат ба чизҳо ва андар зоти Вай олимӣ ва қодирӣ ду нест» [10,264-265].

Ба андешаи Ибни Сино дар метафизикаи исломӣ, қудрат ва илми Худо як хосияте мебошанд, ки ҷудо карданашон ғайриимкон аст. Мавҷудияти Худо на танҳо зарурист, балки ҳар як амал ва майл дар дунё бо иродаи маърифати Худо рух медиҳад, ки бо илми Ӯ муттафиқ аст.

д) **Ҳакимии Воҷибулвуҷуд**

Моҳияти ашё дар таърифи он, дар мафҳуми он чиз ифода меёбад, ки мо онро ратсионалӣ дарк мекунем. Мавҷудияти ашёро мо аз таҷриба, яъне аз иртиботи мустақим бо он меомӯзем, зеро мавҷудият на аз ақл, балки аз амали иродаи қудратманди Офаридгор ба вуҷуд меояд ва бинобар ин ба мафҳуми ашё дохил намешавад. Ҳамин тариқ, барои фаҳмидани догмаи офариниш мафҳуми мавҷудият, ки ба моҳияти ашё мансуб нест, ворид карда мешавад.

Ба андешаи Ибни Сино ҳикмат бар ду чиз афтад:

«-дониши тамом дар тасаввур ҳамон аст, ки моҳияти чизҳоро шиносанд ба ҳад ва дар тасдиқи яқинӣ бошад, ба сабабҳо.

-кунише, ки муҳкам бошад. Мӯҳкам ҳамин ки ҳар чӣ будани вай фариза аст, бибувад.

Дар бораи Ҳаким будани Худо Ибни Сино мегӯяд, ки Ӯ донандаи ҳама чизҳост, зеро он чизҳо аз худи Ӯянд. Сабабҳояшро ҳам Вай медонад, зеро худи Ӯ сабаби мавҷудияти он чизҳост, аз ин рӯ, Ӯро Ҳаким донистааст» [10,265]. Ибни Сино ҳикматро ҳамчун дониши комил дар бораи моҳият ва сабабҳо ва амали қонуниву муҳкам маънидод мекунад. Ӯ Худоро Ҳаким медонад, зеро Ӯ сарчашмаи ҳама чиз ва дониандаи ҳама сабабҳо мебошад, ки ин мутобиқат байни донишу амалро дар ҳақиқат нишон медиҳад.

е) Ҷуди Воҷибулвуҷуд

Ибни Сино бар он ақида аст, ки Худо саховатманд аст ва агар хоҳад ба касе некӣ кунад, бе ғараз амалӣ намояд ва некӣ кардан ва фоида расидан аз чизе ду хел мешавад:

- муомила (чизе бидиҳад ва чизе биситонад)

- ҷуд (аз чизе некӣ ояд ба хости вай бе ғаразе, ки ӯро бувад ва Воҷибулвуҷуд ҳамин феълро дорад) [10,266].

Ибни Сино муътакид мешавад, ки беҳтарин хушӣ ва бузургтарини саодат ва некбахтӣ пайвандӣ бо Воҷибулвуҷуд аст ва ин маънӣ айнан бозгӯи таълимоти сӯфиёна аст.

«Андарёфт сабаби хушӣ ва дард буда, ду хел мешавад:

-ҳиссӣ, ки аз берун бувад;

-ваҳмӣ ва ақлӣ, ки аз дарун бувад.

Ҳар яке сегуна бувад:

1. Андарёфти чизе, ки созвор ва андархури қуввати андарёбанда (мас., хушӣ);

2. Носозвор ва зиёнкору ноандархур (дард)

3. Андарёфти на ину на он (на хушӣ, на дард)» [10,266];

«Андархури ҳар қуввате он бувад, ки мувофиқи феъли вай бувад бе офат: хашмро – ғалаба, шаҳватро- лаззат, хаёлро-омад...

Дар хирадмандон қувваи ботин ғалаба дорад» [10,268].

Ҳассосият ва эҳсосоти инсонӣ ду намуд доранд — ҳиссӣ, ки аз таъсири беруна пайдо мешавад, ва ваҳмӣ ё ақлӣ, ки аз даруни инсон маншаъ мегирад; ҳар як навъ метавонад се шакл дошта бошад: таҷрибаи мусбат (хушӣ), таҷрибаи манфӣ (дард) ва ҳолати миёнӣ (на хушӣ, на дард). Дар робита ба ин, қувваҳои ботини инсон фаъолияти хоси худро доранд, ки бе офат амалӣ мешаванд, масалан, ғалаба кардани хашм, лаззат бурдан аз шаҳват ва омодагӣ ба хаёл; дар инсонҳои хирадманд қувваи ботинӣ устувортар аст ва ба таври муваффақона идора карда мешавад.

Ибни Сино, аз рӯи мантиқ, хусусиятҳои хоси инсониро бо Худо муқоиса намуда, ба хулоса меояд, ки «Хуштарин ҳоле ҳоли Вай аст ба худ, ки варо ҳоҷат нест ба чизе берун, ки ӯро ҷамолу азамат диҳад. Эшонро ба хушӣ ва лаззати бар сӯ машғулӣ аст, зеро ки ҳаргиз рӯй аз барсӯ ба фурӯсӯ накунанд ва худии хешро вақф кардаанд бар наззораи варҷ, яъне шукӯҳмандии барин ва барёфти хушии меҳин» [10,269-270].

ё) Чӣ гуна чизҳо аз Воҷибулвуҷуд падид меоянд?

Чизҳоро аз ҷиҳати ҳастӣ ва вуҷуд ва воҷибӣ низ ихтилоф аст. Ва «шояд бувад» -и ҳастӣ сегунаанд:

-яке он ки ҳастии вай яке аст, ҳарчанд ки имкон ба вай аст, он яке муҷаррад аст ва «ақл» хонанд;

-ҳастии вай яке аст, вале суратҳои ҳастии дигарро пазиро аст – нафс;

-ҷисм.

Ақл ҷуз он чӣ ӯрост чизе напазирад ва бидиҳад. Нафс бипазирад аз ақл, ҷисм бипазирад ва надиҳад.

Ибни Сино Ваҳдати вуҷудро ҷавҳар ё худ араз намеҳисобид ва ингуна исбот менамояд: «Ҷавҳар он аст, ки варо моҳияте ҳаст, чун ҷисмӣ ва нафсӣ ва инсонӣ ва фарасӣ. Ҳоли моҳиятро чигунагии мавзуъ зарур аст ва он чиро моҳият ғайри чигунагӣ нест, ҷавҳар нест» [10,254].

Ӯ Воҷибулвуҷудро барои андар чизе набуданаш аразӣ наҳисобидааст.

Ба андешаи ӯ ашё (чизҳо) ҳамагӣ чор хел сифат доранд:

Ҷисм чун сифати аразӣ буданаш ва бинобар ба чизи дигари беруна пайвандӣ надоштанаш (Масалан, одам);

Сапед, аразӣ бо берун пайванд надорад;

Олим сифате, ки андар вай чизе бувад беруна аразӣ, ки онҳоро пайванд аст ба чизҳо. (масалан, илм ба маълум)

Падар, рост падарро ҷуз пайванди фарзанд сифате нест, ки ба вай «падар» шавад ва «рост» шавад.

Ҳамчунин, ба ғайр аз ин чор сифат, чизҳое ҳастанд, ки бесифатанд. Масалан, сангро мурда, беҷон мегӯянд, бинобар он ки дар он зиндагӣ нест. Аз ин хотир, Воҷибулвуҷудро «нашояд, ки сифатҳои бисёр бувад» [10,585].

Ӯро ёр нест ва ҷузву баҳра нест. Гӯянд «азалӣ» ва ҳақиқати Вай он аст, ки ҳастии Вайро оғоз нест. Ин ҳар ду гуна сифатҳоеанд, ки андар зот бисёрӣ наоваранд ва эшон чизе наянд андар зот, балки пайванданд ва пайванд маъниест ақлӣ, на чизе андар зот, ё нафй ва салб, ки вай на ҳастии сифатҳои бисёр бувад, балки баргирифтани сифатҳои бисёр аст.

Валекин ном ваҳм афканад, ки он ҷо сифате аст андар зот, чунонки касеро «тавонгар» хонанд, ин ном варо аз ҷиҳати чизе дигар бувад, варо бо вай пайванд аст, на сифате бувад андар зот. Масалан, дарвешро сабаби набудани чиз бувад на аз ҷиҳати сифате андар зот.

Воҷибулвуҷуд яке бувад ва ҳамаи чизҳо аз вай бувад. Ҳар натиҷае оқибат ба Воҷибулвуҷуд мерасад, зеро ҳар яке сабаби будани

ҳамдигаранд [10,255].

«Ҳама ашё аз Воҳид содир мешавад. Валекин ин воҳид оламро ҳаракат намедиҳад ва ҳамоно нафс аст, ки онро сайр медиҳад. Ин аз ақли мафориқи аввал, нафси кулли кавн ифоза мешавад ва нуфуси уқули дигар ба ҳамин тартиб ифоза мешавад. Ҳамчунон ки аз ақли ошари (10) фаъол, нуфуси ҷузъии воқеъ дар зери олами қамар ифоза мешавад» [307,199]

Бояд зикр намуд, ки дар таълимоти Ибни Сино ва Форобӣ, ҳамаи мавҷудот аз «Воҷибулвуҷуд» (Худо, Воҳид) на ба тариқи мустақим, балки тавассути тартиб ва ифоза содир мешаванд. Яъне, на ҳар чизе якбора аз Худо содир шудааст, балки аввал ақли аввал, баъдан нафси аввал ва ҳамин тавр то поёни силсила. Ин тартибро «содир кардани аввал аз воҳид» мегӯянд ва ин мафҳуме маъруф дар фалсафаи илоҳӣ.

Ба андешаи Ибни Сино Воҳид оламро ҳаракат намедиҳад, зеро Воҷибулвуҷуд фақат иллати вуҷуд аст, иллати ҳаракат нест. Ҳаракат, ки аломати тағйир аст, аз ҷониби мавҷудоти поинтар, яъне нафс ва ақлҳо, меояд. Худо бе тағйир, бе ҳолат ва бе ҳаракат аст — ӯ иллати аввал аст, на муҳаррики мустақими ҷаҳон. Ақли аввал, ки аз Воҷибулвуҷуд содир шудааст, нахустин мавҷуди ғайримодӣ ва ақлӣ аст. Аз он нафси аввал содир мешавад, яъне нафси кулли олами кавн, ки ба олам ҳаёт ва ҳаракат медиҳад. Баъдан, аз он ақли дуюм, нафси дуюм ва ғайра ба вуҷуд меоянд, то расидан ба ақли фаол.

Ақли фаъол (инсонро наздиктарин марҳила ба ақлҳои олист) дар фалсафаи Ибни Сино, манбаи ташаххуси шинохти инсонӣ ва дарки ақлӣ аст. Аз ақли фаол ба нафси инсон ва ақли ҷузъии инсон «ифоза» (файз, ҷорӣ кардани маърифат) мешавад. Ин аст он чизе ки дар зери олами қамар, яъне дар олами модӣ (олами мо) рӯй медиҳад.

Дар фалсафаи машшоияи шарқӣ, Олам ба шакли тадриҷӣ аз Воҳид сарчашма мегирад, аммо ҳаракати он ва равнақаш тавассути Нафс ва

Ақлҳо сурат мегирад. Нафси кулл, Ақли фаъол ва ифоза марҳилаҳои расиши маърифат, ҳаракат ва вуҷуданд, ки дар силсилаи вуҷуд ба таври мураттаб ҷой гирифтаанд.

Ибни Сино оламро зоҳиру ботин, «олами ғайбу олами шуҳуд ва ё олами малаку олами малакут ва ё олами халқу олами амр» меномад. Ӯ дар бораи судури олам мегӯяд: «...кураи Замин мабдаи олами ҷисмонӣ аст... ибтидои олами барзах фавқи фалаки мустақим аст ва ҳадди интиҳои ӯ олами уқул ва мунтаҳои олами уқул олами аъёни собита, ки мазоҳири асмо ва сифоти Ҳақ мебошанд, ки ба қавли урафо мавсум ба файзи муқаддас аст» [13,921].

Офариниш дар таълимоти Ибни Сино шакли худро мушоҳида кардани Ақли аввал, вале ба истилоҳ, дар пораҳои алоҳида ё дар ҷамъ, қисмҳо, паҳлуҳо, сатҳҳо ва ғайра аст. Офариниш ба феноменологияи шуури фариштагон мубаддал мешавад.

Худои ягонае, ки Худои якто аст, ҳастии Худро зарур медонаду Ақли аввалро меофарад, то он дар худшиносӣ тафаккур намояд ва дар робита ба он нахустмабдаъ будани Худоро дарк намояд. Аз ин рӯ, ҳақиқати онтологии Ақли аввал аз мувофиқат кардани он ба ҳақиқати илоҳӣ ва ягонагии ҷудонашавандаи ӯ вобаста аст.

Равандҳое, ки дар Ақли аввал ба амал меоянд, ба равандҳои Худои ягонаи олами касратро офарида, шабоҳат доранд. Аз ин рӯ, худшиносии Ақли аввал ва дарк намудани Аллоҳ, ҳамчун асли ҳастии зарурати худ, боиси тавлиди Ақли дуюм мегардад. Худмушоҳидакунии Ақли аввал сабаби зарурати ҳастии Ақли дуввум мегардад, ки ҳақиқати онтологии он ба мувофиқати он ба Ақли аввал вобаста аст. Яъне, ҳосилшуда (офаридашуда) ба он чизе, ки онро офаридааст, мувофиқат мекунад.

Қувваи диалектикии неруи эҷодии Ибни Сино дар бунёди Ақли дуввум зоҳир мегардад. Метафизикаи Ибни Сино саршор аз идроки диалектикӣ аст. Ба андешаи ӯ сифате, ки дар ҳар қадами минбаъда ба

дараҷаи мутлақияти илоҳӣ гузашт кунад, набояд ҳамон як сифати ақли аввал бошад. Сифати нав ҳамон сифатест, ки ба қаблӣ монанд нест. Ҳамзамон он гуногун буда, ин эътирофи раванди ҳаракат, фаъолият, тағйирот ва рушд аст. Ақли дуюм на танҳо як такрори механикии тафаккури худшиносӣ аст, чунон ки мо дар ақли аввал дидем, балки тавлиди чизи дигар аст, яъне: рӯҳи оламӣ, ки Осмони аввалро ба ҳаракат меорад. Аз рӯи мантиқ як чизеро бе тағйир, беохир такрор кардан мумкин нест. Ҳар як қадам, бояд, бо баъзе навовариҳо ҳамроҳ шавад. Ин навовариҳо, албатта, аз ҷиҳати миқдор бояд зиёд шаванд, зеро мо ба Олами Кул таъмид кардаем. Ин мушаххасоти каммияти Олами Кул, яъне Олами акбар хоҳад буд. Ҳамин тариқ, мушаххасоти миқдорӣ дар робитаи ногусастанӣ бо мушаххасоти сифатӣ ба амал меояд. Миқдор меафзояд, сифат, нисбат ба Худои якто, коста мешавад. Аз ин рӯ, ҳақиқати онтологии сатҳи Ақли дуюм бояд аз ҷиҳати миқдор гуногунтар ва сифатан аз идеали илоҳӣ поёнтар бошад. Дар таърифи ҳақиқати онтологӣ унсури нав хамин тавр пайдо мешавад. Ҳастии воқеии ҳар як марҳилаи баъдӣ (чизҳои алоҳида дар ин марҳила) бояд ба ҳастии идеалии марҳилаи қаблӣ мувофиқат кунад. Ҳар лаҳзаи дар бораи худ тафаккур кардани Ақли дуввум ва шинохти Ақли аввал, ки ин ҷараён бо мутобиқати Аллоҳ аст, ҳатман, аз рӯи зарурат буда, яъне дар Ақли дуюм, дар шакли идеалӣ ҷой дошта бошад. Ҳақиқати онтологии чизи ниҳоӣ дуюмдараҷа буда, офаридашуда бо мувофиқати воқеияти он ба ҳастии идеалии худ, аз рӯи зарурат муайян карда мешавад. Баъд аз Ақли дуюм нафсу фалаки аввал судур меёбад, сипас, Ақли дуюм ақли сеюм ва нафсу фалаки дуюмро меофарад. Ҳамин тариқа, «силсилаи маротиби ақл, нафс ва фалак бо ақли даҳум (ақли фаъол), ки гӯё мудаббири кавну фасод аст, ба поён мерасад» [265,13].

Ибни Сино силсиламаротиби назарияи судурро чунин тартиб медиҳад: Худо, худшиносӣ, ақли аввал, худшиносии он, ақли дуюм, рӯҳи

кул ва ғайра. Ибни Сино ошкор мекунад, ки ақли аввал дар тафаккури аввал ақли дуюмро меофарад, дар тафаккури дуюм рӯҳи ҳаракаткунандаи осмон, дар сеюм – ҷисми эфирии осмони аввалро меофарад. Онҳо гуё дар як сафанд, вале сохти силсиламаротибро ақли аввал муайян мекунад. Ин дар мисоли ҷисми осмони аввал, ки аз ченаки поёнии ақли аввал, аз нестии он тавлид мешавад. Аз зарфияти ғайрифаъоли он, яъне аз имконоте, ки дар дохили он буд, равшан дида мешавад. Дар ақли аввал мо ин иерархияи сегонаро мебинем, ки он гоҳ дар ҳама зерзинаҳо мисли воқеият мавҷуд аст.

Зинаҳои маърифатҳо, ки аз рӯи принсипи сегона сохта шудаанд, бо тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ ба таври диалектикӣ анҷом меёбанд ва силсиламаротиби дугона ба вуҷуд меояд: даҳ ақли карубӣ (Карубиюн, ақли фариштагон) ва рӯҳи осмонӣ (фариштагони осмонӣ). Карубӣ гуфта фариштагони муқаррабро гӯянд (аз даргоҳи Худо) ва эшонро дар олам ҳеҷ тааллуқ ва тадбиру тасарруфе нест. (Ниг.: Луғати Деҳхудо)

Дар нақша чунин менамояд: Худо, ақли аввал, фариштагон-ақлҳо ва фариштаҳои осмонӣ, ки аввал дар олами ақлҳои сегона, дуюм дар осмон мебошанд. Фариштаҳои осмонӣ, ба ақидаи Ибни Сино, ҳанӯз қобилиятҳои эҳсосӣ надоранд, ин баъдтар рӯй медиҳад. «Ин ақлҳои осмонӣ фариштагони бо ҳам басо наздиканд» [11,517]. Акнун, фариштаҳои осмонӣ дар шакли поки худ танҳо тасаввурот доранд. Ин тахайюлоти пок ҳанӯз дар шакли софи худ аст, он олудаи ҳаваси эҳсосотӣ нест. Ин ҳақиқати онтологӣ мушаххас буда, дар тахайюлоти рушднаёфта аст. Аммо ҳақиқати онтологии он мушаххас буда, мувофиқати байни воқеият (покӣ) ва идеалии онро (генезиси он, яъне тамоми асоси пештараи мавҷудияти он дар холисаш) талаб мекунад. Тахайюли фариштагони осмон нисбат ба он чи баъд аз он бармеояд, «пок» аст, яъне дар худ чизеро андеша накардаанд, ба монанди он ҳама

чизҳое, ки қабл аз мавҷудияти худ ҷамъ шудаанд – Худо, ақли аввал ва ғайра.

Ба андешаи Ибни Сино фариштагони осмониро бо ақле, ки онҳоро тавлид мекунад, таҷриба мекунанд ва ин ишқ сабаби пешбарандаи олами кул мегардад.

Хулоса баровардан мумкин аст, ки ошноии Ибни Сино бо осори бостонӣ, махсусан бо эҷодиёти Арасту, махдуд нашуда буд. Зеро ақидае, ки муҳаббат унсурҳои кайҳонро ба ҳам мепайвандад ва душманиро аз ҳам ҷудо мекунад, анъанаҳои деринаи қадим дорад. Инъикоси ин андешаҳо дар силсиламаротиби кайҳонии ақлҳо, дар таълимоти Ибни Сино, мавҷуд аст. Ишқ чун хоҳиши беандоза тамоми олами кулро фаро мегирад ва ҳама чизро ба ҳаракат медарорад ва ҳаракати олами кул даврашакл аст. Гардиш дар олам сабаби ба худ хос дорад - ишқи фариштагони осмонӣ ба ақл, ки онҳоро офаридааст, бозгашт ба сӯи Худо анҷом медиҳад. Ин ҷо формулаи ҳақиқати онтологиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Ҳақиқати онтологии гардиши коинот тавассути мувофиқоварие, ки тавассути бисёр пайвандҳои мобайнӣ (миёнаравӣ) бо ҳақиқати онтологии ҳар чизе, ки қабл аз он ба сӯи Худо боло меравад, муайян карда мешавад. Ба андешаи Ибни Сино дар бахши «таъсири чизҳои осмонӣ ба олами унсурҳо» самовиёт вуҷуди чизҳои осмониро пурра сохта, унсурҳо ба воситаи самовиёт ва файзи илоҳӣ пайдо мешаванд ва моддаи муштараки унсурҳо аз табиати моддие ба амал меояд, ё аз роҳи мушорикат ё алоқа судур мекунад. «Муфориқати дигар онест, ки баъди мо меоянд ва дар нафсҳои мо таъсир карда, онҳоро мукаммал месозанд, ки он ақли фаъол аст» [11,517]. Ин қисмати таъриф аз лаҳзаи зуҳури ақли нахуст, яъне аз қадамҳои нахусти эманатсияи рӯҳи илоҳӣ бармеояд. Ҳар чизе, ки ҳосил мешавад, ба воситаи мувофиқати воқеияти хоси мавҷудияти худ ба ҳар чизе, ки пеш аз он буд, ҳақиқати худро муайян

мекунад ва ҳатман пайдоиши онро имконпазир ва ба мавҷудияти он мусоидат мекунад. «Мавҷудият чизе нест, ки ба шарофати он чизе дар ашёи мушаххас (воқеан) вуҷуд дорад. Агар чизе дар ашёи мушаххас аз сабаби мавҷудияти он дар ашёи мушаххас вуҷуд дошта бошад, пас, мо силсилаи беохир медоштем ва ин чизе дар чизҳои мушаххас вуҷуд дошта наметавонист» [233,221].

Дар ин назарияи идеалистии Ибни Сино бар мудохилаи бевоситаи Худо, дар корҳои олам, ҳад гузошта мешавад. «Хилқате, ки дар бораи он сухан меравад, аз замоне то замоне не, балки абадан пайдо мешавад. Аз ин рӯ, офаринишро бояд ба маънии махсус фаҳмид. Оламе, ки онро қонунҳои воҷиб идора мекунанду фақат аз табиати ботинии он сар мезананд, абадан вуҷуд дорад» [252,22].

Ба ақидаи Ибни Сино, бинобар он ки ҷавҳарҳои рӯҳонӣ таҳти таъсири сабаби аввал зуҳур мекунанд, абадианд ва онҳоро воҷиб унвон кардан мумкин аст. Баръакси онҳо махлуқҳои мураккаб тавлиду марг дошта, вобастаи қонунҳои дохилии худи онҳо ҳастаанд. Ин тамоюли андешаи Сино ба ақидаҳои Арасту, навафлотуниён ва Плотин монанд буда, зидди таълимоти исломӣ мебошад ва дар таълимоти тасаввуф ҳам каме дигаргун шарҳ меёбад.

Дар таълимоти аҳли тасаввуф **Худо сабаби ҳама ҳастию нестӣ** маҳсуб меёбад, яъне сабаби ҳама амалҳоро сабабе ҳаст, аммо аъмоли Худо бидуни сабаб сурат мегирад. Исботи он чунин аст, ки ҳама сабабҳо вобастаи қадим ё муҳдас будан ҳастанд, аз ин рӯ, сабаб агар қадим бошад, натиҷааш ҳам мебояд қадим бошад ва агар сабаб бенатиҷа бошад, пас он сабаб нест.

Ба ақидаи аҳли тавҳид қадим танҳо Худо ва сифоти Ӯ мебошанд. «Ҳама натиҷаҳо вобастаи сабабанд. Тооти бандагон вобастаи амр (таблиғи корҳои нек). Маосии (гуноҳи) бандагон вобастаи наҳй

(манъшуда) аст. Чун он амру наҳй бардоштанд, аз бандагӣ асар намонад» [182,485].

Мӯътазилиён розӣ набуданд, чун ҳама натиҷаҳо бастаи сабабанд: «маъдумии мавҷуд муҳол бошад ва нестӣ лошайъӣ бошад, лошайъии сабаб муҳол бошад» [182,488].

Масъалаи асосӣ дар тасаввуф ин ҳулул дарёфтан бо Худост ва дарки асосноки назарияи ин ваҳдат мебошад ва ин масъала дар китоби «Шарҳи таарруф» зикр гардидааст. Рубъи аввали он нахуст ба масъалаи шинохти Худо бахшида шуда, чанде аз сифоти Ӯ ташреҳ дода мешаванд. Масалан, «Худои таъоло ба худ азиз аст. Ҳар чизеро бадал ҳаст ва Худоро бадал нест». Муаллиф мегӯяд, ки ҳадаф аз шинохти Худо «дидор» [181,3] ва сабаби маърифат бахшидани Ӯ ба халқ шиносо гардонидани Худ буда [181,7], сифати Ҷаббор будани Ӯро аз забони арабӣ ба маънои шикастабанд «ҳама шикатагиҳои бандагонро Ӯ дуруст кунад» [Ҳамаро дармон бахшад] маънидод намудааст [181,4]. (Ҷаббор маънии золимро ҳам дорад. Аз ин хотир, бархе аз «шавқмандон» ба яке аз номҳои Худо, ки Ҷаббор аст, нуқтаи назари скептикӣ доранд).

Ба андешаи Мустамлӣ гумон [занн] ба шак ва яқин(ростӣ) ҷудо шуда, шак ҳам ба ҷаҳл ва занн тақсим мешавад ва Худоро «ба гумон натвон шинохтан ба яқин тавон шинохт» - мегӯяд, зеро «ҳастӣ ва маърифат бе яқин дуруст набошад». Худо халқро маърифате дода, то Ӯро бишносанд, вагарна мардум Ӯро идрокнашаванда мепиндоштанд.

Ин нуктаро Муҳаммад Ғазолӣ ҳам тасдиқ карда, дар китоби «Мақосид ул - фалосифа» 8 зинаи маърифатро ташреҳ дода, мегӯяд: «Илми яқинӣ, илме аст, ки ҳақиқати маълум дар он ошкор мегардад, ба тавре ки ҳеҷ шакке дар он боқӣ намонад ва имкони хато ва ғалат дар он вуҷуд надошта бошад... ҳамон тавре, ки ҳукми ақл омад ва хатои ҳисро ошкор кард, имкон дорад ҳукми дигаре пайдо шавад, то аҳкоми ақлро ботилу беасос кунад. Сипас, бо зикри корҳое, ки дар хоб мебинем ва

баъд аз бедорӣ ба ғайривоқеӣ будани онҳо пай мебарем, мегӯем: «аз куҷо ки дар он олами хоб набошем ва ҳамаи амалҳое ки воқеӣ мепиндорем, хоб набошад?» Бинобар ин, дар ҳама чиз имкон дорад, ки шакку шубҳа вуҷуд дошта бошад» [309,44]. Пас аз таҳқиқи мантиқии шакку шубҳа, иқрор мешавад, ки тавассути «нури илоҳӣ» ба яқин расидааст.(Ниг.: Муҳаммад Ғазолӣ. Мунқизу мин-залола. Бейрут: Дорул Андалус, 1983.-124 с. С.12)

Ба андешаи Сино «ориф», худ манбаи покизагӣ буда, дар ин дунё ба ҷуз Ҳақ ӯро чизе ба худ машғул натвонад кард ва маърифатро аз Ақли фаъол мегирад ва ӯро чизҳое маълум гардад, ки ақли инсон аз он оҷиз аст, ӯ аз олами ғайб бархурдор мешавад: «Он ҳангом, ки нафс истиҷлои мақулоти Ҳақ кунад аз ҷиҳати мабодӣ ва бо вай мунозаат накунад, то нафс ба ақли фаъол пайвандад ва чизҳо дармеёбад ва нури вай бар вай метобад ва ин ҳол ӯро малакае шавад мустақар, то ҳар вақте ки хоҳад ӯро иттилоъ уфтад ба нури Ҳақ ва ҳеҷ қувват ӯро музоҳамат накунад, бал ӯро ёрӣ диҳанд, то ба ҳамагии худ мунҳариф бошад дар силки қудс» [10,262].

Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки «Тасаввуфе, ки шайх (Ибни Сино) баён мекунад, чизест, ки аз мутолиаи аҳвол ва осори сӯфиён дарёфтааст». Албатта, сӯҳбати ӯ бо Абӯсаиди Абулхайр ҳам тасдиқи ин гуфтаҳост. Яъне, ин далели боз як баҳрамандӣ намояндаи машшоия ба таълимоти тасаввуф аст.

Муаллифи китоби «Инсони комил» Азизаддини Насафӣ (Нахшабӣ) омилҳои маърифат дарёфтани соликро аз олами ғайб, пок доштани ботину зоҳир медонад [191,43].

Дар китоби «Шарҳи таарруф» мақосиди Худо бо ҷузъиёташ шарҳ меёбад. «Муроди Ӯ сифат аст, сифати фазлу адл» [181,6]. Яъне, Яздонро ба воситаи сифати фазл бар муъминон (онҳоро бо худ ошно гардонид) ва бо сифати адл бар кофирон (онҳоро маҳҷуб гардонид) метавон шинохт.

«Пас, Худои таъоло ягона аст ба зоти хеш ва зоти ҳастӣ буд, мавҷуду шайъу нафс ва ин ҳама иборат аз ҳастӣ бувад. Пас, ҳастии Ӯ ба касе намонад, зеро ки ҳама ҳастиҳо бо ҷисманд ё ҷавҳар ва ҳастии Ӯ ҷисму ҷавҳар нест. Ва ҳама зотҳо ё дар маконанд ё дар замонанд ва зоти Худо дар макону замон нест ва ҳама зотҳоро ибтидову интиҳо Ӯст ва зоти Худоро ибтидову интиҳо нест» [181,5].

Дар ин нукта андешаҳои Ибни Сино низ монанди гуфтаҳои болоянд. «Ҷуз Воҷибулвуҷуд ба зот ҳеҷ чиз хайри холис ва камоли маҳз нест...Ва гоҳе унвони «хайр» бар чизе гуфта мешавад, ки камолоти ҳамаи чиз аз ӯст, яъне онҳоро ифода мекунад, ё барои онҳо судманд аст» [10,262].

Ё худ ҳамин гуна баҳрамандии сӯфиён бар саволи тавҳид чист? Мустамлӣ ҷавоби Ҷунайд р .а. –ро иқтибос меоварад ва муътакид мешавад, ки тавҳид ягона доштани қадим аз ҳадс (нав) аст. Ба андешаи ӯ сифати Худо қадим буда, араз нест ва ба ҷуз Ӯ ҳама муҳдасанд. Аз ин хотир, сифати муҳдас муҳдас буда, сифоти муҳдасон ҳама аърозанд ва аразҳо ҳама абадӣ нестанд. Ӯ таъкид мекунад, ки чун «Сифати Худо қадим аст ва ба қадим фано раво набувад» [181,5].

Ӯ мегӯяд, ки Худо ҳеҷ гоҳ дар нобудӣ (нестӣ) набуд, то ҳаст шавад ва бар ҳастии Ӯ нестӣ раво набудааст. «Сифоти Худо азалӣ, чунонки зоти Ӯ азалӣ, чунонки зоти варо вуҷуд сифатӣ аст» [183,927].

Ба андешаи Мустамлӣ он муҳаббате, ки маҳсули сабаб аст, баъди нест шудани сабаб метавонад адоват гардад ва баръакс адоват ба муҳаббат бадал шавад. Муҳаббату адоват маҳсули сабабу натиҷаанд. «Муҳаббат ба сабаб манфиати натиҷа, адоват ба сабаб мазаррати натиҷа».

Аммо «муҳаббату адовати Ҳақ ба сабаб қоим нест, зеро онҳо азалианд ва хилофу мувофиқати банда вақтӣ. Пас, адовату муҳаббат собиқайнанд».

Аз ин ҷо Мустамлӣ хулоса менамояд, ки мувофиқати банда сабаби муҳаббати Худо набуда, баръакс муҳаббати Худо сабаби мувофиқати банда мебошад. Ҳамин гуна мухолифати банда ҳам сабаби адовати Худо нагардида, «адовати Ҳақ сабаби мухолифати банда аст» [183,927].

Мувофиқи таълимоти сӯфиён маънии хешро шиносонидани Худо дарки камоли қудрати Ӯ будаааст, то мардум оҷизии хешро бифаҳманд ва бидонанд, ки Худойро мислу монанд нест ва «Ӯ худро ба дӯстони хеш ба номҳо ва сифатҳои хеш шинохта гардонидааст» [181,7].

Мақсади лутф машғул будан ба тоат (риҷо) ва ҳадафи ҳайбат тарки маъсият (хавф) буда, бандаи бо риҷо наздику мутеътар ба Худо ва ҳарчанд хавф қавитар банда аз маъсият дуртар аст.

Бесабаб нест, ки мутафаккири дигари бузурги асрҳои миёнаи араб Ибни Рушд ба назарияи Ибни Сино дар бораи рӯҳҳои осмонӣ ва хаёлоти пок, ки аз эҳсос озод аст, мухолифат кардааст. Он сарнавишти ғояҳо таърихи худро дорад. Пайравони эронии Ибни Сино дар ташаккули консепсияи гносеологияи нубувватӣ аз ғояи тахайюли холис, ки аз унсурҳои эҳсосӣ озод аст, истифода кардаанд.

Ба андешаи Ибни Сино Ақли даҳум офариниши Ақлҳо ва Рӯҳи олиро ба итмом мерасонад. Эманатсияи бисёр рӯҳҳои инсонӣ аз он (Ақли даҳум) оғоз меёбад. Ибни Сино дар зербоби «Ҳадди ақл» (Рисолаи ҳудуд) Ақлро ҳамчун исми муштарак дар се маъно шарҳ дода, ҳашт маънои мафҳуми «ақл» -ро, ки файласуфон истифода менамоянд, зикр мекунад:

1. Ақле, ки байни он ва илм фарқ гузошта мешавад;

2. Ақли назарӣ. Ин намуди ақл куллияи муҷаррадро маърифат мекунад ва қобил аст ҳаводисро чи дар холати билқувват ва чи дар ҳолати билфеъл маърифат кунад.

3. Ақли амалӣ. Ақли амалӣ асосан ҳаводиси ба хайру шарр монандро идрок мекунад.

4. Ақли ҳаюлоӣ. «Агар ақли назарӣ ин ё он суратро напазируфта бошад, ақли ҳаюлоӣ номида мешавад. Ин ақл ба кӯдаке монанд аст, ки ба хондану навиштан майлу рағбати том дошта бошад ҳам, навиштаю хонда наметавонад. Аз ҳамин сабаб, ақли назарӣ дар зинаи аввали худ, ки ақли ҳаюлоӣ ном дорад, мафҳумҳои куллиро дониста наметавонад. Аммо барои пазируфтани онҳо имконият дорад» [265,36-37].

5. Ақли билмалака. Азбаски акли назарӣ пайваста дар инкишоф аст, дар ҳолати ақли ҳаюлоӣ наемонад. Донишҳои инсон дар натиҷаи рушди тафаккур (дар шинохту дарки хаёт ва зиндагӣ) аз сода ба мураккаб мегузаранд ва аз ин рӯ, ақли назарӣ дар ин марҳила ақли билмалакӣ номида мешавад. Моҳияти ин ақл он аст, ки куллро аз чузъ ва ҷузъро аз кулл фарқ мекунад.

6. Ақли билфеъл; Ин марҳила зинаи дониши васеъ ва мустаҳками инсон ва нафси нотиқа мақулоти куллиро дарк менамояд.

7. Ақли мустафод; Аз ақли билфеъл ақли билмустафод ба вуҷуд меояд [10,339] ва моҳияти ин ақл таҳқиқ кардани донишҳои назарӣ, таҳлил ва таҳқиқ мебошад.

Ба андешаи Ибни Сино бархе аз одамон дар пазируфтани мақулот ба донишҳои назарӣ муҳтоҷ нестанд ва ин гуна ашхос соҳиби ақли қудсинанд. Онҳо бе ягон душворӣ ва таълими устод ҳама гуна донишҳоро аз худ карда метавонанд [10,340].

8.Ақли фаъол. «Ҳар як моҳияти тамоман аз модда ҷудоро «Ақли фаъол» гӯянд. Таърифи ақли фаъол дар ин аст, ки вай ҷавҳари суварӣ аст ва моҳияти он аз модда ва алоқаҳо бо он худ ба худ, на ба воситаи ғайри худ ҷудо аст» [10,340].

Ақли даҳум ақли фаъол аст, яъне ақли фаъоле, ки аз он рӯҳҳои инсон офарида мешаванд, ки наметавонанд аз худ ҷудо шаванд, худшиносӣ кунанд ва дар алоҳидагӣ, фаҳмо ва ҳассос андеша кунанд.

Аммо маърифати одамон, аз рӯи ҳамон нақшаи ҳақиқати ретроспективии онтологӣ, хусусияти фариштагӣ дорад. Яъне, воқеиятҳои ақлии мардум бояд ба идеали фариштае, ки дар онҳо мавҷуд аст, мувофиқат кунанд.

Диалектикаи миқдор ва сифати Олами Кул низ ба сохти ақлу хиради одамон, ки қисме аз тафаккурро дар бар мегирад, дахл дорад, вале он назди Худо (камоли мутлақ) ҳамчун сифате маҳдудкунанда мемонад. Ибни Сино ин ду ҳипостасро ҳамчун «фариштаҳои заминӣ» таъриф мекунад ва дар ин ҷо асрори тақдири инсон ва асрори тақдири рӯҳи онҳоро мебинад. Чаҳор ҳолати ақли тафаккурро фарқ мекунанд, ки ба фариштa – Ақли фаъол наздик мекунанд. Онҳо дар қуллаи худ ба Ақли қудсӣ – ақли муқаддас нигаронида шудаанд, ки равшантар дар мисоли паёмбарон зоҳир мегардад. Табиати ақли инсон дар паёмбарон зоҳир мешавад.

Идеализми фалсафии Ибни Сино дар эътирофи мавҷудияти силсиламаротиби ақли объективии берун аз тафаккури инсон ва ҷудо аз он намоён аст. Аммо, дар баробари ин, *Ибни Сино борҳо таъкид мекунад, ки вай зинаи Ақлҳои объективии оламиро бо Худованд айният намебахшад.* Дар ин маврид, андешаҳои Ибни Сино бо Абӯнасри Форобӣ мувофиқ аст. Маълум мешавад, ки ҳарду файласуф, дар ин бобат, бо таълимоти ирфонӣ ошно будаанд. Ба андешаи ҳардуи онҳо, Ақлҳои олӣ ҷузъи матои коинот буда, ҳамчун манбаи мавҷудияти инсон хизмат мекунанд. Силсиламаротиби Ақлҳо асоси идеалии ҳастии воқеии инсон ва идроки ӯст. Ақли инсон ҳар қадар боло равад, ҳамон қадар ба ҳақиқати мутлақи онтологӣ наздик мешавад ва ҳамеша, нисбат ба камолоти Аллоҳ, дар ҳақиқати онтологии нисбӣ боқӣ мемонад.

Азалият ва абадияти олам. Дини ислом ба осори асримиёнагии олимони давр таъсири муайяни хешро гузошта буд, аз ин хотир, монизми онҳо бештар такя бар китоби Қуръон мекард ва ҳама мактабу

равияҳои динию фалсафӣ гуногунназар буданд.

Носири Хисрав, ҳамчун намояндаи мактаби фикрии исмоилия, мубоҳисони масъалаи офариниши оламро ба чор гурӯҳ тақсим намуда, ақоиди онҳоро чунин мухтасар овардааст:

-даҳриён (онҳо мегуфтанд, ки «олам маснӯъ нест, бал қадим аст ва сонеъи маволид худи олам аст»);

- асҳоби ҳаюло (чунин андеша доштанд, ки «оламро ҳаюло қадим аст ва сураташ мабдаъ аст»);

-ҳашавиён – («ҳаюло мӯҳдас аст, –мегуфтанд онҳо, – валекин сурати олам қадим аст [11,152-155]. Худой андар азал донист, ки чунин олам хоҳад офаридан, онгоҳ биофарид, чунон ки дониста буд». Валекин гӯянд: «ҳаюлоро ибдоъ кард ва зиннате биҳиштӣ овардаш»);

- Худовандони таъйид аз фарзандони паёмбар (с.с.)- (онҳо чунин мепиндоштанд, ки «олам мухтареъ аст ҳам ба сурат ва ҳам ба ҳаюло»). Дар ақидаҳои теосентрии Носири Хусрав нахустсабаб дар амри Парвардигор омадааст: («Ҷомеъ-ул-хикматайн» (Андар ибдоъ)): «Ибдоъ» гӯянд ва «ихтироъ» гӯянд мар падидоварандаи чизро на аз чиз». Ба андешаи ӯ «аввал офариниши амр буд ва аз он амр нахуст ақл мавҷуд шуда буд ва он амр ибдоъ буд ягона ва асли мавҷудот ӯ буд ва мардум ба мисоли дарахте, ки чу бориши амранд. Донистем, ки тухмаш амр будааст» [202,165].

Инчунин, ӯ аз ақоиди Афлотун, Арасту ва Суқрот баҳрамандӣ дошта, қисман ҷонибдори андешаҳои Арасту будааст: «Чиз на аз чиз падид омадааст, ки агар чиз будӣ, худ чизкунанда набоистӣ. Ва олам чизе аст собит. Пас, воҷиб аст, ки ин на аз чизе падид омадааст...Ва ин сухане ҳаст ба ҳақ (қ) наздик, ки ин файласуф гуфтааст» [202,156]. Вале, Носири Хусрав асосан, тарафдори ақоиди гурӯҳи чаҳорум буда, андешаҳои собиткунандаи Абулҳийсамро (яке аз мутааллиқон ва муҳиббони Паёмбар) чунин меоварад: «Чӣ чиз буд на аз чиз, чун намоӣ

чиз?», бал боистӣ, ки гуфтӣ: «Чӣ чиз буд чизкунандаи чиз боист. Ва агар чиз ҳаст, кунандае ҳаст. Пас, чиз набуда ва карда шудааст!» Ибдоъ собит аст. Ва касе ҳаст, ки ибдоъро собит кунад. Олам қадим аст ва сонеи маволид Ӯст ва худ маснӯъ нест. Олам сонеи маволид нест, бал маснӯъ аст ба зоти хеш. [202,156]

Носири Хусрав ҳамчун намояндаи равияи исмоилия иброз доштааст, ки ибтидои аввал Худо аст, ӯ ақли кулл ва нафс офаридааст. Ба ақидаи Носири Хусрав Худо на офаридагори олами модӣ, балки офарандаи Ақли кулл ва Рӯҳи кулл аст. Носири Хусрав ҳастиро аз ду қисм:

1. ҷавҳар (ҷисм);

2. араз (шакли зоҳирӣ: ранг, бӯй, садо, мазза) иборат донистааст, ки айни таълимоти фалсафии машшоия мебошад.

Ба андешаи Носири Хисрав мабдаъ аз чизҳои дигар таркибёфта набуда, ҳақиқати онро аз сифати ба он хос бояд дарёфт. Ҳақиқати ҳаюлоро аз он ки вай ҷавҳари сода буда, ба худ сурат мегирад. Ҳақиқати сурат бошад, инъикосгари чизе аст.Ҷавҳар чизест, ки ба асли худ устувор буда, сифатҳои ба ҳам зидро қабул мекунад. Ҳақиқати сифат он аст, ки аз ҷавҳар набуда, намуди зоҳирии он аст. Ҳақиқати чиз ҳамин аст, ки онро донистану аз он хабар ёфтан мумкин аст. Ҳақиқати мавҷуд ин бо қуввахои ҳиссӣ фаҳмида мешавад ё дар хаёл меояд. Вуҷуд (ҳастӣ) ҳамин аст, ки номаш ҳаст аст. Адам бошад, нестӣ аст. Ҳақиқати қадим ҳамин аст, ки нестии он мумкин нест. Ҳақиқати муҳдас «он аст, ки онро (муҳдас) созанда бошад [202,74-75].

Файласуфи тоҷик, академик К. Олимов дар таҳқиқоти хеш иброз медорад, ки «Яке аз намояндагони бузурги ирфонию адабии тоҷикону эрониён Ҳаким Саноии Ғазнавӣ мебошад, ки ҷараёни адабию тасаввуфии халқи моро бе осори ӯ пурра донистан мумкин нест» [206,129].

Дар ин шеър таъриф ва тавсифи фалсафии моҳият ва вуҷуди Худо ва

таъсири Ӯ дар ҳамаи мавҷудот тасвир ёфтааст. Худо манбаи ҳаёт, ҳудуд ва тавоноии ҳамаи мавҷудот аст, ки тамоми чизҳо — аз оғоз то анҷом — бо Ӯ пайвастанд.

Дар таълимоти Ибни Сино омадааст, ки «Сабаби амри вуҷудӣ, монанди нур, худи амри вуҷудист. Сабаби амри вуҷуднадошта монанди торикӣ, набудани сабаби вуҷудист ё монеъгарест, ки онро монеъ мешавад. Иллати адамҳо набудани иллатҳост» [11,469].

«Таълимоти Ибни Сино дар бораи муносибати Воҷибулвуҷуд ва имконулвуҷуд дар асли дигари илоҳиёти ӯ дар асли файз (судур) мушаххас мешавад. Ин назария аз ибтикороти Афлутин (Плотин) маҳсуб мешавад, вале Ибни Сино онро чун таълимоти Арасту пазируфтааст, зеро ба вай тавассути «Илоҳиёт» -и ҷаълии (сохта) мансуб ба Арасту, ки дар асл яке аз қисматҳои «Тобеот» -и Афлутин аст, шинос шуда буд. Ибни Сино назарияи судурро дар «Мабдаъ ва маъод» муфассалан шарҳ додааст. Чунонки аз ин ва дигар осори ӯ бармеояд, назарияи судур дар фаҳмиши Ибни Сино таълимот дар бораи таносуби Худо ва табиат буда, ба суоли «Оё оламро Худо офаридааст ё оё он азалан вуҷуд дорад?» ҷавоб бояд бидиҳад» [102,289].

Академик М. Диноршоев дуруст мегӯяд, ки Абӯалӣ Сино дар масъалаи категорияи сабабият эътиқодманди назарияи эманатсия буд. Ақли нахуст (Худо) ноофарида, Воҷибулвуҷуд аст. Сабаби вуҷудаш дар худаш аст, моҳияташ ба мавҷудияташ якест, аммо чизе, ки дар ягон шакл пайдо мешавад, яъне ҳар он чи дар олам, дар табиат ҳаст, пеш аз пайдо шуданаш мумкинулвуҷуд буд ва ҳаст, фақат сабабе мебояд, ки он «мумкин» -ро «воқеъ», «шуданӣ» -ро «шуд», он «нест» -ро «ҳаст» гардонад; ҳаст шудани ҳар чиз шакли конкретӣ гирифтани он аст, гуногунии шаклҳо номутаноҳӣ (беинтиҳо) мебошад ва **ин номутаноҳӣ будани шаклҳои ҳастӣ вобаста ба Худо нест, балки вобаста ба материя (модда) аст, дар табиат ҳар як мавҷуд вобаста ба сабабест,** он сабаб аз

сабаби дигаре, ки ҳамчунин зоидаи сабабест, сар задааст; аммо силсилаи сабабҳо бояд поёне дошта бошад, дар ҷое бояд бурида ва тамом шавад, ки аз он баъд дигар сабабе набошад, вагарна баён бепоён шуда, дар даври худ чархзанон мегардад. Сабаби охирин, сабабуласбоб, ҳамон Ақли нахуст Худост. Дар «олами кавну фасод» имкони аз нестӣ ба ҳастӣ омадани ҳар чиз дар материя ниҳон аст ва ин имкон абадист, пас материя ҳам абадист; аз ин мебарояд, ки олам абадист [284,127-128].

Ба андешаи Ф. Сироҷов, «ҳама далелҳо ва мантиқи тафаккури Ибни Сино барои асоснок кардани тезисе равона карда шудааст, ки натиҷа (маълул) ба сабаб (иллат) вобаста аст ва он ҳам, на танҳо дар лаҳзаи пайдоиш, балки дар тӯли тамоми ҳастӣ. Ҳамин гуна робита байни имконулвуҷуд ва мумкинулвуҷуд ҳам дида мешавад» [247,166]. Академик М. Диноршоев ба хулосае меояд, ки «ҳарчанд Ибни Сино ҳамзистии оламро бо Офаридгор эътироф менамояд, фалсафаи ӯро наметавон дуалистӣ тавсиф кард. Он дар принсипи аслии худ, фалсафаи идеалистии монистӣ мебошад» [9,27].

Дар «Энсиклопедияи фалсафӣ» афкори Шайхурраис дуруст шарҳ дода шудааст: «ҷаҳон, ба эътиқоди Ибни Сино, тавассути эманататсия аз Худо, аммо на бо иродаи Худо, балки ба шарофати як зарурати тағйирнопазир таҳаввул намудааст. Худо ғайришахс аст; олам модӣ ва мисли худи Худо абадӣ мебошад» [296,191].

Андешаҳои Ибни Сино оид ба эманатсия бар зидди ғояҳои креатсионистии дини ислом ва дигар динҳо буд. «Дар он, дар бораи хусусияти эволютсионии ташаккулёбии шаклҳои ҳастӣ, ба мисли хатти зерзинаи эманация ва хатти бозгашт андешаронӣ мешавад» [346,19-33].

Муаммои мафҳуми аристотелии материя ва шакл аз ҷониби Ибни Сино ҳалли худро ёфта буд. Аз ҷумла, Ибни Сино «ақидаи аристотелии ҷудоии материя аз шаклро, ки дар эътирофи афзалияти шакли материя ифода ёфтааст, қатъиян рад мекунад» [104,58].

Ба андешаи Б. Рассел фалсафаи Ибни Сино, як навъ ҷустуҷӯи роҳи мусолиҳа байни Афлотун бо Арасту буда, тафаккурро бавуҷудоварандаи умумияти (универсалий) шаклҳо донистааст.

«Ин нуқтаи назари Арасту аст, ки аз ҷониби Ибни Рушд ва баъдтар Алберти Бузург, муаллими Фома Аквинӣ такрор мешавад. Аммо, Ибни Сино ин андешаро такмил дода изҳор мекунад, ки универсалҳо қабл аз чизҳо, бо чизҳо ва пас аз ҳама чиз дар як вақт вуҷуд доштанд: нахуст - дар фикри Худо, вақте ки ӯ чизҳоро дар сифати намунаҳо меофарад; дар чизҳо - то он даме ки ашё ба олами беруна тааллуқ дорад; аммо пас аз онҳо - дар тафаккури инсонӣ, ки намунаҳоро тавассути таҷриба дарк мекунад» [226,234].

Карра де Во ҳангоми дарки масъалаи абадияти олам Форобиро дар ҷои аввал мегузорад, ки андешаҳояш на мисли Афлотун, балки монанди Арасту буд. «Аз рӯи таълимоти Арасту, вақт натиҷаи ҳаракати сфера аст ва аз он бармеояд. Ҳамин тавр, ба андешаи Арасту, Офаридгор оламро якбора, бидуни вақт офарид ва дар ҳаракати олам вақт зуҳур кард» [140,115].

Аз Форобӣ сар карда, то охирин намояндаи файласуф - Ибни Рушд инкишофи принсипи навафлотуния дар рӯҳияи пантеизми фалсафӣ ё натуралистӣ таъкид карда мешавад. Монизми пайвастаи мутафаккирони Шарқи мусулмонӣ дар пантеизми натуралистӣ, дар тасдиқи ваҳдати вуҷуд, имманентии шакли материя ифода меёбад. Ҳамин тариқ, асосҳои судур, ки барои машшоиён ва сӯфиёни шарқӣ маъмул аст, заминаҳои ақидаҳои ваҳдати Худо ва оламро дар ду асос фароҳам овардааст: дар мавриди аввал дар самти пантеизми натуралистӣ, дар дуюм – пантеизми ирфонӣ.

«Он чизе, ки онҳо доранд, эътирофи ваҳдати монистӣ, ҳастӣ аст ва танҳо ин аллакай ҳардуи онҳоро дар муқобили догмаи исломӣ гузоштааст, ҳарчанд тавре ки дар боло зикр гардид, перипатетикҳо

ягонагии ҳастиро дар рӯҳияи пантеизми натуралистӣ (Худо) дарк мекарданд. Худо маҷмӯи вуҷуд аст ва сӯфиён майл доштанд ва дар ҳар чиз таҷаллии Худо медиданд. Консепсияи асосии онтологии тасаввуф ба эътирофи ҳақиқати ваҳдати вуҷуд асос ёфта, аз ин мавқеъ ҳастии модӣ (вуҷуд)-и оламро аз ҳақиқат дур ва гузаранда эълон мекунад» [208,24].

Ба андешаи академик М. Диноршоев, Арасту муътақид буд, ки Худо ва олам ибтидоӣ ва ҳам абадиянд. Ҷаҳонро муҳаррик ба ҳаракат медарорад, ки он низ ибтидоӣ аст ва амалҳояш на оғоз доранд ва на интиҳо. Ин назари Арасту, ки боиси эътиқод ба ду мавҷудоти ибтидоӣ мегардад, албатта принсипҳои эътиқоди мусалмонон ва монотеизми динӣ мувофиқат намекунад. Аз ин рӯ, Форобӣ ва Ибни Сино назари Арастуро напарастиданд ва принсипҳо, шаклҳои таълимоти исломро тарафдорӣ карданд [103,135].

Масоили офариниш, мавҷудият, абадият ва қидамии олам дар таълифоти арзишманди синошиноси машҳур А. М. Гуашон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Мутаассифона, аксари асарҳояш дастраси мо нестанд, аз ин хотир ба китоби ӯ «Фалсафаи Ибни Сино ва таъсири ӯ ба Аврупои асримиёнагӣ» муроҷиат менамоем.

Дар боби аввал, ки «Тезисҳои бузурги фалсафаи Ибни Сино» ном дорад, метафизикаи мутафаккир ва махсусан назарияи ӯ оид ба офариниш таҳқиқ шудаанд. Ин китоб яке аз охирин китобҳои муҳаққиқи фаронсавӣ аст ва тамоми натиҷаҳои ниҳоӣ ва хулосаҳои фалсафии ин мутафаккири тоҷик оварда шудааст.

Ба андешаи А. Гуашон, офариниш барои ҳам мусалмонон ва ҳам насрониҳо як масъалаи муҳим аст, дар ҳоле ки бутпарастони юнонӣ ин масъаларо муфассал шарҳ надода буданд. Аз ин рӯ, **дар метафизикаи Арасту масъалаи имконулвуҷуд баррасӣ намешавад [85,33].**

А. Гуашон мефаҳмонад, ки Ибни Сино мехост ҳама гуногунии моҳияти илоҳиро аз байн барад, аммо маълум шуд, ки ӯ аз мантиқ ба

онтология гузашта, ба хулосаҳои гуногун омадааст. Ба ақидаи А. Гуашон яке аз мушкилоте, ки Ибни Сино дар тӯли назарияи офариниши худ бо он мубориза мебурд, ин фарқи байни моҳияти тавлиди ашё ва маҳсули хоси он дар шуур буд [85,35].

Ба андешаи ӯ Офаридгор медонад, ки моҳияти ӯро чӣ маҷбур мекунад. Ӯ худро ҳамчун ақли пок мешиносад; аз ин хотир, Ӯ мувофиқи ҳастии интеллектуалӣ амал мекунад. А. Гуашон мӯътакид аст, ки офариниш аз Ӯ оғоз мешавад, аммо аввал, ҳамчун хуруҷи зеҳнӣ, ки се навъ дорад. Ин хуруҷ ба ақли худ пайравӣ мекунад, зеро Воҷибулвуҷуд ақлест, ки ҳокими офариниш аст. Он гоҳ вай бевосита танҳо ба ақли пок мавҷудият медиҳад; дар охир онҳое ки аз вай бармеоянд, шаклҳои фаҳмо мебошанд. А. Гуашон фарқи байни моҳият ва мавҷуд ва аналогияи ҳастиро, аз рӯи ақидаи Ибни Сино таҳлил карда, мегӯяд, ки дар як система офаринишро бо роҳи эманатсия ва монистӣ қабул кардан ғайриимкон аст. Агар ин монизми ӯ бошад, пас ӯ моҳияти воқеии мавҷудро фарқ намекунад [85,40].

Тибқи андешаи А. Корбэн ғояи «ортодоксалии» офариниш дар фалсафаи Ибни Сино дар зарурат аст ва ба тағйироти куллӣ дучор мешавад. Воҷибулвуҷуд танҳо вақте амал мекунад, ки зарурати илоҳӣ бошад. А. Корбэн дар китоби худ «Таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик» масъалаи ибтидоӣ ва абадияти Худоро баррасӣ мекунад, аммо ӯ ба мафҳуми абадият ва ҳамешагии Худо ва олам аҳамият намедиҳад [153,242].

О. Шанин як боби алоҳидаи асари худро ба масъалаи офариниш дар фалсафаи Ибни Сино бахшидааст, яъне боби панҷум бо номи «Офариниш», аммо таҳқиқот дар бораи масъалаи ибтидоӣ ва абадияти ҷаҳон, ҳамзистии Худо бо ҷаҳон ва ғ. таҳқиқоти мухтасар ҷой дорад. Дар ин боб масоили илоҳиёт ва эманатсия бештар таҳқиқ шудаанд. Танҳо дар зербоби хурди «Каромот» масъалаи ҳамзамонии Худо ва олам

шарҳ ёфтаанд. Осмон, чунин мешуморад, ки олам дар ибтидо вуҷуд надошт ва он дар лаҳзаи муайян рух дод, он гоҳ як пешгӯие, ки ба чизҳои махсус муқаррар карда мешавад, татбиқ шудааст; он як навъ дурандешӣ ва хости Худо буд, ки бобати офариниш андеша намояд [210,132].

Аз назари мактаби машшоияи асрастуӣ амри куллӣ, аз ҷузъиёти ҳосилшуда бо идрокоти ҳиссӣ, таҷрид мешавад, аммо Ибни Сино муътақид аст, ки куллӣ мустақиман аз ақли фаъол ба нафси инсон ифоза мешавад, зеро куллӣ дар сурати ҳиссияи ҷузъия қарор надорад.

Саҳми бузурги Ибни Сино ин буд, ки илова бар шарҳу тафсири мактаби Арасту як назари мустақили фалсафии худро бунёдгузорӣ кард. Маҳз Форобӣ, Ибни Сино, Нсируддини Тӯсӣ ва дигарон принсипҳои асосии фалсафаи машшоияро такмил доданд.

Ибни Сино дар «Илми ҳудуд», ки таъриф ва моҳияти ашё шарҳ ёфтаанд мегӯяд: «Олам «маҷмуи ҳамаи ҷисмҳои табиии басит (сода) аст. Олам ҷумла мавҷудотеро гӯянд, ки зоти ҳамҷинс доранд. Монанди он ки гӯянд, олами табиӣ, олами нафс ва олами ақл» [11,607].

Бар мабнои низоми фикрӣ ва фалсафии Ибни Сино ҷанбаи идеалистӣ таъсир расонида, мегӯяд, ки офариниши олам бар асоси қиёс будан ва таҷаллии Ҳақ аст. Ин нуктаро академик А.Баҳоваддинов чунин таъкид карда буд: «Вай Худоро эътироф намуда, сиришти ҳастиро на як, балки ду субстансияи гуногун, яъне модӣ ва маънавӣ мегӯяд. Олам ба ақидаи ӯ, на мутлақ, балки нисбатан зарур буда, ба ҷумлаи имконият тааллуқ дорад. Чӣ хеле ки вақт аввалу охир надорад, олам ҳам аз Худое вобаста мебошад, ки берун аз фазову вақт вуҷуд дорад» [59,29].

Чуноне дар зербоби «Қидам ва ҳадс» -и китоби «Илми калом» гуфта мешавад: «Ҳар мавҷуде ё масбуқ ба ғайр ё нестӣ аст ё масбуқ нест, чунончи масбуқ ба ғайр ё нестӣ бошад ҳодис ва илло қадим аст» [236,27]. Ин фарзияи мутакаллимон ва андешаҳои Шайхурраис монанди ҳамдигаранд.

Ибни Сино дар китоби «Табииёт» дар зербоби «Замон. Қидамии олам» оламро зотан қадим намешуморад, онро зотан ҳодис (навпайдошуда) мегӯяд. Ӯ шарҳ медиҳад, ки ҳодис шудани олам аз зоти худи он нест, зеро агар ба вай аз ғайри худаш вуҷуде изофа нагардад, дар он ҳолат олам зотан ба нестӣ меравад. Аз ин хотир, олам дар зоти худ вуҷуд надошта, вуҷуди дар зоти он буда, аз ғайри ӯст. Пеш аз олам замон вуҷуд надошт, ки баъди он оламро Худо офарида бошад. Ҳамин «вуҷуд надоштанаш дар замон нест» ҳодисшавии олам буда, он чи вуҷуди олам аз он аст, вуҷудкунандаи ӯст [11,476-477].

Инчунин, Ибни Сино дар зербоби «Пайдо кардани ҷойгоҳҳои ҷисмҳои басит ва якии олами тануманд» ташреҳ медиҳад, ки «куллияти олам як ҷисм бувад». Ҷойгоҳи ҳар ҷисм як аст, аз ин хотир, ҳаракати табиии онҳо як аст. Ҷисмҳо ҷойгоҳҳои пароканда надошта, пайванд ҳамдигаранд, монанди он ки моҳ ва олами кавну фасод андар фалакаи моҳ аст [10,309-310].

Дар зербоби дуввуми ҳамин китоб «Маонии само» Ибни Сино оламро ягона мегӯяд ва онро аз чизҳои басити бисёртаркиб, ки на ба хало ва на ба мало намераванд, иборат медонад. Ба андешаи ӯ олам хориҷ надошта, чизи матлуб аст ва интиҳо намеёбад [11,478].

Файласуфи тоҷик С. Султонов дар мақолаи хеш дар мавзуи «Таълимоти Ибни Сино дар бораи абадияти олам аз нуқтаи назари тадқиқотчиёни Фаронса» таҳқиқоти ҷолибе намуда, андешаҳои файласуфони мухталифназари фаронсавиро иқтибос оварда, дар интиҳо оид ба фалсафаи Ибни Сино ба чунин хулоса меояд:

«Ҳамин тариқ, муҳаққиқони фаронсавӣ чунин мешуморанд, ки Ибни Сино дар таълимоти худ оид ба эманатсия, ибтидоӣ ва абадияти олам ва инчунин ҷовидонии Худо бо ҷаҳон ғояҳои муаллифони Юнони Қадим, алахусус Плотинро асосан қабул ва инкишоф додааст. Ба ақидаи Ибни

Сино, Худо ҷаҳонро на аз рӯи хости худ, балки аз рӯи зарурат меофарад» [264,7].

Дар таълимоти фалсафии Ибни Сино, умуман, масъалаи офариниш, дар асоси категорияҳои «сабаб ва натиҷа» амалӣ мешавад. Ба андешаи ӯ сабабу натиҷа ин Худо ва инсон буда, азбаски сабабу натиҷа ҳамзамонанд, мавҷудияти Худо ва олам низ мабдаӣ ва абадианд.

Оид ба офарида шудани олам андешаҳои Шайхурраис ба Абӯнасри Форобӣ қаробат дошта, ҳар ду ҳам Воҷибулвуҷуд (Худо)-ро сабаби аввал, мавҷуди нахустин, Ақли маҳз ва ягона ташреҳ додаанд. Худо намуди зоҳирӣ надорад, материалӣ ҳам нест ва тан надорад. Худованд ҳастии куллиро тааққул намуд, оламро низом бахшид. Оламро офаридани Ӯ дуруст аст, зеро ҳам қадим ва ҳам қодир ва ҳаким буда, азбаски сабаби аввал аст барои ҳосил намудани натиҷа зарурият пеш меояд.

«Ҳастии ҷисмҳову аразҳо ва ҳама мақулоти олами эҳсосот муайян аст ва моҳияти онҳо ғайричигунагӣ аст. Ин ҳама мақулоти дугона мумкинулвуҷуданд. Аразҳоро устуворӣ аз ҷисм буда, ҷисмҳо тағйирпазиранд. Ҷисмҳо аз моддаю сурат иборатанд. Мумкинулвуҷуд худ ҳастӣ надорад ва онро сабабе бояд. Сабабҳо охир ба Воҷибулвуҷуд мерасанд ва Воҷибулвуҷуд якто аст» [11,256].

Пас, ҳастии олам аз Вай аст ва вуҷуди ӯ ба худ аст ва ӯ ба ҳақиқат ҳастии маҳз. Мас., Офтобро рӯшанӣ ба худ аст ва равшан шудани чизҳо аразӣ ба Вай аст. Вале офтоб устувор ба худ нест. Равшанӣ офтобро мавзуест ва ҳастии Воҷибулвуҷудро мавзуе нест, балки ба худ устувор аст [11,256].

Ибни Сино дар рисолаи «Дар ҳақиқат ва кайфияти силсилаи мавҷудот» судури оламро аз Воҷибулвуҷуд ба ин қарор нишон додааст: Нахустин чизе, ки аз иллати аввал ҷорӣ мешавад, се ҷавҳари басити имконист, ки табдилу тағйир намепазиранд. Якум, ҷавҳаре, ки вуҷуди

воҳид дорад ва сурати мавҷудотро мепазирад. Ин ҷавҳар ду гуна

1. Чавҳаре, ки тақсимнопазир буда, ба модда ва онро нафс хонанд;

2. Ҷавҳаре, ки тақсимпазир ва дорои се андоза: тул, арз, умқ аст ва онро ҷисм гӯянд [265,13].

Ақл дар давраи нахуст судур мешавад, зеро воҳид (Худо) фақат воҳид меофарад, аз ин рӯ, ба Худо монандие ҳаст, вале аз дигар ҷониб, ба Ӯ хилоф аст, зеро натиҷаи Ӯст ва мутааххир ба зот аст. Аз ин хотир, намуди бе модда аст. Ин натиҷаи нахусти Ақли маҳз буда, он дар дарҷойи дуюми вуҷуд аст. Нахуст Ақли мувофиқа буда,

Ҳамчун мутаҳаррик бедоркунанда ва тарғибгар ба ҷирмҳои баъдӣ аст.

Ин Ақл се намуди мавҷудотро меофарад:

1. Нахуст Ақли дуюмро меофарад, ки он дар зинаи сеюм қарор мегирад;

2. Баъдан, тааққули зот мекунад ва такассури зиёдии навъҳо – ду чиз мушоҳида мешавад: сурати фалаки ақсо, ки дараҷаи камолоташ нафс буда, тавассути модда зоҳир мегардад. Яъне нафсу ақл дар ҳамҷоягӣ моддаро эҷодгар мешаванд.

Зинаҳои офариниш то ба даҳ адад мерасад:

1. Ақли аввал, ки натиҷаи нахустин аст.
2. Ақли дуюм, ки баҳаракатдарорандаи олам аст;
3. Ақли сеюм, ин осмони пурситора аст;
4. Ақли чаҳорум – осмон ё фалаки Зуҳал;
5. Ақли панҷум – фалаке бо номи Муштарӣ;
6. Ақли шашум - сипеҳри Миррих;
7. Ақли ҳафтум - гардуни офтоб (Шамс);
8. Ақли ҳаштум - осмони Зуҳро;
9. Ақли нӯҳум - сипеҳри Аторуд;
10. Ақли даҳум - осмони Моҳ (Ақли фаъол).

Офариниш ҳамин ҷо хотима ёфта, аз Ақли фаъол олами таҳти Моҳ зуҳур мекунад. Ин дунёи одамист, ки макони зисти онон мебошад. Ҳамин ҷаҳонро дунёи кавн ва фасод мегӯянд, ки бо таъсири табиат аҷсом бо ҳам таъсири мутақобила мекунанд ва сабаби пайдоиши ҳарорат мегарданд ва ба ҷудо шудани чаҳорунсур боис мешаванд.

Аз ин ҳарорат унсури оташ пайдо мешавад, ки мизоҷаш гарм ва хушк аст. Ҳар чизи дар паси олами таҳти қамар буда, ба тарафи марказ ҳаракат мекунад, вале агар бе ҳаракат бошад, мизоҷаш сард аст. Аз ин рӯ, замин падид меояд ва он чи байни сарду хушк аст, бинобар ҳарорати кам доштанаш, аъзоҳояш ҷудо намешаванд ва сабаби пайдо шудани дигар унсур, яъне ҳаво мешавад, ки мизоҷаш гарм аст. Оне, ки монанди замин сард буда, дар он сардӣ кам аст, ба пайдо шудани унсури нав – об мегардад, ки мизоҷаш сарду тар аст.

Баъд аз ҷузъҳои чаҳорунсур, дар нисбати эътидоли онҳо, аҷсом муртакиб шуда, аз ҷамод ба набот ва сипас, аз онҳо баҳоиму инсон пайдо мешаванд ва ташаккул меёбанд.

«Силсилаи маротиби вуҷуд бо инсону шайтонҳои иқлимҳои аввал, дуввум, шашум, ҳафтум ва сипас инсонҳои такомулёфтаи иқлимҳои саввуму чаҳоруму панҷум ба поён мерасад. Дар ҳар яки ин мартаба нафси наве дохил аст. Дар байни одамони одӣ низ мартаба ҳаст. Олитарин мартаба рӯҳи кудсӣ аст, ки ба воситаи он бо Акли фаъол иттисол ҳосил мешавад. Авлиё ва анбиё низ марҳилаҳои бисёр доранд. Ба ҳамин тариқ, болотарин мартабаи силсилаи ҳастӣ вуҷуди маҳз ё мутлақ аст, ки мабдаи олам аст ва қавси нузул аз он оғоз шуда, қавси сууд бармегардад. Вай оғозу анҷоми чизҳост» [265,15].

Файласуфи тоҷик У. Султонов дуруст хулоса мекунад, ки дар ин таснифот чун Худо асос ва сабабу натиҷаи ҳастӣ маҳсуб меёбад, «ин консепсияи Ибни Синоро динӣ ва идеалистӣ номидан ҷоиз аст».

Аз ин нуқтаи назар, «баъзе муҳаққиқон ба ин бовараанд, ки фалсафаи Ибни Сино дуалистӣ аст, аммо Луис Гарде бо тарафдорони ин ғоя қатъиян розӣ нест ва ин равишро бо он шарҳ дод, ки ҳам файласуфони шарқӣ ва ҳам мағрибиён ҳеҷ гоҳ дар бораи «ду ҳақиқат» андеша нарондаанд. Форобӣ ва алахусус, Ибни Сино дар бораи ҳақиқати ягона сухан мегӯянд, ки он дар ду шакл дарк карда мешавад» [265,7].

Аз рӯи таълимоти равияи машшоия қадим будани модда асоси қадим будани оламро собит менамояд. Вале мутакаллимон, ки ба офариниши олам мӯътақид буданд, таълимоти таносуби моддаю суратро написандида, назари атомизми фисоғури (пифагори)-ро маъқул донистанд. Мутакаллимон бар хилофи машшоиён категорияи сабабиятро дар масъалаи офариниши олам напазируфтанд. Ба андешаи онҳо ҳодисаҳои олам зери таъсири бевоситаи Худо қарор дошта, қудрату ихтиёри Ӯ раванди ҳаводисро метавонад доимо тағйир диҳад.

Муҳимтарин таълимоти асосии фалсафаи машшоияи Ибни Сино ин мабдаӣ ва ҷовидонагии олам аст, ки дар назарияи офариниши силсиламаротиби ӯ парадоксалӣ мушоҳида мешавад [9,25].

Аҳли тасаввуф бо машшоиён дар ин масъала ихтилофи назар доштанд. Яке аз намояндагони равияи тасаввуф Айнулқузоти Ҳамадонӣ ақидаҳои патеистона дошт ва Худоро сабаби ҳастии олами модӣ дониста, зоти Ӯро барои идроки инсонӣ номумкин арзёбӣ кардааст. Ҳамин ҷиҳати таълимоти ӯ, ки моҳиятан пайдоиши ваҳдатро аз касрат аз назари ирфонӣ имконпазир мегардонад, боиси хашму ғазаби фақеҳону илоҳиётшиносон гардид.

Оид ба категорияҳои сабабу натиҷа Айнулқузоти Ҳамадонӣ таълимоти мактаби машшоияро қабул надошт ва Яздонро мавҷуди мутлақу сабаби зуҳуроти олами модӣ медонад.

Вуҷуби Худо ба қадри кофӣ мавҷуд аст, вагарна Худо як «бозӣ» -и бузурги тасодуфӣ ба назар мерасад. Агар Худо ибтидои рӯҳонии тамоми

мабдаъҳо бошад, пас Ӯ мабдаи рӯҳонии ақлгароёна аст. Аз ин рӯ, офариниши олам аз амали худифшонамоӣ, худшиносонии Худо иборат аст. «Сабаб танҳо дар сурате сабаби билфеъл (воқеӣ) шуда метавонад, ки натиҷае ба миён оварад. Агар он натиҷа надошта бошад, пас доим сабаби билқуввa (имконӣ) шуда мемонад. Бинобар ин барои он ки Худо сабаби билфеъл шавад, ӯро воҷиб буд, ки оламро биофарад» [133,11].

а) Худо ва олам дар фалсафаи тасаввуф

Дар таълимоти динии насронӣ мавқеи динии «ваҳдати вуҷуд» «манифестионизм» (аз лотинии manifestare – зуҳур кардан) номида шуд. Вақте ки ягонагии мутлақи ҳама мавҷудотро дар Худо медонем, формулаи ягонагии файласуфи бузурги диншиноси Русия В.Соловёв ба ёд меояд:

- нахуст ӯ муътакид мешавад, ки ваҳдати Худо ва ҳастӣ ин ваҳдати антропологии Худо ва одам буда, дар Падар ва Писар инъикос мегардад ва таълимоти Худо-одам ва Худо-инсоният мувофиқи таълимоти ислом нест;

- сипас, ваҳдати эпистемологии ӯ ба маънии ваҳдати тамоми ашколи имконпазири дарки Худо ва олам: адён, улум, фарҳанг, маърифати ақлӣ ва эҳсосӣ ва назариявию эмпирикӣ; оид ба ягонагии ақлу имон, таҷрибаву имон, фаҳмида мешавад. Ваҳдати Офаридгору офариниш маънии васеъ ба худ гирифта, ҳамоҳанги ваҳдати вуҷуд тарафдори ваҳдати онтологӣ мешавад.

-баъдан, ваҳдати тамоми ҷирмҳои олам, ки мансуб ба Мутлақанд.

Тибқи ақоиди исломӣ ваҳдати илоҳӣ мазмуни Худо нишонаҳо ва сифатҳои мушаххаси ӯ буда, ба қонунҳои имон ихтилоф дорад. Ин мантиқист, зеро тамоми ягонагиҳо ҷузъҳои «ягонагии чизе» ҳастанд. Бояд муътакид шуд, ки ваҳдати вуҷуд мазмуни ваҳдати Худову ҳастӣ, Офаридгору офариниш ва инсонро надошта, қаробат ба сӯи Ӯст.

Бинобар метрикаи фазой-вақтӣ доштани ягонагӣ (ваҳдат) ва наздикӣ аз рӯи мазмуни физикӣ истилоҳоти умумиасос ҳастанд, вале мафҳуми рамзии онҳо аз ҳам фарқ доранд, Мувофиқи таъоимоти тавҳид Худо бидуни ҷисм буда, вақт, фазо, миқдор ва сифат ба Ӯ мансуб нест. Шарҳи ин маънӣ дар китоби «Шарҳи тааруф» чунин ифода ёфтааст: «Худо ягона аст ба зоти хеш ва зот ҳастӣ буд, чунонки мавҷуд ва шайъ ва нафс ва ин ҳама иборат аз ҳастӣ буд, пас ҳастии ӯ ба ҳастии кас намонад, зеро ки ҳама ҳастиҳо ё ҷисманд ё ҷавҳар ва ҳастии Ҳақ субҳона ва таъоло ҷисм ва ҷавҳар нест ва ҳама зотҳо ё дар маконанд ё дар замонанд ва зоти Худои таъоло дар замон ва дар макон нест ва ҳама зотҳоро ибтидо ва интиҳост ва зоти Худои таъолоро ибтидову интиҳо нест» [181,4].

Консепсияи шинохти Худо, аз ҷониби аҳли тасаввуф, дар ду марҳила сурат мегирад:

1. Дарки жарф то ба субстансия, бо ҷудосозии эманатсияи асмо, сифатҳо ва пардаи олами беруна. Ин танҳо ба Худо муяссар мешавад ва аз олам Ӯ бо пардаи маҳфуз ниҳон аст. Кӯшиши субстансияи Худо бенатиҷа аст.

2. Дарки Худо дар зуҳури мухталифи Ӯ. Вай дар набати худ ба ду назар идрок мешавад: дарк бо мазмуни васеяш – инсон Худоро дармеёбад, ҳастиашро меёбад ва дарки мураккаб – инсон тафаккур мекунад, ки дарёфтааст ва дарки расидани ӯ ин ҳамон ҳастии Худо дар зуҳуроти Ӯ мебошад. Дар назари аввал шуур ҳам пӯшида нест, зеро инсон дар дарёфти чизе далели ҳастии онро дармеёбад ва ҳастӣ таҳо тавассути Худо тафаккур карда мешавад [64,293].

Аз ин интерпретатсияи назарияи дарки тасаввуф хусусияти пантеистии он ба назар мерасад, ки дар як вақт таълимоти сӯфиёнаро доир ба Худо аз исломи ортодоксалӣ наздик, аз тарафи дигар дур мекунад.

«Олам ба як ниҳод мебошад ва аз он ҳадду қоидае, ки ниҳодаанд, намегардад. Дуруст шуд, ки сонеъ ва мудаббир яке аст, аз баҳри он ки чун мудаббир бисёр гарданд, дар тадбир ихтилоф афтад ва чун тадбир мухталиф гашт, халал дар мудаббирот дарояд ва чунонки манофеи осмону замин муттасил аст, агар сонеъ ду будӣ ё манфиати замин ё манфиати осмон мунқатеъ гаштӣ ва харобӣ ба мулк даромадӣ» [181,6].

Муътакид бояд шуд, ки дар таълимоти тасаввуф ҳамин нишонаи креатсионизм нигаҳ дошта шудааст, вале дар масъалаи дарки диалектикии Офаранда ва офариниш бозёфти тоза мушоҳида мешавад.

Муҳаққиқи тоҷик Ш.Амирхонов таълимоти сӯфиёнаи Аҳмади Ғазолиро доир ба масъалаи «офариниш» мавриди баррасӣ қарор дода чунин мегӯяд: «Дар таълимоти ӯ креатсионизми теософӣ ҷой надорад. Вай дар бораи офариниши пайвастаи доимӣ сухан меронад. Олам, мувофиқи таълимоти ӯ, динамикӣ буда, пайваста аз як ҳолат ба ҳолати дигар меравад. Таҷдиди ҳамешагии ҷаҳон натиҷаи зуҳури пайвастаи Худо дар шаклҳои ашёи мушаххас аст» [333,138].

Ин нукта ба таълимоти ваҳдати вуҷуд дахл дошта, ваҳдати ҳама ашёи олам дар Худо таҷассум меёбад.

Ду дараҷаи таҷаллӣ вуҷуд дорад: якум, вақте ки ҳастии илоҳӣ ба исмҳои Парвардигор ошкор мешавад ва дуввум – дар шаклҳои хоси ҳастии олами эҳсосӣ. Исмҳо аз як тараф бо номбаршудагон якхелаанд ва аз ҷониби хилоф, ба маънои хоси худ аз он фарқ мекунанд: ҳар кадоме ҷиҳати ҳадди Ягонаро ошкор месозад ва аз ҷиҳати моҳияти худ аз ҳамаи исмҳои дигар фарқ мекунад. Дар ин муайяншавӣ маҳдудияти ҳар як ифода меёбад ва мансубияти онро ба касрат мефаҳмонад. «Исмҳо як доираи фосилаи байни ҳастии мутлақ («вуҷуди мутлақ») ва ҳастии маҳдуд («вуҷуди муқайяд») мебошанд, ки бо олами модӣ мувоҷеҳанд. Онҳо ҳамчун як навъ пайванди ғайримустақими байни Мутлақ ва ҷаҳон амал карда, нисбат ба пешин дар вобастагии тобеъанд, аммо нисбат ба

ҷаҳони заминӣ ҳукмронанд, зеро он ҳосилаи онҳо, зуҳури бевоситаи онҳост. «Мо, – мегӯяд Ибни Арабӣ, – самараи меҳрубонии илоҳии бечуну чаро нисбат ба исмҳои илоҳӣ ҳастем» [259,21].

Вижагиҳои умумии онтологияи диниро метавон чунин номбар кард:

- **ҳимояи ҳуқуқи даъво ба ҳақиқат доштани он.** Таълимоти «фарогир» -и асолати динӣ тағйирдиҳандаи моҳияти масъалаҳо нест. Чуноне дар як қатор таълифоти академик А.В. Смирнов таъкид гардидааст: «дине, ки ҳақиқати дини дигарро эътироф намекунад, худ дини ҳақиқӣ ҳисобида намешавад» [371,43].

Андешаи ӯ қобили дастгирист, зеро маҳз таҷрибаи муносибатҳои динӣ релятивизми муосири фарҳангиро ифодагар мебошанд. Вале нақшаҳои назарияи маърифатӣ, эпистемологӣ ва онтологӣ ба куллӣ тағйир намеёбанд. Тамоми динҳои олам дар ақидаҳои онтологӣ ва теологии худ таҷассуми аслии Худо, ҳастӣ ва инсонро мебинад;

- **монеаҳои шахшудамонда (догматикӣ) барои ташкил намудани ҳамоҳангии консептуалӣ зуҳур мекунанд** ва ҳалли вазифаҳои мубрами ҳаракати экуменӣ ба таъхир монда мешаванд. Экуменӣ –ҷунбиш, ҳаракат барои наздикшавӣ ва муттаҳидсозии эътиқодҳои гуногуни масеҳӣ, яке аз механизмҳои муносибатҳои байни масеҳият мебошад;

- **барои ҳама таълимотҳои динӣ консепсияи онтологӣ аз постулатсияҳои ҷаҳонбинӣ ташаккул ёфтааст**, ки пеш аз ҳама аҳамияти ахлоқӣ доранд. Аз ин рӯ, ҳама гуна сохтори онтологӣ, ҳама рӯйдодҳо, ашё, равандҳо худ ба худ муҳим нестанд, балки ҳамчун ифодаҳо, рамзҳои таъсири ду қувваи умумиинсонии некиву бадӣ дорои ангезаи амиқи маънавӣ мебошанд;

- **онтологияҳои динӣ нисбат ба дигар онтологияҳои таҳаммулпазир нақши бориз доранд.** Дар тӯли садсолаҳои таҳвил додани принсипҳои асосии системаи эътиқод [индоктринатсия] мавҳумият ва рамзҳои динӣ ҷузъҳои муҳими воқеият гаштаанд. «Ривоятҳои динӣ ба таври табиӣ ба

фарҳанг, забон ва тафаккуру мавҷудияти ин ё он қавм ворид мешаванд» [355,43]. Ин гуна таҳвил, хусусан, барои дини ислом, ки монотеизми мутлақ дорад, мувофиқтар аст, зеро механизмҳои он мустақиман ба таҷрибаи ҳаёт, муошират ва зиндагии мардум пайванд ҳастанд;

- **қонунҳои асосии онтологӣ дар асоси ҷаҳонбинии гуногун бунёд ёфтаанд**. Ин маънои онро дорад, ки ҳама шаклҳои дигари дарки аънавии олам: асотир, ахлоқ, санъат, фалсафа, илм доимо дар шумори ин қонунҳои онтологиянд;

- **постулатҳои рамзӣ ва маҷозии онтологӣ ба равандҳои воқеии материалӣ ё рӯҳӣ хеле кам мувофиқат мекунан**д. Аз ин рӯ, хондани маънои аслии онҳо мумкин нест, зеро дар онҳо маъноҳои мухталифи рамзӣ ва маҷозӣ ҷой дода шудаанд. Постулат - мавқеъ, пешниҳод, изҳорот ё тахмине, ки дар чаҳорчӯбаи назария ҳамчун ҳақиқат, бунёдӣ ва бе исбот талаб карда мешавад, қабул карда мешавад;

- **Худо мутлақ ва дар ҳама ҷо мавҷуд аст.** Вай як шакли ҳамеша хозиру нозир буданро ба худ дорад. Вуҷуди вай тамоми ҳастии модӣ ва рӯҳӣ, ҳақиқӣ ва виртуалӣ, воқеӣ ва потенсиалиро фарогир аст. Вай ҳамзамон дар ҳама ҷо ҳаст ва дар айни замон ба ҳеҷ ваҷҳ худифшо нест. Як ҳолати муҳими онтологӣ аз ин бармеояд. Файласуф ва диншиноси насронӣ А. Августин моҳияти муносибати байни Худо ва инсонро чунин шарҳ медиҳад, ки Худо, фавқуттабиӣ буда, олам, табиат ва инсон, натиҷаи офариниши Худо мебошанд ва тамоми мавҷудот ба Офаридгори онҳо вобастаанд. Агар навафлотуния Худо [Мутлақ] -ро ҳамчун Мавҷуди ғайришахсӣ, ҳамчун ваҳдати ҳамаи мавҷудот мешуморид, пас Августин Худоро ҳамчун шахсе, ки тамоми мавҷудотро офаридааст, тафсир кардааст. Ва ӯ дидаву дониста дар тафсири Худо аз тақдир ва толеъ фарқиятҳо ба амал оварда.

Ба андешаи ӯ Худои насронӣ пурра қисматро ба даст дошт ва ба иродаи худ таслим мекард. Қисмат бо хости Ӯ пешгӯй мешуд. Оқибат

пурра ва бевосита ба Худо тааллуқ доштани табиату инсон ӯро ба фатализм оварда расонид. Яъне, ба ақидаи ӯ Худо лаҳзае ҳам аз офаридаҳояш дур нест ва ҳамеша таъсири хешро мерасонад. Ин фатализми мутлақ, – мегӯяд файласуфи россиягӣ В. Соколов,- дар асари «Нидо» -и ӯ чунин оварда шудааст: «Маро модарам шир надодааст, балки Ту ба воситаи вай мани кӯдакро хӯрондай, тибқи қонуни табиат инро аз азал навишта будӣ ва бо саховатмандият ҳама махлуқотро таъмин мекунӣ» [254,55-56].

Аз ҷиҳати мантиқ, Худо фақат ба хотири сифатҳояш мусбат маънидод намешавад, зеро тавассути ғайриматериалӣ, номуайянӣ ва ғоиб буданаш метавон манфӣ низ арзёбӣ намуд. Аз ин хотир, мувофиқи теологияи апофатӣ (яъне «танзеҳӣ», на «ташбеҳӣ») мебошад. Теологияи апофатӣ (аз кал. қадимаи юнонии ἀποφατικός «манфӣ») ё теологияи манфӣ як усули теологӣ мебошад, ки ифодакунандаи моҳияти илоҳӣ буда, тамоми назарияҳои имконпазири онро ҳамчун қобили номумкин буданаш инкор мекунад ва Худо бо ғайри ҳамгуни Ӯ дарк мешавад. Ӯ «монанди чизе нест», Вай моҳияти илоҳияшро дар ягон чиз фош наменамояд. Азбаски Худо дар хориҷи метрикаи экзистенсиалӣ қарор дорад, барои ҳамин ҳам мафҳум ё истилоҳи умумидарбаргирандаи Худо мавҷуд нест, то бо он муқоиса карда шавад.

Ҳамин тариқ, мантиқан дарк кардан ё худ муайян намудани Худо мухолифи тафаккури ратсионалии инсон аст. Бояд истилоҳе бошад, ки Худоро аз ягон хусусияташ мусбат арзёбӣ намоем ва ин истилоҳ креатсионизм аст. «Креатсионизм - [аз лотинии creatio –созандагӣ] таълимотест, ки пайдоиши олам ва одамро натиҷаи фаъолияти созандагии Худо, офаранда [на натиҷаи тағйироти эволютсионӣ] мешуморад» [70,467].

Ин назарияро дуруст ҳисобидан мумкин аст, вале барои ошкор намудани моҳияти амиқи рамзии офариниши илоҳӣ он кофӣ нест. Ин ҷо

«аз ҳеҷ» офаридани Худо ин моҳиятро пурра дар бар мегирад. Тибқи ақоиди маҳдуди инсонӣ ба хотири офаридани чизе аз ашёи дигар парвардигорӣ муҳим нест. Дар эътиқоди монотеистӣ, баръакси қонунҳои метрикаи физикӣ, ки моҳияти он ғайриимкон будани чунин офариниш мебошад, мантиқи дарки рамзии олам маҳз дар офариниши «аз ҳеҷ» аст.

Онтологияи исломӣ, аз як тараф, ба таври умумӣ, ба тамоми аломатҳои онтологияи динӣ мувофиқат мекунад, аз тарафи дигар, он дорои хусусиятҳои тафриқавӣ мебошад. Дар ин бобат, дар Қуръон таъкид меравад ва дини ислом дар офариниши илоҳӣ дорои як монотеизми мутлақ аст. Барои мисол аз сураи Бақара ояти 33-юмро меорем: «Эй Одам...Оё ба шумо нагуфта будам, ки ҳамоно ман чизҳои ниҳонии осмонҳо ва заминҳоро медонам; ва он чиро, ки ошкор мекунед ва он чиро, ки пӯшида медоштед, медонам» [159,6]?

Креатсионизми динӣ бо тарзҳои гуногун вуҷуд дорад:

- креатсионистии воқеии ҷаҳонофаринӣ, дар Китоби Муқаддас [146,16], ки мувофиқи он дунё дар шаш рӯз ва бо пайдарҳамии қатъӣ сохта шудааст ва ин тақрибан 6000 - 7500 сол пеш рӯй додааст;

- креатсионизми маҷозӣ ё куҳанофариниши замин, ки тибқи он «шаш рӯзи офариниш» дар Қуръону Инҷил маҷозӣ буда, ба сатҳи рушди одамони он замон мутобиқ карда шудааст. Дар асл, офариниш як ҷараёни дарозмуддат аст ва миллионҳо сол ба «як рӯзи офариниш» мувофиқат мекунад. Ва калимаи рӯз бо забони ибрӣ на танҳо шабонарӯзӣ, балки инчунин қисми давраи номуайянро ифода мекунад. Дар тафсири таълимоти насронӣ [дар бораи офариниши олам таъкид меравад, ки ҳангоми аз ҷониби Мӯсо навишта шудани Китоби Муқаддас бо забони қадимаи яҳудиён, вожаи «йом» маънии ҳам рӯз ва ҳам фосилаи замонро дошт. Қ.И. [2 Петр.3,8;Псал.89,5:Як рӯзи Худо ҳазор сол ва ҳазор сол, чун як рӯз]] [146,106];

- креатсионизми фосилавӣ: Замин хеле қабл аз рӯзи аввали пайдоиш офарида шуда буд ва ё дар шакли «нонамоён ва холӣ» дар ҳамон 4,6 миллиард сол боқӣ мондааст, ки далелҳои илмӣ собит кардаанд. Аз ҷиҳати динӣ бошад, аз ҷониби Худо барои офариниши нав тиҳӣ карда шудаасту танҳо, пас аз он фосилаи хронологӣ барқарор шуд - Худо ба Замин намуди замонавӣ дод ва ҳаётро тавре офарид, ки дар Китоби Муқаддас дар шаш рӯзи офариниш тасвир шудааст;

- креатсионизми офариниши тадриҷӣ, ки мувофиқи он Худо пайваста раванди рушди табиӣ ва биологиро роҳбарӣ мекунад [146,15-92]. Дар ин нукта намояндагони дин, илова бар назарияи эволютсионӣ ва ҷараёни шаклгирӣ, ки тавассути механизмҳои интихоби табиӣ сурат мегирад, маълумоти илмии геологӣ ва астрофизикиро эътироф мекунанд;

- Эволютсионизми теистӣ [креатсионистии эволютсионӣ], ки назарияи таҳаввулотро [эволютсия] эътироф мекунад, таъкид бар он дорад, ки таҳаввулот воситаи амалӣ сохтани нақшаи Худо – Офаридгор мебошад. Ин қисмати креатсионизм дар асарҳои машҳури файласуф ва теологи фаронсавӣ Тейяр де Шарден [1881-1955] ба хубӣ ифода ёфтааст ва дар байни файласуфони муосири динӣ хеле маъмул аст. Масалан, тавре ки файласуфи россиягӣ ва теологи насронӣ А. Кураев таъкид дорад, дар мазҳаби насронии шарқӣ барои инкор кардани таҳаввулот на ҳадис ва на таълимот мавҷуд аст. Нисбат ба таҳаввулот муносибати оромона доштан хоси анъанаи теологияи академии мазҳаби насронии шарқӣ мебошад. Ақидаҳо ва усулҳои далелҳои креатсионистҳои радикалиро наметавон қабул кард, зеро онҳо ба маълумоти илмӣ сатҳӣ ва ғайриобъективӣ муносибат мекунанд ва ин ҳолат эътирози олимони соҳаро ба вуҷуд меорад. Масалан, «биолог китоби баҳсталаби креатсионистиро мутолиа намуда, умуман таълимоти масеҳиятро ботил меномад».

Ба андешаи ӯ «... ғайри қобили қабул будани ғояи эволютсия барои тафаккури православӣ танҳо дар он сурат собит мегардад, ки чӣ гуна фарзияи ивазшавии наслҳои ҳайвонот дар ҷаҳон, чӣ қабл аз инсон ва чӣ дар берун аз Эден, метавонад, дар масъалаи наҷотдиҳии асрори калисоҳо, тафаккури масеҳиёнро халалдор кунад» [413].

Олимони россиягӣ К. Магомедов ва Н. Саркарова дар мақолаи хеш оид ба креатсионизм шарҳи дақиқе овардаанд, вале бархе аз ақидаҳояшон оид ба офариниши олам дар таълимоти дини ислом баҳсталаб ба назар мерасанд. Масалан, чунин таъкид рафтааст: «Бояд қайд кард, ки дар дини ислом тасвири муфассали офариниши олам вуҷуд надорад ва илова бар ин, ягон баҳои муайяне ба қисматҳои креатсионизм вуҷуд надорад» [358,95-112]. Албатта, маълумоти муфассал дар Қуръони Карим мавҷуд нест, вале дар беш аз 40 сураи он оятҳое оварда шудаанд, ки дар онҳо оид ба офариниши замину осмон сухан меравад. (Сураҳои Бақара (164,255,284) Анъом (1-3,13,73,99,101), Аъроф (54), Тавба (36), Юнус (3-5), Ҳуд (7), Раъд (2), Иброҳим (19), Ҳиҷр (16), Наҳл (12-16,65), Исро(44), Каҳф (7) ва ғ.) Оид ба қадим будани олам ва мувофиқати вақт дар Сураи Ҳаҷ, ояти 47 чунин омадааст: «...Ва ба дурустӣ, ки як рӯз назди Парвардигори ту монанди ҳазор сол аст – аз он чи шумо мешумуред» [159].

Андешаҳои мухталифи ин масъаларо ҷамъбаст карда, гуфтан метавон, ки консепсияи креатсионизм дар ду варианти асосӣ вуҷуд дорад. Мувофиқи фарзияи аввал, офаринише мавҷуд буд, ки дар он тамоми шаклҳои нотамом ва гуногуни ҳастӣ кайҳо гузошта шуда буданд. Фарзияи дигари креатсионизми теистӣ бошад, ҷараёни доимӣ ва абадии офариниши илоҳиро дар рӯҳияи окказионализм тасдиқ мекунад. Аз ин рӯ, раванди шашрӯзаи офариниши дунё, ки бо забони рамзӣ ифода ёфтааст, воқеан маънои ҷараёни доимии бунёдӣ ва навсозии дунёро дорад.

Бо баъзе сабабҳо, чунин меҳисобанд, ки барои теизм пайваста фарзияи дуюми офариниш афзалтар аст. Мавқеи аввал дар шакли формулаи деистӣ ба он монанд аст, ки мувофиқи он Худо танҳо оламро офаридааст ва механизмҳои асосии онро фаъол гардонидааст, вале баъдан ба равандҳои табиӣ ва иҷтимоӣ дахолат намекунад. Ин нукта барои таълимоти динӣ ғайри қобили қабул дониста мешавад. Чунин ба назар мерасад, ки шинохти фарзияи якуми офариниш бо формулаи деистӣ комилан дуруст нест. Ҳардуи формулаҳои офариниш аз рӯи моҳияти худ, табиати якхела доранд, зеро гуногунрангии ҳастӣ натиҷаи истисноии офариниши илоҳист. Аз ин рӯ, ҳақиқати динӣ дар ҳар ду шакл ҷой дорад; аз як тараф, дар як вақт офарида шудани оламу одам, ки дар Аҳди Қадим ва инчунин дар Қуръон тасвир шудааст. Аз тарафи дигар, тавассути механизми офариниши доимӣ ва беохир ҷараёни такомули олам идома дорад.

Аз ин паёмадҳои мантиқӣ танҳо ду роҳ вуҷуд дорад: ё эътироф кардани ихтилоф дар матни муқаддаси Инҷил, ки дин ва илоҳиёт розӣ нахоҳад шуд, ё эътироф кардани далели мавҷудияти ду офариниш, ё ду марҳилаи офариниш дар рамзи онтологӣ.

Креатсионизм метавонад шаклҳои гуногуни асотириро ба худ гирад, аммо моҳияти онҳо - эътирофи фарқияти бунёдии байни Офаридгору офариниш ва санавияти ислоҳнашавандаи бебозгашти метафизикии онҳо як хел аст. Нуктаи дуввум дар дини Ислом шаклҳои мутлақро мегирад. Агар дар дини яҳудӣ ва насронӣ ин санавият бо рамзҳои тринитаризми ба Худо бадалшавии Падар ва Писар ва инчунин тавассути механизми офариниши инсон ба сурат ва шабоҳати Худо ифода шуда бошад: «Ва Худо одамро ба сурати худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид» [146,16], дини ислом ягонагӣ ва мутлақияти Офаридгор ва офаринишро ҷонибдор аст. Масалан, дар сураи Раъд, ояти 16: «…Оё барои Худо шариконеро муқаррар кардаанд, ки монанди

офаридани Худо офарида бошанд, пас офарида ба онҳо монанд шудааст?» Бигӯ: «Худо офаринандаи ҳар чиз аст ва Ӯ ягонаи Ғолиб аст» [159,251].

Дар дини насронӣ бо вуҷуди дини тавҳидӣ-монотестӣ буданаш, Худои ягона дар се сурат: Худо – Падар, Худо – Писар ва Рӯҳи муқаддас зуҳур кардааст. Дар ҳақиқат,чуноне дар Қуръон [Қ. Ихлос:1-4] омадааст: «Бигӯ: Ӯ Худои ягона аст. Худои бениёз аст. На зодааст ва на зода шудааст. Ва ҳеҷ кас ӯро ҳамто нест» [159,609].

Дар дини насронӣ ҳама гуна ба Худо бадалшавӣ ҳамчун атрибути Худо ҳисобида мешавад ва ба ӯ шариконе медиҳад, ки ин ё он нишонаи қудрати Худовандро [мӯъҷизакорӣ] дар роҳи боваронидани мардум истифода кардаанд. Барои мисол, аз зербоби «Ба Мӯсо мӯъҷизакорӣ ато мешавад» намуна меорем: «Ва Худованд ба вай гуфт: Ин чист дар дастат?» Вай гуфт: «Асо». Ва Ӯ гуфт: «Онро ба замин парто!» Вай онро ба замин партофт ва он ба море мубаддал шуд… Ва Худованд боз ба вай гуфт: «Дастатро зери бағалат бимон». Вай дасташро зери бағалаш монд ва онро бароварда ва инак, дасташ аз махав мисли барф шудааст. Ва Ӯ гуфт: «Дастатро боз зери бағалат бимон». Вай дасташро боз зери бағалаш монд ва онро бароварда ва инак, он боз мисли баданаш солим шудааст» [146,97]. Аммо, дар дини ислом тимсоли Худо мансуб донистани инсон инкор карда шуда, қариб дар ҳар сураҳо ояте ба ин масъала оварда шудааст.

Пас, чун фалак бар ниҳоди хеш мегардад, наяфзояд ва накоҳад, рӯзро ҳадде аст аз ӯ нагзарад ва шабро ҳамчунин ва солу моҳро ҳамчунин дуруст гашт, ки мудаббири олам якест» [255,6]. (Ниг.: Қуръони Карим. Сураҳои Раъд:2; Фотир:41; Иброҳим:19; Ҳиҷр:16 ва ғ.)

Ҳамин тавр, он чизеро, ки бо ёрии эҳсосот ва тафаккури берунӣ омӯхта шудааст, олами модӣ, инчунин олами зулмот ва олами халқ меноманд. Дар ҳоле ки берун аз ин ҷаҳони ошкор, онҳо мавҷудияти ашёеро медонанд, ки паҳлуи ботинии олам аст ва онро олами малакут ва

олами нур ва олами амр меноманд. Байни олами илоҳӣ ва модӣ оламҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳузури онҳо парда барои дил аст ва шарти дарки воқеӣ бартараф кардани чунин пардаҳои берунӣ мебошад. «..олами модда ҳам албатта, шавқе барои бозгашт ба олами нур дорад ва дар вуҷуди инсон бориқаи илоҳӣ ҳаст, ки вайро бо мабдаи нур, ки Худо аст, муттасил медорад ва роҳи наҷотро дар ҳаракати суудии вай ва олами нур нишон медиҳад» [114,14].

Дар масъалаи олами касрат баҳрамандии сӯфия аз Афлотун низ вомехӯрад, ки дар фалсафаи Юнони Қадим пеш аз ин ривоҷ кардааст: «Афлотун гуфт: маҳсусот соҳиби вуҷуди ҳақиқӣ нестанд ва олам ҷуз сояе аз Худо ва инъикосе аз Ӯ нест» [273,275].

Тасаввуроти онтологии аҳли тасаввуф аз ин санавияти метафизикии Офаридгор ва офариниш ғолиб омада, берун аз доираи ҷаҳонбинии исломӣ назарияҳои хешро манзур медорад. Бояд таъкид намуд, ки дар таълимоти тасаввуф ин масъала каме дигаргун аст, яъне инсони комил, баъд аз ҳулул бо Худованд, соҳиби «лутф ва каромоти Худо» мешавад ва соҳиби қобилиятҳои фавқулодда мегардад, пайваста дар зикри Ӯ ва бо Ӯ хоҳад буд.

Дар таълимоти тасаввуф формулаи креатсионизм ҳифз шудааст, аммо дар фаҳмиши диалектикии Офаридгор ва офариниш ақоиди мухталиф ба назар мерасад. Ин алалхусус, дар таълимоти ваҳдати вуҷуд, оид ба ягонагии мутлақи ҳама мавҷудот дар Худо, аён аст. Ин маъниро В. Дроздов дар асоси осори муътамад таъкид карда буд: «Худо дар ҳеҷ як ҷузъи субстансияи худ нест, балки дар он танҳо ҳамчун оинаи таҷаллӣ зоҳир мешавад» [107,117].

Чуноне диншиноси Кореяи Ҷанубӣ Чжун Сечжин таъкид мекунад, тибқи анъанаи тассаввуфӣ солик бояд кӯшиш кунад, ки Худоро бишиносаду бифаҳмад ва ба ин васила ба Ӯ наздик шавад. Албатта, ин ҷо сухан дар бораи муносибати рӯҳӣ меравад [321,168].

Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони тасаввуф, тавҳидоти оддии динӣ дар ваҳдати вуҷуд ба «моноонтизм» ё «монизми онтикӣ» табдил дода шудааст, ки ягонагии ҳама чизро дар Худо ва тавассути Ӯ тасдиқ мекунад [304,169-176].

Дар таълимоти динӣ мавқеи дини ваҳдати вуҷуд «манифестатсионизм» [аз лотинии manifestare – зуҳур кардан] ном гирифт. Баръакси креатсионализми классикӣ, манифестатсионизм, дар баҳси офариниш, аз ҷониби мавҷудоте офаридани дигар ашёро, ки аз Ӯ хеле беҳтар аст, инкор мекунад. Аз ин рӯ, ҳастӣ, мувофиқи фаҳмиши онҳо, давом ва кашфи Худо, ошкор намудани сифатҳои Ӯ мебошад, зеро Офаридгоре нест, ки офарида нашуда бошад. Бинобар ин, дар алоҳидагӣ ҳеҷ як Офаридгор ё офариниш вуҷуд дошта наметавонад, ки моҳиятан ҷудонашаванда бошанд. Ин таъкиди онҳо, албатта маънои айнияти мутлақи Офаридгор ва офаринишро надорад, яъне баробарии байни ҳастии зуҳуршуда [олам] ва номуайянро [Худо] надорад.

Вале барҳам додани санавияти Офаридгор ва офариниши дар креатсионизми зикршуда моҳияти манифестатсионизм буда, ташкили ваҳдати бунёдии ҷаҳон ва сабабҳои он мебошад. Манифестатсионизм барои тамоми асотири Ғарбӣ ва Шарқӣ барои бисёр соҳаҳои фалсафаи Ҳиндустон ва Хитой: Ҳиндуия, Буддоия, Конфутсия хос аст.

Дар фалсафаи Б. Спиноза таърифи ҷавҳар дар асоси таълимоти Ибни Сино оварда шудааст: «Ҷавҳар гуфта он чизеро дар назар дорам, ки дар худ вуҷуд дорад ва ба воситаи худ ифода меёбад, яъне чизи дигареро тақозо намекунад, ки бояд аз он сохта шавад» [257,1].

Ду тафсири асосии сифатии категорияи субстансия айнияти он бо мабдаи ҳастии идеалӣ (маънӣ) ё материя мебошад. Муқовимати рӯҳ ва материя, ҳамчун ду субстансияи алтернативӣ, консепсияҳои ба худ хос доранд.

Консепсияҳои намуди моддагарой мухталифанд ва таъсири мутақобилаи чизҳо ва воқеоти олам вобастаи материя буда, ингуна амал мекунанд:

а) ҳамчун моддаи мушаххаси ҳисшаванда мисли об ё оташ (материализми ибтидоии мактаби Милет);

б) ҳамчун ашёи моддие, ки қуввaҳои ҳиссӣ онро дарк намекунанд, якхела, минбаъд тақсимнашаванда (атомизми кадим ва атомизми асри нав, назарияи заррaҳои элементарӣ, кваркҳо ва ғайра);

в) ҳамчун ибтидои беохиртақсимшаванда, муттасил (пайваста) дар шакли материяи афлотунӣ, ки моҳиятан бо фазои кайҳон ё фазои механикии Р. Декарт ё фазои каҷхаттаи назарияи нисбияти умумии Эйнштейн ё назарияҳои гуногуни физикии бунёдӣ мувофиқат мекунад.

«Дар анъанаи диалектикӣ-материалистии марксистӣ материя на ба маънои субстансия, балки ҳамчун «воқеияти объективӣ, ки бо ҳиссиёти мо нусхабардорӣ шуда, намоиш дода мешавад» шарҳ дода мешавад. Чунин воқеияти объективӣ ҳама чизро дар бар мегирад - аз ташаккули микроолам то равандҳое, ки ба макроолам ва ҳатто олами мега хосанд. Дар асоси чунин тафсири универсалии категорияи «материя» ба маънои аслии калима консепсияи хеле ҷолиб ва амиқи фалсафӣ ба вуҷуд омад, ки даъвои шарҳи ҳамаҷонибаи оламро дорад. Дар хусуси материализми диалектикӣ бошад, дар ин ҷо, чунон ки маълум аст, мавчудияти чунин хосияти атрибутивӣ ба монанди «инъикос», ки ба ҳиссиёти инсон монанд аст, дар бунёди материя тахмин карда шудааст» [177,42].

Субстансиализми идеалистӣ, ки нахустмабдаи ҳастиро бо ибтидои идеалӣ мепайвандад, дар он ҷое, ки материализм заиф аст (соҳаи метафизикаи спекулятивӣ ва тафсири ҷанбаи маънавии ҳастии иҷтимоӣ ва экзистенсиалии инсон) ҷиҳатҳои тавоноии худро ошкор мекунад ва баръакс, дар марҳилаҳои фаҳмонда додани ҳодисаҳои гуногуни табиию иҷтимоӣ, инчунин хусусиятҳои ҳаёти ҷисмии инсон хеле ноустувор аст.

Масъалаҳои абадии теистии субстансиализми идеалистӣ ин — масъалаи фаҳмонда додани сарчашмаи бадӣ ва бесарусомонӣ дар олам, инчунин, озодии ирода дар инсон аст.

Дар байни сохти идеалистӣ мавқеи ба ном объективӣ-идеалистиро ҳангоми дарки нахустмабдаи ҳастӣ фарқ кардан мумкин аст.

Дар ин масъала, ҳамчун субстансияи фаъол ва созандаи олам, метавон Идеяи мутлақ (Гегел), Ақли ҷаҳонӣ (Анаксагор, стоикон) ва рӯҳи ҷаҳонӣ (онтологияҳои гностикӣ) Иродаи ҷаҳонӣ (Шопенгауэр), бешуурии кайҳонӣ (Э. Хартман) ва ғайраро эътироф намуд.

Дар навъҳои пайваста теистии идеализми объективӣ, Худои Мутлақ (метафизикаи идеалистии яҳудӣ, масеҳӣ, мусулмонӣ ва буддоӣ), Браҳмани Илоҳӣ (фалсафаи Ведантаи Ҳинд), Дао илоҳӣ дар системаҳои фалсафии ба теистӣ нигаронидашудаи Чин ва ғайра ибтидо ва интиҳои олам эътироф карда мешаванд. Дар замони муосир субстансиализми идеалистӣ фарзияҳои гуногуни «оламҳои семантикӣ», «майдонҳои иттилоотӣ», «пси-майдонҳо» ва ғайра мебошанд, ки бештар аз ҷониби олимони табиатшиноси фалсафӣ (ё дурусттараш, натурфилософӣ) навишта шудаанд.

Мутобиқан, тамоми сарвати ҳастӣ дар чунин намунаҳо – гузариши хоси метафизикии нахустмабдаи рӯҳӣ-идеалӣ мебошад, ки тавассути системаи категорияҳо, мафҳумҳо ё инъикоси ирфонӣ сохтори силсиламаротибии ҳастиро инъикос мекунанд. Дар ин ҷо ҳамеша як лаҳзаи гузариш аз пуррагӣ ва ягонагии аслӣ ба шаклҳои махлуқии кайҳонӣ ва заминӣ вуҷуд дорад, хоҳ он эманатсияи навафлотунияи Ягона, креатсионизми масеҳӣ ва ё худифшонамоии категорияи-мантиқии гегелиии Идеяи мутлақ бошад. Одатан инҳо системаҳои фалсафии умумиҷаҳоние мебошанд, фарогири ҳама чизе, ки тафаккури инсон қодир аст онро дарк намояд.

Дар ҳамин ҷо тавзеҳи пурсамари ин равиши фалсафӣ маҳфуз мебошад, ки ба мо имкон медиҳад воқеиятро, ҳамчун ҷузъи системаи оқилона сохташуда, баррасӣ кунем.

Ба масъалаи ҳастӣ руҷӯъ накарда мо наметавонем дар бораи олам ва бунёди он чизеро идрок кунем, ҳамон тавре ки тахминҳоямон дар бораи ин ё он ашё мушкилотро муайян карда наметавонанд. Масъалаи ҳастӣ маҳз аз ҳамин ҷиҳат, дар мадди аввал қарор мегирад. Он ба падидаҳо вобаста аст, на ба фарзия [81,84].

Ҳамин тавр, муқоисаи таълимоти аҳли машшоъ ва тасаввуф дар бораи таносуби Худо ва олам нишон медиҳад, ки ҳарчанд ин ду равияи фикрӣ ба усул ва методҳои гуногун такя мекунанд, дар асл ҳарду кӯшиш доранд, ки иртиботи махлуқ бо Холиқро фаҳм ва тавсиф намоянд.

Фалсафаи машшоия, бо такя ба мантиқ ва истидлол, муносибати Худо ва ҷаҳонро дар доираи низоми сабабият ва силсиламаротиб шарҳ медиҳад. Ба андешаи файласуфоне чун Ибни Сино, Худо, ҳамчун иллати аввал сабаби вуҷуд аст ва олам маҳсули зарурии иродаи ӯст. Ин равиш таносубро бо эҳтироми фарқи онтологӣ байни Худо ва махлуқ шарҳ медиҳад, вале иртиботро бар асоси зарурат ва тартиби ақлонӣ асоснок мекунад.

Бар хилофи ин, дар тасаввуф таносуби Худо ва олам ба таври таҷрибавӣ ва ирфонӣ дарк мешавад. Орифон бар онанд, ки Худо на танҳо сабаб, балки ҳузури доимӣ ва ботинии ҳастӣ аст. Аз ин рӯ, олам на берун аз Худо, балки зоҳир ва таҷаллии ӯст. Дар ин фаҳмиш, ҷудоӣ байни Худо ва мавҷудот бартараф мешавад ва ба ҷои он ваҳдати вуҷуд қарор мегирад. Таносуби Худо ва олам дар ирфон на ҷисмонӣ, балки маънавӣ ва ҳолатест, ки танҳо бо шуҳуд ва фано дарк мешавад.

Муносибати методологии фалсафаи машшоия бо ирфон

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки фалсафаи машшоия ва ирфон ҳарчанд бо ду равиши комилан мухталиф ба шинохти ҳақиқат ва ҳастӣ нигоҳ

мекунанд, дар асл ду роҳи параллелии маърифатшиносӣ мебошанд, ки ҳар кадом дорои методологияи хоси худ аст.

Фалсафаи машшоия шинохти ҳастиро бар мабнои ақл, мантиқ, бурҳон ва қиёс ташкил медиҳад. Машшоия низоми илмии маърифатро бо таҳлили мураттаб ва ҳудуди муайян ба роҳ мемонад ва аз мақулаҳои мантиқӣ барои расидан ба ҳақиқат истифода мебарад. Ба ақидаи машшоиён ақл қобилияти олии инсонӣ барои дарки ҳастии воқеӣ аст ва ҳадафи фалсафа расидан ба иллати аввал, Воҷибулвуҷуд ва тартиби ҳастӣ мебошад.

Дар муқобил, ирфон маърифати ҳақиқатро на тавассути мантиқ ва бурҳон, балки бо тозагии нафс, таҷрибаи ботинӣ, шуҳуд ва фано амалӣ мекунад. Ориф роҳеро тай мекунад, ки дар он худшиносӣ ба Худошиносӣ мубаддал мегардад. Ин роҳ саросар субъективӣ, таҷрибавӣ ва мутааллиқ ба сатҳи баланди рӯҳонист.

Дар ин зербоб бо муқоисаи шинохти дунавъаи ин мафҳумҳои бунёдӣ, яъне дар машшоия ва ирфон фарқи зеҳнӣ ва маънавии онҳо ошкор шуда, ҷойгоҳи ин мафҳумҳо дар низоми ҳастишиносии ҳар ду равия рӯшан гардидааст.

Аз назари методологӣ, байни фалсафаи машшоия ва ирфон ихтилофоти амиқ вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, манбаи маърифат дар ин ду равиш комилан фарқ мекунад: машшоия маърифати ҳақиқатро бар асоси ақл, мантиқ ва бурҳон ташаккул медиҳад, дар ҳоле ки дар ирфон маърифат тавассути кашф, шуҳуд ва илҳоми ботинӣ ҳосил мегардад.

Аз ҷиҳати методологӣ машшоия шинохтро бо истифода аз тартиби мантиқӣ ва истидлоли абстрактӣ амалӣ месозад, яъне мафҳумҳои фалсафӣ тадриҷан ва тавассути бурҳон ба ҳақиқат наздик мешаванд. Баръакс, ирфон маърифатро аз роҳи сайри сулук, ҳолҳои рӯҳонӣ ва таҷрибаи зоти ботинӣ таъмин мекунад.

Ҳамчунин, ҳадафи маърифат низ дар ҳар ду равиш мутобиқ нест. Машшоия барои дарки тартиби ҳастӣ ва расидан ба иллати аввал (Воҷибулвуҷуд) мекӯшад, дар сурате ки ирфон ҳадафи худро дар иттиҳод бо ҳақиқат ва фано фил-Ҳақ мебинад, яъне нобудсозии нафс дар зоти илоҳӣ. Ин мафҳум (фано фил-Ҳақ) як ҷузъи марказии таълимоти ирфон аст ва маънои он «нобудшавӣ дар Ҳақ» мебошад. Яъне, дар марҳилаи олитарини сайри сулук, ориф нафси худро комилан аз манфиатҳои шахсӣ, «ман»-и зоҳирӣ ва хоҳишоти нафсонӣ пок мекунад, то ба дараҷае бирасад, ки «ҳастии ӯ» дар «ҳастии Худо» ҳал гардад. Фано, дар ирфон, ҳамчун ҳолати иттиҳоди рӯҳонӣ ва маънавӣ бо Худованд шинохта мешавад, на ҳамчун нобудшавии ҷисмонӣ.

Ниҳоят, аз нигоҳи табиати шинохт, назарияи машшоия характери объективӣ ва универсалӣ дорад, зеро бар ақлу мантиқ асос ёфта, барои ҳама фаҳмо ва яксон татбиқшаванда мебошад. Дар муқоиса, ирфон дорои табиати субъективӣ, шахсӣ ва рӯҳонӣ аст, ки танҳо дар зинаи муайяни таҷрибаи ботинӣ ва покии нафс ба инсон муяссар мегардад.

Ин омезиши методологӣ дар фалсафаи баъдӣ, махсусан дар таълимоти Сӯҳравардӣ ва Муҳаммад Ғазолӣ, ба тавлиди як модели муттаҳидшудаи маърифати ақлӣ ва ирфонӣ замина гузоштааст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки муносибати фалсафаи машшоия бо ирфон, новобаста аз фарқҳои усулӣ, як ҳамзистии танзифшуда ва иловаи методологӣ ба ҳамдигаранд, ки шинохти комили инсонро дар низоми фалсафаи исломӣ таъмин мекунанд.

Ҳамин тавр, андешаҳои файласуфони Ғарб, аз ҷумла Н. Гартман, М. Ҳайдеггер ва Г. Гегел, ки масъалаи ҳастӣ, нестӣ ва маърифати инсонро дар заминаи диалектика ва метафизика баррасӣ намудаанд, бо бархе аз нуқтаҳои марказии таълимоти машшоияи шарқӣ ва ирфони тоҷикон ҳамсозии назариявӣ доранд. Аз ҷумла, мафҳумҳои «воқеияти маънавӣ», «ҳастии воҷиб» ва «иттиҳоди маънавии инсон бо ҳастӣ» дар фалсафаи

Ибни Сино ва ирфони сӯфиёна, бо тасаввуроти Н. Гартман дар бораи сохтори қавии онтологӣ, бо фаҳмиши М. Ҳайдеггер аз «Dasein» ва бо диалектикаи Г. Гегел дар бораи «ҳастӣ-нестӣ» дорои равобити мазмунӣ мебошанд, ки ин робитаҳо дар диссертатсия ҳамчун пояи муқоисавии методологӣ тавсиф ёфтаанд.

Зимни таҳқиқ ба чунин натиҷа расидем, ки ҳарду равия бо вуҷуди мухталиф будани забон ва раванд ҷаҳд кардаанд то ҳақиқати ягонаеро фаҳманд: робитаи инсон ва олам бо маншаи мутлақ. Фалсафа инро тавассути таҳлил ва истидлол ва тасаввуф тавассути таҷриба ва ишқ дарк мекунад. Дар муҳити фарҳангии тоҷикон, ин ду равия на танҳо дар як фазо ҳамзистӣ кардаанд, балки якдигарро мукаммал намудаанд.

4.2. Назари мутафаккирони машшоия ва тасаввуф доир ба ҳаракат, вақт ва фазо

Дар ин зербоб методи таърихӣ-фалсафӣ ва таҳлили консептуалӣ истифода шуда, мафҳумҳои замон ва ҳаракат дар фалсафаи Ибни Сино ва дар ирфон муқоиса шудаанд.

Мафҳумҳои ҳаракат, вақт ва фазо аз бунёдитарин унсурҳои фаҳми онтологӣ ва ҷаҳоншиносӣ ба шумор мераванд, ки дар тӯли таърих дар маркази таваҷҷуҳи мактабҳои бузурги фикрӣ қарор доштаанд. Дар фалсафаи исломии асримиёнагӣ, хусусан дар осори намояндагони мактаби машшоия ва таълимоти тасаввуфӣ, ин мафҳумҳо бо роҳу тартиби хоси ҳар як равия тавсиф шудаанд.

Машшоия, ки ба асосҳои фалсафаи Арасту ва афкори мантиқии юнонӣ такя дорад, ҳаракатро ҳамчун тағйири тадриҷии воқеият дар фазо ва вақт шарҳ медиҳад. Ба андешаи файласуфоне чун Ибни Сино, ҳаракат воқеияти нисбӣ дорад ва вақт миқёси он аст, ки тағйиротро дар мавқеъ, сифат ва миқдор ифода мекунад. Фазо бошад, муҳити

муайянкунандаи ҷойгиршавии ашёст ва ҳамчун шарти вуҷуд ва ҳаракати модӣ тафсир меёбад.

Дар муқобили ин, орифони тасаввуфӣ ҳаракат, вақт ва фазоро ба шакли рамзӣ ва ботинӣ мефаҳманд. Дар ирфон, ҳаракат на танҳо физикӣ, балки маънавӣ ва рӯҳонӣ аст — *сафаре аз нафс ба сӯи Ҳақ*. Вақт на танҳо пайдарҳамии сонияҳо, балки ҳолати рӯҳӣ ва ҳолати «ҳузури маънавӣ» -и шахс дар зоти Худост. Фазо низ танҳо муҳити ҷисмонӣ нест, балки майдони таҷаллии вуҷуди илоҳист, ки дар он сулуки сӯфӣ сурат мегирад.

Дар системаи фалсафии Ибни Сино ба таҳлили масъалаи моҳият, ҳолат ва аразҳои аслии ҳаракат, замон ва макон диққати зиёд дода шудааст. Муҳаққиқи рус, тарҷумон ва донандаи таърихи фалсафаи Шарқ А. Сагадеев мегӯяд, ки Абуалӣ Ибни Сино он чи оид ба ҳаракат тафсир намудааст, ба маънии томаш, ин тағйирёбии ҳама навъҳо мебошад ва монанди андешаҳои Арасту аст [234,41].

Файласуфони тоҷик Ғ. Ашуров ва М. Диноршоев дар ин масъала нуқтаи назари Ибни Синоро чунин муайян намудаанд: «ҳаракат, аз назари ӯ, ҷой иваз кардани ҷисм тағйироти миқдорӣ ва табдили ҳолати он аст. Чунин шарҳи масъала барои фаҳмидани моҳияти ҳодисаҳои гуногуни табиат – нуму, забул, тахалхул, истиҳолат (инкишоф), табдил шудан аз як ҷинс ба ҷинси дигар ва ҳоказо аҳамияти бузург дошт [329,524].

Ибни Сино дар «Рисолаи Ҳудуд» дар шарҳи «Ҳадди ҳаракат» чунин ибрози ақида кардааст: «ҳаракат камоли аввали чизи билқуввa, аз ҷиҳати ба қувва буданаш аст. Ҳар гоҳ хоҳӣ мегӯӣ «ҳаракат аз қувва ба феъл баромадан аст», лекин на дар як они воҳид. Аммо ҳаракати кул ин ҳаракати ҷисми аз васат дур аст, ки ҳамаи ҳаракатҳои дар васат буда ва тезтарини онҳоро шомил аст» [11,609].

Оид ба ҳолатҳои мавҷудот Ибни Сино таъкид менамояд, ки баъзеи онҳо аз ҳама ҷиҳат дар ҳаракат буда, бархеи дигари он аз ягон ҷиҳат дар ҳаракат ва дигаре аз қувва ба ҳаракат наомадаанд. Ба андешаи ӯ мавҷудоте нест, ки «аз ҳама ҷиҳат билқуввa буда, зоти билфеъл надошта бошад» [11,172]. Хосияти ҳар чизи билқуввa дар ҳамин аст, ки аз қувва ба амали муқобил мегузарад, вале чизе, ки монеъ мешавад, қувваи мутазодӣ яъне, ҷавҳар мебошад.

«Ҳаракат,- мегӯяд ӯ, – ба худии худ камол ва феъл аст, чунки дар муқобили он қуввае мавҷуд аст». Ӯ ин камолро ба ду навъ тасниф менамояд:

- яке бинобар он ки феъл ки дар ҳаракат аст, дар сурати ҳосил шудани ҳаракат, «дар мутаҳаррик чизе билқува мемонад»; Ин фарзия дар «Донишнома» ҳам таъкид мегардад: «Ҷунбиш ба ҳақиқат мар онро гӯянд, ки андар ҷое бувад… омтар аз ҷойгоҳӣ, ки дар ҳоле ва ба феъл будане, ки чизеро бувад, ки вай ба қуввати чизе аст, аз ҷиҳати бақувва будани он чиз, онро ҷунбиш хонанд» [10,299].

- дигаре, омили ба камол расидани мутаҳаррик ба қувва аст. Дар сурати вуҷуд надоштани камол (ниҳоят) ва имконияти камолро надоштани ҳаракат, ҷисм ҳаракат намекунад. «Пас, чизе, ки билқуввa аст, сабаби дигари чизи билқуввa аст». Ӯ чизро ба ду қувва мансуб медонад, ки якеаш ба худи ин чиз ва дуюмаш барои ҳосил намудани чизи дигар, ки дар он воқеъ аст, равона шудааст. Ӯ ба хулосае меояд, ки «ҳаракат барои чизе, ки билқуввa аст, камоли аввал аст».

Вай вақт ва кӯшиши зиёдеро барои фаҳмидани ҳаракат сарф кард, ки вай онро пас аз Стагирит, ҳамчун ҳама гуна тағйирот, ки ба ягон чиз нигаронида шудааст, шарҳ медиҳад. Дар натиҷа ин чизе потенсиалӣ, ғайривоқеъӣ аст, на актуалӣ. Нақшаи Ибни Сино дар он аст, ки вай мехоҳад табиати ҳаракатро аз худи ашё, аз худи худ дарк кунад. Ҳаракат вақте ба вуҷуд меояд, ки чизе аз ашё берун меояд ва ба амал меояд, бояд

ба итмом расад, зеро он бо мурури замон, на дарҳол, дар лаҳзае рӯй медиҳад. Бинобар ин, ҳаракат ин амал ва анҷоми чизест, вақте ки он чиз бештар имконпазир буда, аҳамият пайдо мекунад. Амиқ будани тафаккури диалектикии Ибни Сино дар чунин андешаҳояш муътакид гаштаанд: Ҳаракат чизеро ба ҳолати дигар меорад. Дар мавриде, ки ин ҳолат дар қудрат аст, мо наметавонем дар бораи ҳаракати чизе сухан гӯем. Агар ҷунбиш ё ҷойиазкунӣ дар ҳолати потенсиалӣ ба вуқӯъ ояд, фарқи байни ҳолати ибтидоӣ ва ҳолати ниҳоӣ дарак медиҳад, ки тағйирот дар ашё рух додааст. Ҳамин тавр, он дар ҳаракати фазоӣ аст. Ҷисм дар як ҷо ҷойгир аст. Барои он ки вай ҳаракат мекунад гӯем, зарур аст, ки ин чиз дар ҷои дигар бошад. Масофаи байни ин макони ашё ифодаи ҳаракати он дар фазо мебошад. Дар макони нав ашё нахуст потенсиал буд, вақте ки он гардиш мекард. Дар асл, дар он ҷо будан, тағирёбии ҷой ин ба амал омадани ҳаракат аст. Ба ақидаи Ибни Сино, ҳаракат, ки аввалин анҷоми потенсиал аст, вай бо мурури замон давом мекунад. Ин тамомшавӣ, ки бо мурури замон тӯл мекашад, потенсиали софро аз воқеияти холис ҷудо мекунад. Ба ҳамин тариқ, Ибни Сино байни ҳаракат ва лаҳзаҳои он фарқияти (ҳадди сарҳад) равшан мегузорад: пайдоиш ва маҳвшавӣ, ки бар хилофи ҳаракат, лаҳзавӣ мебошанд. Пайдо шудан ва маҳвшавӣ на дар субстансия (моддае), ки бо ҳаракат хос нест, балки дар аксиденсияҳои он ба амал меояд.

«Бо ин вижагиҳои худ ҳаракат, – мегӯяд А. Сагадеев, – аз ибтидо ва интиҳои худ фарқ дорад ва он дар лаҳзае ба амал меояд, чун барои субстансия ҳаракат хос нест ва он ҳама тағйирот на дар дохили он, балки дар аксиденсияҳои он сурат мегирад» [234,40].

Ибни Сино, бар зидди назарияи арастуии файласуфи Юнони Қадим Иоанн Филопон, таъкид менамояд, ки ҷисм ҳангоми партофтан дар дохили худ қуввае дорад ва он ҳангоми партофтан ба ҷисм дода мешавад. Ин қувва ҷисмро аз тағйироти ихтиёрии ҳаракат ҳифз

менамояд, ба ибораи дигар, барои бартараф кардани ҳар гуна муқовимат кӯмак мекунад. Ақидаи Ибни Сино баръакси андешаҳои Иоанн Филопон, он қуввае, ки майл (мутаҳаррик) меномад, дар хало паҳн намешавад, балки ҳаракатро давом медиҳад.

Ибни Сино инчунин мекӯшад вобастагии каммияти ин шакли ҳаракатро муқаррар кунад ва мӯътақид аст, ки ҷисми бо қувваи додашуда ҳаракаткунанда мутаносибан ба «майли табиӣ» ё вазн ва масофае, ки тавассути он ҷисм бо суръати доимӣ ҳаракат кардааст, суръати бозгаштро ба даст хоҳад овард [246,37-38].

Ибни Сино бар хилофи Арасту ҳаракатро на танҳо дар мақулаҳои «кайфият» (чигунагӣ), «каммият» (чандӣ), «айна» (куҷо), балки дар мақулаи «вазъ» (ниҳод) низ эътироф намуда, бо исрор таъкид мекард, ки ҳар як ҷинс ва навъи ашё дорои кайфият ва каммияти хос аст. Бинобар ин берун аз ҳудуди онҳо наметавонанд ҳамин ҷинс, ҳамин навъ ва ҳамин ҷинси мушаххас бошанд. Вале сарфи назар аз ин андешаҳои диалектикӣ дарки ӯ дар бораи ҳаракат дар ҳудуди назарияи ғайридиалектикӣ бозистодааст, зеро:

а) тағйироти кайфиро танҳо чун тағйири хосиятҳои аразӣ медонад;

б) ҳаракати ҷавҳариро эътироф надорад;

в) ҷаҳишҳоро чун навъи ҳаракат намедонад;

г) чун Арасту муҳаррики аввали собит ва ғайримоддиро мӯътариф аст. [10,95]

Ибни Сино ҳаракатро дар каммият ба ду навъ ҷудо мекунад: тавассути ғизо ва на ба ғизо. Ғизо ҳам дар навбати худ ба ду тақсим мешавад: нумуъ (сабзиш, афзоиш) ва зубул (пажмурдагӣ, лоғарӣ). Дар нумуъ сабаби афзоиш ва инкишоф ғизо аст, чуноне дар ҳаёти наботот ва ҳайвонот аст. Дар зубул ғизо ба он хотир ба тан зарур аст, ки «аз вай чизе ҳамеполояд» ва ба сабаби полоиш тан нуқсон мегирад.

Навъи «на ба ғизо» ҳам ба ду мунқасим мегардад: тахалхул ва такосуф. Тахалхул ҳамин аст, ки новобаста ба ҳамроҳ шудани чизе ҷисм афзун мегардад. Масалан, вақте об гарм мешавад, зиёд мегардад. Такосуф бошад, ҳаракатест, ки сӯи нуқсон (хурдшавӣ) мебарад. Масалан, чун об ях бандад хурд шавад [10,301].

Ибни Сино ҳаракати ҷисмҳоро, ҳамчун тағйироти умумӣ дарк карда, ба се навъ тақсим намудааст: аразӣ, қасрӣ ва табиӣ. Аразӣ ҳаракатест, ки ҷисм андаруни чизест, ки он ҷой иваз мекунад. Масалан, ҷомаи дар сандуқ буда. Вақте сандуқ ҷой иваз мекунад, ҷома ҳам аз ҷое ба ҷое меравад, вале ҷойи хосаш сандуқ аст [10,301].

Қасрӣ (маҷбурӣ) ҳаракатест, ки ҷисм бо таъсири қувваи беруна ҷой иваз мекунад. Ҳаракати табиӣ ҳамон аст, ки ҳаракати ҷисм табиӣ ба амал меояд. Масалан, сангу об ба поён ва оташу ҳаво ба боло ҳаракат мекунанд. Ибни Сино дар ҳаракати қасрию аразӣ, ки манбаи дохилиашро ба муҳаррики аввал мансуб медонад, хулосабардориҳои идеалистӣ намудааст.

Ба андешаи Ибни Сино ҳаракати даврашакл аз маконе ба маконе набуда, дар ниҳоди худ сурат мегирад. Агар дар макон бошад, пас аз он макон ҷудо намешавад ва ин гуна ҳолатро вазъ (ниҳод, ҳолатҳои гуногуни ҷисмро муайян менамояд, барои мисол, хестан, нишастан ва ғ.) меноманд. Аз ин ҷост, ки ҳаракати даврашакл дар ваъзъ сурат мегирад.

«Ибни Сино ҳангоми таҳлили моҳияти ҳаракат ду фикри аз ҷиҳати илмӣ муҳимро баён кардааст. Якеи онҳо тасаввуроти вай дар бораи «майл» аст. «Майл қувваест, навишта буд ӯ, – ки аз ҷисми мутаҳаррик ба муҳаррик мегузарад ва ҷисм то тамом шудани он ҳаракат мекунад». Дар ин ақида ғояи инерсия ифода ёфтааст, ки онро танҳо дар асри XVII Галилей кашф намуд. Дуюм ин ки Ибни Сино суръати «ҳаракати маконӣро» ба муқовимати ҷисмҳои дигар ва вазни хоси ҷисми мутаҳаррик вобаста медонист. Ӯ назарияи баъзе мутафаккиронро танқид

карда навишта буд, ки мувофиқи ақидаи онҳо «ҳар чӣ хурдтар будӣ, тезтар ҷунбидӣ ва ҳар чӣ бузургтар будӣ дертар ҷунбидӣ. Ва кор ба хилофи ин аст». Ин гумони ӯ ба хулосаи илми ҳозира комилан мутобиқ аст» [329,524].

Хусусиятҳои муҳимтарини ҳаракат инҳоянд:

• умумӣ;

• универсалӣ;

• объективӣ;

• мутлақӣ (ҳеҷ ашёи беҳаракат вуҷуд надорад).

• гуногунандешӣ (ҳаракат ягонагии устуворӣ ва тағйирёбӣ, устуворӣ нисбӣ ва тағйирёбӣ мутлақ аст).

Барои Арасту, ҳаракат берун аз материя буд. Материя воқеияти худамал аст. Дар консепсияи ғайриматериалистӣ ҳаракат ҳамчун зуҳуроти рӯҳи объективӣ фаҳмида мешавад.

Сифатҳои (атрибути) материя:

1. Ҳаракат дар 3 шакл вуҷуд дорад.

2. Фазо ва вақт.

Ҳаракат бо се сабаб вуҷуд дорад:

- аз ҷониби муҳаррик (интиқолдиҳанда)

- бо таъсири мутақобила.

- мувофиқи қонунҳо.

Шакли асосии ҳаракати материяро метавон чунин тасниф намуд:

1. иҷтимоӣ

2. биологӣ (интиқолдиҳанда - ҳуҷайра, организм)

3. кимиёвӣ (интиқолдиҳанда - молекула)

4.физикӣ (вакуум, майдонҳо, заррачаҳои элементарӣ, атомҳо, молекулаҳо, макроҷисмҳо, сайёраҳо, галактикаҳо ва ғайра; шаклҳои таъсири мутақобила дар ҳамаи дараҷаҳои мазкур мавҷуд аст: масалан, таъсири мутақобилаи байнимолекулаҳо).

Шаклҳои ҳаракати материя бо робитаи сабабу натиҷа алоқаманданд, шакли олӣ аз шаклҳои поёнӣ бунёд ёфтааст.

Дар фалсафа, дар дарки воқеият равиши механикӣ вуҷуд дорад ва он ба принсипҳои механика мутобиқ сохтани тамоми қонунҳои олам, шарҳ додани воқеияти олӣ аз мавқеи воқеияти одӣ мебошад.

Масъалаи макону замон ҳанӯз қабл аз пайдоиши таълимоти фалсафию табиатшиносӣ мавриди баррасӣ қарор мегирифт ва он шарҳу баёни мухталиф меёфт. Сипас, мактаби атомистии Юнони Қадим дарки ҷавҳарии маконро рушд дода, Лукретсий дар асоси назарияи онҳо таҳқиқоти арзишманде намуд. Арасту бошад, ақоиди пешиниёнро ҷамъбаст бахшида, дар таълифоти «Физика» -и хеш бо диди тоза мафҳумҳои хало, замон ва маконро шарҳу тавзеҳ дод.

Дар асрҳои миёна, мутафаккирони Шарқ ҷанбаҳои ақлгароии фалсафаи Аҳди Қадимро «дар заминаи таркиби эҷодии анъанаҳои илмӣ давом доданд». Аммо, дар таълимоти тасаввуф ҷанбаи монотеистӣ ба худ гирифта буд. Масалан, дар китоби «Шарҳи таарруф» вуҷуди замону макон вобаста ба ҳастии Худо шарҳ меёбад: «Азал ибтидои вақт аст ва абад интиҳо. Он гаҳ, ки фалак ба ҷунбиш омад, биҷунбонидани Ҳақ онро азал хонанд ва онро ибтидост ва ҳар чизе, ки онро ибтидо бошад, номи қадим ӯро нест. Пас, қадим ба ҳақиқат Ҳақ аст, ки бувад пеш аз ибтидои авқот, зеро ки Офаридгор вақти ӯст ва ло муҳол фоил пеш аз феъл бошад ва абад иборат аз он вақт, ки фалак аз ҷунбиш биистад.

Гардун бешак боқӣ монад ва аввал макон арш аст ва охир макон шарӣ аст ва аз арш бартар макон нест ва аз шарӣ фурӯтар макон нест ва аз арш то шарӣ Ҳақро макон нест, зеро ки Офаридгор макони ӯст. Пас, Худо буд ва макон набуд ва Офаридгор макон буд, зеро ки Офаридгор пеш аз офарида бошад ва бошад, ки макон набошад ва Ҳақ бошад, зеро ки несткунандаи макон Ӯст ва несткунанда чу ломаҳол боқӣ монад аз паси нест кардани чиз» **[181,3].**

Файласуфи тоҷик М. Осимӣ дуруст муътакид мешавад, ки «Ибни Сино ба ҳастии макону замон (фазо ва вақт) қоил аст. Ба ақидаи ӯ ҷисмҳо дар дохили фазову вақт қарор гирифтаанд. Фазову вақт шароити зарурии олами модӣ мебошанд. Сино ақидаи шахсонеро, ки фазову вақтро инкор мекунанд, ё фазову вақтро аз ҷисм ҷудо тасаввур мекунанд, танқид карда менависад, ки фазову вақт ҷудо аз ҷисм маъно надорад.

Вақтро Ибни Сино ба ҳаракат пайваста мешуморад: «агар ҳаракат набошад вақт ҳам намешавад», – мегӯяд ӯ» [211,33].

Ибни Сино дар «Фанни самои табиӣ» собит менамояд, ки замон ин ҳаракат нест ва чанд далел меорад. Ба андешаи ӯ:

-ҳаракат суръати тез ё суст дорад, аммо замон онро надорад;

-ду ҳаракат бо ҳам мешаванд, аммо ду замон наметавонад бо ҳам бошад. Ду ҳаракат метавонанд дар як замон воқеъ шаванд;

-зербоби ҳаракат ғайр аз зербоби замон аст;

-умури замон дорои ногаҳонию фаврӣ ва лаҳзавӣ мебошад, ки ба ҳаракат иртибот надорад;

-ҳангоми ҳаракати босуръат «замонро ҷузъи зербоб қарор дод, аммо ҳаракатро не». Ҳаракат барои ҳаракати тез мансуб ба ҷинс аст [12,138].

«Замон ҳодиси замонӣ набуда, балки ҳудуси ибдоъист, ки мӯҳдасаш аз он на ба замон ва муддат, балки ба зот пешӣ дорад» [12,128].

Ибни Сино барои исботи он ки замон ҳаракати фалак нест, меафзояд, ки чун фалакулафлок дар як замон аз афлоки дигар масофати дарозтареро тай менамояд -ҳар ду ҳаракат ба ӯ (замон-А.К.) мансубанд ва дар он ҷо баробаранд, вале дар масофа мухталифанд.

-фалаки дуввум бо фалаки аввал дар зот шарик нест, балки шарик аст дар амре, ки ҳар ду бор ҳам дар ӯ (замон-А.К.) ҳастанд [12,138-139].

Ибни Сино замонро миқдори ҳаракат дониста, алоқаи онро бо ҳаракат ва модда эътироф мекард. Вай замонро мисли моддаю ҳаракат объективӣ шуморида, ақидаи касонеро, ки онро амри таваҳҳумӣ медонистанд, ё ҳастиашро ба мушоҳида (чунончи Арасту) вобаста мекарданд, танқид кардааст» [211,138].

Ин мутафаккир дар китоби «Уюн-ал-ҳикмат» мафҳуми замонро дар чанд фарзия чунин шарҳ додааст:

-Замон чизест, ки на миқдор ва на макон дорад;

-Дар олам ҳар ҳаракати шурӯъшаванда мавҷуд аст, ки он баъд аз он аст, ки дар он набудааст. Пас, вай қабл дорад ва он қабл замон аст;

-замон ба сукут тааллуқ надорад ва онро чен намекунанд;

-ҷисми табиӣ дар замон на ба зоти худ, балки барои он ки дар ҳаракат аст ва ҳаракат дар замон аст;

-он чи ки дар замон аст ё дар замон нест «даҳр» аст-муҳаррик сабаби замон аст;

-нафс иллати вуҷуди замон аст [11,554].

«Чунин таъбир ва тавҷеҳи замон ба мутафаккир имкон дода буд, ки ба таври боварибахш назарияҳои зеҳнии замонро рад намояд, нопайгириҳои Арастуро (оё бе нафси ҳисобгар замон вуҷуд дорад?) дар ин масъала рафъ намояд, бутлони назарияи ҷавҳарияти замонро нишон бидиҳад ва назарияи нисбияти замонро мудаллал созад [10,97].

Ибни Сино дар «Фанни самои табиӣ» (мақолаи дуввум) таъкид менамояд, ки ҳар макон қобили қисмат буда, қисматшуда миқдор аст ё дорои миқдор. Аммо миқдор на масофат асту на мутаҳаррик, зеро агар масофат мебуд, «он имкон дар масофатҳои мутасовӣ яксон» мебуд ва агар мутаҳаррик бошад, ҷисми бузург бояд ҳаракаташ сусттар бошад. «Чунин хулоса мешавад, ки вуҷуди миқдор масофатҳои маҳдуде иқтизо мекунад, барои имкони вуқӯи ҳаракат миёни мутақаддим ва мутааххир. Он миқдор миқдори мутаҳаррик, масофа ва ё ҳаракат нест» [12,141].

Ин миқдор, ки қоим ба худ нест, чун меояду меравад, ҳодис аст ва ҳодис нестшаванда «фасодпазир» аст.

«-хоҳ ҳаракат аз маконе ба маконе, хоҳ аз вазъе ба вазъе, ки миёни онҳо фосила бошад, ки ҳаракати вазъия бар он масофат ҷоршавад ва он чизест, ки онро замон меномем» [12,141].

Ба андешаи ӯ қаблу баъд дар замон зотӣ буда, дар чизҳои дигар ба тавассути замон аст: «чизҳое, ки пешу пас доранд, ба маънои ин ки қабл фавт шуда ва баъд бо қабл мавҷуд нест, ин қаблу баъд ба воситаи зоташон нест, балки бо воситаи ин аст, ки вуҷуди онҳо бо қисме аз ақсоми ин миқдор мавҷуд аст». Ибни Сино таъкид менамояд, ки танҳо чизҳои тағйирёбанда фанопазиранд, на баръакс. Пешу пас ҳам изофаеро металабад, ки бо воситаи ӯ қаблу баъдӣ бошад. Ва ин чиз чизест, ки дар он тағйирот бевосита воқеъ мешавад ва дар чизҳои дигар ба воситаи ӯ воқеъ мешавад [12,142].

Ба андешаи Ибни Сино ҳар чизе ғайр аз замон ба монанди ҳаракат, инсон ва ғ. қабл гуфта мешавад. Ин маънии онро дорад, ки он ҳамроҳ аст бо чизе, ки бо ҳолати дигар санҷида мешавад ва он чиз дар асли худ қабл бошад. Яъне, пеш вуҷуд доштааст, дар ҳоле ки чизи дигар то вуҷуд доштани он мавҷуд набуд.

Ӯ мӯътакид аст, ки замон модӣ аст, зеро он қоим ба худ нест (чун зот ҳосиле надорад ва ҳосиду фосид аст). Азбаски замон модӣ аст, вуҷуди он дар ҳаракат аст, зеро бе ҳаракат замон нест, зеро ки қаблу баъд набошад, замон нахоҳад буд [12,143].

Ӯ дар фасли «Дар баёни амри «он» мегӯяд, ки байни замон фосила нест, вагарна пайвастагии замон пора мешавад. Дар сурате, ки замонро аз ҳам ҷудо созем, қисмати аввал ё қисмати охир бояд аз худ қабле дошта бошад. Он вақт ҳам бояд маъдум (нест) набуда, бояд мавҷуд бошад ва он мавҷудаш ҳам пас аз нест бояд бошад. Пас, пеш аз ин замон замони дигаре ҳам будааст ва он пеш асту ин пас. Ин фикри баҳсталаб

буда, Ибни Сино ба хулоса меояд, ки «замон доиман омода аст, ки «он» дар ӯ таваҳҳум шавад ба фарз ё ба муқорин шудани ҳаракат ба ҳадди муштараки ғайримунқасиме, монанди тулӯи офтоб ё ғуруби он» [12,144-145].

Файласуфи тоҷик М. Диноршоев ин нуктаро дар китоби «Натурфалсафаи Ибни Сино» зикр карда буд, ки Ибни Сино барои шарҳ додани он ки вақт категорияи объективӣ мебошад, далелҳои зеринро медиҳад:

1. «Ду ҷисми ҳаракаткунанда, ки ҳамзамон ҷараёнро оғоз ва ба итмом мерасонанд, барои яке аз онҳо масири калонтар ва дигаре аз масофаи хурдтарро мегузаронанд, яъне то ки яке тезтар ҳаракат кунад, дигаре сусттар. Аммо агар шумо нисфи ин масофаро гиред, пас бо ҳамон суръат онро метавон бо як роҳи дигар фаро гирифт. Ин имконият миқдори ҳаракат аст. Миқдори ҳаракат он чизест, ки одатан вақт ном дорад.

2. Ҳаракат лаҳзаҳои қаблӣ ва баъдӣ дорад, ки қисми он мебошанд. Вақт дақиқ, шумора ва ченаки қаблӣ ва баъдӣ мебошад.

3. Агар ҷисмҳо ноустувор бошанд, пас онҳо бояд ҳолати қаблӣ ва баъдӣ дошта бошанд. Ҳолати пешина ва минбаъдаи ҷисмҳо ҳангоми муқоиса бо вақт муайян карда мешавад. Ба ибораи дигар: тағйирот дар чиз бевосита бо мурури замон зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, вақт таносуби қаблӣ ва баъдӣ аст» [102,118-119].

Ба андешаи Ибни Сино замон дар ду ҳолат андозаи ҳаракатро муайян мекунад:

1. Онро соҳиби миқдор мекунад;

2. Далолат ба бешу ками он миқдор мекунад. Ҳаракат ҳам андозаи замонро муайян мекунад, ба ин маънӣ, ки чун қаблу баъд эҷод мекунад, далолат ба миқдори он менамояд.

Ҳар умуре, ки соҳиби аввалу охир (пешу пас) набошад, он дар замон нест, агарчи бо замон бошад. Мисол, олам бо хардал ҳаст, аммо дар хардал олам нест. Ҳар чизе, ки аввалу охир пазирад, дар замон ҳаст, баръакси он дар замон нест [12,154].

Ин гуфтаҳо ба ҷанбаи фалсафии таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳақиқати объективӣ ва мавҷудияти замон ҳамчун як категорияи фалсафӣ марбутанд. Барои мо, аз нуқтаи назари физика, хулосаи ӯ дар бораи ҷудонопазири ҷараёни вақт муҳимтар аст.

Ибни Сино нисбати мафҳуми рӯзгор ва замона собит менамояд, ки замон сабаби ҳеҷ чиз намешавад, вале чун чизе бо мурури замон пайдо ва нобуд гардад, мардум дар он сабаби зоҳирӣ намебинанд ва онро ба замон нисбат медиҳанд. Ин ба он хотир аст, ки ба ҷуз замон вожае ба он наздик наёфтаанд ё дарк накардаанд. Агар ин ё он кори мардум барояшон матлуб бошад, замонро мадҳу ситоиш мекунанд ва агар номатлуб бошад, замонро мазаммат мекунанд. Аммо ҳақиқат ин аст, ки он чи ҳастиашон воқеъ мешавад, сабабаш маълум аст, вале сабаби нестию фаноёбӣ ниҳон аст. «Масалан, сабаби бинои иморат маълум аст, вале сабаби харобӣ ва инқироз, ғолибан, маҷҳул аст ва ба истиқрор маълум мешавад» [12,155].

Ин гуна мисол дар ҳаёти одамӣ зиёданд, вале аксари «умуре, ки ба замон нисбат медиҳанд, аз умури адамии фасодӣ ҳастанд. Монанди фаромӯшӣ ва харобӣ ва пирию фаноии модда ва ғ. Ва ба ин ҷиҳат ба бадгӯӣ аз рӯзгор исрор меварзанд» [12,155].

Ба андешаи ӯ замон амри қабливу баъдӣ буда, қаблӣ будан дар зоти ӯст ва ба василаи он ба баъдӣ мерасад. Аммо қабливу баъдӣ ба ҳаракат тааллуқ дошта, замон пеш аз ҳаракат аст ва сокин ё пайдошаванда нест. Бинобар он ки пеш аз замон бо баъдаш собит нест, пас «вай ба кулли худ тааллуқ дорад». Кул бошад, ҷониберо қасд дорад, ки он ҷо сокин шавад. Дар ин ҳолат «аз чизе, ки аз вай дур аст, мегурезад ва ба сӯи он чи ки ба

вай наздик аст, меравад». Пас, тарафи наздикшуда дар вай сокин аст. Ибни Сино новобаста аз он ки сокинро ҳамчун ҳолати табиии ҷисм мепиндошт, ин ҳолатро мутлақ намеҳисобид. Ҳолати мутлақи (на дар назарияи нютонӣ, балки дар диалектикӣ) ҷисм, олам, материяро ӯ ҳаракат медонист. Далели мӯътамади онро дар осораш вохӯрдан мумкин аст, ки ӯ абадияти ҳаракатро собит сохтааст, на сокинро.

Дар «Рисолаи ҳудуд», дар зербоби «Ҳадди замон» нуктаи мазкур мухтасар шарҳ ёфтаанд: «Мафҳуми замон ба офаридашуда шабоҳат дошта, миқдори ҳаракат аз ҷиҳати пешӣ ва пасӣ аст» [11,609].

Ба андешаи машшоиён хало мавҷуд нест, аммо мутакаллимон баръакс муътакид бар мавҷудияти он буданд. Замонро машшоиён мавҷуд медонистанд, барои мутакаллимон айнияти замон имконнопазир буд. ***Ҳамин тавр, дар фалсафаи машшоия мафҳуми вақт ҳамчун ченаки ҳаракати ашё ва таносуби пайдарпаии воқеаҳо дар ҷаҳони моддӣ таъриф мешавад, ки он аз вуҷуди ҳаракат ҷудонашаванда аст. Аммо дар фалсафаи ирфонӣ ва мактаби ишроқ, замон ба унвони ҳолати иртиботи маънавии инсон бо ҳақиқат дарк мегардад, ки на танҳо аз доираи ҳаракат, балки аз марзҳои физикӣ ва зеҳнӣ фаротар меравад.***

Макон ва замон ба таври объективӣ вуҷуд дошта, даркшаванда ва дорои хусусияти умумӣ мебошанд, ки хосияти сеченакаи ҷисмҳо, ҷойивазкунии онҳо, фосилаи байни ҷисмҳо ва лаҳзаи мухталифи ҷараёнҳо ва падида ва ниҳоят муносибати макониву замониро ифода мекунанд.

Дар рисолаи «Рисолаи ҳудуд» ҳадди макон дар се маънӣ шарҳ ёфта, шарти аввал ба мавзуи баҳси мо созгор аст: «Макон сатҳи даруни ҷисми дарбаргирандае мебошад, ки ба сатҳи беруни ҷисми дарбаргирифташуда пайваст аст» [11,611]. Ҳамин маънӣ дар «Китоб-ан-наҷот» низ таъкид гардидааст: «макон сатҳест баробар бо сатҳи мутамаккин ва он ниҳояти

ҳовии ба ниҳояти муҳовӣ расанда бошад, ки ин макони ҳақиқист. Аммо макони ғайри он ҷисми иҳоташуда аст» [11,136].

Шайхурраис маконро ҷое мепиндорад, ки чаҳор вижагӣ дорад:

1.Ҷунбанда аз вай шавад, ба сӯи ҷойи дигар, ки орамида андар яке аз вай биистад;

2. Андар яке аз вай ду чиз нағунҷад, ки то об аз кӯза бинашавад, сирка андар наёяд;

3.Зеру забар андар ҷойгоҳ бувад;

4.Ҷисм андар вай аст» [11,302].

Ибни Сино ақоиди мухолифназаронро оид ба он ки ҷойгоҳро ҳаюло медонистанд, ё худ сурат ва хилқат гуфтаанд ва ғ., ҳама фарзияҳои ононро ғалат арзёбӣ намуда, барои исботи он чунин далелҳо меоварад:

-аввал ин ки ҳаюло пазирои сурат аст, на он ҷисм;

- дигар ин ки сурати ҷисм ба вақти ҷунбиш ҷудо нашавад ва ҷой ҷудо шавад ва ҳамчунин ҳаюло;

- саввум, ба гумон афтодани мардум ба ҳастии хало - «ҳавост, ки чашм ҳаворо набинад ва пиндоштанд, ки худ чизе нест ва ҷойгоҳе ҳаст холӣ» [11,303].

Ибни Сино дар китоби «Ҳикмати машриқия» дар зербоби «Зикри макон» нахуст суханро аз нуктаи назари ҳамасронаш, дар доираи ба ду маънӣ истифода шудани «макон», оғоз карда, шарҳ медиҳад, ки гурӯҳе бар ақидаи як чиз дар макон қарор дорад ва дигаре «макон сатҳи аълое, ки дар он ҷисм қарор дорад». Ба андешаи Ибни Сино дар мавриди аввал, мардум фарқ накардаанд, ки «ҷисм дар макон қарор дорад ё сатҳи болои ҷисмест, ки дар макон қарор дорад» [13,96].

Дар мавриди дигар, мегӯяд, ки «он чизе, ки чизи дигарро дарбар мегирад, ба макон нисбат дорад, дар мисоли хум барои шароб ё хона барои одам». Ӯ хулоса менамояд, ки макон ҷоест новобаста аз вуҷуд доштан ё надоштани ҷисм [11,188-190].

Дар бобати чизеро фарогир будани макон, ақоиди баҳси файласуфонро чунин тасниф намудааст:

«1. Макон бӯъдест, ки ба қутрҳои ҷисм баробар буда, он ҷисм дар макон аст. Мисоли об дар кӯза. Он фосила то овардани ҷисм хало мемонад ва муҳол аст фориғ монаду чизе онро пур накунад.

2.Он фосила гоҳ холӣ ва гоҳ пур мешавад.

3. Макон ниҳояти сатҳи иҳоташуда аст ва бо чизе рӯ ба рӯ мешавад, ки дар макон асту бо ин мақсад, вале ба чизи дигаре не».

Ибни Сино нуктаҳои иброзшударо баҳсталаб мешуморад ва собит менамояд, ки макон на ҳаюло, на сурат ва на фосилаи муфориқ аст, зеро он «сатҳест, ки ниҳояти ҷисми ҳовӣ набояд шумурд ва дар сифатҳои мазкур «ниҳояти ҷисми шомил мавҷуданд» [11,188]. Ба андешаи ӯ макон аз чанд сатҳ иборат аст, мисоли оби наҳр. Ӯ ин сатҳҳоро ба муҳаррик ва сокин ҷудо месозад. Барои тақвияти андеша, ҳаракати фалакеро бар фалаке мисол меоварад, ки ҳамаи сатҳҳо нисбат ба муҳаррик ба таври даврӣ ҳаракат мекунанд ё худ сатҳҳо ғайридаврӣ (монанди ҳаво) ҳаракат мекунанд.

Ибни Сино ба хулоса меояд, ки «аз ҳамаи сатҳҳо як макон ба вуҷуд омадааст, зеро ҳамаи сатҳҳо як макон ё ҷузъе аз маконанд, дар ин ҷо ягон чизе аз сатҳҳо дар танҳоӣ макони кул нест ва дар он ҷое, ки ҳосил намешаванд, инчунин вуҷуд дошта наметавонанд» [11,190].

Умуман, дар муайян намудани чигунагии ҳалли масъалаи муносибати макониву замонӣ ва ҷисмҳои олами модӣ, ду назарияи асосӣ- ҷавҳарӣ ва нисбӣ (релятивӣ) таърихан ташаккул ва инкишоф ёфтаанд. «Тарафдорони назарияи ҷавҳарӣ, – мегӯяд Г. Сучкова, – мӯътақиданд, ки макон ва замон ҳамчун шакли мустақили ҷавҳарӣ новобаста аз материя вуҷуд дошта метавонад, тарафдорони назарияи нисбӣ бошад, макон ва замонро хосияти ҷудонашавандаи материя медонанд. Ба ғайр аз ин, замон ба таври статикӣ (ҳамаи падидаҳои

гузашта, ҳозира ва ояндаи табиатро реалӣ медонад) ва динамикӣ (фақат падидаҳои доираи табиатро реалӣ медонад) низ тавсиф шудааст» [329,145-146].

Олими тоҷик А. Комилӣ дар мақолаи «Оид ба баъзе нуктаи назари физикии Абӯалӣ Сино» дар бораи фазо, вақт, ҳаракат, инчунин ҳаракати механикӣ ва ғайра аз осори мухталифи Ибни Сино мисолҳо меоварад ва саҳми бузурги Шайхурраисро дар илмҳои физикаю механика бозгӯ мекунад ва саҳми назаррас доштани Ибни Синоро дар таҳияи баъзе масъалаҳои мубрами марбут ба моҳият, механизм ва манбаи ҳаракат таъкид менамояд [354,8].

Дар интиҳои сухан ҷоизи зикр аст, ки масъалаи ҳаракат, замон ва макон дар тамоми давраи рушди илми қадим ва асримиёнагӣ масъалаи марказӣ ва мураккабтарини фалсафаи табиӣ буд. Ибни Сино масоили мураккаби онро, ки ҳанӯз дар тӯли ҳазор сол ҳал нашуда буд, шарҳу баёни тоза дода, нуктаҳои баҳсталаби онро аз рӯи мантиқ собит намудааст.

Фарзияи «Категорияҳо ва принсипҳои мантиқӣ бояд ба чизҳо мувофиқат кунанд», ки Ибни Сино гуфта буд, дар паҳн кардани таълимоти Арасту, дар рушди тафаккури ратсионалӣ нақши муҳим бозид.

«Ибни Сино дар ҳалли масъалаи азалият ва абадияти замон ба назарияи азалият ва абадияти олам вафодор монд. Ҳамин ки ӯ замонро арази зотӣ, доимӣ ва ҷудонопазири модда ва ҳаракати азалию абадӣ медонист, далели он аст, ки азалият ва абадияти онро қоил аст...Ба ҳамин тариқ, нуктаҳои умдаи таълимоти Ибни Сино дар бораи ҳаракат, макон ва замон аз тасаввурот дар бораи айният, моддият, азалияту абадияти ин падидаҳо ва робитаи онҳо ба ҳаюло ва аҷсоми модӣ иборатанд» [10,97-98].

Ҷавҳар (субстансия) асоси бунёдии ҳастӣ мебошад, ки ба он ваҳдати ботинӣ медиҳад ва гуногуншаклию тағйирпазирии ашёро ба вуҷуд меорад. Мафҳуми ҷавҳар байни файласуфон садсолаҳо дар масъалаи муайян гардидани сифату миқдори он боиси баҳс мегардад.

Ҷавҳар ҳамчун яке аз се маънои категорияи ҳастӣ воқеиятро дар тамомият ва ягонагӣ ифода мекунад. Ин мантиқ боиси эътирофи заминаи умумӣ, ки воқеияти мухталиф ва идоранашавандаро аз бенизомӣ нигоҳ медорад, оварда мерасонад. Субстансия асоси бунёдии воқеиятро ифода мекунад, ки **«худ дар худ»** вуҷуд дорад ва тавассути худ муаррифӣ мешавад. Он ҳама намуди ҳастиро муайян намуда, барои мавҷудияташ ба чизе ниёзманд нест.

Таълимоти ба табиият бахшидаи Ибни Сино, аз ҷиҳати назария ҳамгун ва давоми табиияти Арасту буда, дар доираи масъалаҳои мухталифи ҳастишиносӣ ақоиди муаллими аввалро инкишоф дод. Дар таълифоти Ибни Сино, оид ба масъалаи ҳаракати ҷисм ихтилофназарии Шайхурраис ба назарияи арастуӣ мушоҳида мешавад, ки ин ҷанбаи рушднаёфтаи физикаи машшоиёни қадимро такомули ҷиддӣ бахшид.

Таълимоти мутафаккирони Шарқи наздик ва миёна таъсири муфиде ба ташаккули тамоюлҳои материалистии асрҳои миёнаи Аврупо расонид. Ғояҳои таълимоти намояндагони мактаби машшоия ба Ибни Рушд ва пайравони ӯ дар мубориза ба муқобили теологияи ортодоксали атомизм илҳом бахшид, ки он баъдан барои Эҳёи Ғарб замина ва сарвати маънавӣ ба шумор мерафт. Мавриди таъкид аст, ки табиияти Ибни Сино бавижа, баъд аз замони давраи Эҳёи Аврупо, китоби рӯимизии олимони давр гардида, дар кашфиёти олимони Ғарб баҳрамандиҳо ва нусхабардориҳо ба назар расид. Қабл аз ҳама, ин таълимоти Шайхурраис омили асосии тарвиҷу равнақи илми физика ва механикаи олам гардид.

Оид ба табиатшинос ва ҳайатшиноси бузург будани Шайхурраис ва

навовариҳои ӯ дар илми табииёт муаллифони мақолаи «Физика ва астрономия дар осори Ибни Сино» мисолҳои мушаххас оварда, дар интиҳо ба чунин хулоса омадаанд:

«Хулосаи саҳми Абӯалии Синоро дар пешрафти илми физика мушаххасан ва мухтасаран чунин баён мекунем:

а) ӯ аввалин маротиба бо мисоли сода ва дар ҳаҷми як мисол (як ҳодиса) суръати нурро бо суръати садо муқоиса кардааст. Ин мисоли раъду барқ аст;

б) аввалин маротиба ҳодисаи паҳншавии мавҷро дар ҳаво бо муқоисаи паҳншавии он дар об баён кардааст. Ин мисолро дар асри XII Аверроэс (Ибни Рушд) айнан собит кардааст, ки аз осори Ибни Сино бохабар буд;

в) назарияи импетус, ки Жан Буридан дар асри XIV баён кардааст, такрор ва идомаи назарияи «майл» -и Абӯалии Синост;

г) Абӯалии Сино яке аз аввалинҳо шуда масъалаи чигунагии дидор, яъне протсесси дидани ашёро комилан саҳеҳ баён намуда ва дар баҳси пахншавии нур аз чашм ё аз ҷирмҳои мунир нукта гузошт;

д) доир ба сабаби пайдоиши шарора тавассути соиш, сабаби аз аз гармӣ васеьшавӣ ва аз сардӣ фишурдашавии ҷисмҳо ва дигар масъалаҳои физикӣ ақидаҳои ҷолибе баён карда, бо Абурайҳони Берунӣ мукотибаи илмӣ кардааст» [66,391-392].

Метавон хулоса намуд, ки мафҳумҳои ҳаракат, вақт ва фазо, ки пояи фаҳми онтологии ҷаҳонро ташкил медиҳанд, дар мактабҳои фалсафии машшоия ва тасаввуфи асрҳои X-XII ба таври гуногун шарҳ ёфтаанд. Ин тафсирҳо на танҳо бар усули шинохти воқеият, балки бар ҷаҳонбинии куллӣ ва раванди маърифатӣ такя мекунанд.

Дар фалсафаи машшоия, махсусан дар андешаҳои Ибни Сино, ҳаракат ҳамчун тағйири тадриҷӣ дар фазо ва замон фаҳмида мешавад. Вай онро ҳолати мутавассит миёни потенсиал ва акт (қувва ва феъл)

мешуморад ва ҳаракатро танҳо ифодаи тағйир арзёбӣ мекунад, ки бо мурури замон ва дар фазои муайян иттифоқ меафтад. Вақт ченаки ҳаракат, ҳамчун таносуби «қабл» ва «баъд» аст ва фазо муҳити ҷойгиршавии ашё, яъне шарти мавҷудияти модда мебошад.

Бо таҳлили масоили ҳаракат, вақт ва фазо дар фалсафаи машшоия метавон ба ин натиҷа расид, ки ин равия ба таври устувор аз мантиқ, категорияҳои иллат ва маълул ва тартиботи таҷрибавӣ-рационалӣ истифода мебарад. Машшоия ҳаракатро ҳамчун тағйироти марҳилавии моддӣ ва вобастаи иллат мешиносад; вақтро чун андозаи ҳаракат ва фазоро чун зарфи воқеии ашё арзёбӣ мекунад. Ин назариёт ба сохтор ва дақиқии таҳлил таваҷҷуҳ дошта, ҷаҳони воқеиро тавассути низоми ақлонӣ шарҳ медиҳад.

Аҳли тасаввуф, дар муқоиса бо машшоия, ба масоили ҳаракат, вақт ва фазо бо назари таҷрибавӣ-ботинӣ ва ирфонӣ муносибат мекунанд. Барои орифон, ин мафҳумҳо танҳо андозаҳои физикӣ нестанд, балки воситаҳои таҷаллии ҳақиқат ва асрори рӯҳонӣ мебошанд.

1. Ҳаракат (ҳаракат ҳамчун сайр ва таҳаввули рӯҳонӣ)

Мустамлии Бухорӣ дар «Шарҳи Таарруф», ки яке аз маъхазҳои муҳими ирфони суннатии тоҷикон аст, ҳаракатро танҳо ҷисмонӣ намедонад. Ӯ ҳаракатро дар мафҳуми «сайр» ва «сулук» баён мекунад, яъне ҷараёни таҳаввул ва камолоти ботинӣ, ки ориф аз тариқи он аз нафс ба ҳақиқат мерасад. Ҳаракат дар тасаввуф на ба маънои маконӣ, балки интиқол аз мартабаи вуҷудии поёнӣ ба мартабаи маънавии олӣ аст, яъне аз нафси аммора ба нафси мутмаинна, аз ҷаҳолат ба маърифат, аз касрат ба ваҳдат

«Ҳаракату сайр ҷуз таҳаввули ҳол нест, ва ҳар кӣ аз ҳоле ба ҳол равад, дар роҳ аст» [181,62].

2. Вақт (замон ҳамчун ҳол ва мавриди зуҳури ҳолати рӯҳ)

Мустамлии Бухорӣ ва дигар орифон вақтро на ҳамчун воҳиди андозагирии ҳаракат, балки ҳамчун «ҳол» ё «вақт» (вақт ба маънои ҳолати рӯҳӣ) мешиносанд. Аз ин дидгоҳ, «вақт» на чизест, ки андоза ё ҳисоб дошта бошад, балки лаҳзаи ҳузур ва иртибот бо Ҳақ мебошад. Аз ҳамин сабаб орифон таъкид мекунанд:

«Нафасро ғанимат дон, ки он замони туст бо Худо». Дар ирфон, «ҳар лаҳза» метавонад макони зуҳури илҳом, фано, ё иттиҳод бо ҳақиқат гардад.

3. Фазо (макон ҳамчун ишора ба мақоми ботинӣ, на ҷисмонӣ)

Фазо ё макон дар тасаввуф бештар маҷозӣ ва рамзӣ аст. Мустамлии Бухорӣ дар шарҳҳояш мафҳуми «макон»-ро ба унвони марҳилаи сайри ботинӣ шарҳ медиҳад, ки ориф дар он қарор дорад:

- «фазо»-и зоҳирӣ метавонад маҳдуд бошад, вале «арзи дил» ва «вусъати сирр» метавонад тамоми ҳастиро фаро гирад.

- макон дар инҷо бештар ишора ба «мақоми рӯҳонӣ» аст, мисли мақоми тобеъ, муҳибб, ошиқ, ориф ва ғайра. Дар тасаввуф, «мақом» ба марҳилаҳои муайяни роҳи ботинии салики илми маърифат ишора мекунад. Ин мақомҳо зинаҳои такомули маънавии инсон ҳастанд, ки тавассути сафари ботинӣ (сайру сулук) ва таҳзиби нафс бадаст меоянд. Ҳар мақом нишонаи дараҷаи мушаххаси иртиботи рӯҳи инсон бо зоти илоҳист. Иборае чун «мақоми рӯҳонӣ» нишон медиҳад, ки ориф дар кадом пояи наздикӣ бо Ҳақ қарор дорад. Мақомҳои маъруф инҳоянд:

- мақоми тобеъ (мутиъ) – дараҷаи ибтидоӣ, ки дар он солику мурид худро пурра тобеи шайх ва шариат медонад. Ин мақом бо итоати куллӣ ва тақлид ба арзишҳои шариатӣ тавсиф мешавад;

- мақоми муҳибб (дӯстдор) – дар ин мақом солик муҳаббати худро нисбат ба Худо ва ҳақиқат изҳор мекунад. Дар баробари итоат, ҳисси муҳаббат ва иртиботи қалбӣ бо зоти илоҳӣ қавӣ мегардад;

- мақоми ошиқ (ошиқуллоҳ) – дар ин марҳила муҳаббат шакли ишқи сӯзон ва ҳамаҷониба мегирад. Ошиқ ҳама чизро фидои муҳаббати илоҳӣ мекунад. Унсури асосии ин мақом сӯзиши ботинӣ ва таҷрибаи руҳист;

- мақоми ориф – баландтарин зинаи маърифат, ки дар он инсон ҳақиқатро бо шуҳуд ва кашф дарк мекунад. Ориф на танҳо дӯстдори Худост, балки ба «ваҳдати вуҷуд» расида, зоҳир ва ботини мавҷудотро Ҳақ мебинад.

Ин зинаҳо ҳатман пайдарпай ва қатъӣ нестанд, балки ҳамчун масири камолоти ботинӣ ва иртиқои рӯҳонӣ баррасӣ мешаванд. Ҳар мақом марбут ба ҳолатҳое чун сабр, таваккул, ризо, фақр ва фано мебошад.

Дар муқоиса бо он, тасаввуф, махсусан дар таълимоти Мустамлии Бухорӣ дар «Шарҳи Таарруф» назари дигареро пешниҳод мекунад, ки бар таҷрибаҳои ботинӣ ва маънавӣ асос ёфтааст. Ҳаракат дар ирфон, бар хилофи маънои ҷисмонӣ, ҳамчун сайри маънавии инсон ба сӯи Худо шарҳ дода мешавад. Вақт дар ин равиш ба маънои ҳол, нафс ва лаҳзаи иртиботи маънавӣ бо ҳақиқат мебошад. Фазо бошад, мафҳуми рамзӣ ва ишорат ба мақоми ботинӣ аст, ки ориф дар он қарор дорад. Аз ин дидгоҳ, масоили мазкур хусусияти сирф фалсафии техникӣ надоранд, балки василаи тавсифи ҳолатҳои рӯҳӣ ва дараҷаҳои камолоти инсонанд.

Мукоисаи ин ду равиш нишон медиҳад, ки байни онҳо ихтилофоти методологӣ ва онтологӣ вуҷуд доранд. Машшоия бо такя ба ақл ва бурҳон ҷаҳони моддиро таҳлил мекунад, дар ҳоле ки ирфон бо таҷриба ва шуҳуд ба маънии ботинӣ ва сиррии воқеият мерасад. Машшоия ҳаракат ва вақтро дар асоси муносибатҳои сабабӣ ва объектӣ шарҳ медиҳад, дар ҳоле ки тасаввуф онҳоро ҳамчун рукнҳои камолоти маънавӣ ва сайри ирфонӣ арзёбӣ мекунад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки ҳарчанд ҳар ду равиш дар роҳи шинохти воқеият талош мекунанд, тафовути манобеи маърифат, забон ва ҳадафҳои он боиси шаклгирии ду системаи ҷудогонаи таълимӣ

мегардад. Омӯзиши параллелии онҳо ба таҳкими фаҳми бештари инсоният дар равобити байни ақл ва ботин, модда ва маъно, ҳаракат ва сукунат мусоидат менамояд.

Дар муқобил, дар тасаввуф, ин мафҳумҳо маънои рамзӣ ва ботинӣ мегиранд. Ҳаракат барои сӯфия на танҳо тағйири зоҳирӣ, балки сафари маънавӣ аз нафс ба сӯи Ҳақ мебошад. Замон на пайдарҳамии лаҳзаҳо, балки ҳолати рӯҳӣ ва ҳузури ботинӣ аст, ки инсон дар худ таҷриба мекунад. Фазо бошад, танҳо муҳити физикӣ нест, балки майдони таҷаллии вуҷуди илоҳӣ ва шинохти ботинӣ аст, ки дар он сулуки сӯфӣ иттифоқ меафтад.

Ҳамин тавр, агар дар фалсафаи машшоияи шарқӣ вақт ҳамчун пайдарпаии ҳаракат ва андозагирии он тавассути ақл дарк гардад, дар тасаввуф вақт маънии ботинии тоза пайдо мекунад ва бо мафҳумҳое чун «ҳол», «замони ирфонӣ» ва «лаҳзаи шуҳуд» ифода меёбад. Муқоисаи ду фаҳмиши вақт нишон медиҳад, ки агар барои файласуфони машшоия вақт категорияи объективии ҳастӣ бошад, пас, дар ирфон он бештар таҷрибаи субъективии рӯҳонӣ ва ҳолати ҳузури ботинист, ки тавассути рафъи худ аз гузаштаи замонӣ (фано) ва иттиҳод бо ҳақиқат таҷассум меёбад. Ин фарқ нишон медиҳад, ки ду равиш ба воқеият аз ду диди мантиқӣ ва ирфонӣ менигаранд. Ин таҳлил ба хулосае мерасонад, ки ҳарчанд ҷанбаҳои шинохт ва истилоҳот фарқ доранд, аммо ҳарду равия — фалсафа ва тасаввуф дар пайи дарки ҳақиқати воҳид, дарки ҳастӣ ва иртиботи инсон бо он мебошанд. Фалсафа ин равандро тавассути низоми мантиқӣ ва далелбарорӣ тай мекунад, дар ҳоле ки тасаввуф тавассути таҷрибаи маънавӣ ва фано. Дар муҳити фарҳангии тоҷикон, ин ду равия ҳамзистӣ ва ҳамдигармукаммалӣ доштанд.

4.3. Масъалаи инсон: умумият ва фарқи он дар таълимоти машшоия ва тасаввуф

Дар ин зербоб методи антропологӣ-фалсафӣ ва муқоисавӣ истифода шуда, тасвири инсон дар равияҳои машшоия ва тасаввуф ва нақши ӯ дар маърифати ҳастӣ таҳлил шудааст.

Масъалаи инсон дар андешаи фалсафии исломӣ, бахусус дар ду равияи муҳими он — машшоия ва тасаввуф, мавқеи марказӣ ва муҳимро ишғол мекунад. Ин ду равияи фикрӣ, бо вуҷуди фарқият дар манбаъҳои шинохт ва равандҳои маърифатӣ, ҳар яке барои дарки ҳастӣ ва мақоми инсон дар олам талош намудаанд ва симои инсонро ҳамчун зоте дорои рисолати хос ва мақоми муқаддас ба таври гуногун ба тасвир мекашанд.

Фалсафаи машшоия, ки бар пояи мантиқ ва ақлгароӣ устувор аст, инсонро чун зоти оқил ва муҳандиси маърифат мешиносад. Ибни Сино ва дигар мутафаккирони ин мактаб инсонро ҳамчун мавҷуди соҳибирода ва мустақили ақлӣ муаррифӣ мекунанд, ки тавассути дониш, тафаккур ва барҳақфаҳмии қонуниятҳои табиат метавонад ба камол расад ва ба ҳақиқат наздик шавад.

Дар муқобил, тасаввуф инсонро ҳамчун махлуқе мебинад, ки бояд аз нафси худ бигузарад ва бо тариқи риёзат ва фано ба марҳилаи инсони комил ва ваҳдати вуҷуд бирасад. Инсон дар ирфон як оинаест барои таҷаллии Худо — зоҳиркунандаи сифоти илоҳӣ, ки рисолати аслии ӯ шинохти Худо ва омезиш бо Ҳақ мебошад. Дар таълимоти сӯфиёна, инсон на танҳо як шиносандаи олам, балки як сайркунанда дар роҳи маърифат ва таҷрибаи ботинӣ аст.

Мақсади таҳқиқи мо равшан намудани умумиятҳо ва ихтилофоти бунёдӣ миёни онҳо ва нишон додани нақши инсон ҳамчун меҳвари шинохти ҳастӣ мебошад.

Файласуфи тоҷик Н. Саидов андешаҳои Афлотун ва Арастуро таҳлили муқоисавӣ намуда, мухолифат ва бартарӣ доштани ақоиди Арастуро оид ба қудрати инсон муътакид мешавад. Ӯ мегӯяд, ки дар

консепсияи Афлотун қобилиятҳои зеҳнӣ ва ахлоқии инсон ба табиати хоси Худо мансуб аст, бинобар ин, ӯ вазифаи тарбияро на дар ташаккули қобилият ва сифатҳои муайяни ахлоқӣ, принсипҳо ва арзишҳои инсонӣ мебинад. Афлотун нақши муҳити иҷтимоӣ, фарҳанг ва тарзи ҳаётро дар ташаккули қобилияти инсон комилан истисно мекунад, бинобар ин мафҳуми қобилиятҳои Афлотун ба мафҳуми қобилиятҳои Арасту комилан мухолиф аст [399].

Машшоиёни шарқӣ ба маърифати одам эътимоди комил дошта бошанд ва ратсионализмро тарғиб намоянд, мутакаллимон дар баёни назарияи маърифат баръакси онҳо рафтор мекарданд. Нахуст мутакаллимони калом ба масоили ваҳдати Худо ва сифоти Парвардигор, доир ба масъулияти одам ба тақдири хеш ва гуноҳҳои кабираю сағира, ҳарф зада, дар маърифати дунё одамро ҳақир шумурдаанд. Ба андешаи онҳо инсон дар амалиёти худ фаъол ва соҳибихтиёр нест. Вай иҷрокунандаи амри илоҳист. Ақли инсон барои маърифати мӯътамад ва саҳеҳ оҷиз аст.

Машшоиён такя бар маълумоти ҳиссӣ, чун зинаи нахустини маърифат, мекунанд, мутакаллимон бар хилофи онҳо маърифати ҳиссиро қабул надоранд. «Агар иттисоли нафс ба ҷасад иттисоли арзӣ бошад, – чунонки акасари мӯътазила мегӯянд,- ин бад-он маънӣ нест, ки нафс аз ҷасад ва ҷасад аз нафс мутаассир намешавад. Маърифати ҳиссӣ фақат аз тариқи ҷисм ва ба василаи ҳавоси ҷисмӣ ҳосил мегардад» [273,122].

Машшоиён ба маълумоти ҳиссӣ ҳамчун зинаи аввалини маърифат такя мекунанд, ки барои фаҳмидани воқеият ва ҷаҳон муҳим аст. Ба ақидаи онҳо, барои шенасоии воқеият, ҳатман бояд аз ҳиссиёт ва таҷрибаҳои эҳсосӣ гузарем. Вале мутакаллимон, ки ҷиҳати фалсафии дигаре доранд, маърифати ҳиссиро на пазиро мегӯянд. Онҳо бар онанд, ки иттисоли нафс ва ҷасад, агар бошад, танҳо як иттисоли арзӣ

(материалӣ) аст, ки ба маънои он нест, ки нафс ва ҷасад якдигарро мутаассир мекунанд. Ба таъбири онҳо, маърифати ҳақиқӣ танҳо тавассути ақл ва маърифати фалсафӣ, ки берун аз ҳиссият аст, метавонад пайдо шавад. Мутакаллимон инсонро дар шинохти рисолати одаму олам оҷиз дониста, ҳадафи ниҳоии зиндагии ӯро тайёрӣ ба охират мепиндоштанд ва ба нақши ҷомеа дар инкишофи маънавии ӯ ва мақоми одамро дар такомули ҷомеа тардид доштанд.

Рисолаи «Нафс» аз осори маъруфи Ибни Сино дар бахши фалсафа ва равоншиносии исломӣ мебошад. Дар ин рисола, ӯ дар асоси таълимоти аристуиву навафлотунӣ ва равияҳои исломии фалсафӣ назарияи нафсро ба таври амиқ таҳлил мекунад. Яке аз ҷанбаҳои муҳими рисола тавзеҳи қувватҳои нафс аст, ки ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: наботӣ, ҳайвонӣ ва инсонӣ [16,47].

1. Қувваи наботӣ асоситарин ва одитарин шакли ҳаёт аст, ки ҳам дар инсон ва ҳам дар ҳайвонот вуҷуд дорад, вале бештар бо мавҷудоти сабит, яъне растаниҳо алоқаманд аст. Вазифаҳои он – ҷазб (ҷалб кардани ғизо аз муҳит), ҳазм (табдил додани ғизо ба унсурҳои лозим), нашъунамо (афзоиш ва инкишофи ҷисм) ва тавлид (мемонад ба наслдиҳӣ ва идомаи ҳаёт) мебошад. Қувваи наботӣ заминаест барои ҳама гуна ҳаёт. Ба андешаи Ибни Сино бе ин қувват, мавҷудоти зинда наметавонанд умуман фаъолият кунанд. Ин шакли қувва ҳатто дар инсон ҳам маҳфуз аст, вале ба дараҷаи пасттар нисбат ба дигар қувваҳо.

2. Қувваи ҳайвонӣ зинаи болотари қувваи наботӣ буда, барои ҳаракат ва эҳсос масъул аст. Ҳайвонҳо бо ҳамин қувва қобилияти идрок ва ҳаракатро пайдо мекунанд. Вазифаҳои он қувваи ҳиссӣ (идрокӣ): панҷ ҳисси зоҳирӣ: биноӣ, шунавоӣ, бӯй, мазза ва ламс; ҳисси ботинӣ: хаёл, таҳайюл, зеҳн, ваҳм, хотира; қувваи муҳаррика: ҳаракатҳои иродӣ ва ғайриродӣ, қувваи нафсонӣ барои талош кардан ба чизҳои дилхоҳ ва дурӣ аз чизҳои номуносиб. Ин қувва инсонро дар сатҳи эҳсосӣ ва амал

идора мекунад. Ибни Сино дар инҷо таъсири ҳиссиёт ва хаёлотро бар рафтор ва тасмимҳо нишон медиҳад. Ҳис ва ҳаракат қадамҳои аввалин дар шинохт мебошанд, вале барои дарки ҳақиқат нокифоянд.

3. Қувваи инсонӣ (қувваи нотиқа) волотарин навъи қувваи нафсонӣ мебошад ва танҳо хоси инсон аст. Он марбут ба ақл, маърифат ва қудрати тафаккур мебошад. Вазифаҳои он – ақли назарӣ – дарки ҳақиқат, илм ва маърифат ва ақли амалӣ – роҳбарии ахлоқӣ ва иҷтимоии инсон, қабули қарорҳо.

Ибни Сино нафсро маҳз бо ҳамин қувва ба зоти ҷовид ва ғайримодӣ шабоҳат медиҳад. Ба назари ӯ, қувваи инсонӣ ба нафси ҷовидонаи инсон марбут буда, баъд аз марг низ боқӣ мемонад. Қувваи оқила василаи расидан ба комилият ва шинохти ҳақиқат аст. Ибни Сино бар ин назар аст, ки ҳар қувва зинаест дар роҳи камолоти нафс. Камоли инсон дар он аст, ки бо истифода аз қувваи оқила ва таваҷҷуҳи маънавӣ, нафси худро аз ҳайвонӣ ба сӯи ҳақиқати мутлақ боло барад.

Ибни Сино оид ба «лаззат» ҳамақидаи Эпикур, Афлотун ва Арасту буда, мегӯяд: «ин лаззат лаззати ҳиссӣ нест. Лаззати ботинӣ бузургтар аз лаззоти зоҳирӣ аст ва ашрафи лаззоти ботинӣ лаззоти ақлӣ аст. Ва агар ҳар чизе, ки бад-он лаззот бошад, сабаби камоле аст, ки мудракро ҳосил шавад...пас камол ҷавҳари оқил дар он аст, ки Ҳақ ошкоро дар вай мутамассил шавад. Ва рушанӣ ва баҳои ҳақро ба қадри имкон дарёбад. Пас аз он вуҷуд ба тамомии он чунонки ҳаст, муҷаррад аз ҳар гуна шоиба дар он намудор гардад. Ва баъд аз Бори Таъоло, ибтидо ба ҷавоҳири олияи ақлӣ кунад, сипас ҷавоҳири рӯҳонии осмонӣ ва аҷроми самовӣ. Ва бояд, ки ин намудории ҷудо аз зоти онҳо набошад. Ва ин ҳамон камолест, ки ҷавҳари ақлӣ бад-он билфеъл шавад. Ва он чи пеш аз ин гуфтем камоли ҳайвонӣ аст» 273,493-494].

Яъне, Ибни Сино дар мавриди «лаззат» назари худро бо назарияи файласуфони дигар, ба монанди Эпикур, Афлотун ва Арасту, мувофиқат

мекунад. Ӯ чунин андеша дорад, ки лаззат танҳо лаззати ҳиссӣ нест. Ба ақидаи Ибни Сино, лаззатҳои ботинӣ аз лаззатҳои зоҳирӣ муҳимтар ва баландтар мебошанд ва лаззати ақлӣ баландтарин шакли лаззат аст. Ӯ мегӯяд, ки камол ва асли инсонӣ дар маърифати Ҳақ ва дарёфти ҳақиқат аст ва он бояд дар ақл ва рӯҳ ҳосил шавад. Ба ақидаи Ибни Сино камолоти ҳақиқии инсон дар фаҳмидани ҳақиқат ва ҳозир будан ба дараҷаи маърифат ва ақлӣ мебошад, ки дар он ошкоро ақл ва рӯҳ ба хосиятҳои осмонӣ ва ҷовидонӣ пайваст мешаванд.

Ибни Сино дар улуми фалсафа равшан ва қатъӣ баён менамояд: Худованди мутаъол ва офаридгори азал тобеи тағйир ва ҳаракат аз як ҳолат ба ҳолати дигар нестанд. Амалҳои ӯ ба ирода ва дониши ӯ вобаста аст. Ирода ва дониши [Худо] ибтидоист, ҳамеша буд ва хоҳад буд» [408,93].

Рисолаи «Мабдаъ ва Маод» (ё «Мабдаъ ва Маод-ӣ» дар таълифоти Ибни Сино) як асари муҳим ва амиқ аст, ки дар он ба масъалаи аслии фалсафии мавҷудияти инсон ва ҷаҳон, ки маъруф ба мавзуи «мабдаъ» (ё маншаъ, сарчашмаи вуҷуди ҷисмӣ ва маънави) ва «маод» (ниҳоят, мақсуди оли, ё мақсуди ниҳоии зиндагӣ) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ибни Сино дар ин рисола кӯшиш мекунад, ки масоили фалсафии вуҷуд, маърифати инсон ва мақсудияти зиндагиро тавассути дарки ду асл: маънавӣ ва ҷисмонӣ таҳлил кунад.

Мабдаъ — сарчашмаи ҳастии олам ва инсон. Ин дар ҳақиқат ба маънои олии вуҷуди аҷсоми ҷисмонӣ ва маънави маънӣ дорад. Ибни Сино ин сарчашмаҳоро дар самти тавзеҳи тавофуқи байни маънавияти рӯҳ ва воқеияти модӣ меомӯзад.

Маод ё «ниҳоят» ё «мақсуд», ки дар ин рисола маънои олии ҳаёт ва мақсуди ниҳоии инсон фаҳмонда мешавад. Вай дар бораи зарурати таҳқиқ ва пурсиши мақсудияти одамӣ ва олами оянда сӯҳбат мекунад, ки

дар он инсон на танҳо барои тарзи зиндагии модӣ, балки барои маърифати олӣ ва ҷавоби ҷавонбаҳо қарор дода шудааст.

Ибни Сино тавсиф мекунад, ки олам ду ҷузъро дар бар мегирад: олам модӣ ва олам маънавӣ, ки ҳар ду бо ҳам пайванданд ва барои бозсозии маърифати олии инсон заруранд. Ба ҳамин тариқ, рисолаи «Мабдаъ ва Маод» ба як рамзи пайванди байни илм ва фалсафа дар таҳқиқи инсон ва кайҳон табдил меёбад.

Ибни Сино аҳамияти зиндагии маънавӣ ва ҳақиқӣ барои инсонро таъкид мекунад. Маод дар фалсафаи Ибни Сино на танҳо ба маънои ҳаёти баъд аз марг, балки ба фаҳмидани мақсуд ва маърифати олии инсонӣ бармегардад.

Ибни Сино дар рисолаи «Мабдаъ ва Маод» байни олами модӣ ва маънавӣ пайванди амиқро нишон медиҳад. Одамон дар замони муосир метавонанд аз ин пайванд ёд гирифта, ҳамзамон робита байни илм ва фалсафа ва ояндаи маънавии инсонро дарк кунанд. Таълимоти Ибни Сино дар мавриди мақсуди зиндагӣ ва маърифати олӣ дар ҷаҳони муосир метавонад роҳи илмию фалсафӣ барои қарор додани як назария дар бораи маърифати инсонӣ ва олами оянда бошад.

Ақидаҳои теологии Ибни Сино дар асари «Мабдаъ ва маод» бештар мушоҳида мешаванд, бахусус дар ҷавоби он чор суоле, ки инсоният баъди шинохти хеш ба ин суолҳо ҷавоб меҷӯяд:

«Аз куҷо ба ин дунё омадем?»

«Барои чӣ ба ин дунё омадаем, сабабаш чист?»

«Пас аз реҳлат кардан аз ин дунё ба куҷо меравем?»

«Пас аз муфориқат аз ин дунё оқибати кори мо ба куҷо меанҷомад ва чӣ мешавад» [16,110]?

Вобаста ба суоли якум андешаҳои Ибни Сино чунинанд, ки инсон ва тамоми олам ба воситаи як раванд ва манбаи илоҳӣ ё хосиятҳои маънавӣ пайдо шудаанд. Зиндагии инсон дар мубориза ва ҷустуҷӯи

камол ва маърифати илоҳӣ ва роҳи баргашт ба ин манбаъ аст. Вай ба фалсафаи исломии ишқ ва ваҳдат, ки ба пайванд ва мақсади олии инсон дар як ҷаҳонбинии маънавӣ равона аст, тафсир медиҳад. Таълимоти Ибни Сино дар ин нукта бо таълимоти фалсафии тасаввуф ва афкори фалсафии Авасто мувофиқ аст [23,112].

Дар ҷавоби суоли дуюм вай як назарияи амиқ ва равшан пешниҳод мекунад, ки бо фалсафаи илоҳӣ ва ахлоқии ӯ иртибот дорад. Яъне, ба дунё омадану зистану рафтани инсонро «бидуни ихтиёр» мегӯяд [16,112].

Инсон ба ин дунё омадааст, то ба камолоти маънавӣ, маърифати илоҳӣ ва таъриф кардани ҳақиқат бирасад. Ин раванд як сафари маънавии аст, ки дар он инсон ба нафси худ, муҳити худ ва маърифати илоҳӣ пайванд меёбад. Бар пояи ин фалсафа, сабаби аслии зиндагии инсон на танҳо ёфтани манфиатҳои модӣ ва дунявӣ, балки расидан ба маърифати олӣ ва хубӣ аст, ки бо қудрати илоҳӣ ва камолоти маънавӣ алоқаманд аст.

Ибни Сино бо баёни фалсафии амиқ ва маърифативу илоҳӣ ба суоли сеюм, яъне «Пас аз рафтан аз ин дунё ба куҷо меравем?» ҷавоб медиҳад, ки инсон пас аз марг ба манбаи илоҳӣ ва ҳақиқат бармегардад. Вай бо истифода аз фикрҳои аслии фалсафии худ дар бораи мақсади инсон ва тағйироти рӯҳонӣ, ба масъалаи зиндагии пас аз марг ва ғояи маод (возгашт ба манбаъ ё як ҷамъбасти маънавӣ) рӯ меорад.

Ибни Сино аз манбаи фалсафии исломӣ ва афкори ахлоқӣ истифода мекунад. Ӯ таълим медиҳад, ки пас аз марг, зиндагии инсон на ба заволи комил меравад, балки руҳ ва маънавияти ӯ барои расидан ба як мақсади аслии маънавӣ ва ваҳдати илоҳӣ давом мекунад. Ба таъбири Ибни Сино, инсон пас аз марг аз ду ҷониб ба воситаи баргаштан ба манбаъи худ (Ҳақ) ва ҳарфе ба ақли илоҳӣ ва абадӣ меравад.

Барзах, дар фалсафаи Ибни Сино, ба як дунёи мӯътадил ё гузаранда ишора мекунад, ки миёни ҳаёти дунёӣ ва ҳаёти пас аз марг қарор

мегирад. Барзах дар ақидаи Ибни Сино замоне аст, ки рӯҳ аз бадани ҷисмонӣ хориҷ мешавад, вале ҳанӯз ба дунёи охират ворид намешавад. Он ҳамчун як замони муқаддамотии раванди рухонӣ ё таҳаввулот маънидод мешавад, ки рӯҳ эҳсосот ва даркҳоро дар бар мегирад, ки пас аз марг ба дунёи охират интиқол меёбад.

Ибни Сино бо такя ба ақидаҳои динӣ ва фалсафии замонаш, баён мекунад, ки барзах барои рӯҳ як навъ дунёи имтиҳон ва интиқол аст, ки дар он рӯҳ таҷрибаҳои гуногунро мегузаронад. Вай дар ақидаи худ ба мувофиқати табиати рӯҳ ва ҷисм аҳамият медод ва барзахро як маҳал барои эволютсияи рӯҳона ва омодагӣ ба ҳаёти охират медонист.

«Пас ба қувваи шароеи анбиёи узом алайҳиссалом, ки ба манзалаи қувваи шашум аст, барои рӯҳи шахси майит мерасонад ӯро аз олами амал ба олами барзах. Ва дар барзах бох барои ӯ ҳаракат аст, валекин ба қувваи дигарӣ, ки нозили манзалаи қувваи ҳафтум аст барои ӯ, то бирасад ба оламе, ки фавқи олами барзах воқеъ шудааст ва ба қувваи муносиби он олам, ки манзалаи қувваи ҳаштум аст, барои ӯ аз он олам ҳам тараққӣ мекунад ва ба қувваи нӯҳум дар маърази ҳисоб воқеъ мешавад ва ба қувваи даҳум мерасад ба маъоди худ, яъне ое ҷиҳате, ки худои таъоло халқ намуд одам ва авлоди ӯро [16,113].

Ба ақидаи Ибни Сино анбиё (пайғамбарон) дорои қобилияти махсусе ҳастанд, ки онро қувваи набавӣ меномад. Ин қобилият дар инсонҳои оддӣ вуҷуд надорад ва болотар аз ҳисси муқаррарии инсонӣ аст, яъне мисли ҳисси шашум, ки ба ҷаҳонҳои ғайб ва маънавӣ иртибот дорад. Аз нигоҳи фалсафии Ибни Сино, ин қувва воситаест барои иртиботи олами модӣ ва олами маънавӣ. Ба андешаи ӯ инсон баъди марг бо кӯмаки ин қувва ба барзах мегузарад, яъне оламе миёни дунё ва охират.

Дар ниҳоят, мақсади аслии ҳаёти инсон ва пас аз маргро Ибни Сино дар пайвастан ба ҳақиқати абадӣ донистааст, ки ба комилшавӣ ва маърифати илоҳӣ оварда мерасонидааст.

Ибни Сино ба суоли «Пас аз муфориқат аз ин дунё, оқибатии кори мо ба куҷо меанҷомад ва чӣ мешавад?» ба таври фалсафии амиқ ҷавоб медиҳад, ки ҳар инсон вобаста ба амалҳои ахлоқии худ ва равиши маънавӣ пас аз марг ё ба саодат ва камол мерасад, ё рӯҳаш бо хасорат ва ғам рӯ ба рӯ мешавад. Агар инсон дар дунё ба хидмат ва маърифати илоҳӣ пайваст бошад, пас аз марг рӯҳи ӯ ба манбаи илоҳӣ ва ҳақиқат бармегардад ва агар на, пас рӯҳи ӯ дар ҳолати нороҳатӣ қарор хоҳад гирифт.

Дар барзах, рӯҳ ҳаракат дорад, вале ин ҳаракат ба маънои физикӣ нест, балки ҳаракате маънавӣ ва такомулист. Барои ин ҳаракат, рӯҳ бояд аз қувваи дигаре истифода кунад, ки Ибни Сино онро қувваи ҳафтум меномад. Ин марҳила бо идеяи «руҳ ба сӯи такомули маънавӣ меравад» иртибот дошта бошад. Ибни Сино ҳаракати рӯҳро тавре мефаҳмонад, ки монанди ҳаракати акл аз модда ба сӯи шаклҳои тозаи маънавист.

Баъд аз барзах, рӯҳ ба олами дигар ворид мешавад — фавқи барзах, ки маънои «олами маъноҳо», «ақлҳо» ё «судури аввал» бошад. Қувваи ҳаштум барои дарк ва муносибати рӯҳ бо ин олам лозим аст. Ин ишора ба назарияи маъруфи Ибни Сино дар бораи «ақлҳои фоъил», «ақли муфориқ» ва «ақли фоъил» бошад, ки рӯҳ бояд аз як зина ба зинаи дигар расад, то дарки куллиро ба даст орад.

Дар қувваи нӯҳум рӯҳ дар маърази ҳисоб қарор мегирад, яъне марҳилаи муҳосиба ва арзёбии амалҳо. Ин марҳила мувофиқ ба таълимоти исломӣ — рӯзи қиёмат аст. Ибни Сино мекӯшад, ки таълимоти динӣ (муҳосиба, ҷазо, подош) ва фалсафаи худро бо ҳам созиш диҳад. Ҳисоб, аз дидгоҳи ӯ, ҳам маънавӣ ва ҳам рамзӣ аст, на танҳо додгоҳӣ.

Қувваи даҳум – маъод, дар фалсафаи Ибни Сино, бозгашти рӯҳ ба манбаи аслиаш аст, яъне Худо. Ба ин марҳила танҳо баъди гузар аз ҳамаи зинаҳои маънавӣ расидан мумкин аст. Маъод ба маънии комили иттиҳод бо ҳақиқат ва нур аст. Ин ҷо Ибни Сино назарияи «такомули нафс» ва назари мутасаввифонро ба таври фалсафӣ тавзеҳ медиҳад.

Ибни Сино марги ҷисмониро поёни вуҷуд намедонад. Балки марг оғозест ба як силсила ҳаракатҳои маънавӣ, ки рӯҳ бояд бо истифода аз қуввaҳои марҳилавӣ (шашум то даҳум) тай кунад. Ин назария дар байни фалсафаи илоҳӣ ва ирфони тасаввуфист ва кӯшиши ҳамоҳанг кардани илоҳиёт бо фалсафаи аристуист. Ибни Сино аз назари фалсафӣ ва илмӣ ба тарзи мураккаб дар бораи олам, инсон ва ҳаёт пас аз марг фикр кардааст. Қуввaҳои инсон ва олами барзах барои шинохти иродаи инсон ва маърифати ирфонӣ муфид аст.

Ҳақиқат ва ҳаққоният, ки инсонро тавассути амалҳо ва муносибатҳо ба онҳо раводор месозад, дар пасманзари марг эҳсос мешавад. Барои Ибни Сино, мақсади ҳақиқии инсон пазируфтани ҳақиқати илоҳӣ ва расидан ба камолоти маънавӣ мебошад. Инсон пас аз марг, агар ба хидмати илоҳӣ ва камол расида бошад, ба олами абадӣ ҳулул бо ҳақиқат ва манбаи илоҳӣ меёбад.

Дар фалсафаи Ибни Сино, ҷаҳон танҳо як макон ва замин нест, ки мо дар он зиндагӣ мекунем; балки инсоният ва ҳастӣ дар як сатҳи амиқтари маънавӣ низ ҷой дорад. Ибни Сино ба ин назария, ки инсонро ҳамчун олами холӣ ё ҷисман маҳдуд намебинад, балки муътакид мешавад, ки ҳар инсон дорои як ҷаҳон ва як марҳилаи руҳонӣ ва маънавист, ки имкони рушд ва такомули пайваста дорад.

Ӯ дар интиҳои асари «Мабдаъ ва маод» исбот менамояд, ки «ҷаҳаннам ва биҳишт ботини инсон аст» [16,114]. «Биҳишт ва дузах» ба маънои тасаввуроти динӣ ва фалсафӣ танҳо ба ҷойҳое дар олами маънавӣ ишора намекунанд, балки ҳолати маънавӣ ва ботинии инсон

мебошанд. Дар назарияи Ибни Сино «биҳишт» ин ҳолати беҳбуди рӯҳонӣ ва ахлоқист, ки дар он инсон ба сӯи маърифати аслии худ ва Худо мерасад. Дузах бошад, ҳолати гумроҳӣ, иллат ва сафсата аст, ки дар он инсон барои роҳи дуруст ва маърифати маънавии худ мекӯшад, вале бо корҳое, ки бо ахлоқ ва ақл мувофиқат намекунанд, худро аз ҳақиқат дур мекунад.

«Биҳишт ва дузах» дар ин ҷо на танҳо маконҳои охират маҳсуб намеёбанд, балки як ҳолати интихоби инсон ҳастанд, ки ҳар яки фард метавонад дар ботини худ онҳоро таҷриба кунад. Агар инсон ба ақл, маърифат ва ахлоқ ҷалб шавад, ӯ ба «биҳишт» меравад, яъне ба олами маънавии баланд, ки ӯро аз гуноҳ ва хатоҳои рӯҳӣ нигоҳ медорад.

Агар инсон дар ғалатҳои ахлоқӣ ва ақлӣ қарор гирад, пас ӯ дар «дузахи ботинӣ» -и худ қарор мегирад, ки маънои дурӣ аз хирад ва маърифати аслӣ мебошад.

Вақте ки Ибни Сино ишора мекунад, ки ҳолатҳои ахлоқӣ ва маънавии инсон на танҳо дараҷаи рӯҳонӣ, балки тарзи зиндагии иҷтимоии ӯро низ муайян мекунад. Биҳишт барои ҷомеа ба маънои зиндагии ахлоқӣ, адолат, муҳаббат ва ҳамоҳангӣ аст. Ҷомеае, ки аъзои он ба хирад ва одоб пайравӣ мекунанд, шахсони фардии онҳо ба дарки аслӣ мерасанд ва муваффақ мешаванд дар эҷоди як ҷомеаи адолатнок ва маънавӣ. Ин ҷомеа ба эҳсоси рақобат бо манфиатҳо ё сабабҳои нафсии инсонҳо роҳ намедиҳад, ки метавонад онҳо ба ҷанг, хилоф ва тарс оварда расонад. Дузах барои ҷомеа метавонад ишора кунад ба ҳама гуна ниҳодҳо, муносибатҳо ва ҳолатҳое, ки дар онҳо таҳдиди инсонӣ ба хатар меравад. Агар инсонҳо дар муносибатҳои иҷтимоии худ дарк накунанд, ки ҳар амал ва интихоби онҳо ботини онҳоро таъсир мерасонад, пас онҳо ба «дузахи иҷтимоӣ» мерасанд, ки манзури он метавонанд истисмор, фақр, ҷангу таҳқир ва хилофҳо бошад.

Ибни Сино ба хулосае меояд, ки раванди маънавии инсон бо ақли рушдкарда ва руҳи инсонӣ бо аҳдофи аслӣ ва олии маънавӣ пайваст мебошад.

Машшоиён инсонро маҳсули офариниши Худо пиндоранд ҳам, инсонро дар аъмолаш худмухтор дониста, саҳми боризи муҳитро дар ҷодаи таълиму тарбияи инсон ва инкишофи шахсияти ӯ қабул доштанд.

«Фикри шарқӣ вуҷудро воҳид ва исонро мазҳаре аз мазоҳир аз олами кабир ва шуълае аз руҳи куллӣ медонад, ки аз он баромада ва бад-он боз хоҳад гашт. Худо ва ҷаҳон, яъне руҳ ва модда ду унсури мухталиф нестанд, балки ҳар ду як унсури руҳониянд. Аз ин ҷиҳат дар назари инон, модда яке аз додаҳои ҳис аст, ки на ҳақиқат дораду на вуҷуди мустақил, сирфан як падида аст, ё татаввурест аз татаввуроти ҳақиқати воҳид. Ва танҳо роҳи вусул ба маърифат дар ин тарзи фикр ҳадси ботинӣ ва файзест, ки аз руҳи куллӣ ифоза мешавад» [273,13]. Ин таълимот бо назарияии фалсафии ваҳдат ва рӯҳонии вуҷуд ҳамоҳанг аст. Варо барои шарқшиносҳо, вуҷуд як воҳид аст, ки инсон танҳо мазҳар аз он воҳид мебошад. Яъне, инсон ва олам танҳо иллюзия ё тасаввуроти ҳақиқати воҳид мебошанд, ки аз рӯҳи куллӣ баромада ва баъд боз ба он бармегарданд. Худо ва ҷаҳон дар назарии онҳо як нияти якдилона ва рӯҳонӣ доранд, на ду унсури мухталиф. Модда, ё физика, дар назарияи онҳо танҳо як падида аст, ки бо ҳудуди ҳисс ва тасаввурот муайян мешавад, вале ҳақиқати он берун аз модда ва нафс аст. Аз ин рӯ, роҳи ҳақиқии маърифат ва фаҳмидани воқеият дар ин андешаҳо танҳо бо пайвастшавӣ ба руҳи куллӣ ва рӯҳонӣ дар шенасоии ботинӣ ва илҳом аз маърифати олӣ дастёб мешавад.

«Тасаввуфи Ибни Сино аз мазҳаби сӯфия ва суннатгароёни ислом мутмайиз аст. Тасаввуфи ӯ мардумро ба зуҳду эътизол аз наъими ҷаҳон даъват намекунад, балки тасаввуфи ӯ мазҳабест ақлӣ, ки ба интисоли

зеҳн ва ишроқи ақл ва тазкияи нафс мунтаҳо мешавад, то нафси мустаъид дарёфти файзи Ақли фаъол гардад» [273,493].

Яъне, Ибни Сино дар назар дорад, ки танҳо вақте нафс ба дараҷаи мусоидат ва таҳсини ақл мерасад, он метавонад ба файзи «ақли фаъол» — як қувваи рӯҳонӣ ва маърифатӣ, ки шабеҳи илҳом ва маърифат аст, даст ёбад. Аз ин рӯ, тарзи тасаввуфи Ибни Сино, бар хилофи тасаввуфи сӯфия, на дар пеши зиндагии модӣ, балки дар вусъати маърифати ақл ва поксозии нафс бо мақсади расидан ба ҳақиқат ва файзи ақли муҳим асос меёбад.

«... нуфусро ишқе ғаризӣ ҳаст, мар ҳаққи мутлақро аввалан ва мар ҷумла мақулотро сониян. Пас, маъшуқи Ҳақ мар нуфуси малакӣ ва башариро ҳаққи мутлақ ва хайри мутлақ аст, ки камоли маҳз аст Таъоло ва тақаддус» [16,40].

Аввал мавҷуде, ки қобили таҷаллии Ӯст, он фариштаи илоҳӣ аст, ки ӯро «ақли кул» ё «ақли аввал» гӯянд... Ва ин малаки шариф ба ҷавҳари хеш таҷаллии Ҳақро, субҳонаҳу, дармеёбад ва асаре аз вуҷуби вуҷуди Ҳақ дар ӯ тобад. Ва мисоли ин таҷаллӣ аз рӯи ҳис чун таҷаллии шахс аст дар оина, ки мисоле аз шахси он шахс дар оина падид ояд» [16,41].

Ибни Сино дар рисолаи рамзии худ «Ҳай ибни Яқзон» [16,66-73] масъалаи онтологияро бо раванди фалсафӣ, рамзӣ ва ирфонӣ матраҳ мекунад, ки дар таълимоти фалсафаи вуҷудшиносии Ибни Сино ва навафлотуния мавқеи хоса дорад. Дар ин рисола достони писаре нақл мешавад, ки Ҳай ном дошта, дар ҷазира танҳо ба дунё меояд ва бе таъсири ҷомеа ва дин ба худшиносӣ, маърифат ва шинохти вуҷуд мерасад. Ҳай танҳо тавассути ақл, таҷриба ва тааммул ба воқеият ва ҳақиқат мерасад. Онтология дар рисолаи «Ҳайй ибни Яқзон» дар чанд нукта муайян мешавад:

1. Шинохти вуҷуд – нуқтаи оғоз, яъне Ҳай бо дарки ашё шурӯъ мекунад: нахуст ӯ модда ва мавҷудоти табииро мушоҳида мекунад. Ӯ

тадриҷан мефаҳмад, ки ҳар мавҷуд чизест вуҷуддошта, аммо шакл, сифат ва вазифааш метавонад тағйир ёбад. Аз ин ҷо Ибни Сино фарқи байни мавҷудоти имконӣ (мумкин-ул-вуҷуд) ва мавҷуди воҷиб (Воҷибулвуҷуд)-ро таҳқиқ мекунад.

2. Фарқ миёни мумкин-ул-вуҷуд ва Воҷибулвуҷуд. Ҳай бо тааммул ба ин натиҷа мерасад, ки бояд як мавҷуди абадӣ ва сабаби аввалия вуҷуд дошта бошад, ки вуҷудаш аз худи ӯст, яъне Худо.

3. Ғояи нафс ва мавҷудияти ғайримодӣ. Ҳай бо тадқиқи ҷисми худ ва дигар мавҷудот дарк мекунад, ки баъзе чизҳо мисли нафс ё ақл модӣ нестанд, вале таъсиргузоранд. Ин нафс бо фарорасии марг нест намешавад, балки ҷовидон аст. Он чизест, ки модӣ нест, вале ҳаст, ба як навъ онтологияи ғайримодӣ ишора мекунад.

4. Мавҷудият ҳамчун камол ва ҳаракат ба сӯи Воҷибулвуҷуд. Онтологияи Ибни Сино дар рисола ба таври равшан нишон медиҳад, ки ҳар мавҷуд кӯшиш мекунад ба камол расад. Камол дар наздик шудан ба Худо зоҳир мешавад. Ҳай тавассути ақл ва таҷриба, на тавассути дин ё омӯзиш, ба ин шинохт мерасад.

Хулосаи онтологиии рисолаи «Ҳай ибн Яқзон» - ро метавон дар чанд нукта баён намуд:

- ҳастӣ ҳадди ақал ду навъ дорад – мумкин ва воҷиб.

- ҳар мавҷуд маънӣ ва мақсад дорад – ҳаракат аз модӣ ба маънавӣ;

-шинохт бо ақл ва таҷриба имконпазир аст, илм ва фалсафа роҳест ба сӯи ҳақиқат;

- онтология бо худшиносӣ пайванд дорад, шинохти нафс калиди шинохти Худо аст.

Ибни Сино дар шарҳи масъалаи масъалаи таъсири нафс (ҷон) бар тан низ таҳқиқоти ҷолибе дорад. Нафси нотиқа «пурракунандаи ҳамаи вуҷуд ва оғозкунандаи онҳо», – мегӯяд Ибни Сино, – «ва он худ хайри маҳз асту лазизтарин чиз аст» [17,448], мегӯяд. Яъне, агар нафсҳои мо аз

он бебаҳра бошанд (пойбанди машғулияти баданӣ бошанд), лаззати ҳаётро дарк намекунанд ё мисли беморе мешавад, ки аз ширинӣ лаззат намебарад ва азоб мекашад.

Ибни Сино нафси нотиқаро ҷавҳар медонист, зеро ҷавҳар доимо мухтор аст, вале араз мустақил нест. Араз ҳамеша барои вуҷуди хеш муҳтоҷ ба ҷавҳар мешавад. Монанди он ки бе ҷавҳар сиёҳию сафедӣ мавҷудият надоранд, аз ин рӯ, нафси нотиқа на араз, балки ҷавҳар буда, пайваста мустақил ва мухтор аст. Тағйирёбӣ хоси араз аст, вале нафси нотиқа ҳамчун ҷавҳар тағйирнопазир мебошад. Ба ақидаи Ибни Сино, барои он ки ҷавҳар ду навъ аст: ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ, чун ҷавҳари ҷисмонӣ тақсимшаванда аст, нафси нотиқа ба ҷавҳари рӯҳонӣ дохил мешавад ва тақсимпазир нест. Нафси нотиқаро Ибни Сино ҷисму ҷисмонӣ намешуморад, зеро «мебоист мисли тани инсон хароб ва лоғар мешуд. Чунки узвҳои бадани инсон баъди ба дарачаи камол расидан рӯ ба харобӣ меоранд. Аммо ҳар кас аз таҷриба медонад, ки одами куҳансол ҳам соҳиби ақлу фаросат аст. Пас, нафси нотиқа на ҷисм аст ва на ҷисмонӣ» [20,181].

Азбаски аъзои тани инсон ба ҳамдигар алоқаманданд ва ин вобастагӣ дар марҳилаҳои сиҳатию беморӣ идома меёбад, пас пойбанди нафси нотиқаанд, зеро узвҳои тан гузашта, ҳозира ва ояндаи худро идрок намекунанд. Нафси нотиқа «чашмро барои дидан ва дастро барои гирифтан ба кор мебарад» [21,4].

Метавон хулоса намуд, ки Ибни Сино *нафси нотиқаро* ҷавҳар меҳисобад, на араз. Ин дар фалсафаи ишроқ ва машшоия хеле муҳиму амиқ аст. Ҷавҳар будани нафс маънои мустақил, доимӣ ва собит будани онро дорад. Ин дар муқоиса бо араз, ки ба муҳити худ вобаста аст ва тағйирпазир мебошад, фарқи амиқ дорад. Нафси нотиқаро ӯ «хайри маҳз» ва «лазизтарин чиз» меҳисобад, яъне он манбаи асосии маърифат ва лаззати маънавист. Мисоли беморе, ки аз ширинӣ лаззат намебарад,

як тахоҷуби фалсафӣ (илму таъаббути зеҳнӣ) аст: нафси саргарми модда ва шаҳавот монанди беморе мешавад, ки аз шинохти ҳақиқат ва лаззати маърифат маҳрум аст.

Ихтилофи ҷавҳару араз ва таъсири он дар шинохти нафс

Ибни Сино бо такя ба тафриқаи арастуӣ байни **ҷавҳар ва араз**, нафсро ҳамчун ҷавҳар ифшо мекунад:

- Ҷавҳар: зотест, ки ба худ ҳастӣ дорад ва мустақил аст.
- Араз: сифатест, ки барои ҳастии худ ниёз ба ҷавҳар дорад (монанди ранги сиёҳ, ки бе ашё вуҷуд надорад).

Нафси нотиқа, чун қобили таҷзия нест ва мисли бадан фарсуда намешавад, наметавонад ҷисмонӣ бошад. Ибни Сино бо ин далел мехоҳад исбот кунад, ки нафси инсонӣ ба модда рабт надорад ва собит, воҳид ва рӯҳонӣ аст.

Нафси нотиқа ва иллати он бар бадан

Ибни Сино таъсири нафсро бар тан ба унвони иллат ва маълул таъриф мекунад:

- Нафс барои ҳаракат додани бадан ва ташаккули шуури инсонӣ масъул аст.
- Ин таъсир якҷониба нест, балки мутақобила аст: нафс баданро таҳрик медиҳад ва баръакс, ҳолатҳои бадан (монанди беморӣ ё сустӣ) метавонанд фаъолият ва ифодаи нафсро коҳиш диҳанд.

Дар ин ҷо рӯҳ ва модда ба услуби фалсафаи афлотунӣ ва бо тафсири арастуӣ ба вуҷуд меояд, ки дар он нафс на танҳо нозир, балки муҳаррик ва таъйинкунандаи рафтори инсон мебошад.

Ба андешаи Шайхурраис ақлу шуур дар пирӣ далел бар модӣ набудани нафс мебошад. Ибни Сино дар бораи ҷисмонӣ набудани нафс аз рӯи таҷриба чунин далел меорад: «Агар нафс ҷисмонӣ мебуд, мисли

ҷисмҳо фарсуда мешуд, вале мо мебинем, ки дар пирӣ ақл заиф намешавад». Ин як далели таҷрибавии-онтологӣ бар нафс ҳамчун ҷавҳари рӯҳонӣ аст. Ин фалсафаи дуалистӣ аст ва нуқтаи муқобили назарияи материалистии шуур мебошад, ки онро ба нейрофизиология ва сохтори майнаи инсон нисбат медиҳад.

Лаззати маърифат ва тафриқа бо лаззати ҷисм

Лаззате, ки Ибни Сино ба он ишора мекунад, лаззати маънавӣ ва ақлист, яъне лаззати касе, ки ҳақиқатро дарк мекунад ва бо зоти хеш ва олам мувофиқ мешавад. Агар нафс аз мақоми худ огоҳ набошад, ба шодии воқеӣ намерасад. Тан ҳамчун василаи муваққатӣ ва маҳдуд, наметавонад нафсро комилан таъмин кунад.

Ин назар ба этикаи аслӣ ва инсоншиносии метафизикии Ибни Сино мерасад, ки лаззати ҳақиқиро дар шуури рӯҳонӣ ва иртибот бо ҳақиқат мебинад.

Фалсафаи нафси Ибни Сино як низоми пурраи онтологияи модда ва рӯҳ аст. Ӯ бо асоси ақлӣ, таҷрибавӣ ва мантиқӣ собит мекунад, ки нафс:

- ҷавҳар ва на араз аст;
- ҷисм нест ва ба модда маҳдуд намешавад;
- мустақил ва мухтор аст;
- дорои таъсир бар тан аст, на таъсирпазир аз он;
- ва лаззати ҳақиқиро дар шинохти хешу ҳақиқат пайдо мекунад.

Ин таълимот заминаҳои амиқи гносеологӣ, ахлоқӣ ва антропологӣ доранд ва ҷойгоҳи Ибни Синоро дар миёни файласуфони исломӣ ва ҷаҳонӣ мустаҳкам месозанд.

Хусусияти дигари нафси нотиқа ин аст, ки ҷавҳари хешро такмил медиҳад ва дар хусуси беҳбудӣ ва камолоти худ андеша мекунад ва муҳтоҷи маърифат аст.

Қобилиятҳои қувваҳои инъикосгари узвҳои ҳис аз таъсири пайваставу батакрори ҳаводиси беруна (аз ғурриши баланд ношунаво шудан ва ғ.) нотавон (суст) мешаванд. Нафси нотиқа бошад, баръакси он, ба воситаи зеҳни худ, мафҳумҳои махфӣ ва номаълумро дарк мекунад ва дар аксари ҳолатҳо қобилияти худро аз даст намедиҳад.

Ибни Сино нафси нотиқаро модда ва сурат намеҳисобад ва барои исботи ин ақоид чанд далели мантиқӣ меоварад:

- аввал, модда чун бавуҷудоварандаи ҳаюлои аввал бе сурат, ғайривоқеӣ, мафъул буда, барои воқеӣ шудан ниёзманд ба сурат мебошад. Аз ин бармеояд, ки нисбат ба сурат мафъул аст ва сурат назар ба он фаъол аст. Нафси нотиқа мисли модда мафъул ва пазирандаи сурат нест, зеро нафси нотика зотан ва табиатан фоил аст;

- дуввум, нафси нотиқа барои он ки модда ва сурат надорад, он ҷисм нест, зеро ҷисм пазирандаи моддаю сурат, инчунин ҳисшаванда аст. Нафси нотиқа рӯҳонӣ буда, ҳисшавандагӣ хоси он нест;

- саввум, нафси нотиқа рӯҳонист ва ҷисм нест, монанди ҷисм дорои ҳаҷму андоза ҳам нест, зеро ҳаҷму андозаи ҷисм аломати маҳдудии он аст. Ҳар чизи маҳдудбуда, агар тақсим карда шавад, ба интиҳо мерасад ва он хоси ҷисм аст. Нафси потика бинобар он ки рӯҳонист он беинтиҳост;

- чаҳорум, ба нафси нотиқа хусусиятҳои ҷисм ва ҷисмонӣ будан хос нест, зеро ҷисмхои табиӣ дорои қувваҳои нафсонианд. Ин қувваҳо муҳаррика ва мударрика (барои ҳайвонот) ва ғозия (қувваи ғизоро дар бадан ҳалкунанда), муваллида ва нумӯъ (барои наботот) буда, вобастаи ҳамдигаранд. Дар ҳолати барҳам хӯрдани алоқаи байнифҳамдигарӣ онҳо макони худро дигар мекунанд. (Масалан, инкишофи набототу ҳайвонот аз ғизои мӯътадил);

- панҷум, барои инсон тафаккур кардан хос аст, зеро маҳз ба тавассути он оид ба ҳаводиси оламу одам ҳақиқату ботилро муайян

менамояд. Дар навбати аввал гумон меравад, ки ин фикри бадастомада маҳсули узвҳои панҷгона аст, вале он маҳсули қувваи оқила аст. Қувваи оқила ҳам ашёи мавҷуд ва ҳам ғайри мавҷудро идрок мекунад ва мавҷудияти он вобастаи ягон қувваи ғайр нест, зеро он зотан ва табиатан мавҷуд аст. Аз ин рӯ, афъолаш ба зоташ марбут аст.

Ибни Сино собит менамояд, ки маҳалли нафси нотиқа ҷавҳари муҷаррад (абстракт) аст. Яъне, фаъолияти шууру тафаккури инсон дар натиҷаи таъсири қувваи фавқуттабиӣ ба амал меояд, на фаъолияти асаби олӣ, ё худ майнаи сар аст. Барои ҳамин ҳам, ӯ нафси нотиқаро аз майна, ки узви тафаккур аст, тафриқа мегузорад. Ибни Сино таъкид мекунад, ки акл ва тафаккур (нафси нотиқ) на ҳамчун вазифаи ҷисм (майна) балки ҳамчун қобилияти абстракт ва муҷаррад вуҷуд доранд, ки бо як қудрати фавқуттабиӣ фаъоланд.

Ҳамин ақоиди Ибни Сино, оид ба хусусиятҳои нафси нотиқа, баҳрамандии ӯро аз фалсафаи Арасту ва Абунасри Форобӣ нишон медиҳад, зеро ин ду файласуф нафси нотиқаро рӯҳонӣ шуморида буданд. Файласуфи доғистонӣ А. Закуев (1888-1968), ки дар ин асараш табиати рӯҳонию ҷисмонии инсонро аз рӯи таълимоти Ибни Сино таҳқиқ намудааст, чунин мегӯяд: «Ба таълимоти Арасту монандии афкори Ибни Синоро ҳамин далел ҳам тасдиқ мекунад, ки мутафаккир ба рисолаи «Нафс» - и Арасту талхис навишта буд. Дар рисолаи Арасту дар бораи моҳият, вазифа ва оқибати нафси нотиқа сухан меравад» [113,33].

«Ба андешаи Ибни Сино ақл аз қуввахои асосии нафси нотиқа мебошад ва ӯ баъзан ақлро бо нафси нотиқа ва нафси нотиқаро бо он омезиш кардааст» [113,75]. Ин таҳлил дуруст аст, зеро ба андешаи Ибни Сино, ақл яке аз қуввахои асосии нафси нотиқа маҳсуб мешавад. Дар бархе аз таълифот, ӯ мафҳуми «ақл» ва «нафси нотиқа»-ро ба таври мутақориб ва баъзан ивазпазир истифода мебарад, зеро ҳарду ба тавоноии дарк ва андешидани мақулот дахл доранд.

Бояд таъкид намуд, ки Шайхурраис иштироки ақлро, дар шинохту маърифати ҳақиқату моҳияти ҳаводиси олами модӣ, эътироф намуда, ақлро дарккунандаи мафҳумҳои куллӣ меҳисобад. Аз ин рӯ, ақлро қобилияти дониши инсон низ номидан равост.

Ибни Сино дар доираи фалсафаи нафс, махсусан дар баррасии нафси нотиқа, ки болотарин сатҳи нафс аст, онро ба ду шоха тақсим мекунад: қувваи омила ва қувваи олима [16,48]. Ин ду шоха асоси системаи фикрии ахлоқӣ, равонӣ ва маърифатии Ибни Синоро ташкил медиҳанд. «Ҳар як аз қувва бинобар иштироки исм ақл номида мешавад» [183,43]

Ҳамин тариқ метавон ин қувваҳоро чунин шарҳ дод.

1. Қувваи Олима (қувваи доно, маърифатӣ) марбут ба дарк ва шинохти воқеият аст. Ин қувва воситаи асосии шинохти ҳақиқат ва касби илму фаҳмиш мебошад. Навъҳои он:

- ақли қобил: қобилияти дарёфти маърифати ҷадид;
- ақли бил-қува ё қобил: ақле, ки фаҳмиш дорад, вале онро ба амал наовардааст;
- ақли бил-феъл: ақле, ки дониш ва фаҳмиши фаъол дорад;
- ақли мустафод: мақоми олитарини маърифат, ки инсон ба дониши комил расидааст.

Вазифаҳои қувваи олима ин шаклгирии мафҳумҳо, таснифи маърифат, баровардани ҳукмҳои мантиқӣ, дарки ҳақиқат ва маонии умқи воқеият мебошад. Ба андешаи Ибни Сино, олима қувваи аслӣ дар шинохти илмӣ ва маънавӣ мебошад. Ин раванд барпоии ҷараёни маърифат аз ҳис ба ақлро дарбар мегирад. Қувваи олима воситаи расидан ба илми уло ва илми мутлақ мебошад. Ин қувва инсонро ба дараҷаи муҷаррад (ғайримодӣ) мерасонад ва ба нафси ҷовидон наздик мекунад.

2. Қувваи омила – қувваи амалкунанда, амалӣ) марбут ба идора ва роҳбарии амали инсон аст. Ин қувва аст, ки бо ёрии ақл амали инсонро дар ҷаҳони воқеӣ роҳнамоӣ мекунад. Вазифаҳои он ин татбиқи донишҳо дар амал, идора кардани эҳсосот ва хоҳишҳо, роҳбарии ахлоқӣ (интиқоди нафс), қабули қарорҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ

Қувваи омила нақши марказиро дар амалигардонии ҳаёти ахлоқӣ ва иродӣ мебозад. Ақли амалӣ воситаи асосии ташаккули ахлоқи нек ва таъйини рафтори дуруст дар ҷомеа мебошад. Ибни Сино дар иртибот бо «омила» бештар масоили ахлоқ, ирода, тасмимгирӣ ва ҷиҳод бо нафси аммора-ро таҳлил мекунад.

Аз назари мактаби машшоияи асрастуӣ амри куллӣ, аз ҷузъиёти ҳосилшуда бо идрокоти ҳиссӣ, таҷрид мешавад, аммо Сино мӯътакид аст, ки кул мустақиман аз ақли фаъол ба нафси инсон изофа мешавад, зеро кул дар сурати ҳиссияи ҷузъия қарор надорад.

Ибни Сино ғайримодӣ будани рӯҳи инсонро исботи ғайримоддии ақл ва идроки ӯ медонист. Назарияи Р. Декарт ҳам дар заминаи исботи нафс бе истифодаи ҳавоси панҷгона монанди далелҳои Ибни Синост. Ин нуктаи истидлолии зикршуда, аслан, аз Афлотун таъсир пазируфтааст, ки ба фарқи байни нафсу тан мӯътақид будааст. Тафовути миёни назари Ибни Сино ва назарияи Р. Декарт дар ин аст, ки ҷумлаҳои «ман фикр мекунам» ва «ман ҳастам» дар назарияи Р. Декарт дорои як маъно ҳастанд. Бинобар ин, «огоҳӣ» ба нафс ва «вуҷуди нафс» мунтаҳо аз якдигар ҷудо нестанд. «Дар назари Ибни Сино унсури огоҳӣ ё шуур, ҳузур дорад, зеро фард метавонад «вуҷуди худро исбот кунад», аз ин рӯ, ин ҳузур ба тариқест, ки нафсро муқаррар созад: ин як воқеияти имкон аст, на як зарурати мантиқӣ. Дарвоқеъ, назарияи Ибни Сино ҳадди васат миёни назарияҳои Р. Декарт ва Афлотун аст, зеро бар тибқи назарияи Афлотун, шуур ба унвони работ далолат бар *ин ҳамон* (ҳува ҳуввият) надорад, балки далолат бар ғайрият(ин на оне) дорад; вақте

ҳува ҳуввият ба наҳви комил зоҳир гардад, шуур бояд маҳв гардад» [324,693].

Оид ба баррасии назарияи *нафс ва шуур* дар таълимоти Ибни Сино бояд муътакид гашт, ки ин масъала дар маркази фалсафаи ҳастишиносӣ ва гносеология қарор дорад.

Шуур ва ҳузури нафс ба худ дар фалсафаи Ибни Сино

Ибни Сино дар маъруфтарин таҷрибаи зеҳнии худ, ки онро «инсони парвозкунанда» меноманд, далеле амиқ ва нозук барои ҳузури нафс ба худ пеш мегузорад: Агар инсонеро тасаввур кунем, ки дар фазои холӣ, бидуни тамос бо ҷисм, тан ва муҳит ба дунё омадааст ва ҳамаи ҳисҳои зоҳирии ӯ фурӯ хобидаанд, ӯ ҳанӯз медонад, ки вуҷуд дорад. Пас, ин тафаккур нишон медиҳад, ки нафс дар худ шуури мустақил дорад, ки вобаста ба ҳис ва ҷисм нест. Ин ҳузур як воқеияти имконӣ аст, на зарурати мантиқӣ, зеро он метавонад воқеъ шавад, аммо ба таври хоси таҷрибавӣ ва зеҳнӣ, на бо зарурат ва ҳатмияти мантиқӣ, мисли қонуни манъи таъоруз.

Хусусияти ин шуур:

- *Нафс медонад, ки ҳаст* — ҳува ҳуввият (ҳастии ӯ дар худи ӯ).
- Аммо ин шуур танҳо зоҳир шудани «ҳаст» аст, на як худтаърифи фалсафии мукаммал.

Мақоми назарияи Сино дар байни Афлотун ва Р. Декарт

Афлотун шуурро ҳамчун робита бо ҷаҳони ақлони (олами мазоҳир ё идеяҳо) мебинад. Шуур воситаи робитаи нафс бо чизе аст, ки *ғайри худ* аст (ин – на он). Ба иборати дигар, шуур миёни субъект ва объект восита аст, на тафаккуру ҳузури зот ба худ.

Ба андешаи Р. Декарт шуур ба маънои комили худ бо зот ҳамонӣ мекунад: ҳува ҳуввият, яъне «ман».

Ибни Сино дар ҳадди васат қарор дошта дуруст андеша меронад:

- Ҳузури нафс ба худ як воқеияти таҷрибавӣ ва зеҳнӣ аст, на як зарурати мантиқӣ (чунончи Р. Декарт мепиндошт).

- Шуур на ҳамчун хулосаи мантиқӣ, балки ҳамчун таҷрибаи мутлақи дохилии нафс дарк мешавад.

«Нафс худ ҳозир аст ба худ» ва ин «ҳузур» шоҳид бар ҳастии ӯст. Ин мафҳум дар **заминаи шуур ба худ** истифода мешавад: яъне инсон на ба воситаи ҳиссиёт, балки ба таври мустақим ва худфаҳм нафси худро дарк мекунад.

Шуур ва моҳияти ҳува ҳуввият (дар ирфон ва афлотуния)

Мафҳуми ҷолибе дар поёни матн зикр шудааст: агар ҳува ҳуввият (шуури «ман ҳастам») комил зоҳир гардад, шуур бояд маҳв гардад. Ин таъбир ба ирфони фано ва фалсафаи афлотунӣ ишора мекунад, ки дар он шуур на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ, балки ҳамчун воситаи убур ба ҳақиқат ва иттиҳод бо «ғайри ман» (Ҳақ) арзёбӣ мешавад. Пас, шуур то ҳадде дуӣ эҷод мекунад — ману он. Агар инсон ба дараҷаи камол расад (чунончи дар ирфони сӯфия), «ман» бояд дар «Он» (Ҳақ) маҳв гардад. Пас, шуур дар мақоми охир на васл, балки ҳиҷоб аст ва бояд нобуд шавад, то иттиҳод бо ҳақиқат сурат гирад.

Маълум шуд, ки Ибни Сино дар миёни ду нуктаи мухталиф қарор дорад: на метафизикаи пурра ғайримантиқии Афлотун ва на мантиқгароии инфиродӣ ва қатъии Р. Декарт. Балки ӯ **шуурро ҳамчун ҳузур ва воқеияти имконпазир** мебинад, яъне воқеияте, ки бо таҷрибаи зеҳнӣ дарк мешавад ва дар асл нафсро ҳамчун ҷавҳари мустақил исбот мекунад.

Мустақилияти тафаккури эҷодии Ибни Сино боз дар он мушоҳида мешавад, ки дар таҳқиқи масъалаҳои метафизика ӯ вазифаҳои рӯҳро танҳо бо шакли (энтелехия) ҷисми органикӣ маҳдуд намекунад, чунон ки дар Стагиритиён вомехӯрд. Эътироф кардани объективии силсиламаротибии Ақлҳои олӣ таълимоти Ибни Синоро ба

навафлотуния наздиктар мекунад, ки дар антропология ин вазифаи рӯҳ, дар робита бо моддиёт, Ҳарчанд вуҷуд дорад, муҳимтарин нест.

Ҳаёти пас аз марг мавзуи метафизика аст, зеро сухан дар бораи чизҳои берун аз ҳудуди олами инсонӣ меравад. Ба ақидаи Сино «Нафси инсонӣ бобақо ва фосидшаванда буда, дар баданҳо таносух намеёбад» [18,227].

Рисолаҳои ирфонии «Ҳай ибни Яқзон» ва «Рисола-ат-тайр», «Саломон ва Абсол» комилан равшан ва содаанд, агар мо худро бо мазмуни эмпирикии онҳо назар кунем, раҳнамо Ақли фаъол аст, ки роҳи он қуллаи баландтарини заковати инсонӣ – зиракӣ аст. Таълимоти Ақли фаъол ва симои фаришта таърихи тӯлонӣ хоҳад дошт. Ҳақиқати онтологӣ дар дарки ҳаёту эҷодиёти Ибни Сино муносибати ҳамаҷонибаро бо назардошти хар ду нуктаи оқилона – ҷузъҳои мантиқии ҳам ҳаёт ва ҳам таълимоти ӯ талаб мекунад.

Андешаҳои Ибни Сино дар бораи ҷисм, ки ҳаракат ба он хос нест, ҷолиб аст. Ҷисм як шакли материя аст, ки се андозаи ҳаҷм дорад. Аммо воқеият ин аст, ки ба ҷуз ин шакл ҷисмҳо шаклҳои субстансионалӣ доранд. Онҳо аксиденсияҳо ва табиати гуногун доранд. «Шаклҳо» дар таълимоти ӯ материяро актуалӣ мегардонанд, ба он намудҳо медиҳанд, ҷинсу шаклҳоро нишон дода, хусусиятҳоро муайян мекунанд.

Ба ақидаи ӯ қувваҳо табиатан ба ҷисмҳо хосанд ва се намуд мебошанд: қувваи таҳрика, ҳидоят ва майл. Як намуди қуввае, ки дар ҷисм амал мекунад, симои онҳоро, ҷойгиршавии табиӣ ва амали онро устувор нигоҳ медорад. Агар ҷисм ҷойгиршавӣ, сурат ва ҳолати табиии худро гум кунад, ин қувваҳо онҳоро ба ҷисмҳо бармегардонанд ва дар онҳо мустаҳкам мекунанд ва имкони пайдоиши чунин ҳолатҳоеро, ки ба онҳо мувофиқ нестанд, пешгирӣ мекунанд. Ин бозгашт маҷбурӣ аст. Қувва ҳамчун сабаби табиии ҳастии «муқаррарии» ҷисм амал мекунад. Дар ин ҷо метавон таъкид кард, ки ба ақидаи Ибни Сино ҳақиқати

онтологии ҷисм вобаста ба сабабҳои табиӣ буда, мувофиқи мавқеъ ва ҳолат ҷисм, бояд намуди табиии худро дошта бошад. Ибни Сино ин қувваҳоро «табиат» меномад. Табиати ҷисмҳо ибтидо ва ҳаракати моҳиятӣ ва ҳам оромии моҳиятӣ ва ба итмом расидани (ҳолати) ҷисм дар ҳолати муқаррарии (табии) он мебошад. Ҳама ҷисмҳои табиӣ ин қудратро доранд.

Ба навъи дуюм қувваҳое дохил мешаванд, ки ҷисмҳоро ба ҳаракат ё ба ҳолати оромӣ меоранд, зуҳур ва устувории хусусиятҳои онҳоро нигоҳ медоранд, ки дар забони Ибни Сино маънои «тамомшавӣ» -ро дорад. Ибни Сино мегӯяд, ки баъзе аз ин қувваҳо бидуни интихоб ва дониш вазифаҳои худро иҷро мекунанд - инҳо ҷони наботот мебошанд. Дигарон қобилияти оғоз ва қатъ кардани амалҳоро доранд, ки манфиат ва зарарро фарқ мекунанд - инҳо ҷонҳои вуҳуш (ҳайвонот) мебошанд. «Ва миёни тан ва миёни қувватҳои он ҷирме латиф ва гарм аст, ки нахустин ҳомили ҳамаи ин неруҳо ҳамон аст ва ба ном «рӯҳ» хонда мешавад. Ва рӯҳ ва имтизоҷи латофати ахлот ва бухорияти онҳо, ки бар нисбате маҳдуд аст, ҳудус меёбад, чунонки аъзо аз имтизоҷи ин ахлот падид меояд, вагарна бувад, ки қувватҳо ба воситаи ҷирме нуфуз меёбад» [10,664]. Ба андешаи Сино рӯҳ агар дар дил ҷой гирад, «рӯҳи ҳайвонӣ», ба димоғ ҷо гирад «рӯҳи нафсонӣ», дар кабид (ҷигар) ҷо гирад «рӯҳи табиӣ» хонда мешавад [10,664].

Ба навъи сеюм қувваҳое дохил мешаванд, ки вазифаи худро на бо ёрии узвҳо, балки бо ирода роҳнамоӣ мекунанд. Худи иродаро қонуни ягона роҳбарӣ мекунад - чунинанд рӯҳҳои фазои осмонӣ. «Нафси Кул мабдаи қариби вуҷуди ҷисмҳои табиист ва мартабаи вай дар ноил гаштани вуҷуд, баъд аз мартабаи Ақли Кулл буда, вуҷуди он аз вуҷуди Ақли Кулл содир мегардад» [11,602].

Ибни Сино борҳо ба ақидаи фанонашаванда будани рӯҳи фард муътакид буд. Ба андешаи ӯ дорандаи фикр як ҷисми мушаххасест, ки ба

гирифтани рӯҳи фаъол майл дорад. Вақте ки ҷисм фано мешавад рӯҳе, ки дар он ҷойгир аст, мавҷудияти хешро бояд идома диҳад – аввалан, ба далели тафовут аз материяе, ки дар он ҷойгир буд, бояд вуҷуд дошта бошад; дуюм, рӯҳ қабл аз пайдо шудани ҷисми инсон вуҷуд дошт; сеюм, табиати материя ва рӯҳ гуногунанд, онҳо ба таври гуногун сохта шудаанд. Ибни Сино дар мавриди имкони ҷовидонии рӯҳи фардӣ ҳамин тавр баҳогузорӣ мекунад. Ин нукта, аз ҷониби Шайхурраис, ҳарчанд мантиқӣ собит мешавад, вале монанди таълимоти динӣ буда, дар оятҳои зиёди Қуръон оид ба ҷовидонии рӯҳ таъкид меравад. Масалан: «Ҳама ба сӯи Худо баргардонида мешавад» [159,3:83], «..бозгашти шумо ба сӯи Ӯст ва шуморо аз он чи кардед хабар медиҳад» [159,6:60] ва ғ.

Сино ба хулоса меояд, ки чун «Худо ибтидои рӯҳонии тамоми мабдаъҳо бошад, пас Ӯ мабдаи рӯҳонии ақлгароёна аст», аз ин рӯ, аз рӯи принсипҳои сабабу натиҷа Ақли Кул Нафси Кул, Олами Кул ва рӯҳи инсон ва ғайраро меофарад. Ӯ муътакид гаштааст, ки «бозгашт» - и рӯҳи инсон мансуби таносух набуда, бозгашт ба Худо аст. Ба андешаи Сино ҳастӣ (мавҷудият), ки ба худ зарур аст, дар ниҳояти кор мутлақ, яъне Худост. «Вуҷуд мафҳуми куллитаринест, ки ба ҷинсу навъ дарнамеояд. Ӯ муайяну тасвир карда намешавад ва бидуни исм шарҳ намеёбад» [248,13].

Аз рӯи таълимоти Ибни Сино рӯҳи фард ҷовидона аст, зеро дар ҳақиқати онтологии худ аз ҳақиқати онтологии ҷисм фарқ дорад. Ҳамаи механизмҳои ҳақиқати онтологии онҳо гуногунанд. Аз ин рӯ, рӯҳ муваззаф нест, ки ҳолати ҷисми мавтшударо такрор кунад. Фикри ҷовидонӣ будани одам, ҳамчун мавҷудоти ҷинсӣ, дар субстрати ҷамъият абадӣ будани вай, ба Ибни Сино маълум аст.

Дар таърихи ҳаёти ҷомеа номи худро гузоштан, ба ақидаи ӯ, ҷовидонагии фард нест. Далели он, ки инсоният рӯзе ба ҳақиқати мутлақ мерасад маънии ҷовидонагии фардӣ нахоҳад буд. Ба андешаи Ибни Сино, барои шахс, дар тӯли умри худ, ҳақиқати мутлақ тавассути

маърифати ҳадсӣ дастрас мешавад ва шахси ҳақиқӣ фардест, ки дониши ҳақиқии онтологӣ дорад.

Субстансия асоси устувору доимии чизи ҳаракаткунандаро ифода мекунад. Чунин ҷавҳар барои инсон, ба ақидаи Сино, дониш аст. Дар раванди шинохт инсон донишеро ба даст меорад, ки ӯро ба ҳақиқатҳои ҷовидонӣ наздик мекунад, инсонро саодат мебахшад, инсонро ҳамчун як навъ мавҷудият амалӣ менамояд. Бояд қайд кунем, ки таърифи дақиқтари ҳақиқати онтологии ҳастии инсонро пайдо кардан душвор аст. Ҳақиқати нисбии онтологии инсон, ҳамчун мавҷудияти қобилияти идрокдошта меафзояд. Ӯ баробари дарки ҳақиқатҳои абадӣ, ба ҳақиқати онтологии мутлақи Худованд наздик мешавад. Ибни Сино бо ҳаёт, тарзи зиндагии худ собит кардааст, ки биҳишт барои файласуф дарки ҳақиқат аст ва дузах ҷоҳилист.

Файласуфи тоҷик Н. Саидов сарчашмаҳои назариявӣ ва идеологии таълимоти Арасту ва Ибни Синоро оид ба муаммои инсон ва қудрати ӯ қисмат намуда, ба метафизикӣ ва теологӣ ҷудо менамояд ва дуруст таъкид менамояд, ки дар мероси фалсафии Абуалӣ ибни Сино масъалаи инсон аз мавқеи илму маданияти Юнони кадим, маданияти тоисломӣ, инчунин аз нуқтаи назари тоисломии тоҷик- фарҳанги форсӣ (замоне, ки ислом ҳанӯз дар он мавқеи ҳокимро ишғол накарда буд ва натавонистааст нақши пешбарӣ дошта бошад) нуктагузорӣ мешавад [399].

Доир ба масъалаи инсон мактабҳои фикрии асримиёнагӣ ақидаҳои мухталиф доштанд. Масалан, файласуфи тоҷик Н. Арабзода дар бораи мавқеи инсон дар таълимоти Носири Хусрав (намояндаи равияи исмоилия) сухан ронда, қайд мекунад, ки мутафаккир инсонро аз мавқеи антропосентризм таҳқиқ намудааст. Дар таълимоти антропосентии ӯ зинаи ҳастӣ бо офариниши инсон анҷом меёбад ва худи инсон ҳадафи офариниш дониста мешавад ва тадриҷан антропосентризм характери

гуманистӣ пайдо мекунад [45,98].

Дар таълимоти тасаввуф, мафҳуми Худою инсон дар як радиф гузошта шуда, ҳамчун як ҳастии ягона тасаввур мешавад. Инсон мавҷудест, ки дар натиҷаи камолоти ахлоқию маънавӣ тамоми низоми офариниши оламро дарк карда, ҳамчун олами сағир дар вуҷудаш зоҳиру ботини олами кабирро дармеёбад ва тимсоли як ҳақиқати воқеӣ будани худро мефаҳмад. Бинобар ин, олимону сӯфиён муътакид мешаванд, ки дар ҳолати аз аслу насабаш (яъне ба вуҷуд омадани ҷисму нафсаш) огаҳ шудани инсон, дунё ва ҳасткунандаи онро ҳам бояд шиносад. Аз ин бармеояд, ки мақсади ниҳоии худошиносии инсон муайян кардани мақому манзалати инсон дар ҷаҳон будааст. Ҷараёни ин худшиносӣ дар эҷодиёти сӯфиён, дар доираи таълимоти тасаввуф, бо роҳу равишҳои гуногун мегузарад.

«Дар назарияи маърифати ирфонӣ мақоми дил ва ишқу завқи ирфонӣ (дар муқоиса бо ақл) ниҳоят баланд аст. Ба шинохти Худо ва расидан ба тавҳид на ақлро, балки дилро, ки макони ишқ аст, бештар қодир мешуморанд» [8,295].

Ин маънӣ дар «Шарҳи таарруф» равшантар баён шудааст: «Арш қиблаи дилҳост дар осмон. Чунонки Каъба қиблаи танҳо дар замин, тан ба хидмат қасди Каъба кунад ва мурод на каъбаи дил. Худованд ба Каъбаи дил ба қариби Арш кунад ва мурод на арш. Худои Каъба дар Каъба на ва Худои Арш бар Арш на ва тан чун ба Каъба расад ва тавоф созад ва аз шавқ Худои Каъба мутаҳаййир бимонад ва бозгардад» [181,27].

Таъкид меравад, ки банда 2 сифат дорад: ҳадси баъд ал адам ва адами баъд ал вуҷуд. Маърифати сӯфия, ки дарки ҳақиқатро ҳадафи худ қарор дода буд, ҷиҳатҳои назарӣ ва амалӣ дошт.

«Ниҳояти роҳи «ҳаким», «доной» (яъне «дидан» -и ҷаҳон) аст, аммо ниҳояти роҳи «ориф», «расидан» аст, на «дидан». Расидан ба чӣ чиз?

Расидан ба зоти «Ҳақ». Мӯътақиданд, ки агар инсон даруни худро тасфия кунад ва бо маркаби ишқ ҳаракат кунад ва манзилҳои байни роҳро зери назари як инсони комилтар тай кунад, поёни ин роҳ ин аст, ки пардаи миёни «инсон» ва «Худо» ба куллӣ бардошта мешавад ва ба таъбири худашон ба «Худо» мерасад; вақте ба Худо расид, мазҳарии комили ҳамаи асмоъ ва сифоти Илоҳӣ мешавад ва оинае мешавад, ки зоти «Ҳақ» дар ӯ зуҳур ва тақаллӣ мекунад» [205,19]. Рӯҳониён ҳама нур гашта, тан дар заминанд ва ба дил осмонӣ.

Ш. Карамхудоев дар таҳқиқоти хеш, аз рӯи таҳлили муқоисавии ғояҳои динию фалсафии исмоилия ва тасаввуф ба чунин хулоса меояд: инсон чун мавҷуди соҳибшуур ва худсоз дар ҷараёни ҳаёт ба эҳё ва худтакмилдиҳӣ қудрат дорад. Олам офарида шудааст, вале дин барои камолёбӣ дода шудааст, барои камолот инсон бояд ҷараёни тӯлонии инкишофро аз сар гузаронад. Инсон ба ақл ва узвҳои ҳиссии худ такя мекунад, вале бояд роҳнамои рӯҳонӣ дошта бошад [391].

Аз самтҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик, ин хусусият танҳо барои тасаввуф хос аст. Орифи муосири роҳи тариқат Сайид Салмон Сафавӣ дар китоби «Ирфони амалӣ» асосан ҷанбаи амалии ирфони исломро [аз ҷиҳати динӣ –А.К.] муайян намуда, оид ба роҳҳои анъанавии тасаввуф дастурҳои асоснок ва мӯътамад додааст. Ӯ мегӯяд, ки ирфони исломӣ аз вожаи арабии «арафа» гирифта шуда маънояш дарк кардан, расидан аст. Яъне, ирфон илми худошиносист ва бо чӣ роҳ инсон метавонад Ӯро дарёбад. Вай дар боби 2 [Худфаромӯшкунӣ] оид ба масоили онтологӣ чунин суолҳои ирфони назариро, аз қабили –Ман аз куҷо омадаам? Рисолати ман аз чӣ иборат аст? Куҷо равонаам? – гузошта, таъкид менамояд, ки дил назаргоҳи Ҳақ аст ва бозгашт сӯи Ӯст. Дар зербоби «Тариқи расидан ба Худо» 35 сифоти Худоро номбар карда, ҳақиқати ҳастӣ, бе шакку шубҳа, ин ваҳдат аст, мегӯяд. Ҳар мавҷуди олам дар ҳаракат аст ва дар охир ба Худо бармегардад. Мақсади офариниш

камолоту рушди тамоми олам ва қисман инсон аст. Дигар мавҷудоте, ки ба олами офариниш тааллуқ доранд, барои инкишофи рӯҳӣ ва ташаккули инсон асос мегузоранд [244,20-21]. Нуктаҳои зикршударо бояд ҷонибдорӣ намуд.

Дар шарҳи «рӯҳ» -и инсон мутакаллимону файласуфону аҳли динҳо гуногунназар буданд. Ҳар яке рӯҳро ё ҷавҳар, ё араз, ё қадим ё муҳдас номидааст. «Мазҳаби тарсоён (насрониён) он аст, ки рӯҳ қадим аст, қавли баъзе аз фалосифа, ки эшон мазҳаби таносух доранд, ҳамин аст. Аҳли суннат ва ҷамоат: рӯҳ гӯем ва моҳият ва кайфият нагӯем» [184,835]. Ба андешаи Мустамлӣ рӯҳ махлуқ, муҳдас, маҳсус ва малмус аст. Мутакаллимон гуфтанд, ки «арвоҳ пеш аз аҷсод махлуқ набуданд. Аз баҳри он ки мазҳаби эшон он аст, ки рӯҳ араз аст ва араз раво набошад магар ба ҷисм қоим ё ба ҷавҳар ҳамчунон ки ҳаракат ба мутаҳаррик ва сукун ба сокин қудрат ба қодир ва илм ба олим ва ҳаёт ба ҳай. «Ӯ ҷавоб дод, ки Агар арвоҳ махлуқ бошад пеш аз аҷсод аразе бошад мавҷуд на қоим ба чизе. Ва ин муҳол аст» [88,841]. Мазҳаби фақеҳон «ҷонҳо махлуқ буданд пеш аз аҷсод. Чун ҷон аз тан бардоранд, ҷон нест нагардад. Агар банда некбахт бошад, ҷони варо ба иллийин баранд ва агар бадбахт бошад, ба сиҷҷин баранд». Ин ҷо такя бар оят мекунанд: «Ё ҷони орамида баргард. Вай аз ту хушнуд. (Алиф.229) Ин хитоб аз баҳри он ки ҷонро аз иллийин овардаанд. Ва далел бар он ки арвоҳ махлуқанд пеш аз аҷсод» [184,842].

Мутакаллимон бар хилофи ҳадисҳои паёмбар гуфтанд, ки нахуст Худо колбадро омода карда, сипас ҷон меофарад, на ин ки ҷон пеш аз колбад вуҷуд дошт, зеро баъди марг ҷон нест гардад ва ҷое равад [184,841]. Файласуфон бар он андеша буданд, ки рӯҳро Худо монанди курае офарида, онҳоро пора-пора карда ба колбадҳо ҷой медиҳад, вале аҳли маърифат гуфтанд, ки «Худо арвоҳро биёфарид ва эшонро бар пой кард» [184,842].

Арвоҳро ба мақом ҷудо карда, рӯҳи паёмбарро муқаддамтар медонистанд: Арвоҳи Расул, арвоҳи анбиё, сиддиқин, шуҳадо, расул, авлиё, оммаи муъминон [184,842].

Фарқи байни рӯҳ ва ҷон (нафс). Дар «Шарҳи таарруф омадааст: «рӯҳ он маънӣ, ки дар вай ҳаёт бошад. Нафс он маънӣ, ки шаҳавоту маъонӣ ва ҳавоси хомис (панҷгона) ба вай бошад. Аҳли рӯҳ нуронӣ аст ва ӯро шуоъ аст, чунонки қурси офтобро андар макони хеш ва шуои вай мунташир» [184,853]. Худо андар ин ҳавос латоифе ниҳода, ки рӯҳ бад-он роҳ ёбад. Нафсро мавт, ҳаёт, лаззат, шаҳват, навм бошад. «Шариат ба ҳар чор нотиқ аст: дунё, қалб, рӯҳу нафс ва халқро бо вуҷуди ин 4 иҷмоъ (ба ҳам омадан) аст. Худо нафсро сифати мухталиф ниҳод: лаввома (виҷдон, накӯҳишкунанда), мулҳима (илҳомдиҳанда), мутмаъина (виҷдони пок), аммора (қавиимонӣ)» [184,855].

Номи рӯҳро Худо нидо кард ва аз ҳақиқати вай хабар надод. Гурӯҳе варо дам хонданд, зеро аз мурда ҷуз дам ҳеҷ чизи дигар кам нагардад. Баъзеҳо реҳ гуфтанд [184,856]. Рӯҳро ба нуронӣ, самовӣ, аршӣ, улвӣ, раббонӣ ва ҷонро ба арзӣ, сифлӣ ва шайтонӣ ҷудо карданд. Сифати рӯҳ тайибу мувофиқ аст ва сифати нафс хубсу (бадӣ) мухолиф аст.

Дар ин маврид андешаи машшоиён, дар симои Ибни Сино, чунин аст:

«Ибни Сино ҷони инсонро шакли муҳими тан медонад. Он ҷон ғайриматериалӣ ва намиранда будааст. Ҳаёти ондунёиро Сино на ҳамчун ҷисмонӣ, балки фақат чун ҳаёти маънавӣ эътироф менамояд. Сино эҳёи танро қатъиян рад мекунад» [59,30].

Ақоиди дуалистии Шайхурраис оид ба шарҳи масъалаи нафс ва нисбати он ба ҷисм дар «Китоб-ун-наҷот», «Китоб-уш-шифо», «Донишнома» ва дигар рисолаҳояш муайян мешавад. Масалан, вай дар «Китоб-ун-наҷот» чунин мегӯяд: «Нафсҳо дар ҳамон сурат пайдо мешаванд, ки агар ҷисм падид ояд» [119,250]. Ҳамин андешаи теологии

Ибни Сино, дар масъалаи офариниши инсон, дар китоби Қуръон ҳам омадааст, ки нахуст ҷисм офарида шуда, пас Худованд ба он рӯҳ медамад: чунин зикр ёфтааст: «Эй мардум... мо шуморо аз хок, нутфа, хуни баста, гӯштпораи суратдода ва ғайрисуратдода офаридем» [159, 22:5; 95:4; 96:2; 2:21; 6:2; 7: 179;15:26; 16:4; 39:6; 76:2].

Шайхурраис баъд аз ҷисм пайдо шудани нафсро бо далели мантиқӣ дар «Донишнома» навиштааст: «Дуруст мешавад, ки нафс агар бо бадан мавҷуд ояд аз сабабе беруни бадан ва пеш аз бадан, он нафс набувад. Зеро ки агар пеш аз танҳо нафсҳо будандӣ ё бисёр будандӣ ё яке. Ва агар яке будӣ ва он гоҳ бисёр шудӣ, ҳамон яке ва пора-пора шудӣ, баҳрапазир будӣ ва ҷисм будӣ ва гуфтем, ки ин гавҳар баҳрапазир нест.

Ва агар бисёр будандӣ, навъашон яке будӣ ва бо аърози моддате ҷудо-ҷудо шуданӣ. Пас, эшон моддате будандӣ. Пас, нафс пеш аз бадан набудааст, ки будани вай пеш аз бадан муаттал бувад. Пас, он гоҳ мавҷуд шавад аз сабабҳои вуҷуд, ки олати вай мавҷуд шавад ва чун мавҷуд шуд ва ҷавҳар бувад бимонад ба монанди асли вуҷуди вай ва чун олати вай табоҳ шавад ва вай на ба он олат истад ва на андар он олат аст, вай табоҳ нашавад» (Ниг.: Табииёти Донишнома, саҳ.122-123; 129)

Дар ин нукта Ибни Сино пеш аз ҷисм вучуд доштани нафсро тардид менамояд, ки ин бар хилофи андешаҳои Афлотун аст. Масалан, дар рисолаи «Таъбир-ур-руъё» ягонагии ҷисму нафси инсонро эътироф намуда навиштааст: «Инсон мураккаб аз ду ҷавҳар аст: нафс ва бадан» [21,4]. Дар ин нукта ӯ ҷонибдори андешаҳои материалистӣ будааст.

Ибни Сино ба нафси нотиқа назари идеалистона дошта, абадияти онро баъд аз мавти инсон эътироф кардааст: «Нафси одамӣ фосид намешавад ва мутаносух ҳам намегардад» [20,187].

Яке аз вижагиҳои дигари Сино, дар ин замина, кӯшиши вай ба исботи масъалаи таъсири нафс бар тан мебошад. Ӯ чунин шарҳ медиҳад, ки як бемор метавонад аз рӯи қудрати ирода, бемории ҷисмонии худро

дармон кунад, ҳамон гуна, ки бар асари таваҳҳум ва талқини бемор метавонад бемор шавад. Агар нафси инсон ба наҳви матлубе нерӯманд ва тавоно гардад, метавонад саломатӣ ё бемориро, ҳатто дар бадани шахси дигаре бе истифода аз маводи модӣ, ба вуҷуд оварад. Зеро нафси инсонӣ аз он воҷиби олию шарифе маншаъ гирифтааст, ки «сурати муқовамаро ба модда ато мекунад». Аз назари Сино, идроки ҳиссӣ ба модда ниёзманд буда, сурати муҷаррада дар асли хеш, дар қувваи оқила идрок мешавад. Аммо идрок ва андеша, гарчи ниёзманди моддаи воқеӣ нест, вале бе тааллуқоти модӣ таҳқиқ намеёбад. Муътакид бояд шуд, ки дар таълимоти Арасту оид ба рӯҳи ақлӣ ва нафси нотиқа доштани инсон зикр мешавад, ки аввалӣ вобастаи ҷисм буда, дуввумӣ ҷудо аз бадан, вале «ҳоким бар он мебошад ва мудиру мудаббири рӯҳи ақлӣ аст ва ҳамин ки инсон фавтид, ӯ ба олами малакут раҷъат мекунад ва дар он ҷо ҷовидон мемонад» [230,357].

Ба андешаи Ибни Сино нафси нотиқа «пурракунандаи ҳамаи вуҷуд ва оғозкунандаи онҳо буда, он худ хайри маҳз асту лазизтарин чиз аст» [10,590]. Яъне, агар нафсҳои мо аз он бебаҳра бошанд (пойбанди машғулияти баданӣ бошанд), лаззати ҳаётро дарк намекунанд ё мисли беморе мешавад, ки аз ширинӣ лаззат намебарад ва азоб мекашад.

Ибни Сино на танҳо эмпиризми таҷрибаи зоҳирӣ, балки эмпиризми ботиниро тавзеҳ додааст. Ба ақидаи ӯ ҳамон гуна, ки идрок аз хориҷ ба тавассути ҳавоси панҷгонаи зоҳирӣ сурат мегирад, идроки ботинӣ ҳам бо қувваҳои ботинии панҷгона, ба шарҳи зерин таҳқиқ меёбанд:

-ҳисси муштарак (ниёзманд), ки ҷойгоҳи ҳама ҳавоси зоҳирӣ аст;

-қувваи хаёл ё қувваи мусаввара, ки сурати идрокшударо нигаҳдорӣ мекунад;

-қувваи мутахайила, ки дар қиёс бо нафси инсон ба унвони қувваи муфаккира шинохта мешавад. Кори ин қувва таркиби сурати идрокшуда бо якдигар ва ё тафсили онҳо аз ҳамдигар аст;

-қувваи ваҳм, ки мафҳуми ғайриэҳсосиро ба монанди нафъ, зарар, иштиёқ ва нафрат дарк менамояд;

-қувваи ҳофиза, ки маъниҳоро ҳифз мекунад.

Сино таъкид бар он дорад, ки ақли билқувваи инсонӣ дар партави ҳидояти ақли фаъол рушд ва инкишоф меёбад. Ақли фаъол маърифатро пас аз омодагии ақли инсонӣ баҳра медиҳад. Вай ақли инсонро низ ҷавҳари муҷаррад ва мустақил медонад, ки ҳамвора боқӣ хоҳад монд. Дар китоби «Шарҳи таарруф», дар зербоби «Маърифати Аллоҳ» хилофи назар мешавад: «Роҳнамоянда ба Худо ҳам Худо аст. Мӯътазилиён гуфтанд, ки Худоро бо ақл метавон шинохт, аҳли суннат гуфтанд, ки Худоро бо далел тавон шинохт, ба андешаи аҳли маърифат Худоро ҳам бо Худо метавон шинохт, аз баҳри он ки моро хабар дод аз чизҳое, ки эшонро ақл нест, аммо Худоро шинохтанд. Агар иллати маърифат ақл будӣ бе ақл маърифат муҳол будӣ. (барои мисол чанд ривоёт оварда мешавад- «Ҳудҳуди Сулаймон, қиссаи намл ва ғайра». Яъне, маърифати Худо буд, ки ин парандаву намл Сулаймонро шинохтаанд [182,702-703].

Тасаввуф мақоми инсонро то ба дараҷаи худоӣ бардоштааст.

Бархе аз нуктаҳое, ки дар таълимоти сӯфиёнаи китоби мазкур, доир ба масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, гуфта мешавад, ихтилофназарӣ бо мӯътазилиён мушоҳида мешавад ва ин боиси мунозираҳои зиёде гардидааст. Мустамлӣ ақидаҳои антропоморфистии мӯътазилиёнро оид ба тавонмандии одам («то мо чунин накунем Худои а.ва.ҷ. накунад») тардид намуда, ба андешаҳои худомарказӣ гароида, мӯътазилиёнро худоношинос меномад ва «Савоб додан аз рӯи фазл аст ва иқоб адл аст, яъне бар банда ҳеҷ чиз воҷиб набошад, илло ба эҷоби Худо» [182,475-476] мегӯяд.

Ҳамин гуна, чандин ақоиди зидди ҳаёти иҷтимоӣ ва як навъ оҳанги таҳдид ба хотири хавфу тарси мардум иброз карда мешавад, ки боиси ихтилофу баҳси мӯътазилиёну аҳли маърифат мегардад. Масалан, «Худо

сарҳои дӯстонро ба худ Наздиккунанда аст ва «Азиз он аст, ки бо Худо аст, на он ки бо халқ аст» [181,8], ба ақидаи сӯфиён кору рафтори банда дар ихтиёри ӯ набуда, «Худо агар хоҳад, то рӯзи марг дар ҳукми бандагӣ медорад ва агар нахоҳад озор кунад» [181,13], ҳар ки ба наздики Худост, ба хидмат, ӯро ҳайбате пайдо мешавад, ки халқ аз онҳо битарсанд [181,28], инсон аз ҳайбати Худо, фариштагон тарсад [182,660], Худо бо банда он чи беҳтарӣ бошад, кунад ва он чи батар бошад, кунад [182,473], дунё бе марг ба донагӣ наярзад [182,641] ва ғ.

Ба андешаи мӯътазилиён рафтори хубу нек (савобу-подоши кори нек ва иқоб-озор) вобаста ба одам аст, вале дар ҷавоб Мустамлӣ ташреҳ медиҳад, ки «миқдори иқоб бар миқдори феъл нест: зино, шароб... Уқубат бар ҷаримат чандон ниҳад, ки Вай хоҳад» [182,477]. Яъне, савобу иқоб бар дасти Худост, мегӯяд.

Мӯътазилиён ин нуктаҳои зикршударо, ки дар Қуръон ҳам ҷой доранд, баҳсталаб шуморида, онро зулм бар банда шумориданд: «агар (Худо) савоб диҳад бе тоат ва ё азоб кунад бе маъсият, зулм бошад» [182,478].

Мустамлӣ ҷавоб медиҳад, ки зулм нест, зеро иқоб бар ҷиноят зулм бошад, бе ҷиноят ҳам озору шиканҷа додан зулм аст.. азбаски халқ махлуқи Худост, амру фармон ҳам фармони Ӯст, ҳарчӣ хоҳад кунад Ӯрост «ва аз ҳеҷ касе дастуре набояд» [182,472].

Ба андешаи мӯътазилиён нестии мавҷуд муҳол буда, нестӣ бе чизӣ (ғайримодӣ) аст ва бечизиро сабаб нест. Ҳама натиҷаҳо вобастаи сабаб ҳастанд. Аз ин хотир, сабаби зулм наҳӣ (манъ кардан) аст.. «ҳар касе, ки сад ман бор бар касе ниҳад, ки варо тоқати даҳ ман нест, чиз ба ноҷойгоҳ ниҳода бошад, зулм аст. Худо ҳар чизе, ки ниҳад, ба ҷойгоҳ ниҳад ва он зулм нест» [182,489].

Сӯфиён ҷавоб доданд, ки чун зулм як навъ тасарруф кардан аст ва ҳама мавҷудотро Молик Худост, зулм нест агар моли касеро бигирад.

Зулм сифати Худо нест ва Ӯ золим набуда, «ҳар чӣ бикунад, аз вай ҷавр набошад» [182,493].

Дар боби 16, дар зербоби «Дар маърифати Аллоҳ» муаллифи китоб ақидаи мӯътазилиёнро оид ба шинохти растионалии Худо ва андешаи аҳли суннатро (Худоро ба далел тавон шинохтан) инкор намуда, андешаҳои мазҳаби аҳли маърифатро ҷонибдорӣ намудааст. Ба ақидаи онҳо Худоро бо Худо метавон шинохт, аз баҳри он ки Худо моро хабар дод, аз чизҳое, ки эшонро ақл нест, Худоро шиносанд» [182,702]. Бо иқтибос овардани чанд ҳикояти «Ҳудҳуди Сулаймон», ривояти «Намл» Мустамлӣ мехоҳад исбот менамояд, ки агар маърифати Худо намебуд, ин парандаву намл Сулаймонро (паёмбар) намешинохтанд, яъне «агар сабаби маърифат ақл будӣ, бе ақл маърифат муҳол будӣ» [182,703] ғалат аст.

Мӯътазилиён гуфтанд, ки ба ҳар ҳол бад дар моҳияти худ бад аст ва некӯ ба моҳияти хеш некӯ бошад. «Аз баҳри он ки ҳар чӣ мо ба шоҳиди зишт ёфтем, аз баҳри тақдими наҳӣ ёфтем. Ҳар чӣ некӯ ёфтем, аз баҳри тақдими амр ёфтем» [182,494].

Дар ҷавоб муаллифи китоб андешаҳои худомарказӣ меоварад, ки Худо дар қисмати одам бадӣ ё некиро аз азал дар сиришташ ниҳодааст [182,497]. Ин нукта дар Қуръон ҳам дида мешавад. [159,57:22, 5:404, 4:79]

Байни ҷараёни мӯътазила ва аҳли суннат дар масоили дузах, меъроҷ ва тарозу мубоҳисоте ҷой доштааст ва аҳли суннат бино ба гуфтаҳои паёмбар ва саҳобаҳо бо истифодаи далел ҷавоб овардаанд.

Дар таълимоти дини ислом ҳаёти баъдифавтро, аз рӯи натиҷаи аъмоли неку бади ҳар мусулмон ё кофар, дар биҳишту дузах медонанд. Мустамлӣ таъкид менамояд, ки ягона паёмбар Муҳаммад қудрати ёрии бандаро дар биҳиштӣ гардонидани ӯ доштааст. Худованд гӯё ба паёмбар Муҳаммад дар шаби Меъроҷ, ҳангоми тай кардани ҳафт қабати осмон биҳишту дузахро нишон додааст [182,618].

Мувофиқи зикри Шиблӣ ҳикмати Меъроҷ баргузида нишон додани паёмбар дар байни халқ [182,600] буда, сабаби Меъроҷ каромот ва ато додани Худо [182,610] мебошад, инчунин Худо хостааст малоику паёмбарон донанд, ки Ӯ бо Муҳаммад чӣ кард ва чӣ хоҳад кард [181,67].

Дар таълимоти сӯфиён аз Худо баракот 3 овардан – салот, таҳийёт ва тайибот ва 4 бозгирифтан: салом, нубувват, раҳмат ва баракот-бозгирифтан аст.

Аз рӯи ақидаи аҳли суннат Худованд ҷинну инс аз баҳри дӯзах офаридааст ва он кас дӯзахист, ки бе ягон сабаб аз Худо ба ӯ бадбахтӣ рафтааст. «Яъне, феъли бандагон сабаби азоб нест, чу сабаби азоб шақовати азалӣ аст» [182,673-674].

Мӯътазилиён ин масъаларо ҳам ба баҳс кашида, мегӯянд, ки «Ҳар ки ба дӯзах андар омад, беш берун наояд, хоҳ муъмин гир, хоҳ кофар. Имони садсола суд надорад» [182,504].

Аҳли суннат ҷавоб медиҳанд, ки дар дузахи ҷовидон ба ғайр аз кофар касе намонад ва «ҳар киро имон бошад, ҳарчанд дер бимонад, охир берун овардан ҳам фазли Худо бошад» [182,505].

Мӯътазилиён «тарозу-ро инкор мекунанд ва «пули сирот» -ро як навъ ҷазо аз Худо медонанд ба он хотир, ки аз дӯзах касе ба биҳишт барнагардад [182,524]. Тарозу мавҳуме, ки бо он тибқи ривоёти динӣ рӯзи қиёмат савобу гуноҳи мардумро бармекашанд. Мӯътазилиён бар он ақидаанд, ки агар бандаи ботоат гуноҳе кунад он маъсият тоатро пок кунад*, он гаҳ* на шумор монад, на тарозу. Ба андешаи суннатиён: сирот боадолатона (ҳақ) буда, «берун омадан аз дӯзах ё ба раҳмати Худо ё бо шафоати Мустафо амалӣ мегаштааст» [182,525].

Аҳли суннат дар мавриди аҷали инсон муътакид бар онанд, ки «касе бе аҷал намирад. Ва аҷал он вақтест, ки бимирад ё бикушандаш. Он кас, ки бимирад, аҷали вай охир омад. Он кас, ки бикушандаш, аҷали вай монда аст, аҷали ӯ вайрон карданд» [182,637]. Сабаби марг ҳам самовӣ ё

ғайрисамовӣ буда, *«кӯтоҳ кардани забони халқ аст аз Малакулмавт салавот аллоҳу алайҳ будааст»* [182,638].

Ба қавли паёмбар аҷали банда чун наздик ояд, се фариштa бар вай муваккал мешаванд:

Аҷал, (...)

Амал (Малакулмавт мепурсад: Чанд дам задан монда аст?)

Рӯзӣ (Малакулмавт мепурсад: боз чанд рӯз мондааст?)

«24 соат ҳар соат 183 дам бизанад, шабонарӯзӣ 4392 дам. Ба ҳар даме ба қиёмат суоле ояд: Ба гӯш чӣ шунидӣ? Ба чашм чӣ дидӣ? Ба забон чӣ гуфтӣ? Ба даст чӣ кардӣ? Ба пой куҷо рафтӣ» [182,640]?

Аз як тараф, догматикаи исломӣ зидии антропоморфизм – назарногирии қобилиятҳои инсон бошад, дар мисоли «ин аст аҷзи халқ (нутқ, биниш) аз маърифати махлуқӣ ва аз иборат кардани маонии вай» [182,846], аз тарафи дигар, мақоми илм ва олимро боло мебардорад. Албатта, ин ҷо илми илоҳӣ ба назар гирифта мешавад. «Талаб кардани илм фозилтарини ҳама корҳо доранд, аз баҳри он ки амал ба илм рост гардад» [182,653]. Яъне, бе илм ибодат гуноҳ гардад ва чун илм бошад, гуноҳ ибодат гардад, зеро бе илм вақти тоат ибодатро нодуруст кунад ва табоҳ кардани ибодат гуноҳ аст. Олим андар гуноҳ саломатии беш ёбад, ки нодон дар ибодат ва ин илми вақт аст барои бандагон, бар ботину зоҳир, ҳақиқату шариат.

Дар таълимоти динӣ [159, 4:133, 3:145] инсон ҳамчун бандаи Худо шинохта мешавад ва аз оғози мавҷуд то ба рафтан ба фано дар чаҳорчӯбаи хости Худост, яъне бандаи мавҷуднабуда ҳаст гашт ва оқибат нест (нобуд) гардад ва инсон дар сарнавишти хеш соҳибихтиёр нест. Куфру имон сифати бандаанд ва сифате, ки андар вай мавҷуд набуд, ҳаст гардад [183,927]. *«*Ва он саодат ва шақоват аст, чунонки туро зинда кардам ва туро хабар на ва ихтиёр на. На аз вақти ниҳодан хабар дорӣ, на аз вақти бардоштан ба саодат ва шақоват ҳамин кунам ба

ихтиёри ту накунам. ...ва аз адам ба вуҷуд овардам ба ин сифат, ки ман хостам. Ва боз берун бурдам ва аз вуҷуд ба адам он гаҳ, ки ман хостам» [183,927]. Ин фикр монанди оёте аз Қуръон [159,32:34] аст.

Ба андешаи муаллифи китоб мақоми паёмбари ислом аз тамоми паёмбарон ва малоик болотару фозилтар арзёбӣ мегардад. Дар суоли малоик фозилтар ё одамӣ «мӯътазилиён ва ҷамоати аҳли суннат малоикаро тафзил кунанд бар Банӣ Одам». Онҳо малоикро нахуст, бинобар муқаррибони Худо буданашон фозилтар ҳисобиданд, сипас барои он ки малоик ба Одам саҷда карда буд, лекин «фазл ба тафзили Худо бошад, на ба тоати банда» [186,865]. «Ба андешаи мо одамиён бар малоик фозилтаранд, зеро андар миёни одамон Муҳамад с.а.в. ҳаст ва андар малоик баробари вай нест» [186,866]. Ҳамин нукта такя бар Қуръон мекунад [159,33:14].

Ин ҷо таъкид меравад, ки «Худо малоикро андар ин ҷаҳону он ҷаҳон хидматгори одамиён кард ва ҳеҷ ҷой одамиёнро ходими малоик нагардонидааст.

Малоикро муъмин ва мутеъ маҳсуб дониста, одамиёнро ба муъмин, кофир ва осӣ ҷудо кардаанд, инчунин байни одамиён нафароне ҳастанд, ки фозилтар аз малоиканд ва онҳо анбиё мебошанд [182,868].

Аз рӯи таълимоти аҳли тасаввуф «Худо ҳама ҳайвонотро 7 маърифат додааст:

1. Сонеи хешро бишносанд;
2. Модари хешро бишносанд;
3. Муаккали хешро бишносанд;
4. Муодили хешро бишносанд;
5. Дӯсти хешро бишносанд;
6. Ҷуфти хешро бишносанд;
7. Душмани хешро бишносанд;

8. Хоса одамирост ва он илм марг аст. Одамӣ донад, ки вайро бибояд мурдан ва дигар ҳайвонот надонад, агар донанд ба серӣ алаф нахӯранд» [182,704].

Сӯфиён инкор мекунанд, ки Худоро бо далелу афкори ратсионалӣ натвон шинохт. Ба андешаи онҳо ба зуҳуру таназзули ҳама мавҷудот сабаб Худост: «Худо он ёбад, ки Варо хоҳад, Худо он ёбад, ки Ӯ далели вай бошад» [182,706].

Барои маърифати илоҳӣ агар ақл ва далоил сабаб мебуданд, «ҳама оқилон маърифат дармеёфтанд ва ҳама бинандагони бурҳону оёт ба Худо роҳ меёфтанд. Ин ҷо ба қувваи фавқуттабиӣ, ки каромоти Худост, ишора меравад: «Сабаб нигаристан нест, сабаб намудан аст. На он бинад, ки нигарад, чи он бинад, ки бинамояндаш. Ва шак нест, ки бемаърифат ва беимон биҳишт натвон ёфт, агар сабаби имон ақл будӣ ё оёти истидлол будӣ» [182,707].

Ба андешаи ӯ ақл муҳдас, ҳамчунонки оқил муҳдас буда, ба ҳамсони хеш роҳ менамояд на зиёда аз ақли худ. Яъне, ҳар кас ба миқдори қуввати хеш кор кунад ва мақсадаш ҳам мувофиқи қуввати вай ҳосил шавад.

Ақл барои донистани илм, илм барои донистани маърифат, маърифат барои шинохтани Худост. Аз ин рӯ, ҳар чизе, ки ба ақл ба ғайри Худо ҳосил шавад, он чиз ба сабаби ғайри Ӯ пойдор бимонад. «Ҳар чизе, ки он ба Ҳақ ҳосил ояд, ҷуз ба Ҳақ қоим нагардад» [182,718]. *Маърифати илоҳӣ ба ғайри Ҳақ ҳосил нагардад. Маърифат маълумоте дар зеҳн доштан аст, ҳар он вақте ки маърифат ноқис гардад, қадри маъруф нашносад, ба ғайри Ӯ қаноат кунад.*

Боби 17-и китоб «Андар рӯҳ» унвон дошта, дар масъалаи рӯҳ байни намояндагони мазҳабу ҷараёнҳои давр ихтилофи ақида мушоҳида мешавад. Баъзеҳо рӯҳро ҷисм гуфтанд, дигарон ҷавҳар, араз, муҳдас ва ғ. Мазҳаби тарсоён ва баъзе аз файласуфон, ки «эшон мазҳаби таносух

доранд, қадим, аҳли суннат ва ҷамоат: рӯҳ гуем ва моҳият ва кайфият нагӯем», гуфтанд [182,835].

Ба андешаи мӯътазилиён арвоҳ пеш аз аҷсод махлуқ набуданд, бинобар он ки «рӯҳ араз аст ва арази равон набошад, магар ба ҷисм қоим ё ба ҷавҳар», монанди он ки ҳаракат ба мутарҳаррик қудрат ба қодир ва илм ба олим, ҳаёт ба ҳай. Ҷавоби аҳли маърифат: агар арвоҳ махлуқ бошад, пеш аз аҷсод аразе бошад мавҷуд, на қоим ба чизе ва ин муҳол аст [182,841].

Ба ақидаи мутакаллимон вақте Худо нахуст тани одамро пурра гардонад ва сурат пайдо кунонад, сипас ҷон офарад, яъне ҷон пеш аз тан мавҷудият надошт ва вақте инсон бимирад, ҷон нест гардад, на ҷон аз тани банда ҷудо гардад ва ҷое равад.

Мустамлӣ мегӯяд, ки ин андешаи мутакаллимон бар хилофи ҳадисҳои паёмабаранд. Баръакси мутакаллимон фақеҳон ҷонҳоро «махлуқи пеш аз аҷсомбуда» гуфтанд, яъне ҷон пеш аз тану сурат вуҷуд дошт. Вақте инсон мемирад ҷони ӯ нест нагардида, агар бандаи майит некбахт бошад, ҷони варо ба иллийин баранд ва агар бадбахт бошад, ҷони варо ба сиҷҷин (қаъри дӯзах - А.К.) баранд. Фуқаҳо ба оёти «Ё ҷони орамида аз колбад, бозгард» (229, сураи Алиф) такя карда, фикри хешро исбот карданӣ мешуданд, ки *ин хитоб аз баҳри он ки арвоҳ махлуқанд пеш аз аҷсод* [182,842].

Файласуфони давр гуфтанд, ки Худо арвоҳро ба мисоли курае офарид ва онро пора-пора гардонида, ҳар пораи онро ба ҷисме ҷой намуд. «Чун он колбадҳо ба як рӯҳ ҳаёт ёфтанд, улфат гирифтанд. Чун колбад аз он рӯҳ баҳра наёфт, мар ӯро бо ин колбад улфат наяфтод» [182,843].

Аҳли маърифат ин фикрҳоро баҳсталаб шуморида, мегӯянд: «Худо арвоҳро биёфарид ва эшонро бар пой кард. Муқаддамтарини арвоҳ рӯҳи

Паёмбар буд. Арвоҳи Расул, анбиё, сиддиқин, шуҳадо, Расул, авлиё, оммаи муъминон буд.

Ҳар гурӯҳе сифате дошта, ҳамдигарро пазируфтанд ва «ошноӣ андар суфуф афтод. Чун ба дунё ин ҷонҳо ба колбадҳо фурӯ оянд, ҳар ду ҷоне, ки андар як саф буда бошанд, ба дунё эшонро улфат афтад. Чун суфуфи онҷо мухталиф буданд, ба дунё мухталиф афтад» [182,843].

Ҷавҳари бе рӯҳ, қиммат надорад. Мақоми рӯҳ болотар аз равандаи (соир) маъонӣ, чуноне забон ба нутқ ва чашм бо басар ба худ қиммат гиранд. То рӯҳ ба тан дамида нагардад «соири маъонӣ андар соири ҳаввос қоим нашавад ва то ҳаёт муқаддам набошад, соири маъонӣ ба соири ҷавореҳ қоим нагардад» [182,844].

Вақте сар ба Худо бингарад, «қуввати назари вай ба вақти иштиғолаи вай ба Ҳақ варо чунон машғул гардонад, ки варо ғайри Ҳақ шоҳид намонад... - ***дар вай на вай аст,*** на ба сифати хеш ба сифати ғайр қоим аст» ва он ғайр Худост. Аҳли маърифат ба хулосае меоянд, ки рӯҳ махлуқ ва муҳдас буда, «сабаби фироқ ва висол рӯҳ, савобу иқоб рӯҳ ва ҳама итобу оштӣ бо рӯҳ аст ва маҳалли ҳулули ғазаб ва ризо рӯҳ аст [182,847].

Барои исботи он ки ҷон маҳсус ва малмус аст, аз паёмбари ислом далел меоварад, вале оид ба чигунагии ҷон бо муаммо гуфтаҳои паёмбарро ёдовар мешавад: «Дуруст аст, ки Вай ҳаст ва нагӯям, ки чист ва нагӯям, ки андар тан куҷост, аз баҳри он ки Ӯ инҳоро нагуфт. На макон, на моҳият, на кайфият, на ҳадди Вай пайдо кард» [182,840].

Яъне, номи рӯҳро Худо нидо кардааст, вале аз ҳақиқату моҳияти вай хабар надодааст.

Ба андешаи аҳли маърифат байни рӯҳу нафс (ҷон) фарқе ҳаст, яъне рӯҳ ба он маънӣ, ки дар вай ҳаёт бошад ва нафс он маънӣ, ки дар вай шаҳавоту маъонӣ ва ҳаввоси хамса ба вай бошад.

«Рӯҳ нуронӣ, самовӣ, аршӣ, улвӣ, раббонӣ аст.

Нафс арзӣ, сифлӣ ва шайтонӣ. Қалб дар миён мунқалиб аст.

Сифати рӯҳ тайибу мувофиқат аст.

Сифати нафс хуб аз мухолифат аст.

Нафсро мавт, ҳаёт, лаззат, шаҳват, навм бошад» [182,853].

Шариат ба ҳар ин 4 нотиқ аст: дунё, қалб, рӯҳу нафс ва халқро ба вуҷуди ин 4 иҷмоъ (назари якдилонаи уламои мусулмон (муҷтаҳид)-и як замон дар бораи ҳама гуна саволи диншиносӣ, ки дар Қуръон ва суннат ҷавоби равшане нест, ишора мекунад) аст.

Аз рӯи таълимоти сӯфиён Худо нафсро чор сифати мухталиф додааст: лаввома (нурҳо), мулҳима (илҳомдиҳанда), мутмаина (осудахотир), аммора (барангезанда ба бадӣ) [182,855] ва рӯҳу нафсу қалбро ба офтобу арзу фалак шабоҳат додаанд [182,855].

Чун мушоҳидати Ҳақ афтад, бе қалб кавн андар миён бисӯзад. Кавн андар ҷанби мушоҳидати Ҳақ бо қалб 100 ҳазор бор камтар аст.

Рӯҳ сифатест номахлуқ андар зоти махлуқ.

«Масъалаи таносуби олам ва инсон, таносуби инсон ва Худо, воситаҳои идроки илоҳӣ дар фалсафаи гностикӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Ба ақидаи Саид Нафисӣ тасаввуф афкори зиёди гностикиро аз худ намуда, ба он тарҳи исломӣ дод. Илова бар ин сӯфиёни асрҳои XI-XII масъалаҳои ғайрияти инсон, идроки илоҳӣ аз роҳи ваҷд ва камолоти ахлоқи шахсиро мавриди мубоҳисаи шадид қарор медоданд, ки дар гноститсизм ҷой доштанд» [209,33].

Дар таълимоти тасаввуф ҳадафи мавҷудияти инсон ба даст овардани Ваҳдати вуҷуд буда, дар ин маънӣ ду ҷанба ҳадафи асосӣ маҳсуб меёбад: нахуст ҳулули одам бо Худо, сипас, идроки назарияи собитшудаи ин ваҳдат. Ба андешаи Ибни Арабӣ «Худо» маънии олами куллро дошта, ҳастӣ он чизе, ки дар назар вуҷуд дорад, ба ғайр аз Худо набуда, мунъакиси ошкорои Ӯст.

Мувофиқи таълимоти тасаввуф авлиё, ки аз «дӯстон» -и Худо мебошанд, аз лутфи Ӯ баҳраманд гардидагонанд ва беҳтарини мардум маҳсуб меёбанд (ҳарчанд зинаи аз онҳо боло ҳам ҳаст): «Худо сари авлиёи худро пок гардонид аз палидиҳои нафс».

Мутаассифона, вақти ба қисмат ҷудо кардани нафс он омилҳое, ки инсонро ба ҳаёти иҷтимоӣ ҷалб месозад ва мақоми антропологии ӯро нодида мегирад, зикр ёфтаанд:

«Анвои палидиҳои нафс:

-бо дунё ором гирифтан;

-ба муҳит шитофтан ва муҳитро хурд доштан;

-аз муҳит то ба андешидан ва ба тоати коҳиле кавн ҷаъб овардан;

-риёи халқ ҷустан;

-аз Худо бок надоштан ва он чи бад ин монад...

Ҳамаи ин хислатҳо заволи имон оварад» [182,10].

Ба сӯи Худо рафтанро аҳли тасаввуф боз дар дигар маънӣ донистаанд, ки (чуноне бо Паёмбари ислом рух дода буд) «ҳар чӣ бинанд бо он ором нагиранд ва ба ғайри Ҳақ бо чизе наороманд». Яъне, дар ҳаёти ҷамъиятӣ зиндагӣ карда, ба ягон кори дунё меҳр набаста, танҳо дар зокир будан ва дар ҳама чиз каромоти Худоро дидан ҳадафи онҳост.

Нахуст наззораи сунъи Ӯ, баъд наззораи роҳи сифати Ӯ, сипас, «**наззораи зот кунанд феъле бубинанд ба ғояти сифоте бубинанд,** ба ниҳоят зоте бубинанд бемисл ва бешубҳа» [182,26].

Файласуфи тоҷик И. Зиёзода моҳияту ҳадафи таълимоти тасаввуфро «аз байн бурдан, маҳв кардан ва ё фанои «худи» -и инсон ва манъи моҳияти «ман» -и одамӣ» медонад ва чунин шарҳ медиҳад: «Он чизе, ки дар назари инсон «ҳастӣ» ё «вуҷуд» менамояд, фиреби назар аст, ки ӯ олами гирду атроф ва «худро» ба сифати «ҳастӣ» ё «вуҷуд» қабул намудааст. Аммо ба андешаи сӯфиён, танҳо Аллоҳ дорои вуҷуди ҳақиқӣ мебошаду халос. Агар инсон ҳастии худро бо ҳастии Ӯ муқоиса намояд,

дарк хоҳад кард, ки «ҳастӣ» –и инсон аз «ҳастӣ» -и Ӯ комилан вобастагӣ дорад, аз ин рӯ, «ҳастӣ» -и воқеии инсон вуҷуд надорад. Инсон танҳо ба туфайли нури ҳастии Ӯ гумон дорад, ки вуҷуд дорад, вале ин нур муваққатӣ буда, боз ба асли хеш бозгашт хоҳад кард» [117,8].

Ба ақидаи Носири Хусрав дар масъалаи инсон, ӯ ҷисми аз хок офарида, ҷон атокардаи Худо нест, балки мафҳуми табиист. Ӯ инсонро офариниши модӣ ва табиӣ мешуморад, вале ҷисми ӯро дараҷаи аввал ва асоси зиндагию моҳияти инсонии он намешуморад, зеро ба андешаи вай нафси ӯ - рӯҳи абадии он, ки аз дунёи улвӣ омадааст, дар ҷои аввал аст, ҷисми ӯ фонист.

Ба андешаи Носири Хусрав **мақоми инсон то ба сатҳи илоҳӣ** мерасад, зеро маъод боз ба сӯи Ӯст. Маъоди рӯҳи инсон ба дунёи қудс бозгашти одӣ нест, вай бояд аз олоишҳои дунёи модӣ пок орӣ бошад, зеро ҳамроҳи ҷисми ҷаҳони модӣ гӯё нопок омадааст.

«Аз гуфтаҳои болоӣ метавон ба хулоса омад, ки – мегӯяд И. Зиёзода, – он чизе, ки дар назари инсон «ҳастӣ» ба назар мерасад, аслан вуҷуд надорад, «нестӣ» (нобудӣ) аст ва дар назари сӯфиён маҳз ҳамин «нестӣ» вуҷуди ҳақиқӣ мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки агар инсон хоҳиш дошта бошад, «вуҷуд» дошта бошад, ӯ бояд онро дар нестии хеш пайдо намояд» [118,263]. Албатта, ин хулосаи на афкори илмӣ, балки ақоиди аҳли тасаввуф аст.

Ҳамин тариқ масъалаи инсон дар фарҳанги фикрии исломӣ ва шарқӣ ҳамеша яке аз муҳимтарин масъалаҳои назариявӣ ва амалии фалсафа ва ирфон ба шумор рафта, ду афкори асримиёнагии тоҷик, дар ин замина, дидгоҳҳои ҷудогона ва ба ҳам монанд пешниҳод шудаанд. Машшоиён ва аҳли тасаввуф ба табиати инсон, мақоми ӯ ва роҳу усули расидан ба камол фарқиятҳои назаррас доштаанд.

Умумияти таълимоти тасаввуф ва машшоия зимни муқоиса ошкор намуд, ки ҳам дар тасаввуф ва ҳам дар машшоия инсон мавҷуди

мутамарказ дар силсилаи вуҷуд ва офариниш шумурда мешавад. Инсон ҳамчун зотест, ки қодир ба дарки ҳақиқат ва расидан ба камолоти маънавист. Дар фалсафаи машшоия инсон дорои «нафси нотиқа» аст, ки аз модда мустақил буда, пас аз марг ба ҳақиқати абадӣ, ба комилшавӣ ва маърифати илоҳӣ мерасад. Дар ирфон, инсон дорои «руҳи илоҳӣ» аст, ки бо нафси моддӣ маҳдуд гардида, тавассути тазкия ва сайру сулук метавонад ба мақоми васл бо Ҳақ расад.

Яке аз аслитарин ихтилофи назарҳо миёни ин ду равия дар мавзуи манбаъ ва шеваи маърифат ҷойгир аст: дар фалсафаи машшоия, ба вижа дар назарияи Ибни Сино, инсони комил касест, ки бо таҳқиқоти ақлонӣ ба иртибот бо «ақли фоъил» ноил мегардад. Баръакс, дар тасаввуф, маърифат асосан бо ишқ, кашф ва илҳоми ботинӣ сурат мегирад. Урафо бар ин ақидаанд, ки ақл маҳдуд аст ва маърифати ҳақиқии Худо танҳо тавассути ишқ ва таҷрибаи ирфонӣ муяссар мегардад.

Машшоия инсонро аз ду ҷиҳат — модда ва шакл таҳлил мекунад. Аз нигоҳи ин мактаб, камолоти инсонӣ тавассути таҳсил, омӯзиш ва таҳқиқоти фалсафӣ ба даст меояд, яъне ҳадафи инсон расидан ба маърифатест, ки нафсро ба дараҷаи иртибот бо ақли фоъил мерасонад.

Дар муқобили он, тасаввуф инсонро рӯҳе медонад, ки дар зиндони ҷисм ва нафс маҳдуд шудааст. Аз ин рӯ, равиши комили инсон на омӯзиши илмӣ, балки тарки нафс, тазкияи ботин, зикри Худо ва сайри ирфонӣ мебошад. Камолоти инсон дар фано шудан дар ирода ва ҳастии Худованд («фано фи-ллоҳ») ифода меёбад. Дар тасаввуф, ҳадафи инсон расидан ба марҳалаи ваҳдати вуҷуд ва «фано фи-ллоҳ» мебошад, ки дар он инсон аз худ мегузарад ва ба маънои том бо Ҳақ воҳид мегардад. Урафо инсонро «оинаи таҷаллиёти илоҳӣ» медонанд.

Ҳамин тавр, ҳарчанд тасаввуф ва машшоия дар масоили умдае чун аҳамияти инсон, имкони расидан ба камол ва шинохти ҳақиқат ба ҳам наздиканд, усули таҳлили онҳо аз ҳам фарқ мекунад.

Ҳамин тавр, масъалаи инсон дар фалсафаи машшоия ва таълимоти тасаввуф мавқеи марказӣ дошта, таҳқиқи масъалаи инсон ошкор намуд, ки машшоия инсонро мавҷуди мукаммали табиат, соҳиби ирода ва иқтидори маърифат медонад ва инсон метавонад ҳақиқатро бо ақл дарк кунад. Дар тасаввуф, инсон на танҳо мавҷуд, балки зоҳиркунандаи Худо дар олам, махзани сифатҳои илоҳӣ ва ниҳояти маърифати ҳастист. Мафҳуми «инсони комил» дар тасаввуф беҳтарин намунаи иттиҳоди вуҷуди инсон ва ҳақиқат аст. Ҳар ду равия ба инсони комил — дарккунандаи ҳастии мутлақ ишора доранд.

Хулоса, муқоисаи таълимоти фалсафаи машшоия ва тасаввуф дар бораи масъалаи инсон нишон медиҳад, ки ҳарчанд нуқтаи ибтидоии баҳс, яъне ҷойгоҳ ва аҳамияти инсон дар ҳастӣ муштарак аст, аммо роҳҳои таҳқиқ, таъриф ва ҳадафҳои ниҳоӣ фарқҳои амиқ доранд.

Дар фалсафаи машшоия, хусусан дар таълимоти Ибни Сино, инсон ҳамчун зоти оқил ва дорои қобилияти шинохти мантиқӣ ва илмӣ тасвир мешавад. Ақл, ҳамчун олитарин нерӯи инсонӣ, воситаи расидан ба ҳақиқат ва камолоти рӯҳӣ маҳсуб меёбад. Инсон тавассути дониш ва худогоҳии фалсафӣ метавонад ба дараҷаи муҷаррадоти ақлӣ расад, ки он мақоми ахири камолоти ҳастии ӯст. Аз ин рӯ, инсони идеалӣ дар назари машшоия, файласуфи комил аст, яъне шахсе, ки ҷаҳон ва нафси худро ба таври ақлонӣ ва мантиқӣ дарк мекунад.

Баръакс, дар тасаввуф, инсон ҳамчун ҷонест дар ҷустуҷӯи маърифат ва *иттиҳод* бо Худо тасвир мешавад. Мақсади асосии инсон фано кардани нафс ва расидан ба марҳилаи инсони комил мебошад, ки дар он сифоти инсонӣ ба сифоти илоҳӣ табдил меёбанд. Шинохти ҳақиқат дар тасаввуф мантиқӣ нест, балки таҷрибавӣ ва ботинӣ аст; он тавассути муҳаббат, ихлос, риёзат ва фано ба даст меояд. Барои сӯфӣ, инсон оинаи зоҳиркунандаи зоти Худо аст ва камолоти ӯ дар «нест шудан» дар ҳузури Ҳақ қарор дорад.

Ҳамин тавр, умумияти ин ду равия дар он аст, ки ҳарду инсонро соҳиби рисолати олии маънавӣ медонанд ва ӯро маркази шинохти ҳастӣ мешуморанд. Аммо тафовут дар раванди расидан ба ин мақом аст: фалсафаи машшоия тавассути ақл ва истидлол, тасаввуф бошад — тавассути дил ва ишқ.

Ин таҳлил ба хулосае мерасонад, ки дарки инсон дар ин ду мактаб на танҳо муносибати онҳоро ба ҳастӣ ва Худо муайян мекунад, балки ҷаҳонбинии умумии ҳар кадомро инъикос менамояд. Машшоия намояндаи ақлгароии илмӣ-фалсафӣ ва тасаввуф ифодаи ирфони ботинии маънавӣ аст. Аммо ҳар ду бо як ормони муштарак — расидан ба ҳақиқат ва камолоти инсонӣ ба сӯи як нуқтаи воҳид ҳаракат мекунанд.

Таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки масъалаҳои ҳастишиносӣ, ки яке аз муҳимтарин бахшҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик мебошанд, дар ду равияи асосии тафаккур — машшоия ва тасаввуф бо услуб ва равиши ҷудогона, вале ба таври мутакаммил баён шудаанд.

Фалсафаи машшоия, ки бо намояндагии Ибни Сино ҳамчун намунаи олии тафаккури мантиқӣ ва системавӣ баромад мекунад, барои фаҳми ҳастӣ тавассути қонуниятҳои ақлонӣ, тафсири мантиқӣ ва табақабандии вуҷуди инсон, модда, вақт ва ҳаракат кӯшиш менамояд. Дар ин равиш, ҳастӣ ва моҳият, фазо ва вақт, ҳаракат ва инсон ҳамчун мафҳумҳои илман таҳлилшаванда ва бо мантиқ фаҳмшаванда арзёбӣ мегарданд.

Дар муқоиса, ирфони тасаввуфӣ, ки ба омӯхтани паҳлуҳои ботинӣ ва шинохти ғайриратсионалии ҳастӣ нигаронида шудааст, аз тариқи таҷрибаи рӯҳӣ, ишқ, фано ва васл бо Ҳақ масъалаи ҳастиро равшан месозад. Дар ирфон, инсон на танҳо шиносандаи ҳастӣ, балки таҷаллии он мебошад. Мафҳумҳои калидӣ чун «инсони комил», «ваҳдати вуҷуд»

ва «таҷаллии зоти илоҳӣ» фаҳми нав ва амиқи онтологиро пешкаш мекунанд.

Муҳимтарин натиҷаи таҳқиқ дар он аст, ки ҳарчанд машшоия ва тасаввуф дар раванди шинохт, истилоҳот ва методологияи таҳлилӣ бо ҳам фарқ доранд, мақсад ва ҳадафи аслӣ дар ҳарду — расидан ба ҳақиқат ва камолоти маънавии инсон аст. Машшоия бо такя бар мантиқ ва далел, тасаввуф бо муҳаббат ва ҳол, ду роҳи таълим ва таҷрибаи маърифатро ифода мекунанд, ки дар фарҳанги тоҷикон ва тамаддуни исломии асримиёна ҳамзистӣ ва ҳамдигартакмилӣ доштанд.

Ин таҳқиқ ҳамзамон ба он натиҷа мерасад, ки баррасии муфассали масъалаҳои ҳастӣ, ҳаракат, вақт, фазо, Худо ва инсон дар ду равияи мазкур, на танҳо дар фаҳмиши таълимоти фалсафии Ибни Сино ва орифони тоҷик, балки дар таҳкими худшиносии миллӣ, шинохти решаҳои фикрӣ ва эҳёи анъанаҳои фалсафӣ ва ирфонии тоҷик нақши муассир дорад.

Хулоса, пажуҳиш нишон медиҳад, ки масъалаҳои ҳастишиносӣ дар тамаддуни тоҷику форс на танҳо ба таври фалсафӣ баррасӣ шудаанд, балки дар пайванд бо арзишҳои динӣ, ахлоқӣ ва ирфонӣ ҷойгоҳи муҳими фарҳангӣ ва таърихӣ доштаанд. Фаҳми ин ду равия имкон медиҳад, ки мо ҷаҳонбинии мутавозин ва мукаммалро дар асоси анъанаҳои фикрии аҷдоди худ эҳё ва рушд бахшем.

ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Масъалаҳои асосии онтология, ҳамчун зербинои ҳар гуна низоми фалсафии классикӣ, дар таҳқиқоти файласуфони асримиёнагии тоҷик ва махсусан дар андешаи фалсафии тоҷикон, мақоми меҳварӣ доранд. Дар фаҳмиши файласуфоне чун Абӯалӣ ибни Сино, ҳастӣ чун категорияи куллии воқеият, асоси ҳама гуна зоҳиру ботин, моддаю маънӣ ва замину замонро фаро мегирад. Онтология на танҳо илми мавҷудият, балки ҷустуҷӯи маънии ҳастӣ дар партави ақл ва таҷрибаи ботинист.

Дар мактаби фалсафии машшоия, ки таҳти таъсири Арасту ташаккул ёфтааст, масъалаи ҳастӣ бо усули ақлгароёна ва дар асоси категорияҳои мантиқӣ таҳлил мешавад. Аммо дар тасаввуф, ки бо ирфон ва таҷрибаи ботинӣ пайваст аст, ҳастӣ чун зуҳури Худовандӣ ва падидаи танзили маънавӣ фаҳмида мешавад. Маҳз дар ин ҷо ихтилофи усулӣ ва таҳлилии фалсафа ва тасаввуф ошкор мегардад [9-М],[10-М],[14-М],[16-М].

2. Мафҳуми «нестӣ» (адам) дар таърихи фалсафа яке аз муҳимтарин ва печидатарин категорияҳои онтологӣ ба ҳисоб меравад, ки дар равияҳои гуногуни фалсафӣ — аз антиқа то муосир бо шакл ва мазмунҳои мухталиф мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масъалаи ҳастӣ ва нестӣ аввалин бор аз нуқтаи назари онтологӣ файласуфони классикӣ (Парменид, Афлотун, Арасту) онро ҳамчун масъалаи фалсафӣ матраҳ карданд ва дар фалсафаи дини насронӣ ва исломӣ моҳияти ягона ба худ гирифт, илоҳиётшиносон (насронӣ ва исломӣ), файласуфони муосири Ғарб (М. Хайдеггер, Ж. Сартр, Г. Гегел) зиддият ва ягонагии моҳияти ҳастӣ ва нестиро таъбир карданд, ки то ба ҳол идома дорад. Яъне, фалсафаи антиқа нестиро ҳамчун категорияи инкорӣ (радкунандаи

ҳастӣ) мебинанд. Парменид онро ғайривуҷуд ва берун аз доираи андеша мешуморад. Арасту нестиро ҳамчун маҳрумият (privatio) ва як шакли эҳтимолӣ дар мавҷудот шинохтааст;

- фалсафаи динӣ, хусусан дар теологияи насронӣ ва исломӣ, мафҳуми нестиро ба тасаввури офариниши илоҳӣ аз «ҳеҷ» (ex nihilo) марбут мекунад. Ин равиш аз дидгоҳи калом, теологияи исломӣ ва таълимоти машшоиён, ба вижа Ибни Сино, мухолиф аст, ки онҳо пайдоиши ҳастиро ҳамчун таҷаллӣ ва фаязони зарурии Худо мешиносанд, на офариниш аз нестӣ;

- ирфон ва тасаввуф, бар хилофи фалсафаи мантиқӣ, нестиро ҳамчун шарти зарурии таҷаллӣ, худошиносӣ ва худшиносӣ мебинанд. Фано ё адам дар ирфон зинаи амиқи маънавӣ аст, ки дар он шахсият тавассути нобудии нафс ба ҳақиқат мепайвандад. Ин равиш ба назарияи экзистенсиалистии Ж. Сартр ва М. Хайдеггер наздик мешавад, ки нестиро заминаи маърифат ва озодӣ медонанд;

- фалсафаи муосир, ба вижа дар осори М. Хайдеггер ва Ж. Сартр, нестиро ҳамчун шарти худшиносии инсонӣ ва манбаи озодӣ шинохтааст. М. Хайдеггер нестиро ҳамчун ҳолати аслии шуур ва таҷрибаи вуҷудӣ мешиносад, дар ҳоле ки Ж. Сартр онро ҳамчун амали радкунандаи шуур ва имкони интихоби озодонаи инсон маънидод мекунад;

- мафҳуми метафизикии А. Чанишев, ки нестиро ибтидоӣ ва мутлақ мешуморад, онро асоси ташаккул, тағйир ва муваққатии ҳастӣ мешиносад. Ба ақидаи ӯ, нестӣ на танҳо мухолифи ҳастӣ, балки сабаби он низ ҳаст. Фалсафаи ӯ таъсири амиқи фалсафаи Ибни Синоро нишон медиҳад, ки адамро ҳамчун имкони камол ва тағйир мебинад.

Дар ниҳоят, фалсафаи муосир, ба хусус постмодерн, ба нестӣ на ҳамчун набудани мавҷудот, балки ҳамчун мафҳуми методологӣ ва воситаи фаҳмиши ҳастӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Падид омадани консепсияҳое чун *меонизм* ва *нигитология* ин равандро тақвият

мебахшанд. Категорияи «нестӣ» на танҳо ҳамчун инкори ҳастӣ, балки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи он, ҳамчун заминаи зуҳури маърифат ва худошиносӣ дар фарҳанги фалсафии инсоният баррасӣ мешавад. Шаклгирии фаҳмиши муосири нестӣ, ба вижа дар заминаи ирфони исломӣ ва экзистенсиализм, нишон медиҳад, ки нестӣ танҳо набудани чизе нест, балки шарти мавҷудияти комил ва худопайвандист [7-М].

3. Файласуфони машшоия ба хулосае меоянд, ки дар сатҳи амиқи тафаккур, моҳият болотар аз «ҳастӣ» ва «нестӣ» қарор дорад. Яъне, берун аз моҳият чизе вуҷуд надорад ва ҳама гуна маърифат ва таҷриба дар доираи он ба таври зоҳирӣ ё ботинӣ шакл мегирад. Ин андешаи фалсафӣ дар таҳқиқи масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи машшоия ва тасаввуфии тоҷик мавқеи муҳим дорад. Ибни Сино дар идомаи шарҳи таълимоти Арасту, моҳиятро ҳамчун заминаи ақлонӣ ва мантиқии маърифат муайян мекунад. Дар тасаввуф, махсусан дар таълимоти Мустамлии Бухорӣ, фаҳмиши моҳият на танҳо ақлонӣ, балки таҷрибавию ирфонӣ аст, ки дар он, таҷаллии ҳастӣ (вуҷуд) ҳамчун нур ва зоҳиршавии ҳақиқат маънидод мешавад.

Ҳамин гуна муқоиса ба таҳлили ду тарзи шинохти ҳастӣ яке ратсионалӣ ва дигаре ирфонӣ имкон медиҳад, ки мазмуни воқеии моҳият ва ҳастӣ дар фарҳанги фалсафии тоҷику форс барҷаста ва амиқ таҳлил гардад [16-М].

4. Муносибати ҳастӣ ва тафаккур яке аз мавзуъҳои марказии фалсафаи ҳастишиносӣ мебошад, ки дар таълимоти файласуфони машшоия ва мутафаккирони ирфонӣ равишҳои мухталиф пайдо карда, масъалаи зеҳн ва воқеият, робитаи субъективӣ ва объективӣ ва имконияти шинохти ҳастӣ аз тариқи тафаккур мавриди таҳлили амиқ қарор гирифт.

Дар фалсафаи машшоъ, тафаккур ҳамчун василаи асосии дарки ҳастӣ ва шинохти воқеият дониста мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд,

ки файласуфон, ба мисли Ибни Сино, дар роҳи шинохти ҳастӣ бештар аз мантиқи ақлӣ ва усулҳои ратсионалӣ истифода мебурданд. Аз ин нигоҳ, ҳастӣ он вақте маъно пайдо мекунад, ки дар доираи мантиқ ва андеша тавсиф ёбад.

Аммо дар тасаввуф ва ирфон, муносибати дигареро мебинем: тафаккур маҳдуд дониста шуда, воситаи воқеии шинохт – дил, шуҳуд ва таҷрибаи ботинӣ шумурда мешавад. Суфиён бар инанд, ки ҳастии ҳақиқӣ танҳо дар ҳолати «фано» (нобудии нафс) ва «бақо» (ҳузури рӯҳонӣ бо ҳақиқат) маълум мегардад. Тафаккур дар ин росто на василаи аслӣ, балки пардаи байни инсон ва ҳақиқат шумурда мешавад.

Яъне, тафовут дар муносибат ба тафаккур ба ду модели маърифат оварда мерасонад: яке, мантиқӣ ва ақлгаро, дигаре, ирфонӣ ва эҳсосгаро. Ба ин васила, муайян мешавад, ки фаҳмиши ҳастӣ аз нуқтаи назари файласуф ва ориф на танҳо шакли гуногуни методологӣ, балки мазмуни гуногуни маънавӣ дорад [14-М].

5. Асрҳои X–XII дар таърихи халқи тоҷик ва умуман ҷаҳони ислом ҳамчун давраи эҳёи илму фарҳанг ва таҳаввулоти амиқи сиёсӣ-иҷтимоӣ шинохта мешаванд. Дар ин давра, бо вуҷуди ноустувории сиёсӣ ва муборизаҳои дохилии қавмӣ ва сулолавӣ, шароити нисбатан мусоиди иҷтимоӣ ва ғамхории ҳокимон нисбат ба илму маориф, заминаи ташаккул ва рушди мактабҳои фалсафӣ ва динии тоҷикро фароҳам овард.

Бартарии сулолаи Сомониён дар асри X боиси густариши забони тоҷикӣ, эҳёи мероси илмии гузаштагон ва рушди донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва дигар нуқоти Мовароуннаҳр гардид. Дар натиҷа, муҳити илмӣ барои зуҳури андешамандоне чун Абӯалӣ ибни Сино, Абӯнасри Форобӣ, Берунӣ ва дигарон муҳайё шуд, ки онҳо дар ташаккули мактабҳои фалсафии тоҷик ва исломӣ саҳми муассир гузоштанд.

Аз ҷониби дигар, ин давра шоҳиди шаклгирии равияҳои гуногуни мазҳабӣ, аз қабили исмоилия, мӯътазилия, ҳанафия ва ашъария мебошад, ки ҳар кадом бо таъсири муҳит ва шароити сиёсӣ-иҷтимоии замон дар муҳити фикрии мардуми тоҷик ҷойгоҳи худро пайдо карданд. Раванди мазкур боиси мураккабшавии муборизаҳои ақидатӣ гардид ва дар айни замон, ба таҳкими тафаккури мантиқӣ ва густариши таҳқиқоти илмии динӣ замина гузошт.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлили вазъи сиёсию иҷтимоии асрҳои X–XII метавон ба хулоса омад, ки ин давра на танҳо замони рушди низоми идорӣ ва мураттаби иҷтимоӣ, балки давраи тиллоии афкори фалсафӣ ва динии мардуми тоҷик низ мебошад. Мактабҳои фалсафию диние, ки дар ин муҳит шакл гирифтанд, на танҳо ба илми исломӣ, балки ба тамаддуни ҷаҳонӣ таъсири амиқ гузоштанд ва то имрӯз аҳамияти илмии худро нигоҳ доштаанд [24-М].

6.Дар асрҳои X-XII, дар байни мактабҳои фикрӣ ва динӣ, дар доираи масъалаҳои метафизикӣ ихтилофи назар мушоҳида гардида, баъзан мубоҳисаҳо ба муноқишаҳо табдил меёфт. Бо вуҷуди ин, байни таълимоти мӯътазилия, исмоилия ва тасаввуф, бахусус дар масъалаи теология монандӣ дида мешавад, зеро ҳамон як сарчашма, вазъияти якхелаи иҷтимоию сиёсӣ дар афкори ҷамъиятии мусулмонони Шарқ ҳукмрон буд. Аммо фарқи воқеии байни ҷараёнҳо дар таълимоти теософӣ вуҷуд дошт, ки дар ин масъала мақоми марказиро тасаввуф, бо усули ирфонии худошиносӣ ишғол мекард. Ҳарчанд равияҳои калом, исмоилия ва ишроқ дорои методҳои гуногуни маърифатӣ ва фалсафӣ мебошанд, онҳо дар талоши як ҳадафанд – шинохти ҳастӣ ва зоти Худо. Ин равишҳо, бо вуҷуди ихтилофоти зоҳирӣ, ҳар кадом дар муҳити тамаддуни исломии тоҷикон заминаи рушд ва такомули ҷаҳонбинии фалсафии миллӣ гардиданд.

Муҳокимаи муқоисавии равияҳо нишон медиҳад, ки калом бо ақлгароӣ, исмоилия бо ирфон ва рамзгароӣ ва ишроқ бо рӯшанбинии ботин ва маротиби нур, ҳар яке аз як ҷанба ҳастиро маънидод намудаанд. Ҳамин гуногунандешӣ, вале ҳамзамонӣ, барои ташаккули фалсафаи тоҷик заминаи нодир фароҳам овард, ки дар он фалсафа, дин ва ирфон на муқобил, балки такмилдиҳандаи ҳамдигар гардиданд.

Бо назардошти таҳаввулоти зеҳнӣ ва методологии ин мактабҳо метавон ба чунин хулоса расид, ки маърифати ҳастӣ дар асрҳои X-XII дорои як ҷаҳони фалсафии мураккаб, бисёрқабата ва ҳамзамон таҷрибавӣ ва мантиқӣ буд, ки имрӯз низ барои фалсафаи муосир ва маърифати фарҳангӣ дар фазои тоҷикон арзиши бузург дорад.

Таҳқиқот ошкор намуд, ки ҳамаи ин равияҳо дар фарҳанги миллии мо, дар бархурд ва гуфтугӯи байни тамаддунҳо, бо истифода аз истилоҳоти динӣ, вале бо равишҳои гуногуни маърифатӣ, ба таҳлили масъалаи ҳастӣ равона шудаанд. Онҳо бо вуҷуди фарқ дар услуб, ба як ҳадаф — маърифат ва дарки зоти воҷиб ё ҳастӣ талош мебаранд.

Ин ҳолат нишон медиҳад, ки дар андешаи фалсафии асримиёнагии тоҷик, масъалаи ҳастишиносӣ як майдони муколамаи пайвастаи калом ва фалсафа, ирфон ва мантиқ, рамз ва бурҳон будааст, ки барои рушди фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом ва махсусан, фарҳанги тоҷикӣ заминаи муҳим гузоштааст **[4-М], [9-М].**

7. Ҷойи тазаккур аст, ки таълимоти перипатетизми арастуӣ дар тафаккури файласуфони тоҷики асрҳои X-XII-и Мовароуннаҳру Хуросон табаддулоти фикрӣ ба вуҷуд оварда, хизматҳои мутафаккирони тоҷик дар инкишофи он таълимот аз инҳо иборатанд:

- файласуфони равияи машшоияи тоҷик дар мубоҳисоти фалсафии худ таълимоти исломро низ пеши назар дошта, як навъ синтез ворид кардаанд;

- дар таълифоти файласуфон ва муаррихони фалсафаи ҳамон давр метафизика ҳамчун илм дар бораи ҳастӣ ироа гардида, файласуфони машшоияро чун файласуфони метафизик қабул карданд;

-ҳастӣ (вуҷудшиносӣ) чун оғози ҳама чиз, мафҳуми дарки он берун аз вуҷуд дониста шуд;

-Ибни Сино Худоро эътироф карда, вуҷуди ҳастиро аз ду ҷавҳари мухталиф – модӣ ва маънавӣ мегӯяд.

- ба ақидаи Ибни Сино олам мутлақ набуда, зарур аст ва мансуб ба имконият аст. Монанди он ки вақт оғозу анҷом надорад, олам ҳам мансуби худоест, ки хориҷ аз фазову вақт мавҷудият дорад;

- Ибни Сино ғайримодӣ будани рӯҳи инсонро исботи ғайримоддии ақл ва идроки ӯ медонист;

-Ибни Сино нафси нотиқаро «пурракунандаи ҳамаи вуҷуд ва оғозкунандаи онҳо пиндоштааст;

Ибни Сино на танҳо эмпиризми зоҳирӣ, балки эмпиризми ботиниро тавзеҳ додааст;

- Шайхурраис сабаби рушд ва инкишоф ақли инсонро аз Ақли фаъол дониста, ба андешаи ӯ, Ақли фаъол пас аз омодагии ақли инсонӣ ба маърифат баҳра медиҳад. Вай ақли инсонро низ асли ғайримодӣ (ҷавҳари муҷаррад) ва мустақил медонад, ки ҳамвора боқӣ хоҳад монд **[10-М].**

8. Тасаввуф дар фарҳанги асримиёнагии тоҷик ҷойгоҳи муҳим дошта, дар зери таъсири як қатор таълимоти онтологӣ ва гносеологие, ки азтаълимоти исломӣ, ҳиндӣ, эронӣ, навафлотунӣ ва дигар таълимоти асримиёнагӣ сарчашма гирифтаанд ва дар ҷараёни инъикос намудани мафҳумҳои бунёдии догмаи исломӣ (ваҳдат ва ягонагии Худо [тавҳид], муносибати Худо бо олами кулл ва ғайра) ташаккул ва рушд ёфтааст. Ҳамин тавр, омили ҳаракатдиҳандаи рушди тасаввуф кӯшиши ҳалли масъалаи асосии фалсафӣ – муносибати нахустмабдаъ (Худо) бо олам ва

шинохти Ӯ мебошад. Ба маънои дигар, фалсафаи тасаввуфро метавон фалсафаи ахлоқӣ номид, зеро тамоми масоили онтологӣ, гносеологӣ ва иҷтимоӣ ба идеали иҷтимоӣ, ба камолоти шахс вобаста карда шудаанд. Дар фалсафа ва умуман, дар тасаввуфи асримиёнагӣ, аз ҷумла дар мактаби хуросонӣ, масъалаи таносуби Худо, олам ва инсон мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамуд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқотҳои ба ин самти фалсафа бахшидашуда, бахусус дар солҳои охир, таваҷҷуҳ бештар шудааст.

Ирфони исломӣ дар асрҳои X-XII бо истифода аз мафҳумҳои рамзӣ ва таҷрибавӣ тавонистааст, ки ҳастишиносиро ба як мактаби маънавии зинда ва мукаммал табдил диҳад. Дар тасаввуф, ҳастӣ на танҳо як категорияи фалсафӣ, балки падидаи зиндаи маънавӣ ва ахлоқист, ки бо ҳаёти ботинии инсон ва тарзи расидан ба ҳақиқат робитаи ногусастанӣ дорад **[3-М].**

9. Маърифати ирфонӣ ҳамчун роҳи аслии шинохти ҳақиқат дар тасаввуф таҳлил мешавад. Таълимот дар бораи «ҳақиқат», «фано», «бақо» ва «инсони комил» нишон медиҳанд, ки суфиён барои шинохти ҳастии мутлақ роҳи таҷрибавию эмотсионалӣ ихтиёр кардаанд. Маърифат аз роҳи муошират бо маъшуқи илоҳӣ, шикастани нафс ва ҷустуҷӯи ваҳдати ҳастӣ ба даст меояд. Падидаҳое чун «ҳол», «мақом», «шайх» ва «мурид», на танҳо таҳаввули шахсият, балки фаҳмиши ҷадиди ҳастиро бо рамзу ишораҳо баён менамоянд. Ҳастӣ дар ин низом, таҷаллии муҳаббат ва нур дониста мешавад, ки барои инсон танҳо тавассути «фано» ва «бақо» дарк мешавад. Яъне, тасаввуф инсонро аз зинаи маънавии одӣ, то дараҷаи инсон-ҳаким мебарад, ки худ офарида ва мақсуди олам аст **[11-М].**

10. Ирфон ҳамчун низоми маърифатӣ, шеваи махсуси дарки ҳастиро ба миён мегузорад ва он бар хилофи усулҳои мантиқӣ ва ақлгароёнаи фалсафа, ба таҷрибаҳои ботинӣ, эҳсоси рӯҳӣ, илҳом ва

шуҳуди қалбӣ такя мекунад. Ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон дар он зоҳир мешаванд, ки маърифат дар ин равиш на бо роҳи истидлол, балки тавассути таҷрибаи мустақими иртибот бо ҳақиқат сурат мегирад. Дар ирфон, шинохти ҳақиқат «тазкияи нафс» ва «фано» -ро талаб мекунад, яъне раванде, ки дар он шахс аз манфиатҳои шахсӣ ва худбинии зеҳнӣ мегузарад ва ба ваҳдати вуҷуди мутлақ мерасад. Таҷрибаи ирфонӣ бештар ба маърифати ҳадсӣ такя мекунад, на ба тасдиқи мантиқӣ. Аз ҳамин ҷиҳат, ирфон дар баробари равишҳои ратсионалӣ, як низоми алтернативии маърифатро ташкил медиҳад. Муқоисаи ин равия бо фалсафаи машшоия нишон медиҳад, ки ҳарчанд равишҳо мухталифанд — яке бар ақл ва дигаре бар илҳому шуҳуд асос ёфтааст, ҳарду ба шинохти ҳақиқат ва ҳастии мутлақ равона шудаанд. Таҳлилу баррасиҳо нишон медиҳад, ки ирфон бо ҷанбаҳои ирратсионалии худ маҳдудиятҳои мантиқиро паси сар карда, ба сатҳҳои амиқтар ва шахсии маърифат ворид мегардад. Ҷанбаҳои ирратсионалии ирфон, гарчанде аз назари фалсафаи ақлгаро берун менамоянд, як навъи маърифати комилан қобили таҳлил ва арзишмандро ташаккул медиҳанд, ки ба таври мустақим ба ҳастии ботинӣ ва рӯҳонии инсон иртибот дорад **[11-М], [12-М].**

11. Дар асрҳои X-XII, баъзе мутафаккирони калом, махсусан дар муҳити равшанфикрони Хуросону Мовароуннаҳр, бо иртиботи васеи фарҳанги ирфонӣ рӯ ба рӯ буданд. Ҳарчанд калом ҳамчун илм бар мантиқ ва бурҳон такя мекунад, таъсири мафҳумҳои тасаввуфӣ, ба монанди тавҳиди зотӣ, маърифати ҳақиқӣ, фано ва муҳаббати илоҳӣ ба ҷаҳонбинии онҳо ворид шудааст. Аз ин рӯ, тадриҷан дар фазои калом на танҳо баҳси ақлӣ, балки раванди дарк ва маърифати ботинӣ низ шакл гирифт.

Таҳқиқ шуд, ки дар таҳаввулоти баъдии калом, хусусан дар мактаби ашъария ва баъзе андешаҳои каломии Муҳаммад Ғазолӣ равандҳои

ирфонӣ барои тавсифи таҷаллии илоҳӣ ва фаҳми наздиктари сифоти Худо мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ғазолӣ бо муттаҳид сохтани далел ва ҳол дар масири маърифат, таъсири равшан аз тасаввуфро ба калом нишон медиҳад.

Муайян гадид, ки дар фазои фикрии асримиёнагии тоҷик ҷудоии комил байни равияҳои фикрӣ вуҷуд надоштааст, балки ҳамгироии тадриҷӣ ва мубоҳисаи доимӣ, хосса миёни калом ва тасаввуф вуҷуд доштааст. Дар шароити фикрии Хуросон ва сарзаминҳои тоҷикнишин, ки фазои маънавӣ ва ирфонӣ васеъ буд, ин ҳамзистӣ ва ҳамтаъсирии ду равиш амиқтар сурат гирифтааст.

Хулоса, таҳқиқи масъалаи ҳастишиносӣ дар тасаввуф, маърифат ва ҷаҳонбинии ирфонии орифони тоҷик ва форс дар асрҳои X-XII муайян намуд, ки ирфон, бар хилофи фалсафаи мантиқии машшоия, шинохти ҳақиқат ва ҳастиро ба воситаи таҷрибаи ботинӣ, ҷонсӯзӣ, фано ва ишқи илоҳӣ ба роҳ мемонад. Таҳқиқ гардид, ки маърифати ирфонӣ бар мафҳумҳои калидие чун фанои нафс, ваҳдати вуҷуд, тавҳиди ботин ва таҳаввулоти рӯҳонӣ асос ёфта, дарку дарёфти ҳастӣ дар ин равия ба як раванд ва саёҳати ботинӣ табдил меёбад. Ин раванд, дар ниҳояти амр, инсонро ба шинохти худ ҳамчун таҷаллии ҳастии мутлақ мерасонад **[9-М], [15-М].**

12. Муқоисаи таълимоти аҳли машшоъ ва тасаввуф дар масъалаи Худо ва олам нишон медиҳад, ки ҳарчанд ин ду равияи фикрӣ ба усул ва методҳои гуногун такя мекунанд, дар асл ҳарду кӯшиш доранд, ки иртиботи махлуқ бо Холиқро фаҳм ва тавсиф намоянд.

Фалсафаи машшоия, бо такя ба мантиқ ва истидлол, муносибати Худо ва ҷаҳонро дар доираи низоми сабабият ва зинавори вуҷуд (маротиби вуҷуд) шарҳ медиҳад. Ба андешаи файласуфоне чун Абӯнасри Форобӣ Ибни Сино, Худо, ҳамчун иллати аввал, сабаби вуҷуд аст ва олам маҳсули зарурии иродаи ӯст. Ин равиш таносубро бо эҳтироми

фарқи онтологӣ байни Худо ва махлуқ шарҳ медиҳад, вале иртиботро бар асоси зарурат ва тартиби ақлонӣ асоснок мекунад.

Бар хилофи ин, дар тасаввуф таносуби Худо ва олам ба таври таҷрибавӣ ва ирфонӣ дарк мешавад. Орифон бар онанд, ки Худо на танҳо сабаб, балки ҳузури доимӣ ва ботинии ҳастӣ аст. Аз ин рӯ, олам на берун аз Худо, балки зоҳир ва таҷаллии ӯст. Дар ин фаҳмиш, ҷудоӣ байни Худо ва мавҷудот бартараф мешавад ва ба ҷои он ваҳдати вуҷуд қарор мегирад. Таносуби Худо ва олам дар ирфон на ҷисмонӣ, балки маънавӣ ва ҳолатест, ки танҳо бо шуҳуд ва фано дарк мешавад.

Ҳар ду равия бо вуҷуди мухталиф будани забон ва раванд ҷаҳд кардаанд, то ҳақиқати ягонаеро фаҳманд: робитаи инсон ва ҷаҳон бо маншаи мутлақ. Фалсафа инро тавассути таҳлил ва истидлол ва тасаввуф тавассути таҷриба ва ишқ дарк мекунад. Дар муҳити фарҳангии тоҷикон, ин ду равия на танҳо дар як фазо ҳамзистӣ кардаанд, балки якдигарро мукаммал намудаанд **[8-М].**

13. Дар ҳоле ки фалсафаи машшоия бар асоси ақл, истидлол ва мантиқ, ҳаракат, вақт ва фазоро ба таври илмӣ ва воқеӣ мефаҳмад, тасаввуф бо истифода аз таҷрибаи ботинӣ ва ҳолати рӯҳонӣ, онҳоро ба унсурҳои шинохти Худо ва расидан ба маърифат табдил медиҳад. Ҳамин гуна, ҳаракат дар фалсафа ҳаракати ҷисмонӣ ва табиӣ, аммо дар ирфон ҳаракати рӯҳ ва комёбии маънавӣ мебошад. Замон дар фалсафа як воҳиди ченкунанда аст, дар ҳоле ки дар ирфон ҳолати иртиботи рӯҳӣ бо лаҳзаи ҳозира ва Худо аст.

Ин таҳлил ба хулосае мерасонад, ки ҳарчанд ҷанбаҳои шинохт ва истилоҳот фарқ доранд, аммо ҳарду равия — фалсафа ва тасаввуф дар пайи дарки ҳақиқати воҳид — маншаи ҳастӣ ва иртиботи инсон бо он мебошанд. Фалсафа ин равандро тавассути низоми мантиқӣ ва далеловарӣ тай мекунад, дар ҳоле ки тасаввуф тавассути таҷрибаи маънавӣ ва фано **[6-М].**

14. Дар фалсафаи машшоия, хусусан дар таълимоти Ибни Сино, инсон ҳамчун зоти оқил ва дорои қобилияти шинохти мантиқӣ ва илмӣ тасвир мешавад. Ақл, ҳамчун олитарин нерӯи инсонӣ, воситаи расидан ба ҳақиқат ва камолоти рӯҳӣ маҳсуб меёбад. Инсон тавассути дониш ва худогоҳии фалсафӣ метавонад ба дараҷаи муҷаррадоти ақлӣ расад, ки он мақоми ахири камолоти ҳастии ӯст. Аз ин рӯ, инсони идеалӣ дар назари машшоия, файласуфи комил аст, яъне шахсе, ки ҷаҳон ва нафси худро ба таври ақлонӣ ва мантиқӣ дарк мекунад.

Баръакс, дар тасаввуф, инсон ҳамчун рӯҳ дар ҷустуҷӯи маърифат ва *иттиҳод* бо Худо тасвир мешавад. Мақсади асосии инсон фано кардани нафс ва расидан ба марҳилаи инсони комил мебошад, ки дар он сифоти инсонӣ ба сифоти илоҳӣ табдил меёбанд. Шинохти ҳақиқат дар тасаввуф мантиқӣ нест, балки таҷрибавӣ ва ботинӣ аст; он тавассути муҳаббат, ихлос, риёзат ва фано ба даст меояд. Барои сӯфӣ, инсон оинаи зоҳиркунандаи зоти Худо аст ва камолоти ӯ дар «нест шудан» дар ҳузури Ҳақ қарор дорад.

Ҳамин тавр, умумияти ин ду равия дар он аст, ки ҳарду инсонро соҳиби рисолати олии маънавӣ медонанд ва ӯро маркази шинохти ҳастӣ мешуморанд. Аммо тафовут дар раванди расидан ба ин мақом аст: фалсафаи машшоия тавассути ақл ва истидлол, тасаввуф бошад — тавассути дил ва ишқ.

Ҳарчанд машшоия ва тасаввуф дар раванди шинохт, истилоҳот ва методологияи таҳлилӣ бо ҳам фарқ доранд, мақсад ва ҳадафи аслӣ дар ҳарду — шинохти ҳастӣ ва расидан ба ҳақиқат ва камолоти маънавии инсон аст. Машшоия бо такя бар мантиқ ва далел, тасаввуф бо муҳаббат ва ҳол, ду роҳи таълим ва таҷрибаи маърифатро ифода мекунанд, ки дар фарҳанги тоҷикон ва тамаддуни асримиёнагии тоҷик ҳамзистӣ ва такомулбахшии ҳамдигар буданд **[8-М], [18-М].**

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Маводи ин диссертатсия соҳаҳои гуногуни маънавиёти таърихи асримиёнагии халқи тоҷикро дарбар мегирад. [4-М]

2. Таҳлили муқоисавии масоили ҳастишиносӣ, ҳамчун методологияи илмӣ, дар навиштани мақолаҳову таҳқиқот ва рисолаҳои номзадию докторӣ, ҳамчун дастури роҳнамо барои шинохти дурусти мавзуъҳои илмӣ истифода мешавад. [5-М]

3. Таҳқиқи осори мутафаккирони асримиёнагии тоҷик, яке аз мавзуъҳои печида ва норушани таърихи илми тоҷик мебошад. Барои дарки ин печидагиву мубҳамот коркарди сохтории низоми фалсафа ва равияҳои асримиёнагӣ ба ҳар хонанда имкон медиҳад, то барои дарёфти ҳамаҷонибаи дастовардҳои илмии асримиёнагии тоҷик ба осонӣ роҳ ёбад ва ҳудуди мубоҳисаҳои ратсионалӣ ва ирратсионалиро шиносад. [9-М]

4. Омӯзишу таҳқиқи осори асримиёнагии тоҷик сатҳи баланди таҷриди афкори фалсафии мо мебошад, ки барои рушди тафаккури тамоми башарият мусоидат мекунад. Махсусан, огоҳӣ аз равиши таҳқиқии машшоиёни шарқӣ ва равияи тасаввуф ба ҳар пажуҳишгар имкон медиҳад, то тафаккури таҷридии худро тақвият бахшад. Тафаккури таҷридӣ, яке аз марҳилаҳои муҳимми таърихи ақлии башарият мебошад, ки сатҳи баланди маърифати пешрафтаи ҳар миллатро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд. [10-М], [11-М], [12-М]

5. Дастовардҳои мутафаккирони асримиёнагӣ, махсусан кашфиётҳои мактаби фалсафии машшоиёни шарқӣ, дар симои Ибни Сино, заминаи Эҳёи Аврупоро ба вуҷуд оварда, то ба ҳол арзиши худро аз даст надодаанд. [2-М], [6-М], [18-М]

6. Омӯзиши осори ин мутафаккирон метавонад андешаҳои ифротӣ ва ҷазмиро, ки имрӯз мушкилоти аср гаштаанд, ба тафаккури созанда бозгардонад ва дар тавсеаи тафаккури муҳаққиқон мусоидат кунад.

7. Мактаби машшоияи шарқӣ дар асрҳои миёна яке аз мутародифоти мактаби фиқҳию каломӣ ба ҳисоб мерафт, ки озодандешӣ ва биниши ҳастишиносиву маърифатшиносиро дар фалсафаи тоҷик асос гузошт ва ба муқобили ақидаҳои ифротии замони хеш мубориза бурдааст, ки аз тарафи Муҳаммад Ғаззолӣ баъдан ин биниши озодманиш саркуб гардид. Омӯзиши осори ин мутафаккирон кумак мекунад, то мо аз таълимоти воқеии равияҳои динию фалсафӣ ва ҷаҳонбинии онҳо истифода намуда, дар баробари ақидаҳои ҷазмию ифротӣ мубориза барем. [10-М]

8. Ҷаҳонбинии мутафаккирони машшоияи шарқӣ дар ҳар муҳаққиқ имкониятҳои зеҳнию ақлониро бедор сохта, имкон

медиҳад, ки дар шинохти ҳастӣ ва маърифат ба ҳақиқати воқеӣ даст ёбад. [16-М]

9. Равишҳои ақлию нақлии мутафаккирони асримиёнагӣ дар таърихи афкори фалсафию каломии тоҷик нақши муҳим дошта, барои дарку фаҳмиши масъалаҳои илмҳои фалсафӣ, табиатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, ахлоқ, зебоишиносӣ, устураву диншиносӣ ва дигар равияҳои илмҳои муосир заминаҳои асосии илмӣ мегузорад. [3-М]

10. Мутафаккирони озодандеши мо аз Ибни Сино сар карда то ба Носири Хусрав ҳамеша зери таъқиби ҳокимони давр буданд. Бо ночизтарин гуноҳе онҳоро шиканҷа ва қатл мекарданд, ки ин раванд то ба ҳол идома дорад. Ин равиши озодандешӣ ва маърифатшиносӣ имрӯз низ метавонад дар дарёфти ҳақиқати ҷаҳон мусоидат намояд, то андешаҳои ҷазмӣ ва ифротиро бекор карда, бар зидди ин хурофот мубориза ба роҳ монда шавад. [9-М]

11. Ҳамаи ин мухолифатҳо зери истилоҳи шуубигарӣ ҳамчун ҷараёни муқовимат ва оппозитсионӣ ба муқобили сиёсат ва идеологияи динии ҳакимони давр равона шуда буд.

12. Тамоми қувваҳои озодихоҳ, миллатдӯст, ватанпараст ва истиқлолталаби халқи тоҷик зери шиори шуубигарӣ ин ҳама садсолаҳоро паси сар кардаанд.

13. Ин таҷрибаи талх ҳоло ҳам ба анҷоми худ нарасидааст. Мо имрӯзҳо шоҳиди он ҳастем, ҳаракати нави ифротӣ, ки бо номҳои гуногун, аз ҷумла Давлати Исломии Ироқу Шом (ДИИШ) ҳоло ҳам давлатҳои мустақили мусулмони имрӯзаро таъқиб ва таҳдид мекунад. Ин давлатест, ки дар шароити имрӯза ба таври куллӣ чун қувваи саркӯбгар ба муқобили халқҳо ва кишварҳои мусулмон дар симои зиддишуубӣ фаъолият мекунад. [11-М], [12-М]

14. Аз ин маводи зикршуда мо метавонем барои талабагони мактабҳои миёна ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ омода намоем. Ва мутахассисони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла таърихи асрҳои миёнаи Шарқ, таърихи фалсафа, фалсафаи дин, диншиносӣ баҳравар гарданд.

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ
Рӯйхати сарчашмаҳои истифодашуда

РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ

[1]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 26 декабри соли 2018.

I. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ

[2]. Эмомалӣ Раҳмонов. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. [Матн]: китоб. // Э.Раҳмонов. London: Flint River Editions U.K. Ltd., – 238 с.

[3]. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. [Матн]: китоб. // Э. Раҳмон. Душанбе: Эр-граф.– 364 с.

[4]. Раҳмонов Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ // [Матн] Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.

[5]. Абдулкарим ас-Самъоний. Насабнома [Ал-Ансоб]. [Текст]: учебник. // Абдулкарим ас-Самъоний. Бухара: Бухара, 2003. – 107 с.

[6]. Абдуллоев А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI [доираи адабии Ғазнин]. [Матн]: китоб. // А. Абдуллоев. Душанбе: Дониш,1979. – 283 с.

[7]. Абдуллозода Ш. Асосҳои диншиносӣ. [Матн]: китоб. // Ш. Абдуллозода. Душанбе: Дониш, 2015. – 285 с.

[8]. Абдуллозода Ш. Таърихи динҳо. [Матн]: китоб. // Ш. Абдуллозода. Душанбе: Дониш, 2014.– 368 с.

[9]. Абу Али ибн Сина. Избранные произведения [Текст]: учебник. Том 1. // Абу Али ибн Сина. Душанбе: Дониш, 1980. – 419 с.

[10]. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн]: китоб. Ҷ. 1. // Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 2005. – 852 с.

[11]. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн]: китоб. Ҷ. 2 // Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 2005.– 802 с.

[12]. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн]: китоб. Ҷ. 3 // Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 2007.– 528 с.

[13]. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн]: китоб. Ҷ. 4 // Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 2005. – 484 с.

[14]. Абӯалӣ ибни Сино. Осор [Матн]: китоб. Ҷ. 5 // Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: Дониш, 2005. – 576 с.

[15]. Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / (Иборат аз даҳ ҷилд). Ҷилди 1. // Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: Ирфон, 1980. – 454 с.

[16]. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / (Иборат аз даҳ ҷилд). Ҷилди 2. // Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: Ирфон, 1980. - 560 с.

[17]. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / (Иборат аз даҳ ҷилд) Ҷилди 3. // Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: Ирфон, 1985. - 448 с.

[18]. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб [Матн] / (Иборат аз даҳ ҷилд). Ҷилди 4. // Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: Ирфон, 1992. - 320 с.

[19]. Абӯалӣ ибни Сино. Илоҳиёти Донишнома. (форсӣ) [Матн] // Абӯалӣ ибни Сино. Теҳрон, 1331 шамсӣ, 1371 қамарӣ. – 65 с.

[20]. Абӯалӣ ибни Сино. Равоншиносӣ ё илм ун-нафс. (форсӣ) [Матн] / Теҳрон, 1331.– Саҳ. 210

[21]. Абӯалӣ ибни Сино. Таъбир-ур-руъё. (форсӣ) Теҳрон, 1316, саҳ. 218

[22]. Абу-л-Хасан Ахмад бин Фарис. (форсӣ) Му’джам мукайис ал-луғат, т. 4. С.– 281.

[23]. Авасто. Ҷилди I. // [Матн] / Душанбе: Бухоро, 2014. - 784 с.

[24]. Avicenna. Problem der Philosophie [Text] / Avicenna.1980.– 202 p.

[25]. Avicenna. The prepositional logic [Text] / Avicenna // A translation from (al-Sifa): ai-Qiyas by N. Shehaby. Boston, 1973. – 294p.

[26]. Avicenna. Traites myctiques [Text] / Avicenna // Texte arabe avec explication francaise par A. F. Mehren. – fasc. 1-4. -Liyde 1889-1899.

[27]. Averroes. Tahafut al-tahafut [Text] / Averroes. Printed in the university press. Oxford. 1954. -219 p/

[28]. Адам М. Мусульманский ренессанс. [Текст]: учебник. // М. Адам Москва: Наука,1973. – 162 с.

[29]. Акимушкин О. Ф. Суфийские братства: сложный узел проблем // В кн. Тримингэм С. Суфийские ордены в исламе. – М.: Наука, 1989. – 328 с.

[30]. Ализаде А. А. Исламский энциклопедический словарь. – Москва: Ансор, 2007. – 400 с.

[31]. Аликберов А. К. Эпоха классического ислама на Кавказе: Абу Бакр ад –Дарбанди и его суфийская энциклопедия «Райхан ал-хакаик» (XI-XII вв). М.: Вост. лит. РАН, 2003. – 845 с.

[32]. Алимардонов А. Замина ва омилҳои равнақ ва тавсиаи илму адаби форсу тоҷик дар асри X ва нимаи аввали асри XI. Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. // [Матн]: Душанбе: Дониш, 2005. – 469 с.

[33]. Алламе Таботабои. Тайны исламского монотеизма. Пер. А Ежова. [Текст]: учебник. // Алламе Таботабои. Можайск: ОАО Можайский полиграфический комбинат, 2010. – 140 с.

[34]. Альмагамбетова А. М. Экономические и духовные предпосылки распространение суфизма в Центральной Азии в раннем средневековье / А. М. Альмагамбетова // Суфизм в Иране и Центральной Азии [сборник статей]. Составитель Сафар Абдулло.– Адма-ата, 2007. – С.177

[35]. Аль-Фараби. Философские трактаты. [Текст]: учебник. // Аль-Фараби. Алма-Ата, 1970. – С. 430

[36]. Ал-Фараби. Логические трактаты. [Текст]: учебник. // Аль-Фараби . Алма-Ата, 1975. –С. 670

[37]. Аминов Ҳамидулла, Пиримов Соатмурод. Таърих, сарчашма ва истилоҳоти фиқҳи ҳанафӣ: [Матн]: китоби дарсӣ аз фанни фикх // Ҳ. Аминов, С. Пиримов. Тошканд: Movarounnahr, 2017. – 400 с.

[38]. Анарбаев А. Благоустройство средневекового города Средней Азии [V-XIIIв.]. [Текст]: учебник. // А. Анарбаев. Ташкент: Фан, 1981. – 119 с.

[39]. Андерхилл Э. Мистицизм. Опыт исследования природы и законов развития духовного сознания человека / Пер. с англ. Д. Веденова, В. Грачова, М. Добровольского и др. [Текст]: учебник. // Э. Андерхилл. К.: София, Ltd., 2000. – 496 с.

[40]. Андре Тор. Исламские мистики / Пер. с нем. В.Г. Ноткиной. [Текст]: учебник. // Андре Тор. СПб.: Евразия, 2003. – 240 с.

[41]. Античная философия: Энциклопедический словарь. [Текст]: учебник. // М., 2008. — С. 810.

[42]. Антология мировой философии. Т. 1. кн. 2. М.: – 1969. – 606 с.

[43]. Арабзода Н. Фахруддини Розӣ. [Матн]: китоб. // Н. Арабзода. Душанбе: Ирфон, 1993. – 88 с.

[44]. Арабзода Н. Очеркҳои таърихи фалсафа. [Матн]: китоб. // Н. Арабзода. Душанбе: Дониш, 1982. – 288 с.

[45]. Арабзода Н. Носири Хусрав. [Матн]: китоб. // Н. Арабзода. Душанбе, 1994.– 98 с.

[46]. Аристотель. Метафизика [Текст] / пер. и прим. А. В. Кубицкого. Москва-Ленинград: Гос. социально-экономическое издание, 1934. – 347 с.

[47]. Аристотель. Собрание сочинений. в 4-х томах. Том 1. М.: Мысль, 1976. – 409 с.

[48]. Аристотель. Собрание сочинений в 4-х томах. [Текст] / Аристотель. – Соч. Т. 2 . М.: Мысль, 1978 . – 550 с.

[49]. Арсентьев В. А. Ислам на Северном Кавказе. – Ставрополь. 1973.

[50]. Археологические работы 1937, в зап. части Бухарского оазиса. Ташкент, 1940. – 50 с.

[51]. Асророва Л. Абуҳафс Кабири Бухорӣ ва фиқҳи ҳанафӣ. [Матн]: китоб. // Л. Асророва. Тошканд: Донишгоҳи ислом, 2014. – 280 с.

[52]. Ахмад Тамимдори. История персидской литературы (перевод с персидского Дмитрий Алламова) [Текст]: учебник // Ахмад Тамимдори. СПб.: Петербургское востоковедение, 2007.– 240 с.

[53]. Ашуров Ғ. ЭСТ. Ҷ.1. Душанбе: Сарредаксияи энсиклопедияи советии тоҷик, 1978. – 220 с.

[54]. Байҳақӣ, Пури Фандақ, (ба арабӣ: Таттаммуъ Саввон-ул-ҳикмат), бахши тарҷумаи ҳоли ва иловаҳои Абуубайд Ҷузҷонӣ (форсӣ) Теҳрон: Маълумот, ISBN 964-423-377-8

[55]. Бартольд, В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Ч. 2. Исследование / В. Бартольд. – СПб. : тип. В. Киршбаума, 1900. – [2], VII, 573 с.

[56]. Бартольд В. В. Работы по исторической геграфии. [Текст]: учебник. В. В. Бартольд. Москва: Восточная литература РАН, 2002. С.–706.

[57]. Бартольд В. В. Сочинения. Том 2. Часть 1. Общие работы по истории Средней Азии. М.: Изд-во Восточной, 1963. – 1020 с.

[58]. Бартольд В.В. Сочинения. Том 6. Работы по истории ислам и арабского хилофата [Том VI, подготовил к изданию А. Б. Холидов. Ответственный редактор: И. Н. Винников). М.: Наука, Главная редаксияи восточной литературы, 1966. – 784 с.

[59]. Баҳоваддинов А. Марҳилаҳои асосии таърихи тараққиёти философия. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон.1959, с.30

[60]. Баҳодиров Р. М. Абуабдуллоҳ ал-Хоразмӣ ва аз таърихи таснифи улум. - Тошканд, 1995. С. 144.

[61]. Беляев, Е. А. Мусульманское сектантство: (исторические очерки) / Е. А. Беляев; Отв. ред. А. Ф. Султанов. – М.: Изд-во восточной литературы, 1957. – 100 с.

[62]. Бердяев Н. Новое религиозное сознание и общественность. Санкт-Петербург: Изд. М. В. Пирожкова, 1907. – С. 233

[63]. Бертельс А. Е. Насир Хусрав и исмаилизм. М., 1959. Стр. 68

[64]. Бертельс Е. Э. Суфизм и суфийская литература. М.,1965 стр. 452

[65]. Биринджкар Рида. Знакомство с исламскими науками: калам, фалсафа, ирфан: в 3 ч. пер. с перс. С. Ходжаниёзова; предисл., коммент. и общ. ред. И.А. Таировой. — М.: ООО «Садра», 2014. — 304 с.

[66]. Бобоҷонов Н. Б., Марупов Р.М., Комилов А. Ш. Физика ва астрономия дар осори Ибни Сино. Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. – Душанбе: Дониш.– 2005.– с.470.

[67]. Богомолов А.С., Ойзерман Т.И. Основы теории историко-философского процесса. – М. Наука, 1993. – С. 66.

[68]. Богоутдинов А. М. Очерки по истории таджикской философии. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1961. – С.332

[69]. Богоутдинов А. М. Ибн Сина. Избр. философские произведения. М., 1980. – С. 554.

[70]. Большой толковый словарь русского языка / сост. и гл. ред. С.А. Кузнецов. СПб.: Норинт, 1998. – 1536 с.

[71]. Босворт К. Э. Мусульманские династии. Справочник по хронологии и генеалогии. Пер. с англ. П. А. Грязневича, Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1971.–С.324

[72]. Бухорӣ, С. С. Зиёратгоҳҳои табарруки Бухоро: Рисолаи таърихию маърифатӣ (Нашри дуюми ислоҳшуда) - Тошканд: «Navro'z», 2015. С. 360.

[73]. Бухорӣ С. С. Ду саду ҳафтоду ҳафт пир. Бухоро: «Бухоро», 2006. – С. 304.

[74]. Вамбери А. История Бухары или Трансоксании с древнейших времен до настоящего времени, т. 1— 2, Спб., 1873;

[75]. Васубандху. Абхидхармакоша (Энциклопедия Абхидхармы). Раздел третий. Учение о мире / Пер. с санскр., введение, ком. Е.П. Островской и В.И. Рудого. СПб.: Андреев и сыновья, 1994. – С. 336 с. («Свет Дхармы»)

[76]. Вольф М.Н. Средневековая арабская философия: ашаритский калам. Учебное пособие. Новосибирский Гос.университет, 2008. – С.153

[77]. Wolf Chr. Metaphysica prima sive Ontologia/2 Aufl.,1736. P. 937

[78]. Воля к власти. Опыт переоценки всех ценностей (черновики и наброски из наследия Фридриха Ницше 1883– 1888 годов в редакции Элизабет Фёрстер-Ницше и Петера Гаста). Пер. с нем. – М.: Культурная революция, 2016. – С. 824 ISBN 978-5-902764-62-5 б

[79]. Wolfson H. The Philosophy of the Kalam. Cambrige - London. 1976, p. 620.

[80]. Гайденко П. П. Наука. Философия. Религия. Книга 2. — М.: , 2013. — 248 с.

[81]. Гартман Н. К основоположению онтологии. Санкт-Петербург «Наука» 2003.– 639 стр.

[82]. Гафуров Б.Г. История таджикского народа в кратком изложении. Т.1.–М., 1949.–С.244

[83]. Gilson E. L'esprit de La philosophie médiévale. [Text] / E. Gilson. - Paris,1951.–422p.

[84]. Гегель Г. Сочинения. В 14 томах (том 1-14). Энциклопедия философских наук. Часть первая. Логика. Перевод Б. Столпнера. Москва, Ленинград: Государственное издательство политической литературы, 1929. – 473 с.

[85]. Goichon A.M. La philosophie d'Avicenne et son influence en Europe Médiévale. Paris: Maisonneuve, 1951. -p. 33.

[86]. Goichon. A. M. L'Unite de la pensee avicennienne // Archives Internationales d'Histoire des Sciences. 1952. № 20—21. P. 290—308.

[87]. Григорян С. Н. Средневековая философия Ближнего и Среднего Востока. М., 1966. стр. 96

[88]. Григорян С. Н. Из истории философии Средней Азии и Ирана VI-XII вв. // Газали. Избавляющий от заблуждения. М., 1960. Стр. 227

[89]. Гриненко Г. В. История философии. Москва: Юрайт. – 2004. – С. 680

[90]. Гречко П.К. О границах толерантности // Свободная мысль-XXI. 2005. № 10. С. 173-182.

[91]. Гроф С. Надличностное видение: Целительные возможности необычных состояний сознания / Пер. с англ. С. Офертаса. М.: ООО «Изд-во АСТ» и др., 2002. 237 с.

[92]. Guillaume A. Some remarke on free will and predestination In Islam. - Journal of the Royal Asiatic Soolety, 1924, p. 44:

[93]. Гурина М. Философия: Учебное пособие - ПлатонаНет. ... М.: Республика, 1998. — 540 с. ISBN: 5—250-02652-4.

[94]. Ғазолӣ. Мизон ул –илм. (форсӣ) [Матн] / Аз арабӣ тарҷ. Алӣ Акбар Кисмоӣ.Теҳрон: Суруш. - 1374ҳ.163 с.

[95]. Ғазолӣ.Таҳофат-ул-фалосифа. (форсӣ) [Матн] / Аз арабӣ тарҷ. Доктор Ҳасан Фатҳӣ.Теҳрон: интишороти Сороллоҳ. - 1383ҳ. 234 с.

[96]. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон. Таърихи қадим, асри миёна ва давраи нав. –Душанбе, Душанбе: Дониш, 2008. — С. 870.

[97]. Ғаффорова М.Қ. Асосҳои фалсафа. Душанбе: Нашриёти «Сабрина-К». 2012. – С. 184.

[98]. Давлатзода Д. Мусулмонон: Таърихи воқеии инкишоф ва таназзул. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 520 с.

[99]. Даминов И. Абубакр ал-Колободи // Ӯзбекистон сарзамини алломаҳои бузург / Маркази байналхалқии Имом Бухорӣ. Тартибдиҳанда ва таҳиягари нашр Убайдулло Уватов. Тошканд: «Маънавият», 2010. С. 146-150.

[100]. Джеймс В. Многообразие религиозного опыта. СПб.: Андреев и сыновья, 1993. – вых. д. ориг.: М.: Тов-во тип. А.И. Мамонтова, 1910. 418 с.

[101]. Джохари Х. Инструменты для Тантры. Чакры: энергетические центры трансформации / Пер. с англ. К. Семенова. К.: София, 1999. – С.264.

[102]. Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. Душанбе:Дониш.–2011, 381с.

[103]. Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. Душанбе: Дониш, 1985. – С. 135.

[104]. Диноршоев М. Философия Насириддина Туси. – Душанбе, 1968. – С. 58.

[105]. Доброхотов А. Л. Категория бытия в классической западноевропейской традиции. М.: Изд-во Московского университета, 1986. – 245 с.

[106]. Додихудоев Х. Философия крестьянского бунта. – Душанбе: Ирфон.1987. – С. 432

[107]. Дроздов В. А. Мусульманский мистицизм: учебное пособие / Санкт-Петербург: Президентская библиотека, 2015. – 183 с.

[108]. Edward A. Allworth. The Modern Uzbeks: From the Fourteenth Century to the Present: A Cultural History. — Hoover Institution Press, 1990. — 424 с. — (Studies of Nationalities). — ISBN 0817987320.

[109]. Ellwood R.S. Mysticism and Religion. Englewood Cliffs, NJ: Prentice-Hall, 1980. 194 pp.

[110]. Жиртуєва Н.С. Модифікацій містичного досвіду в релігій них традиціях світу. Херсон: Видавництво ХДМІ, 2009. 327 с.

[111]. Закариёи Розӣ. Мунтахаби осор: Ҳикоятҳо (Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ). Душанбе: Адиб, 1989.– 100 с.

[112]. Закон Божий [Текст] / Сост. Протоиерей Серафим Слободской. издание четвёртое, Holy Trinity Monaster? Jordanville? N/Y/USA,1987, стр.106

[113]. Закуев А.К. Психология Ибн Сины. Баку: Изд-во Аи АЗ ССР, 1958. - С. 87.

[114]. Зарринкӯб А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / А. Зарринкӯб. –Душанбе, 1992. -396 с.

[115]. Зеркало совершенства: истории странствующих суфиев. (Идрис Шах. Истории дервишей) / Пер. В. Максимов. М.: ЭКСМО, 2004. – С. 400.

[116]. Зиёев Х. М. Суфийский орден мавлавия / Х. Зиёев.– Душанбе, 2007.–276 с.

[117]. Зиёзода И.Ғ. Тасаввуфи фалсафӣ: Ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна. Қ.2. Душанбе, 2016.–445с.

[118]. Зиёзода И.Ғ. Тасаввуф. Таърихи пайдоиш ва камолот. Қ.1. Душанбе,2016.–457с.

[119]. Ибн Сина. О душе [Текст] / В кн.: Избранные произведения мыслителей стран Ближнего и Среднего Востока. М., 1961, стр.250

[120]. Ибн Сина. Трактат о разделении (классификации) существующих вещей [Текст] / В кн.: Материалы по истории прогрессивной общественно-философской мысли в Узбекистане. Ташкент, 1957, стр.124

[121]. Ибни Сино. Фанни самои табиӣ. (форсӣ) [Матн] / Теҳрон. 1316, саҳ.242

[122]. Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ. – Душанбе: Дониш. 2005. – С.470

[123]. Ibn Sina (Avicenna). La methaphysique du Shifa. [Text] / A.I. Sina. Trad. par. C.C.Anavati. - Paris, 1978.–425p.

[124]. Ibn Sina (Avicenna). Livre des directives et remarques (kitab al-isarat wa ltanbihat). [Text] / A.I. Sina. Trad. par. A. M. Goichon. Beyrouth – Paris, 1951.–300p.

[125]. Ibn Sina (Avicenna). Pcychologie d’apre’s son oevra as-Sifa. [Text] / A.I. Sina. Ed. et trad. par. J. Bakos, Prague, 1956, v.1-2. -499p.

[126]. Из истории суфизма: источники и социальная практика / Под. ред. М. М. Хайруллаева. – Т.: ФАН, 1991.– С. 45.

[127]. Из реки речений: Высказывания суфийских наставников / Сост. и пер. Л. Тираспольского. М.: Амрита-Русь, 2004. - 160 с. («Мудрость суфиев»)

[128]. Из истории суфизма: источники и социальная практика / Под. ред. М.М. Хайруллаева. – Т.: ФАН, 1991.– С. 45.

[129]. Имомназаров М. С. Марҳилаҳои такомули маънавияти миллии мо / Муҳаррири масъул: Н. Комилов. Тошканд: Шарқ, 1996. С. 144.

[130]. Irwin T. The Metaphysical and Psychological Basis of Aristotle's Ethics // Essays on Aristotle's Ethics / Ed. by A.O. Rorty. Berkeley, 1980. P. 35-54.

[131]. Ислом. Энсиклопедия: А-Х / Зери таҳрири Шайх Абдулазиз Мансур. - Т.: Нашриёти давлатии илмии «Энсиклопедияи миллии Ӯзбе- кистон», 2017. С. 672.

[132]. Исломӣ Ҳ. Асари «Насоим-ул-муҳаббат» -и Алишер Навоӣ. // Оннан адабиёт: Тадқиқот ва маълумот аз таърихи адабиёти ӯзбек: Маҷмӯаи илмӣ. - № 1. - Тошканд: Ғафур Ғулом, 1998. С. 173-179.

[133]. Исмоилов М. Фаҳмиши фалсафии олам: ҳастӣ, материя ҳамчун категорияҳои асосӣ. Дастури методӣ. Хуҷанд: «Омор» -и Управлениями омории вилояти Ленинобод.– 1994.– С. 57

[134]. История таджикского народа. Том III. (Период развития феодального общества).– Душанбе: Дониш, 2013.– 580 стр.

[135]. История таджикской философии. (С древнейших времён до XV в.). В трех томах. Том II. Под общей редакцией А.А.Шамолова. - Душанбе: Дониш, 2011. – 788 с.

[136]. Исҳоқова З. Таблиги ирфон ва валиия дар таълимоти тасаввуф. Тошканд: «Abu Matbuot-konsalt», 2011. - С. 296.

[137]. Кадыров С.Б. Философский анализ психологических аспектов исламской религии. – Худжанд: Технопарк ТГУПБП, 2023. – 257 с.

[138]. Kants Kritik der r. Vern. 2-te Aufl. стр. 628

[139]. Караматов Х. С. Аскетические и суфийские течения в Хорасане (По «Кашф ал-махджуб» Хджҷвири) // В сборнике «Из истории суфизма: источники и социальная практика». Под ред. Акад. АН РУз. М. М. Хайруллоева. – Т: Фан, 1991. - 150 с.

[140]. Carra de Vaux. (Baron Bernard), Avicenne (Les grands philosophes). Paris: Félix Alcane, 1900. -p. 115

[141]. Каримов А.А. Фарҳанги тафсирии истилоҳоти тасаввуф. Хуҷанд. Парки технологии ДДҲБСТ, 2021.– 278 саҳ.

[142]. Каримов А.А. Назаре ба масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи Абӯалӣ Ибни Сино. Монография / А.А. Каримов / Зери назари академик Олимов К. –Хуҷанд, 2021. – 166 с.

[143]. Касымжанов А.Х. Эстетические взгляды Фараби. Душанбе: Ирфон, 1990. –144 с.

[144]. Кенҷаева М. Баъзе масъалаҳои тасаввуфию ахлоқӣ дар асари «Кутадгу билиг». // Оинаи адабиёт: Тадқиқот ва маълумот дар таърихи адабиёт ва адабиётшиносии ӯзбек: «маҷмуаи илмӣ. № 7. Тошканд: Абдулло Қодирӣ, 2002. С. 84-86.

[145]. Кимелев Ю.А. Современная западная философия религии. М.: Мысль, 1989. – С. 285.

[146]. Китоби Муқаддас. [Аҳди Қадим] [Текст] / Китоби якуми Мӯсо, Ҳастӣ. Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас, Стокголм: 1999.– 1811 саҳ.

[147]. Clauberg J. «Metaphysika de ente, quae rectus Ontosophia» (Latin). Publisher: Kessinger Publishing, 2010. - 120 p. ISBN-10:1166287386

[148]. Климович Л.И. Ислам. Изд.2-е. М., 1965 стр.141-142

[149]. Кныш А.Д. Мусульманский мистицизм: краткая история / Пер. с англ. М.Г. Романов. СПб.: ДИЛЯ, 2004. – С. 464

[150]. Комил Бекзода. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ (нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик) // [Матн] ‟ Душанбе, 2012. - 296 с.

[151]. Комилов Н. Тасаввуф (на узб. яз.). – Т.: Мовароуннахр-Узбекистон, 2009. – С. 245.

[152]. Корбэн А. Таърихи фалсафаи ислом. (форсӣ)Теҳрон, 1962. стр.107

[153]. Corbin Henry. Histoire de la philosophie islamique. Paris: Gallimard, 1986. -p. 242.

[154]. Кочнев Б.Д. Нумизматическая история Караханидского каганата [991-1209 гг.]. Часть I. Источниковедческое исследование / Ответ.редактор В. Н. Настич. Рецензенты — Б. А. Литвинский, Е. А. Давидович. [Научное издание]. — М.: ООО Издательский дом «София», 2006. — 344 с.

[155]. Кричевский А. В. Образ абсолюта в философии Гегеля и позднего Шеллинга [Текст] / А.В. Кричевский; Рос. акад. наук, Ин-т философии. – М.: ИФ РАН, 2009. – 199 с.

[156]. Кричевский А. В. Сила небытия: метафизика за пределами онтологии: (Монография) / А. В. Кричевский. - М.–Берлин: Директ-Медия, 2015. - 593 с.

[157]. Krerrmr von A. Culturgeechichtliche Streitflige auf dem Gcbiete des Islams. Leippuig, 1873, ss 3,6,7

[158]. Cunningham F.A. Averros vs. Avicenna on being. – Washington, [Text] / F.A. Cunningham. - The new sholasticism. - 1974, vol. 48.–452p.

[159]. Қуръони карим [асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ] [Текст] / -Душанбе: Ирфон, 2007.–616

[160]. Ledler B.N. The prince of physicians on the nature of man. [Text] / B.N.

[161]. Ledler Mod. Schoolman. - Saint Louis, 1978, vol. 55, 2.– 366p.

[162]. Lings M. What is Sufism? Berkeley; Los Angeles: Univ. of California press, 1975. P. 12, 22.

[163]. Лерх П. И. Монеты бухархудатов, — I 8 0 P A 0, ч. 18. Спб., 1909;

[164]. Лосев А.Ф. /Под ред. А.А. Тахо-Годи и Е. А. Тахо-Годи. – М: Российская политическая энциклопедия (РОССПЭН), – 2009.– 439 с.

[165]. Лурье С.Я. Демокрит. М., 1970.– 664 с.

[166]. Любомиров Д.Е. Философия средних веков. Учебное пособие / – СПб.: СПб ГЛТА. – 2009, – 44 с.

[167]. Майоров Г. Г. Философия как искание абсолюта: опыты теоретические и исторические. М., 2004. с.

[168]. Майоров Г.Т. Формирование средневековой философии. – М.: Мысль. 1979. – С.432

[169]. Макарова И.В. «Не-сущее есть не-сущее»: проблема небытия у Аристотеля //Онтология негативности: Сборник научных работ. М., 2015;

[170]. Маликшоҳӣ Ҳасан. Тарчума ва тафсири таҳзибу-л-мантиқи Тафтазанӣ. (форсӣ) / Теҳрон, 1367 с.ҳ. – С. 460

[171]. Маматов М.А. Сущность суфизма: для студентов с углубленным изучением истории и культуры ислама – Уфа: Изд-во БГПУ, 2011, – 168 с.

[172]. Маркс К., Энгельс Ф. Соч., т. 25, ч. 2. с. 384. Новая философская энциклопедия: В 4 т. М.: Мысль. Под редакцией В. С. Стёпина. 2001

[173]. Маркс К., Энгелс Ф. Асарҳои мунтахаб. ҷ.2, с. 421

[174]. Mahdi M. Islamic philosophy: the Tastern and Western schools –»Cultures». [Text] / M. Mahdi. - Paris, 1978, vol. 1.–488p.

[175]. Мец А. Мусульманский реннесанс. Москва: Наука,1973. – С. 543

[176]. Мирзоев А. Ҳикоятҳо оид ба Ибни Сино ва шахсияти ӯ / А.Мирзоев. – Сталинобод. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1953. – 140 С.

[177]. Миронов В. В., Иванов А.В. Онтология и теория познания: Учебник. — М.: Гардарики, 2005. – 447 с.

[178]. Муминов И. М. Философские взгляды Бедиля. — Избр. произведения в 4-х томах. Т. 1. Ташкент, 1976. Очеркҳои таърихи фалсафа. Душанбе: Дониш. -1982

[179]. Мулло Садра. Ирфон ва орифи намоён. Шикасти бутҳои ҷоҳилият. аз ар. Тарҷ. Муҳсин Бедорфар. (форсӣ) Теҳрон: Донишкадаи улуми маъқул ва манқул.–1340 (ш.) 172 саҳ.

[180]. Муқаддасӣ, Абуабдуллоҳ Муҳаммад бин Аҳмад Эҳсон ат-тақвим фи маърафат-ул-қолим / Тарҷумаи Алинқи Манзавӣ аз арабӣ. (форсӣ) Дар ду ҷилд, ҷилди 2, Теҳрон, ширкати муаллифон ва мутарҷимон, 1361, с.728

[181]. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-тааруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. (форсӣ) Лакхнав.1327 с.ҳ., Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 1. - С. 672

[182]. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-тааруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. (форсӣ) Лакхнав.1327 с.ҳ., Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 2. - С. 865

[183]. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-тааруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. (форсӣ) Лакхнав.1327 с.ҳ., Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 3. - С. 927

[184]. Мустамлии Бухорӣ. Шарҳ-ат-тааруф ли мазҳаб-ит-тасаввуф. (форсӣ) Лакхнав.1327 с.ҳ., Нусха аз осорхонаи миллии Қарочӣ. 472ҳ.қ. Рубъи 4. - С. 672

[185]. Муҳаммад Алии Ризоӣ. Ёдномаи Фирдавсӣ. (форсӣ) Теҳрон, 1349

[186]. Муҳаммад Истиъломӣ. Фарҳангномаи тасаввуф ва ирфон. (форсӣ) (мабоҳис, эълом, истилоҳот ва таъбирот) Ҷ.1. А-Д.Теҳрон: Интишороти Фарҳанги муосир.1398 (ҳ.)

[187]. Муҳаммад Ш. Фалсафаи Ибни Сино. (форсӣ) Аз интишороти комиссиюни мубодилоти фарҳангӣ. Урдибиҳишт.1333 ҳ., дар 4 қисм. Қ. 1

[188]. Мухаметшин Р.М. Ахмедов С. Современные проблемы исламской теологии: Учебное пособие / Мухаметшин Рафик, Ахмедов Саид.– Казань: Российский исламский институт, 2017.– 405 с.

[189]. Мюллер А. История Ислама с основания до новейших времен. Пер. с нем. под ред. Н. Медникова. С 1 табл. рис. и 5 картами. Спб. 1895-6 г. в 4-х томах;

[190]. Наршахӣ Абубакр бинни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Душанбе: Дониш.– 1979, с.– 120.

[191]. Насафӣ Азизаддин. Инсони комил. (ба хати форсӣ) Ҷойи нашр ва соли он нишон дода нашудааст (нусхаи асл дар шакли pdf) саҳ. 175.

[192]. Nallino C,A, Sur Г origine del none dei Mutayility. - «Ravista degli studi orientali», 1916, t. 7, pp. 461-466;

[193]. Nasr. S. H. Polarization of Being // Pakistan Philosophical Journal. 1959. October. 3. P. 8—13.

[194]. Насыров И. Р. Основания исламского мистицизма [генезис и эволюция]. — М.: Языки славянских культур, 2009. — 552 с.

[195]. Нафисӣ, С. Зиндагонӣ ва кор ва андеша ва рӯзгори пури Сино. (форсӣ) / С.Нафисӣ. – Теҳрон: 1333 - 472 С.

[196]. Неъматов Н. Давлати Сомониён: тоҷикон дар асрҳои IX-X. – Душанбе: Ирфон, 1989. С.–304

[197]. Ниёзӣ Ё. Б. Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таҳаввули он дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. Монография. Душанбе: Абдураҳмон-Р. 2022. - 332 с.

[198]. Низомии Ганҷавӣ. Куллиёт. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 3. Душанбе: Ирфон.–1983.– 416 саҳ.

[199]. Новая философская энциклопедия. Том первый. А-Д. Москва, «Мысль», 2010, стр. 449

[200]. Новая философская энциклопедия: В 4 тт. М.: Мысль. Под редакцией В. С. Стёпина. 2001, с. 510

[201]. Новая философская энциклопедия. Том 2. Москва, «Мысль», 2010. — ISBN 978-2-244-01115-9 (в пер.).

[202]. Носири Хусрав. Мунтахаби осор: ҷилди 1.–Душанбе: Ирфон.– 1991.–636 с.

[203]. Носири Хусрав. Зод-ал-мусофирин. (форсӣ) Аз интишороти киобфурӯш Маҳмудӣ. Лондон, 13412. саҳ.199-208

[204]. Нуриддинов М. Н. Аз таърихи тафаккури фалсафии асрҳои миёнаи Шарқ. Тошканд: Институти давлатии шарқшиносии Тошканд, Brok Class Servis, 2015. – 189 с.

[205]. Оқилӣ А.Инсони комил. Қисми 2. Хуҷанд: 2006. – С.19

[206]. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. Душанбе: Дониш, 2014. –С.393

[207]. Олимов К. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ. Монография. Душанбе: Дониш.–1988, с.134 саҳ.

[208]. Олимов К. Хорасанский суфизм. Душанбе: Дониш, 1994. – 298 с.

[209]. Олимов К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои Х-Х11. Душанбе: Дониш, 2019-332 саҳ.

[210]. Osman Chahine. Ontologie et théologie chez Avicenne. Paris: Maisonneuve, 1962. -p. 132.

[211]. Осимӣ М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. Душанбе: Дониш, 1970.–138 с.

[212]. Ошо Р. Горчичное зерно. Комментарии к пятому евангелию от святого Фомы / Пер. с англ. К. Семенов. К.: София, Ltd, 2002. - 496 с.

[213]. Ошо. Люди пути. О суфиях. суфизме и суфийских историях Издательство: ИГ Весь, СПб 2018, Hardcover, 448 стр.

[214]. Оятуллоҳ Аъзами Сайид Ризо Ҳусайнӣ. Фалсафаи машоъ. (форсӣ)

[215]. Памятники византийской литературы. IV-IX веков / Отв. ред. Л.А. Фрейберг. М.: Наука, 1968. 354 с.

[216]. Петров В.В. Сто пророчеств Магомета. Минск, «Современный литератор»,2003.–96 с 38-39

[217]. Петрова Т.Э. Замалетдинов Р.Р., Мухаметшин Р.М. История мусульманской мысли в Волго-Уральском регионе. Руководители проекта: д.ф.н, профессоры- Т.Э. Петрова, Р.Р. Замалетдинов, Р.М. Мухаметшин, Учебное пособие / – Казань: Издательство ДУМ РТ, 2009. –С.372

[218]. Пивоваров Д. В. Категории онтологии. В 2 ч. Часть 1: учеб. пособие для академического бакалавриата / Д. В. Пивоваров. — М.: Издательство Юрайт,2018; Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та. — 279 с.

[219]. Д. В. Основные категории онтологии: Учеб. пособие. - Екатеринбург: Изд-во Урал, ун-та, 2003. - 268 с.

[220]. Поликарпов В.С. Наука и мистицизм в XX веке. М.: Мысль, 1990. 219 с.

[221]. Прозоров С. М. Арабская историческая литература в Ираке, Иране и Средней Азии в VII – середине X в. Шиитская историография / ответственный редактор П. А. Грязневич. Москва: Наука, 1980. - 247 с.

[222]. Прозоров С.М. Ислам как идеологическая система; Ин-т востоковедения, С. –Петербург, фил. — М.: Вост. лит., 2004. — 471 л. — ISBN 5-02-018366-0 (в пер.).

[223]. Протопопов И. Быть или не быть? Очередная философия небытия.

[224]. Раззоқов А. Вуруд ба тариқат (дар асоси таълимоти Нақшбандия). Т.: Мовароуннаҳр, 2003.– 103 с.

[225]. Рам Дасс. Зерно на мельницу // Лилли Дж. Центр циклона. Рам Дасс. Зерно на мельницу. / Перераб. анонимного пер. И. Старых. К.: София, 1993. С. 183-319.

[226]. Рассел Бертран. Мудрость Запада. –М.: Республика, 1998. –с. 234

[227]. Раҳимов К. Калободӣ // Истилоҳоти тасаввуф. Луғати тафсири / Ҳайати таҳрир: И. Усмонов ва дигарон. Муҳаррир: Ч. Шодиев. Маркази илмию тадқиқотии исломшиносии Донишгоҳи исломии Тошканд. Тошканд: Мовароуннаҳр, 2015. С. 120-127.

[228]. Раҳимов К. Мустамли // Истилоҳоти тасаввуф. Луғати тафсири / Ҳайати таҳрир: И. Усмонов ва дигарон. Муҳаррир: Ч. Шодиев. Маркази илмию тадқиқотии исломшиносии Донишгоҳи исломии Тошканд. Тошканд: Мовароуннаҳр, 2015. С. 164-169.

[229]. Раҳимов К. Сарчашмаи тасаввуфи Мовароуннаҳр: ташаккул ва таснифи таълимоти тасаввуф (асрҳои VIII-XI). Душанбе: Дониш, 2021. – 364

[230]. Рашшод М. Фалсафа аз оғози таърих. Душанбе: Ирфон. – 1990.с.477

[231]. Рзаев А.К. Туси. Д. Ташкулов. Дониш. Москва: Юридическая литература. 1990.–Стр.160 (саҳ.10)

[232]. Rodengon M. La pensee d Avicenne.Extr. de la Pencee. Paris. 1952-1953, № 45-47, p. 22

[233]. Сагадеев А.В. Ибн Сина. М.: Мысль, 1980. -239 с.

[234]. Сагадеев А.В. Ибн Сина. (книга в формате pdf) общ.стр.100

[235]. Саидҳусайн Наср. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат. (форсӣ) Теҳрон, 1342, саҳ.308

[236]. Сайид Аҳмад Сафоӣ. Илми Калом. Ҷ.1,2. (форсӣ). Муассисаи интишорот ва чопи донишгохи Теҳрон, ноширибаргузидаи соли 1373 (ҳ.) 457саҳ. С.19-20

[237]. Сайид Ҳусейни Наср. Се ҳакими мусалмон. (форсӣ) Тарҷумаи Аҳмад Ором, интишороти Амири Кабир, Теҳрон 1385 2006, ISBN 978-964-303-111-4

[238]. Сайид Ҳусайн Наср дар китоби «Назарҳои мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат» (форсӣ) интишороти Амири Кабир, Теҳрон 1385 2008

[239]. Сейтахметова, Н. Л. Проблема «Камал (ун)» в философии Абу Насра аль-Фараби / Н. Л. Сейтахметова // Наследие аль-Фараби и мировая культура: материалы междунар. конгресса / гл. ред. А. Н. Нысанбаев. - Алматы, 2001. - С. 210-214.

[240]. Санаи (Хаким Санаи Газневи) – Путешествие рабов божьих к месту возврата. Перевод с персидского, вступ.ст. и комм. К. В. Сергеева. М.: Фазис, 2002 -112 с.

[241]. Сапронов С. П. О бытии ничто. СПб.: Издательство русской христианской гуманитарной академии, 2011. С. 368.

[242]. Сарчашмаҳои тасаввуфи ислом (назария ва таърихи тасаввуф). Маҷмӯаи илмӣ / Нашри дуюми ислоҳшуда. Тартибдиҳанда, муаллифи сарсухан ва эзоҳ доктори улуми филология, профессор Ҳамидулло Болтабоев. Тошканд: O'qituvchi, 2005. - С. 399.

[243]. Сартр, Жан Поль. Бытие и ничто / Жан Поль Сартр; [перевод с французского В. И. Колядко]. — Москва: Издательство АСТ, 2020. — 1072 С. — (Эксклюзивная классика). ISBN 978-5-17-133458-1

[244]. Сафави Сайид Салман. Практический мистицизм. – М.: Академический проект: ООО Садра, 2013. стр. 92

[245]. Святой Ефрем Сирин. Духовные наставления [Текст] / М.: Сретенский монастырь; Новая книга; Ковчег, 1998. - 304 с. (Избранные творения Святых Отцов)

[246]. Сеййид Хусейн Наср. Философы ислама: Авиценна (Ибн Сина), ас-Сухраварди, Ибн Араби / Перевод с английского, предисловие и комментарии Р. Псху. — Языки славянской культуры: ООО «Садра», 2014. — 152 с. — (Философская мысль исламского мира: Переводы. Том 3).

[247]. Сироджов Ф. Проблема извечности мира в философии Ибн Сина // Торжество разума. – Душанбе: Дониш, 1988. – С. 166-172.

[248]. Сироҷов Ф. Масъалаҳои фалсафаи ҳастӣ дар китоби «Наҷот» -и Ибни Сино. Душанбе: -1980. – 200 с.

[249]. Ситняковский Н. Ф. Заметки о Бухарской части долины Зеравшана. — ИТОРГО. т. 1. Ташкент, 1900, вып. 2;

[250]. Сироҷиддинов, Шухрат. Рушди тасаввуфи ислом дар Мовароуннаҳр // Саҳми Ӯзбекистон дар рушди тамаддуни ислом (Аз тарафи Созмони исломӣ аз рӯйи таълим, фан ва фарҳанг - ISESCO «маҷмуи тезисҳои маъруза ва табрикоте, ки бахшида ба

Пойтахти фарҳанги ислом эълон гардидани шаҳри Тошканд соли 2007, ки ба конфронси байналмилалӣ ирсол шудааст) [Муҳаррирони масъул: Б. А. Абдуҳалимов, З. И. Мунавваров). Тошканд Самарқанд: Нашриёти Маркази илмию маърифатии Имом Бухории ҷумҳурӣ, 2007. С. 55-57.

[251]. Смирнов А. В. Новая философская энциклопедия. Том1. Москва: Мысль, 2010, стр.160

[252]. Содиқов А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ. – Душанбе: Ирфон,1989. – 144 с.

[253]. Суфизм в контексте мусульманской культуры. – М. Наука, 1989.

[254]. Соколов В. В. Средневековая философия. Москва. – Высшая школа. – 1979, 448 с.

[255]. Солеҳ бинни Абдулазиз. Ғоят-ул- мурид фи шарҳи китоб-ут-тавҳид.1424ҳ.323 саҳ.

[256]. Солодухо Н. М. Философия небытия: (Монография) / Н. М. Солодухо. - Казань: Изд-во Казан. гос. техн. ун-та, 2002. - 146 с.

[257]. Спиноза Б. Этика. М., Минск: Харвест, Москва: АСТ, 2001. – 336 с. ISBN: 985-13-0268-6; 5-17-001917-3

[258]. Стейс В.Т. Ирфон ва фалсафа. (форсӣ) Тарҷумаи Баҳоваддин Хуррамшоҳӣ. Теҳрон: Суруш,1996. –384С.

[259]. Степанянц М. Т. С 79 Философские аспекты суфизма. М., Главная редакция восточной литературы издательства «Наука», 1987. 192 с.

[260]. Stace W. T. Mysticism and Philosophy. London: Macmillan, 1961. 349 p.

[261]. Stoddart W. The Mystical Doctrines and Method of Islam. New York: Paragon House Publishers, 1986. P. 45.

[262]. Субҳӣ Муқтадӣ. Афсонаҳои Бӯалӣ Сино. (форсӣ) / Субҳӣ. Китоби аввал.Теҳрон: 1379 - 96 С.;

[263]. Сулаймонов С. Забони фалсафа дар аҳди Сомониён ва саҳми Ибни Сино дар пешбурди он// Ибни Сино ва фарҳанги замони ӯ.Душанбе.–Дониш-2005. – С. 469

[264]. Султонов С. Учение Ибн Сины о вечности мира с точки зрения французских исследователей Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни. Кафедра философии E-mail:

[265]. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: Дониш, 1975 .–167с.

[266]. Сухарева О. А. К истории городов Бухарского ханства (историко-этнографические очерки). Ташкент, 1958 ва дигарон васеъ истифода бурдаанд.

[267]. Тавҳид. Эътирофи ягонагии Аллоҳ.Тошканд: Меҳнат, 1991.–31с. (ба заб. ӯзб.) саҳ.4

[268]. Тайсир Шайх-ул-арз. Ал-мадхалу-ила фалсафати Ибн Сина. Димашқ. 1967.

[269]. Talbot M. The Holographic Universe. London, Harper Collins Publishers, 1996. 338 pp.

[270]. Тафтāзāнӣ Саʻдуддӣн. «Тахзиб ал-мантик вал-калам». – Каир, 1975. – С.128

[271]. Таърихи адабиёт дар Эрон.Ҷ.1. (форсӣ) Таълифи Забехуллоҳи Сафо. Теҳрон,1338, саҳ.531-603

[272]. Таърихи динҳо. Душанбе: Дониш, 2014. –368 саҳ.

[273]. Таърихи фалсафа дар ҷаҳони ислом. (форсӣ) Теҳрон, 1377ҳ. (1999м.) 814 С.

[274]. Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷ.1.–Душанбе: Дониш, 2011.–582с.

[275]. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. -Ҷ. 1, нашри дувум. // [Матн] Муҳаррирони масъул К. Олимов, А. Шамолов. Душанбе: Дониш, 2014. С. 215.

[276]. Титус Бакхардт. Введение в доктрину суфизма. / Пер. англисӣ Локмон Н. П. Таганрог: Ирби, 2009. – 144 с.

[277]. Тихонов А.Н., А.Б. Васильева, А.Г. Свешников. Курс высшей математики и математической физики. Дифференциальные уравнения. — Физматлит, 2005.

[278]. Тоиров У. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.Ҷ.1. Душанбе,1988. – С.571

[279]. Традиции и процессы демократизации в Таджикистане. Том 3. Материалы научно – практического семинара. – Душанбе, 2013. – 268 с.

[280]. Трамингэм Дж. С.Суфийские ордены в исламе. Пер. с англ. А. А. Ставиской, под редакцией и с предисл.О. Ф. Акимушкина. М.: Наука. Главная редакция восточной литературы, 1989.— 328 с.

[281]. Триттон С. Мусульманское образование в средние века. – Лондон: Лузак, 1957. – Р. 87.

[282]. Трубецкой Е. Н. Умозрение в красках. (Вопрос о смысле жизни в древнерусской живописи). М.: Интерпринт, 1990. 44 с. – вых. д. ориг.: М.: Тип. Т-ва И.Д. Сытина, 1916.

[283]. Турсунов Н. О. Таърихи тоҷикон. Хуҷанд: Нашриёти давлатӣ, 2001. — 788 С.

[284]. Улуғзода С. Пири хакимони машриқзамин. – Душанбе: Маориф. – 1980, 195саҳ.

[285]. Ульрих Рудольф. Ал-Матуриди и суннитская теология в Самарканде [Перевод с немецкого Людмилы Трутановой; под ред. Олега Лукина]. – Алматы: Фонд «ХХІ век», 1999.

[286]. Умар Фаррух. Ал-Форобиён. Қоҳира, 1952, саҳ.50

[287]. Умари Хайём. Рубоиёт. Душанбе, Маориф ва фарҳанг. – 2010.– С.235

[288]. Умаров И. Айнулкузот и идеология суфизма XI-XII веков: Автореф. канд. дисс. – Т., 1979. – С. 25

[289]. Умаров И. Философские и этические взгляды Айнулкузота, Душанбе: Ирфон, 1984.– 61 с.

[290]. Умарзода Иброҳим. Айнулқузот. Аҳвол, осор, афкор.– Душанбе: Инфон, 1990.– 112

[291]. Умедов М.Х. Сабк ва хикмати ирфонии «Мусибатнома» -и Фаридуддини Аттор. (Стиль и мистическая философия «Мусибатнаме» Фаридуддина Аттара) /М.Х.Умедов. – Душанбе, 2015. – 192 с.

[292]. Fakhri Majid. A history of islamic philosophy. [Text] / Majid. Fakhri. -New York – London, 1970.–421p.

[293]. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷ.1. Москва: «Советская энциклопедия». -1969. С.952.

[294]. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷ.2. Москва: «Советская энциклопедия». -1969. С.950

[295]. Философия: Энциклопедический словарь / Под ред. А.А. Ивина. — М.: Гардарики, 2004. — 1072 с. ISBN 5-8297-0050-6 (в пер.)

[296]. Философская энциклопедия. – Том 2. - М.: Советская энциклопедия, 1962. – С. 191.

[297]. Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. – С. 664

[298]. Фильштинский И.М. История арабской лиетратуры. Москва, главная редакция восточной литературы. –1985, стр. 521

[299]. Фильштинский И.М. Шидфар Б.Я. Очерк арабо-мусульманской культуры Москва главная редакция восточной литературы.1971. - стр.259

[300]. Фильштинский П. Концепция единства религиозного опыта у арабских суфиев // В кн.: Суфизм в контексте мусульманской культуры. – М.: Наука. –1989. С.24

[301]. Фролов И. Введение в философию: Учеб. пособие для вузов / Авт. колл.: Фролов И. Т. и др. - 3-е изд., перераб. и доп. - М.: Республика, 2003. - 623 с.

[302]. Фролова Е. А. Новая философская энциклопедия. В четырех томах. / Ин-т философии РАН. Научно-ред. совет: В.С. Степин, А.А. Гусейнов, Г.Ю. Семигин. М., Мысль, 2010, т. II, Е – М, с. 261.

[303]. Фролова Е.А. История восточной философии: Учебное пособие. – М.,1998.–122 с.

[304]. Фролова Е.А. Средневековая арабская философия: проблемы и решения. – М.: Изд-во восточной литературы РАН, 1998. – 527 с.

[305]. Ҳазратӣ М., Саидиён И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он. – Душанбе: «Ориёно». – 1992. - 104

[306]. Ҳалабӣ А. Таърихи тасаввуф ва ирфон. (форсӣ) Ҷ.1. (бахши аввал ва дуввум). Мабонии ирфон ва истилоҳоти орифон. Теҳрон: Завор, 1392. – 536 С.

[307]. Ҳалабӣ А. Таърихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони исломӣ. (форсӣ) Теҳрон. Асотир, 1373. – С.631.

[308]. Ҳамиди Ҳ. Уламои тасаввуф. Тошканд: Шарқ, 2009.–208 с. (ба заб. ӯзб.)

[309]. Ҳасан Муаллимӣ. Маърифатшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик. (форсӣ) “Теҳрон: Интишороти Пажӯҳишгоҳи фарҳангӣ ва андешаи исломӣ, 1387 ҳ. Нашри аввал, – 168 С.

[310]. Ҳомидӣ Ҳ. Алломаҳои тасаввуф. – Тошканд: Шарқ, 2004. С. 208.

[311]. Хайдеггер М. Бытие и время. Пер. с нем. В.В. Бибихина. — Харьков: Фолио, 2003. – 503 с.

[312]. Хайруллаев М. Культурное наследие и история философской мысли. – Т.: Узбекистан, 1985. – С. 164-165.

[313]. Хаксли О. Вечная философия / Пер. с англ. О.О. Чистяков. М.: Рефл-бук, К.: Ваклер, 1997. 336 с. (Серия «Созвездия мудрости»).

[314]. Хисматулин А. А.. Суфизм. СПб.: Азбука-классика: Петербургское Востоковедение, 2003. -224 стр.–42 ст

[315]. Хофмайстер Х. Что значит мыслить философски. – СПб.: Изд-во С.–Петерб. Ун-та, 2006.–448 с.

[316]. Худойдодов Ф. Б. Сопоставительный анализ теории суждений Аристотеля и Ибн Сины. Душанбе. — 2010. – 136 стр.

[317]. Ҳазратӣ М., Саидиён И. Ислом: равия, мазҳаб ва фирқаҳои он. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 222 с.

[318]. Чанышев А. Н. Аристотель. — 2-е изд., доп.— М.: Мысль, 1987. — 221 с.— (Мыслители прошлого)

[319]. Чанышев А. Н. Курс лекций по древней философии. М., 1981.–374 с.

[320]. Чарыев Г.О. Авиценна – учёный и мылитель. (К 1000-летию со дня рождения Авиценны).– М.: Знание, 1980.– 148 с.

[321]. Чжун Сечжин. Общие религиозные аспекты мистицизма в суфийской традиции // Вопросы философии. – 2017. – № 2. – С. 186–194.с.

[322]. Шамолов А.А. Философия теологии Газали. - Душанбе., Пайванд, 2008.

[323]. Шангараев Р.Р. История суфизма. Учебное пособие / Шангараев Р.Р. – Казань: ИД «МеДДоК», 2020. – 244 с.

[324]. Шариф М.М. Таърихи фалсафа дар ислом. (форсӣ). Ҷилди аввал. Теҳрон, 1362 ҳ. Чопхонаи муҷтамет донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонӣ. С.826

[325]. Шишкин В. А. Археологические памятники Бухары. Ташкент, 1936.– 100 с.

[326]. Шодиев Рустам. Суфизм в духовной жизни народов Средней Азии (IX-XIII вв.): Дисс. на соис. Ученой степени докт. философ. наук. – Самарканд, 1993. – 350 с.

[327]. Эзидгашсб Асадуллоҳ. Асрор-ул-ишқ. [Тафсири сураи Юсуф ва тафсири оёти мусоҳибаи Хизру Мӯсо, мунтахабе аз маснавиёт ва ғазалиёт ва манзумаи рӯҳулирфон] (форсӣ) Теҳрон: Рӯдакӣ.Чопи чаҳорум [ба хати форсӣ] 1360 ҳиҷрӣ. с.169

[328]. Энсиклопедияи адаюиёт ва санъати тоҷик.Ҷ.1.Душанбе-1988

[329]. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.2. Мақолаи Ғ.Ашуров, М.Диноршоев. Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭСТ. -1980, с. 640

[330]. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.4. Душанбе,1983, саҳ.276-277

[331]. Энтелехия Э. Р. // Энциклопедический словарь Брокгауза и Ефрона : в 86 т. (82 т. и 4 доп.). — СПб., 1904. — Т. XLa. — С. 855.

III. Мақолаҳо ва маърузаҳо

[332]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 26 декабри соли 2018.

[333]. Амирхонов Ш.Т. Ахмад Газали и мессапатамская суфийская традиция. [текст] / Ш.Т. Амирхонов // Вестник Таджикского национального университета (серия гуманитарных наук) -Душанбе. – 2010. – №2 (58). – С. 135-139

[334]. Амирхонов Ш.Т. Ахмад Газали и хорасанский суфизм. // Материалы научно теоретической конференции профессорско преподавательского состава и студентов, посвященной «17-й годовщине независимости Республики Таджикистан», 1150-летию основоположника таджикско-персидской литературы Абуабдулло Рудаки и году таджикского языка-Душанбе, 2008.4.2. – С.103-104.

[335]. Амирхонов Ш.Т. Ахмад Газали и развитие мистического языка. // Язык и национальное самосознание. Материалы республиканской научно-теоретической конференции - Душанбе, 2008. - С. 142-146.

[336]. Амирхонов Ш.Т. Гносеология Ахмада Газали: взгляд на проблему. // Материалы международной конференции «Наука и современное образование: проблемы и перспективы», посвященной 60-летию ТГНУ (24-25 октября 2008г.). -Душанбе, 2008. - С.417-419.

[337]. Аскардаев Д. Фалсафаи «Асҳоби ҳаюло» [матн] / Д. Аскардаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016.– №3. – С.96-102

[338]. Асмус В. Абу Али Ибн Сина. «Новый мир», 1952, №6, стр.193 -194

[339]. Асророва Л. «Шарҳи таъарруф» манбаи муҳим бино бар таърихи тасаввуф // Маҷаллаи «Сабақҳои Имом ал-Бухорӣ». – Тошканд. 2006.– № 1. С. 33.

[340]. Аҳмадов, С. Саҳми Мӯсо Диноршоев дар таҳқиқи илоҳиёти Ибни Сино // С. Аҳмадов // Ахбор. – 2021. – №1 АМИТ

[341]. Бараш Дж. Э. Философский журнал. №1(6). // Зачем помнить историческое прошлое? (пер. с англ. З. А. Заритовской) Институт философии РАН. М., ЦОП, 2011. стр.167

[342]. Гараджа В.И. Толерантность и религиозная терпимость // Филос. науки. 2004. № 3. С. 18-32.

[343]. Георгиев В. А. Сингулярная редукция и проблема феномена небытия // Вестник КГТУ имени А. Н. Туполева. № 4, 2012, вып. 1.

[344]. Гуревич П.С., Хорьков М.Л. Вступительная статья: Мудрость и благочестие // Бубер М. Хасидские предания. Первые наставники Гуревич П.С., Авт. вступ. ст., пер. М.Л. Хорьков. М.: Республика, 1997. С. 5-24. (Б-ка этич. мысли).

[345]. Джонбобоев С. Учение Абубакра ар Рази в контексте философии иранских (таджикских) натуралистов. [текст] / С. Джонбобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016.– №3. – С. 52-61

[346]. Диноршоев М. Философская онтология Ибн Сины // Известия АН Таджикской ССР. Отдел, обществ, наук. № 2, 1979. - С. 19-33.

[347]. Загиддулина Д.Ф. Влияние средневековой арабской и персидской науки балягать на татарское литературоведение. Ученые записки Казанского Государственного Университета. Том 150, кн.8. Казань. –2008, – С.48-54. УДК 821.512.145

[348]. Зарринкӯб А. Ценность суфийского наследия. Пер. с перс. М. Махшулова. Иран-наме. №2, [26.–2013] с.319

[349]. Исмоилов, Масъудхон. Ҷойгоҳи Амир Шоҳмурод дар ҳаёти маънавии аморати Бухоро дар авохири асри XVIII // Ахбори илмию таҳлилии Донишгоҳи исломии Тошканди назди Девони Вазирони Ҷумҳу- рии Ӯзбекистон. Тошканд. С. 2008. - № 2. С. 52-53.

[350]. Ишрак: ежегодник исламской философии: 2012. №3 = Ishraq: Islamic Philosophy Yearbook: 2012. No. 3. – М.: Вост. Лит., 2012.– 654 с.

[351]. Карамхудоев Ш.Х. Проблема несовместимости свободной воли и религиозного шариата в учении Носира Хусрава

и Джалолуддина Руми[матн] / Ш.Х.Карамхудоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017.– №3/2. – С.152-155

[352]. Кнабе Г. С. Понятие энтелехии и история культуры // Вопросы философии. 1993. — № 5. — С. 64-74.

[353]. Кныш А.Д. Борьба идей в средневековом исламе: теология и философия // Ишрак: Ежегодник исламской философии. 2011. №2. С. 460-501.

[354]. Комили А.Ш. О некоторых физических взглядах Абу Али Ибн Сины (Авиценны). Ярославский педагогический вестник – 2013. – № 4 – Том III (Естественные науки)

[355]. Красиков В.И. Онтологии // Вопросы философии. 2013. – № 9. С. 43–51.

[356]. Кутырев В.А. Оправдание бытия [явление нигитологии и его критика] // Вопросы философии. – 2000. – № 5. – С. 15–32.

[357]. Кутырев В.А. Крик о небытии // Вопросы философии. – 2007. – № 2. – С. 66–79

[358]. Магомедов К.М., Саркарова Н.А. Онтологический дискурс в исламской теологии и религии // Исламоведение. 2017. Т. 8, № 3. С. 95–112

[359]. Мартынов С. Вопросы онтологии суфизма в западном исследовании // Общественные науки в Узбекистане. – Т.: 1987. – № 2. – С.16.

[360]. Маҳмадҷонова М.Т. Ғояи «камол» дар афкори иҷтимоӣ-ахлоқии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. [матн] / М.Т. Маҳмадҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016.– №3. – С.42-47

[361]. Маҳмадизода Н. Д., Шерназаров Д.Т. Ақлгароӣ ва таҳаммулпазирӣ дар фарҳанги тоисломии тоҷик [матн] / Н.Д. Маҳмадизода, Д. Т. Шерназаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №4. – С. 173-183

[362]. Махшулов М. Назаре ба масоили умдаи ахлоқӣ аз назари Абу Бакри Розӣ ва Саъдии Шерозӣ [матн] / М. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016.– №3. – С.61-65

[363]. Миронов В.В. Предметное самоопределение метафизики. Метафизика. Научный журнал. Российский университет дружбы народов. 2011, № 1 С. 7-31

[364]. Мухаммедходжаев А. Аль-Фараби и суфизм // Аль-Фараби и развитие науки и культуры стран Востока. Тезисы докладов. Алма-Ата, 1975.

[365]. Назар М. А. Тафсири адолати иҷтимоӣ аз назари намояндагони машшоияи Шарқ, Ахбор; №1, АМИТ

[366]. Намозов Б. Таълимоти Калободӣ ва ҳақиқати он // Сабаққҳои Имом ал-Бухорӣ, Тошканд, 2006. - № 2. С. 146-148.

[367]. Нуруллин Р. А. Метафизическая модель информационного основания реального бытия // Вестник КГТУ имени А. Н. Туполева. № 2, 2009;

[368]. Олимов К., Аскардаев К. Масъалаи ҳастишиносӣ ва маърифат дар таълимоти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ. [матн] / К. Олимов, К.Аскардаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016.– №3. – С.29-34

[369]. Олимов К. Ибн Сина и суфизм / Изд. АН Тадж. ССР №2 (96). - Душанбе, 1978. – С.59-66

[370]. Раззоқов А. Тасаввуф кулли ахлоқ аст... // Маҷаллаи «Нақшбандия». Бухоро, 2009. – № 2. С. 27-29.

[371]. Смирнов А.В. Классический ислам и современный Дагестан: как можно сегодня прочитывать исламское наследие // Проблемы российского самосознания: историческая память народа. Материалы 12-й Всероссийской конференции. Москва–Махачкала, апрель 2015 г. – М.–Махачкала: Дельта-Пресс, 2015. – С. 43–54

[372]. Сатторов А. Ҳ. Нигоҳе ба «Шарҳи «Таарруф» –и Мустамиллии Бухорой. Номаи Донишгоҳ № 3 [44]. Хуҷанд: 2015 саҳ.130-134

[373]. Содиқова Н. Н., Эбрахим Х. М. Абу Бакр ар-Розӣ оид ба масоили ҳастии инсон [матн] / Н. Н. Содиқова, Х. М. Эбрахим // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2016.– №3. – С.72-77

[374]. Солодухо Н.М. Отношение бытия и небытия как исходная философская проблема. Гуманитарные и социально-экономические проблемы // Вестник Казанского технологического университета им. А.Н. Туполева. – 1996. – № 3. – С. 55–59.

[375]. Умедов М.Х. Проблема единства бытия с точки зрения некоторых представителей суфизма. // Вестник Таджикского Национального Университета. – Душанбе, 2016. - № ¾ (205). – С. 90-95.

[376]. Умедов М.Х. Философия «любви» в творчестве Фаридаддина Аттара. //Вестник Таджикского Национального Университета. – Душанбе, 2016. – № 3/6 (211). – С. 110-116 (на тадж.).

[377]. Усмонов, Иброҳим. Назароти ақидавӣ дар тариқатҳои Мовароуннаҳр // Ахбори илмию таҳлилӣ: Ахбори илмию таҳлилии Донишгоҳи исломии Тошканди назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон. – Тошканд: Иттиҳоди нашриёт-матбааи «Донишгоҳи исломии Тошканд», 2017.–№ 3. С. 4-11.

[378]. Филатов В. В. Omnia ex nihilo. Фрагмент из книги «Сны воинов пустоты» // Независимая газета. № 58, 25.03. 2010

[379]. Холова А.А. Ҷараёнҳои террористӣ ва хатари онҳо ба ҷаҳони муосир. [матн] / А.А. Холова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №4. – С.158-167

[380]. Чанышев А. Н. Трактат о небытии // Вестник МГУ имени М. В. Ломоносова Сер». Философия». — 2000. — № 2. – С. 3–13.

IV. Диссертатсия ва авторефератҳо

[381]. Амирхонов Ш. Назари фалсафӣ ва ахлоқӣ дар тасаввуфи Аҳмад Ғазолӣ [Матн]: автореф. дис. ... номз. илмҳои фалсафа / Ш. Амирхонов. – Душанбе, 2011.

[382]. Ахмедов С. Философия калама в современном исламе. [Текст]: дис. ... докт. филос. наук / С. Ахмедов. – Душанбе, 2005.

[383]. Диванаева Б. А. Взаимодействие философии и науки в средневековой исламской философии IX-XII вв. [Текст]: дис. ... канд. филос. наук / Б. А. Диванаева. – Москва, 2000.

[384]. Диноршоева З. М. Мухаммад ал-Газзали и его отношение к философии. [Текст]: дис. ... канд. филос. наук / З. М. Диноршоева. –Душанбе, 2000.

[385]. Диноршоева З. М. Гражданская философия Аль-Фараби. [Текст]: дис. ... докт. филос. наук / З. М. Диноршоева. – Душанбе, 2006.

[386]. Дмитриева В. А. Категория ничто и ее методологическое значение. [Текст]: дис. ... канд. филос. наук / В. А. Дмитриева. — Саратов, 2013.

[387]. Зиёев, Хуршедджон Махшулович. Мировоззрение Бахоуддина Валада и его роль в формировании ордена «Мавлавия» [Текст]: дис. ... канд. филос. наук / Х. М. Зиёев. — Душанбе, 1991.

[388]. Зиёев Х. М. Суфийский орден Мавлавия и эволюция его теоретической и практической философии (XIII — начало XX вв.): [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Х. М. Зиёев. — Душанбе, 2006.

[389]. Зиёев И. Г. Религиозно-философские воззрения Мухаммада Икбала. [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / И. Г. Зиёев. — Душанбе: 2005.

[390]. Ибрагим Т. К. Философия калама (VIII-XV вв) [Текст]: дис. ... докт. филос. наук / Т. К. Ибрагим. — Москва, 1984. - 339 с.

[391]. Карамхудоев Ш.Х. Сопоставительный анализ религиозно-философских идей Носира Хусрава и Джалаледдина Руми. [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Ш. Х. Карамхудоев. —Душанбе, 2009.

[392]. Комилов Р.С. Учения об утопическом обществе в истории таджикско-персидской культуры: С древнейших времен до XVI века. [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Р. С. Комилов. —Душанбе. – 1999 г. С.50

[393]. Кулакова, Бэлла Эльбрусовна. Мусульманская духовная культура: символические коды повседневности. [Текст]: дис. ... канд. филос. наук / Б. Э. Кулакова. – Армавир, 2010.– 186 с.: ил. РГБ ОД, 61 10-9/449

[394]. Махмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстрамизма в Таджикистане. [Текст]: Автор. ... канд. филос. наук / Н. Д. Махмадиев. – Душанбе, 2012. – 23 с.

[395]. Мекерова М.Ч. Суфизм как мистико-аскетическое течение в мусульманской культуре. [Текст]: Автор. ... канд. филос. наук / М. Д. Мекерова. – Ставрополь, 2005.

[396]. Назариев Рамазон Зибуджинович. Социальная философия «Ихван ас-сафа» -и Насира Хусрава: сравнительный анализ. [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Р. З. Назариев. – Душанбе, 2011. – 50 с.

[397]. Нуруллин Р. А. Небытие как виртуальное основание бытия // [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Р. А. Нуруллин. - Самара, 2006.

[398]. Обидов Дилшод Солиджонович Ханафитская правовая школа и ее значение в суннитском направлении исламского права: мавераннахрское течение. [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук / Д. С. Обидов. – Душанбе, 2008. – 228 стр.

[399]. Саидов Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке. [Текст]: дис. ... докт. филос. наук / Н. С. Саидов. - Душанбе, 2009. – 306 с.

[400]. Саид Юсефи Сурани, Амир Хасан. Вопросы калама и суфизма в творчестве Ахмади Джами (философско-религиоведческий анализ) [Текст]: дис. ... канд. филос. наук / Саид Юсефи Сурани. – Душанбе, 2016. – 138 с.

[401]. Серикбаева, А.С. Кораническая традиция в казахской литературе. [Текст]: автореф. … дис. докт. филол. наук / А. С. Серикбаева. – Москва, 2001

[402]. Туманян, Т.Г. Религия и власть в социально-философской мысли ислама (эпоха средневековья) [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Т. Г. Туманян. – Санкт-Петербург, 2009. – 50 с.

[403]. Умаров Х. Айнулкузот и идеология суфизма XI-XII веков: [Текст]: автореф. … дис, канд. филос. наук / Х. Умаров. – Т., 1979. – С. 25.

[404]. Умедов М.Х. Идеи толерантности в учениях Фаридаддина Аттара и Джалаледдина Руми (философско-культурологический анализ). [Текст]: автореф. … дис. докт. филол. наук / М. Х. Умедов. – Душанбе, 2020. – 48 с.

[405]. Хисайнов У. Соотношение теологии и метафизики в философии Мухаммада Ал-Газали. [Текст]: автореф. … дис. канд. филос. наук / У. Хисайнов. – Душанбе, 2011. – 25 с.

[406]. Худойдодов Ф.Б. Сравнительный анализ силлогистики Аристотеля и Ибн Сины. [Текст]: автореф. … дис. докт. филос. наук / Ф. Б. Худойдодов. – Душанбе, 2017. – 39 с.

[407]. Шарофуддинов С. Вклад академика В. В. Бартольда в изучение истории и культуры таджикского народа IX-XV ВВ. [Текст]: дис. ... канд. истор. наук / С. Шарофуддинов. – Душанбе, 2013.

[408]. Элназаров Мирзохусайн Бадалиевич. Проблема жизни и смерти в монотеистических религиях (философско-религиоведческий анализ) [Текст]: автореф. … дис. канд. филос. наук / М. Б. Элназаров. – Душанбе, 2015. – 160 с.

[409]. Яцевич, Олег Борисович. Философский анализ особенностей духовной природы мистицизма [Текст]: автореф. … дис. канд. филос. наук / О. Б. Яцевич. – Кемерово, 2004. - 144 с.

V. Захираҳои электронӣ ва сомонаҳои интернетӣ

[410]. Гегел Г. Наука логики. Учение о бытии. Перевод Н.О. Дебольскаго. Петроград. Типография М.М. Стасюлевича. Вас. Остр., 5., 28. 1916. – С. 638 (royallib.ru.html)

[411]. Доброхотов А. Л. Огурцов А. П., Можейко М. А, Кемеров В. Е. Онтология / Гуманитарный портал: Концепты [Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2002-2022 (последняя редакция: 18.11.2022). URL: https://gtmarket.ru/concepts/6847

[412]. Керимов Г. М. Суфизм: мистическая ветвь в исламе. Ссылка: /search/ files/ rel_vna38/ rel_kerimov_sufizm.pdf

[413]. Кураев Андрей. Православие и эволюция // svitk.ru

[414]. Лейбниц Г.В. Новые опыты о человеческом разумении. Перевод с французского П. С. Юшкевича. III,3§15https:// nibiryukov .mgimo. u/nb_

[415]. Хайдеггер М. Что такое метафизика? https://cyberleninka.ru/ article/n/germenevtika-istorii-v-filosofii-m-haydeggera

[416]. Маслоу А. Г. Мотивация и личность. СПб.: Евразия, 1999. (Библиотека Фонда содей ствия развитию психической культуры (Киев). URL: http://

[417]. Олимов К. Суфизм в свете актуальных проблем современности. Научные сообщения. 2019. – С. 308-324. https://cyberleninka. ru/article/n/ cufizm-v-svete-aktualnyh-problem-sovremennosti

[418]. Симаворян А., Овян В. Религиозная толерантность в современном обществе. (URL: noravank.am/rus/issues/detail.php).

[419]. Торчинов Е.А. Религии мира: опыт запредельного. Психотехника и трансперсональные состояния. СПб.: Центр «Петербургское востоковедение», 1998. (Библиотека Фонда содействия развитию психической культуры (Киев). URL: http:// psylib.org.ua/books/ torch01/index.htm).

[420]. Ханыков Н В. Описание Бухарского ханства. Сиб., 1843; https://www.vostlit.info/Texts/rus4/Hanykov1/pred.htm.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

МУҲТАВОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МОНОГРАФИЯҲО ВА МАҚОЛАҲОИ ИЛМИИ ЧОПКАРДАИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ КОА-И НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ИНЪИКОС ЁФТААНД.

а) Монография, васоити таълимӣ

[1-М] Назаре ба масъалаҳои онтологӣ дар фалсафаи Абӯалӣ Ибни Сино. Монография / А.А. Каримов / Зери назари академик Олимов К. –Хуҷанд, 2021. – 166 с.

[2-М] Каримов А.А. Фарҳанги тафсирии истилоҳоти тасаввуф: Дастури таълимӣ / А.А.Каримов. – Хуҷанд: Нашриёти Парки технологии ДДҲБСТ, 2021. – 360 с.

б) РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОЕ, КИ ДАР МАҶАЛЛАҲОИ ТАҚРИЗШАВАНДАИ КОА-И НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЧОП ШУДААНД:

[3-М] Каримов, А.А. Мулоҳизае дар бораи тасаввуф ва роҳи ирфонӣ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №2.– С.116-125

[4-М] Каримов, А.А. Андешаҳо оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсӣ ва динию фалсафии тоҷикон дар асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021.– №3. – С.111-122

[5-М] Каримов, А.А. Баъзе паҳлӯҳои масъалаҳои ҳаракат, макон ва замон дар табииёти Ибни Сино [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №5. – С.116-125

[6-М] Каримов, А.А. Баъзе масъалаҳои ҳастишиносӣ дар тассаввуфи асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2021.– №4. – С.143-152

[7-М] Каримов, А.А. Назаре ба масъалаи категорияи «нестӣ» дар онтологияи асримиёнагӣ ва ҷаҳони муосир [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022.– №3. – С.117-128

[8-М] Каримов, А.А. Нуктае чанд оид ба масъалаи таносуби Худо, олам ва одам дар дини насронӣ ва ислом [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022.– №4. – С.63-73

[9-М] Каримов, А.А. Гуногунандешии бархе аз ҷараёнҳои фалсафию динии асримиёнагии Шарқ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022.– №11. – С.91-101

[10-М] Каримов, А.А. Баъзе нуктаҳои фалсафаи машшоияи тоҷику форс дар асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №2. – С.93-103

[11-М] Каримов, А.А. Ирфон ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. – №7. – С.112-124

[12-М] Каримов, А.А. Ирфон ва ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоии он [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2023.– №8. – С.79-90

[13-М] Каримов, А.А. Таҳлили муқоисавии баъзе масъалаҳои онтология дар китоби «Шарҳи таарруф» - Мустамлии Бухорӣ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2023.– №9. – С.121-132

[14-М] Каримов, А.А. Андешаҳо оид ба ҳастӣ ва тафаккур [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №10. – С.110-120

[15-М] Каримов, А.А. Философия калама - рациональная основа средневекового исламского мировоззрения [текст] /А.А. Каримов // Научный вестник. ФерГУ. Респ.Узбекистан. – 2023.– №6. – С.46-54

[16-М] Каримов, А.А. Чанд сухан оид ба ҳастӣ ва моҳият [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №11. – С.112-124

[17-М] Каримов, А.А. Баъзе паҳлуҳои ҳақиқати онтологӣ дар таълимоти Ибни Сино [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023.– №12. – С.92-102

[18-М] Каримов, А.А. Консепсияи рӯҳ дар фалсафа ва теологияи Шарқ: Ҳиссаи Ибни Сино дар шинохти табиати маънавӣ ва мустақилияти рӯҳ [матн] / А.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024.– №11. – С.167-175 (1 ҷ.ч.). – ISSN 2074-1847

Рӯйхати корҳое, ки дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ба табъ расидаанд:

[19-М] Каримов, А.А. Калам как предмет многовековой дискуссии [текст] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Найистони маърифат» (18-21.03). – Хуҷанд: Ношир, 2018. – С. 210-223

[20-М] Каримов, А.А. Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба ҳаракат [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи

маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Саноатикунонии босуръат - асоси ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ» (7-10 декабри соли 2021). – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С.136-141.

[21-М] Каримов, А.А. Оид ба тасаввуфи асримиёнагии тоҷик [матн] / А.А. Каримов // // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт: ҳолат ва дурнамо» (25-27 октябри соли 2021). – Хуҷанд: Дабир, 2021. – С.108-115.

[22-М] Каримов, А.А. Баъзе ҷанбаҳои фалсафии машшоияи Ибни Сино [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи илмию амалии байналмилалии «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ» (9-11 майи соли 2021). – Исфара, 2021. – С.173-177.

[23-М] Каримов, А.А.Оид ба рушди маънавиёти ҷомеаи тоҷикони асри Х [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмию методӣ аз рӯи маводи семинари ҷумҳуриявии илмию методии «Истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар татбиқи тадқиқоти байнифаннӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» (26-28 октябри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.52-63.

[24-М] Каримов, А.А.Оид ба моҳият ва ҳастӣ [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии «Ваҳдати миллӣ – омили муҳими рушди давлат ва ҷомеа» (25-27 сентябри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.472-473.

[25-М] Каримов, А.А. Оид ба аҳволи иҷтимоию сиёсии тоҷикони асри Х [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои

илмӣ аз рӯи маводи форуми II ҷумҳуриявии иқтисодии «Таъмини рушди устувор ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (12-15 декабри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.140-145.

[26-М] Каримов, А.А. Ҳастӣ дар таълимоти фалсафӣ [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалии «Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди давлатдории миллӣ» (12-14 ноябри соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. –С.104-108.

[27-М] Каримов, А.А.Оид ба ҷараёнҳои динию фалсафии тоҷикони асрҳои X-XII [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-методии «Муаммоҳои мубрами методикаи таълими фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ: назария ва амалия» (28-30 марти соли 2022). – Хуҷанд: Дабир, 2022. – С.105-109.

[28-М] Каримов, А.А. «Метафизика» -и Арасту [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Захираҳои обӣ дар ҷаҳони муосир: муаммо ва истифодаи самаранок» (23-25 майи соли 2023). – Хуҷанд: Дабир. – 2023. –С.186-188.

[29-М] Каримов, А.А. Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба замон [матн] / А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методии «Хусусиятҳои хоси таъмини сифати таҳсилоти олии касбӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ» (15-17 марти соли 2023). – Хуҷанд: Дабир, 2023. – С.306-310.

[30-М] Каримов, А.А. Нуқтаи назари Ибни Сино оид ба макон /А.А. Каримов // «маҷмуаи мақолаҳои илмӣ аз рӯи маводи конференсияи илмӣ-амалии профессорону омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавон бахшида ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии ДДҲБСТ «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ» (18-21 апрели соли 2023). – Хуҷанд: Дабир, 2023. – С.121-124.

Шарҳи истилоҳоти калидии онтологӣ

	Истилоҳ	Шарҳи мухтасар	Манбаъ ё равия
	Ҳастӣ (вуҷуд)	Мафҳуми аслии онтология, ки маънои мавҷудияти ҳар чизро дар бар мегирад.	Фалсафаи умумӣ
	Воҷибулвуҷуд	Мавҷуде, ки вуҷудаш ногузир аст ва иллати вуҷуди дигарон мебошад.	Ибни Сино
	Суҳуд	Мақоми шуури ирфонӣ ва таҷрибавии худошиносӣ.	Тасаввуф
	Ирфон	Маърифат ва дарки ботинӣ аз тариқи ҳол, кашф ва шуҳуд.	Фалсафаи тасаввуф
	Иллату маълул	Қонуни сабабият — ҳар чиз иллат дорад ва бе иллат мавҷуд намешавад.	Машшоия
	Метафизика	Бахши фалсафа, ки ҳастӣ ва принсипҳои ниҳоии воқеиятро меомӯзад.	Фалсафаи умумӣ
	Онтология	Таҳқиқи ҳастӣ ҳамчун чунин, бидуни робита ба шаклҳои мушаххаси он.	Фалсафаи умумӣ
	Ҳол	Вазъи ботинии муваққатии ирфонӣ, ки дар натиҷаи кашф ба вуҷуд меояд.	Тасаввуф
	Кашф	Ишрофи рӯҳонӣ ё дарки ногаҳонии ҳақиқат дар ҳолати ирфонӣ.	Тасаввуф
0	Зот	Воҷуд ва моҳияти аслии Худо, ки аз сифоти дигар ҷудо ва волост.	Фалсафаи исломӣ
	Шуҳуд	Дидани рӯҳонӣ ё таҷрибаи	Тасаввуф

1		мустақими ҳақиқат дар ирфон.	
2	Сифот	Хусусиятҳо ва сифатҳои Худо, ки дар ирфон ба зоти илоҳӣ иртибот доранд.	Каломи исломӣ
3	Моҳият	Он чи ки чизро он гуна месозад, ки ҳаст — ҷавҳари аслӣ.	Фалсафаи классикӣ
4	Ақл	Қобилияти дарк, мантиқ ва шинохти ҳақиқат аз роҳи рационалӣ.	Машшоия
5	Илмул-илоҳӣ	Бахши фалсафа, ки бо ҳақиқати Худо ва ҳастии мутлақ сарукор дорад.	Ибни Сино
6	Ваҳдати вуҷуд	Назари ирфонӣ, ки танҳо Худоро воқеан мавҷуд медонад, боқӣ ҳама зоҳироти Ӯянд.	Ибни Арабӣ, тасаввуф
7	Ваҳдати шуҳуд	Назарияе, ки воқеиятро на ҳамчун ҳастии ягона, балки ҳамчун таҷрибаи шуҳудӣ мебинад.	Имоми Раббонӣ, тасаввуф
8	Шатҳиёт	Баёнҳои ирфонии ғайриоддӣ ва рамзии орифон дар ҳолати ҳолу мастӣ.	Тасаввуф
9	Ҳадс	Дарки ногаҳонӣ ва ғайрироссй, ки дар ирфон муҳим аст.	Ибни Сино, тасаввуф
0	Шинохт	Раванд ва натиҷаи дарки ҳастӣ ва ҳақиқат.	Фалсафаи умумӣ
1	Роҳу мақом	Зинаҳои сулуки маънавии салики ирфонӣ.	Тасаввуф
2	Ҷавҳар	Асли зотии чизҳо, ки ҳамаи хусусиятҳоро мепазирад.	Машшоия
	Араз	Хусусиятҳои муваққатии чизҳо,	Машшоия

3		ки дар ҷавҳар зоҳир мешаванд.	
4	Қалб	Маркази идроки маънавӣ ва рӯҳонии инсон дар тасаввуф.	Тасаввуф
5	Таҷаллии зотӣ	Зоҳир шудани зоти илоҳӣ дар ҳастӣ бидуни тағйир дар зот.	Тасаввуфи илоҳӣ
6	Ақл	Қудрати таҳлил ва дарки ҳақиқат; дар фалсафаи исломӣ воситаи асосии маърифат шинохта мешавад, ки аз ҳис ва ахбор болотар аст.	Фалсафаи исломӣ
7	Ҳис	Манбаи аввалияи дониш, вале маҳдуд ва бидуни таҳлили ақлӣ нокифоя аст.	Гносеология
8	Ахбор	Нақл ва гузоришҳо; аҳамияти он дар дониш набавӣ ва мутобиқати он бо ақл муҳим аст.	Калом
9	Маърифати ҳадсӣ	Шакли бидуни таҷриба ва омӯзиш дарёфтани ҳақиқат, ки дар фалсафаи Ибни Сино ва тасаввуф ҷой дорад.	Ибни Сино, тасаввуф
0	Илоҳиёт	Фанни шинохти Худо, ки дар фалсафаи Ислом бо ақл ва ваҳй асоснок карда мешавад.	Фалсафаи исломӣ
1	Маърифати ирфонӣ	Шинохт тавассути таҷрибаи ботинӣ ва шуҳуд; дар тасаввуф усули асосии маърифат ба шумор меравад.	Тасаввуф
2	Ақли назарӣ	Қобилияти дарки куллиятҳо ва таҳлили ҳаводиси фалсафӣ.	Фалсафаи исломӣ
3	Ақли амалӣ	Қобилияти фарқ кардани хайру шарр ва қабули қарорҳои ахлоқӣ.	Фалсафаи ахлоқӣ
	Ақли ҳаюлоӣ	Марҳилаи ибтидоии ақл, ки	Ибни Сино

4		қобилияти қабул дорад, вале тачриба надорад.	
5	Ақли билфеъл	Зинаи баланди ақл, ки донишро комилан идрок мекунад.	Ибни Сино
6	Ақли мустафод	Шакли комили ақл, ки таҳлилу таҳқиқи маърифатро анҷом медиҳад.	Ибни Сино
7	Инсони комил	Намунаи олии инсонӣ дар тасаввуф, ки таҷаллии сифатҳои илоҳӣ аст ва ба воситаи маърифат ба ҳақиқат мепайвандад.	Тасаввуф
8	Фано	Фаношавии нафси инсон дар Худо, ки дар тасаввуф шинохти ҳақиқатро осон мекунад.	Тасаввуф
9	Тазкияи нафс	Поксозии ботини инсон барои расидан ба сатҳи маърифати ирфонӣ.	Тасаввуф
0	Онтология	Яке аз бахшҳои бунёдии фалсафа буда, ба омӯзиши умумиятҳо ва принсипҳои асосии ҳастӣ мепардозад. Он масъалаҳои вобаста ба моҳият, шакл, таркиб, низом ва низоъҳои дохилии ҳастиро таҳқиқ менамояд ва кӯшиш мекунад ҷавоб диҳад, ки «ҳастӣ чист?», «чӣ гуна ва дар кадом шакл вуҷуд дорад?» ва «муносибати инсон бо воқеият чӣ гуна аст?».	Фалсафаи классикӣ, Арасту
1	Шуҳуд	Мақоми маънавии дидани ботини ҳақиқат тавассути шуури ирфонӣ ва бе воситаи мантиқу тачриба. Шуҳуд ҳолати ирфонист, ки дар он ҳақиқат ба қалби ориф	Ирфон, тасаввуф

		рӯшан мегардад.	
1	Кашф	Ошкор шудани ҳақиқат дар қалби ориф бе воситаи ҳис ва ақл; як навъи маърифати илоҳӣ, ки натиҷаи тазкия ва таҷрибаи ботинӣ аст.	Тасаввуф, ирфон
2	Илҳом	Фурӯд омадани маънӣ ва дониш ба қалб бе тафаккури муқаррарӣ; манбаи ғайрирасмии маърифат дар ирфон.	Ирфон, фалсафаи исломӣ
3	Ҷазба	Кашиши маънавии қалби инсон ба сӯи Худо; ҳолати муҳими суфӣ, ки орифро ба ҳолати ғайриоддӣ мебарад.	Тасаввуф
4	Ҳол	Ҳолати муваққатии рӯҳӣ ва маънавӣ, ки дар қалби ориф дар натиҷаи таҷрибаи ирфонӣ пайдо мешавад.	Ирфон
5	Мақом	Марҳилаи собит ва устувори маънавӣ дар тариқи тасаввуф, ки натиҷаи саъю кӯшиш ва машқи рӯҳист.	Тасаввуф
6	Айният	Ягонагии ҳастӣ ва тафаккур; дар ирфон ҳолате, ки шиносанда ва шинохташаванда як мешаванд.	Фалсафа, ирфон
7	Тамассул	Зоҳир шудани ҳақиқат ё маънои илоҳӣ дар шакл ё сурати мушаххас; дар ирфон ва таълимоти рӯҳонӣ истифода мешавад.	Ирфон, метафизика